ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН

ПАЖӮҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ БА НОМИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМӢ

ISSN 2617-5320

ПАЁМИ ПАЖУҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ

Силсилаи илмҳои педагогӣ ва психологӣ

ВЕСТНИК ИНСТИТУТА РАЗВИТИЯ ОБРАЗОВАНИЯ

Серия педагогических и психологических наук

BULLETIN OF THE INSTITUTE OF DEVELOPMENT OF EDUCATION

Series of pedagogical and psychological sciences

Маҷаллаи илмиву методӣ соли 2012 таъсис ёфтааст
Научно-методический журнал основан в 2012 году
Scientific and methodical journal was founded in 2012

2022, №4 (40)

ПАЁМИ ПАЖУҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ

(Маҷаллаи илмиву методӣ)
Муассис: *Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистони Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Сармуҳаррир:
Наҷмиддинӣён Асадулло Мирзо — *номзади илмҳои физика - математика, дотсент директори Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомии АТТ*

Муовини сармуҳаррир:
Туронов Султонмурод Шарофович — *номзади илмҳои педагогӣ, муовини директори Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомии АТТ*

Котиби масъул:
Лутфуллоева Парвина Маҳмадуллоевна — *номзади илмҳои педагогӣ, муовини директори Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии АТТ*

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:

Саломиён М. Қ. 10.02.22	*доктори илми филология, профессор*
Каримова И. Х. 13.00.01	*доктори илмҳои педагогӣ, академики Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, профессор*
Лутфуллозода М. 13.00.02	*доктори илмҳои педагогӣ, академики Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, профессор*
Нуъмонов М. 13.00.02	*доктори илмҳои педагогӣ, узви обастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, профессор*
Маҷидова Б. 13.00.01	*доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
Неъматов С. 13.00.02	*доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
Амонов Н. 19.00.01	*номзади илмҳои психологӣ, дотсент*

ҲАЙАТИ МУШОВАРА:

Саидзода Р. Ҳ.	*вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон*
Раҳимӣ Ф. Қ.	*президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон*
Ҷӯразода Ҷ. Ҳ.	*муовини якуми вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон*
Саломиён М.Қ.	*президенти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон*
Хушвахтзода Қ. Х.	*ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Маҷалла ба Феҳристи нашрияҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.03.2019 ворид шудааст.

Маҷалла ба манбаи маълумоти Индекси иқтибосҳои илмии Россия ворид карда шудааст.

Маҷалла мақолаҳои илмиро аз рӯи самтҳои 13.00.00 - илмҳои педагогика ва 19.00.00 - психология ба чоп қабул менамояд.

Маҷалла бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешавад.

Матни комили маҷалла дар сомонаи www.prmatt.tj, http://payom-prmatt.tj //index.php/ 2018-02-27-07-45-25/2017-02-15-09-54-42 ҷой дода шудааст.

Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон номнавис шудааст, Шаҳодатномаи № 027/МҶ-97, аз 13 ноябри соли 2017.

Суроғаи идора: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Садриддин Айнӣ, 126, тел: 2258405, 2258404, e-mail: shohin_7875@mail.ru.

ISSN 2617-5320

Индекси обуна: 77772
© ПРМ ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ, 2021

ВЕСТНИК ИНСТИТУТА РАЗВИТИЯ ОБРАЗОВАНИЯ
(Научно-методический журнал)
Учредитель: *Институт развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана Министерства образования и науки Республики Таджикистан*

Главный редактор:
Наджмиддинӣён Асадулло Мирзо — *Кандидат физико – математических наук, доцент директор Института развития образования имени А. Джами АОТ*

Зам. главного редактора:
Туронов Султонмурод Шарофович — *кандидат педагогических наук, зам. директора Института развития образования имени А. Джами АОТ*

Отвественный секретарь:
Лутфуллоева Парвина Махмадуллоевна — *кандидат педагогических наук, зам. директора Института развития образования имени А. Джами АОТ*

ЧЛЕНЫ РЕДАКЦИОННОЙ КОЛЛЕГИИ:

Саломиён М. К. 10.02.22	*доктор филологических наук, профессор*
Каримова И. Х. 13.00.01	*доктор педагогических наук, академик Академии образования Таджикистана, профессор*
Лутфуллозода М. 13.00.02	*доктор педагогических наук, академик Академии образования Таджикистана, профессор*
Нуъмонов М. 13.00.02	*доктор педагогических наук, член-корр. Академии образования Таджикистана, профессор*
Маджидова Б. 13.00.01	*доктор педагогических наук, профессор*
Неъматов С. 13.00.02	*доктор педагогических наук, профессор*
Амонов Н. 19.00.01	*кандидат психологических наук, доцент*

РЕДАКЦИОННЫЙ СОВЕТ:

Саидзода Р. Х.	*министр образования и науки Республики Таджикистан*
Раҳими Ф. К.	*президент Национальной Академии наук Таджикистана*
Джуразода Дж. Х.	*первый зам. министра образования и науки Республики Таджикистан*
Саломиён М.К.	*президент Академии образования Таджикистана*
Хушвахтзода К. Х	*ректор Таджикского национального Университета*

Журнал входит в Перечень рецензируемых научных журналов ВАК при Президенте Республики Таджикистан от 28.03.2019.

Журнал включён в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ).

Журнал принимает научные статьи по следующим отраслям науки: 13.00.00 – педагогические науки и 19.00.00 - психологические науки.

Журнал издается на таджикском, русском и английском языках.

Полнотекстовая версия журнала размещена на сайте www.prmatt.tj, http://payom-prmatt.tj //index.php/2018-02-27-07-45-25/2017-02-15-09-54-42.

Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан, Свидетельство № 027/МЧ-97, от 13 ноября 2017 года.

Адрес редакции: 734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Садриддина Айни, 126; Тел: 2258405, 2258404, E-mail: shohin_7875@mail.ru.

ISSN 2617-5320

Индекс подписки: 77772
©ИРО имени Абдурахмана Джами, 2021

BULLETIN OF THE INSTITUTE OF DEVELOPMENT OF EDUCATION
(Scientific and methodical journal)
Founder: *Institute for educational development named after Abdurrahman Jami of the Academy of Education of Tajikistan Ministry of Education and Science of the Republic of Tajikistan*

Chief editor:
Najmiddiniyon Asadullo Mirzo — *Candidate of Phisico – Mathematic Sciences, associate professor director of the Institute of Development of Education named after A. Jomi AET*

Deputy editor:
Turonov Sultonmurod Sharofovich — *Candidate of Pedagogical Sciences, Deputy Director of the Institute of Development of Education named after A. Jomi AET*

Responsible Secretary:
Lutfulloeva Parvina Mahmadulloevna — *Candidate of Pedagogical Sciences, Deputy Director of the Institute of Development of Education named after A. Jomi AET*

MEMBERS OF THE EDITORIAL BOARD:

Salomiyon M.K. 10.02.22	*doctor of philological sciences, Professor*
Karimova I.Kh. 13.00.01	*doctor of pedagogical Sciences, academician of the Academy of education of Tajikistan, professor*
Lutfullozoda M. 13.00.02	*doctor of pedagogical Sciences, academician of the Academy of education of Tajikistan, professor*
Numonov M. 13.00.02	*doctor of pedagogical Sciences, corresponding member of the Academy of education of Tajikistan, professor*
Majidova B. 13.00.01	*doctor of pedagogical Sciences, professor*
Nematov S. 13.00.02	*doctor of pedagogical Sciences, professor*
Amonov N. 19.00.01	*candidate of psychological Sciences, Docent*
EDITORIAL COUNCIL:	
Saidzoda R. H.	*Minister of Education and Science of the Republic of Tajikistan*
Rahimi F. K.	*President of the National Academy of Sciences of Tajikistan*
Jurazoda J.H.	*first deputy Minister of Education and Science of the Republic of Tajikistan*
Salomyon M.Q.	*President of the Academy of Education of Tajikistan*
Khushvakhtzoda K. Kh.	*Rector of the Tajik National University*

The journal is included in the List of reviewed scientific journals of the higher attestation Commission under the President of the Republic of Tajikistan from 28.03.2019.

The journal is included in the database Of the Russian science citation index.

The journal accepts scientific articles on the following branches of science: 13.00.00 – pedagogical sciences and 19.00.00 – psychological sciences

The journal is published in Tajik, Russian and English.

The full-text version of the journal is available on the website www.prmatt.tj, http://payom-prmatt.tj //index.php/2018-02-27-07-45-25/2017-02-15-09-54-42.

The journal is registered in the Ministry of culture of the Republic of Tajikistan, certificate No.027/МЧ-97, dated November 13, 2017.

Editorial address: 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Sadriddin 126 Aini Avenue; Tel: 2258405, 2258404, E-mail: shohin_7875@mail.ru.

ISSN 2617-5320

Subscription index: 77772
© IDE named Abdurahmon Jomi, 2021

ПЕДАГОГИКА ВА ПСИХОЛОГИЯ
ПЕДАГОГИКА И ПСИХОЛОГИЯ
PEDAGOGY AND PSYCHOLOGY

САИДИБРОИМОВ Ш.

НАҚШИ ХИРАД ДАР РУШДИ ТАЪЛИМУ ТАРБИЯ АЗ НИГОҲИ АБУЛҚОСИМ ФИРДАВСӢ

Ақл ва хирад мавзуи нав нест ва асрҳо боз олимону донишмандони соҳаҳои мухталиф ин мавзуъро мавриди тадқиқ қарор дода, олимони муосир низ роҷеъ ба ин мавзуъ ковишҳову пажуҳишҳо намуда истодаанд. Паҳлуҳои зиёди мавзуи зикргардида аз тарафи олимони ватаниву бурунмарзӣ омӯхта шуда бошанд ҳам, то кунун он ва бахусус, нақши хирад дар рушди сирати миллӣ аз нигоҳи А. Фирдавсӣ ба тадқиқ ниёз дорад. Фирдавсӣ бо «Шоҳнома»-и безаволи худ машҳури олам гардид ва имрӯз ин шоҳасарро олимони дунё истифода мебаранд. “Шоҳнома” аз 9 ҷилд иборат буда, дар ҷилди аввал баъд аз «Оғози китоб» «Гуфтор андар ситоиши хирад» омадааст. Дар гуфтору достонҳои баъдӣ дар ҳамаи ҷилдҳо абёти зиёд ба ақлу хирад бахшида шудаанд. Шоир ва достонсарои машҳур Абулқосим Фирдавсӣ чун мутафаккир Закариёи Розӣ барои хирад мақому мартабаи махсусро хос дониста, дар мавқеи хирадгароӣ истодааст. Масалан, З. Розӣ дар фасли аввали «Тибби рӯҳонӣ» қайд намудааст: «…Хирад бузургтарин мавоҳиби Худо ба мост ва ҳеҷ чиз нест, ки дар судрасонӣ ва баҳрабахшӣ бар он сар ояд. Бо хирад бар чорпоёни ногӯё бартарӣ ёфтаем, чандон ки ба онон чирагӣ меварзем ва ононро ба коми худ мегардонем ва бо шеваҳое, ки ҳам барои мо ва ҳам барои онҳо судбахш аст, бар онон ғалаба ва ҳукумат мекунем» [9-33, 34].

Назари олимону мутафаккирон ба ақлу хирад баъзан мутафовут бошад ҳам, аммо тамоми мутафаккирон, олимону донишмандон ақлро дар мартабаи баланд қарор додаанд. Агар ба осори фалсафии Носири Хусрав таваҷҷуҳ намоем, ин мутафаккир ақлро беҳтарин туҳфаи Парвардигор барои инсон дониста, қайд менамояд, ки инсон тавассути ақл аз ҳайвон фарқ карда, зиндагии худро беҳбуд мебахшад: «Ақл гавҳар аст ва иллати нафс аст: яъне бартарии нафс ва шарафи он бар дигар махлуқот он аст, ки ақлпазир аст, зеро ақл бар ҳама чиз бартарӣ дорад ва иллати ҳамаи иллатҳост ва бартар аз ӯ иллате нест, зеро ӯ ба амри худ кун фи кун, яъне ба василаи як калима ақлро падид овард. Чун ақл нахуст, яъне аввал аст, охир низ аст, зеро чизе ки аввал аст, охир низ аст» [4-107].

Абулқосим Фирлавсӣ низ ақлро ситоиш намуда, аз тамоми неъмати рӯйи олам, ки ба инсон насиб шудааст, болотару волотар медонад. Бояд қайд кард, ки таҳкурсии «Шоҳнома»-и безаволи шоир бар консепсияи фалсафии хирад ва ё ғояи донишварзӣ асос гузошта шуда, Фирдавсӣ ин асли маърифатиро дар офариниши олам басе муҳим маънидод мекунад:

Нахуст офариниш хирадро шинос,
Нигаҳбони ҷон асту они се пос:
Се поси ту: гӯш асту чашму забон,
К-аз ин се расад неку бад бегумон [2-32].

Ба қавли Фирдавсӣ хирад аз тамоми неъматҳое, ки Офаридгор ба одамон ато намудааст бузургтар буда, раҳнамову раҳкушои инсон аст ва дастгири одам на танҳо дар олами фонӣ, балки дар олами боқӣ низ аст:

Хирад беҳтар аз ҳарчӣ Эзад-т дод,
Ситоиш хирадро беҳ аз роҳи дод.
Хирад раҳнамою хирад дилкушой,
Хирад даст гирад ба ҳар ду сарой [1-26].

Хирад лоиқи сутудан буд, аст ва хоҳад монд ва нашояд, ки мақомашро ба пастӣ кашем ва ё ба ӯ анбоз гирем, зеро ҳеч чизе болотар аз ақл нест. Муҳим аст, ки бар вай такя занем, корҳои ҳаррӯзаи худро дар асоси он тадбир кунем ва шогирдони худро низ ба ин роҳ роҳнамоӣ кунем, то ки аз ақли хеш моҳирона истифода баранд. Ба қавли Фирдавсӣ касе, ки аз хирад дур аст, аз кардаҳои хеш билохира пушаймон мегардад, мақому манзалати худро дар миёни мардум аз даст дода, шаъну шарафи худро ба пастӣ мебарад:

Касе к-ӯ хирадро надорад зи пеш,
Дилаш гардад аз кардаи хеш реш.
Ҳушивор девона хонад варо,
Ҳамон хеш бегона хонад варо [1-27].

Пас шаъну шараф ва иззати инсон аз хиради ӯ вобаста аст ва ба қавли Фирдавсӣ хирад аз доноиву биноӣ низ болотар аст. Новобаста аз он, ки чашми бино тамоми ашёи рӯйи оламро мебинад ва аз он баҳра мебардорад, хирад аз он дар мақоми болотар қарор дорад. Ба ин маънӣ намояндаи адабиёти асри Х Абушакури Балхӣ низ мақоми хирадро аз ҳама чиз боло медонад:

Хирад беҳтар аз чашму биноӣ аст,
На биноӣ, афзун зи доноӣ аст.
Хирад бод ҳамвора солори ту,
Мабод аз ҷаҳон ҷуз хирад ёри ту [5 - 27].

Аз ин ақидаҳои А. Балхӣ бар меояд, ки хирад аз чашми бино беҳтар аст ва Фирдавсӣ бошад хирадро чашми ботин-чашми ҷон меномад. Ба мартабаи баланд расидану ҳаётро бо хушбахтӣ паси сар намуданро Фирдавсӣ куллан аз хирад вобаста медонад:

Хирад чашми ҷон аст, чун бингарӣ,
Ту бе чашм шодон ҷаҳон наспарӣ [1-27].

Фирдавсӣ менигорад, ки хирад боиси ободии мамлакат мегардад. Ба қавли ин донишманд лашкару афсар, зебу зиннат, мояи зиндагонӣ ва номи неки ҷовидонии шоҳҳон хирад аст:

Хирад афсари шаҳриёрон бувад,
Хирад зевари номдорон бувад.
Хирад зиндаи ҷовидонӣ шинос,
Хирад мояи зиндагонӣ шинос [1-27].

Ин ақида дар аксарияти достонҳои Шоҳнома садо медиҳад. Ба унвони мисол ба достони «Сиёвуш»-и «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ таваҷҷуҳ менамоем. Тибқи маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ ҳанӯз 4 ҳазор сол пеш мардуми эронинажод Сиёвушро ҳамчун худованди наботот эътироф карда, ӯро парастиш мекарданд. Маълумоти аввалин оид ба Сиёвуш дар Яштҳо оварда шуда, шоҳи каёнӣ буданаш таъкид мегардад. Сарчашмаҳои баъдии то замони Фирдавсӣ таълифшуда ба ахлоқу рафтор, хулқу хӯйи Сиёвуш иловаҳо намуда, симои ӯро боз ҳам дилкашу хотирнишин намуданд. Аммо Фирдавсӣ бошад, образи Сиёвушро боз ҳам такмил дода, ӯро ҳамчун шахси бохирад, хушахлоқ, росткору ростандеш, шоҳи одилу раъиятпарвар тасвир менамояд:

Куҳангашта ин достонҳо зи ман,
Ҳаме нав шавад бар сари анҷуман.
Агар дод бояд, ки монад ба ҷой,
Биёрою з-он пас ба доно намой [2-32].

Фирдавсӣ ба симои Сиёвуш диққати махсус дода, аз оғоз то анҷоми достон онро сайқал медиҳад. Аз мазмуни достон бар меояд, ки Сиёвуш аз як тифли кӯчаку дустрӯ ба марди хирадманд, оқилу доно, аз ҷиҳати ҷисмонӣ, руҳониву ақлонӣ камолёфта табдил ёфт. Дар ин дастовардҳо нақши хирад калидӣ мебошад. Ба унвони мисол лашкари анбӯҳи ҷангҷӯйи Афросиёбро дида аз ханҷаркашӣ даст кашидану роҳи маслиҳату машваратро пеш гирифтан хиради волои Сиёвушро таҷассум мекунад. Ин аст, ки дар образи Сиёвуш Фирдавсӣ умеду ормони худро инъикос намуда, ба ӯ ватандӯстӣ, ростиву росткорӣ, садоқату муҳаббат, каромату шафоат, ақлу заковат, қавииродагӣ, некиву некукорӣ барин хислатҳои волои инсониро арзонӣ медорад.

Ба ақидаи Фирдавсӣ, некиву некукорӣ яке аз хислатҳои ҳамидаи инсон ба шумор рафта, дар ҳаёти ӯ нақши бориз дорад. Донишманд ба аҳли башар тавсия медиҳад, ки некиву некукориро пешаи худ кунанд, ба ҳамдигар меҳрубону дилсӯз ва ғамхор бошанд ва то тавонанд ҷаҳонро ба дасти бадон насупоранд:

Биё, то ҷаҳонро ба бад наспарем,
Ба кӯшиш ҳама дасти некӣ барем [2-32].

Фирдавсӣ некиро муҳим шуморида, тавсия медиҳад, ки набояд касеро дар зиндагӣ озор дод, балки муносибати хуб доштан ба мардум нишонаи хислати хирадмандон аст ва забонро ба фармони хирад бояд супурд, то ки ҳамеша аз он сухани нек шунуфта шавад:

Хирадманд бошу беозор бош,
Ҳамеша забонро нигаҳдор бош [2-31].

Фирдавсӣ нақши хирадро дар омӯзиш муҳим ва аввалиндараҷа меҳисобад. Истифодаи бамавқеи хирад аст, ки одам ба омӯзиши илму дониш пардохта, доноиро касб мекунад ва таълиму тарбияи гирифтаашро ба ҳаёти хеш мутобиқ мекунад, яъне дар асоси он

амал мекунад. Пас ба қавли Фирдавсӣ муҳим аст, ки гуфтори доноёнро сармашқи ҳаёти хеш бояд қарор дод ва на танҳо худ аз он баҳра бардошт, балки ба дигарон расонидани таълимоти доноён мақсаднок аст. Яке аз маҳоратҳо ва ё салоҳияти одамон тавоноӣ аст ва ба ақидаи Фирдавсӣ тавоно он кас шудан метавонад, ки доно бошаду аз ақлу хирад моҳирона истифода барад.

Ба гуфтори донандагон роҳ, ҷӯй,
Ба гетӣ бипӯю ба ҳар кас бигӯй!
Тавоно бувад ҳар кӣ доно бувад,
Зи дониш дили пир барно бувад. [1-26].

Аз таҳлили чанд порчаи «Шоҳнома» исбот гардид, ки Фирдавсӣ ақлро аз тамоми чиз, ҳатто доноиву биноӣ беҳтару бузургтар мешуморад. Абулқосим Фирдавсӣ хирадро «беҳтар аз ҳарчи», «нахуст офариниш», «нигаҳбони ҷон», «они се пос: гӯшу чашму забон», «раҳнамову дилкушой», «дастгири ҳар ду сарой», «афзун зи доноӣ», «чашми ҷон», «афсари шаҳриёрон», «зевари номдорон», «зиндаи ҷовидон», «мояи зиндагонӣ» ва амсоли инҳо мешиносад. Ин нуктаҳои фавқулода муҳим дар таълиму тарбияи насли наврас ва ҷавон нақши калидӣ доранд. Масалан, «се пос: гӯшу чашму забон» дар таълим мақеи асосӣ доранд. Барои рушди салоҳиятҳои таълимгирандагон ташаккули маҳоратҳои гӯшкунӣ, биноӣ ва муошират муҳим аст, ки сарчашмаи рушдашон хирад аст. Пас устод ё омӯзгорро муҳим аст, ки бо истифода аз усули ангезиши зеҳн, тафаккури интиқодӣ, тадқиқот хонандагонро фаъол гардонад. Имрӯз одоби муошират коста шуда, яке аз сабабҳои асосӣ шояд мутолиа накардани китобҳои бадеӣ бошад. Аз ин рӯ, омӯзгор метавонад бо роҳи ҳавасмандкунӣ ё рӯҳбаландкунӣ хонандагонро ба хондани китоб ва бахусус, осори классикони тоҷик ҷалб намояд ва ин дар сайқал додани тарбияи ахлоқӣ ва салоҳиятҳои биноиву муошират нақши бориз дорад.

Тавре қайд кардем, Фирдавсӣ хирадро раҳнамову раҳкушо ва шахси дорандаи хирадро донову тавоно меномад. Истифодаи абёти тараннумкунандаи ин гуфтаҳо дар дарсҳои ҳаррӯза, соатҳои тарбиявию синфӣ, чорабиниҳои беруназсинфиву беруназмактабӣ аз аҳамият холӣ нест. Вақт довар аст, ки дар замони муосир раҳнамоиву раҳкушоӣ на ҳама вақт дар дасти доноёну хирадмандон аст, балки қуввахои алоҳида насли наврасу ҷовонро ба доми худ кашида, онҳоро бо фиреб гирифтори амалҳои номатлуб мегардонанд. Пас ташкил ва гузаронидани маҳфилҳои адабӣ дар мисоли Шоҳномахонӣ доиман дар байни наврасон муҳим аст ва дар ин маҳфилҳо мавзӯъҳо роҷеъ ба тарбияи насли наврас бо такя бар осори классикони тоҷик мавриди омӯзиш, таҳлилу баррасӣ ва мулоҳизаронӣ қарор дода мешаванд. Ҳамзамон омӯзгор метавонад дар асоси қобилияти хонандагон ба онҳо тадқиқотро дар мавзуъҳои ҳаётан муҳим ба монанди: «Нақши хирад дар ҳаёти ман», «Хирадмандиро аз хирадмандон биомӯз», «Хирад раҳнамову хирад раҳкушой», «Тавоноӣ аз доноӣ аст» супорида, шогирдон мавзуъҳои тадқиқотии худро дар рафти маҳфилҳо ва чорабиниҳои беруназсинфӣ муаррифӣ менамоянд ва нақшаи амалигардонии ин тадқиқотро дар ҳаёти ҳаррӯзаи хеш тарҳрезӣ мекунанд.

Фирдавсӣ хирадро «мояи зиндагонӣ» меномад ва ин низ бесабаб нест ва басе мақсаднок аст. Зиндагӣ пайроҳаест, ки нишебу фарози зиёд дорад ва ба қавли худи Фирдавсӣ раҳнамову раҳкушои зиндагӣ шахси бохираду доно, яъне омӯзгор аст. Ҳаёт саросар таҷриба аст ва вазифаи аввалиндараҷаи омӯзгор на танҳо додани дониш, балки раҳнамун сохтани шогирдон ба истифодаи дониш дар амал мебошад. Дар ин замина ташкили табодули таҷриба байни хонандагони синфҳои гуногуни муассисаи таълимӣ, шинос намудани онҳо ба таҷрибаи хонандагони дигар муассисаҳои ҳамрадиф, ошно сохтани шогирдон ба таҷрибаи бойи собиқадорони соҳаҳои мухталиф дорои аҳамияти махсус мебошад. Табодули таҷриба шавқу завқи хонандагонро ба касбҳои гуногун тақвият мебахшад, барои муайян намудани роҳи хеш дар зиндагӣ ба онҳо кӯмак мерасонад ва донишҳои нави назариявию амалиро дар онҳо ғанӣ мегардонад.

Дар фарҷоми мақола метавон қайд намуд, ки Фирдавсӣ инкишоф ва истифодаи хирадро роҳи асосии пешрафти зиндагӣ ва равнақ ёфтани таълиму тарбия, тараннуми ахлоқи неки инсонӣ меномад. Ба таълим ва омӯзиши «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ дар замони мутағаййир эҳтиёҷ беш аз пеш афзуда, нақши он дар тарбияи насли наврас бағоят калон аст.

АДАБИЁТ:

1. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома, иборат аз 9 ҷилд. Ҷ. 3. Ҳайати таҳририя: М. Осимӣ, К. Айнӣ, З. Аҳрорӣ, А. Маниёзов, М.Н. Османов, Х. Шарифов, М. Қаноат. – Душанбе, Адиб-1987. 478 с.
2. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома. Ҷ.1. - Душанбе, 1963
3. Асроров Ш. Симои Сиёвуш дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ. - Душанбе, 2005;
4. Афзалов Х., Б. Раҳимов. Таърихи педагогикаи халқи тоҷик. -Душанбе: Маърифат, 1994.-192 с.
5. Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ. – Сталинобод, Нашрдавтоҷ, 1958.- 407 с.
6. Берунӣ Абурайҳон. Таҳқиқ молил Ҳинд//Алиасғар Ҳалабӣ. Таърихи фалсафа дар Эрон ва ҷаҳони исломӣ. Теҳрон, 1373.
7. Закариёи Розӣ. Мунтахаби осор. Душанбе.-Адиб, 1989.
8. М. Рашод. Фалсафа аз оғози таърих. Душанбе: Ирфон, 2002.- 403 с.
9. Олимов К. Аскардаев К. Масъалаи ҳастишиносӣ ва маърифат дар таълимоти Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ. //Ахбори институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон.- Душанбе-2016 (нашри ҷашнӣ).
10. Саидиброимо Ш. О. Системаи дидактикии Носири Хусрав. Душанбе: Ирфон, 2014.- 173 с.
11. Суханони ҳикматомез. Мутарҷим Н. Сиярӣ, 2013. – 310 с.

НАҚШИ ХИРАД ДАР РУШДИ ТАЪЛИМУ ТАРБИЯ АЗ НИГОҲИ АБУЛҚОСИМ ФИРДАВСӢ

Фирдавсӣ симои намоён, намояндаи бузурги асри X мебошад, ки бо шоҳасари худ “Шоҳнома” машҳури тамоми олам гардидааст. “Шоҳнома” тараннумгари ғояҳои ватандӯстӣ, некиву некукорӣ, иттиҳоду иттифоқ, қаҳрамонӣ ва дигар хислатҳои наҷиби инсонӣ мебошад. Тараннуми ақлу хирад низ дар “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ нақши асосӣ дорад. Фирдавсӣ нақши хирадро дар пешрафти ҳаёти инсоният муҳим ва асосӣ шуморида, таъкид менамояд, ки пешрафти ҷомеаро бе истифодаи оқилонаи хирад тасаввур кардан аз имкон дур аст.

Имрӯз ахлоқи ҳамидаи инсонӣ коста гардида, насли наврас дар ҳаёти ҳаррӯзаи хеш ба хатогиву проблемаҳои ҷиддӣ рӯ ба рӯ мешавад. Афзоиш ёфтани қонунвайронкунӣ дар миёни наврасону ҷавонон, бо суръат авҷ гирифтани тероризму экстеримизм аз хирад истифода накардан, паст шудани арзишҳои ахлоқӣ, аз хондану тарбия дур мондани наврасону ҷавононро ифода мекунад. Аз ин рӯ, дар замони кунунӣ нисбат ба асрҳову солҳои гузашта талабот ба омӯзиши осори Фирдавсӣ ва дигар классикони тоҷик зиёдтару асостар гардидааст. Мо омӯзгоронро лозим аст, ки хонандагонро бо роҳҳои ҳавасмандкунӣ, пайдо намудани шавқу рағбат ба хондани “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ ҷалб намоем. Ин асар роҳнамо ва раҳкушои ҳар як фарди ҷомеа аст, ки дар он роҳҳои рушди хирад, таввасути хирад касб намудани арзишҳои ахлоқӣ, роҳҳои беҳтар аз худ намудани илму дониш, такмили маҳорати касбӣ ва амсоли инҳо пурра инъикос гардидааст.

Аз ин рӯ, муносиб донистем, ки роҳҳои инкишофи хирад ва нақши он дар ҳаёти инсониятро аз нигоҳи Абулқосим Фирдавсӣ дар ин мақола баррасӣ намоем. Дар мақола абёт аз “Шоҳнома” оварда шуда, ақидаҳо оид ба рушди хирад ва таълиму тарбияи насли наврас баён гардиданд.

Калидвожаҳо: *Фирдавсӣ, хирад, таълим, тарбия, донӣ, ахлоқи нек, рушди ҷомеа, салоҳиятнокӣ, ҳавасмандкунӣ, ростиву росткорӣ.*

ВЗГЛЯД АБУЛКАСИМА ФИРДОУСИ НА РОЛЬ ИНТЕЛЛЕКТА В СОВЕРШЕНСТВОВАНИИ УЧЕБНО-ВОСПИТАТЕЛЬНОГО ПРОЦЕССА

Фирдоуси один из выдающихся деятелей X века, прославившийся на весь мир своим шедевром «Шахнаме». Это уникальное произведение проповедует идеи патриотизма, доброты, мудрости, единства и единения, героизма и других человеческих качеств. Триумф человеческого ума и интеллекта является ключевой темой «Шахнамы». Поэт подчёркивая неоценимую роль интеллекта в развитии человеческого общества, выдвигает мысль о невозможности развития общества без продуманного использования этого потенциала.

Сегодня, когда происходит переоценивание многих человеческих качеств, молодое поколение сталкивается со множеством проблем и ошибок этического характера. Увеличение количества правонарушений, проявление терроризма и экстремизма среди молодого поколения, потеря интереса к чтению является примером обнищания уровня интеллекта подрастающего поколения.

Поэтому сегодня как никогда потребность в изучении наследия великого мастера и других классиков таджикской литературы является актуальной. Перед нами, учителями, стоит задача различными путями стимулировать учащихся к чтению «Шахнаме» и других шедевров классиков таджикской литературы.

В «Шахнаме» указаны пути развития интеллекта, посредством которого можно присвоить знания и науки, самосовершенствоваться и достичь многого.

Поэтому считаем уместным в данной статье привести примеры развития интеллекта на основе взглядов Абулкасима Фирдоуси, отражённые в его бессмертном «Шахнаме».

Ключевые слова: *Фирдоуси, интеллект, образование, воспитание, мудрость, мораль, ценности, развитие сообщества, компетентность, мотивация, честность.*

THE ROLE OF WISDOM IN THE DEVELOPMENT OF EDUCATION FROM THE POINT OF VIEW OF ABUL-QASIM FERDOWSI

Ferdowsi one of the prominent figures of the 10th century, who became famous all over the world with his masterpiece called “Shohnoma”. This masterpiece carries ideas of patriotism, kindness, unity, solidarity, heroism, and other noble human dignities and values. It also carries the idea of human intellect and wisdom that is counted as a prominent element of his work in Shahnameh where Ferdowsi tying it to the development of human life and a society itself that is possible only due to their rational use.

Nowadays, due to lack of the ethical value, like morality and unproper upbringing processes as well as a lack of the sound intellect, younger generation are violating laws and are engaged in terrorism and other extremistic activities. Today more than ever the demand for studying the works of Ferdowsi and other Tajik classics has become more and more important. And it is for us, teachers, motivate the students to study Shahnameh and other classic masterpieces for their own benefit.

The noble book of Shahnameh guides and reflects the ways of developing human intellect, cultivation of moral values, and proper acquisition of science and knowledge, including the improvement of the professional and personal skills of the human entity.

Therefore, in this article we consider it appropriate to convey the view of Abul-Qasim Firdausi on developing intellect and its role in the life of mankind in this article

Quotes are provided from the "Shohnoma" in support of views on development of human intellect in the process of teaching and educating younger generation for the readers.

Keywords: *Ferdowsi, intellect, education, upbringing, wisdom, morals, values, community development, competence, motivation, honesty.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Саидиброимов Шозодаиброхим — номзади илмхои педагогии кафедраи педагогика ва психологияи Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М.Назаршоев,

Сведения об автора: Саидиброимов Шозодаиброхим - кандидат педагогических наук, кафедры педагогики и психологии Хорогского государственного университета имени М. Назаршоева, Адрес: 736000, Республика Таджикистан, г. Хорог, ул. Ленина, 28Тел: (+992) 935-27-71-71, e-mail: shozoda07.71@mail.ru;

Information about the author: Saidibroimov Shozodaibrohim, candidate of pedagogical science Khorog State University named after M. Nazarshoev.

Address: 28 Lenin Street, Khorog, GBAO, Tajikistan, 736000 E-mail address: shozoda07.71@mail.ru Telephone number: (+992) 935-27-71-71

МАҶИДОВ Ҷ.

ГУСТАРИШИ ҒОЯҲОИ МИЛЛӢ ТАВАССУТИ ТАЪЛИМИ БОСАМАРИ ФАНИ ТАЪРИХИ ХАЛҚИ ТОҶИК

Ҳифзи истиқлолияти миллӣ ин ҳифзи асолат, ҳувият, забон расму оин, садоқат, вафодорӣ ба арзишҳои миллӣ ва риояи одобу ахлоқи миллӣ аст.

Эмомалӣ Раҳмон

Тарбияи ахлоқӣ, ҳуқуқӣ, ташаккули рӯҳияи ватандӯстӣ, эҳтиром ба арзишҳои миллию таърихӣ аз ҷумлаи вазифаҳои муҳими макотиби имрӯза мебошанд. Дар як вақт ташаккули шахсияти босалоҳият, ки тавонад дар рушди ҷомеа саҳм гузорад, яке азвазифаҳои муҳими фанни таърихи халқи тоҷик маҳсуб меёбад.

Дар Консепсияи китобҳои дарсӣ пешниҳод гардидааст, ки сифати таълими фанҳои ҷомеашиносӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар асоси технологияи муосири таълим бо назардошти ташаккули салоҳиятҳои хонандагон мутобиқи талаботи стандартҳои давлатии таълим, ба инобат гирифтани синну соли хонандагон ба роҳ монда шавад. Боиси тазаккур аст, ки ба роҳ мондани ҷараёни таълими ин фанҳо на танҳо дар асоси омода намудани барномаи таълимӣ, китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ, китобҳо барои муаллимон, маҷмӯаи харитаҳо замимаҳои электронӣ сурат гирад, балки ташкили фазои ягонаи илмӣ ва таълимӣ дар интернет низ ба назар гирифта шавад. Масалан, дар ҷараёни таълими фанни таърихи халқи тоҷик фазои ягонаи сиёсиву фарҳангӣ ва таърихии халқи тоҷик ташкил карда шавад.Вобаста ба гуфтаҳои боло ин як нуктаро низ бояд ба назар гирифт, ки сомонаҳои интернетӣ бо вуҷуди манбаи асосии

равшангарӣ, донишандӯзӣ, рушди фардиву иҷтимоӣ буданашон, онҳо воситаи харобкорӣ, ҷаҳолат, ифротгаройӣ, тафриқаандозиву тарғибкунандаи фарҳанги бегона шуда, ба наврасон таъсири манфӣ низ расонида метавонанд.Вақте ки насли наврас ҳувият ва худшиносиро аз даст медиҳад ва унсурҳои фарҳанги бегонаро қабул менамояд, он ҳама қаҳрамонҳои асотирӣ ва образҳои филмҳое, ки аз саҳифаҳои интернет пайваста тамошо мекунанд, ба зиндагии воқеии онҳо ворид гардида, дар шууру тафаккури онҳо нақш мебанданд. Дар зиндагии онҳо дар ҷомеа ҷойи фарҳангу одобу русуму арзишҳои миллиро фарҳанги сунъӣ бо ахлоқи сунъӣ мегирад. Аз ин рӯ, корбарӣ бо сомонаҳои интернетӣ хеле кори нозук буда, аз он вобаста аст, ки онҳо дар ихтиёри чӣ гуна шахсон қарор доранд ва он ашхос чӣ ҳадаф доранд.Имрӯз, ки расонаҳо ва сомонаҳои интернетӣ воситаи муҳимест ҳам барои интиқоли илму дониш ва ҳам масъалаҳои марбути сиёсату иҷтимоиёт, фарҳангу тамаддун, лиҳозан, ба омӯзгорон, махсусан омӯзгорони фанни таърихи миллат, лозим ва зарур аст, ки пайваста зимниаз расонаҳо иттилоъ гирифтани хонандагон усулу меъёрҳои ахлоқиро сармашқи кори худ намуда, посдошти расму анъанаҳои миллӣ, забони давлатӣ, эътиқод ба мазҳаби миллат, эҳтиром ба дину ойини худ, мероси гузоштаи ниёгони худ, ҳифзи марзу буми худро ҳамеша талқин намоянд ва муҳасилинро ҳамеша аз ҳар гуна гироиш ба кинаву адовати нажодӣ, диниву ақидавӣ, дастгирӣ ва пайравӣ намудани хушунат, ифрот ва террор дур созанд.Дар раванди таълим ҳамвора рӯ овардан ба гиромидошти арзишҳои миллӣ ва фарҳангӣбарои ташаккулу рушди маънавию ахлоқӣ ва фарҳангии насли наврас ва рушди тафаккури созанда, донишу ҷаҳонбинии пешрафтаи онҳо, миллатдӯстиву ватанпарастии онҳо замина мегузорад. Ин муносибат дар ташаккули иҷтимоию сиёсии насли наврас таъмини таълиму тарбияи самарабахш, баланд бардоштани сифати таълимро дар муассисаҳои таҳсилотӣ, ба хусус таълими дурусту босамари фанни таърихи халқи тоҷик, забону адабиёт ва фарҳанги миллиро тақозо менамояд. Умуман, «таълими босамари фанни таърих дар муассисаҳои таълимӣ муносибати ҳамаҷонибаи хонандаро ба раванди таърихӣ таъмин менамояд, дониши сохтории таърихиро ташаккул медиҳад, ба ҷалби хонандагон ба шароити таърихӣ мусоидат менамояд, ки дар якҷоягӣ хусусияти арзишманди муҳим дорад [11,123].

Ба андешаи мо низ ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ дар фазои дохилӣ, рушди арзишҳои демократӣ ва дигар тамоюлҳои иҷтимоию сиёсии замони мо тағйироти ҷиддиро дар муносибатҳо дар ташаккули насли нави шаҳрвандон, таъмини самаранокии таълиму тарбия, баланд бардоштани сифати таълимро дар муассисаҳои таълимӣ пешбинӣ менамояд.Зеро,сарчашмаи асосии ташаккули шуури таърихии насли наврас раванди таълиму тарбия мебошад. Омӯзгори фанни таърих хонандагонро дар сатҳе бояд тарбия намоянд, ки онҳо маълумоти зиёди таърихиро бархӯрдор бошанд, маводи таърихиро таҳлил карда, андешаи худро баён карда тавонанд.Тақозои муносибати босалоҳият нисбати омӯзиши фанни таърих низ дар ҳамин ифода меёбад.

Яке аз вазифаҳои муҳими дар назди муассисаҳои таҳсилоти умумӣ истода ин тарбияи ватандӯстии ҳар як хонанда мебошад. Ин ҷо бояд тазаккур дод, ки тарбияи ватандӯстӣ ин тарбияест, ки дар натиҷаи он шаҳрвандон Ватани худро худро дӯст дошта, баҳри дифои он, рушди иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии он софдилона заҳмат мекашанд. Яке аз омилҳои муфид барои тарбия намудани наврасону ҷавонон дар руҳияи ватандӯстӣ ва дуруст ба камол расонидан ин тибқи муносибати босалоҳият ба роҳ мондани омӯзиши фанни «Таърихи халқи тоҷик»аст. Таълими дурусту босамари фани мазкур симои Ватан, корномаи ҷангӣ вамеҳнатии мардум, дастовардҳои фарҳангиву сиёсии миллатро дар назари хонандагон ҳамеша мунаккис намуда, дар мафкураи онҳо абадан ҷойгир менамояд.

Аз мушоҳидаҳо бармеояд, ки аксари насли наврас ба таърихи кишвари худ кам таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд,натанҳо таърихи зодгоҳи худ, балки осориниёгон ва таърихи ҷашну марсимҳои миллӣ ва шахсиятҳои таърихии кишвари худро ба таври бояду шояд намедонанд, ки боиси нигаронист.Воқеан, таърихин хотираи инсон мебошад. Бинобар он, ҳар як фард бидуни омӯзиши таърихи кишвари худ аслу насаб ва маърифати буму

ҷомеаашро пойдору бегазанд нигоҳ дошта наметавонад, аз решаи хеш дур ё канда шуда, ба вартаи гумномӣ ё фаноӣ қадам мениҳад. Яъне, инсон таърихи гузаштаи худро фаро нагирад, табиист, ки аз зоти худ, роҳи тайкардаи мардумаш, дастовардҳои сиёсиву фарҳангӣ ва бурду бохти мардумонаш ноогоҳ монда, чун махлуқи одамсурат, вале бепарво, бемасъулият, бенишон умр ба сар мебарад.

Имрӯз, ки мардуми кишвар ба худшиносӣ ва барқарор кардани хотираи таърихиии хеш ниёз дорад, вазифаҳои фанни таърих низ бояд ба ин самт равона карда шаванд. Имрӯз ҳар як хонанда вазифадор аст, ки бо кӯмаки амалии омӯзгорон таърихи Ватанро аз нигоҳи нав омӯзад. Дар рафти омӯзиши таърихи халқи тоҷик омӯзгорон, пеш аз ҳама, бояд ба омилҳои зерин такя намоянд :

-барои ба даст овардани дониши мустаҳками таърих мусоидат намоянд;

-тасаввурот ва ҷаҳонбинии хонандагонро дар бораи марҳилаҳои асосии рушди давлати сермиллати Тоҷикистонташаккул диҳанд;

-таърихи халқи тоҷик ҳамчун як ҷузъи ҷудонашавандаи раванди таърихии ҷаҳон ифшо гардад;

-моҳияти ҷараёни таърихро хамчун таҳаммули ҷидду ҷаҳди бисёр наслҳо кушода диҳанд;

-барои аз худ кардани таҷрибаи муфиди таърихӣ замина гузоранд;

-равшану возеҳ донистани вазифаҳои имрӯза ва ояндаи Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистонро муайян намоянд.

Бояд ба эътибор гирифт, ки ҳадафи асосии таълими таърихи миллат ин дар хонандагон бедор намудани ҳисси худшиносии миллӣ, ватандӯстӣ, садоқат ба Ватану миллат, эҳтироми беандоза ба гузаштаи мутамаддину арзишҳои миллӣ мебошад. Ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон бояд тайёр бошад, ки дар кишварҳои дигар таъриху фарҳанги ғании халқи худро муаррифӣ намояд ва нишон дода тавонад, ки имрӯз ӯ номбардори сазовори ин миллати фарҳангофар аст. Мо бояд аз дирӯзи дурахшони худ ифтихор намоем ва бояд имрӯзи худро чунин бисозем, ки он боиси ифтихор бошад.

Ба андешаи мо, тарбияи ватандӯстӣ дар ҷараёни таълими таърихи халқи тоҷик бояд дар заминаи аз худ намудани унсурҳои миллии тарбия амалӣ гардад. Дар ин ҷодда бештар маҳсули эҷодии шоирон ва нависандагони тоҷику форс ҳамчун далели ташаккули шуури миллӣ ва тарбияи ватандӯстии шахсият хизмат мекунад.

Педагоги варзида, академик Лутфуллоев М. дар асари «Ифтихори Ватандорӣ» тамоми паҳлӯҳои тарбияи ватандӯстиро ба риштаи таҳқиқ кашида, вазифаҳои тарбияи ватандӯстиро муайян намудааст. Таъкид менамояд, ки зимни таълим тарбия дода шавад, ки ватандӯстӣ ин танҳо бо дӯст доштани Ватани соҳибистиқлол ва муҳаббат ба маҳалли хеш, минтақа, вилоят ва ноҳия анҷом намеёбад. Ватандӯстӣ омодагӣ, муҳаббат ба Тоҷикистони ягона ва тақсимнопазир, садоқат ба он, садоқат ба халқ ва кӯшишҳоро баҳри пурқувват гардонидани тавоноии кишвар ифода менамояд [4,43].

Мутахассисон бар он ақидаанд, ки дар кори тарбияи ватанпарастӣ дар муассисаҳои мактабӣ зимни машғулиятҳои таърих ва адабиёти тоҷик бештар аз маводи мустаҳкамкунанда, ба амсоли видеофилмҳои ба мавзуъҳои санъату фарҳанги миллӣ ва ҷаҳонӣ, мусиқӣ, меъморӣ, зебоипарастӣ бахшидашуда, бештар аз ташкили лексияҳо, суҳбат, нақл, маҳфилҳои адабию тематикӣ оид ба тарбияи ватандустӣ ва ҳувияти миллӣ, манфиатҳои миллии давлат, мубоҳисаҳо, нишасти саволу ҷавобҳо, намоиши ҳунарҳои мардумӣ, мизҳои мудаввар, конференсияву семинарҳо ва ғайра истифода бурдан хеле қобили қабул мебошанд. [4;9;11].

Маълум аст, ки қарни XXI дар миқёси ҷаҳон дар назди шаҳрвандони ҷумҳуриамон масъалаҳои ҷиддие мегузорад. Тамоили ҷаҳонишавии илму фарҳанг тарбия ва ташаккули наслҳои худогоҳу худшинос, ташаббускору ояндасоз ва ватандору миллатпарастро талаб мекунад. Барои ҳалли онҳо шаҳрвандон бояд таърихи худро хуб дониста, дорои маданияти баланди умумӣ-сиёсӣ, ахлоқи ҳамида, ватандӯсти ҳақиқӣ, интернатсионалисти меҳнатдӯст, боодобу хушахлоқ, муборизи тантанаи арзишҳои умумибашарӣ бошанд. Ин аст, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат,

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон таъкид менамоянд, ки: «Дар ин марҳилаи муҳим мақсаду вазифаҳои илму фарҳанг бештар ба масъалаҳои ташаккули маънавиёт, омӯзиши амиқи таъриху фарҳанги гузаштаву муосири халқи тоҷик, баланд бардоштани ифтихори миллӣ ва ҳисси ватандӯстиву ватандорӣ, инчунин дар тафаккури мардум ва махсусан, наврасону ҷавонон густариш додани эҳсоси эҳтиром ба муқаддасоти милливу рамзҳои давлатӣ равона мегардад»[8,27]. Дар ин росто, дар паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҳамчунон таъкид гардидааст, ки таърихи пурифтихори халқӣ тоҷик мактаби бузурги худшиносӣ мебошад ва мо вазифадорем, ки ба он арҷ гузорем, саҳифаҳои дурахшони қаҳрамониву диловарии гузаштагони худро омӯзем ва онро ҳамчун асоси ғояи ватандӯстиву садоқат ба Ватан ташвиқ намоем [8,ҳамон ҷо].Танҳо омӯзиши сабақандӯзонаи таърих, расидан ба қадри давлати миллӣ ва дигар арзишҳои волои халқамон кӯмак мекунанд то беадолатиҳое, ки нисбати халқу миллати мо шудаанд, такрор нагарданд.Он захмҳое, ки дар сароғози бунёди давлати шӯравӣ аз табартақсими ҳудуди таърихии тоҷикон бар қалби миллати мо нишастаанд ва ин табартақсим асосан бо саҳми тоҷикони аслу насабгумкарда ва бегонапараст сурат гирифтааст, ҳанӯз хуншоранд.

Имрӯз муҳимтарин вазифае, ки дар назди муассисаҳои таълимӣ меистад ва онро бояд анҷом диҳанд, ҳифзу таҳкими истиқлолият мебошад. Ин вазфаест, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз дар Иҷлосияи XVIуми Шӯрои Олии Тоҷикистон ба сифати ғояи миллӣ муайян намудааст.

Дар ҷаҳони пуртазод ва пур аз мухолифатҳои имрӯз, ки раванди умумиҷаҳоние ба номи ҷаҳонишавӣ кишварҳо ва миллатҳо, пеш аз ҳама ҷавононро бо чолишҳои равонӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангии фаровону физоянда рӯ ба рӯ намудааст, ҳифзу ҳиросат намудани хусусиятҳои миллӣ, ҳувияти таърихӣ ва вижагиҳои ахлоқии халқамон вазифаҳое ҳастанд, ки аз иҷрои онҳо бақову пойдории давлати Тоҷикистон ва истиқлолияту соҳибихтиёрии он вобаста аст. [10,322]. Ифтихор аз миллату дӯст доштани Ватан масъулияти баландро талаб мекунад. Аз ин рӯ, тавре бояд зиндагӣ кард, ки ояндагон аз дастоварди, ташаббусҳои созанда ва ватандории мо ифтихорнамоянд.

Ҳамин тариқ, муассисаи таҳсилотӣ ва омӯзгор, ба хусус омӯзгори фани таърихи халқи тоҷик дар тарбияи миллии насли навраси мо саҳми муҳим доранд. Омӯзгорон ҳамчун танзимгарони аслии низоми таълиму тарбия нерӯйи қавии омӯзишии кишвар мебошанд. Маҳз, бо саъйю талоши онҳо мақсадҳои таълим дар густариши ғояҳои миллӣ ва арзишҳои фарҳангии миллати тоҷик иҷро мегарданд.

АДАБИЁТ:

1.Давлатшоев И. Тарбияи маънавии мактабиён дар шароити кунунӣ. Душанбе: Мавлавӣ,2007.-252 с.

2.Консепсияи миллии тарбия.Душанбе- 2006.

3.Лутфуллозода М. Бобизода Ғ. Андешаҳо перомуни салоҳиятҳо ва ташаккули онҳо.-Душанбе, 2017.85 с.

4.Лутфуллоев М. Истиқлолияти Тоҷикистон ва маорифи навин, Душанбе, «Саҳбо», 2006.

5.Лутфуллоев М. Қуръон ва тарбия. Душанбе-2021. 198 с

6.Лутфуллоев М., Шарифов Ф. Маърифат –асоси рушди ҷамъият: раҳнамои омӯзгор.-Душанбе: Саҳбо, 2004.-64 с.

7.Методика обучения истории в средней школе/Под.ред.Н.Г.Дайри. М.,Просвещение, 1978., 172 с.

8.Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-Душанбе, Сифат.-2019, 47 с.

9.Туронов С. тарбияи экологӣ ва ватанпарварии хонандагон./ Илм ва инноватсия, №1.2013 (3)- 42-46.

10.Ҷавонон- пайравони Эмомалӣ Раҳмон. Душанбе»Эр-Граф» 2017.- 460 с.

11.Шевырев А.П. Историческое образование в поликультурном обществе // Вопросы образования. -2005. - № 2. - С. 164-172.

ГУСТАРИШИ ҒОЯҲОИ МИЛЛӢ ТАВАССУТИ ТАЪЛИМИ БОСАМАРИ ФАНИ ТАЪРИХИ ХАЛҚИ ТОҶИК

Дар мақолаи мазкур роҷеъ ба саҳми таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар густариши ғояҳои миллӣ, ба хусус худшиносиву худогоҳӣ, тарбияи ватандӯстиву миллатпарастӣ сухан меравад. Муаллиф ба вижа қайд менамояд, ки имрӯз дар шароити ҷаҳонишавӣ насли наврас дар симои мардуми тоҷик ба худшиносӣ ва бақарор кардани хотираи таърихии хеш ниёз дорад. Аз рӯ, муҳимтарин вазифае, ки дар назди муассисаҳои таълимӣ меистад, таълим ва тарбияи насли наврас дар руҳияи ватандӯстӣ, меҳанпарастӣ, гиромӣ доштани фарҳангу забони миллат, осори ниёгон, ҳифзу ҳиросат намудани хусусиятҳои миллӣ, ҳувияти таърихӣ ва вижагиҳои ахлоқии тоҷикон, расму анъанаҳои мардумӣ, таҳкимуистиқлолияти миллӣ мебошад. Муаллиф иброз медорад, ки таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар пояи ахлоқи миллӣ, арзишҳои миллӣ ва фарҳанги миллӣ бояд ҳамчун ҳадафи асосии таълиму тарбия дар муассисаҳои таҳсилотии кишвар пазируфта шавад.

Калидвожаҳо: *фанни таърихи халқи тоҷик, таълиму тарбия, ахлоқи миллӣ, тарбияи ватанпарастӣ, худшиносиву худогоҳии миллӣ, тарбияи фарҳангӣ, насли наврас муассисаҳои таълимӣ, гояҳои миллӣ.*

ЭФФЕКТИВНОЕ ПРЕПОДАВАНИЕ ИСТОРИИ ТАДЖИКСКОГО НАРОДА В РАСПРОСТРАНЕНИИ НАЦИОНАЛЬНЫХ ИДЕЙ

В данной статье говорится о вкладе преподавания предмета истории таджикского народа в развитие национальных идей, особенно самопознания и благочестия, воспитание патриотизма и национализма. Автор особо отмечает, что сегодня в условиях глобализации подрастающее поколение в лице таджикского народа нуждается в самосознании и восстановлении своей исторической памяти. По сути, важнейшей задачей образовательных учреждений является обучение и воспитание подрастающего поколения в духе патриотизма, уважения к культуре и языку нации, реликвиям предков, сохранению национальных особенностей, исторической самобытности и нравственности, народные обычаи и традиции, национальное укрепление и независимость. Автор констатирует, что преподавание предмета истории таджикского народа на основе национальной этики, национальных ценностей и национальной культуры должно быть принято в качестве основной цели образования в образовательных учреждениях страны.

Ключевые слова: *предмет истории таджикского народа, образование и воспитание, национальная этика, воспитание патриотизма, национальное самосознание и искусство, культурное воспитание, подрастающее поколение, учебные заведения, национальные идеи.*

EFFECTIVE TEACHING OF THE HISTORY OF THE TAJIK PEOPLE IN DISTRIBUTION OF NATIONAL IDEAS

This article talks about the contribution of teaching the subject of the history of the Tajik people to the development of national ideas, especially self-knowledge and piety, the education of patriotism and nationalism.The author emphasizes that today, in the context of globalization, the younger generation represented by the Tajik people needs self-awareness and the restoration of its historical memory.In fact, the most important task of educational institutions is to educate and educate the younger generation in the spirit of patriotism, respect for the culture and language of the nation, relics of ancestors, the preservation of national characteristics, historical identity and morality, folk customs and traditions, national strengthening and independence.The author states that teaching the subject of the history of the Tajik people on the basis of national ethics, national values and national culture should be accepted as the main goal of education in educational institutions of the country.

Key words:*the subject of the history of the Tajik people, education and upbringing, national ethics, patriotism education, national identity and art, cultural education, the younger generation, educational institutions, national ideas.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Маҷидов Ҷамшед унвонҷуйи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилотиТоҷикистон

Сведение об авторе: Маҷидов Ҷамшед соискатель Института развитии образования им.Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана

Information about the author:Majidov Hamshed Applicant of the Institute for the Development of Education named after Abdurakhman Jami of the Academy of Education of Tajikistan

УСМОНОВ М.

ХОНАНДАГОНИ ЗЕҲНАНАҚИБМОНДА ҲАМЧУН ПРОБЛЕМАИ ТИББӢ, ПСИХОЛОГӢ ВА ПЕДАГОГӢ

Таҷрибаи тиббии муосир ва фаъолияти педагогию психологӣ дар асоси сарчашмаҳои илмӣ ба инкишофи ҷисмонӣ, равонӣ ва ақлию зеҳнии кӯдакон такя менамояд. Инкишофи муътадили кӯдак дар солҳои аввали ҳаёт ба муоинаи тиббӣ ва ташхисҳои педагогию психологӣ зарурат дорад. Ҳар як кӯдак чун шахсияти нотакрор хусусиятҳои фардии худро дорад, ки дар натиҷаи фаъолияти системаи асаб метавонад зоҳир гардад.

Масъалаи осебҳои майнаи сар ва ихтилолҳои гуногун, ки дар рафтор, нутқ ва тафаккури кӯдак ба вуҷуд меоянд, проблемаи асосии илми муосир ба ҳисоб меравад. Дар ин самт нақши муасирро коркарди методу усуле мебозад, ки тавассути онҳо хусусияти осеб, амиқии таъсири он, давомнокии зуҳури дар рафтор, нутқ, хотир ва тафаккури инсон мушаххас мегардад, Набояд фаромӯш кард, ки ташхиси саривақтӣ имконият ба даст медиҳад, оқибатҳои нохуши осебҳои майнаи сар пешгирӣ ва ислоҳ карда шаванд. Дар солҳои охир корҳои зиёди тиббӣ-психологӣ ва озмоишӣ ба анҷом расидаанд. Дар баробари ин, омӯзиши назариявии натиҷаҳои тадқиқоту омӯзишҳои зиёд исбот мекунанд, ки проблемаи коркарди ахбор дар нимкурраҳои чап ва рости мағзи сар омӯзиши миибаъдаи байнисоҳавиро талаб менамояд.

Тавре аз сарчашмаҳои илмӣ бармеояд, мафҳум ва ё худ истилоҳи олигофрения - олиго - кам, френия - ақл, яъне камақлӣ шакли мураккаби инкишоф наёфтани фаъолияти психикии кӯдак ба ҳисоб меравад. Камақлӣ дар даврaҳои гуногуни инкишофи ҷанин дар батни модар ба вуҷуд омада, натиҷаи ба системаи асаб ва майнаи сар таъсир расонидани ҳар гуна сирояткунандаҳо, (захрҳо, зарбҳо) ва ё дар синни барвақтии ҳаёт аз сар гузаронидани ягон намуди бемориҳои сирояткунанда (менингит, энсефалит, менингоэнсефалит, зуком, зардпарвин, домана) мебошад. Ҳангоми таваллуд ва баъди он зарб хурдани системаи марказии асаб ва майнаи сар низ сабабгори ин беморӣ шуда метавонад. Бо назардошти нуқсонҳои ҷисмонию психикии хонандагон заминаҳои ба вуҷуд омадани онҳоро чунин муайян кардан мумкин аст:

- меросӣ - модарзодӣ - бемориҳои психикӣ аз насл ба насл дода мешаванд;
- нуқсони модарзодӣ - онро кӯдак ҳангоми инкишоф дар батни модар гирифтааст;
- нуқсони баъд ба вуҷудомада - кӯдак ҳангоми таваллуд ва баъди таваллуд ба он гирифтор мешавад.

Саволе ба миён меояд, ки бештар кадом кӯдакон ба бемории олигофрения гирифтор мешаванд? Тадқиқоти солҳои охир нишон медиҳад, ки 15 %-ро кӯдаконе ташкил медиҳанд, ки дар оила кӯдаки дуюм ҳастанд, 40 % нуқсон ба таври меросӣ аз насл ба насл гузаштааст, 90 % кӯдакони нуқсондор бемориро аз яке аз падар ё модар мерос гирифтаанд. Ҳамин тавр, муайян шудааст, ки 50% бемориҳои олигофренӣ хусусияти модарзодӣ- меросӣ дошта, 50 % дигар хусусияти пайдоиши доранд.

Одатан олигофренияро аз руйи 3 меъёри ташхис ҷудо мекунанд:

- меъёри клиникӣ - яъне бо сабабҳои гуногун (таъсири сироятҳо, захраҳо, зарбҳо) иллатнок шудани системаи марказии асаб ва майнаи сар;
- меъёри психологӣ - дар натиҷаи иллатнокии системаи марказии асаб ва майнаи сар фаъолияти маърифатӣ, донистагирии кӯдак инкишоф намеёбад ва ё суст инкишоф меёбад. Дар натиҷа кӯдак ашё ва ҳодисаю воқеаҳои одами атрофро дуруст эҳсосу дарк карда, дар хотир нигоҳ дошта наметавонад. Фаъолияти психикӣ, яъне диққаташро мақсаднок ва бошуурона ба ашёву ҳодисаҳо равона карда наметавонад. Нутқ ва тафаккураш суст инкишоф меёбад.

-меъёри педагогӣ- яъне ин тарбияи нодурусти кӯдак дар оила, кӯдакистон ва мактаб мебошад. Агар дар оила волидон ва аъзои калонсоли он ба тарбияи кӯдак диққати зарурӣ надиҳанд, пас дар ӯ сифатҳои манфӣ (асабониятҳои бемавриду доимӣ, якравӣ, эркагӣ ва ғайра) ба вуҷуд омада, дар муносибати кӯдак бо ҳамсолону калонсолон бо ашё ифода мешавад. Ба меъёри педагогӣ, инчунин рафторҳои ғайримуқаррарии кӯдак (худ ба худ гап задан, беҳуда хандидан, чашм паронидан, девонагӣ) дохил шуда, дар натиҷаи пешгирӣ накардан ин норасогиҳои психикӣ оҳиста - оҳиста ба ҳукми одат медарояд. Аз ин рӯ дар вуҷуди кӯдак хоҳиши ифодаи бештари амалҳою рафторҳои ноҷояи навро ба вуҷуд меорад. Ин рафторҳо минбаъд сабаби пастшавии қобиляти ақлию зеҳнии бача мегарданд.

Агар кӯдаки навзод бо нуқсонҳои муайяни ҷисмонӣ (ношунаво, нобино, нуқсони қолаби бадан, косахонаи сар, дасту пойҳо, фалаҷ, парез) таваллуд нашуда бошад, нишонаҳои аввалини иллати инкишофи зеҳнии кӯдакро модар дар баъзе рафторҳо мушоҳида карданаш мумкин аст. Масалан, баъзеи кӯдакони ноорому беқарор, бе сабаб доимо гиря мекунанд, дод мезананд ва хобашон ноорому кӯтоҳ аст. Қисми дигари онҳо баръакс, заифу ғайрифаъол, ҳаракатҳояшон сусту ноуҳдабароёна, мадори ширмакиро надоранд, ашёи ба чашмашон афтодаро дуруст дарк намекунанд, ба он ҳавас надоранд, бисёр хоб мераванд. Шахсони барояшон наздикро ба зуди намешиносанд, бо ин хонандагон тез-тез ҳодисаҳои баландшавии ҳарорат ва хуруҷи бемориҳо рух медиҳад.

Кӯдакони нуқсони психикидошта гарданашонро дергоҳ нигоҳ дошта наметавонанд, дер роҳ мегарданд, ҳаракатҳои дасту пойҳояшон ноустувор, беихтиёрона буда, нутқашон дер пайдо мешавад. Ба бозичаҳо ҳавас надоранд, тарзи бо бозичаҳо муносибат карданро намедонанд, чизҳои дидаву шунидаашонро дар хотир нигоҳ дошта наметавонанд, хусусияти ашёро дуруст муайяну ҷамъбаст ва аломатҳои муҳимми онҳоро фарқ карда наметавонанд. Қобилияти мушоҳидакориашон сусту бемақсад, диққаташон ноустувор ва ҳолатҳои эмотсионалиашон якрангу норавшан мебошад.

Бояд қайд кард, ки нуқсонҳои ҷисмониву психикии кӯдак гуногун ва мураккаб буда, аз вақти иллат гирифтани системаи марказии асаб ва майнаи сар, инчунин аз хусусияти азсаргузаронии беморӣ вобастагӣ дорад. Агар системаи марказии асабу майнаи сар дар давраи инкишофи дохилибатнӣ сироятнок шуда, ҳар гуна заҳрҳо (ҳавои ифлос, аз тарафи модар бемаврид истифода бурдани доруворӣ, тамокукашӣ, истеъмоли нӯшокиҳои спиртӣ, моддаҳои мадҳушкунанда) таъсири сахт расонида бошад ё майнаи сари кӯдак дар вақти таваллуд ва баъди таваллуд ҷароҳати вазнин гирад, сабаби ба дараҷаи вазнини ақлан қафомонӣ ва ноқисулақлӣ гирифторшавии кӯдак мегардад. Дар ин ҳолат, кӯдак бо нуқсонҳои ҷиддии ҷисмонӣ (ношунаво, нобино, фалаҷ, нуқсони қолаби (скелети) бадан, косахонаи калон ё хурди сар (гидросефалия, микросефалия) ва ғайра таваллуд мешавад. Ҳангоми таъсири сирояту заҳр ва зарбаҳои дар давраи дертари инкишофи дохилибатнӣ ва ё дар давраҳои дертари синни бачагӣ ба вуҷуд омада, системаи марказии асаб ва майнаи сар камтар иллат мегирад, ки дараҷаҳои ақлан қафомонии кӯдак аз ин вобастагӣ дорад.

Дар олигофрения бачагони ақланқафомонда се дараҷаи камақлӣ ҷудо карда шудааст:

- камақлии дебилӣ - дараҷаи нисбатан сабук буда, инкишофи психикаи онҳоро ба се зина - сабук, миёна ва вазнин ҷудо мекунанд;

- камақлии кундзеҳнӣ (имбетсилӣ) - дараҷаи миёнаи инкишоф буда, дар байни дебилӣ ва ноқисулақлӣ қарор дорад;

- камақлии ноқисулақлӣ (девонагӣ, идиотӣ) - дараҷаи нисбатан вазнини ақланқафомонӣ буда, бо нуқсонҳои зиёди ҷисмонӣ (нуқсон дар сохти косахонаи сар ва қолаби (скелет) бадан, ношунавоӣ, нобиноӣ, фалаҷ) ифода мешавад.

Дебилӣ - дараҷаи нисбатан сабуки ақланқафомонӣ буда, кӯдакони гирифтори ин беморӣ ба мактабҳои ёрирасон фаро гирифта мешаванд. Дар натиҷаи дуруст ташкил кардани ҷараёни таълим ва корҳои ислоҳӣ - тарбиявӣ онҳо метавонанд барномаи таълими мактабҳои ёрирасонро аз худ намоянд. Маҳорат ва малакаҳои меҳнатӣ - худхизматрасонӣ, меҳнати оилавӣ, маишӣ, хоҷагӣ, намудҳои оддитарини фаъолияти меҳнат ва касбҳои начандон душвор (пойафзолдӯзӣ, устои дуредгар, дӯзандагӣ ва ғайраро) аз худ намуда, дар меҳнати фоиданоки ҷамъиятӣ иштирок намоянд. Дар ин ҳолат низ онҳо ба мадад, роҳбарӣ ва назорати волидону калонсолони атроф эҳтиёҷ доранд.

Фаъолияти донистагирии ин гуруҳи кӯдакон ақланақибмонда нодуруст инкишоф меёбад: хотирашон хусусияти механикӣ дошта, ба мазмуни чизҳои аз худ кардаашон сарфаҳм намераванд, ашёю ҳодисаҳои дидаашонро дурудароз дар хотир нигоҳ намедоранд, диққаташон ғайриихтиёрӣ буда, ба чизҳои дуюминдараҷа равона мегардад, муттамарказияти диққаташон суст буда, тез-тез парешон мешавад. Ашёю ҳодисаҳои муҳити зистро мебинанд, вале хусусиятҳои алоҳидаи онҳоро (ранг, шакл, ҳаҷм, мавқеи ҷойгиршавӣ) дуруст фарқ карда наметавоананд. Хусусияти монандӣ ва фарққунандаи ашёро дуруст дарк карда, фикрашонро пай дар пай ифода карда наметавонанд ва дар нутқашон нуқсонҳо дида мешавад. Ин хел кӯдакон дар натиҷаи беназоратии волидон, ба иҷрои амалҳои манфӣ (дуздӣ, ғоратгарӣ) тез дода мешаванд,

Кундзеҳнӣ (имбетсилӣ) дараҷаи миёнаи ақлонқафомонӣ буда, хонандагони ба ин дараҷаи беморӣ гирифтор дар натиҷаи дуруст ташкил кардани ҷараёни таълим ва корҳоӣ ислоҳӣ - тарбиявӣ ба як қатор комёбиҳо ноил шуда метавонанд.

Ба кӯдакони кундзеҳн ё худ имбетсилҳо хотири парешон, диққати ноустувору ғайриихтиёр хос буда, хусусиятҳои алоҳидаи ашёро дуруст муайян ва эҳсосу идрок карда наметавонанд. Дар нутқашон камбудиҳои ҷиддии грамматикӣ мушоҳида мешавад, таркиби луғавияшои камбағалу нофаҳмо буда, баъзан калимаҳоеро талаффуз мекунанд, ки маъноро ифода намекунад. Муҳокимарониашон соддаю якранг ва тафаккурашон характери мушаххас дорад, яъне дар бораи он ашёву ҳодиса ва воқеаҳое фикр мекунанд, ки айни замон онҳоро мебинанд ва бо онҳо амалеро иҷро мекунанд. Тасаввурот оид ба ададҳо, масофа ва вақт дар ин хонандагон маҳдуд буда, ба дарки ин мафҳумҳо сарфаҳм намераванд. Дар натиҷаи мақсаднок ташкил кардани фаъолияти таълимӣ, онҳо хондаву навишта метавонанд, ҳисобро ёд мегиранд, вале ба мазмуни матни навишта ва хондаашон сарфаҳм намераванд.

Гарчанде ададҳоро пай дар пай номбар кунанд ҳам, вале ҳангоми иваз намудани ҷойи ададҳо ба хатогиҳо роҳ медиҳанд. Ҳолатҳои эмотсионалияшон тез-тез иваз мешавад, аз камтарин комёбиву дастовард хурсанду хушҳол гардида механданд ва аз ноомади кор ғамгин шуда, гиря мекунанд, қаҳру ғазабашонро идора карда наметавонанд. Ба шахсони наздик (волидайн) дилбастагӣ пайдо карда, мехоҳанд, ки онҳо аз наздашон дур нашаванд. Онҳо метавонанд малакаҳои меҳнатӣ - худхизматрасонӣ (пӯшидан ва кашидани сару либос, пойафзол, хӯрокхурӣ, ба тартиб даровардани ҷойи хоб ва ғайра) - ро аз худ намоянд.

Инчунин, аз уҳдаи иҷрои баъзе намудҳои меҳнати ҷисмонӣ баромада, онро зери роҳбарӣ ва назорати калонсолон иҷро менамоянд, вале мустақилона кор ва зиндагӣ карда наметавонанд.

Ноқисулақлӣ - девонагӣ - дараҷаи вазнини инкишоф наёфтани фаъолияти психикӣ буда, кӯдак бо нуқсонҳои зиёди ҷисмонӣ ба дунё меояд: лаби чок, даҳон ва дандонҳои каҷ, нуқсонҳои узви бадан, нобиноӣ, ношунавоӣ, фалаҷ ва ғайра.

Хусусияти дигари хонандагони ақлан ақибмонда дар он аст, ки дардро эҳсос намекунанд, метавонанд дар ҳолати қаҳру ғазаб худро газанд, дасту рӯяшонро то хуншоршавӣ кананд, ангуштонашонро хоянд, зеро қобилияти эҳсосу идрокиашон суст инкишоф ёфтааст (вобаста ба дараҷаи ақланақибмондагӣ). Диққаташонро бомақсад ва бошуурона ба ашё, ҳодисаю воқеаҳо равона карда наметавонанд ва хотирашон инкишоф наёфтааст.

Нутқи бачаҳои ақлан ақибмонда инкишоф намеёбад ва ё дар бисёр ҳолатҳо нутқ надоранд, баъзеи ин хонандагон калимаҳоеро талаффуз мекунанд, ки барои атрофиён нофаҳмою норавшан аст. Фаъолияти бозиашон бемақсаду бешуурона буда, ба ҳодисаю воқеаҳои олами иҳотакарда мароқ зоҳир намекунанд.

Хулоса, диққати кӯдакони ақлан ақибмонда беихтиёри буда, парешонхотиранд. Онҳо ба шароити нав ба зуди мутобиқ шуда наметавонанд, зудранҷ буда, қаҳру ғазабашонро идора карда наметавонанд. Дар ҳолати қонеъ нагаштани талаботи моддӣ (талабот ба хӯрок, об, гармӣ ва ғайраҳо) дод зада гиря мекунанд. Аз ин рӯ ҳамеша ба назорати духтур, аҳли оила ва муошират бо кудак ниёз доранд.

АДАБИЁТ:

1.Беспалько, В. П. Образование и обучение с участием компьютеров (педагогика третьего тысячелетия). В. П. Беспалько. - М.: Издательство М ПСИ,- 2008. - 352 с.
2.Вербицкий, А. А. Психолого - педагогические особенности использования И К Т, как орудия образовательной деятельности. А. А. Вербицкий. - М. Полиграф - сервис, 2005. - 327 с.
3.Выготский, Л. С. Педагогическая психология. Л. С. Выготский. - М.: Педагогика, - 1991- 480 с.
4.Жизнева, Н. В. Психологические аспекты использования И К Т в коррекционно - развивающей работе с детьми с тяжелыми нарушениями речи. Н. В. Жизнева. Дефектология. - 2009. - № 4. - С. 21 - 25.

УЧАЩИЕСЯ С УМСТВЕННОЙ ОТСТАЛОСТЬЮ КАК МЕДИЦИНСКАЯ И ПСИХОЛОГО-ПЕДАГОГИЧЕСКАЯ ПРОБЛЕМА

Опыт современной медицины и педагогико-психологической деятельности опирается на научные источники на физическое, психическое и интеллектуальное развитие детей. Нормальное развитие детей первых лет жизни требует диспансеризации и педагогико-психологического

тестирования. Каждый ребенок как уникальная личность имеет свои индивидуальные особенности, которые могут проявляться в результате деятельности нервной системы.

Проблема поражения головного мозга и различных нарушений, возникающих в поведении, речи и мышлении ребенка, считается главной проблемой современной науки. В этом направлении современную роль играет разработка приемов и методов, с помощью которых уточняется характер травмы, глубина ее воздействия, продолжительность ее проявления в поведении, речи, памяти и мышлении человека. могут быть предотвращены и исправлены. В связи с этим за последние годы выполнено много работ по психологической и экспериментальной медицине. В то же время теоретическое изучение результатов многих исследований и разработок доказывает, что проблема обработки информации в левом и правом полушариях головного мозга требует дальнейшего междисциплинарного изучения.

Ключевые слова: *Ученик, умственная отсталость, медицина, психолог, педагог, проблема, ребенок, речь, мышление.*

STUDENTS WITH MENTAL RETARDATION AS A MEDICAL AND PSYCHOLOGICAL AND PEDAGOGICAL PROBLEM

The experience of modern medicine and pedagogical and psychological activities is based on scientific sources on the physical, mental and intellectual development of children. The normal development of children in the first years of life requires clinical examination and pedagogical and psychological testing. Each child, as a unique personality, has its own individual characteristics, which can manifest themselves as a result of the activity of the nervous system.

The problem of brain damage and various disorders that occur in the behavior, speech and thinking of the child is considered the main problem of modern science. In this direction, the modern role is played by the development of techniques and techniques, with the help of which the nature of the injury, the depth of its impact, the duration of its manifestation in human behavior, speech, memory and thinking are specified. y be prevented and corrected. In this regard, in recent years, a lot of work has been done on psychological and experimental medicine. At the same time, a theoretical study of the results of many studies and studies proves that the problem of information processing in the left and right hemispheres of the brain requires further interdisciplinary study.

Key words: *Student, mental, medicine, psychologist, teacher, problem, child, speech, thinking, behavior, brain.*

Сведения об авторе: Усмонов М, ассистент Таджикского Государственного Педагогического Университета имени Садриддина Айни. Тел: 911147078

About the author: Usmonov M, Assistant of Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini. phone:. 911 14 70 78

ҲАБИБОВА О. М

РОҲҲОИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ СИФАТИ ТАҲСИЛОТ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМӢ

Яке аз масъалаҳои асосии рушди маориф ва педагогикаи муосир ин баланд бардоштани сифати таълим ба шумор рафта, мавриди муҳокимаи бисёр олимону педагогон ва умуман ҷомеа қарор гирифтааст. Ҳар як ислоҳоти маориф ба баланд бардоштани сифати таҳсилот ва дар доираи консепсияҳои зиёд баррасӣ мегардад ва ҳадафи он низ аз ҳамин иборат аст. Барои муайян кардани моҳияти сифати таҳсилот бо маъноҳои гуногуни мафҳуми “маълумот”, “сифат” ва “таълими босифат” вомехӯрем, ки нақши сифат дар таъмини он таъсири назаррас дорад. Ин мафҳуми таълим дар педагогика натиҷаи азхудкунии донишҳои илмӣ, ҳосил намудани маҳорат ва малакаҳо, ташаккули қобилиятҳои зеҳнӣ, амалӣ ва эҷодӣ, инчунин ҷаҳонбинии илмӣ ва ахлоқӣ фаҳмида мешавад, ки дар асоси он шахсияти фард муайян гардида, ба комёбӣ ноил мегардад.

Раванди таълим ва тарбия ин фаъолияти муштарак ва муташаккилонаи ҳамкорӣ аст, ки ба арзишҳои идеявию ахлоқӣ, азхуд намудани дониш ва меъёрҳои рафтор нигаронида шудааст.

Дар раванди таълим дар асоси маълумот мафҳуми “сифати таълим” – ро унсурҳои сифати дониш, малака, сифати қобилиятҳои равонӣ – маърифатӣ ва эҷодӣ, сифати ҷаҳонбинӣ ва сифати ахлоқӣ ва маданияти рафтор ифода менамояд. Ин мафҳумҳо вобаста ба алоқаи ҷузъҳои таркибӣ ва моҳияти сифати таълим баррасӣ мегарданд.

Файласуфи Юнони қадим Аристотел “сифат”- ро моликияти устувор ва гузаранда донистааст, Демокрит ва Галилей сифатҳоро ба субъективӣ вобаста ба фаҳмиши шахс ва

объективӣ вобаста ба ашё ҷудо кардаанд. Файласуфи англис Ҷ.Локк сифатҳои объективиро якумдараҷа ва сифатҳои субъективиро дуюмдараҷа номидааст. Ташаккули категорияи "сифат"- ро Георг Вильгельм Фридрих Гегел дар робита бо категорияи "миқдор" мавриди таҳқиқ қарор дода, афзалияти онро муайян кардааст. Вай қонуни гузаштани миқдорро ба сифат бо истифода аз мафҳуми ченак мураттаб кард, ки дар он ченак ҳамчун сарҳади байни як сифат ва сифат аз ҷиҳати миқдорӣ зоҳир мегардад. Ба андешаи Фридрих Гегел сифат аз даст додани он ашё, он чизест, ки сифаташро гум мекунад.

Педагогон мафҳуми "сифати таҳсилот"- ро, аз қабили Исаак Яковлевич Лернер ҳамчун хосияти объекте муайян кардаанд, ки устуворӣ, доимии онро ташкил медиҳад ва хусусияти асосии онро ошкор мекунад.

Дар илми педагогикаи муосир муҳаққиқон низ кӯшиш мекунанд, ки мафҳуми «сифат»-ро муайян кунанд. С.Э. Шишов ва В. Калней ду намуди сифатро ба назар мегиранд: мутлақ ва нисбӣ. Сифати мутлақ стандарти баландест, ки ашё дорад ва онро беҳтар кардан мумкин нест. Сифати нисбӣ, пеш аз ҳама, риояи стандартҳоест, ки онро истеҳсолкунанда ё мувофиқи талаботи объекти муайян карда метавонад ва дуюм, мувофиқат ба талаботи истеъмолкунанда, яъне қонеъ гардонидани талаботи воқеӣ мебошад.

Мафҳумҳои «таълим» ва «сифат» ҳамчун категорияи иҷтимоӣ, иқтисодӣ, педагогӣ баррасӣ мешаванд. «Сифати таълим» дар ҷанбаи методологӣ ҳамчун хусусияти раванди таълим ва натиҷае мебошад, ҳам дар системаи маориф ва дар рушди тамоми ҷомеа муҳим аст. Вобаста ба ин мафҳуми «сифати таълим»-ро метавон ҳамчун таълими комплексӣ бо назардошти тамоми хусусиятҳои объективӣ ва субъективӣ муайян кард. С.Э.Шишов ва В.Калней маҷмуи нишондиҳандаҳои муассисаи таълимӣ, мазмуни таълим, шаклу усули таълим, заминаи моддию техникӣ ва ғайраро, ки рушди салоҳияти шунавандагонро таъмин менамоянд, сифати таълимро мешуморанд. [8.С.352].

Ҷамъбасти равишҳои муайянкунии сифати таълимро Давыдова Людмила Николаевна пешниҳод намуда, онро ҳамчун маҷмуи хусусиятҳои раванди таълим, аз ҷумла татбиқи ҳадафҳои он, технологияҳои муосир ва шароити зарурӣ барои ноил шудан ба натиҷаҳои мусбӣ баррасӣ мекунад. Аз ин рӯ, мафҳуми «сифати таҳсилот» ҳамчун маҷмуи ҷузъҳои таълим сатҳи дониш, маҳорат, қобилият, салоҳият, сатҳи инкишофи шахсият фаҳмида мешавад.

Василий Петрович Панасюк ду ҷузъи зерини сифати таҳсилро пешниҳод намудааст:

1) мурофиавӣ (сохтори маъмурию ташкилии муассисаи таълимӣ, омодагии методӣ ва психологию педагогии омӯзгорон, барномаи таълим, нақшаю барнома, базаи моддию техникӣ ва ғ.);

2) натиҷавӣ (маърифат, ки аз ҷузъҳои зерин иборат аст: иттилоотӣ, фарҳангӣ, арзишӣ-ҳавасмандӣ, захиравӣ).

Владимир Викторович Лаптев пешниҳод мекунад, ки дар мафҳуми «сифати таълим» ҳамаи маълумот ба се қисмати бо ҳам алоқаманд ҷудо карда шаванд:

1) вобаста ба сифати сохтор;

2) ба сифати раванд;

3) ба сифати натиҷа.

Бо назардошти ин се ҷузъ мафҳуми сифати таҳсилот ҳамгиро мешавад ва қисми ин ҷузъҳоро фаро мегиранд. [6.С. 3–10].

Инкишофи сифати таълим аз талаботи ҷомеа, бозори меҳнат, истеъмолкунандагон, ҳадафҳои таълим вобаста буда, дар он шароит тағйир ёфта, раванд аз нав сохта мешавад. Аз ин рӯ, аз руйи сохтор ва пайвастагии системаи сифати таҳсилот онро аз се ҷузъи асосӣ иборат мешуморем: сифати натиҷа, сифати раванд, сифати шароит. Арзёбии сифати натиҷа боиси тағирёбии сифати шароит ва сифати раванд мегардад ё баҳодиҳии сифати раванд рушди сифати шароитро муайян мекунад ва ба сифати натиҷаҳо таъсир мерасонад.

Ҳамин тариқ, раванди мутақобила барои баланд бардоштани сифати тамоми системаи маориф вуҷуд дорад ва ба сифати шароит унсурҳои (хосиятҳои) зерин, аз қабили: сатҳи заминаи моддию техникӣ; сифати фаъолияти омӯзгорон; фаъолияти мақомоти роҳбарикунанда; сифатҳои шахсии хонандагон; сатҳи таъминоти таълимӣ ва методӣ; сифати арзёбии дохилӣ ва берунӣ. Қисмҳои асосии сифати раванд инҳоянд: сифати мундариҷаи таълимии барномаҳои таълимӣ; идоракунии раванди таълим; сифати таъминоти таълимӣ,

методӣ ва моддию техникӣ; технологияи раванди таълим; ҳайати сифатии омӯзгорон ва сифати хонандагон.

Сифати натиҷа ҳамчун система аз унсурҳои зерин, сифати дониши хонандагон, сифати фаъолияти таълимӣ - маърифатии хонандагон, ташаккули шахсияти хонанда, сатҳи омодагии хатмкунанда, салоҳияти хатмкунанда иборат мебошад. Ин унсурҳои бо ҳам алоқаманд метавонад сифати таҳсилотро беҳтар гардонад.

Ҳамин тариқ, сифати дониш, сифати фаъолияти таълимӣ-маърифатӣ, ташаккули шахсияти хонандагон ба сатҳи омодагии онҳо таъсир мерасонад. Раванди таълим як раванди мураккаб ва ҳамзамон бисёрҷониба мебошад, ки он муносибати мутақобилаи хонанда бо муаллим, хонанда бо хонанда, хонанда бо олами беруна, намудҳои гуногуни фаъолият (тарбиявӣ, эҷодӣ, зеҳнӣ ва ғ.), шароиту имкониятҳои таълимиро мусоидат намуда, маълумотгирии шахсро таъмин менамояд.

Раванди таълим – ин системаи фаъолияти таълимӣ - тарбиявии дар ягонагии фаъолияти таълимӣ - маърифатӣ ва худтарбиякунии омӯзгорон аст, ки он ба мақсад ва вазифаҳо нигаронида шудааст, ки хонандагон дар ҷараёни таълим ба комёбиҳо ноил мегарданд.

Андрей Викторович Хуторской ҷузъҳои раванди таълимро чунин пешниҳод намудааст: ҷузъи мақсаднок, ҷузъи мундариҷа,ҷузъи фаъолият, ҷузъи ташкилӣ, ҷузъи технологӣ, ҷузъи вақт. Ба қисматҳои сифати раванди таълим инчунин мазмуни барномаҳои таълимӣ, идоракунии раванди таълим, таъминоти таълимӣ - методӣ ва моддию техникии раванди таълим, технологияи раванди таълим, ҳайати сифатии муаллимон, сифати хонандагон. Ҳар як ҷузъи сифати раванди таълимро дар маҷмуъ дар шакли нишондиҳандаҳои мушахас нишон медиҳанд. Ба сифати таҳсил пеш аз ҳама меъёр, ки дар асоси он баҳо дода мешавад, муайян мегардад. Аз ин рӯ, ташкили мониторинги сифати таълим яке аз роҳҳо ва нишондиҳандаҳои сифати таҳсилот ба шумор меравад. [9.С.544]

Дар китоби “Идоракунии сифати таълим дар мактаб” – и Марк Матусович Поташник сифати раванди таълимро чунин пешниҳод намудааст: дониш, маҳората ва малака, рушди шахсият, салоҳияти касбии омӯзгор ва муносибати ӯ ба фаъолият, баланд шудани обрӯйи мактаб дар ҷомеа. [3.с. 448].

Нишондиҳандаҳо ва меъёрҳои сифатро метавон аз рӯи натиҷаҳои таълим муайян кард. Дар ин сурат сифати раванди таълим аз руи натиҷаҳои ба даст овардашуда назорат карда мешавад. Ҳангоми муайян кардани сифати раванди таълим аз меъёру нишондиҳандаҳое истифода бурдан мумкин аст, ки натиҷа, ҷараён ва ҳам шароити фаъолияти раванди таълимро фаро гирад.

Назорати сифати дониш (назорат аз болои натиҷаҳои таълим) – се вазифаеро, ки ба ҷараёни таълим дар маҷмуъ хос аст, иҷро намуда, аҳамияти аниқ муайяншудаи таълимӣ, тарбиявӣ ва инкишофӣ дорад. Аҳамияти тарбиявии он дар он зоҳир мегардад, ки хонандагон имконияти ислоҳ кардани донишу малака ва рафтори худро пайдо намуда, ҳисси масъулиятшиносӣ, майлу хоҳиши ба даст овардани натиҷаҳои беҳтарин ташаккул ёбад. Натиҷаҳои омӯзиш бояд ба ҳадафҳои умумии фан ва талаботи азхудкунии дониш нигаронида шавад.

Яке аз роҳҳои баланд бардоштани сифати дониши талабагон ташкили дурусти раванди таълим мебошад. Нисбат ба дарси замонавӣ талаботҳои зиёд гузошта мешаванд, аммо агар ба дарс ҳамчун порчаи ҳаёт муносибат карда, онро ба ҷараёни стихиявӣ табдил диҳем, он гоҳ хонандагон ба дастовардҳо ноил намегарданд. Дарс сари вақт оғоз карда шуда, ташкили фазои синфӣ, ташкили марҳилаҳои дарс, муошарати байни омӯзгор ва хонандагон, муносибати омӯзгор ба амалҳои муайяни хонандагон, интихоби маводи таълимӣ ва усули пешниҳоди он, истифодаи усул ва технологияҳои муосири таълим ба натиҷаҳои фаъолияти таълимӣ –эҷодии хонандагон таъсир мерасонад. Вазифаи омӯзгор дар ҷараёни дарс баррасии маводи таълимӣ ва ташкили раванди таълим ба дониш мусаллаҳ намудани хонандагон, ташаккули шахсияти мактаббача, кӯмак расонидану ба ҳаёт омода намудани онҳо мебошад. Омӯзгор пеш аз ҳама он маводеро пешкаши хонандагон мегардонад, ки ҷолиб, шавқовар, муфид ва мувофиқ бошад, тавонад тавассути васоитҳои таълимӣ маводро пурмазмуну фаҳмо фаҳмонад ва майлу рағбати маърифатии онҳоро бедор намояд. Таълиму тарбия раванди инкишофи ҳамаҷонибаи шахсият буда, бомуваффақият ҳал намудани масъалаҳои идоракунии сифати таҳсилот самаранокии онро таъмин месозад.

Дар ин маврид омилҳои генетикӣ, иҷтимоию иқтисодӣ,психологӣ ва педагогӣ, омилҳои, ки барои инкишофи инсон муҳит фароҳам меоранд ё намесозанд (обрӯи натиҷаҳои баланд), омилҳои шахсӣ ва фаъолияте, ки ба ҷанбаҳои иҷтимоию психологии шахсияти талаба, ташаккули камолоти шахсият ва маънавии одами баркамол, ки ба рушди шахсият таъсир мерасонанд, ба назар гирифтан лозим аст.

Дар раванди таълим натиҷаҳои ба дастовардаи шахси комёбшуда омӯзиш, ҳавасмандкунӣ, маҳорати эҷодӣ, саломатӣ, рушди маънавӣ - ахлоқӣ (иқтидори шахсӣ), муошират, мақоми иҷтимоии хонандагонро дар бар мегирад.

Омӯзгорони фанҳои таълимӣ бояд дар ҷараёни дарс роҳҳои фаъолияти маърифатиро дар шароити нави кори таълимию дуруст ба роҳ монанд. *Онҳо аз* методҳои фаъоли таълим истифода бурда, дониши онҳоро дар раванди дарс дар амалия (дар таҳсил ва зиндагӣ) татбиқ намоянд. Дар шароити муосир афзоиши талабот ба омодагии зеҳнӣ ва маънавии хонандагон, тағйироти низоми таҳсилот вобаста ба иқтисодиёт, рақобати ҷиддӣ дар бозори хизматрасонии таълимӣ, мушкилоти сифати таълим дар муассисаҳои таълимӣ, ислоҳот чизи асосӣ ба шумор меравад. Мутобиқати дониши хонандагон ба стандартҳои давлатӣ, кори бомуваффақияти муассисаи таълимӣ, фаъолияти ҳар як омӯзгор, фаъолияти хонандагон фаҳмиши имрӯзаи сифати таълимро ифода мекунад. Аз ин рӯ, дарсро тавре ташкил намудан лозим аст, ки вазифаҳои таълиму тарбия ба таври зарурӣ дар ягонагӣ ҳали худро ёбанд, интихоби мувофиқи маводи таълимӣ, фароҳам овардани шароити оптималии ҳалли масъалаҳои таълимӣ, фаъол гардондани кори мустақилонаи эҷодии талабагон ва ғайра ба роҳ монда шавад. Барои баланд бардоштани сифати таълим, пеш аз ҳама хонандагонро ба дарс фаъол гардонида, педагогикаи ҳамкориро дуруст ба роҳ мондан аст. Аз ин рӯ, дар синф фазои таълимиро фароҳам овардан лозим аст, ки фаъолияти маърифатии хонандагон дар он ташаккул ёфта ва имконияту қобилиятҳои фардикунонии ҳар як хонанда ба эътибор гирифта мешавад.

Дар таълиму тарбияи мактаббачагон дар мактаб бояд ба ташаккули неруи зеҳнию тарбиявии онҳо таъсир расонида лозим аст.

Ҳамин тариқ, барои ошкор намудани неруи эҷодии хонандагон, қобилиятҳои фардии онҳо, ташаккули сифатҳои марбут ба касби оянда дар амалияи мактаб аз чунин шаклҳои таълим, аз қабили дарсҳои маърӯза, конференсия, ташкили бозиҳои дидактикӣ, корҳои мустақилона, семинарҳо, ҳимояи лоиҳа ва ғайра истифода бурдан зарур аст.

Ташкили корҳои мустақилонаи хонандагон, ташаккул додани малакаҳои таҳлилии амалӣ бо назардошти принсипҳои таълимӣ ба хонанда нигаронидашуда, зарурати ба модели нави таълим, ки дар заминаи технологияҳои муосири иттилоотӣ сохта шудааст, ба миён омадааст, ба корҳои эҷодӣ, масъулиятшиносӣ, инкишофи қобилият, ҷаҳонбинии онҳо васеъ намуда, замина мегузорад. Истифода аз усули интерактивӣ, сохтани диаграммаҳо, ҷадвалҳо дар презентатсия, кроссвордҳо, расмҳо, тасвирҳо, тестҳо ба хонандагон имкон медиҳад, ки вақтро сарфа кунанд, маводро пайдарпай, системанок ба нақша дароранд ва аз ҷиҳати эстетикӣ ба тартиб оранд.

Истифодаи усули интерактивии таълим дар дарсҳо имкон медиҳад, ки таваҷҷуҳи хонандагон фаъол гардад, иқтидори эҷодӣ, мустақилияти мактаббачагон, қобилияти дарёфт, интихоб ва тартиб додани мавод барои рушди минбаъдаи шахсияти онҳо афзоиш ёбанд. Дар корҳои беруназсинфӣ аз рӯйи мавзуъ истифода бурдани технологияи компютерӣ низ ба мақсад мувофиқ аст. Муаррифии маводи таълимӣ дар корҳои беруназсинфӣ клипҳои видеоӣ, аксҳои баландсифат, лаҳзаҳои фароғатии дарсро ҷорӣ намудан ба мақсад мувофиқ аст, то ки дар ҷараёни ташкили ин гуна дарсҳо, на танҳо дониши технологияи компютерӣ, балки қобилияти эҷодии худро низ нишон медиҳанд.

Ҳамин тавр, ҳалли масъалаи сифати таҳсилот аз он вобаста аст, ки муассисаҳои таълимӣ ба тағйироти муҳити беруна, ба талаботи ҷомеа, тартиботи иҷтимоӣ сари вақт ва муносиб вокуниш нишон дода, усул ва технологияҳои самаранок ва аз ҷиҳати педагогӣ асоснок интихоб карда шаванд, албатта ба натиҷаҳо ноил гардидан мумкин аст.

АДАБИЁТ:

1. Изотова, Н.В. Качество обучения как актуальная педагогическая проблема // Вестник Московского психолого-социального института. - 2003. - № 2.

2. Куркин, Е.Б. Технологизация оборудования -требование времени // Школьные технологии - 2007. - № 1.
3. Управление качеством образования. Практико ориентированная монография и методическое пособие / под ред. М.М. Поташника. – М.: Педагогическое общество России, 2000. – 448 с.
4. Лернер, И. Я. Проблемное обучение.- М., 1974.
5. Дидактика средней школы / Под ред. М. Н. Скаткина, И. Я. Лернера. — М., 1975.
6. Лаптев В.В. Научный подход к построению программ исследования качества образования // Модернизация общего образования на рубеже веков (сборник научных трудов). – СПб.: Изд-во РГПУ им. Герцена, 2001. – С. 3–10.
7. Лернер И.Я. Качество знаний учащихся. Какими они должны быть? – М., 1978. – 208 с.
8. Шишов С.Е.,Кельней В.А. Мониторинг качества образования в школе. – М.: РПА, 1998. – 352 с.
9. Хуторской А.В. Современная дидактика: учебник для вузов. – СПб.Питер, 2001. – 544 с.

РОҲҲОИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ СИФАТИ ТАҲСИЛОТ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМӢ

Яке аз масъалаҳои асосии рушди маориф ва педагогикаи муосир баланд бардоштани сифати таълим мебошад. Ҳар як ислоҳоти маориф дар доираи консепсияҳои зиёд баланд бардоштани сифати таҳсилот дониста мешавад, ки ҳадафи асосии он мебошад.

Дар низоми педагогӣ барои муайян кардани моҳияти сифати таълим мо аксар вақт бо маъноҳои гуногуни мафҳуми «таълим», «сифат» ва «таълими босифат» вомехӯрем. Махсусан, истифодаи усулҳои интерактивии таълим дар дарсҳо сифати таълиму тарбияи хонандагонро беҳтар мекунад. Дар рафти дарс мустақилияти мактаббачагон, эҷодкорӣ, инчунин қобилияти дарёфт кардан, интихоб кардан ва ба низом даровардани материалҳо барои инкишофи шахсияти онҳо меафзояд.

ПУТИ ПОВЫШЕНИЯ КАЧЕСТВА ОБРАЗОВАНИЯ В ОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ УЧРЕЖДЕНИЯХ

Одним из основных вопросов развития современного образования и педагогики является повышение качества образования. Каждая реформа образования рассматривается как повышение качества образования в рамках многих концепций, что и является ее основной целью.

В педагогической системе для определения сущности качества образования мы часто встречаемся с разными значениями понятия «образование», «качество» и «качественное образование». Особенно, использование интерактивных методов обучения на уроках обеспечивает повышение качество образования учащихся. В процессе урока повышается самостоятельность школьников, творческий потенциал, а также умение находить, выбирать и систематизировать материалы для развития их личности.

Ключевые слова: *качественное образование, интерактивные методы, уроки, творческие работы, поощрение, умений, качество знаний, познавательные и творческие способности, качество мировоззрения, нравственное качество, культура поведения.*

WAYS TO IMPROVE THE QUALITY OF EDUCATION IN EDUCATIONAL INSTITUTIONS

One of the main issues in the development of modern education and pedagogy is to improve the quality of education. Each education reform is seen as improving the quality of education within the framework of many concepts, which is its main goal.

In the pedagogical system, to determine the essence of the quality of education, we often meet with different meanings of the concept of "education", "quality" and "quality education". Especially, the use of interactive teaching methods in the classroom improves the quality of education for students. In the process of the lesson, the independence of schoolchildren, creativity, as well as the ability to find, select and systematize materials for the development of their personality increase.

Key words*: quality education, interactive methods, lessons, creative work, encouragement, skills, quality of knowledge, cognitive and creative abilities, quality of worldview, moral quality, culture of behavior.*

Маълумот дар бораи муаллиф Ҳабибова Оишамо Муродовна - муаллимаи кафедраи педагогикаи умумии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, тел.: (992) 985-58-55-90 Oisha-ddo@mail.ru

Сведения об авторе: Хабибова Оишамо Муродовна – старший преподаватель кафедры общей педагогики Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни, тел: (992)985-58-55-90 Oisha-ddo@mail.ru

About the author: Habibova Oihsa Myrodovna - Senior lecturer in pedagogy Tajik State Pedagogical University named Aini, тел.:(992)985-58-55-90, Oisha-ddo@mail.ru

ХАЛИФАЕВА Н.Р.

К ВОПРОСУ О ФОРМИРОВАНИИ ЛОГИЧЕСКОГО МЫШЛЕНИЯ У ДЕТЕЙ ДОШКОЛЬНОГО ВОЗРАСТА

За последнее время в системе дошкольного образования и воспитания произошло много изменений, что позволяет говорить об ориентации дошкольного учреждения на учет индивидуальных качеств каждого ребенка, являющегося субъектом воспитательно-образовательного процесса. На сегодня обществом на первый план выдвинута проблема повышения образования, всестороннего охвата дошкольников образованием. Исходя из того, что на ступени дошкольного образования важнейшей выступает задача формирования умения наблюдать, сравнивать, классифицировать, выделять существенные признаки предметов и явлений, осуществлять элементарный анализ и синтез наблюдаемых явлений и объектов. Сформированные подобным образом приемы логического мышления в дальнейшем служат основой интеллектуального развития ребенка и помогают при решении широкого круга умственных задач. Не следует отрицать как факт, что условием успешного обучения в начальной школе является сформированность у детей элементарных логических приемов мышления.

Суть логического мышления заключается в оперировании суждениями, понятиями, умозаключениями, их соотнесении с действиями, или же в общности умственных логически достоверных операций или действий мышления.

По мнению Пиаже, логическое мышление – сильнейший интеллектуальный инструмент, который имеет человек для познания мира [4], то есть средства логического мышления определяются понятиями о предметах, явлениях, их отношениях и свойствах. Признаки, входящие в совокупность научных понятий – это наиболее существенные признаки предметов и явлений. Логическое мышление человека занимает особое место в процессе познания.

Методы логического мышления постоянно находят свое применение в познавательной деятельности с раннего возраста [3]. Логический подход к осмыслению происходящего вокруг помогает обнаруживать существенные стороны, находить ответы на различные задачи, устанавливать связи между предметами и явлениями, проверять эти решения, доказывать, опровергать, словом делать все, что необходимо для жизни и успешной деятельности в любом возрасте.

По утверждению Л. Д. Столяренко логическое мышление включает в себя ряд компонентов, которые отражаются в нижеописанных умениях:

– умения определять состав, структуру и организацию элементов и частей целого и ориентироваться на существенные признаки объектов и явлений;

– умения определять взаимосвязь предмета и объектов, видеть их изменение во времени;

– умения подчиняться законам логики, обнаруживать на этой основе закономерности и тенденции развития, строить гипотезы и выводить следствия из данных посылок;

– умение производить логические операции сравнения, обобщения, анализа и синтеза, классификации, систематизации и др.;

– умения рассуждать и выделять новую закономерность [5]

В психологической науке известные нам формы мышления (наглядно-образное, наглядно-действенное и словесно-логическое) подразумеваются как последовательные стадии развития мышления ребенка.

По утверждению Н. Н. Поддъякова [8], можно ускорить и увеличить формирование тех или других этапов развития мышления. Но стоит запомнить, что игнорирование одного из этих этапов может, в целом, нанести вред формированию личности. Психологи, исследовавшие процесс формирования и последующего развития детского мышления особо внимательно исследовали процесс общения и предметной деятельности дошкольника. Как всем нам известно, влияние на формирование личности и психических процессов у дошкольника, их дальнейшее развитие всегда оказывает взрослый, либо педагог.

Наличие логического мышления всегда служит подтверждением высокоинтеллектуального развития человека. Как показывает анализ многочисленных исследований, появление логического мышления становится сложным, противоречивым и многоступенчатым процессом. Проявлению первых признаков логического мышления всегда предшествуют определенные требования, условия, богатый жизненный опыт и кроме

того, необходима активная познавательная деятельность, отраженная в речи. Зачатки логики всегда проявляются в раннем возрасте. Например, в играх матери и ребенка в прятки. Когда ребенок, ненадолго задумываясь, понимает что надо повернуться к другому плечу и найти искомое, или начинает раскрывать ладонь взрослого, поняв, что соска или конфета находятся именно там. Стоит провести некоторый сравнительный анализ работ исследователей, чтобы прийти к заключению, неоднократно подтвержденному С. Немовым о том, что мышление отличается от других психических процессов, так как в нем всегда заметно присутствие логики. В этом направлении ученый выделил следующие логические операции: анализ и синтез, сравнение, обобщение, абстракция, конкретизация.

На развитие мышления дошкольника сильное действие оказывает знаково-символическая деятельность. Ребенок уже во второй половине второй младшей группы дошкольного учреждения (4 года) умеет обобщать приобретенные знания. Это происходит потому, что ребенок уже способен выделять основное из наблюдаемых объектов и явлений (он видел, как мама готовит, используя посуду, папа производит починку предметов быта, используя инструменты). Все это тут же находит отражение в его игровой деятельности, в действиях с предметами-заместителями (зеленый лист-тарелка, палочка- ложка, нож и т.д.). Из этого следует, что предпосылками для развития логических приемов мышления дошкольника является усвоение действий со словами, замещающими реальные предметы и ситуации. Развитие знаковой функции сознания характерно для конца раннего детства. Именно тогда ребенок начинает осознавать, что предмет можно обозначать, замещать при помощи другого предмета, слова, рисунка.

Таким образом, развитие логического мышления ребенка является процессом формирования понятий и логических приемов мышления, реализуемых в деятельности.

Более углубленным исследованием в данной области занимался психолог Ж. Пиаже. Он сумел выделить стадии формирования логических операций, происходящих неожиданно, или даже спонтанно при развитии детского интеллекта.

Период от 2 до 4 лет обладает особенностью развития символического и допонятийного мышления.

От 4 до 7-8 лет возникает интуитивное (наглядное) мышление, которое вплотную приводит к операциям.

С 7-8 лет до 11-12 формируются конкретные операции.

Он сделал вывод, что подлинное усвоение ребенком знаний невозможно без наличия у него форм логического мышления. Ж. Пиаже в своих работах констатировал факт, что «феномены» детского мышления объясняются определенной стадией «логического развития» их мышления. Одновременно с этим, Ж. Пиаже не отвергает полностью возможности наличия логики у дошкольника, в полном понимании данного понятия.

В свою очередь, В.В.Давыдов, Д.Б.Эльконин, П.Я.Гальперин, А.А.Люблинская и некоторые другие авторы рассматривают логическое мышление как способность и умение ребенка самостоятельно производить простые логические действия: анализ, синтез, сравнение, обобщение … [1].

Так же логическое мышление - это мышление, пользуясь которым ребенок в проблемной ситуации вспоминает собственно приобретенный опыт, производя в уме необходимые действия, а затем в реальности принимает конкретное решение. Дошкольник может обсудить и искать решение задачи совершенно неожиданным для нас путем, пользуясь знаниями, полученными при беседе с другими людьми, делая свои суждения и умозаключения. [2].

Для того, чтобы подойти к рассмотрению процесса формирования логического мышления у дошкольников, я думаю, стоит рассмотреть особенности развития познавательной деятельности дошкольника.

Очень часто в возрасте 1,6 лет, ребенок, играя с пирамидкой, первоначально совершает простые действия – разбирает ее и раскидывает кольца. Даже в этом действии можно отметить первые зачатки логики у ребенка. Бросая кольцо, ребенок знакомится с его свойством катиться. Заинтересовавшись, он совершает это действие повторно.

Далее, играя с телефоном-игрушкой, он для себя отмечает, на какую кнопку нажимает взрослый и звучит мелодия. Затем он самостоятельно находит эту кнопку. Иногда ребенок отмечает для себя, в каком случае взрослому не нравятся его действия, а потом начинает

избегать определенных действий в каждом конкретном случае, чтобы избежать порицания со стороны взрослых.

В возрасте от 2-х до 4 лет ребенок учится сравнивать действия, предметы. Изучает различные виды игр, выполняет простейшие задания взрослых: соединить картинки по смыслу, объяснить, откуда капает дождик, ответить на вопросы и загадки. Ребенок может объяснить свои поступки, иногда находя довольно неожиданную мотивацию. В рисовании, лепке или другом виде ручного труда, ребенок добавляет свои идеи, выражая их нетрадиционными путями и способами (нарисовать розового крокодила «… Потому что он радостный», серое солнышко «… ему грустно» и т.д.).

Начиная с 5 лет, можно утверждать, что у ребенка идет дальнейшее формирование логического мышления. Он уже может найти логическое подтверждение каким-либо действиям, или событиям. На вопросы взрослого или воспитателя он отвечает полными предложениями. Также он способен составить полный, правильно логически построенный рассказ.

Основываясь на вышеотмеченных особенностях развития мыслительной деятельности, у воспитателя появляется много возможностей для дальнейшего развития логики у дошкольника. Это и упражнения, и специальные занятия, и дидактические игры, и экскурсии. Все они необходимы для вовлечения дошкольника в образовательно-воспитательный процесс. Конечно, чтобы получить эффективный результат, необходимо чередовать задания для развития мыслительной деятельности:

1. Словесные дидактические игры помогают воспитателю правильно подойти к выбору методики формирования логических задач. Подобные игры увеличивают словарный запас, расширяя кругозор ребенка. Они помогают ребенку обобщить, провести аналогию, правильно найти признаки и указать свойства предметов.

2. Игры с картинками и образами. Образно-логическое мышление развивается в самостоятельной деятельности, при использовании карточек, бумаги, карандашей. Наглядность, используемая в обучающем процессе, помогает ребенку обнаружить логическую связь предметов и явлений. К ним относят игры на сравнение, группировку, обобщение, а также головоломки, лабиринты и ребусы.

3. Настольные игры. Шахматы, шашки, домино во все времена использовали для интеллектуального развития человека. В дошкольном возрасте данные игры не только развивают мелкую моторику рук, но и способствуют развитию внимания, «оттачивают» мыслительный процесс, помогая ребенку самостоятельно, не надеясь ни на кого, осуществлять аналитическую деятельность.

4. Конструирование. Игры с конструкторами, имеющими самые разные размеры и формы элементов, заставляют ребенка «методом проб и ошибок» приобретать собственный опыт, а также развивают способность к дедукции.

5. Решение задач на логику. Для дошкольников их выпущено великое множество. Это и раскрашивание, совмещенное с математическими заданиями, это и дидактические игры «найди пару», «где чей дом?», и логические вопросы и загадки и т.д.

Затронув выше «метод проб и ошибок», хотелось бы отметить его положительную роль в деятельности детей и развитии логического мышления.

Метод проб и ошибок – самый простой вариант. Заключается он в том, что ребенок пытается решить задачу всеми доступными и понятными ему способами. И когда вдруг удается, ребенок пытается и в дальнейшем использовать этот способ. В более поздний период, становясь старше, ребенок уже более осознанно использует этот метод, комментируя этот процесс следующими словами «а давай так, вдруг получится», или «если это поставить сюда, а это – убрать, тогда должно получиться».

Заключение. То есть, можно сказать, что процесс логического мышления становится очевиден, когда ребенку предстоит решить определенную задачу или выполнить какую-то работу. В данной ситуации ребенок применяет личный опыт. Опыт же, в свою очередь, зависит от уровня имеющихся логических способностей. Постепенно применение логики позволяет подробно изучать поставленные задачи, определять цели, создавать план и продумывать пути осуществления.

ЛИТЕРАТУРА:

1. Григорьева И. А., Грузинцева Т. А. Развитие логического мышления у детей старшего дошкольного возраста посредством дидактических игр // Молодой ученый. - 2016. - №12.6. - с. 28-31
2. Терентьева Е. С., Кабанова С. Н., Фомичёва И. Б. Содержание проблемы развития логического мышления при обучении математике в школе //Молодой ученый. - 2015. - №4. - с. 622-625.
3. Лобанова Е.А. Дошкольная педагогика: учебно-методическое пособие / Е. А. Лобанова. - Балашов: Николаев, 2008. - 76 с.
4. Радуга. Примерная основная образовательная программа дошкольного образования. Автор: Гризик Т.И., Доронова Т.Н., Якобсон С.Г. – Издательство: Просвещение, 2016 г.-с.232
5. Белошистая А.В. Развиваем логику // Дошкольное воспитание.- 2002. - №6.-С.33-35.
6. Бурмистрова Е.В. Развитие логического мышления детей старшего школьного возраста через дидактические игры/ Логические исследования.- 2010.- № 5- с.12-16
7. Поддьяков Н.Н. К вопросу о развитии мышления дошкольников // Хрестоматия по возрастной и педагогической психологии. Работы советских психологов периода 1946-1980 гг. / Под ред. И.И.Ильясова, В.Я.Ляудис. М.: Изд-во Моск. ун-та.- 2008. - с. 211.
8. Подьяков Н. Н. Мышление дошкольника.- М.; Педагогика, 2007.-360с.

К ВОПРОСУ О ФОРМИРОВАНИИ ЛОГИЧЕСКОГО МЫШЛЕНИЯ У ДЕТЕЙ ДОШКОЛЬНОГО ВОЗРАСТА

В статье рассмотрена позиция ученых по отношению к процессу формирования логического мышления. Кроме того, рассмотрены основные этапы формирования логического мышления, а также его составные компоненты.

Цель автора в данной статьи было проанализировать взгляды ученых на проблему формирования логического мышления и показать особенности данного процесса в дошкольном возрасте.

Также автором приведены основные рекомендации для педагогов и воспитателей по формированию логического мышления, показана роль дидактического и познавательного материала в этом процессе.

***Ключевые слова**: логические задачи, дидактические игры, интеллектуальные способности, творческое мышление, формы мышления, метод проб и ошибок, компоненты логического мышления*

МАСЪАЛАИ ТАШАККУЛИ ФИКРОНИИ МАНТИҚӢ ДАР КӮДАКОНИ СИННИ ТОМАКТАБӢ

Дар мақола мавқеи олимон дар робита ба раванди ташаккули тафаккури мантиқӣ баррасӣ шудааст. Ғайр аз ин, марҳилаҳои асосии ташаккули тафаккури мантиқӣ, инчунин ҷузъҳои таркибии он баррасӣ шудаанд.

Мақсади муаллиф дар мақолаи мазкур таҳлили ақидаи олимон оид ба проблемаи ташаккули тафаккури мантиқӣ ва нишон додани хусусиятҳои ин раванд дар синни томактабӣ мебошад. Тибқи натиҷаҳои таҳқиқ тавсияҳои асосӣ барои омузгорон ва мураббиён оид ба ташаккули тафаккури мантиқӣ пешниҳод гардидаанд. Нақши маводи дидактикӣ ва маърифатӣ дар ин раванд низ нишон дода шудааст.

***Вожаҳои калидӣ:** вазифаҳои мантиқӣ, бозиҳои дидактикӣ, қобилиятҳои зеҳнӣ, тафаккури эҷодӣ, шаклҳои тафаккур, озмоиш ва хатоҳо, кисмҳои тафаккури мантиқӣ.*

THE QUESTION OF THE FORMATION OF LOGICAL THINKING IN CHILDREN OF PRESCHOOL AGE

The the article is considered the position of scientists in relation to the process of formation of logical thinking. In addition, the main stages of the formation of logical thinking, as well as its constituent components, are considered.

The purpose of the article it was to analyze the views of scientists on the problem of the formation of logical thinking and to show the features of this process in preschool age.

Also in article is shown the results of the study, the main recommendations for teachers and educators on the formation of logical thinking are given, the role of didactic and cognitive material in this process.

***Key words**: logical tasks, didactic games, intellectual abilities, creative thinking, forms of thinking, trial and error metod, components of logical thinking.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Халифаева Насиба Рафиқовна ассистенти кафедраи педагогика, психология ва методикаи тарбияи томактабии ДДОТ ба номи С Айнӣ, ш. Душанбе, к. Айнӣ 123, тел: 927652211

Сведения об авторе: Халифаева Насиба Рафиковна ассистент кафедры педагогики, психологии и методики дошкольного воспитания ТГПУ им. С Айни, г. Душанбе, ул. Айни 123, тел: 927652211.

Information about the author: Khalifaeva Nasiba Rafiqovna assistant of the Department of Pedagogy, Psychology and methods of Preschool Education,TSPU named after S. Ayni 123, phone: 927652211

БОБОЁРОВ Х. Х.

ОМИЛҲОИ ТАЪСИРРАСОН БА РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ ОЛИИ АСАБИ КӮДАК

Оила муҳите мебошад, ки барои рушди фаъолияти олии асаби (минбаъд ФОА) кӯдак шароит фароҳам оварда, яке аз омилҳои таъсиррасон тавсиф дода мешавад. Аввалин чизе, ки оиларо ҳамчун омили таълим ва тарбия тавсиф мекунад, муҳити аз ҷиҳати психологӣ солими он мебошад, ки дар он ҳаёт ва фаъолияти минбаъдаи кӯдак ба танзим дароварда мешавад. Кӯдак аллакай аз овони тифлӣ ҳамчун мавҷудияти биологӣ-иҷтимоӣ ташаккул меёбад ва муҳити оилавӣ барои ӯ на танҳо шароит, балки манбаи рушд низ ба ҳисоб меравад. Муносибати кӯдак бо муҳити иҳотакарда такмил ёфта, бо роҳи азхуд намудани донишҳо ва дарк намудани моҳияти онҳо ба инкишофи психикии ӯ, яъне пеш аз ҳама ба рушди ФОА-и ӯ мусоидат мекунад.

Бешубҳа аз таъкидҳои ҳамешагии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маврид ба ёдоварист, ки чунин иброз карда мешавад: «Дар татбиқи сиёсати иҷтимоию фарҳангии давлатии Тоҷикистон се омили асосӣ – ҷомеа, мактаб ва оила бояд дар ҳамбастагии зич фаъол дошта бошанд, то ки насли наврасу ҷавони кишвар дар руҳияи ватандӯстӣ, хештаншиносии миллӣ ва таҳаммулу мадоро тарбият ёбанд».

Муҳити оилавӣ барои кӯдак на танҳо ҷойи таваллуд ва зист, балки омили ташаккулдиҳандаи ФОА мебошад. Ҳарчанд агар дар аввал ӯ аз ҷиҳати рушди ФОА қафомонда бошад ҳам, дар он ҷо ӯ афроди наздике дорад, ки ӯро мефаҳманд ва ба ҳамон тарзе ҳаст қабул мекунанд. Маҳз дар муҳити оилавӣ кӯдак дар бораи олами атроф дониш мегирад ва бо неруи баланди маданию маърифатии падару модар соҳиби на танҳо донишҳои асосӣ, балки ФОА-и ташаккулёфтаи худ мегардад. Дигар омили таъсиррасон дар ташаккули психикаи кӯдак мувофиқати ҳиссиёт мебошад. Агар дар оила ҳамоҳангии ҳиссиёт вуҷуд надошта бошад, пас дар чунин оилаҳо рушди ҳамаҷонибаи кӯдак мураккаб ва таълиму тарбияи оилавӣ ба муҳити носозгор табдил мегардад.

Яке аз омилҳои ташаккулдиҳандаи ФОА- кӯдак оила бошад, дигар омилҳо ҳамчун ҷомеа ва давлат шарҳ дода мешаванд. Дар ҳар се ниҳод ҳар қадар муносибатҳо беҳтар ва дӯстона бошанд, натиҷаи таълим, тарбия, ахлоқ, фаъолият ҳамон қадар баланд мешавад. Агар оила ба равандҳо ва натиҷаҳои ташаккули шахсият чунин таъсири қавӣ дошта бошад, пас ҷомеа ва давлат дар ташкили дурусти таълиму тарбия саҳми худро мегузоранд. Муносибат бо волидон дар кӯдакон вазъи устувори зиндагӣ, ҳисси боварӣ ва эътимодро ба вуҷуд меорад.

Аз ҳама бештар омили таъсиррасон муҳити оилавӣ ба шумор рафта, дар рушди ФОА-и кӯдак бо чунин самтҳо шарҳ дода мешавад:

1. Оила ҳисси бехатариро тавассути таъмини ҳифзи кӯдак ҳангоми муносибат бо олами беруна, омӯхтани роҳҳои нави озмоиш ва вокуниш ба он таъмин мекунад.

2. Кӯдакон аз волидайни худ рафтори муайянеро бо роҳи азхудкунӣ ва тақлидкорӣ меомӯзанд.

3. Волидон сарчашмаи таҷрибаи зарурии ҳаёт мебошанд.

4. Волидон ба рафтори кӯдак тавассути ташвиқ ё маҳкум кардани як намуди рафтор, инчунин бо усули огоҳӣ ва ё ҳавасмандкунӣ таъсир мерасонанд.

5. Муошират дар оила ба кӯдак имкон медиҳад, ки ақидаҳо, меъёрҳо, муносибатҳо ва андешаҳои шахсии худро ташаккул диҳад. Рушди кӯдак аз он вобаста хоҳад буд, ки дар оила ба ӯ чӣ гуна шароити хуби муошират фароҳам оварда шудааст.

Тарбияи оилавӣ низ доираи васеи таъсиррасонӣ дорад: он дар тамоми ҳаёти инсон идома меёбад, дар ҳар як вақти рӯз ба амал меояд. Кӯдак таъсири судманди (ё манфии) онро ҳатто ҳангоми дур буданаш аз хона эҳсос мекунад.

Оила як фазои муайяни ахлоқию психологӣ буда, барои кӯдак мактаби аввалини муносибат бо одамон мебошад. Маҳз дар оила тасаввуроти кӯдак дар бораи некиву бадӣ, одоб, эҳтиром ба арзишҳои моддию маънавӣ ташаккул меёбад. Бо одамони наздик дар оила кӯдак ҳисси муҳаббат, дӯстӣ, вазифа, масъулият, адолат ва ғайраҳоро дар худ тақвият медиҳад.

Дар ташаккули шахсияти кӯдак ҳама чиз гуфтор, рафтор, тарзи либоспӯшӣ, тарзи муошират бо иҳотакардагон ва ғайра хеле муҳим дониста мешавад. Баъзан зиддиятҳои байни фарзандон ва падару модарон ошкоро зоҳир мегарданд, баъзан ба онҳо чандон аҳамият намедиҳанд. Аксар вақт мо бо ҳамин мушкилот дучор меоем: ба бачаҳо дар бораи тарзи рафтор ҳарф мезанем, ба онҳо маслиҳатҳои муфид медиҳем, онҳоро аз хатоҳо огоҳ мекунем ва дар охир натиҷаҳои баръакс мегирем. Сабаб дар ин ҷо чист? Шояд ин аст, ки рафтори мо на ҳамеша ба он чизе, ки дар бораш мегӯем, мувофиқат мекунад? Дар ҷавоб гуфтан мумкин аст, ки кӯдакон шоҳиди доимии зуҳуроти рафтору кирдори волидайни худ мебошанд.

Яке аз мушкилоти рӯзмара ва ҳамчун омилҳои асосие, ки дар ташаккули шахсияти кӯдак монеаҳо эҷод мекунад, ин тақлиди падидаҳои номатлуби наврасон аз қабили оворагардӣ ва ба ҳуқуқвайронкунӣ даст задани онҳо аз ҷониби ҳамсолонашон мебошад ва ин боиси коста гаштани тарбияи оилавӣ мегардад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки бо вуҷуди кӯшишҳои зиёди мутахассисони соҳа самаранокии раванди таҳсилот омӯхта шуда, муайян гардид, ки дар аксар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ он қонеъкунанда набуда, бо сабаби омилҳои гуногун махсусан оворагардӣ ва ба ҳуқуқвайронкунӣ даст задани наврасон мушоҳида мегардад.

Дар таҳқиқот аҳамият ва нақши оила ба ташаккули шахсияти кӯдак мавриди омӯзиш қарор дода шуд. Ба таҳқиқот 34 нафар омӯзгорон (роҳбарони синфҳо ва муовини директор оид ба тарбия), 30 нафар хонандагони зинаи таҳсилоти умумии асосӣ, 21 нафар падару модарони онҳо ва наврасони аз 9 то 15-солаи Мактаби махсуси ҷумҳуриявии ш.Душанбе фаро гирифта шуданд.

Мавриди зикр аст, ки яке аз роҳҳои пешгирии падидаҳои оворагардӣ ва ба ҳуқуқвайронкунӣ даст задани наврасон дар раванди ҳамкории оила ва муассисаҳои таълимӣ, маҷлиси падару модарон, суҳбатҳои фардии омӯзгорон (роҳбарони синфҳо) бо падару модарон, ҷоннок намудани фаъолияти психолог дар муассисаи таълимӣ ва бо ин роҳ наврасонро ба самти ватанпарстию хештаншиносӣ ҳидоят кардан мумкин аст. Роҳбари синф ба воситаи рӯзномаи хонандагон, ки тавсифи кӯтоҳи натиҷаи фаъолияти таълимии хонандагонро инъикос мекунад, мунтазам бо оила робита барқарор менамояд. Кумитаи падару модарон ба аъзои оила корҳои тарғиботӣ бурда, онҳоро ба ҳаёти мактаб ва синф ҷалб мекунанд. Психологи мактаб ҳангоми ошкор гардидани рафтори номатлуб дар хонандагон дар мавриди пешгирӣ намудани он байни волидон, омӯзгорон, роҳбарони синф ва худи хонандагон ҳамкории судманд ба роҳ мемонад.

Дар мавриди омилҳои асосии оворагардӣ ва ба ҳуқуқвайронкунӣ даст задани ноболиғон бо хонандагон, волидайн, омӯзгорон ва дигар шахсони масъул дар муассисаҳои таълимӣ пурсишнома гузаронида шуд ва ба таври зерин назари онҳоро дар ҷадвалҳо овардем.

Назари хонандагон дар бораи "Омилҳои оворагардӣ ва ба ҳуқуқвайронкунӣ даст задани ноболиғон" чунин дарҷ ёфтааст:

Ҷадвали 1.

	Саволҳо	**Омилҳо (сабабҳо)**
1	Ба оворагардӣ, ҳуқуқвайронкунӣ ё қонуншиканӣ майл кардани наврасон чӣ сабаб шуда метавонад?	таъсири атрофиён ва истифодаи бемавриди телефонҳои мобилӣ, махсусан шабакаҳои иҷтимоӣ, асабоният
2	Наврасони ба оворагардӣ, ҳуқуқвайронкунӣ ё қонуншиканӣ майлдошта бештар ба чӣ даст мезананд?	дуздӣ, авбошӣ, муноқиша, муносибати дағалона ба атрофиён
3	Сабаби низоъи байниҳамсинфон, ҳамсолон, байнимактабӣ чӣ шуда метавонад?	муносибати номатлуби баъзе аз омӯзгорон
4	Ба фикри шумо кӣ роҳи ҳалли падидаи оворагардӣ, ҳуқуқвайронкунӣ ё қонуншиканиро гирифта метавонад?	дахолати тамоми ҷомеа дар якҷоягӣ
5	Роҳҳои ҳалли падидаи оворагардӣ, ҳуқуқвайронкунӣ ё қонуншиканиро дар чӣ мебинед?	танҳо ба таҳсил фаро гирифтани наврасон,

Назари падару модарон дар бораи “Омилҳои оворагардӣ ва ба ҳуқуқвайронкунӣ даст задани ноболиғон” чунин дарҷ ёфтааст:

Ҷадвали 2.

	Саволҳо	**Омилҳо (сабабҳо)**
1	Ба оворагардӣ, ҳуқуқвайронкунӣ ё қонуншиканӣ майл кардани наврасон чӣ сабаб шуда метавонад?	беназоратӣ, шароити пасти зиндагӣ, вайроншавии оила, муҳити иҷтимоӣ
2	Наврасони ба оворагардӣ, ҳуқуқвайронкунӣ ё қонуншиканӣ майлдошта бештар ба чӣ даст мезананд?	дуздӣ, авбошӣ, муноқиша,
3	Сабаби низоъи байниҳасинфон, ҳамсолон, байнимактабӣ чӣ шуда метавонад?	суханони қабеҳ, коста гаштани назорати волидайн
4	Ба фикри шумо кӣ роҳи ҳалли падидаи оворагардӣ, ҳуқуқвайронкунӣ ё қонуншиканиро гирифта метавонад?	волидайн, маъмурияти мактаб, сохторҳои қудратӣ
5	Роҳҳои ҳалли падидаи оворагардӣ, ҳуқуқвайронкунӣ ё қонуншиканиро дар чӣ мебинед?	ҳамкории байни волидайн бо омӯзгорон,

Назари омӯзгорон дар бораи “Омилҳои оворагардӣ ва ба ҳуқуқвайронкунӣ даст задани ноболиғон” чунин дарҷ ёфтааст:

Ҷадвали 3.

	Саволҳо	**Омилҳо (сабабҳо)**
1	Ба оворагардӣ, ҳуқуқвайронкунӣ ё қонуншиканӣ майл кардани наврасон чӣ сабаб шуда метавонад?	беназоратӣ, шароити пасти зиндагӣ, тарбияи нодуруст, бесаводӣ, нописандии волидайн, худнамоишдиҳӣ, ҳисси бадбинӣ нисбат ба атрофиён, миёни дигарон худро лидер эҳсос кардан
2	Наврасони ба оворагардӣ, ҳуқуқвайронкунӣ ё қонуншиканӣ майлдошта бештар ба чӣ даст мезананд?	дуздӣ, авбошӣ, муноқиша, дарсгурезӣ, ба бозиҳои компютерӣ бештар машғул гаштани наврасон,
3	Сабаби низоъи байниҳасинфон, ҳамсолон, байнимактабӣ чӣ шуда метавонад?	суханони қабеҳ, коста гаштани назорати волидайн, таҳқири байни ҳамсолон, таъсири наврасону ҷавонони синфҳои болоӣ
4	Ба фикри шумо кӣ роҳи ҳалли падидаи оворагардӣ, ҳуқуқвайронкунӣ ё қонуншиканиро гирифта метавонад?	волидайн, маъмурияти мактаб, сохторҳои қудратӣ
5	Роҳҳои ҳалли падидаи оворагардӣ, ҳуқуқвайронкунӣ ё қонуншиканиро дар чӣ мебинед?	ҳамкории байни волидайн бо омӯзгорон

Дар робита бо андешаҳои наврасон, волидон, омӯзгорон ва шахсони масъул дар оила душвориҳо, зиддиятҳо ва камбудиҳои муайяни таъсири тарбиявиро низ ошкор кардан мумкин аст. Омилҳои манфии маъмултарини тарбияи оилавӣ чунин муайян карда шуданд:

- таъсири ғайричашмдошти омилҳои моддӣ дар оила: зиёдатӣ ё набудани ашё, афзалияти некӯаҳволии моддӣ нисбат ба талаботи маънавии шахси инкишофёбанда, номутобиқатии ниёзҳои моддӣ ва имкониятҳои қонеъ гардонидани онҳо, нозпарварӣ, бадахлоқӣ, нобаробарӣ ва набудани тартиботи иқтисодӣ дар оила;
- нарасидани маънавиёти волидон, майл надоштан ба рушди маънавии фарзандон;
- авторитаризм ё «либерализм», бечазоӣ ва бахшидан;
- бадахлоқӣ, мавҷудияти рафтори ғайриқабул ва тарзи нодурусти муносибатҳо дар оила;
- мавҷуд набудани фазои солими психологӣ дар оила;
- фанатизм дар ҳама гуна зуҳурот;
- набудани дониши педагогӣ, рафтори номуносиби калонсолон.

Ташаккули шахсияти кӯдак дар оила мушкилоти асосии психология ва педагогика ба ҳисоб меравад. Як қатор омилҳое низ мавҷуданд, ки ба рушди шахсияти кӯдак таъсир

мерасонанд. Кӯдаке, ки муҳаббати волидонро надидааст, бепарво, хашмгин, нисбат ба ҳиссиёти одамони дигар бетаваҷҷуҳ, дар гурӯҳи ҳамсолон ғаразнок, ҷанҷолӣ ва баъзан дамдузд, беқарор ва аз ҳад зиёд шармгин ба воя мерасад. Кӯдаки дар фазои аз ҳад зиёд муҳаббат, эҳтиром ва нозук ба воярасида, хислатҳои худхоҳӣ, вайронкорӣ, такаббурӣ ва риёкориро пешаи худ мекунад. Чунин падидаҳоро аз натиҷаи таҳқиқоти Мактаби махсуси ҷумҳуриявии ш.Душанбе ошкоро мушоҳида кардан мумкин аст.

Ҷадвали 4.

Натиҷаи таҳқиқот аз Мактаби махсуси ҷумҳуриявии шаҳри Душанбе

	Саволҳо	**Ҷавобҳо**		
1.	Ҳолати зиндагии Шумо чӣ гуна аст?	Бад (2)	Хуб (36)	Олӣ (3)
	1а) Хона доред?	Ҳа (29)	Не (12)	
	1б) Падаратон ҳаст?	Ҳа (6)	Не, вафот карданд (7)	Не аз мо ҷудо зиндагӣ мекунанд (28)
	1в) Модаратон ҳаст?	Ҳа (35)	Не, вафот карданд (2)	Не аз мо ҷудо зиндагӣ мекунанд (4)
	1г) Бародар ва хоҳар доред?	Ҳа (41)	Не ()	
	1д) Дар оилаатон чанд нафаред?	1 нафар ()	2 нафар (3)	Зиёда аз 3 нафар (38)
	1е) Шумо фарзанди чандумед?	Аввалӣ (2)	Мобайнӣ (24)	Охирин (15)
2.	Волидони Шумо маълумоти олӣ доранд?	Падар - Ҳа (1)	Модар - Ҳа (3)	
3.	Волидони Шумо ба чӣ кор машғуланд?	Падар: Усто: (1) Деҳқон (1) Савдо (12) Дар маҳбас (3) Муҳоҷир (8)		Модар: Хонашин (24) Савдо (23) Бекор (14) Муҳоҷир (5)
4.	Волидони Шумо ба дидорбини меоянд?	Ҳа (29)	Не ()	
	4а) Кадомаш бештар?	Падар: (3)	Модар: (29)	
5.	Саробони оилаи Шумо кист?	Падар: (18)	Модар: (21)	
	5а) Каси дигар аст?	Бобою бибӣ: (2)		
6.	Шуморо барои чӣ ба Мактаби махсус оварданд?	Дуздӣ: (2) Авбошӣ: (1) Муноқиша бо ҳамсолон: (3) Оворагардӣ (8) Сабаби дигар (бо сабаби пош хурдани оила ё носолимии оила): (12)		
7.	Сабаби ба ин амал даст задани Шумо чӣ буд?	Ба мактаб нарафтан (3) Шароити вазнини зиндагӣ: (17)		
8.	Шуморо чӣ ба ин водор кард?	Танқисии зиндагӣ: (16) Таъсири муҳит (ҳамсолон, рафиқон): (2) Таъсири тамошои филмҳо ё бозиҳои компютерӣ: (7) Таъсири амали падар ё модар: (2) Сабаби дигар: (3) Намедонам: (5)		
9.	Шумо нисбат ба кори кардаатон чӣ фикр доред?	Ба ақидаатон устуворед: () Таассуф мехуред: (29) Аҳамият надорад: (1)		
10.	Агар айни замон Шуморо аз мактаб ҷавоб диҳанд, чӣ кор мекардӣ?	Таҳсилро давом медиҳам (9) Кӯмак ба волидайн (3) Савдогарӣ (16)		
11.	Дар оянда кӣ шудан мехоҳӣ?	Омӯзгор: (1) Усто: (2) Савдогар (18)		

Раванди таълим ҳар сония сурат мегирад. Ҳамеша суханони А.С. Макаренко «Рафтори худи шумо барои кӯдак чизи аз ҳама беш ҳалкунанда аст» мавриди таваҷҷуҳи муҳақиқон қарор мегирад. Кӯдак як варақи холиест, ки барои пур кардан омода аст. Кӯдак ҳар сония ба шумо нигоҳ мекунад, маълумотеро аз худ мекунад, ки шумо дар рафтори худ онро зоҳир мекунед.

Дар ҳолате, ки муносибати наврас бо падару модар хуб нест, ӯ ҳатман зери таҳқир ва фишори хонавода қарор мегирад ва самаранокии фаъолияти таълимӣ паст мегардад. Вақте ки хонанда дар раванди фаъолияти таълимӣ фаъол нест, мунтазам тартиботи дохилии муассисаро вайрон карда, метавонад зери фишори омӯзгорон ва умуман ҷомеаи омӯзгорӣ қарор гирад, дар назди хамсолон мавқеи иҷтимоияшро аз даст диҳад. Дар натиҷа ба оворагардӣ, ҳуқуқвайронкунӣ ва дигар падидаҳои номатлуб рӯ меорад.

МУШКИЛОТ:

1. Омӯзгор барои таъмини зиндагии худ ва зиёд намудани маошаш соати дарсиро зиёд гирифта, фурсати кори тарбиявӣ бо хонандагон пайдо намекунад.

2. Яке аз волидон ва ё ҳар ду ба кор ё муҳоҷират баромада, фарзандонро беназорат мегузоранд ва онҳо аз фурсат истифода бурда, ба ҳар корҳои номақбул даст мезананд, ки ин хеле ташвишовар аст.

3. Наврасон бо роҳи додани маблағи муайян, ширинихо, туҳфаҳо омӯзгоронро мутаҳам месозанд ва дар навбати худ омӯзгор низ назорати худро аз болои он наврасон аз даст медиҳад. Ҳангоми дидани рафтори ноҷо аз ҷониби наврасон омӯзгорон худро бетараф мегиранд.

4. Аз рӯйи таҳлилҳо маълум аст, ки рафти дарсазхудкунии фарзандон аз ҷониби волидон назорат карда намешавад, чунки бисёр вақт рӯзномаҳои хонандагон бетафтиш ва беимзо боқӣ мемонанд.

5. Ҳолатҳое ба чашм мерасанд, ки дар маҷлисҳои синфӣ ва кумитаи падару модарон ягон волидон ширкат намеварзад, яъне бефарқии волидон нисбат ба фарзандони худ хеле зиёд гаштааст.

6. Таҳлилҳо нишон додаанд, ки бинобар дар муассисаҳои таълимӣ фаъолият накардани психологони касбӣ дар муносибати байниҳамдигарӣ миёни падару модар ва омӯзгорон гуногунандешӣ ва номувофиқатиҳо ҷой доранд.

7. Имрӯзҳо наврасон бештар ба ихтиёри худ гузошта шудаанд.

8. Бо сабаби афзоиши муҳоҷирати меҳнатӣ коҳишёбии ҳамкорӣ миёни оила ва муассисаҳои таълимӣ мушоҳида мегардад.

ХУЛОСА

1. Оила ниҳоди пайвастгари натанҳо биологӣ ва иҷтимоӣ, балки фардӣ ва ҳаёти ҷамъиятии одамон аст, ки ҳамчун сарчашмаи маънавии арзишҳо, воридшавии иҷтимоӣ, меъёри рафтор дар муносибат хизмат мекунад.

2. Оила зинаи аввал, муассисаи таълимӣ зинаи дуюм ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамчун пойгоҳи ниҳоие мебошанд, ки кишварро барои расидан ба ҳадафҳои миллӣ таъмин менамоянд.

3. Баланд бардоштани сатҳу сифати таълиму тарбия, ба насли наврас омӯзонидани донишҳои муосир аз ҳамкориҳои судманди падару модарон бо мактаб ва омӯзгорони дилсӯзу масъулиятшинос вобаста аст.

4. Албатта, омилҳои дигаре ҳастанд, ки ба рушду ташаккули инсон ва махсусан ба рушди фаъолияти олии асаби ӯ мусоидат мекунанд – муҳити зист, муҳити таълим, муҳити фароғат. Ҳамин тариқ, оила муҳимтарин муҳити ташаккули шахсият ва муассисаи тарбия мебошад ва дар ин бобат оила вазифаи бартарӣ дорад.

АДАБИЁТ:

1. *Алешина Ю. Е.* Цикл развития семьи: исследование и проблемы // Вестник Моск. Унта. Сер. 14. Психология. 1987. № 2.
2. *Андреева Т. В., ТолстоваА. В.* Темперамент супругов и совместимость в браке //Анань-евские чтения-2001. Тез. научн. конф. СПб; СПбГУ, 2001.
3. *Арнаутова Е. П.* Стабильность семьи, основанной на повторном браке // Семейная психология и семейная психотерапия. № 2. 1997.
4. *Кедам А., Эббер И.* Причины конфликтных ситуаций в семье. Человек после развода. Вильнюс, 1985.

5. *Ковалев С. В.* Подготовка старшеклассников к семейной жизни: тесты, опросники, ролевые игры: Кн. для учителя. М.: Просвещение, 1991.
6. *Сатир В.* Как строить себя и свою семью. М.: Педагогика-пресс, 1992.
7. *ХарчевА. Г., Мацковский М. С.* Современная семья и ее проблемы. М., 1978.

ОМИЛҲОИ ТАЪСИРРАСОН БА РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ ОЛИИ АСАБИ КӮДАК

Муҳити оилавӣ барои кӯдак на танҳо ҷойи таваллуд ва зист, балки омили ташаккулдиҳандаи ФОА мебошад. Ҳарчанд агар дар аввал ӯ аз ҷиҳати рушди ФОА қафомонда бошад ҳам, дар он ҷо ӯ афроди наздике дорад, ки ӯро мефаҳманд ва ба ҳамон тарзе ҳаст қабул мекунанд. Маҳз дар муҳити оилавӣ кӯдак дар бораи олами атроф дониш мегирад ва бо нерӯи баланди маданию маърифатии падару модар соҳиби на танҳо донишҳои асосӣ, балки ФОА-и ташаккулёфтаи худ мегардад.

Калидвожаҳо: *фаъолияти олии асаб, маърифат, таълим, тарбия, оила, кӯдак, рушд, ташаккул, мушкилот, муҳити оилавӣ, дониш, омил, маданият, муҳит, фаъолнокӣ.*

ВЛИЯЮЩИЕ ФАКТОРЫ К РАЗВИТИЮ ВЫСШЕЙ НЕРВНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ РЕБЁНКА

Семейная среда является не только местом рождения и проживания для ребенка, но и фактором формирования ВНД. Даже если вначале он отстает в плане развития интеллектуального развития, там у него есть близкие люди, которые его понимают и принимают таким, какой он есть. Именно в семейной среде ребенок познает окружающий мир, а при высокой культурно-познавательной силе родителей приобретает не только базовые знания, но и у него развивается ВНД.

Ключевые слова: *высшая нервная деятельность, познание, обучение, воспитание, семья, ребенок, развитие, формирование, проблема, семейная среда, знание, фактор, культура, среда, активность.*

INFLUENCING FACTORS TO THE DEVELOPMENT OF HIGHER NERVOUS ACTIVITY IN CHILD

The family environment is not only the place of birth and residence for the child, but also a factor in the formation of HNA. Even if at first he lags behind in terms of the development of intellectual development, there he has close people who understand him and accept him as he is. It is in the family environment that the child learns the world around him, and with the high cultural and cognitive power of his parents, he acquires not only basic knowledge, but also develops HNA.

Keywords: *higher nervous activity, cognition, education, upbringing, family, child, development, formation, problem, family environment, knowledge, factor, culture, environment, activity*

Маълумот дар бораи муаллиф: Бобоёров Х.Х ходими калони илмии шуъбаи таҳсилоти олии касбӣ ва баъдаздипломии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, - Email – Kholmahmad_29@mail.ru; - Tel.number - +992900839283

Сведения об афтора: Бобоёров Х.Х Старший научный сотрудник отделения высшего профессионального и последипломного образования Института развития образования имени А.Джоми при Академии образования Таджикистана, - Email – Kholmahmad_29@mail.ru; - Tel.number - +992900839283

Information about author: Boboyorov Kh.Kh Senior Researcher of the Department of Higher Professional and Postgraduate Education of the Institute of Development of Education named after A. Jomi at the Academy of Education of Tajikistan, - Email – Kholmahmad_29@mail.ru; - Tel.number - +992900839283

ЁРАҲМАДОВА А.С.
САИДЗОДА Б.Х.

АҲАМИЯТИ ҲИССИ ДИЛБАСТАГИИ КӮДАК БА МОДАР ДАР ОИЛА

Вазифаи ниҳоят муҳимму марказӣ барои оила ин фароҳамсозӣ ва нигоҳдории шароитҳои хубу муносиби психологӣ барои ҳар як аъзои хонавода аст. Ин муҳити психологӣ имкон медиҳад, ки аъзои оила дар шароити муътадили иҷтимоӣ ба воя расанд. Пештар оила зимни муносибатҳои хешовандӣ туфайли пайванди зичии кӯдакон ва падару модар устувор буд, дар ҳоли ҳозир бошад, зиёдтар ба муносибатҳои зану шавҳардорӣ эътибор медиҳанду дар паи устувор гардонидани он мебошанд. Муносибатҳои падару модар ба фарзандон дар дараҷаи дуввум меистоданд, ҳарчанд аҳамияти онҳо ниҳоят бузург аст. Оила барои ҳамаи аъзои он ягона фазое мебошад, ки дар он қисмати зиёди умри ҳар яки аз онҳо мегузарад. Ин гурӯҳи хурд нест, балки гурӯҳе мебошад, ки ҳар яке кӯшиши қонеъ намудани талаботи худро менамояд ва ҳамзамон бо дигар аъзои оила муносибати зич дорад.

Натиҷаи муносибат ва муҳити психологии оилавӣ мебошад, ки рафтор дар шаклҳои гуногун ифода меёбад. Баъзе одамон дар ҳаёт ниҳоят зиёд асабӣ ноором ва дар муносибат бо аксарият дағал мешаванд, қисмати дигари одамон бошанд, новобаста аз таъсири атрофиён тамоман баръакс ором, ботамкин, суботкору боандеша мешаванд ва дар муносибат бо дигарон роҳи дурусти барқарор намудани робитаи корӣ ва дӯстиро барқарор карда метавонанд. Ин махсусиятҳои психологии одам аз тарбия ва тарзи муносибати волидон нисбат ба кӯдак дар оила вобастагӣ дорад. Агар ба ин масъала аз нуқтаи назари психологияи аналитикӣ низдик шавем, пас маълум мегардад, ки навзоди одам тарзи муносибатро дар оила аз волидони худ ёд мегирад. Ҳар як амалу рафтори волидон дар вуҷуди кӯдак осори муайяни худро гузошта, минбаъд рафтори кӯдак ба шакли муайян ташаккул меёбад. Навзоди инсон аз ибтидои ба дунё омаданаш рафторҳои хосае дорад, ки такондиҳандаи муносибати муҳим ба шумор меравад, ин муносибат ҳамагӣ дар байни навзод ва модар ба амал меояд, ки ин рафторро рафтори дилбастагӣ меноманд.

Заминаи муътадили дилбастагӣ ҳангоме ба амал меояд, ки агар дар байни волидон пайвастагии меҳру муҳаббат ва якдигарфаҳмию муносибатҳои самимона вуҷуд дошта бошанд. Дилбастагии модар ба кӯдак ба таври хосса дар бисёр сарчашмаҳо баррасӣ гардидааст ва бар он ақида омада расидаанд, ки осори он дар тамоми марҳилаи ҳаётии одам ба назар мерасад.

Бояд қайд намуд, ки муносибати падар ва модар бо фарзандон вобаста ба табиати биологиашон фарқ мекунад. Аз муҳаққиқони муосир Эрих Фромм тафовуту махсусиятҳои муҳаббати модар ва падарро хеле равшан тасниф кардааст: “Муҳаббати модар – ин ҳаловат, ин осоиш аст, барои он хизмат кардан, ба он сазовор шудан лозим нест” [2; 30:]. Дар ин ҷо муҳаққиқ на танҳо хусусиятҳои муҳаббати модариро муайян намудааст, инчунин яке аз стереотипҳоеро, ки оиди муҳаббати модар дар зеҳни мардум мавқеи хеле устувор дорад, ошкор менамояд ва ба решаи он табар мезанад. Зан ё модари биологӣ будан на ҳамеша кафолати мавҷудияти муҳаббати модарист. Мавҷудияти муҳаббати модарӣ пеш аз ҳама нишондиҳандаи равшани омодагии эмотсионалии зан барои модар шудан аст.

Ғаризавӣ будани муҳаббати модар ҳамчунон боиси он мешавад, ки муҳаббати модар ба фарзанд ҳанӯз то таваллуди тифл бедор мешавад ва то охири умри худи модар побарҷой мемонад. Вале муҳаббати падар бештар ба мансубияти ин тифл ба худи падар ва дарачаи комёбии иҷтимоии фарзанд вобаста аст. Аз ин ҷо бар меояд, ки муносибати модар ба фарзанд заминаи асосии рушди минбаъдаи кӯдакро муайян мекунад.

Махсусан, ҳиссиёт ва эмотсияе, ки модар дар замони навзодии тифл ифода менамояд барои рушди ҳаматарафаи кӯдак замина мегузорад. Чунин ҳолатро дар адабиёти илмӣ бо мафҳуми дилбастагӣ истифода мебаранд.

Дилбастагӣ дар ҳаёти кӯдак аҳамияти хосае дорад. Кӯдак маҳс ба воситаи дилбастагӣ ба модар талаботҳои моддӣ ва маънавии худро қонеъ мегардонад. Дар ин робита типпи муносибати эмотсионалии модар ба кӯдак ҳаёт ва фаъолияти минбаъдаи ӯ бевосита таъсир мерасонад. Модар ва умуман калонсолон имконият доранд, ки бевосита муҳаббати худро ба кӯдакон диҳанд ва ҳисси дилбастагӣ, қабул кардан, гармии эмотсионалӣ ва умуман муносибати мувофиқро барои ояндаи ӯ барқарор созад, аммо кӯдак интихоб карда наметавонад, маҳс муносибати эмотсионалии шахли махсуси дилбастагиро дар кӯдак ба вуҷуд орада дар рушди ҳаматарафаи ӯ саҳм гузорад.

Дар ин масъала назари дилбастагии психологони кӯдакона Ҷон Боулбӣ ва Д. Виникота бисёр мувофиқ меояд. Ба андешаи олимон муносибати кӯдак ба модар дар пояи ҳисси дилбастагӣ асос меёбад. Ин қобилият аз таваллуд инкишоф меёбад. Кӯдак ба шахси калонсоле, ки ғамхорӣ мекунад, пайваст мешавад, ин пеш аз ҳама модар аст. Дилбастагии кӯдак ба калонсол дар ҳама ҳолат ба вуҷуд меояд, ҳатто агар калонсол ҳассос ва беэътино бошад ҳам.

Бояд қайд намоем, ки қобилиятҳои минбаъдаи шахс барои эътимод ба худ ва дигарон, дуст доштан ва қабул кардани муҳаббати дигарон, бунёд кардани оилаи хушбахт, эҳсоси некуаҳволии худ, баҳодиҳии кофӣ ва боварӣ дар айёми кӯдакӣ шакл гирифта, ташаккул меёбанд. Ин намуди қобилиятҳо аз муносибати бевоситаи модар нисбати кӯдак вобастагӣ дорад. Ҷон Боулбӣ ва Д. Виникота дар тадқиқоти худ чунин намудҳои дилбастагиро ҷудо

кардаанд, ин масъаларо хуб дарк намуда, махсусияҳои онро дар чунин намудҳои дилбастагӣ пешниҳод намудаанд.

Дилбастагии бехатар: чунин намуди дилбастагӣ дар ҳолате ба амал меояд, ки агар боварии кӯдак ба модар зиёд бошад ва модар бевосита ба кӯдак ёрӣ расонад, ин боварӣ ба кӯдак имкон медиҳад, ки худро бехтар ҳис кунад ва ба омӯхтани ҷаҳони атроф манфиатдор бошад, онҳо лаззати асосиро аз ҳаёт гирифта метавонанд ва ба дигарон вобаста нестанд. Ин намуди кӯдакон чун калонсолон муносибат мекунанд, онҳо бо дигарон бо осонӣ муошират мекунанд ва метавонанд дар танҳоӣ зиндагӣ ва оромиро нигоҳ доранд. Онҳо ба дархости шарики худ бодиқат муносибат мекунанд ва онро ҳамчун таҳдид ва ё уҳдадорӣ қабул намекунанд. Онҳо қодиранд, ки дигаронро дастгирӣ намоянд Истилоҳи муҳаббатро дар зиндагӣ ба маънои аслиаш истифода мебаранд ва муносибати байниҳамиро бо дигарон дурударозу устувор бунёд карда метавонанд.

Дуюм дилбастагии беэътимод ё худдорӣ аз он: ин тарзи дилбастагӣ вақте ба вуҷуд меояд, ки агар амали бавучудовардаи кӯдак аз ҷониби модар бечавоб монад ва талаботҳои кӯдак қонеъ карда нашавад. Дар натиҷа кӯдак ба хулосае меояд, ки хоҳиши ӯ аз ҷониби калонсолон бетаваҷҷуҳ аст ва кушиш мекунад, ки ба ин вазъият мутобиқ шавад. Кӯдак бепарво ва бетафовут ба назар мерасад, аммо ботинан тарси радшавӣ ва ғамгинӣ ба назар мерасад. Чунин одамон аз муносибати наздик ба дигарон худдорӣ мекунанд. Онҳо ба муносибати руякӣ ва зудгузар майл доранд. Онҳо ба худашон боварӣ надоранд, ҳиссиёти худро баён карда наметавонанд. Ингуна одамон аз рад шудан метарсанд аз ин рӯ вонамуд мекунанд, ки ба муҳаббат ниёз надоранд. Онҳо одатан шарики худро бетаваҷҷуҳ ё сард мешуморанд, наметавонанд, ки таҷрибаҳои дигаронро истифода кунанд, ҳангоми ҷудо шудан аз дигарон худашонро сахт азоб медиҳанд.

Дилбастагии ноустувор ё изтиробнок: ин усули дилбастагӣ натиҷаи рафторҳои ғайричашмдошти модар аст. Дар ин намуди дилбастагӣ кӯдак метавонад дағал ва ё нармдил ё ин ки тамоман бепарво шавад. Дар муносибат бо атрофиён метавонад дигаронро ноогоҳонида тарк карда равад. Ин намуди кӯдакон ҳатто дар ҳузури модарашон, аз бегонагон метарсанд, ҳангоми рафтани модарашон хеле ғамгин мешаванд, аммо ҳангоми баргаштани ӯ хурсанд намешаванд, ҳатто баръакс аз онҳо ғамгин мешаванд, зеро дар назди модар худро бехатар ҳис намекунад. Дар синни балоғат ин метавонад ҳамчун як эҳсоси доимии изтироб зоҳир шавад. Дар ин гуна одамон рашку ҳасад дар дараҷаи баланд рушд меёбад ва бо ҳамин гуна ҳиссиётҳо муборизе бурда наметавонад. Аз як тараф бо мушкили зиёд кушиш мекунад, ки бо дигарон муносибатро барқарор намояд, аз тарафи дигар аз вобастагӣ ва ё васвосӣ шудан метарсад.

Дилбастагии эҳтиёткорона: чунин тарзи дилбастагӣ дар кӯдаконе ба вуҷуд меояд, ки бо фуру нишондодани эҳсоси худ одат кардаанд. Онҳо ба шахси калонсол барои кумак ва тасдиқ кардани худ муроҷиат намекунанд. Чунин шахсон аксар вақт аз тарс ва нобоварӣ ҳисси танҳоиро аз сар мегузаронанд. Онҳо аз муносибатҳои наздик метарсанд ва бо дастгирии маънавӣ ниёз доранд. Метарсанд, ки дар муносибат бо дигарон радшуда нашаванд, худбаҳодиҳиашон паст мебошад. Фаҳмидан ва дарк кардани эҳсоси дигарон барои ӯ душвор аст, омодааст, ки худро барои дигарон қурбонӣ кунад, ҳамаи ин ба хотири як дараҷа таваҷҷуҳ ва тасдиқи шарики худ мебошад ва баръакс агар шарикаш инро қабул карда натавонад боиси агрессияи баланд мегардад.

Тадқиқоти Ҷон Болбӣ нишон медиҳанд, ки шахс ҳамон вақт ҷаҳони атрофашро кашф мекунад, агар ҳисси бехатариро ба даст орад. Чунин ҳис дар сурате ба амал меояд, ки агар кӯдак модари меҳрубон дошта бошад [3; с. 74].

Аз таҳлили адабиёти гуногуни илмӣ маълум мегардад, ки дар ин ҷо муҳаббати падару модар ҳиссиёти бешарт аст ва он ҳамеша дар як шакл бокӣ мемонад. Ин ҷо шарҳи мафҳумҳои муҳаббати бешарт ва ҳусни таваҷҷуҳ (муҳаббати бошарт)-ро барои хонанда зарур аст. Муҳаббати бешарт, муҳаббатест, ки инсон шахси мавриди муҳаббаташро чуноне, ки ҳаст бо камбудиву шарофатҳояш мепазирад. Муҳаббати бошарт, ҳусни таваҷҷуҳест, ки дар заминаи ягон хислат ё хусусияти зоҳириву ботинии шахси мавриди таваҷҷуҳ сар мезанад. Дар ҳусни таваҷҷуҳи волидӣ чунин замина метавонад монандии зоҳирӣ, монандии хислату одатҳо, тарзи рафтор ва амсоли ин бошад. Тадқиқот нишон медиҳанд, ки заминаи табиӣ доштани муҳаббати бешарти волидиро кафолат додан душвор аст, он танҳо дар

сурати омодагии равонии падару модаршавандагон, ки аз омилҳои зиёде вобаста аст, ба миён меояд. Вале дар ҳолатҳои маъмулӣ ин муҳаббат дар давраи аввали зиндагии кӯдак дар дили модару падар бедор мешавад ва тақрибан то 3-4 солагияш идома меёбад.

Ҳарчанд падару модар дар аксари забонҳои маълум бо як калима волидон ба ҳам пайваст мешаванд, вале рисолату вазифаҳои онҳо дар тарбияи шахсияти фарзанд ва ташаккули сифатҳои фардии ӯ яксон нестанд.

Моҳияти муҳаббати модар дар фарҳанги инсоният хуб инъикос ёфтааст ва он чун тимсоли беҳтарини муҳаббати бешарт эътироф мешавад. Вале муҳаббати бешарти модарӣ тарафи манфӣ ҳам дорад. Ба он на танҳо сазовор шудан лозим нест – онро ҳамчунон ба даст овардан, ангеза додан ва назорат кардан ҳам имкон надорад. Агар он бошад, пас он ба ҳаловат баробар аст, вале агар набошад, мисли он аст, чизи олиҷанобе аз зиндагӣ рафта бошад ва ман барои офаридани он ягон кор карда наметавонам" [2; с.18].

Дар ҳар сурат, муқаррар шудааст, ки дар муҳаббати модар ҷанбаи ғаризавӣ ва дар муҳаббати падар ҷанбаи иҷтимоӣ нерумандтаранд. Дар муносибат ба тифл ин хусусиятҳо чунин зоҳир мешаванд: модар маъмулан кӯдакро новобаста ба муносибаташ ба падари тифл қабул мекунад ва дӯст медорад. Вале барои падар муносибати ба модари фарзанд доштааш, дар аксари маврид метавонад заминаи муносибати ӯ ба тифл бошад. Яъне агар мард ҳамсарашро дӯст надорад, нисбат ба фарзанди аз ин зан доштааш низ муҳаббат пайдо карданаш мушкил мешавад. Ғаризавӣ будани муҳаббати модар ҳамчунон боиси он мешавад, ки муҳаббати модар ба фарзанд ҳанӯз то таваллуди тифл бедор мешавад ва то охири умри худи модар побарҷой мемонад. Вале муҳаббати падар бештар ба мансубияти ин тифл ба худи падар ва дараҷаи комёбии иҷтимоии фарзанд вобаста аст.

Баяд қайд намоем, ки муносибатҳои байниҳамии падару модар боис мегардад, ки муҳаббат нисбати фарзандон гуногун сурат гирад. Агар кӯдак бо модар монад меҳри падар оҳиста – оҳиста кам шудан мегирад ва агар фарзанд бо падар монад меҳраш нисбати модар кам шудан мегирад. Ин гуна муносибат албатта боиси халалёбӣ дар шахсияти фарзандон мешавад.

Модар фарзандро новобаста ба рафтору муносибаташ қабул мекунаду дуст медорад, аммо муҳаббати падар бавоситааст, яъне агар фарзанд кор ва супоришҳоро иҷро намояд, падар ӯро дуст медорад ва агар иҷро накунад муҳабаташ кам мешавад.

Бояд қайд намоем, ки мушоҳидаҳои психологӣ нишон медиҳанд, ки шаклгирии рафторҳои агрессивонаи маҳз аз овони хурдии кӯдакӣ шакл мегиранд ва кӯдак чунин рафторро аввал ба модар ва минбаъд бо падар нишон медиҳад. Хангоме, ки талаботи ҳиссии кӯдак аз ҷониби модар ва ё ивазкунандаи он қонеъ намешавад, ҷойи онро шидатҳои асабӣ ва агрессия пур мекунад ва минбаъд кӯдак якрав, идоранашаванда, номутаносиб ба воя мерасад, ки минбаъд дар ҷараёни иҷтимоишавӣ душвориҳо ба амал меоянд.

Дар ин масъала олими олмонӣ К.Хорни ба он ақидааст, ки кӯдак аз даврони аввали зиндагӣ ҳамеша дар ҷустуҷӯи амният дар оғӯши дигарон мемонад ва барои ба даст овардани он усули гуногунро истифода мебарад, дар натиҷа ин ҷустуҷуиҳо изтиробнокии ӯ баланд мегардад. Дар ӯ эҳсоси ҷудошудагӣ ва бепаноҳӣ дар як дунёи билқувваи хусуматомез ба вуҷуд меояд. Аз нуқтаи назари Хорн (1937) инсон ба он талош мекунад, ки ин изтироби асосиро аз назари иҷтимоӣ бо суръати ҳаракат ба сӯйи дигарон, ҳаракат бар алайҳи дигарон ва ҷудошудани хеш аз дигарон таскин диҳад. Ин ҳолат ба сурати табиӣ муҷиби иҷтимоъпазирӣ, рақобатгарӣ ѐ шармгинӣ мешавад [1; с. 174].

Бояд қайд намуд, ки назари дилбастагӣ дар ҳаёти кӯдакӣ аз ҷониби муҳаққиқони зиёде мавриди оӯзиш қарор гирифтааст, аммо дилбастагӣ дар синнӣ наврасӣ ва ҷавонӣ нисбатан кам ва ё тамоман мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст ва ё то ҳол тадқиқотеро во нахурдаем, ки ба ин масъала бахшида шуда бошад. Таҳлили таҷрибаҳои хаётӣ ва мушоҳидаҳои психологӣ нишон медиҳанд, ки дилбастагии кӯдак дар даврони навзодиву кӯдакӣ нисбати модар ва минбаъд нисбати падар шакл мегирад, дар наврасиву ҷавонӣ ва калонсолӣ дар ҳаёти одам таъсири бевоситаи худашро мегузорад. Ин аст, ки ҷавонон нисбати ҷинси муқобил дилбастагии зиёдеро нишон медиҳанд ва ба якдигар муносибати наздики ошиқона барқарор менамоянд ҳарчанд муносибатҳои иҷтимоӣ ва орфу одат, маданият ба ҳамдигар таъсир расонанд, ҳам, барои барқарор намудани муносибатҳои оилавӣ ва дигар намуди наздикии ҳисси ба атрофиён муборизa мебаранд.

Хулоса дуруст шаклгирии ҳисси дилбастагӣ дар ҳаёти одам аҳамияти бузург дошта, тақдири минбаъдаи кӯдакро муайян мекунад. Ҳар чи қадаре, ки кӯдак ҳисси дилбастагии солим нисбати модараш пайдо намояд, ҳамон қадар дар зиндагӣ муваффақ мешаваду ба худ ва атрофиён боварӣ ҳосил намуда, дар ҷамъият бо муваффақият кору зиндагӣ карда метавонад, вале агар ҳисси дилбастагӣ дар ҳаёти кӯдак нодуруст шакл гирад ва модар ба шаклгирии солими он муносибати бепарвоёна намояд, дар натиҷаи он кудак ҳамеша изтиробу хатар ва тарсу ҳаросро дар зиндагӣ аз сар гузаронида номуваффақу нотавон мешавад.

АДАБИЁТ:

1. Карен Хорни. Невроз и личностный рост: борьба за самореализатсию. Мастера Психологии (Питер) 1991 520с.
2. Эрих Фромм. Искусство любить. Бесплатная электронная библиотека Royallib. ru.http:// royallib.com/book/fromm_erih/iskusstvo_lyubit.html.С.18
3. Ҷон Болби. Назарияҳои дилбастагӣ. Тарҷумаи Катоюни Хушобӣ ва Илҳоми Абуҳамза. Нашри – Теҳрон: Донже. 2006.74с
4. Шаҳроми Воҳидӣ. Самонии Муродӣ. Робитаи сабкҳои дилбастагии падар ва модар бо созгории ҳаяҷонӣ, рафтори иҷтимоӣ дар донишҷӯёни ғайрибумӣ. //Маҷаллаи илмӣ-пажӯҳишии Усули беҳдошти равонӣ. -Теҳрон, 2009.

АҲАМИЯТИ ҲИССИ ДИЛБАСТАГИИ КӮДАК БА МОДАР ДАР ОИЛА

Дар ин мақола муаллифон дар бораи аҳамияти дилбастагии кӯдак ба модар маълумоти муҳимро ҷамъ овардаанд. Ҳисси дилбастагӣ дар ҳаёти кӯдак хеле муҳим аст ва он метавонад ба ҳаёти минбаъдаи кӯдак нақши муҳим ва таъсирнокро расонад. Оид ба ҳисси дилбастагии кӯдак ба модар муҳаққиқони зиёд кор кардаанд ва аз ҳама муҳими онҳо назарияи олимони хориҷӣ мебошад. Муаллифон дар мақолаи худ аз назарияи дилбастагии Дҷон Боулби ва Д.Виникота ба таври васеъ истифода бурдаанд. Дар тадқиқотҳои онҳо муносибати эмотсионалии модар ва кӯдак бо воситаи таҷрибаҳои гуногун ошкор карда шуд.

Инчунин муаллифон аз назарияи маъруфи психологи хорича Э.Фромм истифода намудаанд. Дар ин назария оиди муҳаббати бавосита ва бевоситаи волидон нисбати фарзандон оварда мешавад. Чунин қайд мекунанд, ки муҳаббати модар бевоситааст ва он бояд некуаволии кудакро таъмин кунад ва ба саломатии психологии одам таъсири хуб расонад. Муаллифони мақола қайд мекунанд, ки падар ва модар барои ба вуҷуд овардани муҳити солими психологии оила кушишҳои зиётро анҷом медиҳанд. Масъулияти мард-ин ба вуҷуд овардани шароити оила ва масъулияти модар- ин қонеъ намудани ҳисси дилбастагии кӯдак ба модар. Ҳамсарони ҷавон бояд ин махсусиятро донанд ва онро дар ҳаёти оилавиашон истифода баранд.

Калидвожаҳо: *Оила, модар, кӯдак, ҳисси дилбастагӣ, муҳаббати модарӣ, гаризаи табиӣ, бехатарии устувор, дилбастагии ноустувор, дилбастагии номувозинат ва ё изтиробнок, дилбастагии боэҳтиёт, муҳаббати бавосита ва бевосита.*

ЗНАЧЕНИЕ ПРИВЯЗАННОСТИ РЕБЕНКА К МАТЕРИ В СЕМЬЕ

В этой статье авторы собрали важную информацию о важности привязанности ребенка к матери. Чувство привязанности в жизни ребенка чрезвычайно важно и может сыграть важную роль в его влиянии на дальнейшую жизнь ребенка. Над привязанностью ребенка к матери работали многие авторы, и наиболее важными являются теории привязанности зарубежных ученых. При написании статей авторы широко использовал известную теорию Дж. Боулби и Д. Виникота. Эти исследователи показали важность эмоциональных отношений между матерью и ребенком, проводя различные тесты.

Следует отметить, что авторы статьи также использовали известную теорию Э. Фромма. Эта теория посвящена безусловной и условной любви родителей к детям и подчеркивает, что любовь матери к ребенку непосредственна и должна быть обеспечена ребенку в здоровой психологической среде. Авторы статьи подчеркивают, что и мужчина (отец), и женщина (мать) должны приложить немало усилий для создания здоровой семьи. Долг мужчины — обеспечить благоприятные условия в семье, а долг матери — полностью удовлетворить чувство привязанности ребенка. Молодым парам следует учитывать эту особенность, сохранять и развивать свою семью.

Ключевые слова: *семья, мать, ребенок, чувство привязанности, материнская любовь, врожденный инстинкт, безопасное крепление, ненадежная привязанность, нестабильная или тревожная привязанность, осторожная привязанность, условная любовь, безусловная любовь.*

THE IMPORTANCE OF THE ATTACHMENT OF THE CHILD TO THE MOTHER IN THE FAMILY

In this article, the authors has collected important information about the importance of a child's attachment to his mother. The feeling of attachment in a child's life is extremely important and can play an important role in its influence on the child's later life. Many authors have worked on the child's attachment to the mother, and the most important are the attachment theories of foreign scientists. When writing the article, he widely used the well-known theory of J. Bowlby and D. Vinikot. These researchers showed the importance of the emotional relationship between mother and child by conducting various tests.

It should be noted that the authors of the article also used the well-known theory of E. Fromm. This theory is devoted to the unconditional and conditional love of parents for children and emphasizes that the mother's love for the child is immediate and should be provided to the child in a healthy psychological environment. The author of the article emphasizes that both a man (father) and a woman (mother) must make a lot of efforts to create a healthy family. The duty of a man is to provide favorable conditions in the family, and the duty of a mother is to fully satisfy the feeling of affection of the child. Young couples should take this feature into account and preserve and develop their family.

***Key words**: family, mother, child, feeling of affection, mother's love, innate instinct, secure fastening, insecure attachment, unstable or anxious attachment, cautious attachment, the love of the people, unconditional love.*

Маълумот дар бораи муаллиф. Ёраҳмадов Алиҳмад Сангихмадович - ассистенти кафедраи психологияи ДМТ. Телефон. 909.19.59.39. **Email:**safarlutfulo2000@mail.ru

Саидзода Баҳрулло Хол – доктори фалсафа Phd, аз рӯйи ихтисоси психология, мудири кафедраи психологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. **Телефон:** 987957070, **Email:** bahrullo_90@mail.ru

Сведение об авторе: Ёраҳмадов Алихмад Сангихмадович- ассистент кафедры психологии ТНУ. Телефон: 90919.59.39, **электронная почта:** safarlutfulo2000@mail.ru

Саидзода Бахрулло Хол – доктор философии PhD, по психологии, заведующий кафедры психологии философского факультета Таджикского национального университета. **Телефон:** 987957070, **электронная почта:** bahrullo_90@mail.ru

Informathion about the autor: Yorakhmadov A.S.-assistant of the Department of Psychology TNU. **Phone:**909.19.59.39. **Email:** safarlutfulo2000@mail.ru

Saidzoda Bahrullo Khol – doctor of philosophy PhD in psychology, head of the department of psychology, faculty of philosophy, Tajik national university.**Phone:** 987957070, **Email:** bahrullo_90@mail.ru

ЗУЛФОНОВ Б.

ТАТБИҚИ САМАРАНОКИ ТАҲСИЛОТИ ФОСИЛАВӢ ДАР МУАССИСАҲОИ МИЁНАИ КАСБӢ

Роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро зарур аст, ки моделҳои гуногуни тарбияи мутахассисонро пайдо ва ҷорӣ намоянд ва низоми таҳсилотро сифатан такмил бахшанд.

Эмомалӣ Раҳмон

Асри XXI марҳилаи нави инкишофи тамаддун аст. Он асри ҷомеаи иттилоотӣ, коммуникатсия, техника ва технология ба шумор меравад. Яке аз ҳадафҳои таҳсилоти касбӣ ин расидан ба сатҳи маълумоти ҷаҳонист. Бинобар ин, мазмуну мундариҷаи он барномаҳои таълимӣ бояд ба мазмуну мундариҷаи маълумоти ҷаҳонӣ мувофиқ бошанд. Дар ин сатҳ лозим аст, ки барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии фанҳо бо роҳи ҳамгироӣ ва замонавӣ сохтани маълумот таълиф ёбанд. Моделҳои муосири барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ, равияҳои омӯзиш (технологияи таълим) таҳия ва таълиф шаванд. Дар ин самт модернизатсияро на ба маънои нусхабардорӣ, балки бо роҳи эҷодӣ ва ҳамкорӣ бо Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва дигар мамлакатҳои дунё амалӣ бояд кард. Танҳо ба роҳ мондани ҳамкории илмӣ, фарҳангӣ ва маърифатӣ Тоҷикистонро ба сатҳи маълумоти ҷаҳонӣ бароварда, рақобатпазирии сифати маълумотро таъмин мегардонад.

Таълими фосилавӣ дар мактабҳо ва муассисаҳо ягона роҳи кумак ба таҳсили виртуалӣ барои онҳое мебошад, ки бо ягон сабаб таҳсил ва омӯзишро дар муҳити рӯ ба рӯ тарк кардаанд ё мехоҳанд раванди таълимии худро бо истифода аз ин усули нав оғоз ё ба итмом расонанд. Сарфи назар аз он, ки бисёре аз донишомӯзон мекӯшанд, то шахсан омӯзанд, аммо боз ҳам онҳое ҳастанд, ки бинобар серкорӣ ва имконнопазирии ба даст овардани дониш ва таҷриба ба мактабҳои муқаррарӣ ё донишгоҳҳо ё муассисаҳои таълимӣ барои идомаи таҳсил рафта наметавонанд. Таълими фосилавӣ ва видеоконференсияҳо дар

кишварҳои муосир имрӯз хеле маъмуланд. Таҳсилоти фосилавӣ барои мактабҳо, профессорҳо, донишҷӯён ва дигар ашхоси фаъол дар соҳаи маорифи кишвар имтиёзҳои зиёд фароҳам овард. Таҳсилоти фосилавӣ мувофиқи эҳтиёҷоти одамон ва муассисаҳои гуногун бо роҳҳои гуногун анҷом дода мешавад. Шахсон ва мактабҳо бо сабабҳои гуногун платформаи таҳсилоти виртуалиро истифода мебаранд. Аммо дар ниҳоят, он чизе, ки барои ҳама тасмимгирандагон махсусан муҳим аст, таъсири татбиқи платформаи таълими электронӣ ба сатҳи даромаднокии онҳост. Ҳар як бартарие, ки метавонад ба саҳмдорон дар афзоиши даромад ва фоида тавассути бартараф кардани ашёи нолозим дар тиҷорат кумак кунад, барои татбиқи он афзалияти бештар дорад. Ҳар қадаре ки ин имтиёзҳо барои омӯзгор ва донишомӯз муфид бошанд, имкони интихоб ҳамон қадар беҳтар хоҳад шуд.

То ба ҳол, василаҳои мухталифи таҳсили виртуалӣ таҳия шудаанд, ба монанди нармафзори интернет-конфронс барои омӯзишҳои онлайнӣ ва таълими онлайн, нармафзори омӯзиши виртуалии LMS, нармафзори ташкилии идоракунии омӯзиш ва дигар воситаҳои омӯзиши электронӣ, ки платформаи заруриро барои татбиқ ва татбиқ таъмин мекунанд Виртуалӣ пешниҳод кардаанд. Инчунин, нармафзори мактабӣ ё ба ибораи дигар, нармафзори идоракунии мактаб барои идоракунии ҳама мактабҳои хурду хурд ва мактабҳои онлайн ва ғайрифаъол истифода мешавад. Ҳамаи ин воситаҳо ба мустақиман ва ғайримустақим ба коҳиш додани хароҷот, афзоиши даромад ва ноил гардидан ба ҷомеаи мақсаднок таъсир расониданд. Дар бозори рақобатпазирии имрӯза шумораи довталабони маълумоти электронӣ ва талабот ба асбобҳо рӯз аз рӯз меафзояд. Бисёр вақтҳо, аз сабаби ношинос будан бо нармафзори таълимии онлайн, бисёриҳо равишҳои омӯзиши виртуалӣ ва сайти омӯзиши фосилавиро меҷӯянд. Системаи таҳсилоти виртуалии LMS ва нармафзори видеоконфронси веб танҳо яке аз роҳҳои татбиқи таълими электронӣ ва таълими фосилавӣ барои мактабҳо ва муассисаҳои таълимӣ мебошад.

Таҳсилоти фосилавӣ мафҳуми нав нест, ва он дар кишварҳое чун Олмон, Шветсия, Британияи Кабир ва ИМА қабл аз асри 19 истифода шудааст. То асри бист, ягона технология ва васоити ахбори омма барои таҳсилоти фосилавӣ технологияи мактабҳои пойгоҳӣ буданд, ки дар мафҳумҳо ва истилоҳоти гуногун дар даврҳои гуногун истифода мешуданд. Таҳсили ғоибона равиши таълим ва омӯзиш аст, ки тавассути технологияи почта имконпазир аст ва ҳамчун навъи якуми таҳсилоти фосилавӣ ҳисобида мешавад. Он чизе, ки аллакай дар бораи ин навъи таълим сабт шудааст, ба реклама Baston Gazette дар 20 марти соли 1728 бармегардад, ки муаллим бо номи Калеб "Филлипс" ба хонандагони сокини деҳот вазифаи хонагӣ ва дарсҳои ҳафтаина фиристод. Албатта, аввалин институти таълими фосилавӣ, ки ба таври расмӣ таъсис ёфтааст, дар соли 1883, вақте ки як донишгоҳи Шветсия барои имкони таҳсили почта таблиғ мекард, бармегардад. (Ҳолбмерг [3] 2002)

Пас аз чанд сол, Исаак Питтманн маводи таълимиро ба шогирдонаш тавассути барқия фиристод, ки ин як навъ хулоса ва стенограммаи китоби "Бибел" буд. Баъди ба итмом расонидани ин фаъолиятҳо, шогирдон онҳоро ба муаллимон баргардонданд, то ки онҳо онҳоро ислоҳ карда, ба онҳо фикру мулоҳизаҳои худро пешниҳод кунанд. Маҳз дар пайи ин фаъолиятҳо пас аз чанд сол Ҷамъияти мукотибаи визуалӣ, ки баъдтар Коллеҷи ғоибонаи Исакопитман ном гирифт, таъсис дода шуд, то ин шакли таълимро таъмин кунад. Дар соли 1856, Чарлз Тусент ва Гастио Лангскидет дар Берлин Мактаби мукотибаро таъсис доданд. Барномаҳои таълими фосилавӣ дар охири асри нуздаҳ босуръат инкишоф ёфта, дар бисёр кишварҳо, алалхусус дар Британиё ва ИМА, ки Анна Элит Тикнер пешсафи таҳсилоти фосилавӣ буд, васеъ истифода мешуданд.

Соли 1883 Тикнер ассотсиатсияеро таъсис дод, ки барои одамон, алалхусус занони хонашин, барои таҳсил дар хона, ҳатто дар ҷойи кор имконият фароҳам овард. (Симмонсон, Смелдино, Олбрайт ва Звак 2000) Ҳамин тариқ, таҳсилоти фосилавӣ бо мурури замон пеш рафтааст ва аз таҳқиқоте, ки дар ин соҳа гузаронида шудаанд, фарқи калон дорад. Ҳадафи муассисаҳо ва марказҳои таълимӣ ибтидо танҳо фароҳам овардани имкониятҳои баробар барои таҳсил буд, вале баъдтар он на танҳо ҳамчун ҳадаф, балки ҳамчун усули муносиб барои таълими кормандон ва омӯзиши муттасил дониста шуд. Масалан, дар охири асри нуздаҳ рӯзноманигор бо номи Томас Фостер ба хулосае омад, ки кормандони калонсол барои усули хуби омӯзиш барои баланд бардоштани малакаи худ ниёз доранд. Сатҳи баландро омӯзед; Аз ин рӯ, ӯ ба таҳияи курсҳои ғоибона барои баланд бардоштани савияи дониши коргарони ангишт шуруъ кард. Кӯшишҳои ӯ боиси ташаккули Мактаби

байналмилалии мукотиба (LCS) дар Скрантин, Пенсилвания шуд. Мактабе, ки тақрибан 250,000 хонанда таҳсил мекард, ба донишҷӯён дар Мексика, ИМА ва Австралия курсҳо пешниҳод кард.

Омӯзиши мукотиба дар Британиё низ густариш ёфт ва дар он чандин пажӯҳишгоҳҳо, аз қабили Мактаби Scary дар Эдинбург ва Мактаби мукотибаи Лондон, ки соли 1877 таъсис дода шуданд. Элинаиз Веселион се сатҳро пешниҳод кард: бакалавр, магистр ва докторантура, ҳамчун як қисми барномаи сохташудаи Оксфорд. Дар байни солҳои 1881 ва 1890 танҳо 750 донишҷӯ таҳсил мекарданд ва то соли 1900 тақрибан 500 донишҷӯ ин дарсҳоро меомӯхтанд. Соли 1890 дар Донишгоҳи Чикаго омӯзиши мукотиба қисми таркибии он ба ҳисоб мерафт. Дар як муддати кӯтоҳ, Донишгоҳи Вайскан соли 1885 бо мақсади васеъ намудани донишкада як шуъбаи кишоварзӣ таъсис дод. Пас аз шаш сол, дар донишгоҳ барномаи омӯзиши ғоибона ҷорӣ карда шуд, ки аз ҷониби таърихнигори барҷаста Фредерик Ҷексон Тернер пешбарӣ шудааст. Набудани таваҷҷӯҳи муаллимон ба ин усули таҳсил ва қабули ҳадди ақали ҷомеа боис шуд, ки ин барнома аз соли 1899 ба ин сӯ идома ёбад.

Таҳсилоти мактабӣ ба таълими динӣ таъсири назаррас дорад ва ба шароити иҷтимоӣ дар ҳаёти донишҷӯён диққати бештар медиҳанд. Дар солҳои 20-ум бо муносибати ин усули таълим чорабиниҳои бойтар гардонидани барномаи таълимии мактабҳои миёна андешида шуданд ва дар соли 1923 барои донишҷӯён дар Мичиган ва Бентон Ҳербар курсҳои касбӣ ташкил карда шуданд ва тақрибан баъд аз 6 сол. аз Небраска дар мактаби миёна ба курсҳои ғоибона шуруъ кард. Вазорати маорифи Фаронса инчунин дар посух ба эҳтиноли Ҷанги Дуюми Ҷаҳон мактаби ғоибона таъсис дод. Гарчанде ки Маркази Миллии Ғоибона оид ба таълими кӯдакон то ин вақт таъсис дода шуда буд, пас он вақт ин марказ ба як созмони таҳсилоти фосилавӣ барои таълими калонсолон табдил ёфт. (Шлезье ва Симмонсон)

Пешрафт дар соҳаи технология, аз як тараф ва маҳдудиятҳои системаи почта, ба монанди таъхири вақт, гум шудани бастаҳои почта ва хароҷоти онҳо, аз тарафи дигар, боиси истифодаи радио ва сабтҳои аудиоӣ барои омӯзиши дарозмуддат гардиданд - омӯзандагони масофа. Тибқи гуфтаи Симмонсон ва ҳамкорони ӯ дар даҳаи 1920, тақрибан як радио таҳсилоти фосилавиро ба омма интиқол додааст. Аммо, интиқоли паём тавассути технология ҳамчун падидаи нав дар ниҳоят коҳиш ёфт, аммо боиси рушд ва рушди технологияҳои визуалӣ ба монанди телевизион гардид.[1]

Барномаҳои таълимӣ тақрибан пеш аз солҳои 1930 пахш мешуданд, аммо курсҳои телевизионие, ки тавассути институт пахш мешуданд, то солҳои 1950 амалӣ намешуданд. Маҳз дар ҳамин вақт, Донишгоҳи Резервҳои Шарқӣ аввалин донишкадаи амрикоӣ буд, ки як силсила курсҳои телевизиониро пешниҳод мекард. (Симмонс, Смалдино, Алберт ва Звак 2000) Бо ҳам пайвастани технологияҳо, ба монанди технологияҳои моҳворагӣ (дар тӯли солҳои 60-ум) ва пайдоиши системаҳои оптикӣ (охири солҳои 80-ум), роҳҳо ва усулҳои дигари таълими фосилавиро тавассути технологияҳои ҳамзамон ва дуҷониба (Симмонсон, Сомалдино, Олбрайт) ба вуҷуд оварданд. Ва Zwak 2000). Истифодаи ин намуди технология дар соҳаи маориф хароҷоти нисбатан калонро дар бар мегирад, ки аксари провайдерҳои ин шакли таълим маҷбуранд шабакаҳои барои донишҷӯён дастрасӣ ба ин курсҳоро эҷод кунанд.

Албатта, бо пайдоиши технологияҳои нав, мазмуни таҳсилоти фосилавӣ ба куллӣ тағир ёфт ва дар ивази арзиши нисбатан баланди онҳо, он неру ва қобилиятҳои арзишмандро дар таълимгирандагон парвариш дод ва ҳамкориҳоро осон кард. Аввалин системаи омӯзиши моҳвора Системаи Лерн Аляска буд, ки соли 1980 ташкил шудааст. Система барои 100 деҳа дар як рӯз тақрибан 6 соати омӯзиши телевизионӣ пешниҳод кард. Соли 1985, шабакаҳое, ба монанди Сан Антонио TNAI ва Техас барои мактабҳои миёна дар саросари Иёлоти Муттаҳида курсҳои гуногуни ҳармоҳаро оғоз карданд. Пас аз солҳои 80-ум ва пеш аз солҳои 90-ум, рушди системаҳои алоқаи нахи оптикӣ боиси таъминоти системаҳои баландсифати дуҷонибаи мустақиман ба тамошои омӯзиши визуалӣ ва шунавоӣ гардиданд. Гарчанде ки хароҷоти ибтидоии чунин системаҳо метавонанд баланд бошанд ҳам, расонидани миқёси калон ва пасандозҳои дарозмуддат, инчунин фоидаҳо назар ба хароҷоти аввал муҳимтар дониста мешаванд.

Давлати Айова дорои бузургтарин системаи нахи оптикӣ мебошад. Вақтҳои охир шабакаи Алоқаи Айова (ISN) ба зиёда аз 800 синф хидматҳои овозӣ, маълумот, дуҷонибаи видео интерактивӣ, ҳаракат ва ғайра пешниҳод кардааст. Интизор меравад, ки шабакаи алоқаи нахи оптикии Айова бо тамоми мактабҳо, муассисаҳои таълимӣ ва китобхонаҳои оммавӣ пайваст шуда тавонад. (Скаляр ва Симмонсон, 2002). Интернет яке аз даврaҳои охиринест, ки дар он муассисаҳои ҳам муътабар ва ҳам номдор барои таълимгирандагон курсҳои омӯзишӣ мегузаронанд. Интернет доираи васеи асинхронӣ ва ҳамзамониро фароҳам овард, ки баъзеи онҳо ҷаласаҳои чат, суҳбатҳои онлайн, почтаи овозӣ, маълумот ва видео, телеконференсияҳо (конфронсҳои видеоӣ ва аудиоӣ) ва ғайра мебошанд. Ҳамаи ин технологияҳо метавонанд истифода шаванд. аз ҷониби шогирдон ҳангоми муомила бо муаллим.[2]

Интернет дастрасиро ба мундариҷаи синфӣ, таҳқиқоти навтарин, рӯйдодҳо ва навигариҳо фароҳам меорад. Омӯзиши онлайн ба шогирдон имкон медиҳад, ки фаъолияту вазифаҳои заруриро дар вақти дилхоҳ ичро кунанд. Арзёбии таҳсилоти фосилавӣ бо равишҳои нави таълим хос аст, ки тавассути пайдоиши технологияҳои нави коммуникатсионӣ ва барномаҳои таълимӣ барои донишомӯзон дастрас карда шуданд. Ба ибораи дигар, ҷузъи ҷудонашавандаи таҳкурсии таҳсилоти фосилавӣ технологияҳои коммуникатсионӣ мебошанд, ба дараҷае, ки бо пайдоиши худ тавонистааст донишгоҳҳои виртуалӣ ва таълими фосилавиро ба вуҷуд орад. Тадбирҳои соли 1962 дар Донишгоҳи Африқои Ҷанубӣ андешида онро ба донишгоҳи таҳсилоти фосилавӣ табдил доданд. Ин тадбирҳо боиси тағироти куллӣ дар усули таҳсилоти фосилавӣ гардиданд, аммо нуқтаи гардиш дар соҳаи таҳсилоти фосилавӣ аз соли 1971, вақте ки Донишгоҳи Кушодаи Англия таъсис ёфт ва тавонист технологияҳо ва васоити ахбори омма ва навоваириро дар соҳа истифода барад, оғоз меёбад. (Холмберг 1986) Донишгоҳи кушода эътибори таҳсилоти фосилавиро баланд бардошта, боиси ташаккулёбии чунин муассисаҳо дар ҷомеаҳои саноатӣ ба монанди Олмони Ғарбӣ, Ҷопон, Канада ва инчунин дар ҷомеаҳои рӯ ба тараққӣ ба монанди Шри-Ланка ва Покистон гардид. Гарчанде ки бисёре аз ин донишгоҳҳои таҳсилоти виртуалӣ ва фосилавӣ шабоҳат ва умумият доранд, аммо онҳо бо рисолат ва рисолати худ фарқ мекунанд. Дар байни донишгоҳҳои калон дар ин муҳитҳо инҳоянд: - Донишгоҳи давлатии Кингдам; - В. Донишгоҳи Ферн, Олмон;

Донишгоҳи Ферн, Олмон соли 1975 таъсис ёфта, назар ба ҳамтои британиёии худ бештар барномаҳои таълимӣ пешниҳод мекард, аммо бо рисолат ва идеали дигар. Гарчанде ки донишгоҳ талабот ва тахассуси хеле қатъии дохилшавӣ дошт, дар соли 1985 тақрибан 28,000 донишҷӯ дошт, аммо тарки он хеле баланд буд. Бо вуҷуди ин, дар тӯли даҳсолаи аввали ҳаёти худ, он ҳадди аққал 500 хатмкунанда дошт, ки барномаи дараҷаи худро хатм кардаанд. Технологияи навтарин, ки имрӯз ба таҳсилоти фосилавӣ таъсири самарабахш расонидааст, технологияҳои бесим ё мобилӣ мебошанд, ки имкон доданд маҳдудиятҳои фазоӣ нисбат ба омӯзиши электронӣ бештар бартараф карда шаванд ва ҳамзамон бартариҳои он низ дошта бошанд. Холмберг (1986) сабабҳои зиёди таълимӣ, иқтисодӣ ва сиёсиро барои ташкили донишгоҳҳои фосилавӣ пешниҳод менамояд, аз ҷумла:

* Дар баъзе кишварҳо зарур аст ки бояд курсҳои бештари донишгоҳҳо пешниҳод карда шаванд.

* Бо назардошти он, ки донишҷӯёни ғоибонаи донишгоҳҳо шахсони дорои вазифаҳои оилавӣ ва иҷтимоӣ ва маҳдудиятҳоро кор мефармоянд ва дар ниҳоят барои фароҳам овардани имкониятҳои омӯзишӣ чораҳо меандешанд.

* Тамоили истифодаи муҳити омӯзишӣ ҳам инфиродӣ ва ҳам дастаҷамъона тавассути фароҳам овардани имкониятҳои таҳсил барои калонсолон ва онҳое, ки ба ягон тарз зарар дидаанд ва наметавонанд дар дарсҳои анъанавӣ иштирок кунанд.

* Эҳсоси зарурати омӯзиш ва таҳсилоти минбаъда аз рӯйи баъзе касбҳо ва малакаҳои сатҳи баланд.

* Боварӣ ба фоиданокии истифодаи захираҳои таълимӣ тавассути таълими иқтисодиёти миёнаравӣ (Скаляр ва Симмонсон)

* Боварӣ ба фоиданокии истифодаи захираҳои таълимӣ тавассути таълими иқтисодиёти миёнарав (Scalar and Smithson 2002). Ҳоло, агар мо хоҳем, ки таҳсилоти фосилавиро дар асоси технологияҳое, ки ба он таъсир кардаанд, омҷзем, онҳо курси зерини

эволютсионӣ хоҳанд дошт. Наслҳои таҳсилоти фосилавӣ ба тариқи зайл муайян карда мешаванд:

А) Насли якуми таҳсилоти фосилавӣ:

Ин насли таҳсилоти фосилавӣ ба таълим додан ё омӯхтани ғоибона ишора мекунад, хусусиятҳои ин насл инҳоянд: ташаккули технологияҳои хаттӣ ва дастурҳо, истифодаи почта барои алоқаи дуҷониба, аммо бояд қайд кард, ки ин намуди алоқа асинхронӣ ва таъхири вақт дорад, бисёр буданд. Доираи донишомӯзон дар ин насл чандон калон нест ва фосилаи онҳо аз якдигар ва муаллим тақрибан хурд аст (аз ҷиҳати тақсимоти ҷуғрофӣ). Дар маҷмуъ, ин низоми таълимӣ аз анъанаҳо шикаста, барои таълимгирандагон ва хоҳишмандони таҳсил ва омӯзиш новобаста аз омилҳои муваққатӣ ва фазоӣ имконияти таълими фасеҳро фароҳам меорад.

В) Насли дуюми таҳсилоти фосилавӣ:

Он дар охири солҳои 1960-ум ташаккул ва инкишоф ёфт (Ниппер, иқтибос аз ҷониби Finger, Glenn, Ronferleg, and Calrolin 2001). Ин насл ҳамчун "телекоммуникатсия" ё "таҳсилоти фосилавии мултимедиявӣ" ҳисобида мешавад, ки аз доираи технологияҳои насли гузашта, ба монанди технологияи навиштан ва алоқаи почта фаротар меравад. (Kirkwood [5] 1998). Истилоҳи телекоммуникатсия истифодаи каналҳои электронии иртиботиро ба монанди (кабелӣ, оптикӣ, радио ва ғайра) технология барои фиристодан ё қабул кардани сигналҳои аудио ва видео ва алоқаи маълумотро дар назар дорад. (Algreen and Parker 1994 c. 330, иқтибос аз Grayson 1995 s. 326). Ба истилоҳи содда, телекоммуникатсия ба муboдилаи электронии алоқа дар масофаи дур ишора мекунад (Грейсон 1995). Аз ин рӯ, дар насли дуюм, ба ғайр аз истифодаи технологияҳои насли гузашта, технологияҳои коммуникатсионӣ, аз қабили телефон, телеконференсия (аудио, аудио ва компютер) истифода мешаванд.

Насли сеюми таҳсилоти фосилавӣ:

Ин насл дар маҷмуъ мекӯшад, ки тавассути истифодаи имкониятҳои компютерӣ омӯзишро имконпазир гардонад. Кирквуд (1998) мегӯяд, ки ин насл нисбат ба ду насли гузашта ба ҳамкорӣ ва муколама байни иштирокчиёни равандҳои таълимӣ диққати бештар додааст. Ин насл пеш аз солҳои 80-ум оғоз ёфта, пайдоиши технологияҳои алоқаи шабакавӣ, технологияҳои моҳворагӣ интиқоли мундариҷаи рақамии аналогиро ба истгоҳҳои компютерӣ мусоидат карданд (Granger ва Pasrini 2000). Ин технологияҳо имкон медиҳанд, ки ҳамкориҳои саривақтӣ бо конфронсҳои дуҷонибаи видеоӣ ё ҳамкории яктарафаи видео ва алоқаи дуҷонибаи аудиоӣ барои ин шакли омӯзиш.

Насли чоруми таҳсилоти фосилавӣ:

Грейнжер Пасерини (2000) як насли навро дар таълими фосилавӣ муайян кард, ки боиси истифодаи мустақими Интернет гардид. Технологияи интернетӣ системаҳои гузаштаи гузаштаро барои таҳсил хеле қобилтар кард ва ҷузъҳои омӯзиши муштаракро илова намуд. Онҳо боварӣ доранд, ки ин насл танҳо бо истифодаи Интернет шартӣ аст ва аз субъективизм бештар ба усули конструктивистӣ гузаштааст. Онҳо инчунин изҳор медоранд, ки он яке аз охирин моделҳои тарроҳӣ ба ҳисоб меравад, ки қадам ба қадам мегузарад ва равишҳои субъективистиро бо тарроҳии фасеҳ ва стратегияҳои конструктивистӣ омезиш медиҳад ва ба муҳити бойтари таълим оварда мерасонад. (Иқтибос аз Finger, Glenn, Ratlug, and Caroline 2001, саҳ. 3).

Рушди системаи тахсилот яке аз пахлухои муҳимми сиёсати давлатии Ҷумхурии Точикистон ба хисоб меравад ва дар ин росто таҳсилоти фосилавӣ хамчун амри қобили таваҷҷуҳи накшаи стратегии ислохоти мазкур дониста мешавад (1, 85-86). Истилоҳи "таҳсилоти фосилавӣ" чунин шакли омузишро ифода мекунад, ки дар он омузгор барномаи таълимиеро кор карда мебарояд, ки асосан ба омӯзишӣ мустақилонаи донишҷӯ такя мекунад. Чунин воситаи омӯзиш бар он асос ёфтааст, ки хонандагон асосан аз омӯзгорон ҷудо ва дар фазои дур аз ҳам қарор дошта, дар як вақт донишҷӯ ва муаллим имкони ба амал баровардани гуфтугуи байниҳамдигарро тавассути воситаҳои телекоммуникатсионӣ соҳибанд. Таҳсилоти фосилавӣ имкон медиҳад, ки аҳолии минтақаҳои дигар, ки дар он ҷо шароит барои тайёрии касбӣ ва гирифтани маълумоти олии босифат мавҷуд набуда, донишгоҳҳо фаъолият надоранд ва ё омӯзгорон барои омодагии фанҳои ҷудогона намерасанд, ба таҳсил фаро гирифта шаванд.

Дар шароити кунунӣ доир ба мушкилоти ҷойдошта дар аксари муасисаҳои таълимии манотиқи кишварамон назар афканем, мебинем, ки шароити на онқадар хуб ҳанӯз ҳам ба назар мерасад:

Норасоии китобҳои дарсӣ дар муассисаҳои таълимӣ;

Набудани кабинетҳои фаннӣ, лингафонӣ, компютерӣ дар минтақаҳои дур аз марказ;

Норасоии омӯзгорони фаннӣ дар муассисаҳои таълимӣ;

Надоштани имконияти таҳсил дар шуъбаҳои рӯзона;

Бидуни иштирок ва дур мондан аз ҷойи кори доимӣ;

Маҳз, ҳамин низом метавонад талаботи ҷомеаро ба эътибор гирифта, татбиқи амалии ҳуқуқӣ - конститутионии ҳар як шаҳрвандро қатъӣ ва ба таври воқеӣ барои маълумот таъмин намояд. Таҳсилоти фосилавӣ ба мантиқи рушди низоми маориф ва ҷомеа ба таври мақсаднок мувофиқат мекунад. Ин дар ҳолест, ки дар сархати амалкарди ин ҳадафҳо талаботи инсони алоҳида қарор мегирад.

Таълими фосилавӣ (DL) ҳама гуна омӯзишест, ки дар он муаллим ва донишҷӯ аз ҷиҳати ҷуғрофӣ аз ҳамдигар дур мебошанд. Таълими фосилавӣ бо истифода аз имконоти почтаи электронӣ, таҳияи видеоҳои таълимӣ, телевизиони кабелӣ, васоити ахбори омма ё ягон технологияи марбут ба Интернет, ба монанди тахтаҳои паёмнависӣ, утоқҳои суҳбат ва конфронси компютерӣ ё видеоӣ имконпазир аст. Таълими фосилавӣ як система ё раванди роҳнамоест, ки донишҷӯёнро бо манбаъҳои дурдаст пайваст мекунад. Он инчунин метавонад ҳамчун воситаи омӯзиши иловагӣ истифода шавад.

Барои ташаккули гуруҳҳои таҳсилоти фосилавӣ пеш аз ҳама ҳар як муассисаҳои таълимиро аз ҷумла колеҷу донишкада, ва донишгоҳорро зарур аст, ки кабинетҳои замонавӣ ҷавобгӯ ба талаботи замони муосирро дошта бошанд. Ғайр аз ин барои ҳар як донишҷӯ доштани компютери пайваст бо интернети босуръат, тахтаҳои электронӣ, ташкил кардани китобхонаи электронӣ, устодони кордон доир ба таҳсилоти фосилавӣ, доштани почтаи электронӣ барои ҳам донишҷӯ ва омӯзгор зарур мебошад.

Пас, дар таҳсилоти фосилавӣ донишҷӯ дар хона ё ҷои корӣ истода, бо воситаи интернет маводи дарсҳоро аз устод гирифта, аз худ намуда, вазифаи иҷрокардаашро ба устодаш мефиристад. Ҳамин тавр, донишҷӯ дар вақти муносиб, дар макони муносиб ва бо суръати бароҳат машғули донишандӯзӣ мешавад. Масофаи байни ҷойгиршавии донишҷӯ ва муассисаи таълимӣ ба самаранокии раванди таълим монеъа шуда наметавонад.

Барои донишҷӯйи таҳсилоти фосилавӣ кифоя аст, ки компютери шахсӣ, интернети дастрас дошта бошад.

АДАБИЁТ:

1. Рахимов Н.Т. Дистанционное образование в Худжанде. Материалы научно – практической конференции ТТУ. – Душанбе, 2000. - с. 85 – 86;
2. Красильникова Е.В. Природа интернет-экономика // Известия Самарского университета. Серия: Экономика, управление, право. 2010. Вып.2. С. 9-14.
3. Щекотуров А.В. Net-дружба в структуре конструирования виртуальной идентичности подростков // Вестник Нижегородского университета им. Лобачевского. 2013. №3 (1). С. 441-445.
4. Колмогорова Е.В. Педагогические основы дистанционного обучения. – Новосибирск: Веди, 2005 – 320 с.
5. Хусяинов Т.М., Костригин А.А. Методология и теория онлайн-консультирования // Психология и Психотехника. 2014. № 9. С.996-1002. DOI: 10.7256/2070-8955.2014.9.12713

ТАТБИҚИ САМАРАНОКИ ТАҲСИЛОТИ ФОСИЛАВӢ ДАР МУАССИСАҲОИ МИЁНАИ КАСБӢ

Омӯзиши фосилавӣ дар мактабҳо ва муассисаҳо ягона роҳи кумак ба омӯзиши виртуалӣ барои онҳое аст, ки бо ягон сабаб аз омӯзиши рӯ ба рӯ даст кашидаанд ё мехоҳанд бо истифода аз ин равиши нав раванди омӯзиши худро оғоз ё анҷом диҳанд. Бо вуҷуди он ки бисёре аз донишҷӯён кӯшиш мекунанд, ки дар шакли рӯзона таҳсил кунанд, то ҳол нафароне ҳастанд, ки ба далели тангии ҷадвал ва андӯхтани донишу таҷриба наметавонанд дар мактабу донишгоҳу муассисаҳои таълимӣ таҳсил кунанд.

Таълими фосилавӣ вобаста ба ниёзҳои одамон ва муассисаҳои гуногун бо тарзҳои гуногун сурат мегирад. Шахсони алоҳида ва мактабҳо платформаи таълимии виртуалиро бо сабабҳои гуногун истифода мебаранд. Шахсони алоҳида ва мактабҳо аз платформаи таълимии виртуалӣ бо сабабҳои гуногун истифода мебаранд. Албатта, бо пайдоиши фанноварихои нав мазмуни таҳсили фосилавӣ ба куллӣ тағйир ёфт ва дар ивази қимати нисбатан гарон он тавонмандӣ ва қобилиятҳои арзишманди донишҷӯёнро тарбия намуда, ба ҳамкориҳо мусоидат намуд.

***Калидвожаҳо**: таълими фосилавӣ, мактаб, донишҷӯ, технология, таълим, донишгоҳо.*

ЭФФЕКТИВНАЯ РЕАЛИЗАЦИЯ ДИСТАЦИОННОГО ОБРАЗОВАНИЯ В СРЕДНИХ ПРОФЕССИОНАЛЬНЫХ УЧРЕЖДЕНИЯХ

Дистанционное обучение в школах и учреждениях единственный способ помочь виртуальному обучению тем, кто по каким-то причинам отказался от обучения и обучения в очной среде или хочет начать или закончить свой учебный процесс, используя этот новый подход. Несмотря на то, что многие студенты стараются учиться очно, все же есть те, кто не может посещать обычные школы или университеты или учебные заведения из-за плотного графика и невозможности получить знания и опыт.

Дистанционное образование предоставляется по-разному в соответствии с потребностями разных людей и учреждений. Отдельные лица и школы используют виртуальную образовательную платформу по разным причинам. Конечно, с появлением новых технологий лицо дистанционного образования радикально изменилось, и в обмен на его относительно высокую стоимость оно взрастило потенциал и ценные способности учащихся и облегчило сотрудничество.

***Ключивые слова**:* дистанционное образование, школа, студент, технологии, образование, университеты.

EFFECTIVE IMPLEMENTATION OF DISTANCE EDUCATION IN SECONDARY PROFESSIONAL INSTITUTIONS

Distance learning in schools and institutions is the only way to help virtual learning for those who, for some reason, have given up on face-to-face learning and learning or want to start or end their learning process using this new approach. Despite the fact that many students try to study full-time, there are still those who cannot attend ordinary schools or universities or educational institutions due to tight schedules and the inability to gain knowledge and experience.

Distance education is provided in different ways according to the needs of different people and institutions. Individuals and schools use the virtual educational platform for a variety of reasons. Individuals and schools use the virtual educational platform for various reasons. Of course, with the advent of new technologies, the face of distance education has changed radically, and in exchange for its relatively high cost, it has nurtured the potential and valuable abilities of students and facilitated collaboration.

***Keywords**: distance education, school, student, technology, education, universities.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Зулфонов Баҳрон - ходими пешбари илмии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ, ш. Душанбе, кӯчаи Айнӣ, 126.

Сведения об авторе: Зулфонов Бахрон – ведущий специалист Института развития образования имени Абдурахмона Джами Академии образования Таджикистана, г. Душанбе, ул.Айни 126

Information about the author: Zulfonov Bahron - Leading Researcher, Institute of Development Education named by Abdurahmon Jami, Academy of Education of Tajikistan, Dushanbe, 126 Aini Street.

КАРИМОВА Ш.А.

ТАКМИЛИ ИХТИСОС ДАР ТАЪЛИМИ МУТАССИЛ ВА ИНКИШОФИ ҲАМАТАРАФАИ ШАХСИЯТИ ОМӮЗГОРОН

Такмили ихтисос ва рушди он ба сифати низоми иҷтимоӣ-педагогӣ баромад намуда, дар он муносибатҳои ҷараёни омӯзонидан байни омӯзгору шунаванда дар пояи самтҳои касбият устувор мегарданд. Такмили ихтисоси муаллимони синфҳои ибтидоӣ дар асоси талаботи мактаби имрӯза, дар шаклҳои мухталиф, аз ҷумла кор бо иттиҳодияҳои методӣ, ба омӯзгори собиқадору пешқадам шогирд мондани муаллими ҷавон, дар утоқҳои методӣ гузаронидани машваратҳои фаннӣ, аз кӯмаки мушовирон истифода намудан, иштирок дар курсу семинарҳо, дарсҳои лексионӣ, ташкили озмуну ҷашнҳои касбӣ, пешбурди корҳои илмӣ-таҳқиқотии хонандагон ва дар ин роҳ ба онҳо ташкил намудани корҳои роҳбарии илмии омӯзгорон, кор дар гурӯҳҳои эҷодӣ ва ғайра роҳандозӣ шуда истодааст.

Шакли паҳнгардида ва назоратшаванда ин фаъолияти якҷояи омӯзгорон дар иттиҳодияҳои методӣ ба ҳисоб меравад, ки бо таҳлили мушкилиҳои фаннӣ ё фанҳо алоқаманд, бо истифода аз усули таҳлили муаммовӣ анҷом дода мешавад. Дар ин кор муассисаҳои таълимиро зарур аст, ки гузориши семинарҳои махсус-машғулиятҳои назариявӣ, ки бо истифода аз адабиёти таълимӣ-методӣ асос ёфта, бо иҷрои корҳои мустақилона яке аз шаклҳои дигари фаъоли тақвиятбахшии касби омӯзгорӣ мебошад.

Маълум аст, ки такмили маҳорати касбӣ дар раванди муосири ислоҳоти давомноки соҳаи илму маориф аз омӯзгорон ҷустуҷӯйи зиёдтари дигар роҳҳои ташаккулу такмили касбӣ, иҷрои вазифаҳо, ғанӣ гардонидани таҷрибаи хеш, эҷодкорӣ ва навҷӯйиҳоро дар

амалҳои касбиашон талаб мекунад. Ба донишҳои назариявӣ соҳиб гардидан, ин дарки моҳияти таълимдиҳӣ ба иҷрои фаъолиятҳои вазифавӣ, мушаххасгардонии самтҳои касбият ва бо ин роҳ ташаккули тафаккури педагогии хеш аз шумори ҳадафҳои асосии омӯзгорон дар курсҳои такмили тахассус ва бозомӯзӣ бояд бошанд. Баҳри иҷрои чунин амалҳо омӯзгорро лозим меояд, ки аз маводи бештари илмӣ-методӣ, таҷрибаи пешқадами ҳамкасбон хуб огоҳӣ пайдо намуда, ҳиссаи аз он мувофиқро дар фаъолияти хеш истифода барад.

Дар қонеъкунии талабот дар самти рушд ва фаъолияти касбӣ, ташаккули шахсият ва ҳалли мушкилоти омӯзгор-худомӯзӣ ба ҳисоб меравад. Тобиш додани қобилияти эҷодкорӣ ва худомӯзӣ шарти зарурии такмили ихтисос аст, ки аз омӯзгор омӯзишро давомнок талаб мекунад. Аксаран, омӯзгори касбӣ аз дастовардҳои илмӣ, таҷрибаи пешқадам ва навгониҳои фанни таълимиаш бояд хуб огоҳ гардида, аз касбаш ифтихор намояд, пайваста ва фаъолона дар андешаи худомӯзӣ, худташаккулдиҳиву худинкишофдиҳӣ бояд бошад.

Худомӯзиву худинкишофдиҳӣ вобаста ба мавқеи ҷойдоштаи иҷтимоӣ-касбии омӯзгор, аз манбаи илмӣ, методӣ, адабӣ, оммавӣ, матбуоти даврӣ, мушоҳида, таҷриба ва амалия ибтидо гирифта, дар шакли таҷрибаи андӯхтаи иҷтимоӣ мазмун пайдо мекунад. [3] Чунин кор ба сатҳи дониш, таҷриба, маҳорату малакаи мавҷуда, усулҳои пешбурди фаъолиятҳои касбӣ, мустақилият ва муносибатҳои шаклгирифтаи омӯзгор, албатта, таъсири мусбӣ мерасонад. Чӣ тавре ки дар боло қайд кардем, дар фаъолияти педагогӣ худомӯзӣ баланд арзёбӣ шуда, дар маҷмуъ заминаи камолоти касбӣ-маърифатӣ ва фарҳангии шахсро фароҳам меорад.

Баландбардорӣ ва тақвияти касбии омӯзгори синфҳои ибтидоӣ яке аз қисматҳои ҷудонопазири омодагии касбии муаллимони синфҳои ибтидоӣ, ки дар он тамоюли муосири инкишофи касбият (педагогӣ-касбӣ), шавқмандии муаллим ҳамчун мафҳуми иҷтимоӣ-педагогӣ (Н.В.Кузмина, А.К.Маркова, А.И.Пискунов, В.А.Сластенин, О.М.Шиянов ва дигарон) ба ҳисоб меравад.

Таҳлили мазмунӣ ва вазифавӣ-тартибии такомули дониши омӯзгорон ин мафҳуме мебошад, ки моро ба дарки маъноии омодагии касбии муаллими синфҳои ибтидоӣ ҳамчун иҷроиши омодагии фаъолияти маҳсулнокӣ мутобиқи сифатҳои арзишноки касбӣ ва тамоюли арзишманд бурда мерасонад.

Академик М.Лутфуллозода ин маъниро чунин ба қалам додаанд: “Маълумоти иловагии баъди дипломии такмили ихтисос, бозомӯзӣ, дарёфти ихтисосҳои нав тавассути донишкадаҳо, факултаҳо, марказҳои такмили ихтисос, курсҳои коромӯзӣ дар пажӯҳишгоҳҳои ватанӣ ва ғайра сурат мегирад”.[9]

Санадҳои меъёрӣ – ҳуқуқии соҳаи маориф муайян намудааст, ки соҳибкасбону мутахассисон вобаста ба зинаҳои гуногуни таълим дар муддати 5 сол як маротиба бояд аз такмили ихтисос гузаранд.

Татбиқ ва ҷорикунонии такмили ихтисос ба ҳалли масъалаҳои дар зер инъикосёфтаро талаб менамояд:

- таҷдиди сохтор ва мазмуни кори муассисаҳое, ки бо чунин масоил сару кор мегиранд;
- қавитар гардонидани заминаи моддию техникӣ ва эҷодию илмии муассисаҳои такмили ихтисос;
- пешбинии сарчашмаи ҳифзшавандаи сармоягузориҳое, ки барои такмили ихтисос лозиманд;
- муайянкунии меъёри дараҷаи ихтисоси мутахассисон ва кадрҳои роҳбарикунанда;
- ҷустуҷӯйи шаклҳои нави такмили ихтисос. [9]

Бад ин васила омӯзгори замони муосирро мебояд, ки ба тавассути такмили ихтисос дар курсҳои бозомӯзӣ ва худомӯзии муттассил донишу маҳорати худро такмил дода, пайваста бикӯшад, ки ҳамқадами замона бошад. Зеро маҳз тавассути пешрафти илм ва технологияи муосир гирифтани маълумот ва ё худ донишдиҳӣ имконоти навро касб менамояд.

Академик Ф.Шарифзода ҳаллу фасли вазифаҳои стратегии такмили мазмун ва технологияи таҳсилот аз ҳисоби татбиқи тадбирҳои барномавиро дар тамоюлҳои зерин дидаанд:

- татбиқи намунаи таҳсилоти муттаасили тахассусӣ, ки барои ҳар як шахс ҷиҳати рушди минбаъдаи касбӣ имконоти ташаккули таҳсилоти инфиродиро таъмин месозад;

- татбиқи технология ва усулҳои нави ташкили раванди таълим, ки самаранок амалӣ гардонидани намунаи таҳсилоти олӣ, истифодаи технологияи муосири иттилоотию комуникатсиониро таъмин менамояд;

- татбиқи ихтисосу тамоилҳои нав дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ ва барномаҳои давлатии таҳсилот, ки ба тамоюлҳо ва талаботи бозори меҳнат ва шахс мувофиқ бошад;

- татбиқи силсилатадбирҳо ҷиҳати таъмини ширкати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди низоми байналмилалии Болония бо мақсади баландбардории рақобатнопазирии таҳсилоти касбии тоҷик дар бозори меҳнат ва имконоти ширкати донишҷӯён ва хатмкардаҳои муассисаҳои таълимӣ дар низоми таҳсилоти муттасили байналхалқӣ [15].

Барои мувофиқат ва амалишавии ин бандҳо нақш ва мақоми омӯзгору маҳорати касбии ӯ ба сифати таълиму тарбия вобастагӣ калон дорад. Омӯзгорро мебояд, ки доим дар ҷустуҷӯ бошад, дониши худро такмил диҳад, маҳорати касбиашро баланд бардорад. [10] Ин ҷост, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур ва ҳатмӣ будани аз курсҳои такмили ихтисос гузаштани кормандони соҳаи маорифро дар панҷ сол як маротиба муайян кардааст. Бо ин мақсад дар сатҳи мактаб, идораю шуъбаҳои маориф иттиҳодияҳои методӣ (аз он ҷумла фаннӣ) семинарҳо, конференсияҳо, озмунҳо доир мегарданд. Вале маъмул ва судмандтарин шакли такмили ихтисос, ин ташкил кардани курсҳои такмили ихтисос мебошад. Ин масъала бар дӯши Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф ва филиалҳои он дар маркази вилоятҳои ҷумҳурӣ мебошад. Дар тӯли панҷ сол ҳамасола бо ҳисоби миёна бояд на камтар аз 25 ҳазор нафар кормандони соҳа аз такмили ихтисос гузаранд. Ин теъдод танҳо дар асоси нақша, яъне тибқи талабот аз такмили ихтисос гузаштани омӯзгоронро пешбинӣ мекунад. Ҳол он ки дар замони муосир омӯзгорро зарур аст, ки ҳар сол такмили тахассус намояд. Хусусан, дар давраи татбиқи Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 ва давраи гузариш ба муносибати босалоҳият ба таълим.[14]

Дар ин раванд, муассисаҳои такмили ихтисосро низ зарур аст, ки матлаби “Тартиби такмили ихтисоси кормандони соҳаи маориф”, ки бо фармоиши Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 ноябри соли 2013, №2876 тасдиқ карда шуда, аз ҷониби Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст, риоя ва татбиқ намоянд.

Зеро маҳз ҳамин муассисаҳо фаъолияти худро мутобиқи меъёрҳои муайянкунандаи ин ҳуҷҷат бояд ба роҳ монда бошанд, яъне ҳуҷҷати мазкур дар амал татбиқнамоии нақши стандарти давлатии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маорифро иҷро намуда, мақсад, мазмун ва муҳтавои такмили ихтисосро чунин муқаррар намудааст:

- мусоидатнамоӣ ба татбиқи сиёсати давлат дар соҳаи маориф;
- баландбардории сатҳи тайёрии шунавандагон ва такмили маҳорати касбии онҳо;
- шиносоии кормандони маориф бо санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва дастовардҳои муосири илми педагогика, психология ва методикаи таълими фанҳои тахассусӣ;
- омӯзонидан ва рушд додани маҳорати касбии шунавандагон роҷеъ ба шаклу усули нави таълим, тарбия ва идоракунӣ;
- такмили маҳорати кор бо технологияҳои инноватсионӣ, истифода бурдани Интернет, тахтаи электронӣ, асосҳои технологияи информатсионии муосир;
- шиносоии шунавандагон бо таҷрибаҳои пешқадаму усули инноватсионӣ ва истифодабарии онҳо дар раванди таълим, тарбия ва идоракунӣ;
- омӯзонидани унсурҳои малакаи пеш бурдани кори эҷодӣ, илмӣ, таҳқиқотӣ, методӣ, навоварӣ дар фаъолияти минбаъдаи шунавандагон;
- баландбардории сифати кори таълиму тарбия, самаранокӣ ва натиҷанокии фаъолияти минбаъдаи шунавандагон;
- ба татбиқи самарабахши ислоҳоти соҳаи маориф мусоидат намудан.

Бинобар ин, барномаҳои таълимии курсҳои такмили ихтисос, лексияҳо, модулҳои таълимӣ, маводи таълимии ёрирасон, дастурҳо, супоришҳои гуногун, тестҳо, саволномаву слайдҳо ва дигар воситаҳои таълимии истифодашаванда ё худ комплекси таълимию методӣ мебояд бо дарназардошти талаботи давлатӣ роҷеъ ба мазмуну мундариҷаи такмили ихтисос омода карда шуда, вобаста ба густариши ислоҳоти соҳа пайваста таҷдиди назар карда шаванд. Дар ин раванд, бояд қайд намуд, ки комплексҳои таълимию методӣ (нақшаю барномаи таълимӣ, курси лексияҳо, модулҳо, дастуру воситаҳои методӣ...) бояд ба

талаботҳои принсипи таҳсилоти салоҳиятнокӣ ҷавобгӯ бошанду таносуби матлуби назария ва амалия, донистану тавонистанро таъмин карда тавонанд.

Такмили ихтисоси муаллимони синфҳои ибтидоӣ дар замони муосир, пеш аз ҳама, ба тарзи асосии таъмин намудани мутобиқатии касбияти омӯзгорон ба сатҳи муосири инкишофи илму техника ва иқтисодиёту иҷтимоиёт нигаронида шудааст. Маълум аст, ки агар омӯзгор ба худтакмилдиҳӣ шуруъ накунад ва сатҳи дониши худро такмил надиҳад, донишҳои азхудкардаи ӯ қисман дар панҷ сол кӯҳна ва аз истеъмол бозмонда ба шумор мераванд. Аз ин ҷо, вазифаи муқаддаси такмили ихтисос, зоҳир мегардад, ки он, пеш аз ҳама, ҳам аз ҷиҳати таълиму тарбия ва ҳам аз ҷиҳати ташкили дарсҳои мувофиқизамон мусаллаҳ будани омӯзгор мебошад. Ҳамзамон, дар асоси нақша ва ҳадафҳои такмили ихтисоси омӯзгорон раванди таълим дар муассисаҳои иловагии таълими касбӣ ташкил ва амалишавии принсипҳои зеринро талаб менамояд:

1. Инкишофи ҳаматарафаи шунавандагон дар доираи фаъолияти инсонӣ (идоракунӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, экологӣ, илмӣ, бадеӣ, педагогӣ, ҷисмонӣ ва тиббӣ). Муассисаи таълимӣ бояд барои инкишофи ҳаматарафаи шахсият дар он чорчӯбае, ки ӯ тайёрии камтаре дорад ва ошкор сохтани қобилиятҳои гуногунпаҳлуи ӯ шароити мусоиде фароҳам оварад.

2. Тайёрии мақсадноки сермаҳсул дар асоси маҷмуи модулҳои таълимӣ. Тайёрии мақсаднок бо роҳи якҷоякунии таълими дусатҳӣ ба иҷро расонида мешавад. Аввалан, тӯли як ҳафта курси базавии лексияҳои муаммовӣ ва бозиҳои расмӣ аз қисмати педагогика, идоракунӣ, иқтисодиёт, иҷтимоиёт ва психология гузаронида мешавад. Баъдан тӯли аз се то шаш рӯз машваратҳои махсусгардонидашуда аз рӯи як фанни интихобкардаи шунаванда ташкил ва баргузор карда мешавад. Таълими сермаҳсули дар муддати 8 соат ба шунавандагони курсҳои такмили ихтисос имконият фароҳам меорад, ки дар як марҳилаи кӯтоҳ соҳиби дониши нав гарданд. Таълиме, ки шунаванда ба он истеҳсолотро тарк карда меояду ба пуррагӣ фарогири курси такмили ихтисос мегардад, имкон фароҳам меовард, ки шунаванда куллан ба такмили ихтисос ҷалб гардида, дониши худро мукаммал гардонад.

3. Истифодаи васеи усулҳои фаъоли таълим бо гузориши онҳо то 60-75% аз захираи вақти таълимии умумӣ. Дар ин раванд усулҳои зеринро дохил намудан аз манфиат холӣ нест: бозиҳои расмӣ ва нақшофарӣ, таҳлили вазъиятҳои аниқу дақиқ, мизҳои мудаввар, тренингҳои психологӣ-иҷтимоӣ, машғулиятҳои амалӣ дар гуруҳҳои хурд дар шакли муколама бо омӯзгор, таълими барномавӣ бо истифодаи компутери шахсӣ ва монанди инҳо. Истифодаи шакли фаъоли таълим иқтидори ботинии инсонро роҳандозӣ намуда, ҳатто дар ҳолати садамавӣ ҳалли проблемаҳои идроккуниро тарҳрезӣ менамояд.

4. Ҷалб намудани мутахассиони соҳибтаҷрибаву олимони соҳа, мураббиёну роҳбарони ба таълим ва ба шахсияти муаллим таъсиррасонанда. Баҳри иҷрои ин аҳдоф бояд дар муассисаи таълимӣ ва ё Донишкадаҳои такмили ихтисос омӯзгорони беҳтарин аз донишгоҳҳо ва институтҳои пажуҳишӣ, мутахассисони соҳибкасби муассиса, роҳбарони сиёсиву кордон, арбобони ҳунару фарҳанг ва монанди инҳо фаъолият баранд.

5. Муошират мувофиқ ва таносуби баръакс бо шунавандагон. Ин ҳолат бо роҳи ба ҳисобгирии шавқу ҳаваси роҳбарон ва мутахассисон, дар асоси онҳо ба саволҳои иҷтимоӣ бо барномаҳои матлубу дилхоҳ посух гирифта, аз оғози машғулият ва анкетагузаронии ҳамарӯзавӣ бо шунавандагон, аз рӯи натиҷаи рӯзи таълимӣ бо ёрии тартиботи баҳогузории баллӣ муқаррар карда мешавад. Гузаронидани рейтинги омӯзгорон ошкору возеҳ ба роҳ монда мешавад. Вобастагии музди меҳнат аз натиҷаҳои баҳодиҳии шунавандагон муқаррар карда мешавад.

6. Арзёбии ҳамаҷонибаи иқтидори зеҳнӣ ва ташкилии шунавандагон. Он бо роҳи ба даст овардани донишу малакаҳои касбӣ, фаъолияти эҷодӣ ва корӣ, сотсиология ва психологияи шахсият, саломатӣ, муваффақият ва ғайра амалӣ карда мешавад. Иқтидори касбии шунавандаро барномаи муайяни таълимӣ ва гуруҳӣ арзёбӣ мекунад. Мунтазам нигоҳ доштани рейтинг дар шароити маърифат ба рушди рӯҳияи рақобат ва сафарбаркунии фаъолияти эҷодӣ мусоидат мекунад.

7. Истифодаи усули таълими инфиродӣ-гуруҳӣ. Ин усул бо роҳи ҳамоҳангсозии лексияҳои доимӣ, ки дар он шунавандагон (то 50 нафар), як гуруҳи усули фаъоли таълим (то 25 нафар), корҳои лабораторӣ ва тренингҳо бо гуруҳҳои хурд (то 12 нафар), инчунин бо машваратҳои инфиродӣ, яъне бо роҳи муколамаи мустақим "муаллим - шунаванда" амалӣ мегарданд. Усули инфиродӣ ва гуруҳӣ имкон медиҳад, ки имкониятҳо ва манфиатҳои шахс ва принсипи коллективизм ҳангоми кор кардани як гуруҳи шунавандагон истифода шаванд.

8. Инноватсикунонии раванди таълим бо истифодаи воситаҳои муосири техникӣ, пеш аз ҳама, компютерҳои шахсӣ, телевизионҳои таълимӣ, воситаҳои техникии аудиовизуалӣ, видеокамера ва видеомагнитофонҳо, воситаи барномавии таълим ва монанди инҳо. Истифодабарии воситаҳои техникӣ агар аз як тараф харҷи меҳнати омӯзгоронро кӯтоҳ кунаду фаъолияти идоракунии раванди таълимро баланд бардорад, аз ҷониби дигар мушкилоти равонии шунавандагонро дар истифордабарии воситаҳои техникӣ дар фаъолияти корӣ баратараф менамояд. Баҳри рушду такомули хусусиятҳои касбии ҳар як шунаванда, бояд автоматикунонии имконоти таълимӣ аз рӯйи касб мутаносибан шароит фароҳам оварда шавад.

9. Сарчашмаи такмили ихтисос барномаи коркардшудаи мувофиқ, муътамад ва тасдиқгардида дар пояи модулҳои таълимӣ мебошад. Модули таълимӣ қисмати баохиррасидаи фанни муайянеро, аз рӯйи таркиби нақшавӣ, мақсад, ҳадаф, маълумоти ибтидоӣ, методикаи таълим, номгӯйи воситаҳои техникӣ, рӯйхати адабиёт ва тарзи назорати донишҳои гирифташударо дар худ таҷассум менамояд. Дар умум барномаи таълимӣ аз чор модули таълимӣ таркиб меёбад (дар қавс ҳаҷми намунавӣ дар фоизҳо аз миқдори умумии соатҳои таълимӣ оварда шудааст): [1, 176]

- Лексияҳои проблемавӣ (то 25 соат);
- Методҳои фаъоли таълим (на кам аз 50 соат)
- Машғулиятҳои лабораторӣ ва амалӣ (то 15 соат)
- Комплекси беҳдоштӣ (то 10 соат)

Якчанд намуди барномаи намунавии омодагӣ аз рӯйи ҳисоби 8-10 соати таълимӣ дар як рӯз коркард карда шуданд. Барномаҳои намунавӣ вобаста ба шавқу хоҳиш ва завқи шунаванда, ҳайати омӯзгорон ва муҳлати гузаронидани он тағйир меёбад.

Барномаи кӯтоҳмуддати таълим аз фарзияи ҳаматарафаи рушди шахсият асос меёбад. Ҳангоми тартиб додани барномаи таълимӣ як қатор омилҳо бояд ба назар гирифта шуданд:

- Давомнокии барномаи таълимӣ ва муҳлати баргузории он;
- Шавқу хоҳиши фармоишгар (муассисаи таълимӣ, идораи маориф) оид ба истифодабарии маҷмуи муайяни модули таълимӣ;
- Натиҷаи ҷамъбастии анкетагузаронӣ ё худ гузарондани пурсишномаи соҳавӣ аз шунавандагони оянда;
- Ҷойи баргузории машғулиятҳои таълимӣ (муассисаи таълимӣ ва ё донишкадаи такмили ихтисос);
- Ҳолати манбаъҳои таълимӣ (миқдори синфхонаҳо, ҷойгиршавии одамон, ҳаҷми хизматрасонӣ);
- Сатҳи бо кор таъмин будани омӯзгорон дар давраи баргузории таълим (аз 4 то 8 соат);
- Мавҷуд будани воситаҳои техникии таълим (тахта, тахтаи электронӣ, компютер, видеопроектор, видеосистема)
- Маводи тақсимотӣ барои шунавандагон (барнома, дастурҳо, ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва м.и.)
- Тартиботи намунавии рӯзи таълимӣ (ҷадвали машғулиятҳо)
- Чорабиниҳои беҳдоштӣ, варзишӣ ва фарҳангӣ-оммавӣ

Дар низоми такмили ихтисос ҳақиқату воқеияти ҳаётии низоми маорифи ҷумҳурӣ ба назар гирифта шуда, ҳар як тағйироту табаддулоти ин низомро ба барномаи такмили ихтисос ворид намуда, муаллимони муассисаҳои таълимиро огоҳ намудан лозим аст.

Ҳамин тавр, дурнамои рушди ҷомеа ба омӯзгор робитаи ногусастание дорад ва дар ин самт омӯзгоре саҳмгузор аст, ки биниш ва фаҳмиши баланди касбӣ ва инчунин дорои сифатҳои фавқуззикр бошад. Ин аст, ки омӯзгор бояд дар пайи иҷрои рисолати асосӣ ва муҳим – шиносонидани арзишҳои илмӣ ва бад - ин васила берун кашидани мардум аз вартаи нодонию хурофотпарастӣ устуворона қадам занад ва дар ин роҳ аз ҳама имкониятҳои мавҷуда истифода барад.

Хулоса, омӯзгор будан, умуман раванди педагогӣ кори саҳлу осон нест, ин касб, аниқтараш хонанда, синф, гуруҳи талабагон тарбиятгарро водор мекунанд, ки ихтироъкор, зираку ҳассос, суботкор, ҳамеша тайёр будан ба ҳалли вазъияти гуногуни мустақилона бошад. Яъне омӯзгор – намунаи тақлидкунӣ. Сифати муаллими варзида таъминкунии худидоракунии раванди таълиму тарбияи насли наврас мебошад. Омӯзгор бо эътиқоду

ихлос ба арзишҳои олии башарӣ, чун донишу ҳикмат, ақлу хирад барои такомули маънавии насли наврас ва бунёди ҷомеаи тамаддунсоз нақши назаррас мегузорад.

АДАБИЁТ:

1. Акобиров Ш.З. Системаи модулӣ, кредитӣ ва фосилавӣ дар такмили ихтисос. Ташаккули системаи миллии такмили ихтисоси кормандони соҳаи маориф. - Душанбе:«Империал-Групп». -2016. - С.83-88.
2. Булбулов Ҷ. Такмили ихтисоси омӯзгорон: воқеият, махсусият ва андешаҳо. – Душанбе: “Ирфон”, 2011. -С.19.
3. Горячева, Е. И. Идея самоактулизации в гуманистической психологии и ее реализации в педагогической практики [Текст]: автореф. дис. канд. пед. наук / Е. И. Горячева. – М., 1996. - 20 с.
4. Демин, В. А. Профессиональная компетентность специалиста: понятие и виды [Текст] / В. А. Демин // Стандарты и мониторинг в образовании. - 2000.-№ 4. -С. 35-37.
5. Каримова И. Учитель – творец добра и прогресса. Учебник // И.Каримова, Ф.Шарифзода – Душанбе: «Ирфон», 2010, 180 стр.
6. Каримова И.Х. Теоретические основы гуманизации гуманитарного образования учащихся таджикских школ: Автореф. дис. д.п.н. - Душанбе, 2000.
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар барои маориф» Душанбе, 2013 № 1004.
8. Леонтьев А. Н. Деятельность. Сознание. Личность [Текст] / А. Н. Леонтьев. -М.: Педагогика, 1977. - 304 с.
9. Лутфуллозода М., Бобизода Ғ. Андешаҳо перомуни салоҳиятҳо ва ташаккули онҳо. – Душанбе, 2017. - 88с. (102)
10. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон - 26.12.2019
11. Раҳимов Х., Нуров А. Педагогика. – Душанбе: «Маориф ва фарҳанг», 2007. - С.92.
12. Собиров С.Ф. Роҳҳои тақвияти ҷараёни такмили маҳорати касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурии тоҷикистон дар шароити татбиқи муносибати босалоҳият дар таълим [Матн]: афтореф. дисс.. канд. пед. наук /С.Ф.Собиров. - Душанбе, 2020. - 171 с.
13. Столяренко Л.Д. Педагогическая психология. М.: Академия, 2004 г. – С.385.
14. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. - Душанбе, 2016. - 89с.
15. Шарифзода Ф., Миралиев М. Педагогикаи умумӣ ва касбӣ. – Душанбе: Ирфон, 2012. - 562с

ТАКМИЛИ ИХТИСОС ДАР ТАЪЛИМИ МУТААСИЛ ВА ИНКИШОФИ ҲАМАТАРАФАИ ШАХСИЯТИ ОМӮЗГОРОН

Мақола роҷеъ ба такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ва мақоми он дар таълими мутаасил ва инкишофи ҳаматарафаи шахсияти онҳо сухан мекунад. Гуфта мешавад, ки аз омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ҷиҳати такмили маҳорати касбӣ ҷустуҷӯйи зиёдтари роҳҳои ташаккулу такмили касбӣ, иҷрои вазифаҳо, ғанӣ гардонидани таҷрибаи хеш, эҷодкорӣ ва навҷӯиҳоро дар амалҳои касбиашон талаб мекунад. Ӟ-ин сабаб муаллиф кӯшиш намудааст, ки дар мақола самтҳои самараноки худомӯзиву худинкишофдиҳиро мавриди баҳс қарор бидиҳад, зеро вобаста ба мавқеи ҷойдоштаи иҷтимоӣ-касбии омӯзгор, аз манбаи илмӣ, методӣ, адабӣ, оммавӣ, матбуоти даврӣ, мушоҳида, таҷриба ва амалия ибтидо гирифта, дар шакли таҷрибаи андӯхтаи иҷтимоӣ мазмун пайдо мекунад. Ҳамчунин бояд зикр намуд, ки муаллиф самаранокии баландбардорӣ ва тақвияти касбии омӯзгори синфҳои ибтидоӣ яке аз қисматҳои ҷудонопазири омодагии касбии муаллимони синфҳои ибтидоӣ аз нигоҳи олимони ватаниву хориҷӣ рӯи калам овардааст. Муаллиф кӯшиш намудааст, ки дар асоси нақша ва ҳадафҳои такмили ихтисоси омӯзгорон раванди таълим дар муассисаҳои иловагии таълими касбӣ ташкил ва амалишавии принсипҳоро рӯйи кор овардааст.

***Калидвожаҳо**: такмили ихтисос, таълими мутаасил, омӯзгори синфҳои ибтидоӣ, инкишофи ҳаматарафа, худинкишофдиҳӣ, худтакмилдиҳӣ, маълумоти иловагӣ, технологияҳои таҳсилот.*

ПОВЫШЕНИЕ КВАЛИФИКАЦИИ В НЕПРЕРЫВНОМ ОБРАЗОВАНИИ И КОМПЛЕКСНОМ РАЗВИТИИ ЛИЧНОСТИ ПЕДАГОГОВ

В статье говорится о профессиональном развитии учителей начальных классов в непрерывном образовании и всестороннем развитии их личности. Сказано, что для повышения своего профессионального мастерства учителям начальных классов необходимо искать больше путей профессионального развития и совершенствования, выполнять свои обязанности, обогащать свой опыт, быть творческими и новаторскими в своих профессиональных действиях. По этой причине автор попытался обсудить в статье эффективные направления самообразования и саморазвития, ведь в зависимости от социальной и профессиональной позиции педагога он исходил из научных,

методических, литературных, популярных источников, периодической печати, наблюдение, опыт и практика, находит содержание в виде накопленного социального опыта. Следует также отметить, что автором выделена эффективность повышения и укрепления карьеры учителя начальных классов как одной из неотъемлемых частей профессиональной подготовки учителей начальных классов с точки зрения отечественных и зарубежных ученых. Автор попытался организовать и реализовать принципы образовательного процесса в учреждениях дополнительного профессионального образования исходя из плана и целей профессионального развития педагога.

Ключевые слова: *повышение квалификации, непрерывное образование, учитель начальных классов, всестороннее развитие, саморазвитие, самосовершенствование, дополнительная информация, образовательные технологии.*

PROFESSIONAL DEVELOPMENT IN LIFELONG EDUCATION AND INTEGRATED PERSONALITY DEVELOPMENT OF TEACHERS

The article deals with the professional development of primary school teachers and its role in lifelong education and the comprehensive development of their personality. It is said that in order to improve their professional skills, primary school teachers need to look for more ways of professional development and improvement, fulfill their duties, enrich their experience, be creative and innovative in their professional actions. For this reason, the author tried to discuss effective directions of self-education and self-development in the article, because, depending on the social and professional position of the teacher, he proceeded from scientific, methodological, literary, popular sources, periodicals. , observation, experience and practice. finds content in the form of accumulated social experience. It should also be noted that the author highlights the effectiveness of improving and strengthening the career of a primary school teacher as one of the integral parts of the professional training of primary school teachers from the point of view of domestic and foreign scientists. The author tried to organize and implement the principles of the educational process in institutions of additional professional education based on the plan and goals of the teacher's professional development.

Key words: *advanced training, continuing education, primary school teacher, comprehensive development, self-development, self-improvement, additional information, educational technologies*

Маълумот дар бораи муаллиф: Каримова Шаҳноз Аъзамҷоновна, унвончӯи кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, мудири кафедраи методикаи таълим дар муассисаҳои томактабӣ ва миёнаи умумии Филиали Донишкадаи такмили ихтисоси кормандони соҳаи маориф дар вилояти Суғд. email:omuzgork@mail.ru тел. +992 93899006.

Сведения об авторе: Каримова Шахноз Аъзамджоновна, соискатель социальной и профессиональной педагогики педагогического факультета Худжандского государственного университета имени академика Бабаджана Гафурова, заведующая кафедры методики преподовании в дошкольных и общеобразовательных школах Филиала Института усовершенствования образования Согдийской области. Электронная почта: omuzgork@mail.ru тел. +992 93899006.

Information about the author: Shakhnoz Karimova, applicant for social and professional pedagogical and pedagogical faculty of Khudzhand State University named after academician Bobodzhon Gafurov, head of the teaching methods department in preschool and secondary schools of the Branch of the Institute for Educational Improvement of Sughd Region. Email: omuzgork@mail.ru tel. +992 93899006

КОСИМОВА Ш.Х.

СУЩНОСТЬ ПОНЯТИЯ РЕЧЕВОЙ КУЛЬТУРЫ БУДУЩИХ ПЕДАГОГОВ И ЕЕ ТЕОРИТИЧЕСКАЯ МОДЕЛЬ В СРЕДНЕМ ОБЩЕОБРАЗОВАТЕЛЬНОМ УЧРЕЖДЕНИИ

Современная практика убедительно доказывает, что эффективность образования невозможно достичь лишь через классных занятий, но как показывает культура речи непосредственно взаимосвязана с другими компонентами культуры. Для нашего исследования особую значимость, так в процессе формирования коммуникативной культуры необходимо учитывать влияние современного общества на речевую культуру молодежи профессиональную специфику и реальный уровень речевой культуры обучавшегося.

Исходя из правовых и законодательных норм, таджикским правительством были поставлены задачи, которые обязывали образовательные учреждения создать условия для разностороннего развития личности ребенка его самоутверждения и творческой самореализации формирования человека с новым уровнем сознания, обладающего новым мышлением, высокой культурой жизненного самоопределения, осознавая себя индивидуальностью и членом общества.

Именно такая личность способна самостоятельно формировать цели, находить оптимальные пути их достижения, быть ответственным за свои поступки и действия, способным к оценке и самооценке. Собственно коммуникативный механизм представляет собой систему качества личности, в том числе культуру речи, грамотность построения фраз, простота и ясность изложения мыслей, четкая аргументация, выразительность и т.п. Коммуникативная культура, занимая ведущее место в общекультурном и профессиональном становлении личности, являясь одной из приоритетных задач образования, рассматривается как специальный объект моделирования педагогических систем в единстве, их структурных и функциональных компонентов и предстает как важнейшая составляющая гуманитарного образования.

Следует отметить, что для обеспечения эффективного развития дидактического условия важно вооружать учащихся необходимыми знаниями, навыками о самооценке на этапе модернизации системы таджикского образования.

Закон РТ «Об образовании» и другие нормативно-правовые документы в области образования постоянно обновляются и приравниваются к региональным и европейским стандартам, особенно происходящих изменений по вопросам внеклассной работы с целью повышения роли личности в обществе.

Задача внеклассной работы в развитии основных свойств самооценки учащихся заключается:

- в получении определенных знаний практических умений;
- развитие основных качеств личности как инициативность, стремление к самостоятельности;
- объективно оценивать свои поступки и действия;
- всесторонне анализировать и прогнозировать развитие своей личности;
- правильно выстраивать свои взаимоотношения с окружающими.

Развитие демократического светского и независимого государства, предписанное в первой статье основного Закона РТ (Конституция Республики Таджикистан от 6 ноября 1994) [3], требует перспективных изменений во всех сферах образования, и ее ориентацию преимущественное усвоение новых методов и знаний.

Пристальное внимание на наш взгляд заслуживает педагогический метод, который предусматривает тесную связь между образовательным процессом и жизнью. Когда учитель организовывает обучение таким образом, чтобы ученик четко осознавал тесное отношение учебного материала к окружающей реальности, в результате чего он начинает анализировать те или иные явления, переходя от процесса получения готовых знаний к процессу исследования.

В основе методики приспособления лежат три основных подхода:

1. Этот метод направлен на максимальные раскрытия у школьников их творческого и интеллектуального потенциала.

2. При изучении каждой темы подбираются соответствующие явления или факты экономической, социальной жизни той местности, где живут и учатся ученики, чтобы сделать учебный процесс близким к реальной действительности, окружающей ученика.

3. Методика преподавания предполагает высокую степень вариативности, когда выбор педагогических методов осуществляется в зависимости от тематики и особенностей конкретного занятия «каждый учитель хочет, чтобы его ученик хорошо учился, с интересом и желанием занимался в среднем общеобразовательном учреждении. В этом заинтересованы и родители учащихся. Но тот же момент и учителям и родителям приходится, к сожалению, констатировать: «не хочет учиться», «мог бы прекрасно заниматься, а желания нет». В этих случаях мы встречаемся с тем, что у ученика не сформировались потребности в знаниях, нет интереса к учению. В чем сущность потребности в знаниях? Как она возникает? Как она развивается? Какие педагогические навыки можно использовать для школьников, чтобы уроки были интересными [2, с.8].

Личность учителя, состоит из совокупности знаний, умений и навыков, эффективную коммуникацию в системе «учитель-ученик», в целях совершенствования объекта деятельности, является аспектом и результатом профессиональной подготовки учителя в процессе профессионального становления. Таким образом, мы можем изучить коммуникативно-речевую культуру будущего педагога, используя ее критерии и показатели.

Как мы уже отмечали, профессия педагога требует овладения тремя ее аспектами содержательным – надо «знать», процессуальным надо «уметь», личностным - должны произойти изменения в мотивационно-ценностном отношении к деятельности [8]. Причем, сегодня важно уже не только «знать и уметь «не менее важно активно-положительное отношение к выполняемой деятельности и появление при этом творческого подхода. Речь должно идти не столько об операционных критериях деятельности, сколько о личностных критериях (мотивах), охватывающих и профессиональную компетентность [9].

Таким образом, в структуре процесса подготовки будущего педагога к профессиональной деятельности на первый план выходит мотивационный компонент на основе содержательного и процессуального компонента, к сожалению, приходится констатировать, что приемы и средства обучения речевой культуре не всегда оправдывают себя. Уже недостаточно акцентировать внимание только на вопросах лексики, орфоэпии логики т.д. Многие специалисты, занимающиеся вопросами речевой культуры, ещё недостаточно оценили особую роль категории связанности в построении монологического высказывания. Практика же современных исследований убеждают в том, что именно эта категория обеспечивает эффективность коммуникативного воздействия.

Одной из главных проблем является проблема культуры педагогического общения, как проявление совокупности педагогических отношений, формирующих личность школьника. В данной ситуации, на преподавателя лежит задача создания и поддержания доброжелательности и взаимопонимания. В основе отношений между преподавателем и школьником лежит их совместный труд, а также успехи в достижении педагогической цели. Характер отношения преподавателя к своей профессиональной работе, выступает как основной фактор успешного развития взаимоотношений в коллективе. Конечно, на профессиональные взаимоотношения существенное влияние оказывает характер и стиль руководства, и состояние психологического, нравственного климата. Для создания благоприятных условий педагогической деятельности необходимо постоянный поиск и выработка способов и форм культуры общения.

Проблемы коммуникативно-речевой культуры личности рассматриваются многими учеными-педагогами. В процессе профессионального становления будущих педагогов сочетание этих уровней является важнейшим пунктом.

Профессиональная деятельность выпускников педагогических вузов ставит высокие требования к степени владения культурой речи.

Освоение речевой культуре-одна из центральных проблем нашего сегодняшнего общества. Культура общения, риторика должно уделяться формированию политических навыков и умений, диалогической культуры.

Реалии нашей жизни таковы, что востребованными оказываются люди, способные мыслить самостоятельно, творчески перерабатывать изученные мышления, оригинально решать актуальные задачи, по- новому осмыслить материал, вызывающий интерес собеседников в классе.

Фиксация изменений в состоянии форсированности коммуникативно-речевой культуры учащихся проводятся комплексом методов. Данные уравниваются с результатами контактирующего эксперимента, то есть результатами «исходного серьёза». Раскроем содержание каждого этапа опытно-экспериментальной работы, выделим факторы и условия, способствующие формированию высоких уровней коммуникативно-речевой культуры учащихся средних общеобразовательных учреждений.

ЛИТЕРАТУРА:.

1. Соловьев К.В «Речевой этикет педагога». - С 2000-2001.
2. Батырев А.С. Практическая педагогика для начинающего преподавателя. - М. -2003. - С 235.
3. Закон Республики Таджикистан «Об образовании» от 22.07.2013 г., №1004. [электронный ресурс]. URL: https://go.mail.ru/search?rf= (дата обращения: 07.06.2016 г.)
4. Зубов В.Е Особенности организации творческой деятельности в высщей школе. Возрождение и развитие творчество в преподавательской деятельности. - Новосибирск 1995.-С.38-39.
5. Ильин В. Образование в XXI веке//Высшее образование в России.
6. Исаева Т.Е Педагогическая культура преподавателя как условие и показатель качество образовательного процесса в высшей школе Ростов-н/. –Д. – 2003, .С-29.
7. Казанцева О.М Культура речевого общения: теория и практика обучения, Учебное пособие. - М.: Флинта, Наука,1998. -С 496.

8. Кузнецов В.И. Принципы активной педагогики. - М. -2001. - С.65.
9. Логинов И.И. Наука и учебный предмет. - М., -1991. - С.150.
10. Ожегов С.И., Шведова Н.Ю. Толковый словарь русского языка. – 22-е изд. - М.: Русский язык, 1990. – 921 с.

СУЩНОСТЬ ПОНЯТИЯ РЕЧЕВОЙ КУЛЬТУРЫ БУДУЩИХ ПЕДАГОГОВ И ЕЕ ТЕОРИТИЧЕСКАЯ МОДЕЛЬ В СРЕДНЕМ ОБЩЕОБРАЗОВАТЕЛЬНОМ УЧРЕЖДЕНИИ

В статье автор представляет характеристику процесса повышения речевой культуры, методы и формы повышения речевой культуры, профессионального мастерства будущего учителя на базе среднего общеобразовательного учреждения. В том числе отмечается, что пристальное внимание заслуживает педагогические методы, которые предусматривают тесную связь между образовательным процессом и жизнью, когда учитель организовывает обучение таким образом, чтобы ученик четко осознавал тесное отношение учебного материала к окружающей реальности, в результате чего он начинает анализировать услышанное и увиденное. Учитель должен грамотно излагать свою речь и без ошибок говорить, четко обосновывая факты, цитаты, чтобы ученикам было ясно. Именно поэтому учителю необходимо координировать свою деятельность по совершенствованию, с учетом выбора существенного определявшего его профессиональный статус и формы культуры общения. Культура общения преподавателя является результатом не только его личных качеств, но и достижения определенных контактов.

***Ключевые слова**: сущность понятия, речевая культура, теоретическая модель, знание, умение, самооценка, личность самопознания педагога, воспитание.*

МОҲИЯТИ МАФҲУМИ ФАРҲАНГИ НУТҚИ ОМӮЗГОРОНИ ОЯНДА ВА СОҲТИ НАЗАРИЯВИИ ОН ДАР МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ

Муаллиф дар ин мақола моҳияти консепсияи фарҳанги нутқи омӯзгори ояндаро тавсиф менамояд. Ҳамчунин гуфта мешавад, ки баланд бардоштани самаранокии раванди таълиму тарбия бевосита аз он вобаста аст, ки омӯзгор фарҳанги муошират педагогиро ҳамчун омили таъсиргузор ба раванди муваффақият дар фаъолияти таълимии хонандагон то чӣ андоза мақсаднок ва самаранок идора мекунад. Муаллим бояд нутқи худро дуруст баён кунад ва бехато сухан ронад, далелҳо, иктибосҳоро аниқ асоснок намояд, то хонандагон гуфтаи ӯро дарк намоянд. Аз ин рӯ, омӯзгор бояд фаъолияти такмилдиҳии худро бо назардошти интихоби муайяни муҳим, ки мақоми касбӣ ва шаклҳои фарҳанги муошират ӯро муайян мекунад, ҳамоҳанг созад. Маданияти муошират омӯзгор на танҳо дар натиҷаи сифатҳои шахсии ӯ, балки робитаҳои муайяни ба даст овардаи ӯ низ мебошад.

***Калидвожаҳо:** моҳияти мафҳум, фарҳанги муошират, сохти назариявӣ, дониш, малака, худбаҳодиҳӣ, худшиносии хусусии омӯзгор, тарбия.*

THE ESSENCE OF THE CONCEPT OF SPEECH CULTURE OF FUTURE TEACHERS AND ITS THEORETICAL MODEL IN A SECONDARY GENERAL EDUCATIONAL INSTITUTION

In the article, the author presents a description of the process of increasing speech culture, methods and forms of improving speech culture, professional skills of the future teacher on the basis of a secondary educational institution. In particular, it is noted that pedagogical methods deserve close attention, which provide for a close connection between the educational process and life, when the teacher organizes training in such a way that the student is clearly aware of the close relationship of the educational material to the surrounding reality, as a result of which he begins to analyze what he heard and saw . The teacher must correctly state his speech and speak without errors, clearly substantiating the facts, quotes, so that the students can understand. The child develops his abilities for creative activity mainly by imitating adults, trying to transfer the experience he has gained into his daily activities, in his later life. That is why the teacher needs to coordinate his improvement activities, taking into account the choice of an essential one that determined his professional status and forms of communication culture. The teacher's communication culture is the result of not only his personal qualities, but also the achievement of certain contacts.

***Key words**:* essence of the concept, speech culture, theoretical model, knowledge, skill, self-esteem, the personality of the teacher's self-knowledge, education.

Сведения об авторе: Косимова Ш. Х. – старший научный сотрудник Института развития образования имени Абдурахмана Джами АОТ. Адрес: г. Душанбе, ул. Айни, 126,

Маълумот дар бораи муаллиф: Қосимова Ш.Х. – ходими калони илмии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ. Суроға: ш.Душанбе, к. Айнӣ 126. **Information about the author:** Косимова Ш. Х - senior researcher at the Institute for the Development of Education named after Abdurakhman Jami AOT. Address: Dushanbe, 126 Ayni str.

КОТИБОВА Ш.

ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТҲОИ ФАРҲАНГӢ-АХЛОҚИИ МУРАББИЁНИ ОЯНДАИ МУАССИСАҲОИ ТОМАКТАБӢ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМ

Тоҷикистон ҳамчун давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ, ки рӯй ба муносибатҳои нави иқтисоди бозаргонӣ овардааст, ба хотири ҷавобгӯ будани таълим ва тарбияи насли наврас талаб мекунад, ки таҳсилот бо дарназардошти арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ тибқи талаботи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ба роҳ монда шавад. Дар чунин шароит низоми таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд бо низоми таҳсилоти давлатҳои мутараққии ҷаҳон мутобиқ кунонида шавад.

Дар давраи гузариш ба ҷомеаи демократӣ ва муносибатҳои бозаргонӣ дар назди муассисаҳои таълимӣ бо ҷиддияти махсус вазифаи муҳим гузошта шудааст - тарбия намудани омӯзгорони ҳамаҷониба ташаккулёфтаи ҷомеаи навин, омӯзгоре, ки омода аст муқаррароти нав дар соҳаи маорифро дар ҳаёт тадбиқ намояд. Аз дараҷаи салоҳиятдории касбии омӯзгор, аз мавқеи шаҳрвандии ӯ ташаккули маънавии ҷомеаи муосир, натиҷаҳои фаъолияти ҷамъиятӣ ва симои насли ҷавон вобастагии мустақим дорад. Барои расидан ба ин ҳадаф, нақши асосиро системаи маориф ва муассисаҳои таълимӣ мебозанд, ки дар назди онҳо вазифаи тарбияи омма ва тайёр намудани мутахассисони муосири ҷавобгӯй ба меъёрҳо ва талаботи ҷомеаи ҷаҳонӣ истодааст.

Эҳёи фарҳанги миллӣ, ҷалб намудани ҷавонон ба арзишҳои маънавӣ ва ахлоқӣ, тадбиқи тарбияи миллӣ тавассути санъати миллӣ яке аз вазифаҳои муҳимми муассисаҳои таълимиву маориф мебошад. Дар ҳуҷҷатҳои асосии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф таъкид гаштааст, ки баланд бардоштани сифати таълими техникӣ, таҳкими пайвастагии омӯзиш бо ҳаёт, истифодаи анъанаҳои халқӣ дар таълим, такмили ихтисоси омӯзгорони оянда ба кори сермаҳсул ба нафъи ҷомеа вазифаи асосӣ дар соҳаи маориф мебошад.

Дар робита ба ин, баланд бардоштани сифати омодагии мутахассисони соҳа то сатҳи муносиб зарур аст, зеро, махсусан, онҳо ба ҷавонон имконият медиҳанд, ки оид ба меҳнати умумӣ дониш ва маълумоти махсус гиранд, ба ташаккули зеҳнӣ, зебоипарастӣ ва этникии хонандагон, худмуайянкунии касбӣ, мутобиқшавии онҳо ба шароити ҷамъиятӣ-иқтисодии муосири глобалӣ мусоидат намоянд. Ҷараёни технологии муосир дар сатҳи баланд нишон додани чунин хислатҳои касбӣ ба монанди фарогирии фикр, мутобиқшавии дониш ба шароити тағйирёбанда, худомӯзӣ, худрушдкунӣ, баланд бардоштани сатҳи тахассус ва афзоиши мустақилонаи сифати донишро талаб мекунад. Барои тайёр намудани мураббиёни муассисаҳои томактабӣ талаботи махсусро ба сабаби пайдоиши шаклҳои мухталифи касбомӯзӣ вобаста ба истифодаи ҳунарҳои анъанавии занонаи тоҷикон касб мекунад. Вазифаи асосии омӯзгорон – ташаккули муносибатҳои нав, ки дар фазои созандагии ҷустуҷӯйӣ дар фазои эҷодкоронаи ҷустуҷӯ дар асоси ҳамкории башардӯстона бунёд ёфтааст, ҷалби насли наврас ба арзишҳои умумибашарии инсонӣ, ки асрҳо аз тариқи ҳунарҳои анъанавии занонаи тоҷикӣ тарҳрезӣ шудаанд, мебошад. Тарбияи босифати омӯзгорон ва мураббиёни муассисаҳои томактабӣ бо истифода аз воситаҳои ҳунарҳои анъанавии занонаи тоҷикӣ дурнамои бехтарин дар нақшаи иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва педагогӣ боз мекунад, ки ба афзоиши эътибори он дар муассисаҳои таълимӣ ва ҷомеа мусоидат мекунанд.

Дар педагогика диққати махсус ба тайёр кардани омӯзгорони оянда, нақши иҷтимоии ӯ ва неруи насли наврас равона карда шудааст. Аз ин рӯ, зарур аст, ки мутахассисон дорои сатҳи баланди шахсияти миллӣ, ки муҳтавои таърихӣ, фарҳангӣ ва этно-педагогии халқи худро дӯстдоранда омода карда бошем. Ин системаи таълимӣ интиқол додани малакаҳои зарурӣ ва донишро дар бар мегирад, ки хусусиятҳои зебопарастӣ ва ахлоқии онҳо дар ҷараёни фаъолияти ҳаррӯза ташаккул меёбанд.

Ҳадафи маориф бояд ба он мусоидат намояд, ки донишҷӯён дар бораи решаҳои худ ва арзишҳои ахлоқӣ андеша намоянд ва бо ҳамин роҳ ҷойгоҳи фарҳанги миллии худро дар ҷаҳон муайян карда тавонанд ва ба фарҳангҳои дигар давлатҳо эҳтиром гузоранд.

Тарбия ва ташаккули салоҳиятҳои фарҳангӣ-ахлоқӣ таъсир ба дунёи маънавии шахс аст. Ин сифатҳо на танҳо дар инсон фаҳмиши зебоӣ, балки фаъолияти нексиришт, ростқавлӣ, ҳалолкориву ҳалолхӯрӣ, бо адлу инсоф, саховатманд ва амсоли инро ба вуҷуд меоранд. Фарҳанг, ахлоқу маънавиёт унсурҳоеанд, ки қисматҳои дигари тарбияро бо ҳам мепайванданд ва асоси фаъолияти шаҳрвандро ташкил медиҳанд. Илму фарҳанг дунёи маънавии инсонро ташаккул медиҳанд. Забон, адабиёт, таърих манбаъҳои хаттӣ ва шифоҳӣ,

осори арзишманди динӣ, ёдгориҳои таърих, асарҳои санъат, барномаҳои радио, телезизион, маводи компютер, шабакаи «Интернет», васоити ахбори омма дар тарбияи маънавӣ ва олами маънавии инсон нақши бориз дошта, дар тарбияи миллии маънавии инсон муҳимтарин васоил ба ҳисоб мераванд. Ташаккули салоҳиятҳои фарҳангӣ-ахлоқии инсон ба тарбияи маънавии шаҳрванд наздик аст. Ҳар ду аз ҳамдигар ғизо мегиранд ва дар тарбияи шаҳрвандӣ вазифаҳои муштаракро анҷом медиҳанд.

Мафҳумҳои маънавиёт, фарҳанг моҳияти падидаҳои ахлоқро инъикос мекунанд ва ба фаҳмида гирифтани чи нағзу чи бад, чи одилонаю чи ғайриодилона имконият медиҳад.

Фарҳангу ахлоқ ва маънавиёти шахс нафақат ба донистани меъёр, қоида ва принсипҳои ахлоқ, инчунин ба ҳатман риоя кардани онҳо вобаста аст. Амалӣ гардидани ин вазифаҳо, пеш аз ҳама, бар дӯши муассисаҳои таълимӣ ва омӯзгорон аст. Муассисаҳои таълимӣ метавонанд ба дастпарварони худ меъёри ахлоқ, қоида ва талабот ба рафтори шахсиятро дуруст баррасӣ намоянд. Меъёр ҳамчун ифодаи муносибатҳои муайян, амри ахлоқии ҷамъият ба рафтору хислатҳои шахсият дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ ва шахсӣ, инчунин дар алоқа ва ҳамкорӣ бо одамон мебошад.

Тоҷикистони соҳибихтиёр мақсад гузоштааст, ки давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ бунёд намояд. Барпо намудани чунин давлат бо масъалаи пайдо намудани муносибатҳои нави ҷамъиятӣ алоқаи зич дорад. Маҳз аз ҳамин сабаб муассисаҳои таълимии имрӯза вазифадоранд, ки тарбияи маънвии кӯдакону наврасонро ба таври бояду шояд ташкил намоянд, ба онҳо муяссар гардад, то ки насли наврас сифатҳои ахлоқи ҳамидаро доро бошад. Имрӯз ҳам дар кори муассисаҳои таълимӣ ва маориф ба ин масъала эътибори бузург дода мешавад. Мавқеи он дар байни соҳаҳои дигари тарбия торафт маҳкамтару устувортар мешавад, чунки тақозои давраи гузариш ба иқтисоди бозоргонӣ чунин аст.

Ҳар халқу миллат бо фарзандони шуҳратманди худ, ки хислатҳову сифатҳои беҳтарин доштанд, ифтихор мекунад. Аз қадимулайём бузургони халқи тоҷик, адибону олимон ба масъалаҳои ахлоқу одоб ва тарбияи онҳо дар одамон баҳои арзанда додаанд. Дар давоми зиёда аз ҳазор сол доир ба ин мавзуъ китобҳо, одобномаҳо, панду насиҳатҳо, ҳикояту ривоятҳо офаридаанд, ки имрӯз ҳам барои тарбияи маънавӣ қадру қиммати беандоза доранд. Гузаштагонамон дар асоси ҳамин талабҳо тарбия гирифтаанд ва шукрона намуданро сазад, ки насли имрӯза боз аз онҳо бархурдор гашт.

Ташаккули фарҳанг, маънавиёту ахлоқи кӯдакону наврасон дар муассисаҳои таълимӣ маҷмуи меъёр ва қоидаҳои оддии рафтори маданӣ дар хона, кӯча ва ҷойҳои ҷамъиятӣ мувофиқи талаботи муайяншудаи маданияти рафтор бо калонсолон ва ҳамсолонро дар бар мегирад. Ташаккули тасаввуроти кӯдакон дар бораи меъёрҳои ахлоқӣ, муносибат бо атрофиён: хайрхоҳӣ, ғамхорӣ, ростгӯй, тарбияи ҳиссиёти инсондӯстӣ: меҳрубонӣ, ҳалим будан вазифаҳои асосии тарбияи маънавию ахлоқии кӯдакон маҳсуб меёбанд. Омӯзонидани дӯстона зиндагӣ кардан, якҷоя бозӣ кардан, китобҳоро истифода намудан, ба якдигар мадад расонидан аз зинаҳои аввалини таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ тарбия карда мешаванд. Инчунин лаҳзаҳои муҳайё намудани шароит барои ташаккули фарҳангу ахлоқ ва маънавиёти кӯдакон аз ташкили бозӣ, ки ба ташаккули муносибати ғамхорона ва таваҷҷуҳ ба атрофиён равона гардидаанд, омӯзонидани ба калонсолон бо ному насаб муроҷиат намудан, ворид шудан ба муошарати дӯстона бо ҳамсолони ношинос ва кӯдакони хурду калон, хоҳиши худро эҳтиромона изҳор намудан, норозигӣ ва инкори худро боодобона баён намудан, иборат мебошад.

Ташаккули фарҳангу ахлоқ кӯдакону наврасонро ба хушмуомилагӣ (омӯзонидани салом додан, хайрухуш кардан, миннатдорӣ барои кӯмак) одат кунонидан аст.

Ба кӯдакону наврасон мушфиқиву дилсӯзӣ ва хайрхоҳ будан нисбат ба ҳамсолони худ ҳангоми пайдо шудани зиддиятҳо дар ҳолати бозӣ ва таълимро омӯзонидан зарур аст. Ёд додани гузашткунӣ нисбат ба ҳамсолон, ёрӣ додан, бетараф набудан нисбат ба дағалӣ ва хасисии ҳамсолон. бо онҳо бозӣ намудан ва халал нарасонидан, ба бозиҳои якҷоя шавқу ҳавас доштан. Истифодабарии калимаҳои ифодакунандаи мафҳуми хоҳишу миннатдорӣ - ташаккур, илтимос, марҳамат ифодагари унсурҳои фарҳанг, ахлоқ ва маънавиёт аст.

Вазифаҳои асосии омӯзгорон дар ташаккули фарҳангу ахлоқ аз он иборат аст, ки муносибати неки одамро ба ҷамъият ташаккул диҳад, ба иллату камбудиҳои ахлоқӣ нафрат пайдо кунонад, интизоми шуурона тарбия намояд, барои инкишофи ҳаматарафаи шахсият мусоидат кунад. Ҳалли ин вазифа баҳри ташаккули муносибатҳои кӯдакону хонандагон бо ҷамъият аҳамияти махсусан калон дорад. Вай ба афзудани эҳтироми кӯдакону хонандагон

нисбати ҷамъият, ба мустаҳкамшавии истиқлолияти кишвар, ба соҳиби маданияти ахлоқӣ шудан, инкишофи бошуурона, ёфтани мавқеи худ дар ҷамъият, зиёда гардонидани эътиқодашон ба одамони хуб оварда мерасонад. Омӯзгорон ва мурабиён дар машғулиятҳо ва берун аз онҳо ба хурдсолон маънои ваҳдат, дӯстӣ, ҳамкорӣ, ба ҳамдигар ёрирасонӣ ва хислатҳои ба халқу миллат даркориро мефаҳмонад. Ин дар маҷмуъ пешрафти иқтисодӣ, сиёсии ҷамъиятро таъмин менамояд. Хубу аъло хондан, ҷустуҷӯю меҳнат кардан, аз душвориҳо наҳаросида бартараф карда тавонистан ва ба норасоиву иллатҳо муросо накардан низ амалӣ гардидани вазифаҳои тарбияи ахлоқиро таъмин менамояд.

Сарчашмаҳои хаттӣ, асарҳои оламшумули намояндагони адабиётамон, панду насиҳатҳо ва урфу одатҳои миллӣ, ки авлоду аҷдодамон дар асоси онҳо тарбияи ахлоқӣ гирифтаанд, имрӯз ҳам қадру қиммати худро гум накардаанд. Барои ҳаёти оилавии ҳозира, тарбияи фарзандони онҳо аҳамияти калонро моликанд.

Васияту насиҳатҳо, ақидаву андешаҳои мутафаккирони гузашта дар бораи фарҳанг, ахлоқ ва маънавиёт чунон тавоноӣ доранд, ки метавонем бо мадади онҳо дар дили хонандагони хурдсол ҳам тухми инсонпарварӣ кишта сабзонем, онҳоро ба роҳи ҳаёт барорем, то дар оянда ба халқ ва хешу табор, дӯстон дасти ёрӣ дароз намоянд, ҳурмату эҳтиромашонро ба ҷо оранд.

Дар ин ҷода истифода намудани панду ҳикматҳои ахлоқии Абуабдуллои Рӯдакӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Носири Хусрав, Сайидои Насафӣ, Саъдии Шерозӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Бадриддин Ҳилолӣ, Низомии Ганҷавӣ, Аҳмади Дониш ва дигар бузургон мувофиқи мақсад мебошад. Халқи тоҷик ва мутафаккирони он ахлоқи пок, одобу рафтори хушро қадршиносӣ, тарғибу талқин мекарданд, чунки онҳо фаъолиятҳое мебошанд, ки ба инсон ҳусну латофат мебахшанд, вайро орифу доно, тавоно месозанд, аз ҳар ҷиҳат мукаммал мегардонанд.

Ҳамин тавр, ба хурдсолон бояд аз рӯзҳои аввали ба таълим фаро гирифтанашон дар хусуси ахлоқи ҳамида, фарҳанги миллӣ маълумоти оддитаринро дод, то ки аз фазилатҳои ахлоқи одамӣ баҳраманд гарданд ва муносибаташон бо аҳли ҷамъият, меҳнат, одамон ва худашон бомаърифат ва шоистаи таҳсин бошанд.

«Маърифат ва фарҳанги шахс аз дониш ба миён меояд. Он ба тарбияи маънавӣ робитаи зич дорад. Фарқи асосӣ он аст, ки дар тарбияи маънавӣ ҷанбаи ахлоқӣ бештар ба назар мерасад. Аз як сарчашма ғизо гирифтан онҳоро бо ҳам муттаҳид месозад. Маърифат сифатҳои ахлоқӣ ва маънавии миллатро ташаккул медиҳад. Маънавиёт манбаи муҳимми тарбияи миллист. Аз ҷиҳати таркиб ва маънавият мафҳуми «шахси бомаърифат» аз мафҳуми «шахси бофарҳаг» ғанию васеътар мебошад» [5; 216].

Дар замони муосир омӯзиши илмӣ ва азбарсозии амалии арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ, дарки дуруст ва истифодаи оқилонаи онҳо дар ташаккули салоҳиятҳои фарҳангӣ ва ахлоқии наслҳои ояндаи ҷомеаи фарҳангӣ, ки ба арзишҳои маънавию маърифатӣ асос ёфтааст, нақши ҳаётан муҳим дорад. Бо назардошти зарурати мавзуи доғи рӯз, Президенти кишвар арзишҳои умумибашариро ба гулдастаи зебо ва муаттар монанд карда, таъкид менамояд, ки «Миллати куҳанбунёди тоҷик ба ин гулдастаи умумӣ як гули бисёр пурҷило ва ба таври ҳамеша тару тоза ҳамроҳ кардааст» [1; 114].

Рушди рӯзафзуни технологияҳои коммуникатсионӣ низ дар ин миён нигаронии соҳибназаронро ба бор овардааст. Таъсири иттилооти зиёди мусбату манфии расонаҳои иттилоотӣ ва сомонаҳои интернетӣ ба ташаккули фарҳангу ахлоқ, маънавиёт ва ҳаёти мардуми ҷаҳон, махсусан ба кӯдакону наврасон аз чанд даҳсола пештар дида, имрӯзҳо ба маротиб зиёдтар ба мушоҳида мерасад. Табиист, ки ин гуна воситаҳои таъсиррасонӣ ба психологияи кӯдакону наврасон, умуман инсон ва шуури ҷомеа метавонад аз ҷониби гурӯҳҳои муайян бо мақсадҳои гуногун истифода шавад.

Маҳз дар ана ҳамин гуна муҳит ҷавонон дар кӯдакӣ аз доираи фарҳангу ахлоқ, маънавиёт, арзишҳои миллӣ ва давлатдории худ дур мемонанд.

Аз ҷониби дигар, аксаран таҳти таъсири бевоситаи ҷаҳонишавӣ тарбия ва ташаккули наврасону ҷавонон ба рӯҳияи пурталотуми глобализатсия, арзишҳо ва меъёрҳои асосии ҷаҳонӣ бархӯрд мекунанд. Дунёи муосир, ки бори гарони сарватҳои таърихиву мероси куҳани миллиро кашида наметавонад, дар ташаккули арзишҳои миллӣ ва фарҳангию ахлоқии насли наврас ба мушкилиҳои зиёде муваҷҷеҳ мегардад. Арзишҳои куҳан қимати иҷтимоии худро бохта, батадриҷ аз миён мераванд ва ҷойи онҳоро арзишҳову меъёрҳои нав мегирад.

Бо назардошти ин, роҳбарияти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайваста дар мулоқоту вохӯриҳояш бо ҷавонон ва аҳли ҷамоатчигии кишвар, таъкид мекунанд, ки ҳар як фарди ҷомеа бояд, зиракии сиёсиро аз даст надода, баҳри ободании Ватан иқдом кунад. Ҳамчунин дар ҷумҳурии мо қабул шудани ду қонуни миллӣ: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи анъана ва расму оинҳои миллӣ» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», ки заминаи асосии ҳуқуқиро барои мубориза ба муқобили хурофотпарастӣ ва гумроҳию ҷаҳолат дар ҷомеа ба миён овард, маҳз бо ташаббус ва ибтикороти Пешвои миллат, боз ҳам ба хотири ояндаи дурахшони ҷавонони кишварамон ба бор омадааст.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯз тамоми шароитро барои рушди шахсияти баркамол дар ҷомеа, барои насли наврас фароҳам овардааст, дар саросари кишвар ҳазорҳо муассисаҳои томактабӣ, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва касбӣ, донишкадаву донишгоҳҳо бо мутахассисони соҳа таъмин буда, содиқона барои таълиму тарбияи насли наврас ва ҷавонони ояндасоз хизмат мекунанд.

АДАБИЁТ:

1. Э. Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз ориён то сомониён. - Душанбе, 2006.
2. Э. Раҳмон. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. - Душанбе, 2012.
3. Боронов Б. Фазилати инсон, Дастури методӣ, - Душанбе, Сифат, 2007.
4. Лутфуллоев М. Осор. Ҷилди 5. Инсон ва тарбия. - Душанбе, 2013.
5. Лутфуллоев М. Педагогикаи миллии халқи тоҷик. - Душанбе, 2015.
6. Х. Раҳимов, А.Нуров. Педагогика. - Душанбе, 2007.
7. Массен, П. Развитие личности в среднем возрасте: Пер. с англ. /
8. П. Массен, Дж. Конгер. – М.: Прогресс, 1997. – 272 с.
9. Федотова, Л.Н. Социология массовой коммуникации. – М.: Аспект Пресс. 2002. – 238 с.

ФОРМИРОВАНИЕ КУЛЬТУРНО-НРАВСТВЕННЫХ КОМПЕТЕНЦИЙ БУДУЩИХ ВОСПИТАТЕЛЕЙ ДОШКОЛЬНЫХ УЧРЕЖДЕНИЙ В ОБРАЗОВАТЕЛЬНОМ ПРОЦЕССЕ

В статье говорится о формирование культурно-нравственных компетенций будущих воспитателей дошкольных учреждений в образовательном процессе и методах воспитания, формирования их нравственного воспитания. Эффективность и результативность процесса обучения и воспитания зависит от рационального использования методов обучения и воспитания.

Ключевые слова: *формирования, культурно-нравственные компетенции, будущие воспитатели дошкольных учреждений, образовательный процесс, духовное воспитание, методы воспитания, нравственное воспитание.*

FORMATION OF CULTURAL AND MORAL COMPETENCIES OF FUTURE TEACHERS OF PRESCHOOL INSTITUTIONS IN THE EDUCATIONAL PROCESS

The article talks about the formation of cultural and moral competencies of future teachers of preschool institutions in the educational process and methods of education, the formation of their moral education. The effectiveness and efficiency of the process of education and upbringing depends on the rational use of methods of education and upbringing.

Key words: *formations, cultural and moral competencies, future teachers of preschool institutions, educational process, spiritual education, methods of. upbringing, moral education*

Маълумот дар бораи муаллиф: Котибова Ш. п. –н.и.п., мудири шуъбаи муассисаҳои томактабӣ ва таҳсилоти ибтидоии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдурахмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, ш.Душанбе, к. Айни 45. **E-mail:**sharifa.kotibova@mail.ru., тел: (992) 904 53 99 54

Сведение об авторе: Котибова ш. п. – к.п.н., зав. отделом дошкольных учреждений и начального образования Института развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана, г. Душанбе, ул. Айни 45. **E-mail:** sharifa. kotibova@mail.ru.,тел: (992) 904 53 99 54

Information about the author: Kotibova sh– c.p.s., the head of Department of preschool centres and elementary education of Institute of a development of education of a name of Abdurahmana Dzhami of Academy of Education of Tajikistan,Dushanbe, 45 Ayni str., **E-mail:**sharifa.kotibova@mail.ru., mob: (992) 904 53 99 54

САТТОРОВ Қ.Н.

МУТОБИҚШАВИИ КӮДАКОНИ НОШУНАВО БО БАРНОМАИ ТАҲСИЛОТӢ

Саривақт муайян намудани нуқсони модарзодии шунавоӣ шарти ҳалкунандаи амали фаврии чораҳои ислоҳӣ барои рушди ҳамаҷонибаи кӯдак, пешгирӣ аз таъхир дар рушди нутқ, забон ва вазифаҳои маърифатии ӯ мебошад.

Дар робита ба гуфтаҳои боло, ҳангоми татбиқи Барномаи намунавии мутобиқшуда, параметрҳои клиникии хусусиятҳои психофизикӣ ва имкониятҳои инфиродии кӯдаки ношунаворо ба назар гирифтан лозим аст.

Маълум аст, ки мутатсияҳо норасоиҳое, ки мо дар аксари ҳолатҳо мешунавем, бо ихтилоли ген алоқаманданд. Дар айни замон, зиёда аз 60- ген муайян шудааст, ки боиси ихтилоли гуногуни шунавоӣ мегарданд. Аксари ин бемориҳо модарзодианд ё дар кӯдакӣ дар синни барвақтӣ пеш аз ба даст овардани нутқ инкишоф меёбанд. [2]

Бемориҳо метавонанд ирсӣ бошанд, аз ҷумла онҳое, ки дар натиҷаи мутатсияҳои генетикӣ ба вуҷуд омадаанд. Бемориҳои шунавоӣ метавонанд бо бемориҳои чашм, устухон, асаб, системаҳои эндокринӣ ва бемориҳои гурда ҳамроҳ шаванд. Норасоии шунавоӣ метавонад фавран пас аз таваллуд шудани кӯдак пайдо шавад ё тадриҷан инкишоф ёбад.

Бемории шунавоӣ метавонад яктарафа (як гӯш ношунаво шудааст - чап ё рост) ва дуҷониба (ҳарду гӯш ношунаво шудааст).

Созмони ҷаҳонӣ талафотро муайян мекунад, ки дар калонсолон аз 40 дБ ва дар кӯдакон аз 30 дБ дар гӯши ба бемории ношунаво оварда мерасонад. Таснифи байналмилалии талафоти шунавоӣ, ки аз ҷониби Созмони ҷаҳонӣ тасдиқ карда шудааст, дар ҷадвали 1 оварда шудааст.

Чадвали 1. - Дараҷаҳои гумшавии шунавоӣ

Дараҷаи талафоти шунавоӣ	Арзиши миёнаи остонаи шунавоӣ дар ҳаво дар басомадҳои 500, 1000, 2000 ва 4000 Гц (дБ)
Ман	26-40
II	41-55
III	56-70
IV	71-90
Ношунавоӣ	≥91

Норасоии шунавоӣ метавонад гузаранда ё сенсорӣ бошад.

Аз даст додани шунавоӣ як бемории мебошад, ки дар натиҷаи осеб дидани дастгоҳи овоздиҳандаи системаи шунавоӣ - гӯши берунӣ ва миёна, ки боиси аз даст додани 1-2 дараҷа мегардад.

Бемориҳои сенсорӣ -рентгенӣ (аз даст додани гӯш ва ношунавоӣ) - вайроншавии шунавоӣ, ки асосан дар натиҷаи вайрон шудани ретсепторҳои кохлеарӣ (ҳуҷайраҳои мӯи берунӣ ва дохилӣ) ва дар баъзе беморон инчунин қисман вайрон шудани наҳҳои асаби шунавоӣ ба вуҷуд меояд. Сабабҳои маъмултарини ношунавоӣ дар кӯдакон ин вайроншавии шунавоӣ, гипоксия, (нарасидани ҳаво (кислород) сатҳи баланди билирубин, сироятҳои вирусии модар дар давраи ҳомиладорӣ, менингоэнсефалит, истеъмоли доруҳои ототоксикӣ ва ғайра мебошанд. Импулсҳо халалдор мешаванд. Аз даст додани шунавоӣ бо норасоии сенсориурналӣ метавонад аз аз даст додани шунавоии дараҷаи 1 то ношунавоӣ фарқ кунад.

Агар гӯш ҳам патологияи гӯши миёна (гумшавии шунавоии баранда) ва ҳам ботинӣ (талафоти шунавоӣ ё ношунавоӣ) дошта бошад, пас дар ин ҳолат онҳо дар бораи гумшавии омехтаи шунавоӣ сухан мегӯянд.

Таҳлилгари шунавоӣ ба муҳимтарин таҳлилгарони системаи асаби инсон тааллуқ дорад. Қисми периферии таҳлилгари шунавоӣ барои дарки садоҳо дар вақти таваллуди кӯдак омода шудааст. Аммо шунидан дар лаҳзаҳои аввали пас аз таваллуди кӯдак нокомил аст.

Таҳлилгари шунавоӣ ва нутқ нисбат ба дигар шуъбаҳои марбут ба вазифаи нутқ пештар рушд меёбад. Дар натиҷаи камолоти анализаторҳои шунавоӣ то таваллуди кӯдак ба вуҷуд меояд. Аммо барои фаъолияти таҳлилгари шунавоӣ-нутқ, бояд консентратсияи шунавоии кӯдак, тафриқаҳои нозук ба овози инсонро инкишоф дод, яъне на танҳо шунавоӣ, балки шунавоии нутқро инкишоф додан лозим аст.

Яке аз нишондиҳандаҳои рушди нейропсихикии кӯдаки солим инкишофи фаҳмиши нутқ мебошад. Инкишофи фаҳмиши нутқ як раванди хеле душвор ки вақти зиёдро талаб мекунад. Барои рушди нутқи таъсирбахш, муошират эҳсосотӣ бо кӯдак дар рӯзҳои аввали ҳаёт аҳамияти фавқулодда дорад.

Дар моҳҳои аввали ҳаёт, ҳангоми муошират бо калонсолон, калима аз ҷониби кӯдак ҳамчун ҷузъи ангезандаи мураккаб истифода карда мешавад Он мавқеи бадани кӯдак, муҳити зист, намуди нутққунанда, овоз ва интонасияи ӯро дар бар мегирад.

Аз нимаи дуюми соли ҳаёт таваҷҷуҳи кӯдак ба ҳама чизҳои гирду атроф якбора меафзояд. Дар 7-8 моҳагӣ бо тарбияи дуруст алоқаи баъзе калимаҳо бо ашёи атроф ба роҳ монда мешавад. Дар кӯдак фаҳмиши аввалини сухан ташаккул меёбад.

Дар 85% кӯдакон нуқсони шунавоии модарзод ё дар соли аввали ҳаёт, яъне пеш аз рушди нутқ рух медиҳад. Рушди рӯҳии кӯдакони дорои нуқсони модарзодии шунавоӣ бо як қатор хусусиятҳои хосси худ фарқ мекунад. Дар моҳҳои аввали ҳаёт, онҳо рефлекси модарзодии садоҳои шадидро надоранд ё заиф ифода мекунанд. Одатан дар паридан ва пӯшидани чашмони онҳо зоҳир мешаванд. Ҳангоми гиря, кӯдак мисли овози кӯдаки оддӣ хомӯш намешавад. Дар оянда, кӯдакони дорои нуқсони шунавоӣ рефлексҳои омӯзиширо ба ангезаҳои садо инкишоф намедиҳанд.

Мувофиқи тадқиқоти муосир, тавре ки борҳо қайд шудааст, ташхиси барвақтии ихтилоли шунавоӣ ва барқарорсозии мувофиқи минбаъда метавонад ихтилоли инкишофи нутқ ва дигар вазифаҳои олии рӯҳии кӯдакро пешгирӣ ва ё суст кунад.

Николаева, Т.В қайд мекунад, ки байни синни 6 то 9 моҳа «тадриҷан тифлон овози худро ба садоҳои забони модарии худ маҳдуд мекунанд. Кӯдак бо тақлид ба калима ва ибораҳои калонсолон интонатсияҳои мухталифро меомӯзад ва ҳамчун овози кабӯтаре ба забони ибораи модарии худ садо медиҳад. Ин падида бо функсияи шунавоӣ алоқаманд аст. Аз ин рӯ, муоинаи универсалии аудиологии тифлони навзод имкон медиҳад, ки камбудиҳои шунавоӣ дар рӯзҳои аввали ҳаёти кӯдак ошкор шуда, дар 3- моҳи аввал ташхис гузошта шавад. Табобат баъд аз таваллуди кӯдак аз 6 моҳагӣ оғоз мешавад. Бо ин роҳ шумо метавонед оқибатҳои ҷиддиеро, ки дар натиҷаи нокомии шунавоӣ дар раванди ба даст овардани забон ва рушди нутқ ба амал меоянд, пешгирӣ кунед [6] .

Академияи педиатрияи америкоӣ тавсия медиҳад, ки синни оптималии пешгӯйии нутқ ва рушди равонӣ-эмотсионалӣ ҳангоми ташхиси ниҳоӣ ва оғози чораҳои барқарорсозӣ то 3-6 моҳи ҳаёти кӯдак баррасӣ карда мешавад.

Инкишофи мукаммали кӯдакони ношунаво бо дарназардошти камбудиҳои шунавоӣ, дастгоҳҳои шунавоӣ ва дастгирии ҳамаҷонибаи тиббӣ, психологӣ ва педагогӣ фавран пас аз ташхис, бо дарназардошти таълими босифат дар ҳама марҳилаҳо, бо назардошти сохтори камбудиҳо, сатҳи рушди умумӣ ва нутқ, хусусиятҳо ва қобилиятҳои ҳар як кӯдак мутобиқ карда мешавад.

Ҳамин тавр, масалан, Головчиц, Л.А., нишон додааст, ки кӯдаконе, ки дар синни 6-моҳагӣ дастгоҳи ёрии шунавоӣ истифода мебурданд, дар оянда дар гуфтор ва рушди зеҳнӣ аз шунавоии муқаррарии худ ақиб мемонанд, назар аз кӯдаконе, ки дертар аз ин давра дастгоҳҳои шунавоӣ истифода мебурданд.

Муваффақияти барқарорсозӣ на танҳо аз хусусият ва дараҷаи осеби таҳлилгари шунавоӣ, балки аз ҳолати вазифаҳои олии руҳӣ, муҳити нутқи кӯдак ва хусусиятҳои раванди барқарорсозӣ вобаста аст.

Дар педагогикаи нуқсонҳои шунавоидошта томактабии муосир методология барои баҳодиҳии педагогии сатҳи умумии инкишофи кӯдаки барвақти дорои нуқсони шунавоӣ таҳия шудааст.

Бо ёрии ин техника рушди иҷтимоӣ, ҷисмонӣ, маърифатӣ, инчунин фаъолияти предметӣ-бозии кӯдак, ҳолати нутқ ва шунавоии ӯро баҳо додан мумкин аст.

Ҳангоми азназаргузаронии маҷмуи вазифаҳои таҳиягардида хусусиятҳои синнусолии рушди психофизикии кӯдакони дорои нуқсонҳои шунавоии синни томактабӣ муайян карда шуданд. Дар рушди психофизикии кӯдакони синну соли хурд (2-2,5 сола) ва (2,5-3 сола) фарқиятҳои назаррас мушоҳида карда шуданд. Дараҷаи рушди умумии психофизикии кӯдакони то 2,5 сола, бе назардошти сатҳи рушди нутқ, метавонад ба меъёри синну сол наздик арзёбӣ карда шавад.

Мутобиқшавии кӯдакони ношунаво ба барномаи таълимӣ ба шумо имкон медиҳад, ки сатҳи инфиродии ҳар як кӯдакро дар хатҳои асосии рушд муайян кунед. Хусусияти рушди

психофизикии кӯдакони ношунаво ва шунавоидошта дар он зоҳир мешавад, ки сатҳи фаъолияти иҷтимоӣ, маърифатӣ, ҷисмонӣ ва фаъолияти объектӣ-бозӣ метавонад ба меъёри синну сол мувофиқ кунад.

Қобилияти дарки шунавоии кӯдак калиди муваффақияти нутқ ва рушди зеҳнӣ мебошад. Аз даст додани шунавоӣ кӯдакро аз як манбаи муҳими иттилоот маҳрум мекунад ва ҳамин тариқ раванди рушди зеҳнии ӯро маҳдуд мекунад. Аммо, ин камбудиҳоро асосан бо истифодаи усулҳои махсус ва воситаҳои техникӣ дар таълим ҷуброн кардан мумкин аст.

Кӯдакони ношунавои синни томактабӣ як гурӯҳи гетерогенӣ мебошанд, аз ҷумла:

- кӯдакони ношунаво, ки бидуни инҳирофоти иловагии рушд,аз рӯйи сатҳи рушди умумӣ ва нутқ, ки ба меъёри синну сол наздик мешаванд (кӯдакони синни томактабӣ, ки барвақт амали ислоҳӣ доранд);

- кӯдакони ношунаво, ки бидуни инҳирофи возеҳ дар инкишоф, аз меъёри синнусолӣ қафо мондаанд, аммо дорои дурнамои бо онҳо наздик шудан (дар синни томактабӣ ё мактабӣ) бо дастгирии систематикии махсус;

- кӯдакони ношунавои дорои нуқсонҳои шадид ва гуногун (аз ҷумла ақибмонии мӯътадил, шадид ва амиқи равонӣ), ки инкишофи онҳо бо меъёри синну сол қобили муқоиса нест.

Параметрҳои психологӣ ва педагогии хусусиятҳои психофизикӣ ва имкониятҳои инфиродии кӯдаки ношунаво мувофиқи синну соли кӯдак, хусусиятҳои инфиродии ӯ, эҳтиёҷоти ӯ, хусусият ва вазнинии вайронкуниҳо муайян карда мешаванд. Ҳамчунин, як қатор омилҳои субъективӣ ба сатҳи рушди умумӣ ва шунавоӣ-нутқии кӯдакони синни томактабӣ таъсир мерасонанд. Вақти ошкоркунии нуқсони шунавоӣ, вақти оғози амали ислоҳӣ, ташкил ва самаранокии он истифода бурда мешавад.

Параметрҳои психологӣ ва педагогии хусусиятҳои психофизикӣ ва қобилиятҳои инфиродии кӯдаки ношунаво инҳоро дар бар мегиранд:

1. Хусусиятҳои системаҳои ҳассос (анализаторҳо) ва вазифаҳои олии руҳӣ (визуалӣ, шунавоӣ, бӯй, ламсӣ, дарки тактикӣ-моторӣ, муаррифии фазоӣ, аз ҷумла мавқеи бадани худ дар кайҳон (озмоиш бо чашмони пӯшида), муваққатӣ муаррифӣ, таваҷҷӯҳ, хотира, тафаккур, шуур, фаъолияти оқилона, нутқ ва ғайра).

2.Мавҷудияти майлҳо, хусусиятҳои инфиродии манфиатҳо ва афзалиятҳо (бозиҳои дӯстдошта, бозичаҳо, машғулиятҳо, инчунин тарбиятгар, мураббия, муаллиме, ки кӯдак бо онҳо муошират карданро афзалтар медонад.

Хулоса, барои мутобиқшавӣ онҳо калонсолон эҳтиёҷи кӯдаки ношунаворо дар муоширати иҷтимоӣ қонеъ мекунад, ба онҳо бо табассум, суханони меҳрубонона муроҷиат мекунад, дастҳояшро нарм мегирад, мекашад, боз бо табассум ва овозҳои ӯ ҷавоб медиҳад, ба ташаббуси кӯдак вокуниш нишон медиҳад, онҳоро руҳбаланд мекунад. Барои худшиносии мусбии кӯдаки ношунаво шароит фароҳам меорад.

АДАБИЁТ

1. Голицына, Н.В. Особенности формирования социальных представлений дошкольников с нарушенным слухом [Текст] Н. В. Голицына. Логопедия сегодня: науч.-метод. журн. - 2012. - № 2(36). - С. 5-8.
2. Головчиц, Л.А. Особые образовательные потребности глухих и слабослышащих дошкольников с интеллектуальными нарушениями. Вестник Череповецкого государственного университета. - 2017. - № 5. - С. 170 - 176.
3. Головчиц, Л.А. Система коррекционно-педагогической помощи дошкольникам с недостатками слуха в структуре комплексных нарушений развития [Текст]: монография. Л. А. Головчиц. - М.: МПГУ , 2015. - 178 с.
4. Заболтина, В.В. Развитие речи дошкольников с нарушениями слуха в процессе театрализованных игр [Текст] В. В. Заболтина. Логопед: науч.-метод. журн. - 2010. - № 6(46). - С. 72-78
5. Николаева, Т.В. Комплексное педагогическое обследование ребенка раннего возраста с нарушенным слухом. Дефектология. - 2004. - № 2. - С.21-26.
6. Физическое воспитание детей старшего дошкольного возраста с нарушением слуха в инклюзивных группах [Текст]: монография. Ю. Н. Ермакова [и др.] Шуя: Изд-во ФГБОУ ВПО "ИвГУ" Шуйский фил., 2015. - 171 с.

АДАПТАЦИЯ ГЛУХИХ ДЕТЕЙ С ОБРАЗОВАТЕЛЬНОЙ ПРОГРАММОЙ

Необходимо учитывать адаптированную примерную программу, клинические параметры психофизические особенности и индивидуальные возможности глухого ребенка. Таким путем достигается полноценное развитие глухих детей с диагнозом тугоухость, слухопротезирование или имплантация и комплексная медицинская, психолого-педагогическая реабилитация сразу после установления диагноза, качественное обучение в комплексе. Эти этапы тестируются с учетом структуры недостатков, уровня общего и речевого развития, особенностей и способностей каждого ребенка.

Одним из показателей нервно-психического развития здорового ребенка является развитие понимания речи. Развитие понимания речи – очень сложный и трудоемкий процесс. Для развития результативной речи крайне важно эмоциональное общение с ребенком в первые дни жизни.

Ключевые слова: *адаптация, глухие дети, образование, программа, способности, ребенок, речь.*

ADAPTATION OF DEAF CHILDREN WITH THE EDUCATIONAL PROGRAM

It is necessary to take into account an adapted exemplary program, clinical parameters of psychophysical characteristics and individual capabilities of a deaf child. In this way, the full development of deaf children with a diagnosis of hearing loss, hearing aids or implantation and comprehensive medical, psychological and pedagogical rehabilitation immediately after the diagnosis is established, high-quality education in the complex is achieved. Its stages are tested taking into account the structure of deficiencies, the level of general and speech development, the characteristics and abilities of each child.

One of the indicators of the neuropsychic development of a healthy child is the development of speech understanding. The development of speech comprehension is a very complex and time-consuming process. For the development of effective speech, emotional communication with the child in the first days of life is extremely important.

Key words: *adaptation, deaf children, education, program, abilities, child, speech, communication, important.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Сатторов Қ. ассистенти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Тел: 985505284

Сведения об авторе: Сатторов Қ. ассистент Таджикского Государственного Педагогического Университета имени Садриддина Айни. Тел: 985505284

Information about the author: Sattorov K. Assistant Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini. Tel: 985505284

МАҲКАМОВ Д.

БАРТАРӢ ВА НОРАСОИҲОИ ТАҲСИЛОТИ ФОСИЛАВӢ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ КАСБӢ

Дар шароити муосир мо таҳсилоти фосилавиро ҳамчун як чизи табиӣ қабул менамоем. Бисёр муассисаҳои таълимӣ дар таҷрибаи корӣ хеш аз технологияи фосилавӣ истифода мебаранд. Алакай бисёр донишҷӯён чунин шакли таълимро мавриди омӯзиш қарор додаанд. Аммо фаромуш набояд кард, ки таълими фосилавӣ як тарзи ташаккул додани дониш ва маҳорату малака мебошад, аммо мазмуни таҳсилот бетағйир боқӣ мемонад. [4. С.5].

Омили асосии инкишофи таҳсилоти фосилавӣ дастовардҳои муосир дар соҳаи технологияи таълим, воситаҳои оммавии ахбор ва алоқа мебошад. Инкишофи босуръати таҳсилоти фосилавӣ аз истифодаи васеи воситаҳои техникии гуногун вобаста мебошад, ки Тоҷикистон дар ин ҷода каме нороҳатиро дарк менамояд.

Ин низом дар навбати аввал дастрасии муассисаҳои таҳсилоти касбиро бо компютор ва технологияи ахборотӣ; алоқаи низоми моҳвараӣ; талевизони таълимӣ; воридшавии оммавӣ ба низоми ахбор; паҳн гардонидани барномаҳои таълимии компютӣ ва ғайраро талаб менамояд.

Дар ин самт ба ҳамагон маълум аст, ки интернети фаъол бо тамоми воситаҳои дигар, таълими фосилавиро танг намуда, бо се ҳолат ҷояшонро ишғол менамояд:

1) Инкишофи техникии интернет-технология, имкон медиҳад, ки тамоми амсилаҳо мувофиқ ва арзонтар тавассути интернет амалӣ гарданд;

2) Ворид гардидан ба шабакаи интернет ягон мушкилотро барои таҳсилкунандагони фосилавӣ пеш намеорад;

3) Нисбатан воридшавӣ ва сару кор гирифтан бо он арзиши паст дорад.

Барои ба даст овардани натиҷаи дилхоҳ дар таҳсилоти фосилавӣ интернет воситаи зарурӣ ва муҳимтарин ба шумор меравад:

1. Мавҷудияти базаи муосири компютерӣ ва дастрасии хуб ба интернет барои хонандагони таҳсилоти фосилавӣ. Мутаассифона дар шароити муосир басёр донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар хона компютер ва интернет надоранд. Дар маркази шаҳри Душанбе шабакаи баландсуръати интернет мавҷуд аст, аммо дар аксари ноҳияҳо он вуҷуд надорад, ки донишҷӯён корро дар самти таҳсилоти фосилавӣ бобарор ба роҳ монанд. Дар чунин ҳолат интернети мобилӣ ва телефон- асоси таҳсилоти фосилавӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ қарор мегирад.

Дар мувофиқа бисёри барнома, намоиш ва ҳуҷҷатҳои барои донишҷуён зарурӣ дар таҳсилоти фосилавӣ дастнорас қарор мегирад. Онҳо ба таври техникӣ барои донишҷӯён дастнорас қарор мегиранд ва донишҷӯён имконияти онҳоро тавассути технологияи мавҷуда гирифта истифода бурдан надоранд. Агар дар телефон нусхабардорӣ намоянд барномаи иловагӣ барои хондан на ҳамеша истифода бурдан мушкилотро пеш меорад.

2. Дар Тоҷикистон захираҳои хуб ва таҷрибаи таҳсилоти фосилавӣ чандон устувор нест, омӯзгорон дар ин самт таҷрибаашон ниҳоят нокофӣ мебошад. Инчунин омодагии омӯзгорон ба ташкил намудани дарсҳои фосилавӣ чандон хуб нест. Дар ин ҷо боз савол дар бораи имконияти техникии омӯзгорон ва маҳорати истифода бурда тавонистани онҳо аз тамоми технологияи муосир меравад. Мою шумо ниҳоят дуруст дарк менамоем, ки қисми зиёди омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбиро шахсони калонсол ташкил медиҳанд, ки дар шабакаи иҷтимоӣ кор карда наметавонанд ва агар тавонанд хам ниҳоят суст фаъолият менамоянд.

Агар бо офис мо дӯстӣ пайдо намоем, тавассути барномаи кории навишташуда, дар раванди кор дар майдони онлайн, роликҳои наворӣ, презентатсия, саволномаҳо гузаронидан ба ҳама муясар намегардад. Аз ин рӯ, аз ҳама тарзи дастрас ва осон расм гирифтани саҳифаи китоб ва дигар сарчашмаҳо мебошад. [2. С.7].

Ба худ тасавур намоед, ки дар як рӯз 6-7 презентасия, ки пур аз мазмун мебошад гузаронидан ниҳоят мушкил аст. Ба ивази он дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ гузаронидани машғулият барои мустаҳкамкунии мавод ва тафтиши супоришҳо ҷисман номумкин аст. Барои ҳосил намудани чунин база солҳои дароз нокифоянд, на як бегоҳу шабнишинӣ. Агар барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ майдон барои дарси шакли ИНТЕРНЕТӢ мавҷуд бошад, барои муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ чунин майдон вуҷуд надоранд. [3. С.165].

Фанҳои умумитаълимӣ аз ин мавод истифода бурда метавонанд ва ба таври интихобӣ онҳоро метавонанд бо мавзуҳо робитаманд гардонанд, аммо барои омӯзгорони фанҳои махсус ин чандон кори осон нест.

1. Натиҷаи оптималии дарси фосилавӣ он дам ба даст меояд:

• Захираҳои таълимӣ бо технологияи ахборотии дар дараҷаи олӣ пухта коркард гардида, фаҳмо, бо ороишҳои зебои захираҳои таълимӣ пешниҳод карда шавад.

• Донишҷуён хуб омода карда шаванд ва маводи пешниҳодгардидаро хуб донанд.

• Робитаи омӯзгорон бо танзимгари шабакавӣ тавассути интернет бо тарзҳои дастрас рӯй диҳад. Баргузории дарсҳоро омилҳои берунӣ халалдор карда натавонанд. [4. С.15].

Табиатан, дар чунин шакли таълим барои ҳам хонандагон ва ҳам донишҷӯён бартарӣ ва норасоиҳо мавҷуданд. Агар ин варианти таълимро тавассути технологияи номбурда мавриди назар қарор диҳем, бояд омилҳои зеринҳоро ба эътибор гирем:

Бартариҳои таҳсилоти фосилавӣ дар он мебошад:

• Таълим дар самти инфиродӣ - дар он зоҳир мегардад, ки сурати таълимро худи донишҷӯён муайян менамоянд;

• Озодӣ ва тобоварӣ - хонанда, донишҷӯ метавонад аз байни фанҳои сершумор, кадом фанни таълимиеро, ки хоҳад интихоб намояд, вақтро мустақилона нақшабандӣ намояд, ҷой ва давомнокии машғулиятро муайян созад;

• Дастрасӣ – новобаста аз ҳолати географӣ ва вақтии хонанда ва муассисаи таълимӣ руй медиҳад, муассисаи таълимӣ кушиш менамояд, ки хешро аз талаботи таълимӣ маҳдуд насозад.

• Омодагӣ - татбиқи самаранокии робитаҳои баргарданда байни омӯзгор ва донишҷӯ яке аз талаботи асосии давомоти ҷараёни таълим мебошад.

• Технология – дар ҷараёни таълим истифода бурдан аз дастовардҳои навтарини технологияи ахборотӣ ва телекоммуникатсионӣ рӯй медиҳад.

• Баробарҳуқуқии иҷтимоӣ- имкониятҳои баробари гирифтани маълумот новобаста аз ҷойи зист, ҳолати солимӣ, таъминоти моддии донишҷуён рӯй медиҳад.

• Эҷодкорӣ – шароити мусоид барои худзоҳиркунии эҷодии хонандагон ва донишҷӯён. (4. С.18)

Дар ин раванд норасоиҳои зерин мавҷуданд:

Дар таҳсилоти фосилавӣ машварати доимӣ байни хонанда ва омӯзгор вуҷуд надорад. Ин маънои онро дорад, ки дар таҳсилоти фосилавӣ нисбат ба шакли рӯзонаи таълим муносибати инфиродӣ ва таъсири тарбиявӣ камтар мушоҳида карда мешавад. Вақте инсон дар паҳлуят нест, ки донишро ба таври эҳсосоти ранга гардонад, ин яке аз камбудиҳои таҳсилоти фосилавӣ мебошад. Дар дарс омӯзгор метавонад лексияро бо мисолҳо пура гардонад, саволҳои иловагӣ диҳад, чизеро муҳокима намояд ва дониши донишҷӯёнро васеъ гардонад. Дар шароити таълими фосилавӣ ин имконият дар ҳолате вуҷуд дошта метавонад, ки дарс дар режими онлайн гузаронида шавад.

• Дар таҳсилоти фосилавӣ мавҷудияти як қатор шароитҳои инфиродӣ- психологӣ талаб карда мешавад. Барои таҳсилоти фосилавӣ қатъияти худи фан зарур аст, натиҷаи он бошад аз мустақилият ва муносибати шууронаи хонанда ё донишҷӯ вобаста мебошад. Таҷрибаи педагогӣ нишон медиҳад, ки дар таҳсилоти фосилавӣ муносибати худи таълимгирандагон нисбат ба фанҳои таълимӣ чандон хуб нест.

• Гурӯҳи сеюми донишҷӯён ба алоқа набаромада, мавҷуд набудани интернетро сабаб меоранд. Қисми дигари донишҷӯён супоришҳоро сифатнок иҷро нанамуда, онро танҳо барои ба инобат гиранд мефиристонанд.

• Зарурияти дастрасии доимӣ ба захираҳои ахборотӣ, дар таҳсилоти фосилавии Тоҷикистон бар аъло ҳис карда мешавад. Дар таҳсилоти фосилавӣ дониши баланди техникӣ талаб карда мешавад, аммо на ҳама хоҳишмандони таҳсилоти фосилавӣ дониши компютерӣ ва тавоноии воридшавӣ ба Интернетро доранд. Агар тавонанд, ҳам онро дуруст истифода бурда наметавонанд. Агар матн ниҳоят дароз бошад, донишҷӯ онро интихоб наменамояд. Ба омӯзгор зарур меояд, ки на танҳо дониш диҳад, балки ба сарчашмаҳои иловагӣ донишҷӯёнро сафарбар намояд.

• Донишҷӯён бояд анъанаи норасоии дониши амалиро дарк намуда, аз офис дуруст истифода бурдан ва бо почтаи баркӣ кор карда тавонистанро омӯзанд. Онҳо онро ташкил карда наметавонанд, ки ҳамаи ин дар таҳсилоти фосилавӣ мушкилотро пеш меорад. Ба қайдгирӣ дар тамоми ҳудуди иттилоотӣ, барои онҳо мушкилотро пеш меорад. Ҳатто барои аксари онҳо пайдо намудани ахбор дар сайти муассиса вазифаи иҷронашаванда мебошад. Дар моҳи марти соли 2021 омӯзгорони коллеҷи техникии ДТТ ба номи Академик М. Осимӣ барои муошират бо донишҷӯён шабакаи иҷтимоии робитаро ташкил доданд. Дар он почтаи тамоми донишҷӯёни таҳсилоти фосилавиро ворид намуданд. Ба донишҷӯён танҳо зарур буд, ки ба шабака дохил гардида, маълумотро хонда, дар бораи иҷрои супоришҳо робита барқарор намоянд. Дар ин ҷо имконияти муошират бевосита бо донишҷӯ пайдо гардид. Ин имкон дод, ки дар онлайни гурӯҳӣ то 150 нафар ворид гарданд. Чунин шакли алоқа ҳаёти донишҷӯён ва кори омӯзгоронро осон гардонида, азобу машақати онҳоро бартараф менамояд.

• Дар таҳсилоти фосилавӣ асоси таълимро корҳои хаттӣ ташкил медиҳад, ки аксари донишҷӯён ба корҳои хаттӣ одат пайдо намуда, фикри хешро ба таври шифоҳи баён намуда наметавонанд. Донишашонро дар шакли шифоҳӣ аз сабаби захираи ками луғавӣ доштанашон баён карда наметавонанд.

• Мавҷуд набудани назорати доимӣ аз болои хонандагон, махсусан барои хонандаю донишҷӯи тоҷик бедоркунандаи одаткунӣ мебошад. Назорати иҷрои супоришҳо дар таҳсилоти фосилавӣ ниҳоят мураккаб буда, донишҷӯён тамоми тарзҳои мавҷудаи иҷро накардани корро мустақилона меёбанд, онҳо расм гирифта, чизҳоеро дар корашон мегузоранд, ки омӯзгор дарк карда натавонад. Ин муносибат баъзан кор медиҳад. Расмро дар экрани телефон дидан ва хатро хондан ниҳоят мушкил аст. Агар тест иҷро намоем, чун анъана як нафар онро иҷро намуда, мепартояд ва дигарҳо дар шакли тайёр онро пайдо намуда рӯйбардор менамоянд.

• Барномаҳои таълимӣ ва фанҳо чандон хуб коркард нагардидаанд, аз сабаби нарасидани кадрҳои соҳибкасб, дастурҳои таълимӣ дар барномаҳои онлайн, дар шароити муосир чандон қонеъкунанда намебошад.

• Омӯзгори оддӣ баргузор кардани барномаи онлайн ва тестҳоро дар доираи 10 савол баргузор карда наметавонад, дар ҳолате ҳар як донишҷӯ ба логини худ ворид гардида, маводи заруриро мегирад. Аз ин рӯ, дар базаи сайти коллеҷи техникӣ мо ба омода намудани онлайни хеш дар режими фосилавӣ оғоз намудем, вай самаранок мегардад ё не савол кушода қарор дорад.

Тамоми камбудӣ ва муваффақиятҳоро бар кашида гуфтан мумкин аст, ки таҳсилоти фосилавӣ- ин бисёр мавофиқ ва манфиатовар шуда метавонад дар ҳолате, ки бо ким кадом сабаб (фазоӣ, вақтӣ ё молиявӣ) барои донишҷӯ тарзи анъанавии таълим дастрас набошад. Дар тамоми ҳолатҳо тарзи таҳсилоти фосилавӣ наметавонад тарзи таҳсилоти анъанавиро иваз намояд. Бинобар ин мукамал гардонидан ва ба шароити Тоҷикистон мутобиқ намудани он бояд тадбирҳо андешид. [2. С.165-170].

АДАБИЁТ:

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» [Матн] / ш. Душанбе, 22 июли соли 2013, № 1004, 54.с
2. *Абдуллина, О. А.* Личность студента в процессе профессиональной подготовки [Текст] / О.А. Абдуллина // Высшее образование в России. - 1993. - № 3. - С. 165-170.
3. *Аверьянов, А. Н.* Системное познание мира: методологические проблемы [Текст] / А.Н. Аверьянов. - М.: Политиздат, 1985. - 263 с.
4. *Аганбегян, А. Г.* На путях обновления [Текст] / А.Г. Аганбегян // Литературная газета. - 18 фев.- 1987. - С. 13.

БАРТАРӢ ВА НОРАСОИҲОИ ТАҲСИЛОТИ ФОСИЛАВӢ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ КАСБӢ

Дар мақолаи мазкур сухан дар бораи омилҳои асосии инкишофи таҳсилоти фосилавӣ ва дастовардҳои муосир дар соҳаи технологияи таълим, воситаҳои оммавии ахбор ва алоқӣ, инкишофи тез ва истифодаи васеи воситаҳои гуногуни техникӣ меравад. Ин дар навбати аввал технологияи компютерӣ ва иттилоотӣ; низоми маҳворавии алоқа, телевизиони таълимӣ, воридшавии оммавӣ ба низоми иттилоотӣ, тақсими барномаҳои таълимии компютерӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Калидвожаҳо*: таҳсилоти фосилавӣ, таҳсилоти анъанавӣ, технологияи компютерӣ, иттилоотӣ, воситаҳои оммавии ахбор, барномаҳои таълимии компютерӣ, корҳои хаттӣ.*

ПРЕИМУЩЕСТВО И НЕДОСТАТКИ ДИСТАНЦИОННОГО ОБУЧЕНИЯ И СРЕДНЕГО ПРОФЕССИОНАЛЬНОГО ОБРАЗОВАНИЯ

В статье разговор ведётся о главным факторам развития дистанционного образования и современные достижения в области технологий обучения, средств массовой информации и связи, быстрое развитие и широкое применение разнообразных технических средств. Это в первую очередь компьютерные и информационные технологии; спутниковые системы связи; учебное телевидение; массовое подключение к информационным системам; распространение компьютерных учебных программам в Республики Таджикистан.

Ключевые слова: *дистанционное обучение, традиционное обучение, компьютерная технология, средство массовой информации, программа компьютерного обучения, письменная работа.*

ADVANTAGES AND DISADVANTAGES OF DISTANCE IN SECONDARY VOCATIONAL EDUCATION

The article discusses the main factors in the development of distance education and modern advances in learning technologies, media and communications, the rapid development and widespread use of various technical means. These are primarily computer and information technologies; satellite communication systems; educational television; mass connection to information systems; distribution of computer training programs in the Republic of Tajikistan.

Key words: *distance learning, traditional learning, computer technology, information, mass media, computer training.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Маҳкамов Дастам мудири шуъбаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии Пажуҳишгоҳи рушди маорифи ба номи А.Ҷомӣ, АОТ, кӯчаи Айнӣ 126 Тел. 93.502.15.64

Сведение об автора: *М*ахкамов *Дастам зав отдела начального и среднего профессионального образования Института развития образования имени А.Джоми, АОТ, ул.Айни, 126. Тел. 93.502.15.64.*

Information about the author: Makhkamov Dastam Head of the Department of Primary and Secondary Professional Education, Institute for the Development of Education named after A. Jomi, AOT, 126 Aini str. Tel. 93.502.15.64.

МАҲМАДҚУЛОВА О.С.

МАВҚЕИ МАШҒУЛИЯТҲОИ ЛЕКСИОНӢ ДАР ТАШАККУЛИ СИФАТИ ТАҲСИЛОТИ МАКТАБҲОИ ОЛӢ

Дар раванди ислоҳоти маорифи муосир ташкили раванди тадрис ҳамчун як омили созанда ва бунёдкор баҳри беҳтар гардидани сифати таълиму тарбия вазифаи муҳим ва маҳсулиятнокро ба ухда дошта, дар тамоми зинаҳои таҳсилот тадбиқи падидаҳои тоза ва шаклу усулҳои навини ҷараёни муосири таҳсилотро таъмин менамояд. Дар бунёди ташкили самаранокии таҳсилот талаботе ба миён меояд, ки дар амалӣ гаштани он педагогон имкони афзун гардонидани дараҷаи фаъолияти маърифатҷӯӣ ва сифати тайёрии шогирдонро бояд таъмин карда тавонанд.

Яке аз шаклҳои асосие, ки ба рафту натиҷаҳои раванди таҳсилоти муассисаҳои олӣ таъсири ҷиддӣ расонида, баҳри баланд бардоштани сифати таҳсилот мусоидат мекунад, лексия мебошад. Таъкид бояд кард, ки лексия ҳамчун воситаи муҳимми азхудкунии дониш метавонад ба раванди тадрис таъсири самарнок расонад. Тазаккур мебояд, ки лексияи хуб ташкилкардашуда таъсиру самаранокии таълим ва тайёрии тахассусии донишҷӯёнро афзун мегардонад.

Пас, лексия аз ҷиҳати мазмуну шакл бояд чӣ гуна бошад? Ба он чӣ тавр омода бояд шуд? Онро чӣ тавр хондан лозим аст? Албатта, дар ин самт омузгори таҷрибадор ба ин масъалаҳо таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамояд.

Барои баланд бардоштани сифати таҳсилот мазмун, сохт ва методикаи хондани лексия дар макотиби олӣ аз ҷиҳати ғоявӣ мақсаду вазифа, инкишофи тадриҷии асосноки илмӣ, алоқамандии назария бо амалия, арзиши маърифатӣ, ташаккули ҳаматарафаи шахсият ва фаъолмандии касбӣ, пайдарҳамӣ ва муназзамии раванди таълим, фаъолиятнокӣ ва мустақилияти донишҷӯён муайян карда шавад. Метавон қайд намуд, ки самаранокии тадрис аз бисёр ҷиҳат ба мазмун ва мӯҳтавои лексия вобаста буда, дар он инъикоси системаи донишҳои муосири илмӣ, нишондоди барномаи таълимӣ, китоб ва дастурҳои таълимию методӣ акс меёбанд. Дар ҳамин асос, лексия бояд масъалаҳоеро матраҳ намояд, ки мазмуни асосии барномаи таълимии тахасусиро фароҳам оварда бошанд ва шавқу ҳаваси шунавандагонро ба омӯзиши донишҳои касбӣ бедор намояд. Албатта ин маънои онро надорад, ки лексия танҳо дар доираи китоби дарсӣ ва дастури ҷудогона буда, айнан маводи мавҷударо нусхабардорӣ созад.

Агар омӯзгор танҳо ба нишондодҳои барномаи таълимӣ ва мазмуни он такя намояд, дар ин ҳолат донишҷӯён аз дастовард ва навгониҳои муосири илм пурра огоҳӣ намеёбанд ва аз дараҷаи пешрафти илмӣ замонавӣ ва навгониҳои таҳсилот қафо мемонанд. Пас зарур аст, ки ба системаи донишҳо ҳамчун як қолаби муайян назар нанамоем, то ки инкишофи ин ё он соҳаи илм, равияҳои асосӣ, тадқиқотҳои тозатарин, тағйирот ва натиҷаҳои он тавассути лексия дастрас ва роҳнамои донишҷӯён гардад.

Лексия пеш аз ҳама бояд дар шунавандагон ҷаҳонбинии пешқадами илмиро ташаккул диҳад. Лектор бояд маълумоти навтарини илмиро истифода бурда, муқаррароти назариявиро бо амалияи навини талаботи ҷомеаи демократӣ пайваст намуда, пояи илмӣ ва дақиқии баёни худро таъмин намояд. Лексия бояд натанҳо шавқу ҳаваси донишандӯзии шунавандагонро нисбат ба масъалаи мадди назар ҳамаҷонибаю пурра қонеъ гардонад,балки ҳиссиёти минбаъд ҳосил намудани дониши толибилмон ва майлу раѓбати онҳоро ба асосҳои илмӣ бедор созад.

Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки лексия бояд пурмаъниву шавқовар ва дорои мазмуни муайяну амиқ бошад ва аҳамияти муҳим дошта бошад. Лектор бояд дар тамоми кори омодасозии матни лексияаш ҷаҳонбинии дурусту илми пешқадамро ба роҳбарӣ гирифта, тамоми муҳокимаву хулосаҳояшро дар асоси он созмон диҳад.

Лексия танҳо ҳамон вақт мақсади худро пурра ҳосил карда метавонад, ки ба мазмуни бою арзандаи он шаклу ҳаҷми қисмҳои вай мувофиқат намояд. Мундариҷаи лексия тавре бонизому пайваста атрофи идеяи асосии он инкишоф ёбад ва он бо забони фаҳмо, оммафаҳм ва адабӣ баён гардад.

Лексия ин маҳоратест, ки донистани усулу қонунҳои муайянро тақозо менамояд. Чунин усули фаъол ва самаранокро истифода намуда, устоди кори худ шудан мумкин аст. Бар замми ин лексия раванди эҷодӣ буда, амсоли ҳар гуна эҷодиёт як андоза неруи психикӣ, рӯҳбаландӣ ва илмҳоро тақозо мекунад. Хосса ин ба ҷараёни худи хондани лексия тааллуқ дорад. Аз ин рӯ, ба таҳияву хондани лексия бояд хеле ҷиддӣ муносибат намуд.

Лексия пеш аз ҳама бидуни шубҳа раванди эҷодиест, ки мисли ҳар гуна намудҳои эҷодиёт ба андозаи кофӣ тамоми неруи рӯҳонии лекторро мутамарказ намуда, ҳангоми

хондани лексия тамоми истеъдоду маҳорати омӯзгорро таҷассум менамояд. Чӣ тавре ки қайд намудем, лексия маҳсули эҷодии омӯзгор буда, вобаста ба ҳар муҳити тадрис ва теъдоди шунавандагон ба тарз ва шакли гуногун баён мегардад.

Омӯзгор ба хондани лексия оғоз намуда, пеш азҳама бояд кӯшиш кунад, ки аудиторияро "ба даст гирад". Ба даст гирифтани синфро бояд аз лексияи аввал, ҳангоми шиносоӣ бо шунавандагон оғоз кард. Ин кори мушкил аст. Аудиторияро ба даст гирифтан ин маънои онро дорад, ки бояд диққати шунавандагон пурра ҷалб карда, дар онҳо нисбат ба мавзуи лексия шавқу ҳавас пайдо кунонида, байни худ ва шунавандагон алоқаи зич ба амал оварда шавад, то ки муносибати нахустини беғаразонаи шунавандагон ба диққату таваҷҷуҳи зиёд табдил дода шуда, дар онҳо андешарониро пуркувват сохта, пайдоиши саволҳо ба вуҷуд овард. Ин танҳо ба туфайли мазмуни пурраи лексия ва баёни амиқу ҷиддӣ андешидашудаи омӯзгор муяссар мегардад.

Барои ноил шудан ба ин лектор пеш аз ҳама бояд мавзӯи лексияро хеле хуб донад ва доир ба он нуқтаи назари худро озодона баён карда тавонад. Лектор ҳаргиз набояд нақли хешро то дараҷаи ким – чӣ хел "мошини дарсдиҳӣ", ки бебокона мехоҳад афкори бегонаро талқин созад, расонад. Ровии хуб дар симои худ хусусиятҳои ҳам мутафаккир, ҳам мунаққид, ҳам мусаввирро омезиш дода, дар айни ҳол ҳам муаллифи лексия ва ҳам иҷрокунандаи он мебошад. Агар лектор воқеан донишманду олим бошад, нуқтаи назару ақоиди шахсӣ ва тамоми низоми лексияи вай ҳимоятгари тамоюли муайян гардида, касро ба мактаби дилхоҳи илмӣ - тадқиқотӣ раҳнамун месозад ва дар шунаванда нуқтаи назару эътиқоди муайянро парвариш медиҳад.

МЕСТО САМОВОСПИТАНИЯ В ДУХОВНОМ СТАНОВЛЕНИИ ЛИЧНОСТИ И ПРОЦЕССЕ УЧЕБНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ

Автор пишет о том, что молодому человеку надо бороться не только со злом, которое его окружает, но и с тем, отрицательным, что обнаруживается и в нём самом, вредными привычками. В статье рассматривается формы профилактических работ: воспитательные часы, лекции, беседы учителей – предметников, в том числе учителей русского языка, используя пословицы и поговорки. Человеку всегда надо контролировать себя, следить за своим поведением.

Самовоспитание личности предполагает целенаправленное формирование положительных качеств и преодоление имеющихся недостатков. Педагоги в процессе учебной деятельности на занятиях должны проводить в жизнь политику негативного отношения к наркотикам, используя лекции и воспитательные часы, пропагандируя здоровый образ жизни.

Автор считает, что чем больше вы терпите в себе недостатков и пороков, тем беднее становится их духовный мир. Родители, семья и школа должны воспитывать у молодежи твердые установки на здоровый образ жизни. Важно понимать, что забота о собственном здоровье – непременное условие реализации своих желаний, достижения и успеха в жизни. Самовоспитание – важное средство духовного становления современной молодежи.

Ключевые слова: *Самовоспитание личности, морально – волевые качества, воспитательные беседы, современная методика, фразеология и пословицы, ответственное поведение, вредное воздействие наркотиков, духовное становление, информирование молодежи, преодоление недостатков, цель жизни, самоконтроль, требовательность к себе, здоровый стиль жизни, ответственное поведение, психология воспитания, пропаганда здорового образа жизни, объединение усилий, беседы, самосовершенствование, профилактика наркомании,*

МАВҚЕИ ХУДТАРБИЯКУНӢ ДАР ТАШАККУЛИ МАЪНАВИИ ШАХС ВА РАВАНДИ ФАЪОЛИЯТИ ТАЪЛИМӢ

Муаллифи мақола қайд менамояд, ки ба ҷавонон лозим аст, ки на фақат бо бадӣ ва кирдорҳои бад, ки ӯро иҳота менамояд, мубориза барад, балки онҳоро аз вуҷудаш нест кунад. Дар мақола муаллиф роҳҳо ва чораҳои пешгирӣ аз одатҳои номатлуб ба монанди дарсҳои тарбиявӣ, лексияҳо, суҳбатҳои омӯзгорони фаннӣ, аз ҷумла омӯзгорони фанни забони русиро бо истифода аз мақолу зарбулмасалҳо баррасӣ менамояд.

Инчунин мақола худтарбиякунии шахсият, ташакули хислатҳои мусбат ва бартараф намудани камбудиҳои ҷойдоштаро дар бар мегирад. Ба омӯзгорон зарур аст, ки дар раванди таълим дар ҳаёт ҷорӣ намудани сиёсати нигоҳи манфиро нисбат ба нашъамандӣ, бо истифода аз лексияву дарсҳои тарбиявӣ пеша карда, тарзи ҳаёти солимро тарғиб намоянд.

Муаллифи мақола чунин мешуморад, ки чӣ қадаре шумо дар ботини худатон камбудиҳо ва хислатҳои манфиро нигоҳ медоред, ҳамон қадар ҷаҳони руҳии шумо хароб мегардад.

Волидон, оила ва мактаб бояд устувории ҷавононро ба тарзи ҳаёти солим тарбия намоянд.

Донистан зарур аст, ки ғамхорӣ нисбат ба саломатии худ шарти муҳимми амалӣ гардидани мақсад, ва дастрасӣ ба комёбиҳо мебошад.

Худтарбиякунӣ - воситаи муҳими ташакулёбии руҳии ҷавонони имрӯза мебошад.

Калидвожаҳо: ***х****удтарбиякунӣ, шахсият, хислатҳои ахлоқӣ - иродавӣ, суҳбатҳои тарбиявӣ, методикаи муосир, фразеология ва зарбулмасал, масъулият, таъсири зараровари маводи мухаддир, ташакули шахсият, огоҳ намудани ҷавонон.*

THE PLACE OF SELF-EDUCATION IN THE SPIRITUAL FORMATION OF A PERSON IN THE PROCESS OF EDUCATIONAL ACTIVITY

The author writes that a young man needs to fight not only with the evil that surrounds him, but also with the negative that is found in him, bad habits. The article examines the forms of preventive work: educational hours, lectures, conversations of subject teachers, including teachers of the Russian language, using proverbs and sayings. A person always needs to control himself, monitor his behavior.

Self-education of a person involves the purposeful formation of positive qualities and overcoming existing shortcomings. Teachers in the course of educational activities in the classroom should implement a policy of negative attitude to drugs, using lectures and educational hours, promoting a healthy lifestyle.

The author believes that the more you tolerate flaws and vices in yourself, the poorer their spiritual world becomes. Parents, family and school should educate young people with firm attitudes to a healthy lifestyle. It is important to understand that taking care of your own health is an indispensable condition for realizing your desires, achievements and success in life. Self–education is an important means of spiritual formation of modern youth.

Keywords: *Self–education of personality, moral and volitional qualities, educational conversations, modern methodology, phraseology and proverbs, responsible behavior, harmful effects of drugs, spiritual formation, informing young people, overcoming shortcomings, the purpose of life, self-control, self-demanding, healthy lifestyle, responsible behavior, psychology of education, promotion of a healthy lifestyle, joining forces, conversations, self-improvement, drug addiction prevention,*

Маълумот дар бораи муаллиф: Аликулова С.Т. номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи забонҳои МУТТТ

Сведения об авторе: Аликулова С.Т. кандидат педагогических наук, заведующая кафедрой языков МУТПТ

Information about the author: Alikulova S.T. Candidate of Pedagogical Sciences, Head of the Department of Languages MUTTT.

МАКСУДОВ Х.З.

БАЪЗЕ ҶАНБАҲОИ ТЕХНОЛОГИЯИ РУШДИ ФАРҲАНГИ СИЁСИИ ДОНИШҶӮЁН ДАР МАКТАБҲОИ ОЛӢ

Масъалаи омӯзиши таъсири фарҳанг ба сиёсат, робитаи мутақобили онҳо аллакай дар мабдаи афкори сиёсӣ оғоз шуда буд. Ба ин муаммо дар таълифоти бисёр мутафаккирони гузашта ва муосир таваҷҷуҳ зоҳир шудааст. Муаммоҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ, робитаи мутақобили ҳокимият ва ҷомеа, рафтори сиёсии одамон - он чизе, ки имрӯз бо истилоҳи «фарҳанги сиёсӣ» таъриф мекунанд, аз ҷониби мутафаккирони гузашта: Афлотун, Арасту, Ҷ.Локк, Т.Гоббс, Н.Макиавелли, Ш.Монтескйе, А.де Токвил, Н.Бердяев, М.Вебер ва дигарон баррасӣ шудааст.

Фарҳанги сиёсӣ қисми таркибии фарҳанги умумӣ буда, ҳамчун низоми арзишӣ-меъёрӣ маҳсуб мешавад. Ибораи «фарҳанги сиёсӣ» аз ҷониби— мутаффакири немис, таҳқиқотчии таърихи фарҳанг Иоганн Готфрид Гердер соли 1748 дар асараш «Ғояҳо оид ба таърихи фалсафаи инсон» ба доираи илмӣ ворид шудааст [6].

Ба андешаи сиёсатмадори америкоӣ Габриель Алмонд фарҳанги сиёсӣ худ ба худ ба вуҷуд намеояд, балки он маҳсули тачрибаи иштироки сиёсии одамон ва воридшавии онҳо ба меъёрҳо ва арзишҳои демократӣ мебошад[2]. Ӯ доираи сиёсии ҳаётро ҳамчун низоме, ки бо низомҳои дигари иҷтимоӣ ҳамкорӣ дорад баррасӣ менамояд ва бо ин, рафтори сиёсиро аз ҷиҳати фарҳангӣ-психологӣ асоснок менамояд.

Тачрибаи ҳаётӣ собит менамояд, ки шахсоне (хусусан ҷавононе), ки маълумоти сиёсӣ, малакаи сиёсӣ ва тачрибаи сиёсӣ надоранд, аксар вақт 1) бар хилофи манфиатҳои худ ва ҷамъиятӣ амал мекунанд, 2) нуқтаи назар, мавқеъ ва андешаи худро нисбати ҳодисаҳои сиёсӣ баён карда наметавонанд ва 3) ба равия ва ҷараёнҳои номатлуби ҷамъиятӣ (терроризм, экстремизм, ифротгароӣ ва ғ.) шомил мешаванд.

Аз ин рӯ, дар сатҳи сохтори ҷамъиятӣ-давлатӣ демократия дар ҳолати кофӣ набудани фарҳанги сиёсӣ аксар вақт ба анархия мубаддал шуда, бесамарии иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, шикаст, бесару сомонии иҷтимоӣ ва афзоиши ҷиноятқориро ба вуҷуд меорад.

Ин сабабҳо зарурати ташаккул ва рушди фарҳанги сиёсии омма, хусусан, ҷавононро тақозо мекунад.

Дар марҳилаи имрӯза дар шароити ҷумҳурии мо бо эътирофи озодӣ, демократия ва саъй ба онҳо, бояд тарз, роҳу усули истифодаи онҳоро омӯзем ва ҷавонон, донишҷӯён-шогирдонро ба он омода намоем.

Аз ҳалли масъалаи рушди фарҳанги сиёсии донишҷӯён масъалаи он ки дар ҷомеаи мо оянда шаҳрвандони қонуншинос, ба қонун эҳтиром дошта ва ҳимоятгари ҳуқуқҳои хеш бартарӣ дошта, ба ҳодисаҳои сиёсӣ ба таври объективӣ баҳодиҳанда ва мавқеи устувору, сифатҳои худшиносӣ, худогоҳӣ, ватандустӣ дошта зиндагӣ ба сар мебаранд, вобастагии ногусастанӣ дорад.

Ҳар як донишҷӯ бояд соҳиби донишҳои сиёсӣ ва фарҳанги рафтори сиёсӣ бошад, зеро ӯ, ҳамчун шаҳрванд, бо шахсони дигар, ҳизбҳо ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ-давлатӣ, маъракаҳою ҳодисаҳои сиёсӣ робитаи қавӣ дорад. Дар шароити муосири иҷтимоию сиёсии ҷаҳонӣ, ки дар байни ҷавонон баъзе аломатҳои зуҳуроти миллатгароӣ, терроризм, экстремизм ба назар мерасад, рушди фарҳанги сиёсии донишҷӯён ба як масъалаи ниҳоят мубрам табдил ёфтааст.

Дар раванди гирифтани дониш, малака ва тачриба оид ба ҳуқуқ ва уҳдадориҳои хеш, дар бораи низоми сиёсӣ, равандҳои сиёсӣ дар ҷавонони донишҷӯ қобилияти дарки зуҳуроти сиёсӣ инкишоф меёбад, мавқеъи шахсӣ ва намунаи рафтори хеш дар ҷаҳони сиёсӣ ташаккул меёбад.

Барои он ки донишҷӯ бошуурона интихоби сиёсии худро дар заминаи гуногунандешии сиёсӣ муайян намояд, ба вай бояд роҳу воситаҳои таҳлили тамоми алтернативаҳо, имконот ва оқибатҳои онро омӯзонидан зарур аст.

Эҳтиёҷот ва зарурияти асоснок намудани раванди ташаккули фарҳанги сиёсии донишҷӯён аз ҷиҳати назариявию методологӣ ва ҷорӣ кардани он дар амалияи таҳсилот ба сабабҳои зерини беруна ва дохилии низоми таҳсилоти кишвар вобаста аст:

1) дигаргуниҳои куллии иҷтимоию иқтисодӣ дар кишвар, гузариш ба ҷомеаи шаҳрвандӣ, демократӣ, ба таҳсилот талаботи навро пеш меоранд. Такмили раванди таълиму тарбия зарур аст, ки ба ташаккули фарҳанги сиёсии донишҷӯён бо мақсади омодагии

шаҳрвандони оянда ба иштироки сиёсӣ дар ҳаёти ҷомеа дар шакли мутобиқшавӣ ва иҷтимоишавии сиёсӣ, ба ташаккули салоҳияти иҷтимоию сиёсӣ равона гардидааст;

2) самтгирии Тоҷикистон барои ҳамкорӣ бо кишварҳои пешрафта, хусусан бо давлатҳои ҳамсоя, таъмини аслӣ ва мувофиқ будани низоми таҳсилотро тақозо дорад, ки барои воридшавии таҳсилоти ватанӣ ба қаринаи умумии тамоили гузариш ба ҷомеаи иттилоотӣ ва ташаккули фазои умумиҷаҳонии таҳсилот, фарогирии руҳияи меъёрҳои байналхалқӣ заруранд;

3) таҷдиди бошиддати иттилоот ва зиёд шудани сарбории мундариҷаи таҳсилот, дарки зарурати вусъати салоҳиятнокии фаъолият. Мундариҷаи раванди таҳсилотро танҳо бо донистани асосҳои илм маҳдуд набояд кард, қаринаи таълиму тарбия инчунин ба таҷрибаи шахсии донишҷӯ вобаста аст;

4) дар бознигарии падидаи (феномен) дониш амалияи афзалияти парадигмаи донишию маърифатӣ идома дорад. Вобаста ба ин, паҳн намудани донишҳо дар бораи усули амалкарди институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлати ҳуқуқбунёд, инкишофи малакаву маҳорати иҷтимоӣ - қобилият ба ҳамкорӣ, муколамаи созанда, ҳамдигарфаҳмӣ, таҳаммулпазирӣ аҳамияти махсус пайдо кардааст. Сухан дар бораи таълими сиёсӣ ва иҷтимоишавии шахсият, ташаккули салоҳияти муошират меравад;

5) парадигмаи башардӯстонаи ташаккули низоми арзишҳои умумиинсонӣ ва шаҳрвандӣ, инкишофи ҷузъҳои умумифарҳангиро дар мундариҷаи таҳсилот, афзалияти камолоти шахсиро тақозо менамояд;

6) таҳқиқоти муаммоҳои таҳсилоти салоҳиятнок фаъол гардида истодааст, аммо консепсияи ягонаи назариявӣ вуҷуд надорад, ки боиси ихтилофу мушкилоти амалияи педагогӣ гардидааст;(агар мо ба таҳлили мавзӯҳои таҳқиқотии илмҳои педагогӣ назар кунем, таҳқиқи хеле ками онро мушоҳида мекунем).

7) дигаргун шудани парадигмаи таҳсилот рӯй дода истодааст: дониш арзиши пештараи худро гум карда истодааст.

Аз ин рӯ, баланд бардоштани фаъолиятнокии донишҷӯён дар мундариҷаи таҳсилот бояд афзалият пайдо кунад, аз мувофиқати созгори дониши дастурӣ ва амалӣ иборат бошад.

Зарурати ташаккули фарҳанги сиёсии шаҳрвандӣ аз як тараф, ба хоҳиши расидан ба сифати нави таҳсилоти мувофиқ ба дархости муосири инкишофи ҷомеа, аз тарафи дигар - ба фаҳмиши беояндагии дидгоҳҳои пештара нисбат ба маърифати сиёсӣ ва дарки хавфи оқибатҳои манфӣ дар ҳолати бесамарӣ ва самаранокии нокифояи таҳсилот: хавфи бегонашавӣ ва зиддииҷтимоӣ гардидан, бефаъолиятӣ ва абсентеизм (бефаъолиятӣ, яъне иштирок надоштан дар маъракаҳои интихобот ҳамчун интихобкунанда), инкишофи бемаҳсули манфиатҳои сиёсӣ ва иштироки сиёсӣ, ихтилофи баҳодиҳии низоми арзишҳо, таҷриба, хавфи пайдоиши иттиҳодияҳои зиддииҷтимоӣ, имконияти зуҳури бетаҳаммулӣ ва ифротгароии иҷтимоии донишҷӯён вобаста мебошад.

Сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи таҳсилот ба принсипҳои инсонпарварӣ ва дунявӣ, озодӣ ва гуногунфикрӣ асос меёбад.

Дар ҳалли муаммои мазкур, ба андешаи мо зарурияти баррасии фарҳанги сиёсию шаҳрвандии донишҷӯён ҳамчун сифати аз ҷониби ҷомеа матлуби таҳсилот ба миён омадааст ва таҳия ва корбарии чунин тавсия ва пешниҳодҳо ба мақсади ташаккули фарҳанги сиёсии донишҷӯён мувофиқ аст:

1. Омӯзиши фарҳанги сиёсии ҷомеа аҳамияти махсуси назариявӣ ва амалӣ дорад. Вобаста ба ин, олимон Г.Алимонд ва С.Верба навиштаанд: «Вақте ки мо дар бораи фарҳанги сиёсии ҷомеа сухан меронем, мо низоми сиёсии дар донишҳо, ҳиссиёт ва баҳогузории аъзои он таҷассумшударо дар назар дорем» [2,с.48]. Аз ин лиҳоз, бо мақсади инкишофи минбаъдаи илму амалияи педагогӣ ба дидгоҳҳои назариявию методологии фарҳанги сиёсии ҷомеа муроҷиат кардан зарур аст, ки дар фалсафа ва сиёсатшиносӣ инъикос шудаанд.

2. Фарҳанги сиёсӣ ба маънои васеъ қисми таркибии фарҳанги умумӣ, нишондиҳандаи таҷрибаи сиёсӣ, сатҳи донишҳои сиёсӣ, намунаҳои рафтори сиёсӣ ва амалҳои субъектҳои сиёсӣ буда, ҳаёти давлат, гурӯҳи иҷтимоӣ, аъзои ҷомеаро тавсиф менамояд. Аз ин ҷо бармеояд, ки фарҳанги сиёсӣ маҷмуи се унсур: таҷрибаи таърихию сиёсӣ, шуури сиёсӣ ва рафтори сиёсӣ мебошад.

3. Таҳлили таълифоти назариявӣ имкон медиҳад, то тасдиқ намоем, ки фарҳанги сиёсии донишҷӯёнро аз рӯйи типи (навъи) фарҳанги сиёсии шаҳрвандӣ ташаккул бояд дод,

ки бо шароиту талаботи муосири иҷтимоиву сиёсӣ нисбат ба сифати таҳсилот мувофиқат дошта, онро бо воситаҳои дидгоҳи салоҳиятнокӣ амалӣ метавон кард.

4. Гузаронидани методҳои назорати маҷмуи ташхиси педагогӣ мувофиқи мақсад аст, ки сатҳи ташаккули фарҳанги сиёсии донишҷӯёнро аз рӯйи нишондиҳандаҳои зерин муайян мекунад: шавқмандии донишҷӯён ба ҳалли муаммоҳои ҷамъиятию сиёсии ҷомеа; қобилияти донишҷӯён барои иштирок дар ҳаёти сиёсии ҷомеаи демократӣ: интихобот, райъпурсӣ, кор дар мақомоти интихоботии ҳокимият ва вазифаҳои интихоботӣ ва ғ., рафтору мавқеи сиёсие, ки дар воқеаю ҳодисаҳои воқеӣ фаъолона зоҳир мешавад; қобилият доштани донишҷӯён барои робитаи мутақобил бо институтҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ.

5. Илми педагогикаи муосир имрӯз бештар ба кашфи воситаю усули нав ва ба коркарди консепсияи возеҳ эҳтиёҷ дорад, ки ба андозаи кофӣ истифода бурдани воситаю усулҳои мавҷудаи тарбия ва таълимро барои расидан ба ҳадафи муҳимми ҷамъиятӣ - ташаккули фарҳанги сиёсии шаҳрвандии донишҷӯён имкон медиҳад.

Умуман, қайд кардан ҷоиз аст, ки барои ташаккули фарҳанги сиёсии донишҷӯён нақш ва мавқеи устодон хеле бузург аст. Аз ин рӯ, ба онҳо зарур аст, ки такмили донишу малака ва маҳорати педагогии худро доир ба афзун гардонидани донишҳои сиёсӣ, баҳои объективӣ ва ҳақиқӣ додан ба ҳодисаю воқеаҳои сиёсӣ, баланд бардоштани сифатҳои сабру таҳаммулпазирӣ, ҷустани роҳҳои созишу сулҳофарӣ ва инсонгароӣ ба таври мунназам ва доимӣ ба роҳ монанд.

АДАБИЁТ:

1. Абдуллина О А. Общепедагогическая подготовка учителя в системе высшего педагогического образования. М.: Просвещение, 1990.141 с.
2. Алмонд Г., Верба С. Гражданская культура: политические установки и демократия в пяти странах / пер. с англ. Е. Генделя. — М.: Мысль, 2014.-500 с.
3. Гаязов А.С. Образование и образованность гражданина в современном мире. М.: Наука, 2003.206 с.
4. Григорьева-Голубева В.А. Гуманистические ценности как фактор развития профессионального сознания учителя // Психология, акмеология, педагогика - образовательной практике. СПб.: Изд-во СПбГУ, 2001. С. 166-174.
5. Жильцова Е.И. и др. Политическое и духовное развитие современного общества. М.: Просвещение, 1993. 95 с.
6. Жирмунский В. Жизнь и творчество Гердера // Жирмунский В. Очерки по истории классической немецкой литературы. - Л., 1972.-276с.
7. Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе:Шарқи озод. 2006.
8. ***Лутфуллоев М.*** Педагогикаи миллии халқи тоҷик / М. Лутфуллоев [Матн]. – Душанбе: Ирфон, 2015. - 660 с.
9. Пугачева Н.Б. Теория и практика политической социализации личности: Монография. Ижевск: ИГСА, 2000.241 с.
10. Шарифзода Ф., Педагогикаи умумӣ ва касбӣ / Ф.Шарифзода, А.М. Миралиев [Матн]. – Душанбе,2012. – 526 с.

БАЪЗЕ ҶАНБАҲОИ ТЕХНОЛОГИЯИ РУШДИ ФАРҲАНГИ СИЁСИИ ДОНИШҶӮЁН ДАР МАКТАБҲОИ ОЛӢ

Дар мақола баъзе масъалаҳои ҷанбаҳои технологияи рушди фарҳанги сиёсии донишҷӯён дар макотиби олӣ баррасӣ гардидааст. Қайд шудааст, ки фарҳанги сиёсӣ қисми таркибии фарҳанги умумӣ буда, ҳамчун низоми арзишӣ-меъёрӣ маҳсуб мешавад. Аз ҳалли масъалаи рушди фарҳанги сиёсии донишҷӯён масъалаи он ки дар ҷомеаи мо оянда шаҳрвандони қонуншинос, ба қонун эҳтиром дошта ва ҳимоятгари ҳуқуқҳои хеш бартарӣ дошта, ба ҳодисаҳои сиёсӣ ба таври объективӣ баҳодиҳанда ва мавқеи устувору, сифатҳои худшиносӣ, худогоҳӣ, ватандустӣ дошта зиндагӣ ба сар мебаранд, вобастагии ногусастанӣ дорад. Хулоса шудааст, ки омӯзгорон бояд такмили донишу малака ва маҳорати педагогии худро доир ба афзун гардонидани донишҳои сиёсӣ, баҳои объективӣ ва ҳақиқӣ додан ба ҳодисаю воқеаҳои сиёсӣ, баланд бардоштани сифатҳои сабру таҳаммулпазирӣ, ҷустани роҳҳои созишу сулҳофарӣ ва инсонгароӣ ба таври мунназам ва доимӣ ба роҳ монанд.

Калидвожаҳо: *фарҳанги сиёсӣ, демократия, сиёсати давлатӣ, сохтори ҷамъиятӣ, технология, раванди таълим, ташаккули шахсият, тарбия, омӯзгор, донишҷӯ.*

НЕКОТОРЫЕ АСПЕКТЫ ТЕХНОЛОГИИ РАЗВИТИЯ ПОЛИТИЧЕСКОЙ КУЛЬТУРЫ СТУДЕНТОВ ВЫСШЕЙ ШКОЛЫ

В статье рассматриваются некоторые вопросы технологии развития политической культуры студентов высшей школы. Отмечается, что политическая культура является органической частью

общей культуры и относиться к ценностно-нормативной системе. От решения развития политической культуры студентов зависит вопрос о том, что в будущем обществе будут ли жить граждане знающие закон, имеющие к ней уважения и умеющие защитить свои права, объективно оценить политические события и иметь стойкую позицию, обладать такими качествами как самопознание и патриотизм. Сделан вывод о том, что преподаватели систематически и постояно должны совершенствовать свои знания, умения и мастерство в повышении политических знаний студентов, их объективной оценке происходящих политических собитий, чувства толерантности, изыскание мирных и гуманных путей решения вопросов.

Ключевые слова: *политическая культура, демократия, государственная политика, общественная структура, технология, процесс обучения, формирование личности, воспитание, преподаватель, студент.*

SOME ASPECTS OF TECHNOLOGY FOR THE DEVELOPMENT OF POLITICAL CULTURE OF HIGHER SCHOOL STUDENTS

The article deals with some issues of technology for the development of political culture of students of higher education. It is noted that political culture is an organic part of the general culture and belongs to the value-normative system. The decision of the development of the political culture of students depends on the question of whether citizens who know the law, have respect for it and are able to protect their rights will live in the future society, objectively evaluate political events and have a strong position, possess such qualities as self-knowledge and patriotism. It is concluded that teachers should systematically and constantly improve their knowledge, skills and mastery in increasing the political knowledge of students, their objective assessment of ongoing political events, a sense of tolerance, and the search for peaceful and humane ways to resolve issues.

Keywords*: political culture, democracy, public policy, social structure, technology, learning process, personality formation, education, teacher, student*

Маълумот дар бораи муаллиф: Мақсудов Хусрав Зафарҷонович - унвонҷӯи кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи МДТ «ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров». (735700. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, гуз. Мавлонбеков 1.). Тел. 928467272. E-mail: husravmaxudov@yandex.ru

Сведения об авторе: Максудов Хусрав Зафарджонович - соискатель общеуниверситетской кафедры педагогики ГОУ «Худжандский государственный университет им. акад. Б. Гафурова». (735700. Республика Таджикистан, г.Худжанд, пр. Мавлонбекова 1.). Тел.928467272. E-mail: husravmaxudov@yandex.ru

Information about the author: Maksudov Khusrav Zafardzhonovich-applicant of the general university department of pedagogy of the State Educational Institution "Khujand State University named after Academician B. Gafurov". (735700. Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov Ave. 1.). Tel. 928467272. E-mail: husravmaxudov@yandex.ru

ЭМОМОВА М.

МУШКИЛОТИ МУТОБИҚШАВИИ КӮДАКОНИ ҲУҚУҚВАЙРОНКУНАНДА ДАР МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМИИ МАХСУС

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон раванди мураккаби шаклдигаркунии рушди ҷамъиятӣ ва дигаргуниҳои куллӣ бо мушкилот дар бисёр соҳаҳои фаъолияти ҳаётӣ, ки дар навбати аввал, дар осебпазиртарин аъзои ҷомеа – кӯдакон инъикос ёфтааст, алоқаманд аст. Мавҷуд будани кӯдакони беназорат яке аз нишондиҳандаҳои барҷастаи ин буҳрон аст.

Дар мақола мо зарур шуморидем, ки ба моҳияти падидаи мушкилоти мутобиқшавии кӯдакони ҳуқуқвайронкунанда, намудҳо ва навъҳои он равшанӣ андозем ва муносибатҳо ба ҳалли мутобиқгардонии иҷтимоии ин кӯдакон дар шароити муассисаҳои махсуси таълимӣ муайян карда шаванд.

Дар амалияи тарбия истилоҳҳое зиёде мавҷуданд, ки кӯдакони аз ҷиҳати иҷтимоӣ мутобиқ нашударо ба муҳити нав ифода мекунанд: беинтизом, душвор, аз ҷиҳати педагогӣ беназоратмонда, душвортарбия, каҷрафтор, моил ба қонунвайронкуниҳо, аз ҷиҳати иҷтимоӣ беназоратмонда ва ғайра. Аксар вақт ин истилоҳҳо ҳамчун муродифҳо истифода мешаванд. Баъзе муаллифон онҳоро аз рӯйи дараҷаи афзоиши мутобиқ нагардидани иҷтимоӣ тақсим мекунанд. Масалан, аввал беинтизомӣ, баъд душвортарбия, баъд беназоратии педагогӣ, беназоратии иҷтимоӣ.

Тавсифи мушкилоти мутобиқшавиро дар сатҳи таҷрибавӣ ҷамъбаст намуда, муҳаққиқон нокифоягии ифодаёбии механизмҳои дохилии назорати рафтор, ташаккул наёфтани низоми худи арзишҳо, даркнашавандагии ангезаҳо ва меъёрҳои рафторро қайд

мекунанд. Якравӣ, ғазабнокӣ, бераҳмии кӯдакони мутобиқношуда, кинагирӣ, осебпазирӣ, муноқишакорӣ, тағъирёбии табъ, ҳассосияти баланд, хуруҷи ҳаяҷон, изтироб, парешонӣ, беазмӣ, тарс, ҳисси камарзишии худ, беарзишӣ, муқобилият ба олам тавсиф карда шудаанд.

Асоси аз ҷиҳати иҷтимоӣ мутобиқ нагардиданро ноустувории эҳсосотӣ, самтнокии заифи ҳавасмандкунӣ; аксуламалҳои хосси рафторӣ, ки дар сатҳи пасти худназораткунии рафтор, мавҷудияти аксуламалҳои дуршавӣ аз муноқиша зоҳир мешаванд, ташкил медиҳад.

Хусусиятҳои эҳсосотӣ-иродавии шахсият бо набудани худдорӣ, заифии назорати эҳсосотӣ ва иродавӣ, камолоти нокифояи эҳсосотӣ ва шиддати баланди асабию психологӣ муайян карда мешаванд.

Хусусиятҳои мазкури мушкилоти иҷтимоии мутобиқ нагардиданро ба маънои васеъ ва маҳдуд фаҳмидан мумкин аст. Ба маънои васеъ мутобиқ нагардидани иҷтимоӣ – ин ҳолати робитаҳо бо муҳити нав, инчунин носозгории тӯлонӣ ба муҳити муайяни иҷтимоӣ мебошад, ки дар натиҷаи он як қатор ихтилофҳо ба вуҷуд меоянд. Ба маънои маҳдуд мушкилоти мутобиқ нагардидан маънои онро дорад, ки рафтори кӯдак дар ҷанбаи иҷтимоӣ аз меъёрҳои рафтори дар ҷомеа қабулшуда қисман дур мешавад.

Таҳқиқотчиён шаклҳо ва дараҷаҳои гуногуни зуҳуроти мушкилоти мутобиқ нагардиданро фарқ мекунанд.

А.Г. Амбрумова, В.А. Тихоненко, Л.Л. Бергелсон шаклҳои ғайрипатологӣ (вайроншавии рафтор) ва патологии (сабабҳои аз ахлоқ дур шудан) ғайримутобиқшавиро фарқ мекунанд. [3]

Шаклҳои ғайрипатологӣ бо каҷрафторӣ субъект дар рафтор ва эҳсосоти марбут ба иҷтимоишавии нокифоя, муносибатҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ номақбули шахсият, бо тағйири якбораи ҳадафҳои мавҷудият (фирор аз оила), канда шудани муносибатҳои муҳимми байнишахсӣ ифода меёбад.

Таҳқиқоти солҳои охир анҷомдодаи олимон таснифоти гуногуни намудҳои мутобиқ нашуданро пешниҳод менамоянд: намудҳо аз рӯйи ниҳодҳое, ки дар он ғайримутобиқшавӣ ба амал омадааст, баррасӣ мешаванд: муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, оила, гурӯҳ; аз рӯйи хусусиятҳои синну сол: синни томактабӣ, хонандагони хурдсол, наврасӣ, навҷавонӣ [2]; аз рӯи дараҷаи беназоратӣ ба: а) душвортарбия; б) аз ҷиҳати педагогӣ беназорат; в) наврасон – қонунвайронкунандагон; г) ҷиноятқорони ноболиғ [9].

Ҳангоми ба намудҳо тақсим кардани мутобиқ нагардидан С.А. Беличева [5] зуҳуроти берунӣ ё омехтаи нуқсонро дар ҳамкории шахсият бо ҷомеа, муҳити атроф, бо худ ба назар мегирад:

1. Патогенӣ – ҳамчун натиҷаи халалдоршавии низоми асаб, бемориҳои мағзи сар, халалдоршавии анализаторҳо ва зуҳуроти тарсҳои гуногун таъриф карда мешавад.

2. Психикию иҷтимоӣ – натиҷаи тағйироти ҷинсию синну солӣ, зуҳуроти шадиди меъёр, тақвият ёфтани дараҷаи зуҳури хислати муайян, зуҳуроти номусоиди соҳаи эҳсосотӣ-иродавӣ, рушди зеҳнӣ.

3. Иҷтимоӣ – дар вайрон шудани меъёрҳои ахлоқ ва ҳуқуқ, дар шаклҳои ғайрииҷтимоии рафтор ва шаклдигаркунии низоми танзими дохилӣ, тамоилҳои ба таври устувор сар печидан аз қоидаҳои қабулшудаи рафтор ва самтгириҳои арзишӣ, муносибатҳои иҷтимоӣ зуҳур мекунад [5].

Ба таснифи мазкур такя карда, Т.Д. Молодтсова намудҳои зеринро фарқ мекунад:

1. Патогенӣ – дар неврозҳо, пурғашӣ, психопатия, халалдоршавии анализаторҳо, вайроншавии узвҳои дохилӣ;

2. Мутобиқ нагардидани психологӣ – ин сахт тарсидан, муноқишаҳои гуногуни ботинии ҳавасмандкунӣ, баъзе намудҳои ҳолати бади психологӣ мебошанд, ки ҳанӯз ба низоми иҷтимоии инкишоф таъсир нарасондаанд, вале онҳоро ба зуҳуроти патогенӣ нисбат додан номумкин аст.

Чунин ғайримутобиқшавӣ ба дараҷаи зиёд ниҳонӣ ва хеле устувор мебошад. Ба ин ҷо ҳамаи намудҳои халалдоршавии ботинӣ (худбаҳодиҳӣ, арзишҳо, тамоил) мансубанд, ки ба некӯаҳволии шахсият таъсир расонида, ба нооромӣ ё рӯҳафтодагӣ боис гардида, ба шахсият осеб расонида, вале ҳанӯз ба рафтор таъсир нарасонидаанд;

3. Иҷтимоӣ-психологӣ ин қафомонӣ дар таҳсил, беинтизомӣ, муноқишанокӣ, душвортарбиягӣ, дағалӣ, вайроншавии муносибатҳо. Ин намуди маъмултарин ва ба осонӣ зоҳиршавандаи ғайримутобиқшавӣ мебошад;

4. Иҷтимоӣ. Наврас ба ҷомеа халал расонида, бо рафтори кҷравона фарқ карда, ба муҳити ғайрииҷтимоӣ ба осонӣ ворид шуда (мутобиқ шудан ба шароити ғайрииҷтимоӣ), ба вайронкунандаи қонун табдил ёфта, бо ғайримутобиқшавандагӣ (нашъамандӣ, майзадагӣ, оворагардӣ) тавсиф меёбад, ки дар натиҷаи он ба сатҳи ҷиноятпешагӣ расидан имконпазир аст. Ба ин кӯдаконе, ки аз муошрати муқаррарӣ берун афтодаанд, бесарпаноҳ мондаанд, ба худкушӣ майл доранд ва ғайра мансубанд.

Ин таснифот барои хубтар дарк намудани моҳият ва сабабҳои ба вуҷуд омадани мутобиқ нагардидан, мазмун ва хусусиятҳои зуҳурот кумак мерасонад. Ин нуқтаи назарро ҷониборӣ карда, аниқ мекунем, ки дар тарбиягирандагони муассисаҳои таълимии махсус ин намудҳо ба таври маҷмуӣ, дар пурракунии низомноки мутақобила зоҳир мешаванд. Илова бар ин, Т.Д. Молодтсова тавсифи васеи хафт навъи одамонро вобаста ба он, ки чӣ тавр онҳо дар ҷомеа мутобиқ мешаванд, медиҳад: «мутобиқшуда»; «қисман мутобиқшуда»; «ғайримутобиқнашуда»; «мутобиққнашуда»; «мутобиқшуда ба шароити зиддиҷамъиятӣ»; «ғайримутобиқшуда ба шароити зиддииҷтимоӣ»; «мутобиқшуда ба ғайримутобиқшавй» [8].

Дар ҷараёни таҳқиқоти мо таваҷҷуҳи хосаро дар ин гунашиносӣ навъҳои зерин ҷалб менамоянд: «ғайримутобиқшуда ба шароити зиддииҷтимоӣ»; «ғайримутобиқшуда ба шароити зиддииҷтимоӣ» «мутобиқшуда ба ғайримутобиқшавӣ». Ин навъҳо таркиби кӯдакони ҳуқуқвайронкунандароро муайян мекунанд.

Ғайримутобиқшавии иҷтимоии кӯдакон ва наврасон дар вобастагии бевосита аз муносибатҳои манфӣ қарор дорад: ҳар қадар дараҷаи муносибати манфии кӯдакон нисбат ба таҳсил, оила, ҳамсолон, омӯзгорон, муошрати ғайрирасмӣ бо дигарон ифода ёфта бошад, ҳамон қадар дараҷаи мутобиқшавӣ вазнинтар мешавад.

Т.Д. Молодтсова мушкилоти мутобиқшавиро вобаста ба дараҷаи паҳншавӣ дар соҳаҳои гуногуни ҳаёт ва фаъолият ҳамчун маҳдуд, паҳншуда ва васеъ, вобаста ба дараҷае, ки шахсиятро фаро гирифтааст – сатҳӣ, амиққардашуда ва амиқ; аз рӯйи дараҷаи ифодаёбии он – ҳамчун пинҳонӣ, ошкоро ва ба таври равшан ифодаёфта; аз рӯйи хусусияти бавуҷудоӣ – ҳамчун ибтидоӣ ва дуюмдараҷа; аз рӯйи давомнокии ҷоришавӣ – ҳамчун вазъиятӣ, муваққатӣ ва устувор баррасӣ карда, тавсифи ҳар як намуди мушкилоти мутобиқшавиро медиҳад: мушкилоти мутобиқшавии психологи сатҳӣ, амиққардашуда ё амиқ, ниҳонӣ, ибтидоӣ ё дуюмдараҷа, вазъиятӣ, муваққатӣ ё устувор.

Мушкилоти мутобиқшавии иҷтимоӣ, ин ғайримутобиқшавии васеъ, амиқ, дуюмдараҷа ва устувор буда, дорои ифодаёбии равшан мебошад. Ғайримутобиқшавӣ метавонад ҳам ба худ, ҳам ба дигарон нигаронида шуда бошад, дарк шавад ё дарк нашавад, худмаҳкум шавад ё не, боиси хоҳиши тағйир ёфтан ё тағйир додани чизе мегардад ё намегардад – ҳамаи ин ба пайдоиши навъҳои ғайримутобиқшавӣ оварда мерасонад. «Худнобудкунандаҳо» – нуқсон дар худбаҳодиҳӣ, худифодакунӣ, муносибатҳои мутақобила; «натавонандаҳо» – нуқсони малакаҳо ва маҳоратҳо, шаклдигаркунии фаъолияти фаннӣ; заъфи ирода ва назорати эҳсосотӣ; заъфи ирода, риояи принсипҳо, устувории эътиқод; «нобудкунандагон» – хашмгинӣ, мавҷуд набудани худдорӣ, беэътиноии ифодаёфта; «розишудаҳо» – нуқсони ирода, эҳсосот, худбаҳодиҳии паст; «худпарастон» – худбаҳодиҳии аз ҳад зиёд, шаклдигаркунии «Ман»; «намоишӣ» – нуқсон дар муносибатҳои мутақобила, эҳсосот, худбаҳодиҳӣ; «гумроҳшавандагон» – мавҷуд набудани баҳодиҳии дуруст ба худ, кирдорҳои худ, вазъияти мушаххас.

Ҳар яке аз навъҳо стратегияи гуногуни педагогиро тақозо мекунад ва вазифаи асосӣ аз он иборат аст, ки ҳар кадоме аз навъҳо ба дараҷаи «саъю талошкунандагон», ки тамоми зухуроти мусбат – дарк кардан ва муносибати манфӣ ба камбудиҳои худ, мавҷуд набудани таъсири манфӣ ба атрофиён, мавҷуд набудани эҳтимолияти қарор гирифтан зери таъсироти манфӣ, фаъолнокӣ дар рафъи ғайримутобиқшавӣ тавсиф мекунад, гузаронида шавад [8, с. 88].

Бо назардошти гунашиносиҳо ва таснифоти тавсифшуда мо мафҳуми мутобиқ нагардидани иҷтимоии кӯдакони ҳуқуқвайронкунандаро аниқ кардем: он дорои хусусияти ҷараёнҳои бавуҷудоии риоя накардани рафтору меъёрҳои ахлоқӣ буда, аз рӯйи дараҷаи

паҳншавӣ дар соҳаҳои гуногуни ҳаёт ва фаъолият васеъ мебошад; вобаста ба дараҷаи фарогирии шахсият – амиқ кардашуда ё амиқ; аз рӯйи дараҷаи ифодаёфтагӣ – кушода ё ба таври равшан ифодаёфта мебошад; аз рӯйи хусусияти бавуҷудоӣ – дуюмдараҷа; аз рӯйи давомнокии ҷараёнгирӣ – ҳамчун вазъиятӣ, муваққатӣ ва устувор буда, ҳуқуқвайронкунанда, ин кӯдаке мебошад, ки пештар дар шароити оилаи ором ё муассисаи мусоиди кӯдакон ба воя расидааст (ҷадвали 1).

Ҷадвали 1. Ғайримутобиқшавии иҷтимоии кӯдакони бепарастор

Хусусият	**Патологӣ**
Дараҷаи паҳншавӣ (васеъ)	Соҳаҳои гуногуни зиндагӣ ва фаъолият
Дараҷаи фарогирии шахсият	Амиқ кардашуда ё амиқ
Дараҷаи ифодаёфтагӣ	Кушода ё а таври равшан ифодаёфта
Аз рӯйи хусусияти бавуҷудоӣ	Дуюмдараҷа
Аз рӯйи тӯлонӣ будани ҷараёнгирӣ	Вазъиятии муваққатии устувор

Хислатҳои асосии психофизиологии кӯдаконе, ки дар шароити зиндагии кӯча, бехона ташаккул меёбанд, мазмуни худро аз шомилшавии барвақти кӯдак ба муборизаи шадиди кӯчагӣ, дар сурати мавҷуд набудани кумаки тарбиявӣ аз ҷониби калонсолон ва муҳити муқаррарии кӯдак пайдо мекунанд. Дар кӯдакони бепарастор ва ҳуқуқвайронкунанда бар хилофи дигар кӯдакони синну соли мувофиқ, ғаризаи худҳифзкунӣ инкишоф ёфтааст. Дар онҳо ҳаяҷоннокшавии эҳсосотӣ ифода ёфтааст, ки аксар вақт одатҳоро ба барнгезандаҳои сунъӣ: маводи мухаддир, машруботи спиртӣ, қиморбозӣ инкишоф медиҳад. Дар байни кӯдакони ҳуқуқвайронкунанда аксарият токсикоманҳо буда, чунин мешуморанд, ки аз маводи мухаддир мемиранд, аммо ин даҳшатнок нест. Ҳол он ки токсикомания ба рушди қобилиятҳои зеҳнӣ таъсири бебозгашт мерасонад.

Айни замон кӯдакон тамоман тағйир ёфтаанд. Онҳо хашмгинтар, маккортар, золимтар, майхоратар, нашъамандтар ва аз ҷиҳати ҷинсӣ ноосудатар шудаанд. Бисёр кӯдакон гирифтори иллатҳои психикӣ, ақибмонии инкишофи зеҳнӣ мебошанд. Ягон хел қонуниятҳои умумӣ дар симои зоҳирии ҳуқуқвайронкунандагон вуҷуд надоранд. Ин аз синну сол, собиқаи ҳаёти кучманчигӣ, ва аз «касб» вобаста мебошад. Духтарон мувофиқи касбу ҳунари худ либос мепӯшанд: ҷилонок, бо ороиши зиёд дар чеҳраи на ҳамеша покиза, вале аз дур ё дар ҳолати мастӣ таассуроти аҷоибро ба вуҷуд меоранд. Гадоҳо бештар дилсӯзонатар пӯшидан ва шустушӯ накарданро афзал медонанд.

Ҳуқуқвайронкунанда ҳама чизи нашъаоварро мепазирад, на ҳамаи онҳо машруботи спиртӣ истаъмол мекунанд. Шуғли асосӣ дар зиндагии онҳо «кор» аст. Агар пештар, баъд аз инқилоб, бепарасторон асосан дуздӣ мекарданд, ҳоло доираи фаъолияти онҳо хеле васеъ шудааст, гарчанде ҳамаи онҳо бо дуздӣ машғул мебошанд.

Аммо чунин машғулиятҳо низ ҳастанд: мисли шикори нафарони бе ҷойи зисти муайян. Нафарони бе ҷойи зисти муайянро лагадкӯб мекунанд, об мепошанд, баъзан то ба марг латукӯб мекунанд.

Ҳамаи маблағҳои асосии бадастомада, асосан дар автоматҳои бозигарӣ сарф карда мешаванд. Онҳо инчунин метавонанд ба толори видеоӣ раванд, агар видеофилм тамошо кунанд, афзалият ба филмҳои тахайюлӣ (фантастикӣ) дода мешавад.

Дар миёни кӯдакони ҳуқуқвайронкунанда писарон нисбат ба духтарон бештаранд, ҳарчанд дар солҳои охир зиёдшавии шумораи онҳо дар муҳити бепарасторӣ ба мушоҳида мерасад.

Кӯдакони ҳуқуқвайронкунанда ба муассисаҳои таълимии махсус афтода, дарҳол ба муҳити нави иҷтимоӣ мутобиқ намешаванд, барои эҳёи иҷтимоии онҳо кӯшишҳои зиёд талаб карда мешаванд.

Дар кӯдакон ва наврасони бепарастор вобаста ба даврaҳои синнусолӣ хусусиятҳои зерин мушоҳида мешаванд, ки дар асоси мушоҳидаи кӯдакони ҳуқуқвайронкунанда, омӯзиши корҳои шахсии тарбиягирандагон муайян карда шуданд:

Тамоилҳои таҳрифшудаи арзишӣ дар сабабҳои рафтори наврасон инъикос меёбанд:

– майлҳои маҳдуди истеъмолӣ;

–хоҳиши дилхушӣ кардан, нишон додани қувва, чолокӣ, далерӣ, тасдиқ

кардани мақоми худ дар пеши дигарон;

– хоҳиши ба даст овардани маблағ барои хариди машруботи спиртӣ, тамоку ва ғайра; интиқом, хашму ғазаб, авбошӣ.

Дар аксарияти наврасони ба муҳити иҷтимоӣ мутобиқнашуда номутаносибии худбаҳодиҳӣ мушоҳида мешавад. Бархе аз онҳо имкониятҳои воқеии худро аз ҳад зиёд баҳо медиҳанд ва аз ин рӯ, ба эродҳо ба таври номуносиб вокуниш нишон дода, худро ҳамеша қурбонии бегуноҳ шуморида ва чунин меҳисобанд, ки нисбат ба онҳо беадолатӣ зоҳир менамоянд.

АДАБИЁТ:

1. Абдурашитов, Н. Барқароркунии муносибати фарзанд-волидайн ҳамчун механизми ташаккули омодагӣ ба воридшавии самараноки иҷтимоии наврасон-ҳуқуқвайронкунандагон. Автореф дис. ... канд. пед. наук [Текст] / Н. Абдурашитов, Душанбе, 2021. – 31 с.
2. Алмазов, Б.Н. Психическая средовая дезадаптация несовершеннолетних [Текст] / Б.Н Алмазов. – Свердловск, 1986. – 150 с.
3. Амбрумова А.Г., Тихоненко В.А., Бергелсон Л.Л. **:** Социально-психологическая дезадаптация личности и профилактика суитсида [Текст] / А.Г. Амбрумова , В.А. Тихоненко , Л.Л. Бергельсон. Вопросы психологии. – 1981. – № 4. – С. 91
4. Башкатов, И.П. Психолого-педагогические особенности возникновения, развития и функционирования групп несовершеннолетних правонарушителей. Дис. ... докт. пед. наук. [Текст] / И.П. Башкатов.– М., 1991. – 517 с.
5. Беличева, С.А. Основы превентивной психологии / [Текст] С.А. Беличева.– М.: Консорциум, 1993. – 197 с.
6. Карушин, В.И. Предупреждать безнадзорность и правонарушения несовершеннолетних // Материал из опыта предупреждения безнадзорности и правонарушений несовершеннолетних. – М., 1996. – С.7 – 9.
7. Миловидова, Т.Б., Анисимов В.К. Медико-психолого-педагогическая профилактика и коррекция отклоняющегося поведения детей и подростков / [Текст] Т.Б. Миловидова, В.К. Анисимов. – Владимир, 1996. – 50 с.
8. Молодцова Т.Д. Теория и практика предупреждения и преодоления дезадаптации подростков Автореф. дис. ... докт. пед. наук / [Текст] Т.Д. Молодцова. – Ростов-на-Дону, 1998. – 39 с.
9. Плоткин, М.М. Педагогические условия социальной реабилитации подростков // Педагогика. – 1994. – № 3. – С. 36 – 39.
10. Сатторов, Б.А. Педагогическое взаимодействие органов внутренних дел, семьи и школы по профилактике правонарушений среди несовершеннолетних / [Текст] Б.А. Сатторов. – Душанбе. – 2018 с.
11. Социальная дезадаптация: нарушение поведения у детей и подростков / Под ред. Н.В. Вострикової и др. – М.: ЦСП, 1996. – 108 с.

МУШКИЛОТИ МУТОБИҚШАВИИ КӮДАКОНИ ҲУҚУҚВАЙРОНКУНАНДА ДАР МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМИИ МАХСУС

Дар мақола сухан дар бораи сабаб, омилҳо ва моҳияти падидаи мушкилоти мутобиқшавии кӯдакони ҳуқуқвайронкунанда дар муассисаҳои таълимии махсус меравад. Қайд карда мешавад, ки асоси аз ҷиҳати иҷтимоӣ мутобиқ нагардидани кӯдакони ҳуқуқвайронкунандаро ноустувории эҳсосӣ, самтнокии заъфи ҳавасмандкунӣ, аксуламалҳои хосси рафторӣ, ки дар сатҳи пасти худназораткунии рафтор, мавҷудияти аксуламалҳои дуршавӣ аз муноқиша зоҳир мешаванд, ташкил медиҳад.

Дар ҷараёни таҳқиқот мо ба гунашиносии навъҳои зерини мутобиқ нагардидани кӯдакони ҳуқуқвайронкунанда ба таълими мактабӣ, аз қабили «ғайримутобиқшуда ба шароити зиддииҷтимоӣ»; «мутобиқшуда ба ғайримутобиқшавӣ» диққати махсус додем. Ин навъҳо таркиби кӯдакони ҳуқуқвайронкунандаро муайян мекунанд.

Калидвожаҳо: *кӯдакони ҳуқуқвайронкунанда, кӯдакони мутобиқнашуда, кӯдакони беназоратмонда, мушкилоти иҷтимоӣ, муассисаҳои таълимии махсус.*

ТРУДНОСТИ АДАПТАЦИИ ДЕТЕЙ ПРАВОНАРУШИТЕЛЕЙ В СПЕЦИАЛЬНЫХ ОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ УЧРЕЖДЕНИЯХ

В статье речь идёт о причинах, факторах и возникших явлений трудностей адаптации детей правонарушителей в специальных образовательных учреждениях. Отмечается, что основа социальной дезадаптации детей правонарушителей составляет эмоциональная неустойчивость, слабая мотивационная направленность; своеобразные поведенческие реакции, которые проявляются в низком уровне самоконтроля поведения, наличии реакций ухода от конфликта.

В процессе нашей работы мы придавали особый интерес следующей типологии детей правонарушителей: «адаптированные к асоциальным условиям»; «дезадаптированные к асоциальным условиям»; «адаптированные к дезадаптации». Эти типы определяют состав беспризорных детей.

Ключевые слова: *дети правонарушители, дезадаптированные, дети без присмотра, социальные трудности, специальные образовательные учреждения.*

Сведения об авторе: Эмомова Малоҳат– соискатель Института развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана. Адрес: 734025 Республика Таджикистан, г. Душанбе. ул. Айни, 126. Тел: (992) 93 9006644.

Маълумот дар бораи муаллиф: Эмомова Малоҳат унвонҷуйи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. Нишонӣ: 734025 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. ст. Айнӣ, 126. Тел: (992) 93 9006644.

Information about the author: Emomova Maloҳat applicant of the Institute for the Development of Education named after Abdurakhman Jami of the Academy of Education of Tajikistan. Address: 734025 Republic of Tajikistan, Dushanbe. st. Aini, 126. Tel: (992) 93 9006644.

МИРЗОЕВА С.Д.

ОМИЛҲОИ ФАЪОЛГАРДОНИИ ХОНАНДАГОН ДАР ДАРСҲОИ ЗАБОНИ МОДАРӢ ТАВАССУТИ БОЗИҲОИ НАҚШОФАРӢ

Усули ғайрианъанавии таълим, ки бештар барои гузаронидани семинару тренингҳо истифода бурда мешаванд дар сатҳи байналхалқӣ эътироф гаштаанд. Ин усул дар муассисаҳои таълимӣ дар раванди дарс истифода бурда мешаванд. Машғулиятҳои таълимию омӯзишӣ, ки вақти камро талаб мекунанд, бояд аз синфҳои ибтидоӣ оғоз карда шаванд.

Вазифаи омӯзгори синфҳои ибтидоӣ пеш аз ҳама гурӯҳро ба мақсади гузошташудаи раванди таълим созгор намудан аст.

Омӯзгор ташкилкунандаи ҷараёни муносибат ва муошрати аъзои гурӯҳ буда, барои мубодилаи (ба якдигар расонидани) ахбори байниҳамдигарӣ мадад мерасонад, ба муваффақият ва ба мақсад ноил гаштани аъзои гурӯҳ масъул аст ва ӯ, дар дилхоҳ муҳокимаронӣ бетараф мемонад, нуқтаи назари худро пеш намегузорад.

Моҳияти фаъолияти омӯзгор бо мақсади амалигардонии вазифаҳои мушаххаси машғулият, ба роҳ мондани ҳамкорӣ ва мубодилаи афкор миёни аъзои гурӯҳ мебошад.

Маслиҳатҳои муфид:

- Боварӣ доштан ба комёбӣ; амалӣ гаштани вазифаҳои машғулияти забони модарӣ ва аз ҷониби хонандагон бо хоҳиши самимӣ қабул кардани он;
- Бояд донист, ки ҳар як хонанда бо худ, ба машғулият чизи муҳимме меорад;
- Боварӣ доштан ба он ки гурӯҳ иқтидори ҳал кардани мушкилоти худро дорад;
- Эҳтиром нисбат ба эҳтиёҷот, талабот ва манфиатҳои ҳамаи хонандагон;
- Боварӣ доштан ба он, ки ташкили машғулият муҳим аст ва аз натиҷаи он дар ҷомеа саҳми босазое мегузоред.
- Рафторҳои ношоиста: (Набояд ин гуна рафтор кард!)
- Танқиди хонандагон дар машғулият ва рад кардани нуқтаи назари онҳо;
- Қабули қарор бе аъзи гурӯҳ;
- Маҷбур кардани гурӯҳ ба фаъолияти ғайрихоҳиши онҳо;
- Сухани бисёр гуфтан;
- Маҷбур кардани гурӯҳ ба қабули қарори номуносиб;

Омӯзгор чиро бояд донад:

- Сабур будан ва гуш карда тавонистан;
- Ба эҳсосот дода нашавад;
- Диққати гурӯҳро ҷалб кунад;
- Гурӯҳро барои ноил гаштан ба мақсади машғулият равона созад.

Дар ҷараёни мусоҳиба омӯзгори синфҳои ибтидоӣ бояд:

- Масъаларо дар атрофи мавзуъ муҳокима намояд, чизҳои нофаҳморо фаҳмонад;
- Ба ҳар як хонанда барои ширкати фаъолона имконият фароҳам орад;
- Дар ҷараёни фаҳмондадиҳӣ мисолҳои гуногун орад.

Доштани маҳорати ровигӣ (нотиқӣ) ва муносибати хуб мавриди гузаронидани машғулиятҳои забони модарӣ бо усули ғайрианъанвии таълим бисёр бамаврид аст. Яке аз принсипҳои асосии ташкили машғулиятҳо бо усули ғайрианъанвии таълим муносибат ва муошират доштанро ба хонанда талаб мекунад.

Ҳоло методҳо ва усули таълимии ҳам барои дарсҳои анъанавӣ ва ҳам барои дарсҳои ғайрианъанавӣ мувофиқ, таҷрибаҳои муаллимони навовар, усули баланд бардоштани

қобилиятҳои зеҳнии хонандагон ва инкишофи мусоидаткунандаи онҳоро мавриди таҳқиқ қарор медиҳем.

Яке аз чунин методҳо, нақшофарӣ ба ҳисоб меравад, ки аз тарафи омӯзгор омода карда мешавад. Усули иҷрои нақшҳо, ҳамчун бозӣ гузаронида шуда, хусусиятҳои худро дорад. Миқдори вазифаву муаммо ва тақсими нақшҳо байни хонандагон вижагии ин усул аст. Бо усули мазкур дар синфҳо суҳбатҳои омӯзишӣ гузаронидан мумкин аст, ки дар ҳалли масъалаҳо фикри ҳамсабақонро ба назар гирифтан муҳим дониста мешавад. Иштироки муаллим ва дар муҳокимаи масъалаҳо ва додани маълумоти нав гузориши ин усулро шавқовар мекунанд.

Аҳамияти усули таълимии нақшофарӣ дар он аст, ки мавриди ташкили он диққати хонандагон пурра ҷалб карда мешавад. Диққати ҳамаи хонандагон танҳо ба ҳангоми шартҳои бозӣ равона мегардад, фикрҳои берунию нисбии онҳо дур мегардад ва хонандагон машғулияти худро дар фазои оддӣ ва озод ҳис мекунанд.

Хонандаи иштирокчӣ кӯшиш мекунад, то ки дар ҷараёни бозӣ бо ягон нақши ноайёне ҳам бошад бартарии худро нишон диҳад. Дар ин усул ду ва ё зиёда хонандагон иштирок намуда, нақшҳои додашударо дар доираи мавзуи муайянгашта ва аз рӯйи сенарияи махсус иҷро мекунанд.

Ин усул барои дарёфти якчанд маром мақсадҳои асосӣ дар ҳаёти ҳамарӯза боиси ташкили машғулиятҳои самарабахши таълим шуда метавонад.

Бозӣ дар нақшҳо, ин усули беҳтарини таълимие мебошад, ки хонандагон ба таври ҳазлу шухӣ ба якдигар иттилоот расонида, дарсро боз ҳам шавқовартар мегузаронанд. Он имконият медиҳад, то омӯзгор ҳар гуна таҳаввулот, хаёл ва тафаккури хонандагонро, ки одатан аз тарафи дигар одамон паҳн ва овоза мегарданд, фарқ намуда, муайян кунад ва нишон диҳад. Ба воситаи бозӣ дар нақшҳо хонандагон метавонанд проблемаҳоеро муҳокима ва таҳлил кунанд, ки онҳоро дар ҳаёти ҳамарӯза бо сабаби ҷой доштани шарму ҳайё дар ниҳодашон наметавонанд фош кунанд.

Иҷрои хуби нақшҳо дар усули бозӣ ба инкишофи малакаҳои ҳаётӣ, ба донишандӯзӣ ва илмдӯстии хонандагон мусоидат намуда, рафтору кирдори онҳо такмил меёбад ва малакаҳои мухталифи ҳаётиро дар ниҳоди хонандагон ҷой медиҳад.

Робита ва имкониятҳои бозӣ дар нақшҳо метавонад, ба донишандӯзон имкониятҳои маърифатнок шуданро дастрас намояд.

Мавриди иштирок дар ин усули таълимӣ, қобилияти чусту чолокӣ, диққатдиҳӣ, зиракӣ ва ҳозирҷавобии хонанда такмил меёбад, малакаи озодфикрӣ ва фаъолу озодона иштирок намудан дар раванди машғулият васеъ мегардад. Аъзои гурӯҳ имконияти бо якдигар аз наздик шинос шуданро пайдо мекунанд, ки боиси шикастани шарм ва зоҳир кардани нуқсонҳои хонанда мегардад. Инчунин, ҳангоми бозӣ шавқу ҳавас ва рағбати хонандагон зиёд мегардад.

Бояд донист

• Ҳар як бозӣ вобаста ба моҳият ва хусусиятҳои худ вақт талаб мекунад, бинобар ин, бозиро таҳия карда, сипас, вобаста ба шароит ва имконот вақтро муайян кардан лозим аст;

• иҷрокунандагон мақсаду мароми нақшҳои худро бояд дуруст дарк намоянд;

• иҷрокунандагон аз нақшҳо баромада метавонанд.

Қисмати ташкилӣ

• Иҷрокунандагонро тайёр кунед, то мафҳуми бозӣ ва шартҳои онро дуруст фаҳманд;

• Шароитро чунин фароҳам ored, ки назоракунандагон вазъиятро фаҳманд ва моҳияти нақшро дарк кунанд;

• Аз рӯйи амалигардии бозӣ назорат баред;

• Ба иҷрокунандагон ташаккур гӯед, муносибати онҳоро нисбат ба ҳамин бозӣ муайян намоед;

• Дараҷаи дарки назораткунандагонро пурсон шавед;

• Натиҷаи бозиро бо назораткунандагон муҳокима кунед;

• Фикрҳои хонандагонро муайян кунед ва дар асоси онҳо аҳамият ва бартарии нақшҳоро нисбат ба ҳаёти ҳамарӯза муқоиса карда, дар зиндагӣ ҳамеша фаъол буданро тавсия диҳед;

• Тафовути вазъияти ҷориро нисбат ба ҳаёти ҳақиқии хонандагон муқоиса ва муҳокима намоед;

Ҷамъбасти бозӣ

Дар шароити бозсозии муассисаҳои маълумоти умумӣ ва дар амал татбиқ намудани талаботи консепсияи муассисаҳои миллӣ ва муаррифии таҳсилоти миллӣ ҷустани роҳҳои самарабахши таълим ногузир аст. Ба назари мо дар ин самт ба истифода намудани тарзу усули нави гузаронидани дарс ва самаранок ташкил намудани дарсҳои ғайрианъанавӣ аҳамияти бештаре касб менамояд. Дар таҳқиқоти илмӣ мо бештар такя ба муаллимони синфҳои ибтидоӣ намуда, фаъолияти онҳоро зери мушоҳида қарор додем.

Боиси хурсандӣ аст, ки аз афзалияти дидактикии дарсҳои ғайрианъанавӣ қариб муаллимони ҳамаи фанҳои таълимӣ; табиатшиносӣ, математика, адабиёт, забони модарӣ ва ғайра истифода мебаранд. Муаллимон гуфтаи Блез Паскалро, ки "Фанни таълимӣ (забони модарӣ) чунон ҷиддиятро талаб мекунад, ки ҳатто барои каме шавқовар гузаштани он бояд ҳеҷ гуна имкониятро аз даст надиҳем"-ро бояд пайгирӣ кунанд.

Роҳу усули фаъоли таълим дар дарсҳои забони модарӣ имкон медиҳанд, ки дар як вақт якчанд масъалаҳо ҳал карда шаванд, яке аз ин масъалаҳо ташаккули малакаҳои коммуникатсионӣ мебошад. Ҳама усули фаъоли таълим ба принсипҳои ҳамкорӣ ва такя ба таҷрибаи умумии гурӯҳӣ ва бозгашти ҳатмӣ асос ёфтаанд. Дар машғулиятҳо иштирокчиён бо ҳамдигар фаъолона муошират мекунанд, вазифаҳои ба миён гузошташударо якҷоя ҳал менамоянд ва бо роҳи мутақобила проблемаҳои таълимро бартараф намуда, қобилиятҳои зеҳнию эҷодии худро таҳким медиҳанд.

Вазифаи муҳимтарин ва ногузири мактаб ба насли наврас додани донишҳои амиқи илмӣ ташаккул ва инкишофи маҳорату малакаҳои амалӣ, ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ ва дар амал истифода бурдани онҳо ба ҳисоб меравад.

АДАБИЁТ:

1. Баннов Р.В.Интерактивные методы в презентации: 10 типовых ошибок Баннов Р.В. Медицинские технологии. Оценка и выбор. 2004.№12
2. Блез Паскаль. Мысли. Франсия.-1657.
3. Григорьева Д.Р., Шамсутдинов Р.Р. Интерактивные методы обучения в образовательном процессе. Материалы 77-й международной научно-технической конференции «Приоритеты развития и подготовка кадров». Секция «Развитие образовательного процесса на основе современной системы интерактивного обучения в условиях модернизации образования». - 2012. - с. 32-34.
4. Кларин, М.В. Интерактивное обучение инструмент освоения нового опыта Текст. М.В. Кларин. Педагогика. - 2000. - № 7. - С. 12-
5. Поляков А.Д. Интерактивные презентации в преподавании биологии Поляков А.Д. успехи современного естествознания. 2004.№12.
6. Привалова Г.Ф. Активные и интерактивные методы обучения как фактор совершенствования учебно-познавательного процесса. Педагогические науки. - № 3. - 2014.- с. 1-7.
7. Самтҳои асосии ислоҳоти мактабҳои маълумоти миёнаи умумӣ ва касбӣ. "Душанбе", с. 1985
8. Сапешко Л.В. Интерактивные формы обучения учащихся на уроках ИЗО. Первая Всероссийская научно-методическая конференция «Интерактивные технологии в образовании». - Кострома, 2014. - С.193-196.

ФАКТОРЫ АКТИВИЗАЦИИ УЧАЩИХСЯ НА УРОКАХ РОДНОГО ЯЗЫКА С ПОМОЩЬЮ РОЛЕВЫХ ИГР

Важность воспитательного метода ролевой игры заключается в том, что внимание учащихся обращается на её организацию. Внимание всех учащихся концентрируется не только на критериях и условиях игры, удаляются внимание её внешней и главной мысли и создаются такие условия, чтобы учащиеся чувствовали деятельность в простой и свободной обстановке.

Ученик - участник старается быть в какой-то отдельной роли во время игры и показать своё преимущество. В этом методе участвуют двое или более школьников, которые выполняют заданные роли в рамках определённой темы и по специальному сценарию.

Этот метод важен для определения нескольких основных целей и задач обучения и в повседневной жизни может привести к организации эффективных тренировочных занятий.

Ключевые слова: *актив, школьники, навыки, урок, родной язык, знания, полезные советы, ролевые игры.*

FACTORS OF ACTIVATING STUDENTS IN THE LESSONS OF THEIR NATIVE LANGUAGE WITH THE HELP OF ROLE-PLAYING GAMES

The importance of the educational method of the role-playing game lies in the fact that the attention of students is drawn to its organization. The attention of all students is concentrated only on the criteria and

conditions of the game, their external and relative thoughts are removed and such conditions are created so that students feel the activity in simple and free environment.

The student-participant tries to be in some invisible role during the game and show his superiority. This method involves two or more students who perform given roles within a specific topic and according to special scenario.

This method is important for defining several basic goals and objectives of training and in everyday life can lead to the organization of effective training sessions.

Key words: *asset, schoolchildren, leader skills, lesson, native language, knowledge, useful tips, role-playing games.*

Маълумот дар бораи муллиф: Мирзоева С.Д. омӯзгори кафедраи педагогикаи махсус ва таҳсилоти фарогири ДДОТ ба номи С. Айнӣ Тел: 935880615

***С*ведения об авторе:** Мирзоева С., преподаватель кафедры специальной педагогики и инклюзивного образования Таджикского Государственного Педагогического Университета имени Садриддина Айни. Тел: 935880615

Information about the author: Mirzoeva S.D, Teacher of the Department of Special Pedagogy and Inclusive Education, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini. Tel: 935880615

НАБИЕВА З.Ч.

РОЛЬ ОБРАЗОВАНИЯ ПО ОТНОШЕНИЮ К МОДЕЛИ РАВЕНСТВА И СОЦИАЛЬНОГО ОБЕСПЕЧЕНИЯ.

Яке аз меъёрҳои асосии баҳодиҳии тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаи таҳсилоти олӣ динамикаи сатҳи омодагии ҷисмонии донишҷӯён мебошад, ки онро тавассути қабули ҳамон як меъёрҳои назоратӣ пайгирӣ кардан мумкин аст [6, с. 92–93].

Ташаккули муносибати бошуурона ба саломатии худ ва таълими асосҳои тарзи ҳаёти солим ба донишҷӯён – ин мақсадест, ки тамоми маблағи барои амалисозии он сарфшударо асоснок мекунад [6, с. 92–93].

Имрӯзҳо алоқаи тарбияи ҷисмонӣ ва саломатӣ, қобилияти кор ва ҳосилнокии меҳнат махсусан равшан хис карда мешавад.

Раванди муосири таълими донишҷӯён аз онҳо олами нави ҷисмониро талаб мекунад. Чунон ки таҳсил ба омили асосии ҳаёти донишҷӯ табдил меёбад, тарбияи ҷисмонӣ ҳам ба махсусияти ҷудонашавандаи ҳаёти донишҷӯӣ мубаддал гардида истодааст.

Ҳамин тариқ, тарбияи ҷисмонӣ барои донишҷӯ: шароитро барои машғулияти бароҳат ва фаъолнокии ҷисмонӣ фароҳам меорад; ба донишҷӯён нуктаҳои асосии нигоҳ доштани тарзи ҳаёти солимро мефаҳмонад; саломатии донишҷӯёнро мустаҳкам намуда, нишондиҳандаҳои меъёриро дар донишҷӯён беҳтар мекунад; муносибати масъулиятнокро нисбат ба саломатии худ ташаккул медиҳад; варзиш, истироҳати фаъол, сайёҳиро оммавӣ мегардонад.

Аз ин бармеояд, ки донишҷӯён баробари инкишоф ёфтани фарҳанги шахс ва сифатҳои ҷисмонии худ онро ҳам ҳамчун фанни таълимӣ ва ҳамчун зинаи муҳим дар роҳи тарзи ҳаёти солим қабул мекунанд [3, с. 205–215].

Гуфтаҳои болоро ҷамъбаст намуда, гуфтан мумкин аст, ки тарбияи ҷисмонӣ барои донишҷӯ яке аз ҷузъи муҳимтарини ҳаёти муқаррарии ӯ ба шумор меравад. Маҳз дар ҳамин

замина бояд муносибати донишҷӯён ба тарбияи ҷисмонӣ, варзиш ва тарзи ҳаёти солим ташаккул ёбад. Тарбияи ҷисмонӣ на танҳо яке аз ҷузъҳои асосии ҳаёти донишҷӯ мебошад, балки инкишофу такмили ҳаматарафаи ӯро низ ташаккул медиҳад. Машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаи таҳсилоти олӣ ба донишҷӯ кумак мекунанд, ки қобилияти худро дуруст баҳодиҳӣ карда, онҳоро дар самти дуруст инкишоф дода, бо ин саломатии худро таҳким бахшанд. Мушкилоти зиёди марбут ба муносибати донишҷӯён ба тарбияи ҷисмонӣ, ба монанди баҳодиҳии аз ҳад зиёди имкониятҳои худ ё мавҷуд набудани ҳавасмандӣ ба машғулиятҳои варзишӣ мавҷуданд. Ба ҳалли ин ва дигар масъалаҳои таълими тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаи таҳсилоти олӣ нигаронида шудааст

АДАБИЁТ:

1. Барномаи давлатии рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022–2026. 30.12.2021.
2. Дворкин Л.С., Чермит К.Д., Давыдов О.Ю. «Физическое воспитание студентов». Ростов н/Д: Феникс, 2008. – 700 с.
3. Деменко А.В., Егорычева Е.В., Чернышёва И.В. Значение и роль физической культуры в жизни студента. Успехи современного естествознания, 2013. № 10. С. 205–215. [Электронный ресурс]. Режим доступа: https://www.natural–sciences.ru/ru/article/view?id=33087/ (дата обращения: 11.12.2017).
4. Захаров В.А. Словарь терминов физической культуры и спорта. [Электронный ресурс]: Персональный сайт Захарова Владимира Александровича. Режим доступа: http://zaharov46.ru/index.php/kgu/12–glossarij–slovar–terminovfizicheskojkulturyisporta/ (дата обращения: 15.11.2017).
5. Круглик И.И., Круглик И.П. Краткий словарь терминов по теории и методике физического воспитания и спорта для студентов физкультурных вузов. [Электронный ресурс]: Психология, социология и педагогика, 2012. № 6. Режим доступа: http://psychology.snauka.ru/2012/06/829/ (дата обращения: 26.12.2017).
6. Лукьянов С.И. «Роль физической культуры в жизни студентов»// Фундаментальные исследования, 2006. № 11. С. 92–93.
7. Мифтахов, А.Ф. Роль физической культуры в жизни студента / А.Ф. Мифтахов. – Текст : электронный // NovaInfo, 2019. – № 110. – С. 82. – URL: https://novainfo.ru/article/17286 (дата обращения: 31.08.2022).
8. Муратшина, З.З. Физическая культура в обеспечении здорового образа жизни студентов / З.З. Муратшина. – Текст : электронный // NovaInfo, 2017. – № 67. – С. 247–250. – URL: https://novainfo.ru/article/13538 (дата обращения: 31.08.2022).
9. Николаев Ю. М. Физическая культура и основание сферы жизнедеятельности человека и общества в контексте социокультурного анализа / Ю. М. Николаев // Теория и практика физической культуры. – 2004. № 8.
10. Оплетен А.А. Потенциальные возможностий физической культуры как один из ведущих стимулов саморазвития личности // Теория и практика физической культуры. 2009. № 5.
11. Психология здоровья: Учеб. для вузов / Под ред. Г.С. Никифорова. – СПб.: Питер, 2003. – 607 с.
12. Физическая культура студента. Под ред. В.И. Ильинича. М., 2000.
13. Щелокова О.С. «Физическое воспитание как неотъемлемая часть учебно–воспитательного процесса». М., 2003.
14. Ярлыкова О.В. Формирование физической культуры в образовательном процессе.//Профессиональная ориентация, № 2, 2015. С. 32–35.
15. Ярлыкова О.В., Шипилова Г.В. Физическая культура в общекультурной и профессиональной подготовке студентов. Таврический научный обозреватель. 2016 №1–3 (6) с. 101–103.
16. Ярлыкова О.В. Влияние физической культуры на профессиональный рост будущих педагогов. //Профессиональная ориентация, №1, 2015. С. 75 –79.
17. Яшин В. Н. ОБЖ. Здоровый образ жизни: учеб. пособие для вузов / В. Н. Яшин. − 3–е изд., перераб. − Москва: Флинта: Наука, 2011. − 123 с. С. 24–29.

ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ АСОСИ
ТАРЗИ ҲАЁТИ СОЛИМИ ДОНИШҶӮЁНИ ЗАМОНИ МУОСИР

Муаллиф дар мақолаи худ нақши тарбияи ҷисмониро ҳамчун асоси тарзи ҳаёти солими донишҷӯёни замони муосир мавриди баррасӣ қарор додааст. Таъкид шудааст, ки дар солҳои охир нақши муассисаҳои таҳсилоти олӣ ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ афзоиш ёфта истодааст, ки на танҳо мутахассиси салоҳиятнок, балки инсони солим ва пурарзишро бо чунин хислатҳои фарқкунандаи шахсият, аз қабили фаъолнокии иҷтимоӣ, тамаркуз ба тарзи ҳаёти солим, идеалҳои зебошиносӣ ва

меъёрҳои ахлоқии ҳаёт пешниҳод мекунад. Дар бораи ҳаёти варзишию ҷисмонии донишҷӯён ҳарф зада, ба чунин мафҳум, ба монанди тарзи ҳаёти солим таваҷҷуҳи марказӣ зоҳир карда шудааст, зеро чунин таваҷҷуҳ ба тарзи ҳаёти солим аз сатҳи бадастомадаи саломатии мутахассисони хатмкардаи муассисаҳои таҳсилоти олӣ ба миён омадааст. Хулоса мешавад, ки тарбияи ҷисмонӣ барои донишҷӯён яке аз ҷузъи муҳимтарини ҳаёти муқаррарии онҳо ба шумор меравад. Маҳз дар ҳамин замина бояд муносибати донишҷӯён ба тарбияи ҷисмонӣ, варзиш ва тарзи ҳаёти солим ташаккул ёбад. Тарбияи ҷисмонӣ на танҳо яке аз ҷузъҳои асосии ҳаёти донишҷӯ мебошад, балки инкишофу такмили ҳаматарафаи ӯро низ ташаккул медиҳад. Машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаи таҳсилоти олӣ ба донишҷӯён кумак мекунад, ки қобилияти худро дуруст баҳодиҳӣ карда, онҳоро дар самти дуруст инкишоф дода, бо ин саломатии худро таҳким бахшанд.

***Калидвожаҳо**: тарбияи ҷисмонӣ, тарзи ҳаёти солим, донишҷӯ, фарҳанг, таҳсилоти олӣ, солимгардонӣ, варзиш, саломатӣ, муассисаи таҳсилот.*

ФИЗИЧЕСКОЕ ВОСПИТАНИЕ ОСНОВА ЗДОРОВОГО ОБРАЗА ЖИЗНИ СОВРЕМЕННОГО СТУДЕНТА

В своей статье автор рассматривает роль физического воспитания как основы здорового образа жизни современного студента. Подчеркнуто, что в последние годы возрастает роль вуза как социального института, из которого выпускается не только компетентный специалист, но и полноценная, здоровая личность, обладающая такими отличительными чертами личности, как социальная активность, направленность на здоровый образ жизни, идеалы красоты и предлагает нравственные нормы жизни. Говоря о спортивной и физической жизни студента, центральное внимание уделяется такому понятию, как здоровый образ жизни, поскольку такой интерес к здоровому образу жизни возник благодаря достигнутому уровню здоровья специалистов, окончивших высшие учебные заведения. Делается вывод о том, что физическое воспитание для студента является одной из важнейших частей его нормальной жизнедеятельности. Именно в этом контексте должно формироваться отношение студентов к физической культуре, спорту и здоровому образу жизни. Физическое воспитание является не только одной из основных составляющих жизни студента, но и формирует его общее развитие и совершенствование. Занятия физической культурой в высших учебных заведениях помогают студентам правильно оценивать свои способности, развивать их в нужном направлении и тем самым укреплять здоровье.

***Ключевые слова**: физическая культура, здоровый образ жизни, студент, культура, высшее образование, оздоровление, спорт, здоровье, образовательное учреждение.*

PHYSICAL EDUCATION THE BAE OF A HEALTHY LIFESTYLE OF A MODERN STUDENT

In his article, the author discusses the role of physical education as the basis of a healthy lifestyle of a modern student. It has been emphasized that in recent years, the role of higher education institutions as a social institution has been increasing, which produces not only a competent specialist, but also a valuable, healthy person with such distinctive personality traits as social activity, focus on a healthy lifestyle, ideals of beauty and offers moral standards of life. Speaking about the sports and physical life of the student, central attention is paid to such a concept as a healthy lifestyle, because such an interest in a healthy lifestyle has arisen from the achieved level of health of professionals who have graduated from higher education institutions. It is concluded that physical education for a student is one of the most important parts of his normal life. It is in this context that the attitude of students to physical education, sports and a healthy lifestyle should be formed. Physical education is not only one of the main components of a student's life, but also forms his overall development and improvement. Physical education classes in higher education institutions help students to correctly evaluate their abilities, develop them in the right direction, and thereby strengthen their health.

***Keywords**: physical education, healthy lifestyle, student, culture, higher education, health*

Маълумот дар бораи муаллиф: Оёҳмадов Шерафган Рачабалиевич, ноиби ректори Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С.Раҳимов оид ба таълим. Нишонӣ: ш. Душанбе. E–mail: Sheraf.88@mail.ru Tel.: +(992) 888845885 promotion, sport, health, educational institution

Сведения об авторе: Оёхмадов Шерафган Раджабалиевич, проректор Таджикского института физической культуры им. С.Рахимова по учебной части, кандидат педагогических наук. Адрес: г.Душанбе. e–mail: Sheraf.88@mail.ru tel.: +(992) 888845885.

Information about the author: Oyohmadov Sherafgan Rajabalievich, Prorector of the Institute of Physical Culture of Tajikistan after S.Rahimov on education, Candidate of Pedagogy Sciences. Address: c. Dushanbe. E–mail: Sheraf.88@mail.ru Tel.: +(992) 888845885.

РУСТАМИ А.

ТАРБИЯИ ИҚТИСОДИИ НАВРАСОН ВА ТАШАККУЛ ДОДАНИ МАЪРИФАТИ МОЛИЯВӢ ДАР ОИЛА

Аввалин донишро роҷеъ ба иқтисодиёт кӯдакон дар хонавода мегиранд. Ба таври анъанавӣ яке аз вазифаҳои хонавода фаъолияти хоҷагидорӣ-иқтисодӣ мебошад. Ин албатта мақсади ниҳоӣ нест, аммо ин шарти зарурии ҳаёт ва инкишофи муносибату муоширати хонаводагӣ ба шумор меравад.

Тарбияи иқтисодӣ баъзе махсусиятҳо ва бартариятҳоро нисбат ба дигар намудҳои тарбия дорост. Пеш аз ҳама он ба нуфузи волидон, неруи анъанавии одатҳои хонавода вобаста аст.

Тарбияи ҳаматарафаи наврас, омода сохтани ӯ барои зиндагӣ дар ҷомеа вазифаи асосии иҷтимоии хонавода ва ҷомеа ба шумор меравад.

Тарбияи иқтисодӣ инфиродист ва бевосита ба навраси хонавода нигаронида мешавад. Аз ин хотир, тарбияи иқтисодии наврасон дар хонавода ҳамчун таъсири мақсадноки аъзои болиғи хонавода, тарзи зисти воқеии хонавода барои дар наврасон ташаккул додани муносибати ба моликияти шахсӣ ва ҷамъиятӣ, эҳтироми меҳнати одамон, эҳтиром ба меҳнат дар ҳама шакл, сифатҳои ахлоқӣ-иқтисодӣ ба шумор меравад.

Дар муоширати ҳаррӯзаи худ бо волидон наврас омӯхтани оламро оғоз менамояд, ба калонсолон тақлид мекунад, таҷрибаи ҳаётиро аз худ мекунад, меъёрҳои рафторро ҳазм мекунад. Дар хонавода наврас нахустин таҷрибаи иқтисодиро соҳиб мегардад, аввалин эҳсосоти шаҳрвандиро ноил мешавад, хислатҳои ахлоқӣ-иқтисодӣ ба амсоли меҳнатдӯстӣ, эҳтиёткорӣ, сарфакорӣ ва ғайраро аз худ мекунад [1.с.54].

Амалҳои волидон, муносибати онҳо ба маблағи пулӣ ва ашёро наврасон хеле мустаҳкам эҳсос менамоянд. Бинобар он, барои тарбияи дурусти наврас дар муҳити хонавода як фазои ягонаи солим, рафтори иқтисодии дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва шахсӣ солимро муҳайё намудан лозим аст.

Проблемаи ахлоқ дар иқтисодиёт мавқеи махсусро ишғол менамояд. Таҳлили моддиёт ва маънавиёт арзишҳои системаи иқтисодиро таъсис медиҳад ва дар ҳаёти имрӯза ахлоқ аз иқтисодиёт ҷудо нест, зеро иқтисодиёт ҳеҷ гоҳ зидди мафҳуми некӣ ва фоида нест. Масъалаи тарбияи ахлоқӣ, рафтори боахлоқона, хислатҳои ахлоқӣ-иқтисодӣ дар хонавода таваҷҷуҳи зиёди муҳаққиқони соҳаи фалсафа, равоншиносӣ ва педагогикаро фаро гирифтааст. Педагогҳои асри гузашта Я.А.Каменский, И.Г.Пестолотси ба ташаккули хислатҳои меҳнатдӯстӣ, эҳтиёткорӣ, мустақилият мустақилияти иқтисодӣ, сабурӣ дар ҳаёт, ботартиб бурдани хоҷагидорӣ аҳамияти хосса додаанд. Онҳо тарбияи иқтисодиро танҳо дар ҷанбаи ахлоқӣ ва шароити хонаводагӣ тасаввур мекарданд. Дар асарҳои А.С. Макаренко, В.А. Сухамлинский ба он таваҷҷуҳ зоҳир шудааст, ки наврас дар раванди худшиносӣ, шинохти олам эҳсоси масъулиятро нисбати арзишҳои моддӣ ва маънавӣ бархурдор мегардад. [2. с.13].

Барои он ки хислатҳои ахлоқӣ-иқтисодиро ташаккул диҳем, бояд дарк намоем, ки мустаҳкамкунии хислатҳои ахлоқӣ-иқтисодӣ аз механизми ташаккули он вобаста аст. Пеш аз ҳама раванд дар асоси тасаввуроти даркшуда оид ба моҳияти ин хислат, зарурияти он, бартарият доштани он бунёд мегардад. Наврас бояд хоҳиши доштани хислатҳои ахлоқӣ-иқтисодиро дар худ пайдо кунад, ба дигар маъно наврас бояд барои доштани чунин хислатҳо ҳавасманд бошад. Дониши азхудкарда талаботи истифодаи амалии онро дар рафтору фаъолият ҳавасманд менамояд [2.с.36].

Яке аз масъалаҳои муҳим дар тарбияи иқтисодии наврасон дар хонавода ташкил кардани фаъолияти меҳнатӣ мебошад. Вазифаҳои ба фаъолияти хоҷагидории гуногун мансуб бударо волидайн ҳар соат, ҳар рӯз иҷро мекунанд. Хеле матлуб мешавад, агар дар нақшгирӣ, омодагирӣ ва иҷрои ин корҳо наврасонро низ ҷалб намуд. Ин ба он меорад, ки волидайн фарзандони худро ба ҳаёти оянда мустакилона омода менамоянд. Барои ин волидон бояд доимо вазифаҳои меҳнатии наврасонро муайян кунанд, якҷоя бо наврасон реҷаи рӯз ва тарзи иҷрои корро тарҳрезӣ намоянд, ба наврасон роҳҳо ва усули беҳтарини иҷрои амалро омӯзанд. Албатта назорати меҳнати наврас ва баҳодиҳӣ ба натиҷаи кори анҷомдодаи ӯ аз тарафи волидон иқдоми матлуб ва саривақтию зарурӣ мебошад. Оқилона бурдани буҷаи хонаводагӣ шарти асосии некӯаҳволӣ, муҳити хуби психологӣ ба шумор меравад. Дигар масъала ин муносибат ба маблағи пулӣ мебошад. Наврасон ва пул олоти нозуки тарбия маҳсуб меёбад. Пулро дар муносибат ба наврас хеле эҳтиёткорона истифода бурдан лозим аст. Наврасон зери таъсири меҳнати ҷамъиятӣ-истеҳсолӣ хеле зуд ба воя

мерасанд. Бинобар ин, набояд фишорро дар ин масъала истифода бурд, балки маслиҳати оқилонаи волидони таҷрибадор роҳи ҳалли масъала ба шумор меравад.

Таҳқиқоти солҳои охир ба тарбияи иқтисодии шахсият дар давраи томактабӣ бахшида шудаанд. Таваҷҷуҳи муҳаққиқон ба он равона гардидааст, ки хислатҳои ахлоқӣ-психологӣ, аз қабили эҳтиёткорӣ, сарфакорӣ, ғамхориро ба наврасон хеле барвақттар бо истифодаи намудҳои гуногуни фаъолият омӯзонанд. Аммо мазмун ва вазифаҳои тарбияи иқтисодиро дар ин синну сол муҳаққиқон дар он мебинанд, ки маҷмӯи донишҳои иқтисодии барои наврас дастрасро бояд интихоб намуд [4. с.64].

Мувофиқи мақсад мебуд, ки агар хурдсолонро аз синну соли хурдӣ ба ҳаёти воқеӣ ошно намоянд, зеро ин ташаккули ибтидоии таҷрибаи иқтисодиро таъмин менамояд. Ин раванд дар ҳолате имконпазир мегардад, ки агар хурдсол мустақилона баъзе фаъолиятҳоро иҷро карда, бо атрофиён муносибат барпо намояд, дар пояи ин донишу маҳорати амиқро бархӯрдор гардад.

Бо назардошти тарбияи дурусти иқтисодӣ хурдсолон ва наврасон ба осонӣ ба ҳаёти болиғ қадам хоҳанд зад. Дар ин маврид ҳам мактаб ва ҳам хонавода бояд таваҷҷуҳро ба фарҳанги иқтисодии наврас равона намоянд. Зеро танҳо дар чунин шароит хурдсолону наврасон иқтисодро дарк мекунанд.

Имрӯзҳо чандин маротиба бештар зарурияти саводи иқтисодӣ барои ҳамаи синну сол, барои ҳамаи қишри ҷомеа ба миён омадааст. Барои он, ки наврас дар оянда мафҳумҳои мураккаби иқтисодиро дар зиндагии воқеӣ истифода бурда тавонад, корро дар ин ҷода хеле барвақттар оғоз намудан лозим аст.

Асоси иқтисодиёт ин бахши фарҳангист, ки бархӯрдор набудан аз он ғутта задан дар гирдоби зиндагонии имрӯза бо ҳама дигаргуниҳои азими ҷамъиятӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мебошад.

Тарбияи иқтисодии наврасон инкишофи дурусти тафаккури онҳоро таъмин мекунад, дар онҳо хислатҳои иқтисодӣ-ахлоқиро ташаккул медиҳад ва ҳамаи ин барои фаъолияти иқтисодии наврасон мусоидат менамояд. Алалхусус, иштироки фаъолонаи хонаводагӣ дар тарбияи иқтисодии наврасон ба он меорад, ки наврас аз овони хурдсолӣ моҳияти фарҳанги иқтисодиро дарк менамояд, ки ин ба ӯ имкон медиҳад, ки дар ҳаёти воқеии оянда устувор қадам занад ва ҳар чӣ камтар ба иштибоҳу хатоиҳо дучор гардад.

Имрӯзҳо дар аксари хонаводаҳо, аз сабаби мутташаниҷии иқтисодӣ-иҷтимоии ҳаёт ба фарзандон вақти ба ҳисоби миёна ҷудо мекардаи волидон хеле кам аст. Бинобар серкор будан, хасташавӣ аз кори ҳаррӯза волидон наметавонанд талаботи асосии фарзандонро, аз ҷумла талаботи барои ҳаёти ҳаррӯза заруриро ва ҳамчунон талаботи дастгирии эмотсионалӣ, ҳамдардӣ, фаҳмиданро қонеъ гардонанд. Дар аксар вақт волидайн аз кор хаста баргашта, қаҳру ғазабро ба фарзандон равона мекунанд, онҳоро барои ҳар амали ночиз ҷазо медиҳанд. Наврасон ба ҷойи дастгирӣ аз тарафи волидон гунаҳкор дониста шуда, дашном мешунаванд, ҷазо мегиранд, ки ин албатта, ба инкишофи шахсият таъсири манфӣ мерасонад.

Дар замони иқтисоди бозорӣ насли наврас дар худ бештар таъсири назарраси сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоиро ҳис мекунад. Аз як тараф, шахси имрӯза бояд нисбат ба системаи иқтисодӣ муқобилият нишон диҳад, аз тарафи дигар, вай бояд иштирокчии фаъоли ин система гардад. Кофӣ набудани дониш ва маҳорати иқтисодии насли наврас дар замони муносибатҳои иқтисоди бозорӣ зарурияти тарбияи иқтисодии наврасонро ба миён меорад. Дар сурати ҳис накардани вазифаҳои тарбияи иқтисодӣ дар хонавода наврас минбаъд дар ҳаёти воқеӣ аз уҳдаи мақсади фаъолияти худро муайян сохтан намебарояд, талаботи зарурии инсонро барои комёб шудан дар ҳаёти воқеӣ муайян карда наметавонад.

Тарбияи иқтисодӣ ин натиҷаи маҷмуи эътиқод, принсипҳо, маҳорат, малака, анъана, урфу одати шахс буда, ба самти дониш ва фарҳанги иқтисодӣ равона гардидааст.

Дар фаҳмиши тарбияи иқтисодии наврасон дар хонавода пеш аз ҳама чунин хислатҳо муҳим мебошанд. Хислатҳои амалии сарфакорӣ, аниқбинӣ, маҳорати зуд ва фавран ҳал намудани вазифаҳо дар якҷоягӣ зеҳни амалиро ташаккул медиҳанд, ки ин барои иқтисоди хонаводагӣ муҳиманд.

Ташабускорӣ дар он зуҳур меёбад, ки шахс дар ҳама ҳолат роҳи ҳалли душвориҳои ҷойдоштаро меёбад. Ба ибораи дигар, шахси ташаббускор новобаста аз душвориҳои дар пеш истода омода аст, ки роҳҳо ва усули ҳалли ин мушкилиҳоро ҷустуҷӯ намуда, мувофиқи

мақсад ба як қарор ояд. Шахси ташаббускор дар ҳама ҳолатҳои ҳаёт роҳи ҳалро пайдо мекунад.

Сарфакорӣ. Доир ба ин сифати инфиродӣ чи дар ҳикматҳои мардумӣ ва чи дар адабиёти бадеию илмӣ суханҳои зиёде гуфта шудаанд. Ин хислат яке аз асосҳои рукни иқтисоди хонаводагӣ ва ҷомеаи инсонӣ ба шумор меравад. Ҳакими маъруфи чинӣ Хун Сзи Чин мефармояд: «Вақти дар хизмат будан ду ҳақиқатро фаромӯш накун: - «Танҳо беғаразӣ нури хирадро меафканад. Фақат бетамайӣ нуфузро тавлид мекунад». Ба хона баргашта, ду ҳақиқатро дар хотир гир: «танҳо илтифот оромӣ меорад. Танҳо сарфакорӣ боиси фаровонӣ мегардад»[6. с.220].

Сарфакорӣ барои инсон беҳтарин хислат буда, зиндагии инсонро ба низом медарорад. Исрофкорӣ инсонро, гарчанде сарвати зиёде дошта бошад ҳам, ба касодӣ меорад ва баръакси он, сарфакорӣ сарвати инсонро дучанд мегардонад. Дар ҳама соҳаҳои ҳаёти инсон сарфакорӣ натиҷаи матлуб меорад. Мақоли хуби мардуми тоҷик мефармояд: «Сарфаи сари оташдон беҳ аз савдогари Ҳиндустон». Дар соҳаи иқтисод, рӯзгори маишӣ, молиявӣ ва дигар ҷабҳаҳои ҳаёти инсонӣ сарфакорӣ низоми воқеист ва исроф ба фақирию касодӣ меорад. Воқеан сарфакорӣ асоси фаровонист.

Эҳтиёткорӣ. Ин сифат нишон медиҳад, ки ба дур нигоҳ андӯзӣ натиҷаҳои матлуб ё номатлубро пешакӣ дарк намоӣ. Вобаста ба матлубияти дар пеш истода қарор қабул намоӣ.

Барои ташаккули рафтори иқтисодӣ ва зеҳнӣ чунин амалҳо боис мегарданд:

- арзишҳои хонаводагӣ, ки ба фарзанд ҳамчун «мероси роҳбаладӣ» дода мешаванд;
- муҳити умумии иҷтимоиву иқтисодие, ки дар он наврас зиндагӣ мекунад;
- тақсимоти мавҷудаи неъматҳои моддӣ дар ҷомеа;
- таҷриба дар иштироки бевосита дар фаъолияти иқтисодӣ (хариду фурӯш, музди кори худ, киссахарҷӣ).

Решаи бештари хислатҳои шахсӣ аз муносибатҳои тарбияи иқтисодии хонаводагӣ манша мегиранд. Чунончи, хасисӣ, исрофкорӣ, қиморбозӣ ба кудакону наврасон аз хонавода ба мерос меоянд. Аксари волидон тавассути пул эҳсосот, муҳаббати худро нисбат ба фарзандон нишон медиҳанд, яъне комёбиҳои онҳоро дар зиндагӣ ба воситаи маблағи пулӣ ҳавасманд мегардонанд. Ин бештар ба он меорад, ки наврас исрофкор, бепарво мешавад. Инчунин дигар наврасон низ кӯшиш мекунанд дар муносибати молиявӣ аз волидон бештар комёб гарданд.

Мутахассисон дар ташаккули ҷаҳонбинии иқтисодии наврасон, пеш аз ҳама, тачрибаи шахсии онҳоро аввалиндараҷа мешуморанд. Аз сини хурдсолӣ бояд наврас ба мушкилиҳову проблемаҳои иқтисодии хонавода ошно бошад. Бо роҳҳои гуногун наврасро бо ин муносибатҳову мушкилиҳои иқтисодии хонавода шинос намудан зарур аст. Аз синни хурдсолӣ ба наврас бояд фаҳмонанд, ки имкониятҳои волидон беҳудуд нест. Наврас бояд дарк кунад, ки волидон барои он, ки чизеро барои ӯ харидорӣ кунанд, барои худ хариди чизеро мавқуф мегузоранд. Бо болиғшавӣ хоҳиш ва талаботи онҳо афзун мегардад, бинобар ин, ба онҳо фаҳмонида шавад, ки талаботи онҳо тибқи имкониятҳои моддии молиявии хонавода бошад. Аксаран, дар муҳокима ва қарор қабул кардан оид ба масоили иқтисодии хонавода сухани ниҳоиро ваолидон мегӯянд. Вале, набояд наврасро аз муҳокима дур кард. Акси ҳол, ба муҳокима ҷалб кардани кӯдакону наврасон ба волидон имкон медиҳад, ки хоҳиш ва талаботҳои фарзандони худро фаҳманду дарк кунанд.Чунин муҳокимаҳо ҳамчун мактаби махсуси иқтисодӣ мегардад. Назари наврасонро дар ҳалли масъалаҳои иқтисодии хонаводагӣ, ба эътибор гирифтан, аҳамияти тарбиявиро дорост. Ин ба болиғшавӣ, ҷалб кардани наврас ба проблемаҳои иқтисодии хонавода сабабгор мешавад.

Бештари муҳаққиқон бар он ақидаанд, ки қобилияти идора кардани молия аз тарафи ҷавонон дар хонавода ташаккул меёбад. Он наврасоне, ки дар хонавода истифодаи дурусти маблағи пулиро омӯхтаанд, хеле барвақт ба вазъи молиявии хонавода ошно гардидаанд, ба меҳнати муфид барвақт ҷалб карда шудаанд, дар зиндагии болиғ ба комёбиҳои назаррас ноил гаштаанд.

Меҳнат яке аз рукнҳои асосии тарбия ба шумор меравад. Волидоне, ки фарзандони худро аз вазифаҳои меҳнатӣ дур мекунанд, он корҳоеро, ки метавонад худи фарзанд ба ҷо орад, иҷро мекунанд, дар зиндагии хонаводагӣ ба иштибоҳи калон роҳ медиҳанд. Кӯдакон ва наврасоне, ки ба меҳнат барвақт ҷалб карда намешаванд, дар ҳаёт бекорхӯҷа, танбал, худхоҳ, шахси танҳо дар бораи худ фикр мекардагӣ мешаванд.

Аз овони хурдсолӣ наврасро мебояд ба меҳнат ҷалб намуд. Новобаста аз ҳолати моддии хонавода кӯдакону наврасон бояд ба ягон намуди меҳнат ҷалб ва масъул карда шаванд. Гарчанде ки вазифаҳо мушкил набошанд ҳам, наврасонро барои иҷрои онҳо машғул карда, хислати худкориро омӯзонидан лозим аст.

Наврасон аз рӯйи табиати худ ба меҳнат шавқ доранд. Аммо мутаассифона аксари волидон дар хонавода наврасони худро ба меҳнат ҳавасманд намекунанд. Он хонаводахое, ки асоси меҳнати наврасонро инкор менамоянд, ба воярасии наврас ва ҷавони бекорхӯҷаю танбал ва ҷиноятқор табдил гаштанаш мусоидат менамоянд. Ин хел кӯдакону наврасон меҳнати дигаронро қадр намекунанд ва худ низ аз уҳдаи ягон кор намебароянд. Пинҳон нест, ки чунин наврасон дар таҳсил дар мактаб комёб нестанд, дар ҳаёти ҷамъиятӣ фаъолона ширкат намеварзанд. Бояд дар хонавода чунин усули тарбияи меҳнатиро ба роҳ монд, ки кӯдак ё наврас аз иҷрои ин ё он кори анҷомдодае хурсанду хушҳол гардад. Бо меҳнати худ саҳми худро дар меҳнати хонаводагӣ гузорад. Меҳнати бевоситаи наврас ин тарбияи ахлоқии онҳо низ мебошад. Зеро меҳнат воситаи муҳимтарини тарбия аз синни наврасӣ то ба балоғат расидан мебошад.

Бо муҳаббат ба меҳнат муносибат кардан, дар он хурсандиро дидан ин шарти зарурӣ барои рушди эҷодии шахсият, истеъдоди ӯ ба шумор меравад [8 с.97].

Агар аз хурдсолӣ кӯдакон ба меҳнати ҳоҷагиву маишӣ ҷалб карда шаванд, дар айёми наврасӣ ва минбаъд онҳо хоҳиши озода нигоҳ доштани манзили зист, кӯмаки зарурӣ ба волидон дар корҳои хонаводаро пайдо мекунанд.

Дар раванди тарбияи иқтисодӣ бояд ҳамеша тасавуроти наврасро дар бораи алоқа байни касбҳо, бартарии бештар доштани кадом касб, роҳҳои қонеъ гардонидани талаботро васеъ намуд. Бо онҳо масоили аз куҷо ба даст оварда шудани маҳсулот, аз тарафи кӣ истеҳсол шудани маҳсулот, аз тарафи одамони кадом касб чӣ гуна маҳсулот истеҳсол карда шудан, аз куҷо гирифта шудани захираҳои сармоя бояд муҳокима карда шавад. Зеро маҳз дониши ибтидоӣ ва минбаъд дониши возеҳи иқтисодӣ ба ташаккули барвақти хислатҳои ахлоқиву иқтисодии наврас сабаб мешаванд.

Маърифати иқтисодӣ ва молиявӣ дар давраи муносибатҳои бозорӣ яке аз масъалаҳои мубрам гаштааст ва ҳам хурдсолон ва ҳам калонсолон бояд аз он чун маърифати тиббӣ баҳраманд бошанд.

Воқеан пул кор кардан кори ниҳоят мушкил аст, вале мушкилтар аз ин боақлона сарф кардани пул мебошад. Дар даврони Шӯравӣ на дар мактаб ва на дар хонавода чунин масоил матраҳ намегашт. Имрӯз бо тезутунд гаштани вазъи иҷтимоии иқтисодӣ ва муносибатҳои бозорӣ маърифати иқтисодӣ ва молиявӣ барои ҳар як шахс чун обу ҳаво лозим аст.

Дар таҷрибаи кунунии ҷаҳонӣ маърифати иқтисодӣ қобилияти идора кардани молияи худ ва қабул кардани қарори молиявии кутоҳмуҳлат ва дарозмуҳлат фаҳмида мешавад [7,.с. 4].

Таҳти мафҳуми маърифати иқтисодӣ ва молиявӣ мо чунин сифатҳоро муҳим мешуморем:

- ба нақша гирифта тавонистани буҷаи худ ва хонавода;
- ҳисоби даромад ва хароҷоти хонаводаро пеш бурдан;
- буҷаро чунон ба нақша гирифтан, ки хароҷот ҳеҷ гоҳ аз даромад зиёд набошад;
- ҳатман пасандози пулӣ кардан, яъне як миқдор маблағи пулиро барои рӯзи мабодо пасандоз кардан;
- фикр кардан ва қарори молиявиро оид ба лаҳзаҳои ҳаррӯза ва дурудароз қабул кардан.

Маърифати иқтисодӣ ва молиявӣ ба наврасон, ки ба зиндагии оянда омода нестанд, барои роҳи комёб шудан ва мавқеи худро дар ҷомеа ёфтан кӯмак мерасонад.

Синну соли наврасӣ давраи ноороми эмотсионалӣ ва зуд-зуд ивазшавии рафтор мебошад. Наврасон дар ин синну сол бештар вақт аввал амалро иҷро мекунанд, сипас дар бораи матлубияти амали худ андеша менамоянд, гарчанде онҳо дарк мекунанд, ки баръакс бояд амал мекарданд.

Нақши асосиро дар зиндагии наврасон муошират бо ҳамсолони худ мебозад ва ҳатто ин муошират аксар вақт аз таълим дар мактаб боло гузошта мешавад.

Яке аз муваффақиятҳои хонавода дар ҳаёт ва тарбияи дурусти фарзандон ин масъалаи буҷаи хонаводагӣ мебошад. Буҷаи хонаводагӣ асосан мавҷудияти истеъмолии аҳли

хонавода мебошад ва яке аз рукнҳои тарбияи иқтисодӣ ва маърифати молиявӣ ба шумор меравад.

Дар мавриди хариди ашё бошад, ҳар кас мустақилона амал намояд. Кадом хароҷотро дар ҳолати норасоии буҷа кам кардан имконпазир аст? Ҷавоби ин савол хеле гуногун аст ва ба он ҷавоб додан душвор аст. Ин аз хоҳиши хонавода ва шавқу ҳаваси аъзои он вобаста аст. Агар хонавода воқеан душвории молиявӣ дошта бошад пеш аз ҳама, аз хароҷотизиёд худдорӣ намояд. Инҳо хариди ашёи ғаронбаҳо, истироҳат дар хориҷи кишвар, тарабхона, фитнес клуб ва ғайра мебошанд. Агар дар ин мавриди норасоӣ мавҷуд бошад, дигар хароҷотро кам карда, ҳатман дар бораи даромади иловагӣ андеша бояд кард.

Дар бораи кори иловагӣ фикр кардан, чизҳои нодаркорро фурӯхтан, хонаи зиёдатии худро иҷора дода, худ дар манзили арзонтар маскан гирифтан, ҳамчунон пули пасандози худро истифода кардан роҳҳои ҳалли мушкилӣ мебошанд.

Буҷаи хонаводагиро дар муҳлати кӯтоҳ-як моҳ ва зиёдтар дар як сол ва ё аз он ҳам зиёд ба нақша гирифтан зарур аст. Муҳлати кӯтоҳ хароҷоти якмоҳаро дар бар мегирад ва муҳлати дурудароз хароҷоти ояндаи хонаводаро дар бар мегирад. Агар, масалан, шахс мошини сабукрав харидани бошад, дар муҳлати кутоҳ пасандозро бояд оғоз намояд, агарчанде ки ӯ онро дар оянда харидорӣ карданӣ аст.

Яке аз ҳодисаи ногувор дар зиндагӣ ин аз даст додани ҷойи кор, яъне бекор мондан, аз манбаи даромад маҳрум шудан аст. Хатари ин ҳодисаи ногувор ҳар як хонаводаро таҳдид менамояд. Роҳҳои дар ин вазъи душвор чӣ гуна амал кардан бисёранд. Пеш аз ҳама бояд дар хотир гирифт, ки пас аз маҳрум шудан аз ҷойи кор ду моҳ маош пардохт карда мешавад вале ин илоҷи воқеа нест. Зуд бояд аз паси ҷустани ҷойи кори нав шуд. Агар пайдо карданаш барои худи шумо имконнопазир бошад, ба шуғли аҳолӣ муроҷиат намудан лозим аст. Ҳамчунон бояд дар рӯйхати корҷӯёни шуғли аҳолӣ худро ворид карда, ба кӯмакпулӣ барои бекорӣ ҳуқуқ пайдо кардан мумкин аст. Вале бояд донист, ки ин кӯмакпулӣ маблағи ночизест ва ҳар чи зудтар аз пайи ёфтани кори нав ё роҳҳои қонунии даромад гирифтан ягона роҳ мебошад.

АДАБИЁТ:

1.Взаимодействие школы и семьи в экономической воспитании детей. Методические рекомендации-М., 2007.
2.Вигдорчук Е.А., Липсиц И.В., Корлюгова Ю.И. Финансовая грамотность, 5-7 классы общеобразовательная учебная программа.М.: Вита-Пресс. 2016.16 с.
3.Водовозова Е.Н. Умственное и нравственное воспитание детей от первого проявления сознания до школьного возраста. -Москва, 2019.-400 с.
4. Выготский Л.С. Воображение и творчество в детском возрасте. –М:Просвещение. 199ё. 93 с.
5. Гебеков Г.Х. Экономическое знание и экономическое воспитание школьников. -Махачкала: Дачпедгиз. 2009.
6.Глазурина П.Д.Экономическое воспитание дошкольников. справочные и методические материалы. –Мозарь: Содействие, 2001.-84 с.
7. Глебова Г.О. Экономическое воспитание школьников. –Минск, 2008.

ТАРБИЯИ ИҚТИСОДИИ НАВРАСОН ВА ТАШАККУЛ ДОДАНИ МАЪРИФАТИ МОЛИЯВӢ ДАР ОИЛА

Иқтисодиёт ва хурдсолӣ дар навбати аввал мафҳумҳои бо ҳам номувофиқанд. Аммо, қобили зикр аст, ки наврасони имрӯза аз солҳои аввали ҳаёти худ дар муҳити иқтисодӣ меафтанд. Қасбу кори гуногун, харид ва дурустии маҳсулот, таблиғот тариқи телевизион, суҳбати волидайн роҷеъ ба буҷаи хонаводагӣ, рӯйхати ибтидоиеанд, ки хурдсолон дар зиндагӣ бо он рӯ ба рӯ мешаванд. Ҳаёти имрӯза хеле пешгӯйинашаванда ва дар як вақт шавқовар аст. Аз ин ҷост, ки равандҳои душвори иқтисодӣ наврасонро фаро мегиранд ва онҳо донишҳои ибтидоии иқтисодии худро мустақилона дар дараҷаи маишӣ: аз суҳбат бо атрофиён, тамошои оинаи нилгун, мушоҳидаҳои рафтори калонсолон мегиранд.

Калидвожаҳо: *наврасон, иқтисодиёт, тарбияи иқтисодӣ, буҷаи хонаводагӣ, маърифати молиявӣ, маблағ, сарват, хонавода.*

ЭКОНОМИЧЕСКОЕ ВОСПИТАНИЕ ПОДРОСТКОВ И ФОРМИРОВАНИЕ ФИНАНСОВОГО ОБРАЗОВАНИЯ В СЕМЬЕ

Это факт, что, экономика и детство — понятия несовместимые. Однако стоит отметить, что современные подростки попадают в экономическую среду с первых лет жизни. Различные занятия, покупка и правильность продуктов, реклама по телевидению, разговор родителей о семейном бюджете – это первоначальный список, с которым дети сталкиваются в жизни. Сегодняшняя жизнь

очень непредсказуема и одновременно интересна. Именно поэтому сложные экономические процессы охватывают подростков и базовые экономические знания они получают самостоятельно на бытовом уровне: от общения с окружающими, с просмотра телевизора, наблюдения за поведением взрослых и.т.д

Ключевые слова: *подростки, экономика, экономическое образование, семейный бюджет, финансовая грамотность, деньги, достаток, семья.*

ECONOMIC EDUCATION OF TEENAGERS **AND FORMATION OF FINANCIAL EDUCATION IN THE FAMILY**

First, the economy and childhood are incompatible concepts. However, it is worth noting that modern teenagers enter the economic environment from the first years of life. Various activities, buying and correcting products, advertising on television, talking to parents about the family budget - this is the initial list that children encounter in life. Today's life is very unpredictable and interesting at the same time. That is why complex economic processes cover adolescents and they receive basic economic knowledge on their own at the everyday level: from communicating with others, watching TV, observing the behavior of adults.

Key words: *teenagers, economics, economic education, family budget, financial literacy, money, wealth, family.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Абдуҷабор Рустам - муаллими кафедраи педагогика ва психология. Донишгоҳи давлатии Данғара Суроға: ноҳияи Шамсиддин Шохин, ҷамоати Чагам. E-mail: abdujabborzoda. @mail.ru. Телефон: 985752445.

Сведения об авторе: Рустам Абдуджабор – преподаватель кафедры педагогики и психологии. Государственный университет Дангары Адрес: район Шамсиддин Шохин, джамоат Чагам. E-mail: abdujabborzoda. @mail.ru. Телефон: 985752445.

Information about the author: Abdujabor Rustam - teacher of the department of pedagogy and psychology. Dangara State University Address: Shamsiddin Shohin district, Chagam community. E-mail: Abdujabborzoda. @mail.ru. Phone: 985752445.

САЛЯМОВА Д. Н.

ИСТИФОДАИ БОЗӢ ДАР ИСЛОҲИ КӮДАКОНИ ЛАКНАТЗАБОНИ ТАҲСИЛОТИ ТОМАКТАБӢ

Бозӣ ҳамчун фаъолияти пешбарандаи кӯдакон бо як қатор хусусиятҳо аз дигар фаъолиятҳо фарқ мекунад. Он дар давраи барвақти кӯдакӣ дар асоси амалҳои тақлид ва манипулятсия бо ашё ба вуҷуд омада, дар тамоми давраи томактабӣ барои кӯдак як шакли инъикоси фаъоли эҷодии ҳаёти атроф мегардад. Бозӣ, мисли ҳама гуна фаъолияти инсон, хусусияти иҷтимоӣ дорад. Он тавассути амалҳои мураккаб, ки нутқро дар бар мегирад, амалӣ карда мешавад. Кӯдак ҳаёти калонсолонро дар рафтору гуфтор такрор намуда, ба он ба эҳсос ҷавоб медиҳад, бо дониш амал мекунад, онро аниқ ва ғанӣ мегардонад, ки ба туфайли ин бозӣ ба инкишофи қувваҳои маърифатӣ ва ахлоқии ӯ мусоидат мекунад.

Бозӣ дар шакли васеъшудаи худ фаъолияти коллективист, ки дар он кӯдакон таҷрибаи иҷтимоии муносибатҳои одамонро меомӯзанд. Азхудкунии ин таҷриба бо роҳи инкишоф додани мустақилият, фаъолият, ташаббус, қобилияти ташкилотчигии онҳо ба амал меояд. Ба мақсадҳои педагогӣ истифода бурдани бозӣ танҳо ҷиҳати иҷтимоии ин фаъолиятро баланд мебардорад.

Дар бозиҳо баъзе хусусиятҳои индивидуалии типологии кӯдакон барвақт пайдо мешаванд. Дар муҳити кӯдакон пайдо шудани сарварон (лидерҳо), рафтори хосси кӯдакони шармгин ва одамгурез ба ин шаҳодат медиҳад. Маълум аст, ки кӯдакони гуногун на танҳо бо суръати гуногун инкишоф меёбанд, балки ба таври фардӣ марҳилаҳои гуногуни инкишоф низ мегузаранд. Фаъолияти бозӣ имкон медиҳад, ки ин хусусиятҳои онтогенез ба назар гирифта шаванд.

Дар фаъолияти бозӣ қобилияти идора кардани рафтори худ тавассути аз худ кардани қоидаҳое, ки калонсолон дар ҷараёни бозиҳо таҳия кардаанд, ташаккул меёбад. Дар натиҷа, фаъолияти бозӣ воситаи тарбияи кӯдакон дар зери таъсири роҳнамоии мақсаднок ва бошуурона мешавад. Ин хосияти фаъолияти бозӣ имкон медиҳад, ки онро дар кори ислоҳӣ бо кӯдакони лакнатзабон истифода барем. Дар ҷараёни фаъолияти бозӣ рафтори кӯдакони лакнатзабони табиӣ, нозук ва бетаъсир тарбия карда, вазифаи нутқи онҳо ислоҳ мешавад. Ин вайроншавии нутқ нест, ки худ аз худ ислоҳ мешавад, балки фаъолияти нутқ дар сохтори фаъолияти бозӣ ва вобаста ба он тарбия карда мешавад. Фаъолияти нутқ ҳамчун маҷмуи равандҳои гуфтор ва фаҳмиш асос, моҳияти фаъолияти коммуникатсионӣ ва иҷтимоӣ

мебошад, ки тамоми шаклҳои амали мутақобилаи миёнаравии байни одамон - шакли шифоҳӣ, имову ишора, мимикаи чеҳра, ҳаракатҳои пантомимавӣ, аксуламалҳои овозӣ ва ғайраро дар бар мегирад.

Барои бо мақсадҳои ислоҳӣ истифода бурдани фаъолияти бозиҳо, тадқиқи дифференсиалии рафтори кӯдакони лакнатзабон дар бозиҳо зарур аст.

Кӯдакони лакнатзабони синну соли томактабӣ нисбат ба гуруҳи бозингарон муносибати норавшан доранд.

Кӯдакони 4-5-солаи лакнатзабон дар зергурӯҳҳои 2-3-нафара бозӣ карданро афзалтар медонанд. Аммо ҳама ба таври худ бозӣ мекунанд, рафиқони худро фаромӯш мекунанд. Онҳо бо хусусиятҳои рафторӣ дар бозиҳо, ки ба кӯдакони хурдсоли хушзабон хосанд, хос аст. Дар бозиҳои дастаҷамъӣ онҳо нақшҳои дуюмдараҷаро бо як намуди амалҳо иҷро мекунанд. Ба монанди: ронанда мошинро меронад, кассир бесадо билетҳоро канда медиҳад, мурабия ба кӯдакон хӯрок медиҳад ва ғайра. Бачаҳо барои нақшҳо хеле кам ихтилоф мекунанд ва онҳоро худашон ҷудо намекунанд. Одатан, ба кӯдакони гуруҳи дунафара ин синну сол ҳамсолон нақшеро пешниҳод мекунанд, ки ба назари онҳо бояд аз уҳдааш бароянд. Кӯдаконе, ки танҳо бозӣ мекунанд, ки дар паҳлуи як гуруҳи кӯдакони маъмули гап мезананд, ки дар бозии онҳо иштирок мекунанд, наметавонанд ҳамеша муддати тӯлонӣ ва то охир бозӣ кунанд.

Дар байни кӯдакони 5-6-сола тақрибан, сеяки онҳо метавонанд дар бозии дастаҷамъӣ, қисме дар бозиҳои зергурӯҳҳои як ё ду нафар ва каме бештар аз сеяки кӯдакон танҳо бозӣ карданро дӯст медоранд, ки ин ба кӯдакони лакнатзабон таъсири назаррасро нишон медиҳад. Кӯдаконе, ки лакнати забон надоранд, дар ин синну сол 50-60 дақиқа бозӣ мекунанд, бозии онҳо инкишоф меёбад. Аз рӯйи сюжетҳои начандон мураккаб дар он шумораи зиёди кӯдакон иштирок мекунанд. Кӯдакони лакнатзабон метавонанд ба як бозӣ то 20 дақиқа машғул шаванд. Дар бозии онҳо паҳлуҳои мурофиавӣ бартарӣ дорад, кӯдакон қоидаҳои бозиро аз ҳолатҳои мушаххаси бозӣ ҷудо намекунанд.

Муносибат ба дастаи ҳамсолони бозикунанда дар кӯдакони 6-7 сола бо андӯхтани таҷрибаи ҳаётӣ, пайдоиши манфиатҳои нав ва нисбатан устувортар, инкишофи тасаввурот ва тафаккур муайян карда мешавад. Бозиҳои онҳо пурмазмунтар буда, аз чиҳати сюжет ва шакли бозӣ гуногунанд. Аксарияти кулли кӯдакон дар бозиҳои дастаҷамъӣ ва дар зергурӯҳҳо иштирок мекунанд, аммо тақрибан панҷяки кӯдакон бозӣ карданро афзалтар медонанд. Инҳо кӯдакони камгап, то андозае ғайрифаъол мебошанд, ба ширкати тӯлонӣ дар як даста ва бозиҳои умумӣ тоб намеоранд. Дар шароити якранг беҳтар кор мекунанд, қолабҳои ҳаракат ва ифодаи нуткро зуд аз худ мекунанд. Умуман, барои кӯдакони 4-7-сола лакнатизабон ташаккул наёфтани маҳорати муошират дастаҷамъона ва муносибат ба дастаи ҳамсолони бозикунандаро нишон медиҳад.

Маълум аст, ки рафтори иҷтимоӣ аллакай ба кӯдакони синни томактабӣ дар бозиҳои ба истилоҳ паҳлу ба паҳлу хос аст. Ин марҳилаи ибтидоии рафтори иҷтимоӣ барои кӯдакони 4-7-солаи лакнатзабон хос аст. Дар байни онҳо умумият манфиатҳои бозӣ кам аст, дастаҳои устувори бозӣ, ки ба дӯстӣ ва ҳамдардӣ нисбат ба ҳамдигар асос ёфтаанд, нестанд. Кӯдакони лакнатзабон бо надоштани ғояҳои бозӣ, таблиғи гурӯҳҳои бозӣ, ташаккул наёфтани малакаҳои бозӣ фарқ мекунанд.

Азбаски кӯдакони лакнатзабон дар ёдгирии шаклҳои гуногуни рафтори иҷтимоӣ душворӣ мекашанд, дар муҳити худ фаъолияти бозӣ ба синну соли мувофикро нишон намедиҳанд. Омӯзиши фаъолияти бозии кӯдаки лакнатзабон дар динамика ҳам аз ҷониби логопед ва ҳам тарбиятгар амалӣ карда мешавад. Илова бар ин, хусусиятҳои бозиҳои кӯдакон дар хона равшан карда мешаванд. Агар дар ибтидои таълими ислоҳӣ логопед муайян кунад, ки оё ҳар як кӯдак ба яке аз чор гурӯҳи клиники мансуб аст, пас дар натиҷаи тадқиқоти динамикии психологию педагогӣ дараҷаи фаъолияти бозичаҳоро муқаррар мекунад. Манзараи клиникии лакнатзабонӣ мушаххас карда, пурра карда мешавад ва бо назардошти дараҷаи фаъолияти бозӣ ба логопед имкон медиҳад, ки ҳадафмандона гурӯҳҳои бозии устувори кӯдакони лакнатзабонро ба вуҷуд оварад. Ин ба тарбияи рафтори иҷтимоии онҳо ва умуман, офиятбахшии иҷтимоии онҳо мусоидат мекунад. Дар натиҷаи омӯзиши фаъолияти бозии кӯдаки лакнатзабон мансубияти ӯ ба яке аз гурӯҳҳои зерин муайян карда мешавад:

Кӯдакони гурӯҳи «А» метавонанд мавзуи бозиро худашон пешниҳод кунанд ва онро аз ҳамсолони худ қабул намоянд, нақшҳоро тақсим кунанд ва ба нақши пешниҳодкардаи дӯст розӣ шаванд. Онҳо дар тайёр кардани ҷойи бозӣ фаъолона иштирок карда, оид ба сюжет пешниҳод ироа мекунанд. Ақидаҳои худро бо амалиёти ҳамсолони худ мутобиқ мекунанд, қоидаҳоро риоя мекунанд ва аз иштирокчиёни бозӣ ичрои онҳоро талаб менамоянд.

Гурӯҳи «Б» - кӯдакон метавонанд дар ҷараёни омода кардани ҷойи бозӣ, ки баъзан бо кӯдакон ихтилоф доранд, мавзуъро барои бозӣ пешниҳод кунанд, нақшҳоро тақсим созанд, дастурҳо диҳанд. Дар рафти бозӣ онҳо нақшаи худро ба гардани бозингарон бор мекунанд, намедонанд, ки чӣ тавр рафтори худро бо нияти иштирокчиёни дигари бозӣ мувофиқ кунонанд, қоидаҳои онро вайрон мекунанд.

Гурӯҳи «В» - кӯдакон мавзуи бозӣ ва нақшро аз рафиқони худ қабул мекунанд, якҷоя ҷойи бозиро фаъолона тайёр мекунанд. Дар вақти бозӣ хеле кам баромад мекунанд, фаъолияти худро бо нақшаи рафиқон мувофиқ мекунанд. Хоҳиши онҳоро оид ба ичрои бозиҳо нақшоварӣ мешунаванд. Кӯдакон қоидаҳои бозиро риоя мекунанд, қоидаҳои худро муқаррар намекунанд ва аз рафиқони бозӣ риоя кардани қоидаҳоро талаб намекунанд.

Гурӯҳи «Г» - кӯдакон танҳо бо қабули мавзуъ ва нақш аз ҳамсолонашон ё калонсолон метавонанд бозӣ кунанд. Ҷойи бозӣ бо роҳбарии иштирокчиёни фаъолтари бозӣ ё бо ёрии калонсолон омода карда мешавад. Ҷумлаҳо дар сюжет ифода ёфта, амалҳо бо нияти бозигарон танҳо бо маслиҳати кӯдакони фаъолтар мутобиқ карда мешаванд. Қоидаҳои бозӣ таҳти назорати калонсолон ё бозигарон риоя карда мешаванд, камфаъолиятӣ қайд карда мешавад.

Гурӯҳи «Д» - кӯдакон худашон дар бозӣ хеле кам иштирок мекунанд, хатто баъд аз пешниҳоди мавзуъ ва нақши рафиқон ва ё калонсолон ворид шудан ба бозӣ душворӣ мекашанд. Бо амри дигарон ҷойи бозӣ омода намуда, дар давоми бозӣ амалу қоидаҳои пешниҳодкардаи бозингаронро ичро мекунанд. Камфаъолиятӣ ошкоро, комилан итоат кардан ба қарорҳои рафиқон гӯш карданро афзалтар мешуморанд. Табиист, ки логопед бо мақсади аз фаъолиятҳои бозӣ истифода бурда, тадричан ба гузариши кӯдакони лакнатзабон аз гурӯҳҳои «Г», «Д» ба гурӯҳҳои «А» «В» мусоидат мекунад. Баъзан рафтори кӯдакони лакнатзабон аллакай дар ибтидо - дар миёнаи давра бомуваффақият муътадил мегардад. Курси ислоҳӣ, махсусан дар кӯдакони гурӯҳҳои I ва II клиникӣ, аксар вақт ин кӯдакон дараҷаи баланди фаъолияти бозӣ доранд ва ба гурӯҳҳои «А» «В» «Г» тақсим карда мешаванд. Маҳз онҳо ҳангоми ташкили дастаҳои устувори бозӣ аз ҷониби логопед ва мураббӣ роҳнамоӣ мешаванд. Дар кӯдакони гурӯҳҳои клиникии III, IV фаъолияти бозӣ паст буда, ба гурӯҳҳои «Г», «Д» тааллуқ доранд, аз онҳо таъсири дарозмуддати психологию педагогӣ, бодиққат ва боандешона инкишоф додани фаъолияти бозиашон талаб карда мешавад, аммо тарғиби онҳо на ҳамеша бомуваффақият, аст ва на ҳамаи кӯдакони гурӯҳҳои III ва IV ба фаъолияти баланди бозӣ ноил мешаванд.

Инкишофи фаъолияти бозикунии кӯдакони лакнатзабон, аз нав тарбия намудани хислатҳо ва рафтори шахсият, тарбияи нутқ ва умуман барҳам додани лакнатзабонӣ тавассути системаи бозиҳои гуногун, ки методологияи фаъолияти бозиро ташкил медиҳанд, сурат мегирад.

Биёед, дар бораи хусусиятҳои бозиҳо ва таъсири мусбати онҳо ба кӯдаки лакнатзабон мухтасар таваққуф кунем.

Хусусиятҳои намудҳои бозиҳо инҳоянд:

Бозиҳои дидактикӣ

Бозиҳои гуногуни дидактикӣ барои рушди шунавоӣ, нафаскашӣ, овоз, ономатопея, бозиҳо бо бозичаҳои пӯшида, лӯхтакчаҳои лонакашӣ, бочкаҳо, пирамидаҳо, тӯбҳо, манораҳо бо ҳалқаҳо, доминоҳо, лото, бозиҳо бо лӯхтакҳо ва ғайра барои рушди визуалӣ ва шунавоӣ истифода бурда мешавад. Дарк, таваҷҷуҳ, малакаҳои хуби ҳаракат, тақлид, хотира ва маводи содаи нутқ кӯдаконро бо шаклҳои гуногуни нутқ, ки аз ҷониби логопед дода мешавад, шинос мекунад. Бозиҳои дидактикӣ бо қоидаҳо ва амалҳои аниқ, қатъиян тартибдодашуда ҳамаи кӯдакони лакнатзабониро дар ҳолати баробар мегузоранд. Ин ба тарбияи онҳо дар интизом, оромӣ, устуворӣ мусоидат мекунад. Интихоби роҳбар аввал бо ёрии логопед ва баъд мустақилона ба кӯдакон оромона оғоз намудани бозӣ, дуруст инкишоф ёфтан ва анҷом додани онро меомӯзонад. Дар бозиҳои дидактикӣ шакли нутқи логопед

аҳамияти калон дорад. Ин вариант аз ҷониби логопед дода шудааст, ба муошират ороми кӯдакон дар оғози курс мусоидат мекунад. Набудани таъхир дар нутқ ҷараёни бозиро халалдор намекунад. Бозиҳои дидактикие, ки мақсадӣ ниҳоии педагогиро доранд - ташаккул додани нутқи дуруст дар кӯдакон, дар айни замон ба онҳо дониши муайян мебахшад, захираи луғавиро бой мекунад, грамматика, сохтори нутқро такмил медиҳад. Ҳамин тариқ, дар бозиҳо бо бозичаҳои дидактикии халқӣ дарки ранг, андоза, шакли ашё инкишоф меёбад. Як қатор бозиҳо ба инкишофи зеҳн нигаронида шудаанд. Дар бозиҳо бо тасвирҳо кӯдакон ашё ва ходисаҳоро гурӯҳбандӣ мекунанд, ки дар он амалҳои рӯҳии ба ҳам алоқаманд, амалиёти умумӣ ва муқоиса бозиҳои сурудхонӣ ва ғайра инкишоф меёбанд.

Барои кӯдакони лакнатзабон бозиҳои сурудхонӣ - рақс, бозиҳои драмавӣ фоиданоканд. Дар онҳо рақс, оҳангҳои рақсӣ, ритмҳои сода васеъ истифода мешаванд. Дар ин бозиҳо дар кӯдакон қобилияти идора кардани бадани худ, мутаносиб кардани суръат ва ритми ҳаракат ва ритми мусиқӣ, ифоданокии ҳаракатҳо инкишоф меёбанд. Ташаккули ин малакаҳо ба сухан таъсири мусбат мерасонад. Бозиҳои сурудхонӣ рафтори ихтиёриро дар кӯдакон инкишоф дода, ивазшавии ҳаяҷон ва махсусан равандҳои монеъшавиро ба эътидол меорад, зеро ҳаракат мувофиқи мусиқӣ дар вақт ва фазо ташкил карда мешавад. Дар вақти иҷро кардани нақш ба кӯдак лозим меояд, ки «захираи» ҳаракатҳои заруриро интихоб намуда, онҳоро сари вақт ба кор барад ва дар айни замон ҳаракатҳои нодаркорро суст кунад. Ин ба ташаккули заковат, ташаббус, ирода ва қобилияти ба нақша гирифтани як қатор ҳаракатҳои пай дар пай мусоидат мекунад.

Ғайр аз ин, бозиҳо бо сурудхонӣ диққатро инкишоф медиҳанд оҳангро шунидан, таваққуф кардан, сари вақт ба бозӣ дохил шудан, ҳаракатро тағир додан ва ғайра зарур аст. Ҳисси коллективизм, масъулият барои бозии умумӣ, такмил додани ҷузъҳои инкишофи нутқ, ба истифодаи унсурҳои эҷодӣ мусоидат мекунанд.

Бо кӯдакони лакнатзабон бозиҳои ҳаракатӣ дар сатҳи миёна ва паст гузаронида мешаванд, то суръати нафаскашӣ ва суханронии кӯдакон халалдор нашавад. Бозиҳои берунӣ бо ҳаракатҳои оддӣ, бозиҳои берунӣ бо сюжет ва варзиш ва вақтхушӣ мавҷуданд, ки ҳаракатҳои оддиро бо туб, лента, парчамҳо иҷро мекунанд. Кӯдакон характери умумии ҳаракатҳоро мефаҳманд, ба баъзе ишораҳо эътибор медиҳанд ва ба дигар сигналҳо аҳамият намедиҳанд, мувозинати ҳаракати дасту поро нигоҳ медоранд ва ҳаракатро бо нутқ пайваст мекунанд. Бозиҳои берунии дорои хусусияти варзишӣ ва фароғатӣ (бозиҳо бо тӯб) барои таҳкими рафтор ва гуфтори фаъол гузаронида мешаванд. Онҳо ба муошират озод, кӯдакон ва фаъолиятҳои берунии бозӣ мусоидат мекунанд. Ҳама бозиҳои берунӣ бо қоидаҳо рафтори муташаккил, мустақилият, ташаббус, истодагарӣ, қатъият ва ҳисси рафоқатро дар кӯдакон тарбия мекунанд. Логопед қайд мекунад, ки кӣ чӣ тавр бозӣ мекунад, кӣ ба кӣ ёрӣ мерасонад ё танҳо худаш ғалаба кардан мехоҳад. Кӯдакон нақши ташкилкунандаи бозиҳоро дарк мекунанд, хоҳиши баланд бардоштани фаъолияти бозиҳои худро пайдо мекунанд. Кӯдакон қоидаҳои бозиро риоя мекунанд, онҳоро бошуурона тағйир медиҳанд, пурра мекунанд, кӯшиш мекунанд, ки нақшҳоро одилона тақсим кунанд. Ҳангоми баҳо додан ба натиҷаҳои бозӣ ва рафтори бозии рафиқонашон устувор ва объективӣ бошанд. Аз ин рӯ, бозиҳои берунӣ бо қоидаҳо ба шахсияти кӯдак таъсири мусбат расонида, ба ислоҳи нарми инҳирофҳои он бозиҳои драмавӣ мусоидат мекунанд.

Дар бозӣ-драммасозӣ (манзум, матнӣ, насрӣ, мизи корӣ, театрӣ) калима бо амали персонажҳо, бо расмкашӣ, ороишӣ, декоративӣ дар ин бозиҳо матнҳои тайёр истифода мешаванд. Бинобар ин, логопед аз асарҳои адабиёти кӯдакона матнҳоеро интихоб мекунад, ки аҳамияти тарбиявӣ ва ислоҳӣ доранд. Бо динамизм, боигарӣ, захираи луғавии лафзӣ, пайдарҳамии равшани ҳодисаю амал, ифодаи бадеии забон, соддагии сохти ибораҳо фарқ мекунанд. Кӯдакон аввал дар хор иштирок мекунанд, баъд бо ёрии логопед ва мустақилона ба иҷрои инфиродии нақш мегузаранд.

Бозиҳои драмавӣ дар кӯдакон ифоданокии ҳаракат ва нутқ, тасаввурот, фантазия, иҷрои эҷодии ҳаваскорӣ, сифатҳои ташкилотчигӣ, режиссёриро тарбия мекунанд. Онҳо ба ислоҳӣ хислатҳои шахсии духтарон мусоидат мекунанд, ба кӯдакони гурӯҳҳои клиникии III ва IV таъсири мусбат мерасонанд. Фаъолияти бозиҳои онҳоро баланд мебардоранд. Диққати кӯдакон, аксуламали визуалӣ ба ҳамсуҳбат, тақлид ҳамчун асоси мустақилият такмил меёбад.

Бозиҳои драмавии шеър ва наср кӯдаконро ба муфассал, пай дар пай баён кардани фикрҳо тайёр мекунанд. Фаъолияти нутқи онҳоро ба тартиб меандозанд ва дар асоси онҳо барои ба вуҷуд омадани бозиҳои эҷодӣ мусоидат мекунанд.

Бозиҳои эҷодӣ сатҳи баланди мустақилият ва худташкилдиҳии кӯдаконро дар фаъолият инъикос мекунанд. Дар кӯдакони лакнатзабон ин хислатҳо аввал дар бозиҳои эҷодӣ бо пешниҳодӣ логопед, баъд аз руйи нақшаи худи кӯдакон тарбия карда мешаванд.

Хулоса нуқтаи асосии бозии эҷодӣ ичрои нақш мебошад. Кӯдак дар ҷараёни муошират бо дигар иштирокчиёни бозӣ бо амалҳо тасвир, калима эҷод мекунад. Аз ин рӯ, бозиҳои эҷодӣ дар кӯдакон қобилияти риояи қоидаҳои рафтор, талаботи шарикӣ, ҳалли ихтилофҳои ба вуҷудомадаро ташаккул медиҳанд.

АДАБИЁТ:

1. Карпова С.Н. Колбова И.Н. Особенности ориентировки на слово у детей. М 1978. Кварцев Логопедия М. 1956
2. Логинова Е.А. Патология речи. История изучения, диагностика, преодоления. Спб., 1992
3. Михайленко Н.Я., Короткова Н.А. Взаимодействие взрослых с детьми в игре. Дошкольное воспитание. -1993. - №4. - С. 18-23
4. Пиаже Ж. Речь и мышление ребёнка Союз Спб. 1997
5. Фрезер. Малком. Худдармонагарӣ дар лакнати забон. Тарҷумаи Гуломалии Афрӯз, 1369.

ИСТИФОДАИ БОЗӢ ДАР ИСЛОҲИ КУДАКОНИ ЛАКНАТЗАБОНИ ТАҲСИЛОТИ ТОМАКТАБӢ

Бозӣ ҳамчун фаъолияти пешбарандаи кӯдакон қобилияти идора кардани ҷисми онҳоро инкишоф медиҳад, суръат ва ритми ҳаракатро бо суръат ва ритми мусиқӣ, ифодаи ҳаракат - бо хусусиятҳои ҳамоҳангии мусиқӣ алоқаманд мекунад. Дар бозиҳои ҳаракати миёна ва паст бозиҳо дар намуди кӯдакони харгӯш гузаронида мешаванд, то ритми нафаскашӣ ва суханронии кӯдакон халалдор нашавад.

Барои кӯдакони синни томактабӣ бозӣ дар ин синну сол фаъолияти пешбаранда аст, ин як лаззати бузург аст, на омӯзиши дидактикӣ. Агар кӯдакон ҳангоми бозӣ ё сӯҳбат бо ҳаракатҳои даст дар об ё қум чӣ гуна калимаҳоро якҷоя карданро надонанд, ба онҳо ин корро омӯзондан лозим аст.

Калидвожаҳо: *кӯдакон, синни томактабӣ, бозӣ, нақш, эҷодкорӣ, логопед, гурӯҳ, омӯзиш, фаъолият, равоншинос, омӯзгор*.

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ИГР В КОРРЕКЦИИ ЗАЙКАНИЯ У ДЕТЕЙ В ДОШКОЛЬНОМ ОБРАЗОВАНИИ

Игра как ведущая деятельность детей развивает умение владеть своим телом, соотносить скорость и ритм движения со скоростью и ритмом музыки, выразительность движений - с характеристикой музыкального сопровождения. В игры средней и малой подвижности игры с зайкающимеся детьми проводятся для того чтобы не нарушался ритм дыхания и речи детей.

Для детей дошкольного возраста игра является ведущей деятельностью в этом возрасте она доставляет большое удовольствие, а не дидактическое обучение. Если дети не умеют сочетать слова с движениями рук в воде или песке, когда они играют или разговаривают, их нужно учить этому.

Ключевые слова: *дети, дошкольный возраст, игра, роль, творчество, логопед, группа, учёба, деятельность, клиническая, психолог, педагог.*

WAYS TO IMPROVE THE CREATIVE ABILITIES OF PUPILS WITH DISABILITIES HEALTH IN ADDITIONAL CLASSES

The game as the leading activity of children develops the ability to control their body, to correlate the speed and rhythm of movement with the speed and rhythm of music, the expressiveness of movements - with the characteristics of musical accompaniment. Games of medium and low mobility are played with bunny children so that the rhythm of breathing and speech of children is not disturbed.

For preschool children, this is primarily a game that gives great pleasure, rather than didactic learning. If children cannot combine words with hand movements in water or sand when they play or talk, they need to be taught.

Key words: *children, preschoolage, game, role, creativity, speech therapist, group, study, activity, clinical, psychologist, teacher.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Салямова Д.Н. ассистенти кафедраи педагогикаи махсус ва таълими инклюзии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Тел: 918675656

Сведения об авторе: Салямова Д.Н. ассистент кафедры специальной педагогики и инклюзивного образования, Таджикский Государственный Педагогический Университет имени Садриддина Айни. Тел: 918675656

About the author: Salyamova D.N. Assistant, Department of Special Pedagogy and Inclusive Education, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini. Tel: 918675656

ШЕРБОЕВ С.
САМАДОВ М.

ТАЪСИРИ МАШҒУЛИЯТҲОИ ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ ВА ВАРЗИШӢ ДАР ИНКИШОФИ ШАХСИЯТИ ИНСОН

Дар замони муосир ҳамаи ҷанбаҳои мавҷудияти илми тарбияи ҷисмонӣ аз тарафи мутахассисони соҳаи физология, психология, иқтисод, сотсология, биомеханика, менеҷмент ва дигар соҳаҳои донишҳои фаннӣ мавриди омӯзиш қарор дорад. Бо назардошти инкишофи “варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ” ҳамчун воситаи байнифаннӣ моро мебояд ҳар як ҷузъи инкишофи онро бо ҷараёни азхуднамоии донишҳои назариявии донишҷӯёни мактабҳои олии тарбияи ҷисмонӣ баррасӣ намоем.

Ба ақидаи В. В Давидов, тафаккури назариявӣ ва ё боақлона аз якчанд хусусиятҳое иборат аст, ки онҳо дар шаклҳои мухталифи шуури ҷомеа ба мушоҳида мерасад ва тафаккур дорои таҳлиле аст, ки муайянсозандаи асосҳои генетикии аввалин ва умумиятҳост. Ҳамчунин, пайдосозандаи рефлексияе мебошад, ки инсон тавассути вай ҳамеша ҳаракатҳои тафаккурии худро таҳлил намуда, ҳам ғояи муносибатҳои дохилашро муайян месозад. Ӯ қайд менамояд, ки тафаккури назариявӣ асосан дар нақшаи озмоиши фикре ба вуҷуд меояд, ки мутааллиқи иҷрои ҳаракатҳои тафаккурӣ ва банақшагирии инсон аст. Бо назардошти мавқеи Давидов нисбат ба мафҳуми “тафаккур” ба мақсад мувофиқ аст. Ба ақидаи Ӯ, тафаккур ин фаъолияти рӯҳиест, ки ашёи вай созиш ва азнавсозии ашёи идеалиест, ки имконияти ҷудо ва назар намудани алоқа ба муносибати объекти таҳти омӯзиш қарор доштаро дар шакли таҳлил ва дар асоси синтетикии нақшаҳои пураҳмияти мухталифи объект нишон медиҳад . Дар як қатор ба таври васеъ паҳн шудани тассавурот дар бораи тафаккури фардӣ, аҳамиятнок гардидани метотҳои ташкили тафаккури гуруҳӣ низ мушоҳида мерасад, ки минбаъд мо ба мафҳуми ташкил ва ташаккули тафаккури гурӯҳӣ бармегардем, чунки сохтор ва мазмуну мундариҷаи фаъолияти варзишӣ аз бисёр мавқеъҳо имконияти сухан гуфтанро дар бораи “тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ” ҳамчун фанни илмӣ фаро меорад.

Ҳар як фарди ҷомеаро зарур аст, ки дар бораи хусусиятҳои мантиқи (логикаи) назариявӣ ва эмпирикии тафаккур тассавуроти кофӣ дошта бошад, чунки ин дар таҳқиқотҳои педагогӣ ва психологӣ бисёр аҳамияти калон дорад. Инро С.Л. Рубинштейн, ки фарқияти тафаккури назарияӣ ва эмпирикиро муайян сохта, хизматрасониҳои ин намудҳои тафаккурро дар абстрактсия ва умумиятҳо медид, хуб фаҳмида буд, ки донишҳои бавуҷудомада ва ё гирифташуда натиҷаи ин намуди тафаккурҳо, таъминсозанда ва муайянсозии шаклҳои фаъолиятанд. Суръатнок гардонидани дониш дар ҷараёни фаъолияти таълимӣ худ аз худ шуур ва тафаккури донишомӯзонро васеъ менамояд, вале инкишоф намедиҳад. Инкишофи ҳар як фард дар ҷараёни ташаккул ва инкишофи мундариҷаи фаъолияти таълимӣ ба вуҷуд меояд. Хусусан, замоне, ки азхуднамоии дониши назариявӣ шуруъ мешавад. Моро зарур аст, ки тамоми шароитҳои лозимаро барои ташаккул ва инкишофи фаъолияти таълимии шахс ба вуҷуд биоварем, ки дар натиҷа онҳо дорои маълумоти мукаммали тахассусӣ шуда, дар Ӯ таҳаввулотҳои ҷиддии инкишофи ҳолатҳои мухталифи психологӣ низ ба вуҷуд биоянд. Аз ин рӯ, дар назарияи таълимоти инкишофӣ ба масъалаи ташаккул ва инкишофи намуди фаъолият аҳамияти калон медиҳанд. Мо бояд дониста бошем, ки фаъолият дар тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш хусусиятҳои худро дорост.

Ҳар як соҳаи илм вазифаҳои муайян дорад, ки махсус ба назарияву амалия, моҳияту мундаричаи ҳамон соҳа нигаронида шудаанд ва бе иҷрои онҳо оид ба қонунияти инкишоф ва вазъи умумии истилоҳоти он соҳа як тасаввуроти амиқ ва диди тоза пайдо намудан аз имкон берун аст. Ин нигошта ба соҳаи тарбияи ҷисмонӣ дар Тоҷикистон, ки таърихи қадима дорад, низ иртибот мегирад.

Ҳар як соҳаи илм дорои хусусият ва ҳадафи муйяни назарияву амалиест, ки маҳз дар доираи ҳамон соҳа низ амал мекунад. Ин аст, ки бе таҳқиқу натичагирӣ аз он хусусият ва

ҳадафҳо доир ба қонунияти ташаккулу таҳаввулот ва вазъи умумӣ дар варзиш тасаввуроти муайян пайдо намудан аз имкон берун аст.

Тарбияи ҷисмонӣ ҳамчун яке аз соҳаҳои илм ва чузъи фарҳанги умумӣ, яке аз соҳаҳои фаъолияти ичтимоӣ ба мустаҳкам намудани саломатӣ, инкишофи қобилити ҷисмонии одам, ба омӯзиши ҳолат ва равандҳои варзиши ҳаётгузаронии одамон дар ҷомеа равона гардидиааст.

Тарбияи ҷисмонӣ на танҳо муносибати аҳли ҷомеаро бо саҳаҳои дигаре, ки инсонро иҳота менамоянд, мавриди баррасӣ қарор дода, масъалаҳои умумии ҳастии марбут ба табиату инсонро таҳлил менамоянд, балки қонуниятҳои махсуси зоҳиршавии ҳаётгузаронии ҷамъият, тарбияи ҷисмонии одамонро таъмин менамоянд. Тарбияи ҷисмонӣ, ки чузъи ҷудонашавандаи маданияти ҳалқи тоҷик аст, дорои таърихи хеле қадим ва бой мебошад.

Тарбияи ҷисмонӣ мафҳуми умумии яке аз рукнҳои варзиш мебошад, ки таърихаш дар шакли фаъолияти мусобиқавӣ ва таҷрибаи махсуси тайёрии инсон барои мусобиқаҳо ба миён омадааст. Тарбияи ҷисмонӣ воситаи ташкили фароғати аҳолӣ буда, ба таҳкими ҳамдигарфаҳмӣ, боварӣ, ҳамкорӣ ва сулҳу дӯстӣ мусоидат менамояд. Ғайр аз ин, дар ҳамаи давраҳои инкишофи инсоният тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш яке аз воситаҳои тайёрии мардум ба меҳнату мудофиаи Ватан ба ҳисоб меравад.

Табиатан, таърихи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш соҳаи махсуси таърих буда, дар илм ҳаракати варзишӣ ҷойи намоёнро ишғол менамояд. Ин фан дар назди худ мақсад мегузорад: фардро бо назария, амалия, шаклу услуби тарбияи ҷисмонӣ ва ҳаёти варзишии инсониятро дар ҷамъиятҳои гуногун ба хулосаи илмӣ шинос намуда, хислатҳои синфӣ- иҷтимоӣ доштани онро дар ҷамиятҳои бо ҳам зид нишон медиҳад. Илова бар ин, фанни мазкур сарчашмаҳои пайдоиш ва ташаккулёбии тарбияи ҷисмонӣ ва варзиши ҳалқи тоҷикро дар айни ҳол омӯхта, дар ин ҷараён аҳамияти тарбияи ҷисмонӣ ва варзишро дар тарбияи мардум муайян мекунад.

Тарбияи ҷисмонӣ ҳамчун фан низоми донишҳои илмӣ дар барои қонуниятҳо ва тамоилҳои умумии алоқамандии воқеиятҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва варзишии ҳаёти ҷамъият дар давраҳои гуногун вабоста будани онҳоро меомӯзад. Аз ин нуқтаи назар, ҳангоми тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш бояд бо паҳлуи умумии назарияи материализми диалектикӣ ва таърихӣ такя намоем, ки мувофиқи он ҳаёти ҷамъмиятӣ, сохтори давлатӣ, тарзи зиндагии ҳаёти маънавии одамон, аз ҷумла, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиши аз тарзи истеҳсоли неъматҳои моддӣ вобаста мебошад.

Пай дар пай ивазшавии давраҳои иҷтимоию иқтисодии ҷамъият бевосита ба пайдошавии шаклу тарз, назарияву воситаҳои нави тарбияи ҷисмонию варзиши ба замони худ мувофиқ мусоидат карданд. Ҳангоми нишон додани умумияти фалсафаи таърихи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш хотиррасон бояд кард, ки ин ҷараён дар ҳамаи халқҳо ягона набуда, инкишофи он дар давраҳои алоҳида ба даврабандии инкишофи ҷамъият мумкин аст мувофиқ наояд.

Дар ҷараёни инкишофи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш истифода шудани аксар машқҳо ҳангоми тарбияи ҷисмонӣ аз хислати халқӣ доштани он маълумот медиҳад. Масалан сарчашмаи аксар намудҳои варзиши ҳозиразамон (гӯштин, шамзерзанӣ, муштзанӣ, вазнбардорӣ, аспсаворӣ ва ғ.) ба қарнҳои қадими таърих тааллуқ доранд, ки дар давоми солҳо мукаммал гашта, аз насл ба насл гузаштаанд.

Дар ҷамъияти синфӣ тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш хислати синфӣ дошта, ба манфиати ин ё он табақа хизмат мекард. Дар ҷамъияти мо бошад тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дастраси оммаи халқ буда, барои сиҳатмандии мардум, инкишофи ҳамаҷониба ва мукаммалномоии қобилияти ҷисмонии онҳо, тайёрии аҳолӣ ба маҳсулнокии баланди меҳнат.

Предмети тарбияи ҷисмонӣ маҷмуи донишҳои умумӣ оид ба соҳаҳои фаъолияти иҷтимоии одамон, шарту шароити инкишофи он мебошад, ки ба мустаҳкам намудани саломатӣ, инкишофи қобилияти ҷисмонии одам нигоронида шудаст.

Тарбияи ҷисмонии илмӣ ҳамеша дар ҳоли инкишоф ва такомул буда, ба мурури дарки паҳлуҳои мураккаби ҳаёти солими ҷомеа захираҳои мафҳумҳояш низ бештару васеътар мегардад. Дар баробари ин, тарбияи ҷисмонӣ имконият ва заминаи асосии инкишофи одомон ва ҳастии ҷамъиятии онҳоро нишон медиҳад ва онҳоро моил ба зарурияти фарогирии маҳорату фаъолиятҳои навин мегардонад. Маҳз дар ҳамин замина яке аз

вазифаҳои тарбияи ҷисмонӣ инсонпарварӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солим мебошад, ки амалӣ мегардад.

Тамоили гуманистии тарбияи ҷисмонӣ дар ташаккули ахлоқи инсон мавқеи хосса дорад, некӣ, заковат муайян менамоянд. Тарбияи ҷисмонӣ саросар саршори омилҳои зебоӣ, паҳлавонӣ, ватанхоҳӣ ва ҳувийяти миллӣ мебошад. Тарбияи ҷисмонӣ дар мавриди ҳаллу баррасии масъалаҳои омӯзишаш дар баробари такя ба имкониятҳои низоми мафҳуми худаш, инчунин аз захираи донишҳои ҳосилкардаи илмҳои дигар низ истифода мебарад. Ин дар навбати худ робитаи зичи илми мазкурро ба дигар илмҳои иҷтимоии мавҷуда нишон медиҳад. Баъзеи ин илмҳо аз рӯйи объекти омузишашон ба тарбияи ҷисмонӣ умумият доранд. Ташаккули равишҳои тарбияи ҷисмонӣ аз воқеати иҷтимоӣ аз вижагиҳои алоҳида бархӯрдор аст, ки онро метовон дар зуҳури мактабҳову боғчаҳо мушоҳида намуд.

АДАБИЁТ:

1. Балъсевич В.К: Физическая культура для всех и для каждего. М.: -1988
2. Столяров В.И. Спорт и современная культура.- М.,1988.
3. Курамина Ю.Ф: Теория и методика физической культуры . М., 2007
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар барои тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш”.
5. Шамсиддинов М: Машъалафрӯзи варзиш.- Душанбе, 2005
6. Шукроев К. Аз таърихи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиши тоҷикон.- Душанбе, 1991.
7. Набиев В. Созандагони Тоҷикистон соҳибистиқлол.- Душанбе, 2013
8. Эмомалӣ Раҳмон. Варзиш-қосиди сулҳ.- Душанбе, 2010 с.
9. Эмомалӣ Раҳмон. Варзиш-муаррификунандаи миллат.- Душанбе, 2012

ТАЪСИРИ МАШҒУЛИЯТҲОИ ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ ВА ВАРЗИШӢ ДАР ИНКИШОФИ ШАХСИЯТИ ИНСОН

Дар мақолаи мазкур таъсири машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар инкишофи шахсияти инсон, суръатнок гардонидани дониш дар ҷараёни фаъолияти таълимӣ инкишофи ҳар як фард дар ҷараёни ташаккул ва инкишофи мундариҷаи фаъолияти таълимӣ, инкишофи қобилияти ҷисмонии одам, ба омӯзиши ҳолат ва равандҳои варзиши ҳаётгузаронии одамон, қонуниятҳои махсуси зоҳиршавии ҳаётгузаронии ҷамъият, донишҳои умумӣ оид ба соҳаҳои фаъолияти иҷтимоии одамон, шарту шароити инкишофи он, мустаҳкам намудани саломатӣ, инкишофи қобилияти ҷисмонии одам нигоронида шудаст, мавриди муҳокима қарор дода шудааст.

Тамоили гуманистии тарбияи ҷисмонӣ дар ташаккули ахлоқи инсон мавқеи хосса дорад, некӣ, заковат муайян менамоянд. Тарбияи ҷисмонӣ саросар саршори омилҳои зебоӣ, паҳлавонӣ, ватанхоҳӣ ва ҳувияти миллӣ мебошад. Тарбияи ҷисмонӣ дар мавриди ҳаллу баррасии масъалаҳои омӯзишаш дар баробари такя ба имкониятҳои низоми мафҳуми худаш, инчунин аз захираи донишҳои ҳосилкардаи илмҳои дигар низ истифода мебарад.

Калидвожаҳо: *тарбияи ҷисмонӣ, физиология, психология, иқтисод, сотсиология, биомеханика, менеҷмент, инкишоф, варзиш, тафаккур, фаъолият, раванд, маданият, фароғат.*

ВЛИЯНИЕ ФИЗИЧЕСКОЙ КУЛЬТУРЫ И СПОРТА НА РАЗВИТИЕ ЛИЧНОСТИ ЧЕЛОВЕКА

В данной статье рассмотрено влияние физкультурно-спортивной деятельности на развитие личности человека, ускорение познания в ходе учебной деятельности, развитие каждой личности в процессе формирования и развития содержания учебной деятельности, развитие физических способностей человека, изучение состояния и процессов спорта в жизни людей, специальные законы проявления образа жизни общества, общие знания о сферах социальной деятельности людей, условиях и условиях его развития, укрепления здоровья, развития физических способностей человека.

Гуманистическое направление физического воспитания занимает особое место в формировании нравственности человека, оно определяет добродетель и ум. Физкультура полна факторов красоты, борьбы, патриотизма и национального самосознания. Физическое воспитание использует ресурсы знаний, полученных из других наук, а также опираясь на возможности собственной понятийной системы, для решения задач своего изучения.

Ключевые слова: *физкультура, физиология, психология, экономика, социология, биомеханика, управление, исследования, спорт, мышление, деятельность, процесс, культура, развлечения.*

INFLUENCE OF PHYSICAL EDUCATION AND SPORTS ON THE DEVELOPMENT OF THE PERSONALITY OF THE HUMA.

This article considers the influence of physical culture and sports activities on the development of a person's personality, the acceleration of knowledge in the course of educational activities, the development of

each individual in the process of formation and development of the content of educational activities, the development of human physical abilities, the study of the state and processes of sports in people's lives, special laws of manifestation lifestyle of society, general knowledge about the areas of social activity of people, the conditions and conditions for its development, health promotion, development of human physical abilities.

The humanistic direction of physical education occupies a special place in the formation of human morality, it determines virtue and intelligence. Physical education is full of factors of beauty, struggle, patriotism and national identity. Physical education uses the resources of knowledge obtained from other sciences, as well as relying on the capabilities of its own conceptual system, to solve the problems of its study.

Keywords: *physical education, physiology, psychology, economics, sociology, biomechanics, management, research, sports, thinking, activity, process, culture, entertainment.*

Маълумот дар бораи муаллифон: Шербоев Саидбой – узви вобастаи АТТ, ПРМ доктори илмҳои педагогӣ, профессори ДДЗТ ба номи С. Улуғзода. Тел. 908225559

Самадов Миршод, Унвончӯи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, 735500, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Панҷакент, Тел:937755554, E-mail: samadovmir@gmail.com

Сведения об авторах: Шербоев Саидбой - член-корреспондент АОТ, ИРО, доктор педагогических наук, профессор Государственного Института языков имени С. Улугзода. Тел. 908225559

Самадов Миршод, Соискатель Института развития образования им. А. Джами Академии образования Таджикистана, 735500, Республика Таджикистан, г.Пенджикент, Тел:937755554, E-mail: samadovmir@gmail.com

Information about the authors: Sherboev Saidboy - Corresponding Member of AET, IDE, Doctor of Pedagogical Sciences, Professor of the State Institute of Languages named after S. Ulugzoda. Tel. 908225559

Samadov Mirshod, Applicant Institute for the Development of Education named after A. Jami of the Academy of Education of Tajikistan, 735500, Republic of Tajikistan, Penjikent, Tel: 937755554, **E-mail: samadovmir@gmail.com**

САНГИНОВА Р.И.

ИСТИФОДАИ БАЪЗЕ ЗАРБУЛМАСАЛУ МАҚОЛ ВА ФРАЗЕОЛОГИЗМҲО ДАР ЛЕКСИКАИ ЛАҲҶА

Лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ аз манбаъҳои муҳимми ташаккул ва рушду нумӯи забони адабии тоҷик ба ҳисоб мераванд. Зеро забони адабӣ ҷойҳои холии таркиби луғавии худро дар ҳама давру замон маҳз аз ҳисоби унсурҳои умумишавандаи лаҳҷаҳои маҳаллӣ такмил медод, ки ин раванди таърихӣ имрӯз ҳам идома ёфта истодааст. Воқеан, ин як омили бисёр хуби ба меъёрҳои солим табдил ёфтани воҳидҳои лаҳҷавӣ дар забони адабист.

Дар ҳақиқат, имконияти захиравии луғати лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ хеле фаровон аст ва лаҳҷаҳо дар ҳар мавриди мусоид метавонанд вожаҳои софу полудаи таркиби худро ба ихтиёри забони адабӣ гузоранд. Хусусан, ҳоло ки забони тоҷикӣ дар Тоҷикистон мақоми давлатӣ гирифта, шохаи адабии он ниёз ба меъёрҳои худӣ дорад, тақозо мекунад, ки луғати ҳар як лаҳҷаи забони тоҷикӣ ба таври алоҳида мавриди омӯзиши амиқ қарор гирад ва ба ин восита калима ва таркибу ибороти волову меъёрзеби онҳо чун ҷойгузини унсурҳои нодаркори иқтибосӣ, воҳидҳои услубан дурушт ва аз нигоҳи бадеӣ пасту хароб ба забони адабӣ бештар ворид карда шаванд.

Пеш аз он ки дар бораи мавзуи асосӣ сухан ронем, яъне истифодаи баъзе зарбулмасалу мақол ва фразеологизмҳо дар лексикаи лаҳҷа, мехоҳем дар бораи бахши фразеология ёдовар шавем. Як ҳиссаи ганҷинаи луғавии забони тоҷикиро чунин иборао ҷумлаҳои рехтаи хушобуранг ва пурмаъно ташкил медиҳанд, ки онҳоро дар забоншиносӣ воҳидҳои фразеологӣ меноманд. Онҳо аз ҷиҳати манбаи пайдоиш бо зиндагӣ, урфу одат, ҷаҳонбинӣ ва ақлу заковати мардум пайвастагӣ доранд. Дар онҳо зимни мафҳуме як лавҳаи рӯзгор, сабақи зиндагӣ, муносибат ва таассуроти нек ё бад инъикос ёфтааст. Аз ҳамин сабаб маънӣ дар воҳидҳои фразеологӣ хеле нозук, пӯшида, вале басо рангин ва пурҷозиба ифода меёбад.

Ҳар воҳиди фразеологӣ монанди ибора ва ҷумлаҳои синтаксисӣ дар ҷараёни нутқ ташкил намеёбанд, балки чун воситаи тайёри забонӣ дар қолаби рехтаи маъмул истифода мешаванд. Онҳо сохти устувору семантикаи ягона доранд ва аз якдигар ҷудонопазир мебошанд. Чунончи, таъбирҳои **каждуми таги бӯрё, гули сари сабад, давидани гӯсола то кахдон** ва монанди инҳо, ки аз таркибҳои гуногун ба вуҷуд омадаанд, ба маънои маҷозӣ кор фармуда шуда, ҷузъҳои онҳо дар мавриди иваз кардани ҷояшон маънои дигар пайдо мекунанд ва хусусияти фразеологии худро аз даст медиҳанд. Вазифаи услубии онҳо аз чунин

табиати нозуку серпеч падид меоянд. Ибораҳои фразеологӣ мафҳуми ашё, аломат, хусусият, амал ва ҳолатро ба тарзи ошкор, лучу урён ифода накарда, бо рамзу киноя, дар либоси гуворои бадеиёт, бо ёрии санъатҳои лафзию маънавӣ: маҷоз, ташбеҳ, истиора, ташхис, муболиға ва ғайра образнок ифода мекунанд ва бо ин хусусият аз воҳидҳои дигари ҳаммаъноятон фарқ менамоянд.

Воҳидҳои фразеологӣ аксар мафҳумҳоро муътадил ё холис ифода кунанд ҳам, баъзан бар замми маънои аслии луғавӣ баҳои мусбат ё манфиро ҳамчун обуранги эмотсионалӣ дар бар мегиранд. Ин гуна сарбории маънӣ одатан ду тарз ифода меёбад:

а) матлуб ё номатлуб будани мафҳуми воҳиди фразеологӣ аз ҷавҳари маънии он сар мезанад, бинобар ин, ифодаи сарбории маънӣ ба матн ё мавриди сухан вобастагӣ надорад: **гули сари сабад** (гиромӣ, муътабар), **аз олам чашм пӯшидан** (вафот кардан), **думро хода кардан** (гурехтан), **ҷоғи касе кушода шудан** (бисьёр гап задан). Дар ифодаи муносибати сабабӣ ё эҷодӣ обуранги эмотсионалии компонентҳои воҳиди фразеологӣ ҳам эътибор доранд: **майнаро кор фармудан** – калларо кор фармудан;

б) сарбории маънои воҳиди фразеологӣ ба мавқеи истеъмол ва ғарази гӯянда ҳам вобаста аст. Масалан, ифодаи «**заминро газидан** (газида мондан)» - аслан обуранги эмотсионалии манфӣ дорад, вале дар ҷумлаи зерин бо тобиши маънии фидокорӣ омадааст: **Заминро мегазем**у роҳи душманро банд мекунем.

Дар даврахои аввали ташаккули забони адабии тоҷик унсурҳои забони гуфтугуйӣ ба забони адабӣ ва адабиёт ворид гардида, сабаби инкишоф ва пешрафти забон ва қувват гирифтани ҷанбаҳои адабии он гардидаанд. Дар ҳамин ҷараён мафҳум, ибора, ҷумла ва зарбулмасалу мақолҳо ва таъбирҳои фразеологӣ низ ба таври фаровон ба асарҳои бадеӣ дохил шудаанд. Агар ба таърихи адабиёт ва инкишофи мафҳумҳои фразеологӣ назар афканем, ба таври мушаххас муайян карда метавонем, ки яке аз ташаббускорони ин иқдоми нек асосгузори адабиёти классикии тоҷик устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ мебошад. Меҳнату заҳматҳои ниҳоят шоистаи ӯ дар он аст, ки асарҳои худро бо забони сода навишта, бо ҳамин роҳ дар инкишофи ояндаи забони адабӣ ҳиссаи босазои худро гузоштааст. Ӯ аввалин шуда беҳтарин унсурҳои забони халқӣ, аз ҷумла, зарбулмасалу мақолҳо ва таъбирҳои фразеологиро дар асарҳои худ муҳимтарин воситаи тасвири бадеӣ қарор дод. Ин равияро устодони дигари каломи бадеъ, ба монанди Абулқосим Фирдавсӣ, Абулҳасани Фаррухӣ, Асадии Тӯсӣ, Фахриддини Гургонӣ, Носири Хисрав, Низомии Ганҷавӣ, Ҷалолиддини Балхӣ, хусусан Саъдии Шерозӣ ва Абдураҳмони Ҷомӣ пайравӣ кардаанд ва онро бештар тақвият додаанд.

Дар мисоли зерин “Бо (ба) як даст ду харбуза (тарбуз, ҳиндувона) бардошта намешавад”, устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ онро хеле бамавқеъ ба риштаи назм кашидааст:

Эй, хуни дӯстонат ба гардан макун база,
Кас набардоштааст ба дасте ду харбуза.

Мисоли зерин дар миёни мардуми низ хеле ҷаззоб кор фармуда мешавад: **Бо як даст ду харбуза бардошта намешавад**, яъне якбора ду корро ба гардан гирифтан.

Қайд кардан бамаврид аст, ки ибораи фразеологии зерин ба ду маънӣ ифода гардидааст: **а)** якбора ду корро иҷро кардан мумкин нест; **б)** ишқи ду ёр дар як дил ғунҷоиш надорад, як дил дорӣ, як ёр гир!

Ду савдо дар яке сар барнатобад,
Яке дил бо ду дилбар барнатобад.
Носири Хисрав

На як кас тавонад, ки созад ду кор,
Ки онро писанданд арбоби ҳуш.
Ду кас низ дар як амал зоеъанд,
Ки деги шарокат наёяд ба ҷӯш.
Аз “Ахлоқи Муҳсинӣ”.
Расми ошиқон нест бо як дил ду дилбар доштан,
Ё зи ҷонон ё зи ҷон боист дил бардоштан.
Ҳабиби Коонӣ.

Як мард чӣ гуна меравад зери ду бор,
“Бо даст ду ҳиндувона натвон бардошт”.
Собири Ҳамадонӣ.

Дар лексикаи лаҳҷа калимаву истилоҳоти марбут ба номи гулу гиёҳ ва алафу дигар рустаниҳои табиӣ хеле зиёданд. Луғати ин соҳа дар қиёс ба дигар гурӯҳҳои мавзуӣ номгуйи ашё ва мавҷудоти олами табиатро бештару беҳтар дар худ инъикос менамояд. Ин шояд аз он ҷиҳат аст, ки рустаниҳо умуман дар Тоҷикистон дунёи рангини худро доранд ва аз ҷиҳати навъ хелҳои зиёдро дар бар мегиранд. Вобаста ба гулу рустаниҳо дар гуйиши халқ истифодаи таъбир ва зарбулмасалу мақолҳо низ ба чашм мерасанд. Масалан, **аз гул ҳам нозук, дасти одамизод гул, гул бе хор намешаваду гӯшт бе устухон, гул гула дида мешукуфад, дарахти мевадор калтак мехӯрад, дарахт дар як ҷо месабзад, гули қоғазӣ бӯ надорад, гул пушту рӯ надорад** ва ғайра.

Табиист, ки зан ҳамчун ҷинси латиф дар қиёс ба гулу рустаниҳо ташбеҳ дода мешавад. Масалан, таъбири аз гул ҳам нозук будани зан дар лаҳҷа хеле хуб ба кор бурда шудааст: **Духтари Мавҷудахон гул бойин нозукак**. (**Конибодом**)

Воҳидҳои фразеологӣ аслан дар забони зинда маъмул бошанд хам, дар натиҷаи инкишофи забони адабӣ ва таҳаввулу такомулоти тарзи хаттии баёни фикр байни фразеологизмҳои гуфтугӯ ва китобӣ тафовут ба миён омадааст. Мисол: **«ақли худро хӯрдан, абчақи касеро баровардан, лаб фурӯ бастан, рахти сафар барбастан»** ва амсоли инҳо дар забони адабии китобӣ кор фармуда мешаванд. Дар гӯйиши Конибодом **“абҷақи касеро баровардан”** сахт танбеҳ доданро ифода мекунад. Аммо баъзан ин ибораи фразеологӣ дар гӯйиши мардуми таҳҷоӣ ба хислати инсоне, ки на танҳо бо қувваю бозу, балки бо сухан ҳам метавонад неруи шахси дигарро шиканад, истифода бурда мешавад: **Рустамҷон тӯйхонанда, байни сад касанда абҷақи Илҳома буровард.**

Вазифаи муҳимтарини услубии воҳидҳои фразеологӣ дар он аст, ки чун як ҳиссаи сарвати пурбаҳои сухан домани имконоти калимаю ифодаҳои матлубро фарохтар намуда, ба саҳех, пурра ва ҷозибанок ифода кардани матлаб ёрӣ медиҳанд. Шоиру нависандагон барои нишонрас ва таъсирбахш гардидани сухани худ дар асарҳояшон воҳидҳои фразеологиро басо хуб истифода мебаранд.

Калимаҳои туркӣ дар таркиби воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ кайҳо боз ворид гашта, бисёр вақт онҳо воситаи ягонаи ифодаи маъно мебошанд. Тоҷикон бо халқҳои туркзабон, аз ҷумла ӯзбекон, асрҳои зиёд дар ҳамсоягӣ зиндагонӣ мекунанд. Ин ҳамсоягӣ ва дар як сарзамин ҳаёт гузаронидан ба таърих, маданият, адабиёт, тарзи зиндагонӣ ва забони ҳамдигар бетаъсир намондааст. Дар лаҳҷаи Конибодом низ истифодаи калимаҳои туркии *қатиқ, қаймоқ, қош, қарақчӣ* ва ғайра дар таркиби воҳидҳои фразеологии **“ба ҳар ош қатиқ шудан”** (ба маънои мудохила кардан); **“суҳбат бо касе қаймоқ бастан”** (ба маънои авҷ гирифтани суҳбат дар ягон мавзуъ); **аз қошу қавоқи касе барфу борон боридан”** (сахт дар қаҳр шудани касе, изҳори норозигӣ намудан) истифода бурда мешавад. Агар ба лаҳҷаи Конибодом дақиқтар назар андозем, баъзан ҳангоми суҳбат ҷойи фразеологизмҳо ё зарбулмасалу мақолҳои тоҷикӣ, пурра аз фразеологизмҳову мақолҳои забони ӯзбекӣ истифода мебаранд. Масалан, “**оқарган сувди қадри йӯқ”** – оби равона қадраш нест.

Иқтибосоти калимаҳои русӣ дар забони тоҷикӣ баъди калимаҳои арабӣ ва туркию ӯзбекӣ мавқеи муҳим доранд. Дар таркиби луғавии лаҳҷаи Конибодом калимаҳои русӣ – интернатсионалӣ низ хеле зиёд кор фармуда мешаванд. Аз қалимаҳои русии *ремонт, винт, экскурсия* низ баъзе воҳидҳои фразеологӣ дар лаҳҷаи мардуми таҳҷоии Конибодом ба вуҷуд омадаанд. Ба монанди, **майнаро ремонт кардан, ба осмони ҳафтум экскурсия кардан, винти майнаро тоб додан** ва ғайра. Ҷиҳати назарраси чунин воҳидҳои фразеологии зерин дар ҳамин аст, ки онҳо ба нутқ оҳанги шӯхиомез, тамасхуру истеҳзо ва монанди инҳоро мебахшанд. **Хез, рафта майнаҳоро камтар ремонт кара бим.**

Чандин намунаҳои ин воҳидҳоро номбар кардан мумкин аст, ки дар муқоиса бо лаҳҷаҳои дигари забони тоҷикӣ ба майдон омадаанд. Чуоночи, **кайкба истеза кара пӯстина сӯхтан** (барои кори ночизе дар ғазаб шуда, ғалате содир кардан); **куни калба занам, бом ғалтид** (бо воҳимаи аз ҳад зиёд сухан кардан); **фойидаи шалғам – куни бехива** (ҳанӯз аз ҳосили нагирифта фоида ба даст овардан); **ошба қатиқу нонба сидона** (ба мобайни ҳар кору

сухан даромадан); **қурбоққа бойин ваққас кардан** (шахси ниҳоят сергап); **миёни ду аловба мондан** (дар байни ду нафар даромада онҳоро ба ифоқа даровардан) ва ғайра.

Ҳамин тавр, истифодаи воҳидҳои фразеологӣ ва зарбулмасалу мақолҳо дар лаҳҷа мавқеи муҳиммеро ишғол мекунанд, зеро онҳо дар заминаи мушоҳидаву таҷрибаи зиндагонии одамони хушзеҳну бохирад дар давоми асрҳо ба вуҷуд омадаанд. Дар онҳо ақида, ҷаҳонбинӣ, муносибатҳои ҷамъиятӣ ва заковати ақидаҳои аҳли заҳмат дар қолаби басо содаву муъҷаз, пурмазмуну бадеӣ ифода ёфтаанд. Яъне дар зарбулмасалу мақолҳо ҷавҳари таҷрибаи зиндагии халқ дар перояи бадеӣ аксар бо истифодаи маҷозу истиора ва ташбеҳоти пӯшида ба таври фишурдаву ҷаззоб ҷамъбаст гардидаанд.

АДАБИЁТ:

1. Абдуллозода Р. Фарҳанги ибораҳои халқӣ. Душанбе. “Адиб”, 1989.
2. Авалиани Ю.Ю., Мирсаидов Ҷ. Дар бораи фарқи муродифот ва вариантҳои ибораҳои фразеологӣ//Масъалаҳои филологияи тоҷик. Душанбе, 1967.
3. Б. Нариддиниён, М. Қаҳҳоров, Н. Максумова. Забони тоҷикӣ ва маданияти нутқ (маҷмуаи таълимӣ-методӣ барои низоми кредитии таълим). Душанбе, 2013.
4. Муллоҷон Фозилов. Фарҳанги зарбулмасал, мақол ва афоризмҳои тоҷикию форсӣ. Душанбе. “Ирфон”, 1976.
5. Муслимов Маъбуд. Воҳидҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷик бо унсурҳои луғавии арабӣ. Душанбе, 2009.

ИСТИФОДАИ БАЪЗЕ ЗАРБУЛМАСАЛУ МАҚОЛ ВА ФРАЗЕОЛОГИЗМҲО ДАР ЛЕКСИКАИ ЛАҲҶА

Дар мақолаи мазкур сухан дар бораи истифодаи баъзе зарбулмасалу мақол ва фразеологизмҳо дар лексикаи лаҳҷа меравад. Мақолаи мазкур хусусияти муқоисавӣ дорад. Дар он бо истифода аз калимаҳои туркӣ – ӯзбекӣ, русӣ – интернатсионалӣ, ки дар тарикиби воҳидҳои фразеологӣ хеле бамаврид истифода шудаанд, мисолҳо овардаву шарҳ дода шудаанд. Истифодаи воҳидҳои фразеологӣ ва зарбулмасалу мақолҳо дар лаҳҷаи тоҷикон мавқеи муҳиммеро ишғол мекунанд, зеро онҳо дар заминаи мушоҳидаву таҷрибаи зиндагонии одамони хушзеҳну бохирад дар давоми асрҳо ба вуҷуд омадаанд. Ҳамин аст, ки аз забони зиндаи мардуми таҳҷойӣ зарбулмасалу мақолҳо ё воҳидҳои фразеологӣ дар мақолаи зерин мариди таҳлил қарор гирифтааст.

Калидвожаҳо: *Лаҳҷа, зарбулмасал, мақол, иқтибос, воҳидҳои фразеологӣ, вожа, аҳолӣ, қолаб, мафҳум, манбаи пайдоиш, истилоҳ.*

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ФРАЗЕОЛОГИЗМОВ, ПОСЛОВИЦ И ПОГОВОРОК В ЛЕКСИКЕ ДИАЛЕКТА

В данной статье предметом исследования являются пословицы и поговорки, а также фразеологизмы, используемые таджиками.

Автор данной статьи рассматривает этот вопрос в сравнении. В статье автор отмечает, что в пословицах и поговорках, фразеологизмах очень уместно используются слова тюркского происхождения, а также русские – интернациональные слова. Подтверждает это мнение автора большое количество приведённых им примеров.

А также автор статьи отмечает, что фразеологизмы, пословицы и поговорки занимают особое место в лексике Канибадамского говора, так как они появились в протяжении веков на основе жизненных наблюдений и опыта мудрецов.

Ключевые слова: *Говор, пословица, поговорки, заимствование, фразеологические единицы, слова, население, форма, понятие, источник возникновения, термин.*

USING OF PHRASEOLOGICAL UNITS, PROVERBS AND SAYINGS IN THE VOCABULARY OF DIALECT

In this article the subject of research are proverbs, sayings and also phraseological units which used not only by the Konibodom's Tajiks but also by the representatives of other peoples living in this territory of Sughd region. This region is one of the largest regions where Uzbeks, Russians, Tatars, Kirgiz and representatives of other peoples live alongside with Tajiks. Phraseological units, proverbs, and sayings are widely used in the vocabulary of other peoples living in Konibodom.

The author of this article considers this issue in comparison. In this article the author notes that Turkish and Russian International words are also used in phraseological units, proverbs, and sayings.

The opinion of the author is confirmed by a large number of examples and the author of the article also notes that phraseological units, proverbs and sayings take a special place in the vocabulary of Kanibodom’s dialect since they appeared over the centuries on the basis of life observations and experiences of wise-men.

***Key worlds**: Dialect, proverbs, sayings, loan words, phraseological units, words, population, form, conception, source of origin, term.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Сангинова Р.И. н.и.ф., дотсенти кафедраи забонҳои Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

Сведения об авторе: Сангинова Р.И. к.ф.н, доцент кафедры языков Международного университета туризма и бизнеса Таджикистана.

Information about the author: Sanginova R.I. c.ph.s. Docent of the Department of Languages, International University of Tourism and Business of Tajikistan.

САТТОРОВ А.

ТАСВИРИ СИМОИ МАЪНАВИИ ЗАНОНУ ДУХТАРОН ДАР АШЪОРИ ФАРЗОНА

Тасвири симои маънавии занону духтарон дар ашъори Фарзона мавқеи калон дорад. Фарзона ба майдони адабиёти тоҷик аслан баъд аз солҳои ҳаштодуми асри гузашта ворид шуд. Аз нахустин чакидаҳои қалами ӯ, ки саршор аз отифаи духтарона тавъам бо тасвироти шоирона ба назар мерасид, аз шоираи соҳибзавқ будани ӯ гувоҳӣ медод. Шоири шаҳири тоҷик – Лоиқ Шералӣ Фарзонаро чун шоираи умедбахш шинохт ва тарбияти ӯро ба уҳда гирифт. Раҳнамоии шоири овозадор ва заҳмату талоши худи Фарзона дар ҷодаи шеъру шоирӣ ӯро ба мақсуд расониданд. Имрӯз дар адабиёти муосири тоҷик Фарзона ба ҳайси як шоираи нодирагуфтор ва дорои сабку услуби хоса шинохта шудааст.

Яке аз мавзуъҳои марказии ашъори Фарзона ишқ мебошад. Ин мавзуъ ҳарчанд бо ашъори дар ин мавзуъ сурудаи шуарои дигар беалоқа нест, аммо дар тарзи тасвиру баён, отифаангезӣ, корбурди калимоти эҳсосотангези занона тафовут дорад. Шоира таъкид мекунад:

Ман фақат як калима медонам: ишқ!
Бигузор ин калима гардонам: ИШҚ,ИШҚ,ИШҚ.

Отифаи занона ҳангоми ибрози ишқ шеъри Фарзонаро фурӯғи дигар ато кардааст. Ин эҳсоси ошиқона тавъам бо отифа дар шеъри «Салои ишқ» барҷаста намудор мегардад:

Фариштаҳои дасти чап,
Фариштаҳои дасти рост.
Куҷост он ки ишқи офтобияш
Зи равзанам салом медиҳад, куҷост
Куҷост он ки зиндагии ман
Зи нури ӯст борвар.
Ҳамон ки аз лабони ман ба ман салом медиҳад,
Ҳамон ки мекунад зи чашми ман ба ман назар…(Меъроҷи шабнам,17с.)

Ишқе, ки шоира ба тасвир меоварад, ишқи одӣ нест, майл бо ишқи парвардгор аст, ки аз дили беғубори як духтар шуъла мезанад:

Дудаста доштам зи ҳалқаи тилои офтоб,
Кушода шуд дару рухе фурӯғи ханда рехт,
Чӣ чеҳраи мууниру ошност ин.

Ин ишқ, ки заминаи заминӣ дорад, рӯ ба само меоварад ва бо хилватиёни малакут розу ниёз мекунад:

Салом, эй ниёзу орзуи ман,
Салом, офтоби навтулӯи ман!
Салом, эй ки дар ниёишат бувад намози ман,
Салом, эй ки бо хаёли ту бувад вузӯи ман.

Ин ҳама он фариштаи ишқ аст, ки дар дили пур аз орзуи отифаи духтар фуруд омадаву ӯро ба ҷаҳони пур аз шодиҳои муҳаббат раҳнамун месозад:

Ту хирқаи кабуди субҳро бипӯш,
Ва офтобро дуҳул куну навоз.
Вале зи дасти ман нагир,
Ки бо талоши хеш баршавам бар он фароз
Фариштаҳои дасти чап,
Фариштаҳои дасти рост.
Куҷост он ки ҳастии хуҷастааш
Салои ишқ мезанад, куҷост. (МШ,17 с.)

Фарзона монанди шоирони бузурги пешин ишқро моияи ҳастии офариниш ва қувваи ҷозибаи пешбаранда медонад, ки инсон ба туфайли он офарида шуда ва сиришти инсонии бани башар низ вобаста ба ишқ аст. Аз ин ҷост, ки шоира мехоҳад аз ибтидо то интиҳои умри хеш ишқ варзад:

Аммо…
Ман пештар зи хотима мехоҳам ишқ варзам
Бо баргу бо баҳор,
Бо ёди дилнавози ту, эй ёр. (19 с.)

Аз назари Фарзона ишқ поксозандаю ба камол расонандаи инсон аст. Ошиқ дар баробари маъшуқ чизе нест ва маҳз маъшуқ аст, ки ошиқро сирати накӯӣ мебахшад:

Агарчи ними нигоҳи туро намешоям,
Нигоҳ кун, ки дар он хешро биполоям.
Ситораафканӣ, эй шӯхчашми сайёдам,
Шафақгудозӣ, аё ҳамнажоди дарёям.

Тавъам омадани ишқи заминӣ, ки нардбони ишқи илоҳӣ аст, бо ишқи рӯҳонӣ олами наве пур аз меҳру вафоро ба миён меоварад. Орзуҳои неки духтари ошиқ, ки дили пур аз меҳру вафо дорад, моломол аз отифа мегардад:

Бибор нарм бибор, эй шакарнами саҳарӣ,
Ба шохсори гуловези орзуҳоям.
Барои қоматат аз нур ҷома медӯзам,
Ки ғайр аз ин набувад дар бисот дебоям.
Кунун, ки гавҳари ишқи туро маърифат кардам,
Намекашад ҳаваси луълувони лолоям… (26 с.)

Дар шеъри «Рангҳои гурехта» эҳсоси духтари сода, ки нав ба булуғ расида ва ҳар саҳар ҳини кӯчарӯбӣ аз ҳар роҳгузар рамуз мегирад ва дар олами рӯъёии орзуҳояш аз ин бардошт хулоса мебарорад бо маҳорати баланди шоирона ифода шудааст:

Биё аз оғоз мегӯем, аз оғози фасли навсабзӣ.
Субҳ, вақте ки аз навозиши ҷорӯбам кӯчаи хуфта ҳаловат мебурд,
Навҷавоне таронахон мерафт бо аробаи чиркин.
Навҷавоне, ки аз даричаи чашмаш меҳрубонӣ салом медод
Орзуҳои чу боди саҳар муанбари ман ошӯб мекарданд дар муқобили гардунаи ӯ.

Ин навҷавони таронахон бо гардунаи чиркин саҳари солеҳон, ки шояд ба бозор меравад, бо дидани духтари кӯчарӯб бо нигоҳ ба ӯ салом мегӯяд, дар дили беғубори ташнаи ишқи духтар муҳаббат илқо мекунад. Духтари кӯчарӯб, ки аз дидани тозаҷавон хушаш омада, мехоҳад аробаи чиркини ӯ озода бошад, ба мисли соҳибаш:

Ман аз он кӯчаи ҳақири гилолуд то уфуқҳои мармарин уруҷ мекардам.
Ман касеро, каси азизи диламро ба садо мехондам.
Ҳеҷ кас, ҳеҷ кас намедонист,
Ки дар ин як вуҷуди хурди ҳубобӣ баҳрҳое ғаллаён дорад.

Духтар пинҳон ишқ меварзад ва аз муҳаббати ӯ ба ҷуз ҳудаш касе огоҳ нест. Шарми духтарона ғаллаёни баҳргунаи эҳсосоташро фурӯ менишонад.

Он кӯчаву он хона дигар нашуда, вале ин замон он ҷавон дигар гаштааст. Аробаи чиркинаш нест, мошинсавор аст, дигар тарона намехонад, балки мағруру хунсард аст. Духтар дигар он отифаи меҳру вафоро намебинад:

Ин замон боз ҳам зи кӯчаи мо
Навҷавоне, ки дӯш медидам, мегузарад.
Навҷавон нест, марди мағрур аст.
Дар сараш каҷкулоҳи мӯина,
Дар нигоҳаш ғубори хунсардӣ,
Дар дилаш холигии офоқ
Бо мошин, бе тарона, бедард мегузарад.
Аз пасаш оҳ мекашаму мегӯям:
Ман низ дигар отифаи субҳ наям. (27 с.)

Дар шеъри «Ангуштарин» олами беғаши кӯдакии духтар бо ҳама латофату назокат ва поку беғаш таҷассум мегардад. Кӯчаи кудакӣ, аспу ароба, завқу сурури кӯдакон, ки офтоб аз шодии онон завқ мебурд, бо ҳама ҳастиаш намоён мегардад:

Як замон аз кӯчаи мо

Тунду зебову мутантан мегузашт аспу ароба.
Аз танини гомҳояш кӯча пур мешуд.
Шишаҳо начвокунон овоз медоданд.
Гӯшашинон пардаҳоро мекушоданд.
Аз тамошои сурури кӯдакони побараҳна
Офтоби дуо мезавқид. (24 с.)

Кӯҳнахари жандапӯше, ки аз мардуми колоҳои кӯҳнаро мехарид, ба духтар ба ивази шоли кӯҳна ангуштарине бахшида, ки барои ӯ аз ҳама чизи дунё қимматтар буд:

Жандапӯше ҳар замон аз минбари фарсудааш фарёд мезад:
«Ҳой мардум! Ҷомаҳои кӯҳнаро берун бароред!»
Ёд дорам, ӯ ба ҷои шоли абгоре маро
Аз фулузи камбаҳо ангуштарин бахшида буд.(24)

Ангуштарини камбаҳое, ки аз оҳани носуфта сохта шудааст, дасти нозуки духтарро фишор медоданд, аммо ин ҳама нороҳатиҳо, ки аз ангуштарӣ ҳосил мегардид, бо орзуҳои духтар, ки тавассути ин ашёи камбаҳо ҳосил гардидааст, рафъ мешуданд:

Рӯзу шаб ангуштарии зишту дағал панчаҳои ҳиноиямро мефушурд.
Ман бар он нозуктарин умедҳоро мезадам пайванд…

Чун бо ин ангуштарӣ духтар ба мактаб меравад, устод онро чун як чизи беэътибор ва ношоста ба духтари мактабхон, аз дасти ӯ дур мекунад ва мепартояд:

Лек рӯзе бар дабистон рафтаму як устод
Мояи бахти маро сӯе ҳаво дод…

Замони наврасию ҷавонии духтар сипарӣ шуда, замона низ дигар гашта, аспу ароба ҳам нест ва он завқе, ки саршор аз орзӯҳо вобаста ба он ангуштарии камбаҳои сеҳрнок буд, ҳамраҳи он фурӯ рафтааст:

Рӯзгоре пушти сар монду дигар дар кӯчаи мо
Тунду зебову мутантан нагзарад аспу ароба.
Баъд аз ин оинаҳо ширин намеларзанд.
Бо навои гоми аспон
Ҳастии ман аз суруди ношиносе пур нахоҳад шуд.
Дигарам падруд гуфта
Завқи дар пироҳани нав ҷилва кардан,
Ранги маснуе ба нохунҳо кашидан,
Соати тӯлоние дар қолаби оина маҳбус
Худ ба худ нозидану лабханди бемаъно задан
Сӯи акси хеш…

Дигар он духтар орзуҳояшро фаромӯш карда, гӯё бо навҷавонияш орзуҳояш бо он ангуштарӣ бигзаштаанд:

Он ҳама шавқу аҷобат монд
Дар баҳори наврасиҳом.
Андар он фасли сафеду рӯшану пок
Ҳамраҳи ангуштарини сеҳрнок. (25 с.)

Яке аз мутифҳои мукаррар дар ашъори Фарзона тасвири муносибати модари духтар аст, духтар розу ниёзи худро танҳо ба модараш мегӯяд.Модар низ маҳрами рози духтар аст:

Дар он баҳори гулобии умрам, эй модар,
Ту оби раҳмати найсон.
Ту кокулони маро шуставу задӣ микроз.
Ки мӯи ман бишавад бо дуои моми баҳор
Шабеҳи кокули болои бирешимиву дароз… (32 с.)

Модар духтарро ба сад умеду орзу ороиш медиҳад ва орзуҳои ба бод рафтаи худро дар симои духтари худ дидан мехоҳад:

Шукуфарезаи бодомро ба ришта кашидӣ,
Ки зеби гардани ман бошад.
Бад он умед нишондӣ ба мӯи ман гули ёс,
Ки ноздонаи ту нусхаи чаман бошад.
Зи мурғакони ғазалсаро илтиҷо кардӣ,
Ки тарки ҳавлии сабзинарӯи мо накунанд.
Сипоҳи гулпаракон бо мани баҳороғӯш

Пас аз фусурдани гулзор ҳам видоъ накунанд. (33 с.)

Модарон бо муносибати хубу самимиашон ба таври ниҳонӣ, бидуни панду насиҳат дар тарбияи маънавии духтарон саҳм мегиранд. Духтарон аз меҳрубонӣ ва дилсӯзию ғамхориҳои модарон ба ваҷд омада, ба мисли онҳо ғамхору меҳрубон шудан мехоҳанд. Фарзона низ ба ҳамин мақсад ба тасвири бадеии симои модар рӯ меорад. Модар, ки барои фарзанд ҷонашро дареғ намедорад, ҳама чораҳоро меандешад, то духтари худро аз чашми бод ҳофиз бошад:

Ту бо гулоби шафақ рӯи субҳро шустӣ,
Ситорагарм намудӣ ликои шабҳоро.
Маҳро зи ҳамлаи иблис ҳофизӣ кардӣ
Бад он тариқа, ки товуси хулди зеборо. (33 с.)

Вале зиндагӣ ба духтар қисмати дигареро раво дид. Духтар, ки ҳама ба ноз парварида шуда буд, мехост ба ҳама некӣ кунад ва некӣ ҷавоб бишнавад, аммо ба ҳарфи нарми ӯ зиндагӣ дурушт посух дод:

Вале дареғи накӯ парвариданат, модар,
Ки парниёни туро рӯзгор оҳан кард.
Ба ҳарфи нарми ман олам дурушт посух дод,
Ба кӯзапушти фалак меҳр бастаму фан кард.

Шоира тавассути санъатҳои бадеӣ андешаи худро образнок ифода намудааст. Мурод аз «парниён»-и парвардаи модар, худи ӯст, яъне духтар аст. Ғараз аз оҳан ҷисми ба ҳар гуна сахтӣ пуртоқат будани ҷисми зан аст. Духтар аз оламу оламиён меҳру садоқат интизор дошт, аммо рӯзгори буқаламун сахтӣ пеш оварда.

Давраи баҳории духтар,яъне айёми ҷавонии ӯ сипарӣ гашта, дигар он орзуҳои неке, ки дар дил мепарварид, акнун намепарварад, рӯзгор сабақи дигаре ба ӯ додаст:

Дигар ҳамели гули ёсро ба мӯ набарам,
Ки тарҳи зишти маро он намекунад зебо.
Дар ашки тавба вузӯ гираму валек чӣ суд,
Ки он фариштаи кӯчак намешавад эҳё.
Малеҳу тоза ба олам биёмадам, аммо
Фалак накӯии ман бурду дод тақсирам… (33 с.)

Духтар орзу дорад, то боз ба ҳамон олами поку мусаффои домони модар баргардад:

Дар ин сиёҳии аъроф орзу дорам,
Ки сӯи Кавсари шират дубора раҳ гирам.

Дар шеъри Фарзона олами ҷавонии духтарон тавъам бо баҳор меояд, зеро баҳор оғози сол аст ва ташбеҳи ҷавонӣ ба баҳор хеле шинаму дилчасп афтодааст. Аз сӯйи дигар, олами ҷавонии духтарон бо ишқу орзу тавъам меояд.

Ин ҳама дар шеъри «Дунёи духтар» ба назар мерасад:

Он ҷо, дар он баҳори фиребо
Садбаргу ёсамину гули раъно
Чун духтарони навраси ҷаннатзод
Ба содагӣ ба содиқии ҳар бод
Бовар кунанду тунд тапанд аз шавқ.

Муҳити атроф, табиат бо ҳама дороияш дар олами зебои орзуҳоии духтар нақш дорад. Шоира ҳангоме ки олами ботинии духтари ҷавонро ба тасвир меоварад, ба ҳама мавҷудот шахсият мебахшад, дарахтону гиёҳу сабза монанди ин духтар ошиқанд ва ҳамрозу ҳамсуҳбати ошиқонаи уянд. Ҳатто ситорагон дар олами зебоии ҷавонӣ нақш доранд:

Он ҷо ситарагон
Зангӯлаи тиллоии гавҳораи шабанд,
Он ҷо тани ҷавони дарахтони ишқмаст
Аз шираҳои сабзи баҳорон лаболабанд.
Дар он диёри ишқ
Рӯзони пуркарашма чи бисёранд,
Шабҳои ғарқи хоб чи бедоранд. (85 с.)

Санъати ҳисомезӣ ва санъати ташхис аз роиҷтарин саноатест, ки дар шеъри Фарзона фаровон ба кор рафтааст. Ин саноеъ шукуҳу зебоии хосае ба шеъри ӯ бахшидааст. Олами орзуҳои духтар дар диёри ишқ омехта ва тавъам бо гулу ёсамин, хуршеду замин, ситорагон, хулоса бо тамоми коинот пайванд аст:

Он ҷо, дар он баҳори зумуррадгун
Ман метавонам олиҳае бошам.
Андар кафи чу соғари гул бозам
Хуршедро чу қатра биғунҷонам.

Дар ин олами зебоии диёри ишқ тирарӯию сияҳдилӣ нақши худро аз даст медиҳад, зеро қаҳрамони лирикии шоира ба онҳо «як чуръа офтоб менӯшонад». Сокини ин диёр тамъи офтобро мечашад ва офтобро касе нӯш мекунад, ки дилаш саршор аз ишқ бошад:

Ба тирарӯю сарду сияҳдилҳо
Як чуръа офтоб бинӯшонам.
Шояд туям ба ханда ҳамепурсӣ
«Баргӯй, ки чӣ гуна бувад таъми офтоб?»
Ошиқ шав, эй азиз, ки танҳо ишқ
Мегӯядад ҷавоб. (85 с.)

Хулоса

Зан ба ҳайси як шахсияти пуротифаву эҳсос вақте вориди майдони адабиёт мешавад, дар аввал ба сурати як қаҳрамон ҳамоса меофарад ва гоҳе ба унвони маҳбубаву маъшуқа боиси эҷоди ашъори лирикӣ мегардад.

Дар адабиёти муосири тоҷик ашъори занони шоири ҳунарманд, монанди Фарзона дар навъи худ бисёр хондanӣ ва боарзиш аст. Дар миёни занони суханвари тоҷик номи ин шоира чун ситораи дурахшон, бо доштани аҳамияти махсуси тарбиявӣ ва эстетикӣ медурахшад. Ин зани ҳунарманд тавонист дар таҳкими ахлоқи ҷомеа, баланд бардоштани мақоми зан ва арҷ ниҳодан ба Зан- Модар нақши муассире тавассути ашъори баланди худ гузорад.

Бо нигоҳи гузаро ба ашъори Фарзона ба таври умда, пеш аз ҳама, зан будан беҳтарин омил барои баёни эҳсосоту отифаи латифаш шудааст. Соҳиб будан ба хусусияти тарбиявӣ ва таҳким бахшидан ба ахлоқи ҳамида, алалхусус ба ахлоқи ҷавондухтарон аз вижагиҳои шеъри ин зани суханвар аст. Гарчи ҳузури шоирии зан дар майдони шеъру шоирӣ дар Тоҷикистон нисбат ба мардон камтар аст, аммо дар таҳкими ахлоқи ҷомеа, алалхусус ахлоқи духтарон нақши ашъори занон муассиртар ба ҷилва меояд.

Шеър ва андешаи Фарзона дар миёни насли ҷавон ба хотири кашфи розҳои қалбӣ, бозтоби эҳсосоти фардӣ, дарди ишқ, баёни дарди иштиёқ, баёни ахлоқи зани Шарқ мавриди истиқбол қарор гирифт. Дар шеъри онҳо вобаста ба истифодаи луғоту таркибот ва тарзи баён нишонаи зан будани онҳо пайдост ва муҳимтарин отифаи намоён дар ашъорашон отифаи модарона аст, ки дар тарбияи ҷавонон нақши муҳим мебозад.

Дар шеъри Фарзона аз нигоҳи корбурди қолабҳои шеърӣ навгонӣ бештар ба мушоҳида мерасад, аммо дар муҳтаво таҷассумгари отифаҳои духтарона, ки хоси духтари тоҷик аст, ҳифз гардидааст.

Фарзона ҳамон отифаи духтаронаро ҳифз мекунад ва аз ҳамин дидгоҳ ба ҷойгоҳи зан дар ҷомеа арҷ мениҳад. Хушбиниҳои Фарзона нисбат ба дигар шоираҳо бештар аст ва дар шеъраш як навъи ормони иҷтимоӣ тавъам бо ормони миллӣ ба чашм мехӯрад. Ӯ дар шеъраш вазъияти зани имрӯзро тавсиф мекунад ва муътакид аст, ки зан дар пайвастагӣ бо пазириши расму ойин ва суннатҳои хонаводагӣ ва он чӣ Худованд дар ниҳодаш қарор додаст, шоистаи як зани асилу бомаърифат аст. Фарзона борҳо дар ашъораш таъкид мекунад, ки ҳадафи аслии зан барқарории оромиш дар хонавода ва парвариши фарзандони ҳамида аст. Фарзона бештар ба рӯҳу равон ва олами маънавии зану духтарон сару кор дорад ва камтар ба ҷисми онон таваҷҷуҳ мекунад. Баррасии ашъори Фарзона нишон медиҳад, ки эшон суханваре ҳастанд андешаманд, дорои истеъдоди шоирона ва ба хотири доштани қалби пур аз эҳсосу отифа ашъораш лабрез аз ишқ ба инсоният ва ватани маҳбуб Тоҷикистон аст. Ин шоираи суханвар ҳам аз зебоӣ сухан гуфтаасту ҳам аз зиштӣ, ҳам аз хубиҳо сухан ба миён овардаасту ҳам аз бадиҳову дарду ранҷҳо, ҳам аз торикиҳову ҳам аз олами пур аз нуру равшаноӣ. Дар маркази эҷодиёти вай симои зан бо ҳама бузургиҳо ва бо ҳама дарду ранҷаш ҳувайдо мешавад. Шеъраш баёни отифаи инсонӣ ва андешаҳои иҷтимоист. Диди шоиронаи ин зан хонандаро ба сӯйи уфуқҳои бекарона мекашонад, ки дар он ҷо олам лабрез аз ишқу муҳаббат ва меҳру отифа аст. Мазмунҳои умдаи ашъораш таркибе аз ишқ,табиат, Ватан, ифтихори миллӣ, мақоми зан ва амсоли инҳост. Хонанда дар шеъри ин зани суханвар, агар аз ҷинси латиф бошад, симои худро мебинад ва ба дарду орзую ормонҳои худро меёбад.

АДАБИЁТ:

1. Фарзона. Меъроҷи шабнам (шеърҳо) // Фарзона. Душанбе, «Адиб», 2000, 208 с.
2. Фарзона. Шабохуни барқ. Маҷмӯа. // Фарзона.-Душанбе, «Адиб», 1989.-128 с.
3. Фарзона. Ояти ишқ (Шеърҳо) // Фарзона. - Душанбе, «Адиб» 1994. 176 саҳ.
4. Лутфуллоев М.. Фарзанд ҳадяи худованд // Лутфуллоев, М. Рисолаи 1. «Сифат» 112 саҳ. ш. Душанбе-2007сол.
5. Зи меҳри зан дамад хуршед // (мураттибон Аминов С, Каримова Х, Сатторова Ҳ) Душанбе, «Субҳи дониш», 2004.

ТАСВИРИ СИМОИ МАЪНАВИИ ЗАНОНУ ДУХТАРОН ДАР АШЪОРИ ФАРЗОНА

Дар адабиёти муосири тоҷик ашъори занони шоири ҳунарманд, монанди Фарзона дар навъи худ бисёр хондан̄ва боарзиш аст. Дар миёни занони суханвари тоҷик номи ин шоира чун ситораи дурахшон, бо доштани аҳамияти махсуси тарбиявӣ ва эстетикӣ медурахшад. Ин зани ҳунарманд тавонист дар таҳкими ахлоқи ҷомеа, баланд бардоштани мақоми зан ва эҳтироми ба Зан - Модар нақши муассире тавассути ашъори баланди худ гузорад.

Бо нигоҳи гузаро ба ашъори Фарзона ба таври умда, пеш аз ҳама, зан будан беҳтарин омил барои баёни эҳсосоту отифаи латифаш шуда аст. Соҳиб будан ба хусусияти тарбиявӣ ва таҳким бахшидан ба ахлоқи ҳамида, алалхусус ба ахлоқи ҷавондухтарон аз вижагиҳои шеъри ин зани суханвар аст.

Калидвожаҳо: *симои маънавӣ, отифаи занона, отифаи меҳру вафо, ишқ, зиндагӣ, хирқа, болиғ.*

ОПИСАНИЕ ДУХОВНОГО ОБРАЗА ЖЕНЩИН И ДЕВУШЕК В СТИХОТВОРЕНИЯХ ФАРЗОНЫ

В современной таджикской литературе очень читаемы и ценны в своем роде стихи артистичных поэтесс, таких как Фарзона. Среди таджикских женщин имя этой поэтессы сияет яркой звездой, имея особое воспитательное и эстетическое значение. Эта артистичная женщина смогла сыграть эффективную роль в укреплении нравственности общества, повышении статуса женщин и уважении к Женщине - Матери через свою высокую поэзию. Взглянув на стихи Фарзоны, во-первых, быть женщиной - лучший фактор для выражения своих эмоций и своей нежной натуры. Имея воспитательный характер и укрепляя нравы всех, особенно нравы молодых женщин, — одна из черт поэзии этого оратора.

Ключевые слова: *духовный образ, женский персонаж, характер любви и верности, любовь, жизнь, совершеннолетие.*

DESCRIPTION OF THE SPIRITUAL IMAGE OF WOMEN AND GIRLS IN THE POEMS OF FARZONA

In the modern Tajik literature, the poems of artistic women poets, such as Farzona, are very readable and valuable in their kind. Among Tajik women speakers, the name of this poetess shines like a bright star, having a special educational and aesthetic significance. This artistic woman was able to play an effective role in strengthening the morals of the society, raising the status of women and respecting the Mother Woman through her high poems.

Taking a look at Farzana's poems, first of all, being a woman is the best factor for expressing her emotions and her gentle attitude. Possessing an educational character and strengthening the morals of all, especially the morals of young women, is one of the features of the poetry of this orator.

Key words: *spiritual image, female character, character of love and fidelity, love, life, rags, adult.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Сатторов Асрор Қаҳҳорович, номзади илмҳои педагогӣ, омӯзгори кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Суроға: 734003. Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121, Тел. (992) 901408848, почтаи электронӣ: asroriddin@mail.ru

Сведения об авторе: Сатторов Асрор Каххорович, кандидат педагогических наук, преподаватель кафедры общей педагогики Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни. Адрес: 734003. Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121, тел. (992) 901408848, e-mail: asroriddin@mail.ru

Information about the author: Sattorov Asror Kakhkhorovich, Candidate of Pedagogical Sciences, Lecturer at the Department of General Pedagogics of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini. Address: 734003. Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121, tel. (992) 901408848, e-mail: asroriddin@mail.ru

ТЕШАЕВА С.

ИНКИШОФИ АМАЛҲОИ ФИКРРОНИИ КӮДАКОНИ СИННИ КАЛОНИ ТОМАКТАБӢ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМ

Заминаи асосии инкишофи нутқ дар кӯдакистон аз баргузории бомақсади машғулиятҳои таълимӣ ва ташкили шароити мусоид барои дар кӯдакон пайдо кардани ҳавас ба мушоҳидаи ашёҳои муҳити зист, шинохтани онҳо ва дар бораи ин чизҳо гуфтугӯ кардан иборат аст, то ки забони кӯдакон дар вақташ аз луғат бою ғанӣ гардад. Бинобар ин инкишофи нутқ яке аз вазифаҳои асосии кори тарбиявию таълимии мураббиён ва падару модарон мебошад.

Инкишофи нутқ бо инкишофи тафаккур вобастагии зич дошта, раванди ягона мебошанд. Ба воситаи шуур инсон ҷаҳони ҳастиро дарк менамояд, ҳодисаю воқеаҳои табиату ҷамъият ва вобастагии онро меомӯзаду ба воситаи забон бошад, дар бораи он фикр меронад, муҳокима мекунад. Донистани забон ва инкишофи нутқ асоси ҳама гуна донишҳоро таъмин менамояд. Хулас, забон ифодаи бевоситаи фикр мебошад.

Бояд қайд кард, ки инкишофи забони кӯдак ба дарк кардани ашёҳои муҳити зист вобастагии зич дорад. Кӯдак ашёро мушаххас дида, баъд дарк мекунад. Бинобар ин, забони кӯдак бо роҳи аёнӣ ва дар амал бо ашёҳо инкишоф меёбад.

Инкишофи нутқро аз синни барвақтӣ бояд вусъат дод, зеро он омили асосӣ минбаъд дар мактаб осон таълим гирифтани кӯдак мебошад, ки инро замон, барномаҳои кӯдакистон ва мактаби ибтидоӣ талаб менамояд. Олимону муҳаққиқон исбот намудаанд, ки инкишофи нутқи кӯдакони сини томактабӣ ҳамчун пойдевори ояндаи нутқи хаттӣ дар мактаб муҳим аст ва бо нутқи даҳонӣ алоқамандӣ дорад.[1,57]

Бояд қайд кард, ки агар нутқи кӯдакро инкишоф надиҳем, ӯ дар мактаб ба душвориҳо дучор мешавад: сухани муаллимро пурра намефаҳмад, чизи шунида ва хондаашро гуфта дода наметавонад. Ин ҳолат ба тафаккури кӯдак зарар мерасонад, сабаби беҳавасии ӯ ба мактаб ва таълим гардида, рафта – рафта беинтизом ва аз мактаб дилхунук мешавад. Аз ин рӯ, инкишофи нутк ва камолоти фикри кӯдакони синни томактабӣ чӣ дар кӯдакистон ва чӣ дар оила эътибори махсусеро талаб менамояд.

Талабот ва вазифаҳои машғулияти забони модарӣ ва инкишофи нутқ дар кӯдакистон ниҳоят мураккабанд, аксар вақт мураббиён дар ичрои он ба мушкилиҳо рӯ ба рӯ мешаванд. Махсусан, вазифаҳои инкишофи нутқ дар барномаи тарбия, таълим ва инкишофи кӯдакони синни томактабӣ “Рангинкамон” ҳамаҷониба таҳлил гардидааст.[1,76]

Дар машғулияти забони модарӣ ва берун аз он мураббия ҳангоми мушоҳидаи табиат, шиносоӣ бо муҳити зист, бо адабиёти бадеӣ (шунидани афсона ва нақли он, саволу ҷавоб аз руи расм), саводомӯзӣ ва ғайра ба луғати кӯдакон эътибор дорад, ба воситаи таҳлили овозии калимаҳо қобилияти шунавоӣ, биноӣ ва ҳамчунин нутқи кӯдаконро инкишоф медиҳад. Ӯ ҳар як лаҳзаи корро чӣ дар машғулият, чӣ дар мавриди бозӣ ба мақсади инкишофи нутқ истифода мебарад.

Умуман, дар ҷараёни кори мураббия на фақат инкишофи нутқи кӯдак, дониш ва захираи луғавии онҳоро доир ба муҳити зист инкишоф медиҳад, инчунин мувофиқи талаботи педагогикаи томактабӣ кори тарбиявиро ичро мекунад. Баробари таълим мураббия дар кӯдакон мушоҳидакорӣ, зиракӣ, инкишофи тафаккур, қувваи ҳофиза, ҳиссиёт ва қобилияти идрокро ташаккул медиҳад.

Машғулияти омӯзиши забони модарӣ барои ба кӯдакон омӯхтани нутқи равон, гӯё ва бурро талаффуз кардани овозҳо, шинохтани ҷумла, калима ва ҳиссаҳои он (ҳиҷо), шинохтани овозу харф, аз калима ҷудо кардани он, малакаи навиштану хонда тавонистан, нақл кардан, инкишофи нутқи алоқанок, нутқи диалогӣ, монологӣ вазифадор аст.

Барои ин бояд мураббия пешакӣ нақшаи машғулиятро тартиб дода, мувофиқи он асбобҳои айёниро тайёр намояд. Ӯ бояд ба асбобҳои аёнӣ аҳамияти ҷиддӣ диҳад ва кӯшиш кунад, ки машғулиятҳои ӯ хушсифат ва шавқовар гузаранд, зеро педагоги бузурги рус К.Д.Ушинский дар ин бора гуфта буд: «Табиати кӯдак аёниятро талаб менамояд, кӯдак таълими ибтидоиро ба шакл, ранг ва овозҳо қабул мекунад, бинобар ин, то имкон аст, дар машғулиятҳо аёниятро бештар истифода бояд кард». [6,38]

Машғулият бояд дар ҷои ором гузарад. Миз ва тахтаи синф ба қадди кӯдакон бояд мувофиқ бошад ва бояд чунон гузошта шавад, ки рушнои тирезаи он аз тарафи чап ояд. Пеш аз баргузории машғулият албатта бозӣ гузаронидан лозим аст, зеро бачагон бозиро дӯст медоранд. Онҳо ҳангоми бозӣ муҳити атрофро мешиносанд, рангҳо ва

шаклҳоро қиёс карда монандӣ ва тафовути ашёҳоро муқаррар мекунанд, оддитарин алокамандии байни онҳоро маънидод карда, хубу бадро фарқ менамоянд. Дар ин асос онҳо овозҳоро талаффуз карда, калима, ҷумлаҳо мегӯянд. Ин ҳамаи вазифаи бойгардонии забон ва дониши кӯдакон мегардад

Давраи кӯдакӣ дар ҳаёти инсон беҳтарин давраест, ки дар он парваридани завқи фаҳмиши ҳодисаҳои табиат, ҳаёти ҷамъиятӣ, фаҳмидани рафтору амалиёти одамон, муҳаббат ба мусиқӣ, санъати тасвирӣ ва адабиёт муҳим ва осон мебошад. Бинобар ин, ба кадом хунар ва касб хавасманд будани кӯдаконро мураббия, падару модарон бояд пай бурда, ба ташаккули қобилияти онон эътибори ҷиддӣ диханд, шароит мухаё намояд. Тасавуроти кӯдак ба оила вобастагӣ дорад. Дар оила ба фарзандон дар бораи ҳаёти бобою модаркалон, шахсони беҳтарини авлод, корнамоӣ, меҳнатдустии онҳо нақл кардан аҳамияти калони тарбиявӣ дорад.

Барои тасаввуроти кӯдаконро бой гардондан афсона гуфтан, ҳикоя хондан, дар бораи қаҳрамонҳои афсонаю ҳикоя ё кино суҳбату мунозира гузаронидан, таҷрибаи пешқадами ҳаётро омузондан аз аҳамият холӣ нест. Баъзан мураббияҳо падару модарон, калонсолони гирду атроф дар нутқи худ ба таркиби овозии калимаҳо риоя намекунанд. Масалан, ба ҷои ростгӯ- росгӯ, ёздаҳ-ёзда, дарё – дайро, рафтанд - рафтан, корд-код, орд-од, зард-зад ва ғайра овозро партофта, онро хато талаффуз мекунанд. Ин тарзи нодурусти талаффузро кӯдакон ёд мегиранд, ки баъд ислоҳи он мушкил хоҳад шуд. Ё инки баъзе овозро дар калима падару модарон пурра, гӯё талаффуз намекунанд. Масалан, дег-дек, себ-сеп, чан сӯм (чанд), дас дод (даст) ва ғайра. Кӯдакони ҳоло нутқашон инкишоф наёфта намедонанд, ки кадом шакли ин калимаҳо дуруст бошад. Дар натиҷаи дуруст фаҳмида натавонистани баъзе овозҳои нутқ, кӯдак ба талаффузи шакли хатои калима одат мекунад.[6,54]

Аз ин сабаб, баланд бардоштани савияи дониши педагогӣ ба падару модарон низ зарур аст. Ҷустуҷӯи роҳу равиши тарбия, омухтани таҷрибаи педагогии баъзе падару модарон, бо мурабия ва педагогҳои муассисаи томактабӣ ва падару модар дар алоқаи зич истода маслиҳатҳо гирифтан ба беҳтар шудани кори тарбия ёрӣ мерасонад. Падару модари ботаҷриба ба бачагони худ дар бораи ҳодисаҳои табиат, воқеаҳои ҷамъиятӣ, меҳнат ва касбукори одамон, маданият ва ахлоқу одоби онҳо, манзараҳои дилрабои табиати зебои Ватанамон, инчунин муваффақиятҳои ҳаёти сотсиалистӣ нақл мекунад, бо кӯдакон саволу ҷавобҳои шавқовар гузаронида, нисбат ба он қобилияти мушоҳидакории фарзанди худро бедор менамояд. Мавридан дар бораи касбу кори худ, олоти истеҳсолоти худ (асбобҳои истеҳсолот), номи асбобҳои рузгор ва ғайра ва кӯдакон саволу ҷавоб гузаронидан аҳамияти калон дорад.

Кӯдакони синни томактабӣ бо ёрии калонсолон шаклҳои гуногуни номи ҷисмҳо ва мафҳумҳо: офтоб, хуршед, коинот, номҳои мева ва сабзавот, номи гулҳо, алафҳо, дарахтҳо, номи ҳайвоноти хонагӣ, ваҳшӣ, баъзе паррандагон, аломати ашёҳо: сурх, сурхчатоб, зиёд, зиётар, калон, калонтар, зебо, шаффоф, мисин, резинин, чубин ва ғайра, дуруст кор фармудани баъзе шумораҳои миқдорию тартибӣ (якум дуюм 5-то дафтар, як банд алаф), ҷонишинҳо (ман, ту, мо, шумо) феълҳо (рехтам, давидам, нишастам) ва баъзе калимаҳои образнокро ёд мегиранд ва дар нутқи худ кор фармуда метавонанд. Дар ин маврид, эътибор додан зарур аст, ки кӯдакон чизҳои дидаю шунидаро бурро нақл карда метавонанд, ё не, захираи луғавиашон дар кадом дараҷа аст. Ба инкишофи нутқи кӯдакон асосан усули сӯҳбат ва аёнокии он ёрӣ мерасонад.

Кӯдаки синни томактабӣ бо падару модар суҳбат кардан ва саволу ҷавобро дӯст медорад. Ин ба вай завқу ҳаловат мебахшад. Ба падару модарон лозим аст, ки ҳангоми суҳбат ва сайру саёҳат ба кӯдакон аз ҳикматҳои халқӣ, мақолу зарбулмасалҳо ва чистонҳое, ки ба онҳо фаҳмо аст, истифода баранд. Дар бораи нишонаҳои фаслҳои сол, табиат, обу ҳаво дар зимистон, баҳор, тобистон, тирамоҳ, ном ва хосиятҳои баъзе алафҳо, меваҳо, дарахтон, гулҳо, парандаҳо, ҳайвонот, меҳнати одамон, доир ба ҳар як фасли сол маълумоти оддитарин диханд. Кӯдак ҷой, маҳал ё ашёи дар табиат дидаашро аз расм бо шавқ тамошо мекунад, онҳоро боҳамдигар муқоиса менамояд, ки ин барои инкишофи тафаккур ва нутқи ӯ хеле аҳамият дорад.[8,87]

Аз ҷумла, барои дар нутқи кӯдак фаъол кардани калимаҳо аз ҳар гуна бозиҳои дидактикӣ истифода бурдани мураббия зарур аст, зеро ки хусусиятҳои синусолии кӯдакон такрори зиёдро талаб мекунад ва хотираи онҳо ҳоло мустаҳкам нест. Қисми асосии луғатро ҳиссаҳои мустақили нутқ (исм, сифат, феъл, шумора, зарф, ҷонишин) ташкил мекунанд.

Онҳо дар ҷумла ҳамчун мубтадо, хабар, муайянкунанда, пуркунанда, барои пурра ифода кардани фикр хизмат мекунанд. Бинобар ин захираи луғавии кӯдаконро аз ҳисоби ҳамин ҳиссаҳои нутқ бой намудан мувофиқи мақсад аст.

Вазифаи луғатомӯзӣ дар кӯдакистон дар нутқ фаъол кардани он мебошад ва бо системаи муайян гузаронида мешавад. Луғатомӯзӣ аввало доир ба ашёҳои зарурии муҳити зист (хона, роҳ, майдонча, дар тиреза, девор, барф, об, тӯб, қалам), амал, ҳаракат, сифат ва аломатҳои ашё (барф борид, об рехт, хонаи хиштин, хонаи баланд, оби соф, зулол, сурх), номи ашёҳои рӯзгор, касбу кор ва ғайра гузаронида мешавад.

Барои мисол якчандтои онро пешниҳод менамоем.

Шиносоӣ бо ашёҳои хона: ҳавлӣ, хона, девор, бом (боми хона, боми оғил), қабатҳои хона (хонаи дуошёна), ранги хонаҳо, тиреза, дар, пешайвон, болор, хонаи бозӣ, хонаи хуб. Чизҳои хона: мебел, чойнику пиёла, косаю табақ, сатил, кӯрпа, болишт, рӯйҷо, парда, миз, курсӣ, ҷевон ва ғайра.

Муҳити зист. Ҳудуди ҳавлӣ ё кӯдакистон, сохтмонҳо, хонаҳои истиқоматӣ, идора, хонаи ҷомашӯӣ, ошхона… Кӯчаҳои наздики он: хиёбони Рӯдакӣ, Садриддин Айнӣ, майдони Исмоили Сомонӣ, дукон, мағоза ва ғайра. Нақлиёт: троллейбус, автобус, машинаҳои сабукрав, автомобили боркаш, велосипед, мотосикл, тайёра, чархбол, мошинаи обкашон, боркашон.

Табиат. Дарахтон: сафедор, тут, арча, сада, зардолу, нок, ток… Гулҳо: раъно, садбарг, гули намози шом, гули ошиқи печон, савсан, лола, бойчечак, гули тоҷи хурус, гули беор, бунафша, наргис…

Алафҳо: райҳон, наъно, ҳулба, матинҷ, бурган, шура, роҳдавак, ҷағҷағ, қоқу…

Сабзавот: сабзӣ, пиёз, помидор, бодиринг, шалғам, каду, лаблабу, карам, боимҷон, харбуза, тарбуз.

Меваҳо: ангур, себ, шафтолу, анор, олу, гелос, нок, зардолу, хурмо, лиму, афлесун, турунҷ, ҷигда, челон, чормағз, мавиз…

Ҳайвоноти хонагӣ: гурба, саг, гов, гӯсола, гӯсфанд, буз, харгӯш, асп, уштур, хар…

Ҳайвоноти ваҳшӣ: гург, хирс, маймун, рӯбоҳ, оҳу, фил, бабр, гавазн, кенгуру, муш, пингвин, ҷайра, паланг, хорпушт, ормон…

Паррандагони хонагӣ: мурғ, чӯҷа, хурӯс, мурғобӣ, ғоз, мурғи марҷон, кабутар.

Паррандаҳои ваҳшӣ: зоғ, шонасарак, чуғурчук, мусича, қу, лаклак, соч, момочурғотак, зардғилток, кабк, бедона, гунҷишк, кабутар, мурғи тазарв, қоз, товус…

Ҳашарот: пашша, кунғуз (гамбусак), ору, сӯзанак, тортанак, суворак, гавҳорачунбонак, кирмҳо, мӯрча, малах, шапалак…

Ҷисмҳо ва ҳодисаҳои табиат: моҳ, ситора, осмон, шамол, дарё, кӯҳ, барф, борон, жола, шабнам, қиров, абр, раъду барқ, тиру камон, тӯфон, сел…Баҳор – рӯз дароз мешавад, ҳаво гарм мешавад, гоҳ-гоҳ борон меборад, сабза мерӯяд, алаф месабзад, дарахтҳо гул мекунанд, лола мешукуфад. Тобистон - рӯз боз ҳам дароз мешавад, ҳаво тафсон мешавад, меваю сабзавот мепазанд, дарахтон – сабзу хуррам, гоҳ-гоҳ борон меборад.

Тирамоҳ – офтоб суст гарм мекунад, ҳаво салқин мешавад, меваю сабзавот хеле нағз мепазанд, онро меғундоранд, мавсими пахтачинӣ авҷ мегирад. Пашшаю ору нест мешавад. Дар саҳроҳо руи алафҳо шабнам меборад. Барги дарахтон зард шуда мерезад.

Зимистон – рӯзҳо кӯтоҳ мешаванд. Офтоб хело кам намоён мешавад. Ҳаво хунук, борону барф меборад. Замин, бому дарахтон барфпуш мешаванд, ях мекунанд. Оинаи тиреза аз ях гул мебандад. Яхҳо аз лаби бом ба мисли марҷон овезон мешаванд.[4,46]

Мураббия ҳамроҳи шогирдон ба саёҳат баромада, ҳамаи инро мушоҳида карда, дар бораи он суҳбат, саволу ҷавоб мегузаронад. Мураббия метавонад ҳангоми кор доир ба муҳит ва шароит мавридан луғатҳои навро кор фармояд. Луғати кӯдакон бо роҳҳои гуногун бой мегардад.

Баъд аз сайр, мушоҳидаи ашёҳо, расмҳо, меҳнати дастӣ, меҳнат дар полез, бозиҳои серҳаракат, ба воситаи бозиҳои дидактикӣ ва ғайра. Масалан:

1) Ба ашё ёфтани синфҳо. Мураббия расм ё ягон ашё нишон медихад. Кӯдакон дар ҷавоб сифат ва амалиётиҳои онро мегӯянд. Мураббия ба воситаи саволҳо баъзан ба онҳо ёрӣ медихад.

а) Себ: Себи ширин, себи турш, себи сахт, себи кабуд, себи хом, себи пухтагӣ, себи сурх, себи зимистона, себи хубон…

б) Хона. Хиштин, баланд, дуошиёна, зебо, равшан, калон, хурд.

в) Аз рӯи сифат ва хосият ёфтани ашё. Дар лавҳа қолаб ва расми якчанд ашёи ҳамҷинсро мемонем. Мураббия сифат ва хосияти ашёро номбар мекунад. Кӯдакон ашёҳоро аз назар гузаронида муқоиса мекунанд ва баъд ҷавобашро мегӯянд. Мураббия: Кулӯла, пӯсташ сабз, бо корд мебуранд, дарунаш сурх, донааш сиёҳ, мехуред онро. Кӯдакон: тарбуз; худаш зард, сохти мехча, хом мехуред, ба ош меандозед. – сабзӣ; кулӯла, болояш суфа барин, дар замин мерӯяд, пухта мехӯред. - шалғам; пуштаки дар ҷояш, аккос зада мепояд, худаш сермӯй, думаш кач. – саг.

Ин намуди кор ба чистон монанд аст, барои ташаккули тафаккури кӯдакон ёрии калон мерасонад. Доир ба ашёҳои гуногун чистонҳои зиёдеро ҷамъ карда истифода бурдан низ зарур аст.

3) Ба ашё ёфтани амал ва ҳаракат.

Тӯб чӣ шуд? Тӯб ғелид, ғалтид боло баромад, сурох шуд. Модар чӣ кор мекунад? Медӯзад, мебофад, мепазад, мехӯрад, меравад, мешинад, мехонад, об менӯшад, даст мешӯяд… Шамол чӣ кор мекунад? Шамол мевазад, чангу ғуборро мебардорад, хасу хошокро туда мекунад, дарахтонро меҷунбонад… [3,63]

Ба ёфтани калимаҳои ҳамшакл (омонимҳо), муродифҳо (синонимҳо) кӯдакони сини томактабӣ хело душворӣ мекашанд. Бинобар ин доир ба ин мавзӯъ машқи махсус гузаронида вақтро сарф кардан шарт нест. Лекин ҳангоми кор дучор шудани чунин калимаҳо маъно ва шаклҳои дигари онро фаҳмонда, се – чор маротиба машқ кардан зарур аст.

а) Ёфтани калимаҳои ҳамшакл (омонимҳо).

Шаст: шасти мохигирӣ, бо шаст давидан.

Хор: хор - якчанд кас ашӯла мехонад.

Хор - алафи ба даст халанда.

Пар – пари парранда, ба боло пар…

б)Синонимҳо (калимаҳои ҳамаъно).

Зери болишт – таги болишт, дарахти калон – дарахти бузург, шодӣ - хурсандӣ.

8) Калимаҳои зидмаъно (антонимҳо).

Сиёҳ – сафед, бисёр – кам, паст – баланд, хурд – калон, чап – рост, дароз – кутоҳ, руз – шаб, равшан – тортк, кач – рост, пинҳон – рушод, омад – наомад, хурд – нахурд, сабзид – насабзид...

10) Чистонгӯӣ ва ёфтани ҷавоби онро қариб дар аввал охири ҳар як машғулият ва берун аз он гузаронидан лозим аст. Ашёҳои чистон ва ҳамҷинси он дар лавҳа гузошта мешавад. Кӯдакон аз байни он ашёҳо ҷавоби онро меёбанд. Агар кӯдакон ёфта натавонанд, худи мураббия ҷавоби чистонро гуфта, боз якбори дигар ба шаклу амалҳои ҷавоби чистон диққати кӯдаконро ҷалб менамояд.

Як падару як модар,
Боқӣ ҳама бародар.
(Моҳ, офтоб, ситора).
Як суфача - панҷ бибича.
(Панҷа ва кафи даст).
Дар хонаи танида
Бибиҷон оромида. (Пилла)

Мавриди кушода додани мақсади мазмуни маводи таълимӣ мураббияро зарур аст, ки аҳамияти онҳоро дар омӯзиши забони модарӣ ва ташаккулёбии шахсияти кӯдакон нишон дода, хусусиятҳои фаҳмиши мазмунро аз ҷониби кӯдакон ба инобат гирад. Бинобар ин, вазифа гузошта мешавад, ки мазмуни кор оид ба инкишофи фикрронии кӯдакони синни калони томактабӣ дар асоси хусусиятҳои фаҳмиш ва ё дарккунӣ, ҳамчунин, вобаста ба синну соли кӯдакон ба роҳ монда шавад.

АДАБИЁТ:

1. Барномаи тарбия, таълим ва инкишофи кӯдакони синни томактабӣ «Рангинкамон». – Душанбе, 2012. 134с.
2. Маҷидова Б. Педагогикаи томактабӣ. – Душанбе, 2012, 186 с.
3. Иматова Л.М. Асосҳои методии таҳқиқи инкишофи нутқи мураттаби кӯдакони синни калони томактабӣ. - Душанбе, 2017. 110 с.
4. Инкишофи нутқи кудакони синни томактабӣ. //Дар зери таҳрири Насруллоева Н. - Душанбе.: - 1977. - 82 с.

5. Нарзуллоева М. Камолоти томактабӣ ё худ омодагӣ ба мактаб. Душанбе. 2007. 211 с.
6. Насруллоева Н. Омӯзиши забони модарӣ дар кӯдакистон. Душанбе.: Маориф, 1991. - 75 с.
7. Сохин Ф.А., Ушакова О.С. Связь развития речи с умственным, эстетическим и нравственным воспитанием в процессе обучения родному языку. //Развитие речи дошкольников: Сб. науч.тр. - М., 1990. – С.5-26.
8. Струнина ЕМ. Работа над смысловой стороной слова в процессе развития речи старших дошкольников в детском саду: Автореф. дис. ... канд.пед.наук. - М., 1984. - 23 с.

ИНКИШОФИ АМАЛҲОИ ФИКРРОНИИ КӮДАКОНИ СИННИ КАЛОНИ ТОМАКТАБӢ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМ

Дар мақола оид ба масъалаи инкишофи нутқ, алоқамандии он бо тафаккур, амалҳои фикрронӣ ва раванди ягона будани он сухан меравад. Муаллиф ба он ақида аст, ки агар нутқи кӯдакро аз хурдӣ инкишоф надиҳем, ӯ дар раванди таълим ба душвориҳо дучор мешавад: сухани мураббия ва минбаъд дар мактаб муаллимро пурра намефаҳмад, чизи шунида ва хондаашро гуфта дода наметавонад. Ин ҳолат ба тафаккури кӯдак таъсири манфӣ мерасонад. Маҳз машғулияти омӯзиши забони модарӣ барои ба кӯдакон омӯхтани нутқи равон, гӯё ва бурро талаффуз кардани овозҳо, шинохтани ҷумла, калима ва ҳиссаҳои он (ҳиҷо), шинохтани овозу ҳарф, аз калима ҷудо кардани он, малакаи навиштану хонда тавонистан, нақл кардан, инкишофи нутқи алоқанок, нутқи диалогӣ, монологӣ вазифадор буда, амалҳои фиккронии кӯдакони синни калони томактабиро ташаккул медиҳад. Дар ин радиф, оид ба методикаи омӯзиши забони модарӣ дар машғулиятҳои таълимӣ мавриди истифодаи асарҳои бадеӣ методу усулҳои гуногунро мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Калидвожаҳо: *нутқ, таффаккур, раванди маърифатӣ, алоқаи мантиқӣ, дарккунии маъногӣ, хусусиятҳои синну солӣ, машғулиятҳои таълимӣ.*

РАЗВИТИЕ МЫСЛИТЕЛЬНЫХ ПРОЦЕССОВ СТАРШИХ ДОШКОЛЬНИКОВ В ОБРАЗОВАТЕЛЬНОМ ПРОЦЕССЕ

В статье рассматривается вопрос развития речи, ее связи с мышлением, мыслительными процессами и их единством. Автор считает, что если не развивать речь ребенка с раннего возраста, то он столкнется с трудностями в учебном процессе: не будет в полной мере понимать речь воспитателя и далее в школе не сможет рассказать, что он слышал и читал. Эта ситуация оказывает негативное влияние на мышление ребенка. Деятельность по обучению родному языку заключается в том, чтобы научить детей бегло говорить, произносить звуки как бы и без слов, узнавать предложения, слова и их части (слоги), узнавать звуки и буквы, отделять их от слов, уметь читать и писать, рассказывать, развивать речь. Также коммуникативная, диалогическая, монологическая речь является ответственной и формирует мыслительные действия старших дошкольников.

В данной статье, посвященной методике изучения родного языка в учебной деятельности, исследованы различные методы и приемы использования детских произведений.

Ключевые слова: *Речь, мышление, познавательный процесс, логическая связь, смысловое восприятие, возрастные особенности, учебная деятельность.*

DEVELOPMENT OF THE THOUGHT PROCESSES OF OLDER PRESCHOOL CHILDREN IN THE EDUCATIONAL PROCESS

The article deals with the issue of the development of speech, its connection with thinking, thought processes and their unity. The author believes that if the child's speech is not developed from an early age, then he will face difficulties in the educational process: he will not fully understand the speech of the coach and then at school he will not be able to say what he heard and read. This situation has a negative impact on the thinking of the child. The activity of teaching the native language is to teach children to speak fluently, to pronounce sounds as if without words, to recognize sentences, words and their parts (syllables), to recognize sounds and letters, to separate them from words, to be able to read and write, to tell , develop speech, communicative, dialogic, monologue speech is responsible and forms the mental actions of older preschoolers. This article, devoted to the methodology of learning the native language in educational activities, explores various methods and techniques for using children's works.

Key words: *Speech, thinking, cognitive process, logical connection, semantic perception, age characteristics, educational activity.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Тешаева Сафиямо - унвонҷӯи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ. Кӯчаи Айнӣ, 126 Почтаи электронӣ: safiamo2016@mail.ru. Тел.: 8833330003

Сведения об авторе: Тешаева Сафиямо - научный сотрудник Института развития образования имени Абдуррахмана Джами. улица Айни, 126 E-mail: safiamo2016@mail.ru. Тел.: 8833330003.

Information about the author: Teshayeva Safiyamo is a researcher at the Institute for the Development of Education named after Abdurrahman Jami. Aini street, 126 E-mail: safiamo2016@mail.ru. phone: 8833330003.

ҲАСАНОВ Х. Р.

ЭТИОЛОГИЯ ВА ПАТОГЕНЕЗИ НУҚСОНҲОИ НУТҚИ ХАТТӢ

Қисман вайрон шудани ҷараёнҳои хондан ва навиштан бо истилоҳоти дислексия ва дисграфия ишора мешаванд. Дар мавриди мактаббачагони хурдсол на дар бораи вайроншавӣ, балки дар бораи душвориҳои ёд гирифтани нутқи хаттӣ сухан гуфтан дурусттар аст. Нишонаи асосии онҳо мавҷуд будани ғалатҳои махсусу устувор буда, пайдоиши онҳо дар хонандагони мактаби таҳсилоти умумӣ ба паст шудани сатҳи инкишофи зеҳнӣ, нуқсонҳои намоёни шунавоию биноӣ ва мактабхонии номунтазам вобаста нест. Дислексия ва дисграфия одатан бо мувофиқати байниҳамдигарӣ мушоҳида мешаванд.

Душвории таҳқиқи этиологии нуқсонҳои нутқи хаттӣ ба ретроспективӣ будани он вобаста аст, чунки омилҳои пайдоиши ин нуқсонҳо то лаҳзаи мактабхон шудани кӯдак дуюмдараҷа шуда метавонанд.

Бо вуҷуди ин, таҳлили маълумотҳои адабиётӣ муайян намудани қатори яклухти сабабҳои якбора ё паиҳам пайдошударо имконпазир мегардонад.

Нуқсонҳои хондан ва навиштан ба ақибмонӣ дар ташаккули системаҳои муайяни функционалӣ, ки барои ёд гирифтани нутқ муҳиманд, инчунин ба осебҳо дар даврaҳои гуногуни инкишофи кӯдак вобастагӣ дошта метавонанд. Ба ғайр аз ин, дислексия ва дисграфия ҳангоми нуқсонҳои органикии нутқ пайдо мешаванд [1]. Баъзе муҳаққиқон тамоили ирсии пайдоиши дислексияро қайд мекунанд (Б. Хапырен, М. Рудинеско ва дигарон), вақте ки норасидагии сифатии сохторҳои алоҳидаи майна, ки дар ташкили нутқи хаттӣ иштирок мекунанд, аз насл ба насл мегузаранд. Дар адабиёти ватанӣ консепсияи Р. Е. Левина васеъ истифода бурда мешавад, ки нуқсонҳои хондан ва навиштанро ҳамчун нишонаи нуқсони мунтазами нутқ, ҳамчун инъикоси инкишофи нопурраи нутқи шифоҳӣ дар ҳамаи қабатҳои он шарҳ медиҳад.

Таҳқиқоти даҳсолаи охир исбот мекунанд, ки бисёр вақт яке аз сабабҳои нуқсонҳои баррасишавандаи хондан ва навиштан душвориҳои ташаккули ҷараёни латерализатсия (асимметрияи функционалӣ дар фаъолияти ҷуфти узвҳои сенсо-моторӣ) аст. Латералитаи саривақт ташаккулнаёфта, инчунин салибшакл ташаккулёфта ошкор менамояд, ки нақши афзалиятноки яке аз нимаҳои калони майнаи сар муайян нашудааст. Ин ба нуқсони инкишофи нутқ сабаб шуда метавонад. Дар ҳолати ақибмонии ҷараёни латерализатсия ва дар шаклҳои гуногуни “ихтилофи афзалият” назорати қиширии намудҳои зиёди фаъолият душвор мешавад. Чунончӣ, кӯдаки чапдаст ҳангоми бо дасти рост хат навиштан ба сабаби паст шудани сатҳи қобилияти таҳлилию синтезӣ, ки ба гемисфера тобеъ аст, душворӣ кашида метавонад.

Дислексия ва дисграфия оқибати нуқсон дар минтақаи васеи праксис ва гнозис, ки дарки макон ва замонро таъмин мекунанд, шуда метавонанд. Зеро муҳимтарин омили дислексия ва дисграфия аз дарёфти душвори нуқтаи ибтидоӣ дар макон ва замон, инчунин аз таҳлил ва айнан такрор кардани паиҳамии аниқи маконию замонӣ иборат аст (М. Суле, Ж. Ажуриагерра, Ф. Кошер).

Ба андешаи Н. Гранжон ва Ж. Ажуриагерра, кӯдаки хуб латерализатсияшуда дар ростдастӣ ё чапдастии аниқи худ “нуқтаҳои маълумотдиҳӣ”-и фаҳмо дорад, ҳол он ки кӯдаки суст ё салибшакл латерализатсияшуда такягоҳҳои барои амалҳои асосноки худ муҳимро гум мекунад. Алоқа дар байни латерализатсияи бад ва нуқсонҳои нутқи хаттӣ хусусияти бавосита дорад, чунки нақши ҳалкунандаро на ҳолати латералита, балки ташаккул наёфтани тасаввуроту тамоюлҳои ба он вобаста иҷро мекунад.

Мушоҳидаи М. Кутсем ва К. Лонай, ки нуқсони синтези таҳрикҳои шунавоию биноиро дар сатҳи қишри майнаи сар ба сифати яке аз дислексия қайд кардаанд, диққатҷалбкунанда аст.

Инчунин таҳқиқот бо кӯдаконе, ки дар хондан ва навиштан нуқсон доранд, аксари ҳолатҳо ташаккул наёфтани моторикаи ихтиёрӣ, нокофия будани ҳамоҳангии шунавоию моторӣ ва ҳисси назмро ошкор менамоянд.

Мувофиқати дислексия ва дисграфия бо нокифоя будани ақл, паст шудани шунавоӣ ё биноӣ, дузабонӣ дар оила ва мактабхонии номунтазам имконпазир аст. Ҳар як чунин ҳолат ташхиси ҷиддиро талаб мекунад.

Обри-Рудинеско типи нави патогенезии дислексияро муайян намуд, ки дар он нуқсонҳои аффективӣ асосӣ ба шумор мераванд. Ин нуқтаи назарро Гюттон тақвият бахшида, нақши падидаи аффективиро дар ҳамгироии нақшаи ҷисмӣ нишон дод – дар ҳолати дислексия, ки асоси патологии онро нокифоягӣ ё ақибмонии ташаккули нақшаи ҷисм ташкил медиҳад. Аксарияти тарафдорони консепсияи дислексия ҳамчун нишонаи норасидагии неврологӣ низ имконпазир будани патогенезро баррасӣ мекунанд, ки дар он нуқсонҳои аффективӣ асосӣ ба шумор мераванд. Ин гуфтаҳо шубҳаовар нестанд, агар дар хотир дошта бошем, ки самаранокӣ муҳаррики муҳими ҳамаи ҳаёти психикии кӯдак аст.

Мувофиқи маълумотҳои гурӯҳи таҳқиқотии Институти Клапаред, дар асоси дислексия бисёр вақт амали алоқаи манфии "модар-кӯдак"-ро мушоҳида кардан мумкин аст. Чунончӣ, кӯдаке, ки ба ӯ маҷбуран хӯрок медиҳанд ва ӯ нисбат ба хӯрокхӯрӣ муқовимат нишон доданро ёд мегирад, нисбат ба ғизои зеҳнӣ ҳам чунин аксуламалро аз худ мекунад. Муқовимате, ки ӯ ҳангоми муошират бо модар ошкор намуда, дар лаҳзаи муайян ба муаллим нишон медиҳад, баъзан шарҳи механизми дислексияро имконпазир мегардонад, вақте ғалатҳое, ки барои давраи якуми таҳсил оддиянд, дар даврaҳои минбаъда ҳам пайваста содир мешаванд.

Ин гуфтаҳоро бо мисол аз ҳаёти мактабии кӯдаке, ки нуқсонҳои ибтидоии аффективӣ дорад, тасвир мекунем [5, саҳ 70-72]. "Сухан дар бораи писараки ҳаштсола меравад, ки беэътидолии ӯ номусодии ҳаёти оилавиро инъикос мекунад. Падар ҳангоми сесолагии кӯдак аз оила рафт. Модар якчанд маротиба кӯшиш кард, ки шавҳари дигар кунад. Вале ҳамеша аз нав танҳо мемонд ва нороҳату мушавваш сайъ мекард, ки таваҷҷуҳи нокифояи худро нисбат ба писараш бо пардохти пули таҳсили ӯ дар нимаинтернати обрӯманд ҷуброн намояд.

Дар соли якуми таҳсил писарак хуб хонда ва навишта наметавонист, мунтазам ғалатҳои дислексикӣ содир мекард. Тундмиҷозу беинтизом ва ҷангара буд, ҳамеша барои ин ҷазо мегирифт ва одатан дар паси дар мемонд. Ӯ бетартиб, чиркин, дағал ва бадқаҳр ба дарс меомад ва сумкаи калони талабагияшро, ки пур аз китобу дафтари титу парешон ва предметҳои гуногуне, ки ӯ аз қуттии партов ғундошта буд, дар рӯйи фарш кашолакунон ба синф медаромад.

Дар давоми се моҳ саъю кӯшиши муаллимон натиҷае надод: кӯдак доимо хотирпарешон буд, хоҳиши дар корҳои синфию мактабӣ иштирок кардан надошт, ҳамеша тайёр буд, ки ҷой, қалам ё дафтарашро иваз кунад ва ба ҳар чизе даст мерасонд, бо камоли майл онро мешикасту корношоям мекард.

Дар давоми ин се моҳ чоряки соат дар як рӯз, ки махсус барои худбаёнкунии кӯдакон ҷудо шуда буд, ба дағалию бадқаҳрии ҳамин кӯдак, ки дар расмҳои ӯ бо тасвири танҳо мавзуи ҷангу бомбапартоӣ ва таркишу тирандозӣ ифода меёфт, бахшида мешуд. Расмкашии ӯ бо тасвирҳои бешаклу беҳунарона ба анҷом мерасид. Ягона ҷиҳати мусбат дар он буд, ки вазъият дар синф нисбатан ором мешуд. Дар давоми шаш моҳи оянда саҳнаҳои расмкашии бомбапартоӣ пурратар шуда, ҷанговарон тасвир гардида, ҷанг муташаккилона барпо мегашт ва зиндамондаҳо пайдо мешуданд. "Муҳориба" дар дафтарҳо давом дошт: ҷойивазкукӣ, омехташавӣ, хаткашию сиёҳкунии ҳарфҳо зиёд мешуд, вале алоқа беҳтар мегашт, кӯдак дигар ба муаллим (эҳтимол ягона шахсе дар муассиса, ки танбеҳу ҷазоро истифода намекард) бадбинӣ нишон намедод. Писарак кӯшиш мекард, ки рафтору амали мусбат ва хоҳиши кор кардани худро нишон диҳад. Оҳиста-оҳиста дар расмҳои ӯ персонажҳои нав пайдо мешуданд: чун пештара ҷанговарон, вале бо амалу ҳаракатҳои орому осуда. Писарак тадриҷан дар дигар намудҳои фаъолият ҳам дилпурона пеш мерафт. Ҳангоми набудани психотерапияи аслӣ ва ҳангоми ғайриимкон будани таъсир ба муҳити оила, зоҳиран, ин машғулиятҳо вазъияти мусоиде буданд, ки барои аз дағалию бадқаҳрӣ халос шудан ва таъмини тағироти тасаллобахш ба таври назаррас мусоидат карданд. Инчунин имкон доданд, ки ақаллан дар соли дуюми таҳсил як қисми саъю кӯшишҳо ба ҷараёни идорашавандаи таҳсил равона карда шавад" [3, с. 72]

Тасдиқи аҳамияти нуқсонҳои ибтидоии аффективӣ такроршавии дислексия ва дисграфия аст, вақте ки баъди ҳодисаҳои изтиробангез дар оилаи кӯдак нуқсонҳои аллакай қисман бартарафшудаи хондан ва навиштан дубора бо ҳамаи нишонаҳои худ ошкор мешаванд.

Ақибмонии назаррас дар сарфаҳмравии кӯдак ба нақшаи ҷисмӣ сабабҳои гуногун дошта метавонад. А. М. Фишо сабабҳои асосиро қайд мекунад: нуқсонҳои неврологӣ; изтироби аффективӣ; нокифоя будани донишҳои кӯдак; нокифоя будани инкишофи мотории

ӯ. Вақте ки дар оянда ташкили замонию маконӣ такмил меёбад, ин сабабҳо дар намуди оқибатҳои душворхонию душворнависӣ боқӣ монда метавонанд.

Ғалатҳои хондан ва навиштан доимӣ набуда, барои калимаи мушаххас комилан мутобиқ нестанд. Чунин тағирпазирии нуқсонҳо нишон медиҳад, ки ҳеҷ кадоме аз омилҳои патогенезӣ ҳалкунанда нестанд, вале ҳар кадоми онҳо якҷоя бо омилҳои дигар аҳамиятноканд. Вобаста ба ҳамаи ҳолатҳои нуқсонҳои хондан ва навиштан шарҳи универсалӣ ёфтан номумкин аст. Ин нуқсонҳо дар маҷмуи дисфунксияҳо асос ёфтаанд: ташаккули нокифояи нутқ, уҳдабароии дастон, нақшаи ҷисмӣ ва ҳисси назм (Ж. Ажуриагерра, К. Лонай, Н. Гранжон, С. Борел-Мэзонни). Гуногунии омилҳои патогенезии нуқсонҳои баррасишаванда чунин тасдиқи баъзе муҳаққиқонро имконпазир мегардонад, ки дислексия нест, балки дислексика ҳаст (Рудинеско, Трела). Чунин гуногунии тафсири илмии моҳияти нуқсонҳои хондан ва навиштан аз мураккаб будани ин масъала дарак медиҳад.

Бо вуҷуди ин, кӯшишҳо барои таснифи нуқсонҳои нутқи хаттӣ давом доранд. Навтарин таснифи дислексияро Р. И. Лалаева пешниҳод кард, ки намудҳои зеринро дар бар мегирад: фонематикӣ, семантикӣ, аграмматикӣ, оптикӣ ва мнестикӣ. Инчунин таснифи ба ҳамин наздики дисграфия бо шаклҳои зерин таҳия шуд: артикуляторию акустикӣ; аграмматикӣ; оптикӣ; дисграфия дар асоси нуқсонҳои таҳлил ва синтези забонӣ; дисграфия дар асоси нуқсонҳои дарки фонемаҳо.

Мо таснифи бештар эътимодноки таҳиянамудаи муҳаққиқи франсуз Сюзанна Борел-Мезонниро пешниҳод мекунем:

- § дислексия вобаста ба нуқсонҳои нутқи хаттӣ;
- § дислексия вобаста ба душвориҳои сарфаҳмравӣ ба макон;
- § шакли омехта;
- § ҳолатҳои дислексияи бардурӯғ.

Маълумоти таҳқиқоти мо ин таснифро вобаста ба дисграфия тасдиқ мекунанд. Мо боварӣ дорем, ки ҳамагуна тасниф танҳо ҳамон вақт қобили амал будани худро тасдиқ мекунад, ки вақте ба “асбоби кории” мутахассисон табдил меёбад.

АДАБИЁТ:

1. Ананьев Б. Г. Пространственное различение. Л.; 1955; Тих Н. А. К вопросу о генезисе восприятия пространства // Известия АПН РСФСР. 1956.
2. Жукова Н.С., Мастюкова Е.М., Филичева Т.Б. Логопедия. Преодоление общего недоразвития речи дошкольников. М., 2004. - 320 с
3. Логопатопсихология: под ред. Р.И. Лалаевой, С.Н. Шаховской: Гуманитарный издательский центр ВЛАДОС; М; 2011. - 317с.
4. Лурия А.Р. Основы нейропсихологии. М.: Академия, 2006. - 384 с. Преодоление общего недоразвития речи у дошкольников
5. A.-M. Fichot. L'enfant dyslexique. Paris, 1967. С.70–72

ЭТИОЛОГИЯ ВА ПАТОГЕНЕЗИ НУҚСОНҲОИ НУТҚИ ХАТТӢ

Дар мақолаи худ муаллиф оид ба нуқсонҳои нутқи хаттӣ андешаҳои олимони гуногунро мухтасар овардааст. Муаллиф кӯшиш намудааст оид ба этиология ва патогенези нутқи хаттӣ ва шаклгирии он дар кӯдакон андешаронӣ намояд. Аз ҷумла муаллиф қайд мекунад, ки душвории таҳқиқи этиологии нуқсонҳои нутқи хаттӣ ба ретроспективӣ будани он вобаста аст, чунки омилҳои пайдоиши ин нуқсонҳо то лаҳзаи мактабхон шудани кӯдак дуюмдараҷа шуда метавонанд. Нуқсонҳои хондан ва навиштан ба андешаи муаллиф бо ақибмонӣ дар ташаккули системаҳои муайяни функсионалӣ, ки барои ёд гирифтани нутқ муҳиманд, инчунин ба осебҳо дар давраҳои гуногуни инкишофи кӯдак вобастагӣ дошта метавонанд.

Калидвожаҳо: *латерализатсия, асимметрия, ретроспективӣ, этиология, патогенез, нуқсон, нутқи хаттӣ, дислексия.*

ЭТИОЛОГИЯ И ПАТОГЕНЕЗ ПИСЬМЕННЫХ ДЕФЕКТОВ РЕЧИ

В своей статье автор обобщает мнения различных ученых о дефектах письменной речи. Автор попытался задуматься об этиологии и патогенезе письменной речи и ее формировании у детей. В частности, автор указывает, что трудность этиологического исследования дефектов письменной речи обусловлена его ретроспективным характером, поскольку причины этих дефектов могут стать вторичными до поступления ребенка в школу. По мнению автора, дефекты чтения и письма могут быть связаны с задержкой формирования некоторых функциональных систем, важных для обучения речи, а также с травмами в разные периоды развития ребенка.

***Ключевые слова**: латерализация, асимметрия, ретроспектива, этиология, патогенез, дефект, письменная речь, дислексия.*

ETIOLOGY AND PATHOGENESIS OF WRITTEN SPEECH DEFECTS

In his article, the author summarizes the opinions of various scientists on the defects of written speech. The author tried to think about the etiology and pathogenesis of written speech and its formation in children. In particular, the author points out that the difficulty of etiological research of written speech defects is due to its retrospective nature, because the causes of these defects can become secondary until the child enters school. In the opinion of the author, reading and writing defects can be related to delays in the formation of certain functional systems that are important for learning speech, as well as to injuries in different periods of the child's development.

***Key words:** lateralization, asymmetry, retrospective, etiology, pathogenesis, defect, written speech, dyslexia.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Ҳасанов Хуршед Раҷабович, ассистенти кафедраи педагогикаи махсус ва таҳсилоти фарогири ДДОТ ба номи С.Айнӣ. Тел: 901303732

Сведения об авторе: Хасанов Хуршед Раджабович, ассистент кафедры специальной педагогики и инклюзивного образования ТГПУ им. С.Айни

Телефон: 901303732

Information about the author: Hasanov Khurshed Rajabovich, assistant of the department of special pedagogy and comprehensive education of the State Pedagogical University of Tajikistan named after S. Aini. Phone: 901303732.

ШАҲЛОИ А.Т.
ШАРИФОВА С. С.

ТАРБИЯИ НАСЛИ НАВРАС ДАР РӮҲИЯИ ХЕШТАНШИНОСӢ

«То даме, ки худшиносии миллӣ, пос доштани хотираҳои таърихӣ, ифтихор аз мансубияти миллӣ, дар шуури ҳар яки мо падид наояд, то даме ки ҳар кадоми моманфияти миллиро ҳамчун қарзи муқаддаси шаҳрванди эҳсос накунем ва эҳтиром нагузорем, то даме, ки хидмат ба Ватан ва миллат бароямон ба арзиши олии зиндагӣ табдил наёбад, мо ҳамчун давлати соҳибистиқлоли миллӣ ба камол намерасем»

Эмомалӣ Раҳмон

Тарбияи насли наврас дар рӯҳияи хештаншиносӣ - амали фаъолияти мақсадноки тарбиявие мебошад, ки ба фаъолияти зиндагии ҷавонон дар ҷомеа сахт алоқаманд аст. Ба тарбияи худшиносӣ бояд аз мавқеи ҷомеа ва давлат, институтҳои иҷтимоӣ: оила, муассисаҳои таълимӣ, сохтор ва ташкилотҳои тарбиявӣ ва омилҳои рушди худи инсон назар кард.

Масъалаи тарбияи хонандагон аз мавқеи давлат ва ҷомеа баҳри ташаккули ифтихори шаҳрвандии онҳо равона мешавад. Ҳама гуна давлат дар марҳилаҳои мухталифи инкишофи худ бо мақсаду бе мақсад тарбияи иҷтимоиро мувофиқи ниёзҳои сиёсии худ ба роҳ мемонад, аммо ҷомеа роҳу равони худро баъзан тағйир медиҳад. Дар марҳилаҳои мухталиф ҷараёнҳои фалсафӣ ва педагогие вуҷуд доштанд, ки файласуфону педагогҳо нуқтаи назари худро оид ба тарбияи хештаншиносӣ баён доштаанд. Ин баёнияҳо оҳиста-оҳиста ба асосҳои назариявии педагогикаи умумӣ ворид шуда, инкишофи худро дар аввали асри XX ҳамчун назарияи тарбияи хештаншиносӣ пайдо намуданд. Барои равшан гардидани мазмун ва мундариҷаи тарбияи миллӣ чунин муносибатҳоро раво мебинанд. Дар Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гуфта шудаст: «Тавассути тарбияи хештаншиносӣ ва худогоҳии миллӣ шаҳрванд бояд мутааллиқи миллат, давлатии соҳибистиқлол соҳиби Ватан ва ҳуқуқу озодиҳо будани худро дарк кунад на ва онҳоро эҳтиром намояд, донад, ки вазифаҳои ӯ дар назди давлат, ҷамъият ва оила аз чӣ иборат аст. Баҳри иҷрои онҳо ҷидду ҷаҳд намояд Манфиатҳои худро бо манфиати давлат, ҷомеа ва оила пайваста тавонад» [2, 8]. ҷ

Ба таҳсилот ва маориф ҳамчун соҳаи нақши калидидошта дар ҷомеа аз ҷониби давлат аҳамияти ҷиддӣ дода мешавад. Ҷиҳати осоиштагию оромӣ ва таҳсили амнияти миллӣ ва боварии одамон ба зиндагии хушбахтонаи оянда соҳаи маориф ва таълиму тарбия дар рӯҳияи арзишҳои миллӣ нақши муҳим дорад. Идеали замонавии тарбияи миллӣ, ки маънавиёти баланд дорад, шахсияти эҷодкор ва босалоҳият аст, шахсест, ки арзишҳои маънавӣ ва фарҳангии миллиро эҳтиром мекунаду ояндаи Ватанро ояндаи тақдири худ медонад. Дар ин раванд, яке аз масъалаҳои ҳалталаби рӯз дар тӯфони ҷаҳонишавӣ - ин

ҳифзи асолати арзишҳо ва фарҳанги миллӣ мебошад. Чунки оянда ва безаволии миллат ба он вобаста аст. Дар баҳсҳои илмии муосир масъалаи муҳими ҳалталаб ҷаҳонисозии миллатҳо ва фарҳангҳо ба шумор меравад. Як нуктаи ташвишовар дар ин раванд паҳншавии фарҳанги омиёна аст. Хатар эҷод намудани он ба арзишҳои миллӣ, эстетика ва ахлоқ махсусан, таъсири он ба насли ҷавон зарурат ба миён овардааст, ки ин масъала ҳаматарафа омӯхта, таҳқиқ карда шавад ва ҳалли худро ёбад. Ҳалли ин масъала ба худшиносии миллии ҳар як фарди ҷомеа вобаста буда, таваҷҷуҳи бисёр олимони педагогро низ ба худ ҷалб намудааст.

Қобили тазаккур аст, ки аз лаҳзаи нахустини фаъолият ҳамчун Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҷавонон таваҷҷуҳи зиёде зоҳир намуда, барои ҳарчи бештар сафарбар намудани онҳо ба роҳи созандагиву бунёдкорӣ пайваста кӯшиш намуданд. Зеро ояндаи сарзамине, ки эшон бо як мушкилоти азим аз вартаи ҳалокат раҳоӣ бахшиданд, дар дасти ҷавонон мебошад, бинобар ин, барои тарбияи онҳо дар рӯҳияи меҳанпарастӣ, худшиносӣ ва ҳуввияти миллӣ даъват ба амал меоранд.

Бояд қайд намуд, ки таблиғи арзишҳои маънавии халқи тоҷик дар байни ҷавонон ҷиҳати ташаккули худшиносиву худогоҳии миллӣ аз таваҷҷуҳи хосаи Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сарчашма мегирад ва ба ин маънӣ таъкид менамоянд: «Мо бояд аз умқи таърих шӯъла бардорем, на ин ки хокистар» [11, 34].

Таърихи ниёгони мо пур аз саҳифаҳои қаҳрамонӣ буда, дар натиҷаи мутолиаи онҳо ҷавонон нисбат ба Ватан - Модар нигоҳи дигар пайдо карда, кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки номбардори гузаштагони хеш бошанд. Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо дар суханрониҳои худ таъкид сохтаанд, ки «Ҷавонон бояд номбардори ниёгони хирадманд, сулҳпарвар, эҷодкор ва баору номуси хеш бошанд» [10, 34]. Моҳияти ин гуфтаи Пешвои миллат ба хотири ҷалб намудани мақсади асосии он дар рӯҳияи худшиносиву худогоҳӣ, эҳтиром ба ватан ва ба арзишҳои милливу умуми башарӣ таълим додану тарбия кардани фарзандон, ҳамчунин, ҳуқуқу манфиатҳои қонунии онҳо мебошад, ки барои ба ҳаёти мустақилона омода намудани онҳо мусоидат менамояд. Тарбия ва таълими насли наврас раванди ниҳоят масъулиятнок ва ҷиддӣ буда, тақдири кӯдак ва насли ояндаи ҷомеа аз сифати он вобаста аст.

Мутаассифона, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» мазмуни асосиро калимаи «масъулиятро» ифода менамояд, чунки масъулияти падару модар ду ҷабҳа дорад. Аввалан, падару модароне, ки ӯҳдадории худро иҷро намуда вазифаи худро оид ба таълиму тарбияи фарзанд дар назди давлат ва ҷомеа иҷро менамоянд. Сониян, падару модароне, ки аз иҷрои ӯҳдадории худ оид ба таълиму тарбияи фарзандон саркашӣ мекунанд, дар натиҷа, рафтори фарзандони онҳо боиси вайрон гардидани ҳуқуқи дигарон ва тартиботи ҷамъиятӣ мегардад ва дар чунин ҳолат ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба миён меояд.

Хониш воситаи пуртаъсири инкишофи умумии хонанда буда, барои ба вуҷуд овардани худомӯзӣ ва дигар сифатҳои ба ӯ марбут мусоидат мекунад. Инсон танҳо тавассути китобхонӣ олами гирду атрофашро дарк карда, кори некро аз бад тарҷеҳ медиҳад. Имрӯз баъзе наврасон бештар ба шабакаҳои интернетӣ шавқу рағбат дошта бошанд ҳам, рафта-рафта ҳис мекунанд, ки китоб беҳтар аст ва мисли фариштаест, ки ба хонандаи худ фақат пайки донишу ақлро меоварад. Сухани неку волоро, ки инсонро ба кӯйи мақсуд мерасонад, аввалан аз модар, баъдан аз китоб ёд мегирад. Яъне китоб дар ҷодаи инсонро сухани неку ширин омӯхтан нақши созанда дорад, чун китоб сарчашмаи аслӣ ва ягонаи пешравию тарбияи ақлонии ҷомеаи инсонӣ маҳсуб меёбад. Чи қадаре, ки инсон ба мутолиаи пай дар пайи китоб рӯ меоварад, ҳамон қадар ҷомеа пеш рафта, оҳиста-оҳиста ба як ҷомеаи пуркуввати фарҳангӣ ва иҷтимоӣ табдил хоҳад ёфт ба вижа, китоб пеш аз ҳама ҷаҳони маънавии кӯдаконро зебову мубарро карда, донишу одоби хубро дар қалби онҳо тақвият медиҳад.

Мо ҳамеша бояд кӯшиш кунем, ки муҳаббат нисбат ба китоб дар дили хонанда зиёда гардад.

Омӯзгор ва тарбиятгар нафарест, ки бояд тамоми ҳастии худро ба шогирд бахшад агар аз як тараф дониш, қувва, матонату заковат ва тачрибаи андӯхтаашро ба шогирд диҳад, аз ҷониби дигар, бояд гуногунии сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоиро дарк намуда, дар лаҳзаҳои зарурӣ онро дар таълим ва тарбияи шогирдон мавриди истифода қарор диҳад. Дар маҷмуъ, омӯзгор дар ҳаёт бояд ҳамеша биомӯзад, зеро маънои калимаи «омӯзгор» аз ёддиҳанда, устод гирифта шудааст.

Омӯзгор бевосита бо шогирдон ва дар баробари ин, бо волидони онҳо сарукор дорад. Аз ин рӯ, ӯро зарур аст, ки чашми волидайнро барои тарбияи фарзанд фарроху майдони наззораашро васеътар гардонад, чунки насли наврасу ҷавони айёми истиқлол аз наслҳои 70-80 –уми асри гузашта ба куллӣ фарқ мекунанд иттилооте, ки ба ҷавонони имрӯза тавассути шабакаҳои замонавӣ пешкаш мегардад, метавонад онҳоро ба ду самт: фоидаовар ва зиёновар равона намояд, ки ҳам ҷанбаи манфӣ ва ҳам мусбати ин қабил иттилоотро нисбат ба волидон омӯзгорон бештар дарк карда метавонанд.

Костагии тарбияи фарзанд аз беаҳамиятӣ, саҳлангароӣ, то ба серкориву бемасъулиятии волидайн сарчашма мегирад, баъзе маврид волидон аз пайи мушкилоти зиндагӣ шуда, ба фарзанди худ диққати ҷидӣ намедиҳанд. Натиҷаи беаҳамиятии онҳо боис мегардад, ки истифодаи беҳудаи шабакаҳои интернетӣ хонандагонро ба роҳи нодуруст талқин медиҳад ва ояндаи онҳо на танҳо ба ҳаёти шахсӣ, балки ба обрӯю эътибори оила ва шаъну шарафи миллат низ таъсири манфӣ мерасонад. Агар падару модарон аз дӯстони иҳотакунандаи фарзандон, муҳити маънавии онҳо, аз машғулияте, ки ба он фарзандашон банд мебошад, бохабар гарданд, пас, онҳо то дараҷае дар нашъунамои меваи умри худ саҳмгузор шуда метавонанд.

Вақти он аст, ки волидон аз ҳар қадами фарзанди худ огоҳ бошанд, яъне, бетарафӣ зоҳир накарда, аз фаъолияти ҳаррӯзаи фарзанд дар ҷустуҷӯ бошанд. Назорати ҷиддии волидайн ба хулқу атвори фарзанд таъсир мерасонад ва ниҳоят, ӯ дар ҳар қадами худ масъулият ва ҷавобгариро эҳсос менамояд.

Падару модаронро зарур аст, ки мулоҳиза ва нақшаҳои фарзандонро ба инобат гиранд, аз ҳаёти наврасию ҷавонии онҳо дар канор набошанд ва ба зеҳни онҳо ҷой намоянд, ки шахс бояд дар ҳама ҳолат ба касе тақлид накарда, қадамҳои устувор, ҳувият ва ҳисси баланди миллӣ дошта бошад. Оромиву шукӯҳ ва шукуфоии Ватан ба масъулиятшиносии ҳар як сокини он вобаста аст. Агар Ватан орому осуда буда, дар саросари он сулҳу субот ҳукмрон бошад, нозу неъмат фаровон гашта, муҳаббати ҷавонон ба ҳамдигар меафзояд. Дар он ҷое ки пояҳои маънавиёт устувор набошад, акси ин ҳол ба вуҷуд меояд муҳаббат ба ватан асосан дар давраи кӯдакӣ зоҳир шуда, минбаъд ташаккул меёбад. Инсон ба ҳар зарра хоку ҳар қатра оби Ватан ончунон дил мебандад, ки бе он наметавонад хушбахту бахтиёр бошад ҳиссиёти ватандӯстӣ худ садоқат ба ватан, саъю кӯшиши ба нафъи вай хизмат кардан бошад.

«Мафҳуми маънии калимаи «Ватан» дар ашъори шоирон мавқеи хосса дорад мурод аз офаридани образи ватандӯстона дар таърих бешубҳа, бедор кардани ҳисси ифтихори миллӣ ва муҳаббат ба марзу буми аҷдодӣ дар ниҳоди хонандагони мактаб мебошад. Мақсади қонуни мазкур пурзӯр намудани масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд дар руҳияи инсондӯстӣ, ифтихори ватандорӣ, эҳтироми арзишҳои миллӣ, умумибашарӣ ва фарҳангӣ, инчунин ҳуқуқу манфиятҳои фарзанд мебошад. Маориф омили муҳимтарин наҷоти миллат ва таҳкими давлат аст» [3, 34]. Арҷ гузоштан ба фарҳангу таърихи бостонии миллат ва омӯхтани он вазифаи ҳар як соҳибватан мебошад.

Дар замони ҷаҳоншавии бошиддат яке аз воситаҳои бақои рӯҳи миллӣ бидуни шак, арзишҳои миллӣ Пешвои миллат давлат дар мавриде аз ин хусус чунин ҳушдор доданд, ки иллате, ки забон, тафаккур,таъриху адабиёт ва арзишҳои миллии худро қадр намекунад,пояҳои истиқлолро чандон дер пуштибонӣ карда наметавонад. Дар ин гуфтор чанд асле ҳаст, ки ба муҳтавои таҳқиқоти зерин дахли бевосита дорад инҳо аркони бунёдии тамаддунсоз ва ё ҳувияти хештаншиносии ҳар миллат ба шумор мераванд.

Ба масъалаи миллат чист ва пояҳои бунёдии он кадомҳоянд олимони ҷомеашинос ва донишмандони фалсафа посухи бешумор доранд ба андешаи мо, чунин нуқтаи назар хеле дақиқтару мушаххастар аз дигарон аст:.миллат таҷассумгари як рӯҳ, яъне як асли зеҳнӣ ва ахлоқист. Ду ҷонибеки, ки дар воқеъ пушту рӯйи як танга ҳастанд, рӯҳ ва асли зеҳниву ахлоқиро ба вуҷуд меоранд. Рӯҳи миллӣ доштан маънои соҳиби мероси ғанӣ будан аст ва зеҳну ахлоқ мавҷудияти ӯст. Миллат метавонад зиндагии муштараки худро идома диҳад ба ибораи дигар, агар хоҳад, метавонад арзишҳои меросиеро, ки ба шакли як маҷмуъ ба мерос бурдааст, барои ҳаёти худ идома бахшад.

Он маъние, ки дарҳол ба мазраи тафаккур мерасад, ҳамин аст, ки огоҳӣ аз мероси ғании маънавӣ заминаи нерӯманди ҳувияти миллист. Бидуни пуштибонии анъанаҳои гузашта, решаҳои амиқи таърихӣ ва аслҳои фарҳангӣ миллат пойдор нахоҳад буд инҳо ҳама пайванд мегиранд ба яке аз шартҳои асосӣи ташаккул миллат, яъне худшиносӣ ҳамон гунае, ки барои инсон худро шинохтан муқаддимаи инсонияти ӯст, барои миллат низ худшиносӣ сарахбори маънавияташ аст.

Ҳамин тавр, худшиносӣ муҳимтарин рукни ҳастии маънавии ҳар умумияти одамонест, ки худро дар шакли миллат муаррифӣ мекунанд Чизе, ки дар муқобили он ҳамеша ҳузур дорад, дар ғафлат будан аст Яке аз сиёсатмадорони маъруфи рус Столипин дар асно андарзи пурмуҳтавое дорад: «Халқе, ки худшиносии миллӣ надорад, мисли киштзорест, ки дар он мардумони дигар дона мекоранд» [7, 45].

Асоси худшиносии миллӣ эътироф ва маърифати шоистаи фардҳост, ки дар ин мавзуъ таърихи мо намунаҳои пуршумор дорад.

Кулли гуфтугузори бузургони адаби мо дар ин мавзуъ такя мезанад ба ҳадиси маълуму маъруфи «ман арафа нафсҳу арафа раббуҳу» яъне «ҳар хештанро шинохт, офаридгоҳи худро ҳам хоҳад шинохт» адиби номвари рус Лев Николаевич Толстой низ ҳам мазмуни ин нуқтаи назар фармудае дорад: «Бузургтарин дониш худшиносист. То худро нашиносӣ, офаридагоратро низ нахоҳӣ шинохт» Шарти аввали хирадмандиву хирадсолорӣ маҳз хештаншиносӣ будааст. Дар ин асно мерасем ба ин натиҷа, метавон ҳамон умумияти одамонеро миллат гуфт, ки аз мероси ғановатманди гузашта огоҳу бархӯрдор ва сипари ҳимояташон ҳувияти миллӣ бошад.

Чун забон офаридаи тафаккур аст, тавассути он наметавон чизеро ифода кард, ки мансуби умум набошад. Забон ҷисми тафаккур аст. Яъне ҳар қадар тафаккур нерӯманд ва муқтадир бошад, забон низ ҳамон гуна мешавад. Ҳамон тавре ки фарҳанг либоси миллат аст, забон низ пероҳани зебои тафаккури миллист. Рушди забон ҳамвора ба тараққии тафаккур алоқадор аст ва баръакс, тафаккури фарогир боиси фарохтар шудани марзи забон хоҳад шуд.

Маҳсули тафаккури илмии бузургоне, чун Фирдавсӣ, Ибни Сино, Насираддини Тӯсӣ, Форобию Суҳравардӣ, Абӯрайҳонӣ, Берунӣ. Абӯбакри Розӣ то Аҳмади Донишу устод Садриддин Айнӣ маҳз тавассути забон шуҳраи хосу ом шудаанд ва ин гувоҳи он аст, ки забон ва тафаккур решапайванди ҳамдигаранд. Ба ҳукми аксиома аст, вақте ки мегӯем: танҳо забони қавӣ ва доиман дар ҳоли рушд метавонад бори тафаккури қавиро ба шона дошта бошад, дар акси ҳол вазъи номутаносибе домангири миллат хоҳад шуд Ҳамин хулосаро Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ, шахсияте, ки дунёи муосир бо ҳама кашфиёти ҳайратангези технологияш боз ҳам ниёзи ногузире ба таълимоти ахлоқияш дорад, хело зебо ифода кардааст, гуфтааст:

Эй бародар ту ҳамон андешаӣ,
Мобақӣ ту устухони решаӣ.
В-ар бувад андешаат гул, гулшанӣ,
В-ар бувад хоре, ту ҳамчун гулханӣ,

Донистани таърих унсури нахустини маърифати ҳама гуна аслу бунёд аст, надонистани он ба қавли олими маъруфи Рими бостон Марк Туллий Ситсерон, як умр тифл мондан аст. Таърих ҳамон вақт зинда мегардад, ки ба инъкоси ҳолати рӯҳӣ, табдил ёбад гузаштаро чароғи роҳи оянда донистан ба ҳамин маъност.Таърихи ба қавли устод Айнӣ, қавми муазззами тоҷик, таърихи ташаккулу таҳаввул ва дар миёнаҳо гоҳе илму фарҳанг ва сиёсати ин миллат ҳам будааст. Сабақ гирифтан аз таърихи пуршебу фарози панҷҳазорсолаи ҳастии моддию маънавии миллати тоҷик ҳоло яке аз рукнҳои сиёсати давлатдории миллӣ эътироф шудааст.

Хеле аз анъанаҳои таърихию сиёсии давлатдориҳои қадима дар сохтори имрӯзаи кишвардорӣ амалӣ мешаванд, барои мисол, мулоқоту машваратҳои ҳамасолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арафаи Наврӯз бо аҳли зиёи мамлакат аз боби рехтани тарҳҳои нав дар соҳоти илму ҳунар, тарбияти мардум, инкишофи адабу ҳунар, ва ғайра. Даҳҳо рисолаи сиёсиву ахлоқимазмуни бузургони пешини мо, аз қабили осори гаронмояи Низомулмулк, ибни Сино, Абӯмуҳаммади Ғазолӣ, Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва дигарон дар пешбурди сиёсат мавриди истифода қарор мегиранд. Таълимоти Ғаззолӣ дар мавриди ризояту муттафиқии ҷомеа дар пояи ба эътибор гирифтани манфиату талаботи ҳама қишрҳои мардум ифодаи возеҳи ҳамон принсипи давлатдории имрӯза аст, ки таносуби аҳдофи иҷтимоӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ унвон гирифтааст.

Бунёди маънавиӣ доштани давлати Тоҷикистон, бешубҳа, мероси ҳамон давлатдориҳои қаблазисломии ориёист. Ҳанӯз дар асотири шоҳ Ҷамшед (ҳазораи III - II -и пеш аз милод) яке аз усулҳои бунёдии давлатдорӣ масъулияти давлат назди омма ва баръакс, масъулияти шахсият назди давлат буд, ки ин асл дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон равшан ифода ёфтааст.

Давлати маънавибунёд будани Тоҷикистон мерос аз пешинаҳост як мисол: ҳанӯз дар «Авасто» ҳуқуқи кӯдаки дар батни модар буда ҳамчун субъекти мустақил эътироф мешуд.

1. Мусаллам аст, ки фарзандон пеш аз ҳама дар оила ҳамчун шахсият ташаккул меёбад ва барандаи фаъолияти иҷтимоӣ инсонӣ мегарданд. Ба андешаи психологи машҳури рус Э.В Илянков: «Шахс худро дар он вақт ва дар он ҷойе ошкор месозад, ки агар ӯ дар амалҳои худ ва дар натиҷаҳои амалҳои худ натиҷаҳои амалҳои дигар афродро инъкос намояд ва инро натиҷаи умумӣ ё худ фоидаю манфиати умумӣ меноманд» [2, 2].

Ваҳдати миллӣ, пеш аз ҳама, ягонагии тамоми кишвар, ниҳод ва нерӯҳоеро дар назар дорад, ки дар ҳудуди зисти ин ё он миллат фаъолият менамояд. Зарур ба таъкид аст, ки дар зери мафҳуми «миллат» бояд танҳо ягонагии этникӣ, яъне ваҳдати танҳо тоҷикон фаҳмида нашавад, балки ваҳдати тамоми сокинони кишвар, новобаста аз мансубияти милллию динӣ дар назар дошта шавад.

Ваҳдати миллӣ, ба таври дигар, афзал донистани манфиатҳои миллӣ аз манфиатҳои шахсӣ, ё гурӯҳӣ ва монанди инҳост. Аз нигоҳ, ваҳдати миллӣ, тарзи ҳастии миллат ба шумор меравад ба андешаи мо, чанд омил мавҷуд аст, ки Ваҳдати миллиро, бахусус барои аҳли кишвари мо дучанд муҳим сохта, онро арзиши мутлақ мегардонад, ин омилҳоро метавонад ба ду қисм-хориҷӣ ва дохилӣ ҷудо намуд.

Бо тавақуҳ ба ин таҳлилу баррасии вазъияти илми педагогика нишон медиҳад, ки рӯз аз рӯз ба ин илм ниёзҳо меафзояд ва дар ҳаллу фасли масоили иҷтимоию фарҳангӣ босазо мегузорад.

Маориф дар даҳсолаи дуюми қарни XXI ба захираи муҳимтарини рушди иқтисоди иҷтимоии кишварҳо, баланд бардоштани некӯаҳволӣ ва рушду такомули инфиродии шаҳрвандон мубаддал гардидааст.

Дар замони муосир рушди ҷомеа, таъмини амнияти ҷамъият ва давлат сифати зиндагии мардум, расидан ба сатҳи рушди устувори маориф, ташкили ҷараёни мураттабу босифати таълиму тарбияи хонандагону донишҷӯён, ҷомеа, хулоса - аз сатҳи саводнокии миллат вобаста аст.

Гузашта аз ин, асри XXI асри пешрафти босуръати илму техника ва технология, зуҳури самтҳои нави илм ва дар маҷмуъ, таҳавулоти ҷидии илмиву техникӣ буда, ҳадафи асосӣ гузариши илму маориф, фарҳанг ва иқтисодиёт ба рушди инноватсионии тараққиёт технологияи нави таълим арзёбӣ мегардад.

Новобаста ба таълими фаннҳои мухталиф тарбияи инсон ва ҳидояти наврасону ҷавонон дар ҷодаи ҳаётӣ ба сӯйи арзишҳои олии инсонӣ будааст. Аз ин рӯ, ҳамеша чӣ дар гузашта ва чи имрӯз омӯзгоро ҳидоятгари ҷомеа, мураббии инсон,тарбиятгар ва раҳнамои ҳаёт унвон кардаанд ва бар ҳамин асос аст,ки фалсафаи бидуни роҳкушоии омӯзгор имконнопазир будани ташаккули инсонро бузургони мо таргиб кардаанд. Ин ҳикмат ба фаровонӣ дар андешаҳои ниёгони шарафманди мо таблиғ шудааст.

Тарбияи хештаншиносӣ - ин фалсафаи инсоншиносӣ ва инсонгаройиро дар меҳвари фаъолиятҳои касбӣ омӯхтан аст. Асосу пояи илму маърифат аз бехтарин падидаҳои ахлоқи ҳасанаи инсонӣ баҳравар гардидан аст, ки хонандагон тавонанд онҳоро дар такмили фазилатҳои неки минбаъдаи хеш истифода намоянд.

АДАБИЁТ:

2. Альшевская Л. А. Формирование национального самосознания старшеклассников в учебно-воспитательной работе школы: Дис.канд.пед.наук /Л. А. Альшевская. – Минск, 1993. - 185 с.
3. Бороноев А.О. Национальное самосознание и его структура // Учен. зап. Псков, пед. ин-та/ А.О. Бороноев.- 1968. - Вып. 37. - С. 82-90.
4. Ильенков Э. В. Личность и творчество. — М., 1999. — С. 9.
5. Консепсияи миллии тарбия дар ҷумҳурии тоҷикистон (аз 3 марти соли 2006, №94).
6. Лутфуллоев М. Тулӯи хуршеди истиқлол ва масъалаҳои тарбия. – Душанбе, 2016. – 179 с.
7. Нурматов С. Национальное самосознание: сущность, типы и тенденции их развития: Дис. канд. филос. Наук / С. Нурматов.–Ташкент, 1979. - 166 с.
8. Очиров Г.Д. Формирование национального самосознания младших школьников: Дис. канд. филос. Наук / Г.Д. Очиров. – Улан-Удэ, 2000. - 144 с.
9. Паёми Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 26.01.2021.
10. Столыпин А. С. Им нужны великие потрясения, - заканчивает, - а нам нужна великая Россия» // газета «Русское слово», 24 мая 1907 года // pravda.ru, 24 мая 2008.
11. Сипатова М.В. Особенности формирования национального самосознания / М.В. Сипатова // Актуальные вопросы теории и практики в социологии: Материалы I Моск. гор. конф. аспирантов-социологов. –Москва, апр. 1989 г.: В 2 ч. М., 1989. - Ч. 2. - С. 39-41.

12. Чамата П.Р. К вопросу о генезисе самосознания личности // Проблемы сознания: Материалы симпоз., март-апр. / П.Р.Чамата, 1966 г. –М., 1966. - С. 228-240.
13. Рахмонов Э. Ш. Молодёж-будушее нации. – Душанбе, - 1993. – 92 с.
14. Раҳмонов Э. Ш. Чеҳраҳои мондагор. – Душанбе: Эг-граф, - 2016. – 364 с.
15. Whitney E. Writing Poetry with Science Content / E.Whitney, Teachwriting.org 2017.

Истифода аз захираи интернет:
1.http://toj.today.tj/tajikistan/culture/
2.https://www.dissercat.com/content/
3.https://www.teachwriting.org/
4.http://nauka-pedagogika.com/pedagogika-13-00-02/

ТАРБИЯИ НАСЛИ НАВРАС ДАР РӮҲИЯИ ХЕШТАНШИНОСӢ

Худшиносии миллӣ унсури асосии сохтори шахсият мебошад, ки огоҳии мансубият ба ягон миллат, мавқеи шахс дар ин ҷомеа ва системаи муносибатҳои иҷтимоӣ, фаҳмиши манфиатҳои миллӣ ва муносибатҳои ин миллатро бо дигарон муайян мекунад.

Аҳамияти ташаккули ҳувияти миллии хонандагон ҳам ҷанбаи сиёсию иҷтимоӣ ва ҳам маданию фарҳангиро дорад. Ин синну сол даврааст дар ташаккули шахсият, ки дар шуури хонанда заминаи сифатҳои шаҳрвандӣ гузошта мешавад, эҳтиром ба одамон, фаҳмиш ва дарки атрофиён, сарфи назар аз пайдоиши иҷтимоӣ, миллат, забон ва дин омӯзонида мешавад.

Муаллифон дар мақола оиди дар рӯҳияи худшиносиву худогоҳӣ, эҳтиром ба ватан ва ба арзишҳои милливу умуми башарӣ таълим додану тарбия кардани хонандагон, ҳамчунин, ҳуқуқу манфиятҳои қонунии онҳо таҳқиқот бурдаанд, ки барои ба ҳаёти мустақилона омода намудани онҳо мусоидат менамояд. Тарбия ва таълими насли наврас раванди ниҳоят масъулиятнок ва ҷиддӣ буда, тақдири насли ояндаи ҷомеа аз сифати он вобаста аст.

Калидвожаҳо: *худшиносӣ, худогоҳӣ, ватандӯстӣ, таълим, омӯзиш, таълим, омӯзгор.*

ВОСПИТАНИЕ ПОДРАСТАЮЩЕГО ПОКОЛЕНИЯ В ДУХЕ САМОПОЗНАНИЯ

Национальное самосознание является основным элементом структуры личности, определяющим осознание принадлежности к определенной нации, положения человека в этом обществе и системе общественных отношений, понимание национальных интересов и отношений этой нации с другие.

Важность формирования национальной идентичности студенческой молодежи имеет как политический и социальный, так и культурно-культурный аспект. Этот возраст является периодом в становлении личности, в котором в сознании читателя закладывается фундамент гражданских качеств, прививается уважение к людям, взаимопонимание и понимание других, независимо от социального происхождения, национальности, языка и вероисповедания. .

В статье авторы изучали в духе самопознания и благочестия, уважения к Родине и национальным и общечеловеческим ценностям, а также их законным правам и интересам, что помогает подготовить их к самостоятельной жизни. Воспитание и воспитание подрастающего поколения – очень ответственный и серьезный процесс, и от его качества зависит судьба подрастающего поколения общества.

Ключевые слова: *самосознание, искусство, патриотизм, воспитание, обучение, воспитание, педагог.*

EDUCATION OF THE RISING GENERATION IN THE SPIRIT OF SELF-KNOWLEDGE

National self-consciousness is the main element of the personality structure, which determines the awareness of belonging to a particular nation, the position of a person in this society and the system of social relations, understanding of national interests and relations of this nation with others.

The importance of forming the national identity of student youth has both a political and social, as well as a cultural and cultural aspect. This age is a period in the formation of a person, in which the foundation of civic qualities is laid in the mind of the reader, respect for people, mutual understanding and understanding of others, regardless of social origin, nationality, language and religion, is instilled. .

In the article, the authors studied in the spirit of self-knowledge and piety, respect for the Motherland and national and universal values, as well as their legitimate rights and interests, which helps to prepare them for an independent life. The upbringing and upbringing of the younger generation is a very responsible and serious process, and the fate of the younger generation of society depends on its quality.

Key words: *self-consciousness, art, patriotism, education, training, education, teacher.*

Маълумот дар бораи муаллифон: Шаҳлои Абдуализодаи Тоҳириён – номзади илмҳои филология. Мудири шуъбаи фанҳои филологияи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. Тел.: + 992 884 088 123, e-mail: Shahlo_vak @mail.ru.

Шарифова Санавбар - ходими калони илмии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**,** адрес: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони С. Айни, 126.

Сведения об авторах: Шахлои Абдуализодаи Тохириён – кандидат филологических наук, заведующий отделом филологических дисциплин Института развития образования имени Абдурахман Джами Академии образования Таджикистана. Тел.: + 992 884 088 123, e-mail: Shahlo_vak @mail.ru.

Шарифова Санавбар – научный сотрудник Института развития образования имени Абдурахмона Джоми Академии образования Таджикистана, адрес: 734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. С.Айни, 126.

Information about authors: Shakhloi Abdualisodai Tokhiriyon – Candidate of Philological Sciences. Head of the Philology Department of the Institute of Educational Development named after Abdurakhman Jomi of the Academy of Education of Tajikistan. Phone: + 992 884 088 123, e-mail: Shahlo_vak @mail.ru.

Sharipova Sanavbar - Researcher, Institute for the Development of Education named after Abdurahmon Jomi, Academy of Education of Tajikistan, address: 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. S. Aini, 126.

АБДУЛОВ Ҷ.

КОРКАРД ВА ТАТБИҚИ ШАРТҲОИ ТАЪМИНКУНАНДАИ САМАРАНОКИИ ТАШАККУЛИ МАВҚЕИ ШАҲРВАНДИИ НАВРАСОНУ ҶАВОНОН ДАР ЗАМИНАИ ОСОРХОНАҲОИ МАКТАБӢ

Истиқлолият барои рушди тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа заминаи воқеӣ гузошт. Маҳз истиқлолият буд, ки мо ба мероси таърихиву фарҳангии миллати хеш боз наздиктар шавем ва онро дақиқназарона мавриди омӯзишу истифода қарор диҳем.

Яке аз вазифаҳои асосӣ ҳоло дар кишвари соҳибистиқлоламон дар шуури ҷавонон бедор кардани ҳисси ватанпарастӣ, ватандустӣ ва ҳисси мавқеи шаҳрвандӣ ба ҳисоб меравад. Осорхонаҳои мактабӣ дар ин кор саҳми муносиб гузошта метавонанд.

Тарғибу ташвиқи осори таърихию фарҳангӣ аз муҳимтарин вазифаҳои осорхона мебошад. Мероси фарҳангӣ ҳамчун баёнгари руҳи миллӣ, расму оин ва хотираи таърихӣ дар тарбия ва ташаккули шуур, ҳисси ватандӯстӣ ва худшиносии миллӣ нақши муҳим дорад. Дар ин робита, муассисаҳои фарҳангӣ ҳамчун институтҳои иҷтимоӣ саҳм гирифта, барои аз як насл ба насли дигар интиқол додани арзишҳои миллӣ мусоидат менамоянд. Дар ин радиф, осорхонаҳо мавқеи хоса доранд.

Барои ба низоми нави рушд ворид шудани осорхонаҳо, қабл аз ҳама, қабул шудани асноди ҳуқуқию меъёрӣ шароитҳои заруриро фароҳам овард. Ҳалли бештари масоили марбут ба рушду такмили осорхонаҳо инъкоси воқеии худро дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг» (с.1997) пайдо кардаанд. Қонуни мазкур барои сифатан беҳтар намудани ҳифзу нигоҳдории сарватҳои фарҳангӣ ва мавриди омӯзишу тарғиб қарор додани онҳо мусоидат мекунад.

Дар руҳияи инсондӯстӣ, ватанпарварӣ, бунёдкорӣ, сулҳхоҳӣ, илмомӯзӣ, некахлоқӣ, худшиносӣ, ҳифзи осори фарҳангӣ, моддию маънавии ниёгон ва дигар ахлоқи ҳамида тарбия намудани насли наврас яке аз нақшаҳои умдаи фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад ва вобаста ба ин, мақоми осорхонаҳо дар амалӣ шудани ин нақшаҳои тақдирсоз аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дарк ва бо ин мақсад такмилу таҳкими минбаъдаи фаъолияти осорхонаҳо дастгирӣ меёбад. Аз ин ҷост, ки солҳои охир ба фаъолияти осорхонаҳо дар сатҳи давлатӣ аҳамият дода мешавад.

Дар навбати худ осорхонаҳо вазифадоранд, ки дар пешбурд ва амалӣ намудани сиёсати фарҳангии ҳукумат бештар саҳмгузор бошанд.

Рисолати азалии осорхона гирдоварӣ, омӯзиш, ҳифзу тарғиби ёдгориҳои таърихӣ, таҳқиқи осори фарҳанги моддию маънавӣ ва иҷтимоии инсонҳо дар даврaҳои гуногун мебошад. Дар ҳақиқат, осорхона ҳамчун муассисаи махсуси фарҳангӣ дар ҷомеа дорои аҳамияти бузург мебошад.

Осорхона дар пешрафти таълиму тарбия ва инкишофи ҷаҳонбинии ҷавонон кумаки амалӣ мерасонад. Ба омӯзгори фанни таърих ва омӯзгорони дигар фанҳо имконият медиҳад, ки аз бозёфтҳо (нигораҳо) ва гӯшаҳои осорхонаҳо дар дарсҳои худ ҳамчун аёният истифода намоянд.

Осорхонаи маориф маркази маърифатие мебошад, ки дар он осори гузаштаю имрӯзаи маорифи Тоҷикистон маҳфуз аст.

Осорхонаи маориф соли 1960 бо ташаббуси яке аз собиқадорони маориф, мактабшиноси боистеъдод, устоди касби худ Аҳмад Раҳимзода ва Вазорати маориф ташкил карда шудааст. Мавсуф аввалин сарвари осорхона ба шумор мерафт. Осорхонаи маорифи ҷумҳуриявӣ то соли 1996 ҳамчун муассисаи алоҳида амал мекард. Аз моҳи майи соли 1996 ҳамчун шуъба дар назди Иниститути педагогӣ амал кард. Пас аз таъсисёбии Академияи илмҳои педагогӣ (ПРМ ба номи А.Ҷомӣ) яъне аз соли 2002 инҷониб Осорхонаи маориф зерсохтори Академияи таҳсилоти Тоҷикистон табдил дода шуд. Осорхона дар ташкил намудани осорхонаҳои мактабӣ, ҷамъоварии маводи зарурӣ барои ба тартибдарорӣ ва ҷобаҷогузории нигораҳои осорхона, ташвиқу тарғиби таҷрибаи пешқадами педагог саҳмгузор аст.

Барои тарғиби таҷрибаи педагогии пешқадам як қатор корҳои зарурӣ ба ҷо оварда мешаванд.

Дар Осорхонаи маориф ба кори таҷрибаи пешқадам ва омӯзгорони навовар диққати ҷиддӣ дода мешавад. Барои мустаҳакам намудани заминаҳои иҷтимоию педагогӣ ва бо маводи зарурӣ ба таври мукаммал таъмин намудани осорхона кормандони илмии он бо шуъбаҳои маорифи ноҳияю шаҳрҳои ҷумҳуриамон алоқаи зич доранд.

Осорхона дар давоми мавҷудияти худ ҳуҷҷатҳои зиёди нодир, амсилаҳо, аксҳоеро, ки марҳилаҳои тараққиёту рушди маорифро инъикос менамоянд, гирд овардааст. Кормандони илмии осорхона бо гурӯҳҳои беҳтарини педагогӣ алоқаи зич барқарор намуда, ҳуҷҷатҳои ба даст овардаро таҳлили илмӣ намуда, кору сохтори маорифро ба таври бояду шояд ба омма мефаҳмонанд.

Яке аз корҳои асосии осорхона ташкил ва гузаронидани намоишҳои педагогии назариявӣ мебошад. Осорхона ба омӯзгорон, кормандони муассисаҳои томактабӣ, донишҷӯён баҳри омӯхтани таърихи маорифи халқ ёрии беғаразона мерасонад. Ҳар сол ба осорхона зиёда аз ҳазор нафар меҳмон ташриф меоранд, ки як қисми онҳо меҳмонони хориҷӣ буда, дар китоби сабтҳо фикру дархостҳо, хулоса ва таассуроти худро дар бораи фаъолияти осорхона ва ходимони илмии он қайд менамоянд.

Дар рафти фаъолият, таҳлил ва мушоҳида намудани кори Осорхонаи маориф, ва осорхонаҳои мактабӣ ҳангоми сафарҳои хидматӣ ҳамчун объекти мушоҳида қарор мегиранд. Корманди илмии осорхона вазифадор аст, ки ба ҷавонони имрӯза паҳлӯҳои гуногуни кори осорхона ва аҳамияти тарбиявӣ доштани нигораҳои онро шарҳ диҳад. Ҳар як суҳбату вохӯрӣ дар осорхона бояд чунон ба роҳ монда шавад, ки ҷавонон аз ин вохӯриҳо баҳравар гарданд, доираи ҷаҳонбинии худро васеъ намоянд, сатҳи маънавиёти худро баланд бардоранд.

Ҳамзамон, ёдрас бояд шуд, ки Осорхонаи маориф аввалин осорхона дар Осиёи Миёна мебошад. Ҳамин гуна Осорхонаи маориф дар шаҳри Ашқободи Ҷумҳурии Қазоқистон ҳам мавҷуд аст.

Президенти кишварамон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар хусуси арзишҳои таърихии халқамон чунин иброз намудаанд: «Омӯхтани таърихи халқамон танҳо ба хотири донистани гузашта нест, балки он дурнамоест, ки роҳи ояндаи миллат ва пешомадҳои давлатдориро равшан намуда, барои худогоҳии миллӣ, ваҳдату ягонагӣ ва рушду такомули таърихи наслҳои оянда хизмат мекунад».

Дар Осорхонаи маориф, ки нигораҳои зиёди нодиру ҷолиби диққат вуҷуд дорад. Амсилаҳои «Мактаби кӯҳна» «Мадраса», асбобҳои хатнависии асрҳои 18-19, «Фалоқ» - асбоби ҷазодиҳӣ, ки дар мактабҳои замони амирӣ истифода мешуд, китобҳои Хоҷа Ҳофиз, Бедил, Фузулӣ ва ғайра, ки бо ҳуруфоти арабӣ навишта шудаанд ва аз рӯи онҳо дар мадрасаҳои Самарқанду Бухоро ва Ҳисори бостон дарс мегуфтанд, нигоҳ дошта мешавад. Ҳамзамон, дастурҳое бо ҳуруфоти лотинӣ низ гирд оварда шудаанд.

Дар бораи фаъолияти аввалин омӯзгороне, ки бар зидди маҳви бесаводӣ, барои барқарор намудани ҳаёти нав мубориза бурдаанд, инчунин, доир ба маҳфилҳои омӯзишӣ, ки дар он занону духтарон савод меомӯхтанд, маълумот ва маводи зиёде ҷамъ оварда шудаанд. Расму ҳуҷҷатҳои дигар аз таърихи ташкилшавии аввалин мактабе, ки дар ковокии дарахти Чинор ҷойгир шуда буд (июли 1920), аз кушодашавии яке аз аввалин мактабҳо дар шаҳри Душанбе (соли 1920) шаҳодат медиҳанд, ки ба тариқи ҳашар мактабро аз лой сохтаанд, ки барои хонандагону донишҷӯён ин ҳам сабақест ҳаст ва ҳам намунаи дар кадом сатҳ илм омӯхтани фарзандони меҳнаткашон.

Ба монанди ин дигар нигораҳои нодиру ҷолиб ва аҳамияти тарбиявидошта, ки аз тамошои чунин нигораҳо ҳисси ватандӯстӣ ва хештаншиносии насли наврас зиёдтар

мегардад, дар Осорхонаи маориф мавҷуданд. Инчунин, ҳар бинандае, ки тарҳ (қолаб) – и манзараи қатли аввалин муаллимаҳоро дар Ҳоит, ки 1-уми апрели соли 1929 ба вуқуъ омадааст ва ба кӯшишу заҳмати хонандагони мактаби №20, бо сарварии омӯзгор Ф.Г. Фролов омода карда шудааст, таҳсин мегӯянд. «Кишти» ҳам офаридаи дасти хонандагону муаллимон мебошад.

Осорхонаи Маорифи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон махзани илму маърифат мебошад. Ҳар бинанандае, ки ба ин ҷо ташриф меорад, аз дидани ин макони фарҳангӣ ғизои маънавӣ гирифта, ба дигарон низ тавсия медиҳад, ки аз ин осорхона дидан намоянд. Инчунин, дар осорхона вохурӣ бо муаллифони китобҳои дарсӣ, конфронсу семинарҳо баргузор мегардад.

Дар навбати худ, осорхона даргоҳи олами гузашта аст, ки риштаи рузгорон, талошу ҷустуҷӯҳои одамон баҳри такомули ақлу хирадро бо ҳам мепайванданд.

Ҷунин осорхонаҳо дар бисёре аз муассисаҳои таълимии шаҳру навоҳӣ ташкил карда шудааст. Аз ҷумла, МТМУ № 54 – и ноҳияи Сино Осорхонаи адабии ҳаёт ва фаъолияти шоири тоҷик, шодравон Лоиқ Шералӣ бо номи «Ошёни меҳр» унвон гирифтааст. Дари «Ошёни меҳр» бо як тантанаи пуршукуҳ 20 майи соли 2004 бо иштироки адибони илму фарҳанги тоҷик боз гардида, ба фаъолияти ҳамарузаи худ оғоз намуд. (Китоби фахрии осорхона замима мегардад).

Осорхона натанҳо як ҷойи тамошост, балки макони омузишу таълиму тарбияи насли наврас аст. Дари ин осорхона ба руйи ҳаводорони шеъри ноби тоҷикӣ ҳаводорони адабиёти ғаннии мо ҳамеша боз аст. Ба ин ҷо аз дигар мактабҳо хонандагону омӯзгорон ва донишҷуёни макотибҳои олӣ ҷамъ омада шеърхонӣ менамоянд. Ҷамъомадҳо, вохуриҳо дарсҳои кушод гузаронида мешавад.

Хулоса бояд тарбияи насли навро аз сабақи таърих оғоз намоем, ки дар оянда мактаббачаи худогоҳ дорои тафаккури баланд ва ҷаҳонбинии васеъ, соҳибистеъдод ва бо фазлу донишманд ба воя расанд.

Осорхонаи мактабӣ дар тарбияи хонандагони мактаб саҳми мондагоро мегузорад.

АДАБИЁТ:

1.Музейная педагогика: Междисциплинарные диалоги / Первая тетрадь. – СПб, 1998. – 302 с.
2.Морозова А.Н. Музейная педагогика: Из опыта методической работы / А.Н. Морозова. – М.: ТЦ Сфера, 2006. – 209 с
3.Мизробзода М. Осорхонаи мактабӣ – воситаи рушди маърифатии хонандагон душанбе – 2018. – 143с.
4.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи осорхонаҳо ва фонди осорхонаҳо». Садои мардум. №86-89. 06.07.2012
5.Саодати А. Осорхона - махзани тарбия Душанбе – 2011.- 5,7с.

КОРКАРД ВА ТАТБИҚИ ШАРТҲОИ ТАЪМИНКУНАНДАИ САМАРАНОКИИ ТАШАККУЛИ МАВҚЕИ ШАҲРВАНДИИ НАВРАСОНУ ҶАВОНОН ДАР ЗАМИНАИ ОСОРХОНАҲОИ МАКТАБӢ

Тарғибу ташвиқи осори таърихию фарҳангӣ яке аз самтҳои муҳимтарини осорхона маҳсуб меёбад. Мероси фарҳангӣ ҳамчун баёнгари руҳи миллӣ, расму оин ва хотираи таърихӣ дар тарбия ва ташаккули шуур, ҳисси ватандӯстӣ ва худшиносии миллӣ нақши муҳим доранд, ишора менамояд муаллиф. Дар ин робита, муассисаҳои фарҳангӣ ҳамчун институтҳои иҷтимоӣ саҳм гирифта, барои аз як насл ба насли дигар интиқол додани арзишҳои миллӣ мусоидат менамоянд. Дар ин радиф, осорхонаҳо мавқеи хоса доранд.

Вожаҳои асосӣ: *илм, фарҳанг, педагогика, ватандӯстӣ, тарбия, осорхона, омӯзгор, хонанда, касб*

РАЗРАБОТКА И РЕАЛИЗАЦИЯ УСЛОВИЙ, ОБЕСПЕЧИВАЮЩИХ ЭФФЕКТИВНУЮ ОРГАНИЗАЦИЮ ГРАЖДАНСКОЙ ПОЗИЦИИ МОЛОДЕЖИ В ШКОЛЬНЫХ МУЗЕЯХ

Популяризация историко-культурных артефактов – одна из важнейших задач музея. Как отмечает автор статьи, культурное наследие как выражение национального духа, обрядов и исторической памяти играет важную роль в воспитании и формировании сознания, чувства патриотизма и национального самосознания. В связи с этим учреждения культуры участвуют в качестве социальных институтов и способствуют передаче национальных ценностей от одного поколения к другому. В этом отношении особое место занимают музеи.

Ключевые слова: *наука, образование, педагогика, патриотизм, воспитание, музей, учитель, учащиеся, профессия.*

DEVELOPMENT AND IMPLEMENTATION OF CONDITIONS TO ENSURE THE EFFECTIVE ORGANIZATION OF THE CIVIC STAND OF YOUTH IN SCHOOL MUSEUMS

Popularization of historical and cultural artifacts is one of the most important tasks of the museum. The author of the article notes that the cultural heritage as an expression of the national spirit, rituals and historical memory plays an important role in the education and formation of consciousness, a sense of patriotism and national identity. In this regard, cultural institutions participate as social institutions and contribute to the transfer of national values from one generation to another. Museums occupy a special place in this respect.

Keywords: *science, education, pedagogy, patriotism, upbringing, museum, teacher, students, profession.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Абдулов Ҷ. – *ходими калони илмии Осорхонаи маорифи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Айнӣ – 126, E-mail: Jan-0988@mail.ru.* ***тел.:*** *+(992) 91 825 29 60.*

Сведения об авторе*:*Абдулов Дж. – старший научный сотрудник Музея образования Академии образования Таджикистана, г. Душанбе, ул. Айнӣ – 126, E-mail: Jan-0988@mail.ru. **тел.:** +(992) 91 825 29 60.

Information about the author: Abdulov J. - Senior Researcher of the Museum of Education of the Academy of Education of Tajikistan, Dushanbe, Aini st - 126 E-mail: Jan-0988@mail.ru. тел.: +(992) 91 825 29 60.

РАМАЗОНОВ Д.

САТҲИ КАСБӢ ВА МАҲОРАТИ МУАЛЛИМИ МУСИҚӢ ДАР ТАШАККУЛИ ҲИССИЁТИ АХЛОҚИЮ ЗЕБОИПАРАСТИИ КӮДАКОНИ СИННИ ТОМАКТАБӢ

Касби омӯзгорӣ, моҳиятан мураккаб ва гуногунҷабҳа буда, дар назди роҳбари мусиқӣ вобаста ба омилҳои гуногуни хусусияти фарҳангӣ, таърихӣ, таълимидошта талаботи зиёдро пеш мегузорад. Такмили ҷанбаҳои гуногуни низоми ягонаи фаъолияти омӯзгорӣ аз роҳбари мусиқӣ дониш, малака ва малакаҳои махсусро талаб менамояд ва ин дар навбати худ, боиси рушди қобилиятҳои педагогӣ ва аз худкунии маҳорати педагогӣ мегардад.

Амалияи педагогию психологӣ исбот намудааст, ки дар соҳаи таълими мусиқӣ маънои салоҳияти баланди касбӣ ва малакаи методиро тақозо менамояд. Бештари муҳаққиқони соҳа таъкид менамоянд, ки роҳбари мусиқӣ дар ҳама асбобҳо маҳорати хуби иҷрокунандагӣ дошта бошанду, таърих ва назарияи фанни мусиқиро донанд ва аз нозукиҳои солфеҷио, гармония ва фортепиано бохабар бошанд.

Роҳбари мусиқӣ барои роҳ ёфтан ба дили шогирдони хурдсолаш бояд се усули асосиро, ки психология, нишонаҳо ва хусусиятҳои фаъолияти одамро меомӯзад ва ё комилан аз худ намояд. Усули аввал мушоҳида аст, ки дар он диққат на ба таҷрибаҳои субъективии кӯдак, балки ба таҳлили амалҳои мушаххаси ӯ равона карда мешавад. Мураббӣ бо роҳбари мусиқӣ хислатҳои психологии кӯдаконро муайян карда, имкон пайдо мекунанд, ки бо интихоби роҳҳои таъсирбахш мавзуъҳоро ба онҳо омӯзонанд.

Усули дигаре, ки то андозаи муайян, бо мушоҳида алоқаманд аст, суҳбат мебошад. Суҳбати амалан аз худи оғозаш хуб фикр карда шуда имконият медиҳад, ки маълумоти заруриро ҷамъ оварда, дурустӣ ё хатогии хулосаҳо тавассути мушоҳидаҳои ба даст омада муайян карда шавад. Ин дурнамои рушд барои ба даст овардани робитаи наздики роҳбари мусиқӣ ва кудак кӯмак мерасонад. Самаранокии ин усул бо истифодаи қудрати фавқулодаи ибораю суханҳои зуд ба дил роҳёбанда алоқамандӣ дорад.

Усули дигар, ки барои роҳбари мусиқӣ хеле муҳим ба шумор меравад, ин методи озмоиш мебошад. Методи озмоиш ба маҳсули мушоҳидаҳо равшанӣ андохта, тавассути суҳбат имкон пайдо мекунад, ки падидаҳои омӯхташаванда натанҳо ба баён кардани хусусиятҳои сифатҳои онҳо маҳдуд нашуда, балки онҳо услубан асоснок кунонида шаванд. Донистани ин усулҳо барои мураббӣ ва роҳбари мусиқӣ яке аз вазифаҳои аввалиндараҷа ба шумор меравад.

Роҳбари мусиқӣ на танҳо хислатҳои хуби инсонӣ, балки дорои дониш, маҳорат ва малакаҳои дарки мусиқӣ бошад. Дар байни чунин малакаҳо доштани сифатҳои созандагӣ, ташкилӣ, коммуникатсионӣ, гностикӣ, иттилоотӣ ва рушдёбанда ҷойи муҳимро ишғол менамоянд.

Тавассути ташаккул ва такмил додани донишу малакаҳои номбаршуда роҳбари мусиқӣ бояд:

- дар мундариҷаи донишҳои касбӣ ҷанбаҳое, ки барои кор бо кӯдакон махсусан муҳиманд, муайян кардан тавонад;

- ба ҳолатҳои ҷустуҷӯӣ, ки муносибати эҷодиро ба ҳалли масъалаҳои педагогӣ талаб мекунанд, диққати бештар дода, онҳоро мақсаднок истифода бурда тавонад;

- воситаҳо ва усули гуногуни таълимро (усули мушкилотӣ-ҷустуҷӯйӣ, усули таъсири эҳсосӣ, усулҳои ҳавасмандгардонии далелӣ ва ғайра) васеъ истифода бурда тавонад;

- амалҳои педагогии худро доимо таҳлил ва арзёбӣ карда тавонад ва дар худ пайваста ҳисси худтанқидкуниро парварад;

- барои баланд бардоштани малакаҳои касбии худ, роҳбари мусиқӣ бояд ҳамеша ҳангоми дарёфти шаклҳо ва усули самараноки бунёди машғулияти мусиқӣ мавқеи таҳқиқотӣ дошта бошад.

Дар баробари ин, лозим ба таъкид аст, ки синтези сифатҳои иҷрокунандагӣ ва роҳбари мусиқӣ фавран рушд намекунад, зеро ин як раванди мураккаб, гуногунҷабҳа ва ҷараёни рушдкунанда мебошад, танҳо бо ин восита сифатҳои иҷрокунандагӣ инкишоф меёбад.

Шиносоии роҳбари мусиқӣ аз ҷумла пианинонавоз бо асосҳои таҳлил ба ӯ имкон медиҳад, ки ба дарки тасвири мусиқии асарҳо аз мавқеи ҳолати фарҳангӣ ва таърихи он аз наздик шинос шавад. Ин дониш бо дастовардҳои муосир дар соҳаи ақидаи илмӣ, яъне бо мусиқишиносӣ, психологияи мусиқӣ, семиотика, фарҳанг, эстетикаро робитаи зич дорад. Роҳбари мусиқӣ дар бораи ташаккули таърихи шаклҳои гуногуни мусиқӣ, донистани хусусиятҳои рушд ва сохтори хосси ҳар як шакли мусиқӣ ба кӯдакон маълумот медиҳад.

Барои ба даст овардани маҳорати касбӣ дар самти таълим, нозукиҳои санъати мусиқӣ азхуд кардани донишҳои марбут ба методҳои таълим хеле муҳим ва зарур мебошад. Омодагии мукаммали методӣ ба омӯзгор имконияти фарогирии донишҳоро оид ба қонуниятҳои психологию педагогии раванди таълиму тарбия муҳайё сохта, барои истифодабарии амалии методҳои пешрафта ва усули омӯзиш додани мусиқӣ ҳамеша дар ҳолатҳои зарурӣ ёрӣ медиҳад. Бо такя аз чунин шароит омӯзгор метавонад, натиҷаҳои эҳтимолии таъсиррасонии педагогиро ба хонанда нигобинӣ намуда, равандҳои ташаккули маҳорати иҷрокунандагии онҳоро назорат кунад. Барои мувафақ шудан ба чунин ҳадаф роҳбари мусиқӣ дар фаъолияти ҳамрӯзааш, ки аз ӯ бархурди инфиродиро нисбат ба ҳар як кӯдак талаб мекунад, бояд талаботҳои зеринро пайваста мадди назар дошта бошад:

- қобилияти дарки баланди нозукиҳои педагогикаи мусиқӣ санъати иҷрокунандагии мусиқиро дошта бошанд. Бо чунин қобилият ӯ метавонад амали иҷрокунандагии кӯдаконро натанҳо назорат, балки бо нишон додани мисоли дурусти амалӣ ислоҳ намояд. Амалияи пешбурди таълими санъати мусиқӣ дар муассисаҳои таълимию тарбиявии Тоҷикистон баъзан вақт нишон медиҳад, ки аз сабаби кам будани соатҳои таълимии ин фан иҷрои он ба зиммаи муаллимони ғайритахассусӣ гузошта мешавад ва ин таъсири манфӣ ба раванди машғулиятҳо мегузорад;

- роҳбари мусиқӣ бояд маҳорати хубӣ таҳлили усули гуногуни таълими инфиродии хонандагонро дошта бошад, зеро дар фарқият аз дигар фанҳо дар таълими санъати мусиқӣ, ба хусус маҳорати иҷрокунандагӣ, муаллим бо ҳар як кӯдак ба таври инфиродӣ кор мебарад;

- зимни машғулиятҳои инфиродӣ хусусияти кори инфиродиро бо ҳар як асбоби мусиқӣ бояд хуб донад, зеро истифодаи қолаби ягона дар ин маврид самараи хуб намедиҳад. Ин маҳорат дар навбати худ ҳисси зебоипарастии хонандагонро ноаён бемайлон амиқтар ташаккул медиҳад ва рағбати хонандагонро ба ёдгирии малакаи иҷрокунандагӣ дар асбобҳои гуногуни мусиқӣ бештар сайқал дода тарбияи ахлоқӣ инкишоф дода медиҳад.

Ҳамин тавр, донистани методикаи таълими инфиродӣ ба амиқсозӣ ва ба низом даровардани дониши назариявӣ ва методологӣ мусоидат намуда, тасаввуроти мусиқии кӯдаконро дар асоси таҳлили банду басти асарҳои мусиқӣ аз ҷониби роҳбари мусиқӣ инкишоф дода мешавад. Дараҷаи иҷрои инфиродии онҳоро аз ҷониби кӯдакон дар якҷоягӣ бо ҳалли мушаххаси масъалаи бадеӣ, иҷрои пурмазмун ва ифодакунанда, ташаккули қобилияти ягонании асари мусиқӣ мукаммал мекунад.

Натиҷаи фаъолияти роҳбари мусиқӣ зимни тарбияи кӯдакон ва ба онҳо омӯзонидани нозукиҳои касбӣ, ба мисли мураббиёни дигар соҳаҳои тахассус, барои оянда нигаронида шудааст. Саъю кушиши сарфкардаи ӯ на яку якбора, балки танҳо пас аз чанд вақт натиҷа дода метавонад.

Омили аз ҳама муҳимтарин дар фаъолияти касбии роҳбари мусиқӣ ин доштани маҳорати баланди педагогӣ, салоҳиятнокӣ, ташаббускорӣ, инчунин мавҷудияти донишҳои систематикӣ на танҳо дар соҳаи методикаи таълими мусиқӣ, балки дар соҳаи психология, фарҳангшиносӣ, ахлоқ, таърих ва дигар фанҳои гуманитарӣ мебошад. Танҳо чунин роҳбари

мусиқӣ метавонад шахси бо маърифат ва эҷодкорро тарбия намояд, зеро ин барои пешрафти кӯдакони Ҷумҳурии Тоҷикистон замина мегузорад.

Барои ба ин ҳадафҳо ноил омадан аз ҷониби роҳбари мусиқӣ бо кӯдакони хурдсол сарукор дошта интихоби усулҳои ғайрианъанавии таълим ба шумор меравад. Яке аз чунин усули ғайримаъмулии таълимии фанни мусиқӣ барои хурдсолон ин афсона-консерти мусиқӣ ҳамчун шакли ғайрианъанавии дарси ҷамъбастӣ ба шумор меравад. Тадриҷан дар байни роҳбарони мусиқӣ маҳбубият пайдо кардани ин усул аз он шаҳодат медиҳад, ки онҳо ҷавобгӯ ба тағйироти дар соҳаи маориф ба амал омада фаъолияташонро пурмазмун карда истодаанд. Зеро новобаста аз тағйироти дар соҳаи маориф ба амал омада муддати дароз соҳаи таълими мусиқӣ хеле консервативӣ боқӣ мемонд ва амалан аз навигариҳои технологӣ истифода бурда мешавад. Сабаби инро аз он вобаста медонистанд, ки педагогикаи санъат бо хусусияти фардии таълим, ки ба эҳсосот ва ҷаҳони маънавии кӯдак равона карда шудааст.

Таҳлили ҳолати ба вуҷуд омада мурабияро мутмаин месозад, ки такя кардан танҳо ба дарси анъанавӣ, ҳамчун шакли асосии ташкилии интиқоли дониш ва малака, роҳбари мусиқиро азимкони худамаликунии касбӣ-эҷодӣ маҳрум мекунад. Аммо шах шуда мондан дар қолаби як системаи "дастурамали тайёр", ки ба нуқтаи назари "Ман тавре таълим медиҳам, ки манро таълим доданд" такя мекунад, маъмулан самарабахшии худро натавонист пурра исбот намояд. Итминон пайдо шуд, ки танҳо дар сурати истифодаи ҳамаҷониба ва омӯзиши оптималии тамоми захираи усул ва шаклҳои муосири ташкили таълим метавон мувафақиятро ба даст овард.

Дар соҳаи педагогикаи мусиқӣ нақши афсона-консерти мусиқӣ ҳамчун шакли ғайрианъанавии дарс боз аз он ҷиҳат муҳим аст, ки роҳбари мусиқӣ бояд кӯдакони дорои сатҳи гуногуни қобилияти мусиқифаҳмӣ доштаро таълим диҳад. Дар ин мавриди масъалае пайдо мешавад, ки чӣ гуна ҳамаро бо далели муайян ҳавасманд кардан мумкин аст? Воқеан кӯдакон дар озмунҳо ва консертҳо ҳатто дар сатҳи шаҳрию, минтақавӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ҳам набошад, метавонанд ширкат варзанд, ки лаёқатмандтарин ва фаъолтаринашон бештар имконияти ғолиб омадан доранд. Чӣ гуна кӯдакони низ дар ин қатор баробар рағбаташонро зоҳир намоянд, ки роҳбари мусиқӣ онҳоро дастгирӣ ва шавқи онҳоро бедор намуда тавонад?

Барои ба ин ҳадаф расидан дар соҳаи таълими умумӣ ва мусиқӣ шаклу усули нави самарабахши таълим ҷустуҷӯ карда мешаванд. Саъю кӯшишҳо барои навигариҳо ва машғулиятҳои ғайрианъанавӣ дар таълим натиҷаҳои самараноки худро дода истодаанд. Амалия нишон медиҳад, ки шакл ва сохтори машғулият қатъӣ (догматикӣ) нест ва вобаста ба хусусиятҳои фардии кӯдакон, маводи таълимӣ, мақсад ва вазифаҳои ин марҳилаи таълим ва ғайра тағйир дода мешавад.

Ҷавоби ин саволро дар худи таърифи машғулияти инноватсионӣ ёфтан мумкин аст ва он ҳидоят менамояд, ки машғулияти инноватсионӣ ҳама гуна усули аслии аз ҷониби роҳбари мусиқӣ эҷодкорона ҷорӣ кардашуда мебошад. Ин тағйирот фарогирандаи мундариҷа, усул, воситаҳо ва ҳатто дар шакли ташкили машғулиятҳо мебошад. Ин ҳамчунин талоши фароҳам овардани муҳити эҷодӣ дар раванди таълим мебошад. Тавассути чунин муҳит ташкили фаъолияти дастаҷамъии кӯдакон дар якҷоягӣ бо фард ба даст меояд.

Зимни такя ба он соҳаҳои дониш, ки ба шавқи худи кӯдакон бештар алоқаманданд, ба вуҷуд меояд. Аз ҷумла жанри афсона барои кӯдакон бештар дастрас мебошад. Хусусан барои кӯдакони синни томактабӣ забони афсона наздик ва фаҳмо аст. Ин манбаъи тавоно барои дарки амиқи эҳсосӣ ва бошууронаи мусиқӣ, дарки маънои ифодаи забони он, қобилияти ифодаи таассуроти худ дар зуҳуроти гуногуни эҷодиёт мебошад.

Ҳамин тавр, зимни таҷрибаю мушоҳида, гузаронидани дарси консертӣ дар шакли афсонаи мусиқӣ расидем. Дастурамалӣ методии афсона- консерти мусиқӣ як шакли гузарондани аттестатсия мобайниро дар гурӯҳӣ калони томактабии бачагона санъатро ифода мекунад, ки метавонад шаклҳои анъанавии онро (машғулиятҳои ҷамъбастӣ ва назоратӣ, консертҳои академӣ) пурра кунад. Силсилаи дарсҳои "Афсона- мусиқӣ" мутобиқи тамоюлҳои ҷустуҷӯйи шаклҳои таъсирбахш ва навовари ташкили раванди кӯдакистон сохта шуда, бо мушкилоти актуалии рушди он дар муассисаҳои томактабӣ вобаста гардиданд.

Дар раванди чунин машғулиятҳо навъҳои гуногуни технологияҳои мусиқӣ, аз ҷумла видео, компютерҳо, воситаҳои нави мултимедиявӣ мумкин аст истифода шаванд. Дар чорабиниҳо гузарондани консерт ҳамчун асоси муҳими эҷоди мусиқӣ ҳифз карда мешавад, аммо на танҳо ва на он қадар зиёд "аттестатсия ва ҳисоботдиҳӣ" барои кӯдакони иҷрокунанда ба мадди аввал гузошта мешавад, мулоқоти идона бо мусиқӣ пешниҳод мегардад, эҷодиёти коллективӣ ва инфиродӣ, муошарати мусиқӣ ва ғайра ифшо дода

мешавад. Дар фазои идонаю дӯстона кӯдакон бо якдигар озодтар бозӣ мекунанд, барои баҳо додан ба сатҳи иҷрокунандагии якдигар имконият пайдо мекунанд.

Барномаи ҳунарии кӯдакони гурӯҳҳои интихобнамудаи мо бисёр мавзуъҳо, услубҳо, ифодаҳои бадеӣ, усули иҷрокунандагӣ ва асарҳоро дарбар мегирад. Асарҳои ба машғулияти консертӣ дохилшуда дар асоси сюжет ва мундариҷаи афсонаҳо сохта шудааст. Ҳангоми банақшагирӣ, омодасозӣ ва ташкили ин чорабиниҳо мо кӯшиш мекардем, ки дар гузаронидани дарсҳо аз куҳнапарастӣ ва зоҳирпарастии қолабиро тарк кунем ва чунин машғулиятро эҷодкорона пеша барем. Дар натиҷа ҳадафҳои зерини гузошташуда ба даст омаданд;

- ба таври ниҳоят зиёд тамоми кӯдакони гурӯҳро ба машғулиятҳои фаъол ба машғулият ҷалб намудан;

- дар асоси оҳангҳои эҳсосбарангез дар кӯдакон шавқу дилгармӣ ба машғулият ба вуҷуд овардан;

- дар раванди машғулият шарикшавии мусиқӣ ба ҳаяҷони кӯдакон фазои муносиби ҳамдигарфаҳмиро ба вуҷуд овардан;

-барои ташаккули муносибати якдигарфаҳмӣ холҳои ҳавасмандгардониро на танҳо ҳамчун воситаи натиҷавӣ, балки ҳамчун воситаи ташаккулдиҳанда низ истифода бурдан.

Чунин тарзи ташкили дарс омили тавонои афзоиши ҳавасмандии эҷодкорӣ гашта, дар ҷараёни он кӯдакон худро озод ҳис мекунанд, шиддатнокии психологӣ ва худканорагирӣ, ки одатан ба намоишҳои консертӣ хос аст, аз байн меравад. Кӯдакон акнун на танҳо яккахонӣ мекарданд, балки нақши ҳунарроҳнамоиро низ иҷро намуда, ҳамчун барандаҳои консертҳо нақш мебозиданд ва дар ансамбл бозӣ карда, суруд ва шеър мехонданд. Ҳар кадоме худро дар соҳаи наздик ва дастрас нишон медод. Барои ташкили муҳити идонаи машғулият-консерт эҷоди асарҳои кӯдакона дар ҳамбастагии мураббӣ ва роҳбари мусиқӣ, ки толорро зебу оро медоданд, кӯмаки назаррас мерасонад. Тақдим кардани слайдҳо ҳамчун мусаввараҳои равшан барои мусиқӣ дар саҳна хидмат мекарданд.

Ба шарофати чунин машғулиятҳо, интиқоли донишҳо маҳдуд намешавад, балки ба муносибатҳои гуногунҷабҳаи роҳбари мусиқӣ ва кӯдакон дар байни худ табдил ёфта, имкон медиҳад, ки сатҳи ҳавасманди баланд бардошта шуда, фардияти эҷодии ҳар як кӯдак ошкор гардад.

Дар раванди ташкили машғулиятҳои силсилаи машғулиятҳои "афсона-мусиқӣ" ба таҳияи регистрҳои овозӣ ва техникаи сурудхонии резонансӣ (ларзишӣ) дар хори бачагона низ аҳамият додан муҳим аст. Зеро сифатҳои асосии сурудхонии кӯдакон, он тавре ки медонем, бояд сабукӣ, ҷарангостӣ, парвозӣ, мудавварӣ, ва ларзишӣ дошта бошад. Ин сифатҳоро дар овози сарояндагони хор инкишоф дода, овози кӯдаконро такмил додан лозим аст. Дар акси ҳол, роҳбари хор (хормейстер), вазифаҳои иҷрокунандагии худро бе таҳкурсии овозӣ дар хор ҳал карда, танҳо асбоби мусиқии зиндаи худро истисмор карда, услуби «замзама» пеша мекунад, ки натиҷаи он бештар сурудхонии ҳалқӣ (тавассути гулӯ) ё сурудхонӣ дар «садопардаҳо», садои бо суръат ҳангоми зиёд шудани шароити тесситура, норавшан будани диксия, (нутқи бурро) ҳаҷми танги нозукиҳо мавҷуданд, фаъол менамояд.

Ҳамин тавр, доираи эҷодии роҳбари мусиқӣ бо омӯзиши нозукиҳои мусиқӣ ба кӯдакон сарукор дошта хеле фароху пурзаҳмат аст. Маҳз дар ҳамин гуна фазои ташкили ҳамкории тарафайни роҳбари мусиқӣ ва кӯдак сатҳи муносиби тарбияи зебопарсти кӯдакон, дар онҳо инкишоф додани ҳисси ахлоқӣ, муҳаббат ба ихтисоси худ, малакаҳои касбӣ, эҷодӣ ба даст меояд. Бо заҳмати беандоза роҳбари мусиқӣ зина ба зина дар вуҷуди шогирдонаш тафаккури бадеӣ ва тахайюлоти бойро инкишоф дода, муносибати онҳоро ба муҳити атроф дигаргун месозад. Ҳамкории мураббӣ бо роҳбари мусиқӣ тарбияи шунавандаи соҳибзавқу дӯстдори мусиқиро аз ҷумлаи вазифаи асосии худ меҳисобанд. Раванди ташаккули кӯдак дар доираи машғулиятҳои мусиқӣ ба ин хотир бояд мақсаднок, системавӣ, фарогири муносибати маҷмӯӣ ба ташкили раванди таълими-тарбиявӣ бошад. Дар ҷараёни машғулиятҳои мусиқӣ дар кӯдакон аз хурди талаботи хештангароӣ, эҷодкорӣ, таассуроти эҳсосиро ҳамеша ба инобат гирифтан муҳим аст.

АДАБИЁТ:

1.Стулова Г.П. Теория и практика работы с детским хором. 6. М., Владос, 2002. -176с.

2.Емельянов, В. В. Развитие голоса. Координация и тренинг. - 6-е изд. Серия: «Учебники для вузов. Специальная литература» СПб Лань; Планета музыки 2010 г., Морозов, В. П. Искусство резонансного пения. Основы резонансной теории и техники. - М., Центр Искусство и Наука, 2002

САТҲИ КАСБӢ ВА МАҲОРАТИ МУАЛЛИМИ МУСИҚӢ ДАР ТАШАККУЛИ ҲИССИЁТИ АХЛОҚИЮ ЗЕБОИПАРАСТИИ КӮДАКОНИ СИННИ ТОМАКТАБӢ

Муаллиф дар мақола ба сифати намуна гузарондани консертро ҳамчун асоси муҳимми эҷоди мусиқӣ ва ҳифзи он пешниҳод намудааст. Инчунин маҳфили идонаро бо мусиқӣ пешниҳод намуда, эҷоди коллективӣ ва инфиродӣ, муошрати мусиқӣ ва ғайраро нишон медиҳад, ки кӯдакон дар фазои идонаю дӯстона бо якдигар озодтар бозӣ мекунанд. Барои баҳо додан ба сатҳи иҷрокунандагии якдигар имконият пайдо кардани кӯдаконро дар мадди аввал гузоштааст.

Калидвожаҳо: *касб, маҳорат, муаллим, мусиқӣ, ҳиссиёт, ахлоқ, зебоипарастӣ, кӯдакон, таҳсилоти томактабӣ.*

ПРОФЕССИЯ И НАВЫКИ УЧИТЕЛЯ МУЗЫКИ В ФОРМИРОВАНИИ НРАВСТВЕННО-ЭСТЕТИЧЕСКИХ ЧУВСТВ У ДОШКОЛЬНИКОВ

В статье автор предлагает в качестве примера проведение концерта как важную основу для создания музыки. Также выявляется представление праздничных встреч с музыкой, коллективного и индивидуального творчества, музыкальное общение и т. д., что дети более свободно играют друг с другом в празднично-дружеской обстановке. Для того чтобы оценить уровень успеваемости друг друга, он поставил возможности детей на первое место.

Ключевые слова: *профессия, навыки, педагог, музыка, эмоции, нравственность, красота, дети, дошкольное учреждение.*

PROFESSION AND SKILLS OF A MUSIC TEACHER IN FORMING MORAL AND AESTHETIC FEELINGS IN PRESCHOOL CHILDREN

In the article, the author proposed to protect the quality of the sample and to hold a concert as an important basis for creating music. Also, the presentation of festive meetings with music, collective and individual creativity, musical communication, etc., is revealed, that children play more freely with each other in a festive and friendly atmosphere. In order to gauge each other's performance, he put children first.

Key words: *profession, skills, teacher, music, emotions, morality, beauty, children, preschool institution.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Рамазонов Д. Омузгори кафедраи назария ва методикаи тарбияи мусиқӣ, бадеии ДДОТ ба номи С.Айнӣ.

Сведения об авторе: Рамазанов Д. преподаватель кафедры теории и методики музыкально-художественного образования. Государственный Педагогический Университет имени Садриддина Айни. Тел:918230147

About the author: Ramazanov D. Lecturer of the Department of Theory and Methods of Music and Art Education. State Pedagogical University named after Sadriddin Aini. Tel: 918230147

МЕТОДИКА
МЕТОДИКА
METHOD

САЙДАЛИЁН М.Н.

АСОСҲОИ ИҶТИМОӢ – СИЁСӢ ВА ҲУҚУҚИИ ТАШКИЛИ СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ ҶАВОНОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон зарурати таърихӣ ва объективии инкишофи давлат ва ҷомеа ҳисобида мешавад. Аз ин рӯ, мавриди баррасӣ, таҳлилу омӯзиш қарор додани омилҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ, маънавӣ–мафкуравии рушду густариши сиёсати давлатии ҷавонон ба мақсад мувофиқ аст. Дар иртибот ба ин бояд таъкид намоем, ки омӯзиши қонуният ва хусусиятҳои ба миён омадан ва рушду густариши сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бевосита ҷараёни мураккаб ва душвор мебошад. Бо вуҷуди ин мавриди тадқиқоти илмӣ қарор додани масоили мазкур ба хотири пешбурди ҷомеаи имрӯзаи мо мебошад. Сиёсати давлатии ҷавонон вобаста ба тарзи ташкилӣ ва татбиқи ҳадафҳояш инъикосу идомаи худро дар самтҳои мушаххас нигоҳ медорад. Алалхусус, чунин муносибат роҷеъ ба ҷараёни татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон дар Тоҷикистони соҳибистиқлол пас аз пош хӯрдани давлати Шӯравӣ назаррас аст. Гарчанде дар замони давлати Шӯравӣ масоил ва роҳандозии сиёсати давлатии ҷавонон мавқеъ ва манзалати хосси худро дошт.

Қайд кардан дуруст аст, ки заминаҳои асосии рушду густариши сиёсати давлатии ҷавонон дар Тоҷикистон ба тамоюли мушаххаси таърихӣ ва қонуниятҳои умумии инкишофи раванди сиёсии умумибашар ҳамбастагии зич дорад. Аз ин рӯ, дар сиёсати давлатии ҷавонон бояд ҳам манфиатҳои миллӣ ва ҳам манфиатҳои умумибашарӣ ба эътибор гирифта шаванд, зеро тамойилҳои миллатгароӣ ба оқибатҳои фоҷиабор оварда расониданаш мумкин аст.

Воқеан, чунин раванди пурфоҷиа ва мураккаби таърихиро мо дар мисоли Тоҷикистон баъд аз пош хӯрдани давлати Шӯравӣ мушоҳида карда метавонем. Дар ин бобат сиёсатшиноси маъруф Ш.Саймуддинов чунин қайд кардааст: «Агар як кишвар ба истиқлолият бо роҳи рафъи баъзе монеаҳо бо осонӣ ва озодона муваффақ гардида бошад, баръакс барои халқи тоҷик ба даст овардани истиқлолият ба як роҳи дуру дароз ва душвори хунин, ки Тоҷикистонро ҷанги бародаркуш ба домӣ худ кашида буд, сипарӣ гардидааст. Ин фоҷиаро имрӯз Тоҷикистон эҳсос дорад ва минбаъд ҳам эҳсос хоҳад кард».

Тадқиқот ва таҳлили омилҳои иҷтимоӣ – сиёсӣ, иқтисодӣ ва маънавӣ нишон медиҳанд, ки баъди ба даст овардани истиқлолияти комил дар Тоҷикистон, барои бартараф кардани монеа ва мушкилиҳои зиёд дар соҳаи сиёсати давлатии ҷавонон корҳои зиёде ба анҷом расонида шуд. Давлати ҷавони тоҷикон пеш аз ҳама бо душманони дохилӣ ва берунӣ, муборизаи беамон бурда, моҳияти реаксионии фундаментализм, экстремизми сиёсӣ, ваҳҳобизм, салафизм, терроризми байналхалқӣ ва дигар ҷараёнҳои хавфнокро ба ҷавонон фаҳмонда медод.

Чуноне ки ҳаёти пуртаззоди имрӯза собит намуда истодааст, дар ҷаҳони муосир муборизаи абарқудратҳо барои сарват ва мавқеи геополитикӣ оғоз ёфтааст (истилои Афғонистон, Ироқ, Либия ва воқеаҳои кишварҳои арабу Шарқи Миёна ва умуман ҷаҳон), ки ин падидаҳо барои тамоми мардуми сайёра хатари ҷиддӣ доранд.

Барои расидан ба ин мақсадҳои нопоки худ масалан, мамлакатҳои Ғарб бар зидди дини ислом муборизаи беамонро оғоз намудаанд. Онҳо бо ҳар роҳу восита байни мусулмонон тафриқа андохта, дар ҷаҳони ислом мавқеи худро мустаҳкам карданианд. Бо ин мақсад ҷаҳонхоҳони ғарбӣ дар дохили ислом равияҳою ҷараёнҳои мухталифро эҷод кардаанд. Ваҳҳобизм, салафизм, фундаментализм, экстремизми исломӣ ва ғайраҳо эҷоди ин абарқудратҳои ғарбӣ мебошанд. Мақсад аз эҷоди ин таълимоту ҷараёнҳо аз он иборат аст, ки бо тамоми роҳу воситаҳо исломро аз дохил заиф ва беобрӯ намуда, баъдан онро аз байн баранд. Дар шароити имрӯзаи бархурди тамаддунҳо душманони ислом бо ҳар роҳу восита исломро сиёҳ карда, мехоҳанд ба оламиён онро ҳамчун дине, ки пайравонаш танҳо ба куштор, терроризм машғул ҳастанд, муаррифӣ намоянд. Яке аз барномаҳои марказии кишварҳои ғарб низоъ ва ҷудоӣ андохтан байни мусулмонон аст. Тамоми равияю ҷараёнҳои дурӯғини имрӯза эҷоди абарқудратҳо ва ҷаҳонхоҳони Ғарб аст, ки мехоҳанд ихтилофи мазҳабиро дар ҷаҳони ислом, аз ҷумла, дар Тоҷикистон ба вуҷуд биёранд. Ин равияю ҷараёнҳо душманони сарсахти мусулмонони асили аҳли ҷаҳон мебошанд, ки мақсаду

мароми онҳоро мардуми Тоҷикистон аллакай дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон (солҳои 1992-1997) ба хубӣ дарк намудаанд.

Чуноне ки Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон таъкид менамояд, имрӯз вазифа аз он иборат аст, ки мақсаду мароми гуруҳҳои иртиҷогарро фош намуда, моҳият ва мақсаду мароми асосии онҳоро ба мардуми мусулмони ҷумҳурӣ ва ҷаҳон ҳаматарафа фаҳмонда диҳем. Дар натиҷаи кӯшишу ғайрати зиёди ҳукумати Тоҷикистон халқи тоҷик ба комёбиҳои назаррас дар соҳаҳои мухталиф мушарраф гардидаанд. Дар ин солҳо дар Тоҷикистон давлати тозабунёди демократӣ таъсис дода шуд, ки дар он ҳамаи сохторҳои ҳокимияти давлатӣ ба фаъолияти пурсамар шуруъ намуданд, фазои солими ахлоқӣ – психологӣ ба миён омад, ки ин омилҳо ба асоси иҷтимоӣ – сиёсии ташкилёбии сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон поя гузоштанд. Арзиш ва амали меъёрҳои демократия дар Тоҷикистон дар ҳар коллективу ҷомеа ба омили устуворгардӣ ва рушду густариши сиёсати давлатии ҷавонон тақвият бахшид. Ҳамаи ин ба пойдорӣ ва инкишофи минбаъдаи рукнҳои иҷтимоӣ-сиёсии сиёсати давлатии ҷавонон дар Тоҷикистони соҳибистиқлол сабаб шуд.

Бояд таъкид намоем, ки сиёсати давлатии ҷавонон дар Тоҷикистон то ба имрӯз такмил ёфта, принсипҳои асосии он мунтазам амал мекунанд ва дар атрофи худ созмон ва ташкилотҳои нав ба нави ҷавононро баҳри бунёди сохтмонҳои бузурги Тоҷикистон муттаҳид менамояд. Албатта, ихтилофу монеаҳои ҷойдошта ба омилҳои манфӣ ва заифкунандаи татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон ба ҳисоб мераванд. Аз ин рӯ, омӯзиши маҷмуи омилҳои объективӣ ва субъективӣ, фарзияҳои ақлонии созишкорона ва ғояҳои устувори инкишоф, ки ба сабукӣ ва афзудани зиддиятҳо таъсир мерасонад, аҳамияти муҳим пайдо мекунанд. Зеро сиёсати давлатии ҷавонон ҳамчун воситаи таъсиррасон дар бартараф намудани монеаю зиддиятҳои ҷойдошта нақши муҳим мебозад.

Дар робита ба ин андеша бояд таъкид намуд, ки имрӯз инсоният дар фазои тағйироту дигургуниҳои ҷиддӣ ва муқовиматҳои иҷтимоӣ – байналмилалию ҷараёни ҷаҳонишавӣ қарор дорад, ки ин дар мадди аввал коркарди системаи ҷаҳонбинии пешқадамро нисбат ба ҷаҳону муносибати инсонро ба он тақозо намуда, дар боло бурдани мақоми сиёсию иҷтимоӣ ва шуурнокии сиёсии ҷавонон нақши арзанда мебозад.

Таҷрибаи низоъҳо, катаклизму бархӯрдҳо ва ҷангҳои бераҳмонаи асри XX, ки то кунун идома доранд, мавзӯи муҳимми таърихӣ арзёбӣ гашта, ба бунёди ҷомеаи сифатан нав ва дарёфти ҷаҳонигароии инкишофи маданӣ нигаронида шудаанд. Зеро дар баёни масъалаҳои зайл таҳлили масоили ҷараёни ихтилофот ва низоъҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ ва маданӣ–маънавӣ ва тарзу роҳҳои ҳалли он ва дар ин ҷараён комёб гаштан ба созишу ваҳдат афзалиятноканд. Зеро имрӯз яке аз самтҳои асосии сиёсати давлатии ҷавонон ба омӯзиш ва андӯхти дурусти масоили зикргардида маҳсуб аст, ки иловатан ҷараёни ташкил ва роҳандозии тарбияи насли ҷавонро тақозо менамояд.

This article comes from research, using a qualitative approach. The research is the study of the literature. Based on the facts on the ground which indicates the problems and the gap between theory and practice, the researchers took the title: "Perspectives In English Language Learning: First Language Situation, Second Language Situation And Foreign Language Situation" *this article comes from research, using a qualitative approach. The research is the study of the literature. Based on the facts on the ground which indicates the problems and the gap between theory and practice, the researchers took the title: "Perspectives In English Language Learning: First Language Situation, Second Language Situation and Foreign Language Situation". Learning is one term that arises in the education and has been main concentration in human development. Learning a certain language differs from learning other fields. More specific, learning a language also has some different types in learning as the situation or the context of the language use. A language can be first, second or foreign language. Our main focus in this paper is that the learning of English language is various in nature. There are some linguists who have proposed various approaches. They defined learning and language in different ways. Therefore there are differences in language teaching and learning in the method era and post-method era. Those views also influence the teaching and learning a language as first, second, or foreign language. Stakeholders found that every teacher should understand and comprehend the situation in language learning and also the students. This is done to success the teaching and learning processes*

Key words: *challenges, communication, approach, field, method, perspective, concentration, principles, involve.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Охунов Башер Хуҷақулович номзади илмҳои педагогӣ, муовини ректор оид ба корҳои тарбиявии Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон, тел: (992) 93-510-00-21, почтаи электронӣ: bashir_okhunov@mail.ru

Сведения об авторе: Охунов Башер Худжакулович. к.п.н., Проректор по воспитательной работе НОУ «Медико-социальный институт Таджикистана», тел: (992) 93-510-00-21, e-mail: bashir_okhunov@mail.ru

Information about the author: Okhunov Basher Khudzhakulovich. Candidate of Pedagogical Sciences, Vice –rector on education of Medical - Social Institute of Tajikistan, tel: (992) 93-510-00-21, e-mail: bashir_okhunov@mail.ru

АРБОБОВА Ф.А.
АРБОБОВА Т.А.

ҶАНБАҲОИ МУҲИМИ ТАШАККУЛИ СИФАТИ ТАҲСИЛОТ

Дар шароити муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии даврони муосир ва равандҳои нав дар соҳаи маориф, талаботи бозори меҳнат, муносибатҳои нави истеҳсолӣ, хусусияти бештари зеҳнӣ пайдо кардани соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ чи дар дохили кишвар ва чи дар сатҳи байналмилалӣ, раванди густурдаи ҷаҳонишавӣ дар назди ҳар мутахассиси оянда ва ҳамзамон дар назди муассисаҳои таҳсилот талаботи комилан навро мегузорад.

Қобили зикр аст, ки ҷомеаи нави муосир ҳусни тафоҳумеро тақозо менамояд, ки тибқи низоми нави таҳсилот донишҳои илмӣ ба талаботи шароити иҷтимоӣ ва маишии инсон мувофиқ бошанд, зеро сифати таҳсилот муқтадирии инсонро барои созандагӣ таъмин намуда, ба беҳдошти сифати кору ҳаёти инсон асар мегузорад.

Сифати таҳсилот муҳаррики асосии рушди шахсият буда, бо мафҳуму мазмуни таълим ҳамгироӣ ва пайванди ногусастанӣ пайдо мекунад, зеро маҳз тафаккури созандагию бунёдкорӣ низ аз он манша мегирад. Албатта такмил додани ин раванди судманд яке аз ҳадафҳои муҳимми тамоми самтҳои ҷомеа маҳсуб меёбад.

Дар илми педагогикаи муосир таҳсилот ҳамчун система бо ягонагӣ, алоқамандии дохилӣ, муташаккилӣ ва динамикӣ тафовут дорад.

Мувофиқи ҷанбаи философӣ Арасту сифатро ҳамчун хосияти устувор ва гузаранда арзёбӣ намудаст [1; с.93].

Гегел сифатро вобаста ба шахс ба субъективӣ ва марбут ба ашё бошад, ба объективӣ ҷудо кардааст [2; с.78].

Дар илми педагогикаи муосир муҳаққиқон низ кӯшиш мекунанд, ки мафҳуми сифатро ҳамчун хосияти объект муайян созанд, ки устуворӣ ва доимии онро ташкил медиҳад ва хусусияти асосии онро ошкор месозад.

Вобаста ба талаботи методологияи муосир категорияи сифат инкишоф ва мукаммалшавиро тақозо мекунад. Сифати таҳсилот ҳамчун категорияи иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва педагогӣ баррасӣ мешавад.

Мувофиқи ҷанбаи методологӣ дар таҳти сифати таҳсилот хусусият ва натиҷаи раванди омӯзиш фаҳмида мешавад, ки он на танҳо дар рушди системаи таҳсилот, балки дар такомули тамоми самтҳои ҷомеа нақши муҳимро дорост.

Ба ҳамагон маълум аст, ки таҳсилот дар зинаҳои аввал чи қадаре ки устувору бунёдӣ бошад, рушди босифати инсон дар зинаҳои минбаъда ҳамон қадар бештар меафзояд. Ҳамзамон бо тақозои замон дар ҳамоҳангӣ бо фазои таҳсилоти ҷаҳонӣ, рушди бемайлони илму техника, ҳаёти иҷтимоию маърифатӣ, масъалаи такмили мазмуни таҳсилот дар ҷомеаи ҷаҳонӣ ҷанбаи муҳимми маънавиро касб намуд.

Таҳти сифати таҳсилот дараҷаи иҷрошавии талаботи стандарти давлатии таҳсилот фаҳмида мешавад, ки тибқи дархости ҷомеа ба амал меояд ва толибилм дар раванди таҳсилот баҳри беҳтар гардонидани донишу маҳоратҳо ва арзишҳо дар анҷоми зинаи муайяни омӯзиш ба даст меорад [3; с.31]. Дар навбати худ шароити беҳтари иҷтимоии инсон омил ва шарти муҳимми афзун гаштани сифати таҳсилот маҳсуб меёбад.

Тазаккур мебояд, ки танҳо тавассути донишу малакаҳо тарбия кардани шахсони бомаърифат, бофарҳанг, бовиҷдон кофӣ нест, балки асоси сифати таҳсилотро арзишҳо, тарғибот, виҷдон, боварӣ, хайрхоҳӣ, эътиқод, садоқат ташкил диҳанд.

Аз ин рӯ, ҳадафи олии муассисаҳои таълимӣ ноил гаштан ба сатҳи баланди донишҳо набуда, тарбия кардани арзишҳои миллӣ ва умумибашарист.

Таъмини сифати таҳсилот ба рафъи як қатор мушкиливу душвориҳои таълимӣ вобаста аст:

- гузориши ҳадафҳои нодурусти омӯзиш;
- надонистани имкониятҳои таълимию тарбиявии шогирдон;
- надонистани хусусиятҳои функсионалии нимкураи майнаи сари толибилмон, қобилият, рушди зеҳн, шавқи маърифатӣ, ҳолати саломатӣ;
- мавҷуд набудани корбарии махсус оид ба амалигардонии мақсадҳои таҳсилот дар минтақаи наздиктарини инкишофи толибилмон;
- дар барномаҳо мавҷуд будани донишҳои кӯҳнашудаи академикӣ;

- ба назар нагирифтани арзишҳои принсипи гуманистӣ дар раванди омӯзиш;
- бархӯрдор набудан аз технологияҳое, ки ба вусъати рағбати маърифатӣ ва мустақилона ба даст овардани дониш ҳидояткунанда;
- ташаккул надодани малакаҳои худомӯзӣ, худинкишофдиҳӣ[3; с.33].

Аз ин бармеояд, ки афзун гардонидани сифати таҳсилот раванди муттасил ва доимист. Дар ин самт, сифати таҳсилот метавонад тавассути бархе аз ҷанбаҳои муҳимми омӯзиш чун омӯхтани шахсияти толибилмон, воридсозии арзишҳои нав дар таҳсилот ва такомули ҷанбаҳои тарбиявии он, рушди худомӯзӣ, беҳтар кардани шароити таҳсилот ва амсоли инҳо баланд бардошта шавад.

Ба андешаи С.Е.Шишов ва В.А. Калнея «сифати таҳсилот» ин маҷмуи нишондиҳандаҳои муассисаи таълимие, (мазмуни маълумот, шакл ва методҳои омӯзиш, заминаи моддию техникӣ), ки рушди салоҳиятҳои хонандагонро муайян мекунад [7; с.21],

Қобили тазаккур аст, ки барои муайян кардани сифати таҳсилот як қатор нишондиҳандаҳои асосӣ ба эътибор гирифта мешавад:

- рушди шахсӣ ва дараҷаи пешравии толибилм;
-ташаккули сифатҳои шахсӣ-иродавӣ, ташаббускорӣ, мустақилонагӣ;
- дараҷаи ташаккули худомӯзӣ ва худинкишофдиҳӣ;
- маҳорати бартарафкунии душвориҳо дар омӯзиш;
- татбиқ карда тавонистани дониш, маҳорат ва малакаҳо дар шароити мухталиф;
- ҳавасманд будани толибилм ба донишандӯзӣ;
- ҳосил гаштани малакаҳои иҷтимоӣ ва маҳоратҳои умумитаълимӣ;
- мақсаднок идора карда тавонистани раванди донишомӯзӣ.

В.П. Симонов чунин мешуморад, ки натиҷаи омӯзиш, яъне сифати раванди таълим дар маҷмуъ дараҷаи омӯзиш ва дараҷаи тарбияи хонандагон мебошад [5; с.37].

Имрӯз илми психология ва педагогикаи муосир парадигмаи нави рушди шахсиятро тақозо мекунад, ки аз нуқтаи назари воқеияти ҷомеаи иттилоотӣ таҳия шудааст. Дигаргуниҳои куллие, ки дар рушди шахсият, рафтор ва маърифати ҷавонони муосир таҳти расонаҳои электронӣ ба амал омадаанд, ба рушди мазмуну мундариҷа ва технологияҳои таълим ва таҳияи меъёрҳои нави арзёбии сифати таълим муносибати беҳтарро ба миён мегузорад. Консепсияи мазкур дар заминаи таҳлили вазъи платформаи назариявии мавҷудаи таҳсилоти олии муосир бунёд ёфтааст.

Бешубҳа системаи маориф усулу равишҳои зиёдеро истифода мебарад, ки аз мавқеҳои тамоман мухталиф, аксаран ба ҳам мухолифи методологӣ таҳия шудаанд. Проблемаи ташаккули салоҳият аз ҷиҳати методӣ кор карда нашудааст ва дар он ҷанбаи назариявӣ ва амалӣ бидуни ошкор намудани мазмуни психологии он амалӣ мегардад. Дар соҳаи муносибатҳои иҷтимоӣ бошад, интеллекти амалӣ дар шакли иҷтимоӣ зоҳир мешавад, ки қобилияти дарк кардани ният, эҳсос ва табъи одамони дигар, мотивҳои рафтори онҳо, инчунин рафтори худи шахсро дар назар дорад.

Аммо дар муассисаҳои таълимӣ танҳо ташаккули тафаккури назариявӣ ташхис ва арзёбӣ мегардад. Аз ин рӯ, омӯзиш ба фаъолгардонии тафаккури абстрактӣ-мантиқӣ ва дар хотир нигоҳ доштани иттилооти муайян равона шудааст. Ба ҳамагон маълум аст, ки тарзи тафаккури ҷавонони имрӯз бештар ба муошират пайваста бо расонаҳои иҷтимоӣ ва шабакаҳои электронӣ, ки образнок ва эмотсионалӣ мебошад, майл доранд. Рушди тафаккури абстрактии хонандагон камтар ба назар мерасад. Дар баробари ин, пеш аз ҳама, он чизе, ки хусусияти эҳсосиро дорад, аз худ карда мешавад. Ҳамаи ин ба услуби шифоҳӣ, декларативии пешниҳоди иттилооти таълимӣ мухолиф аст, ки боиси ба вуҷуд омадани падидаи диссонанси маърифатӣ мегардад. Аз ин бармеояд, ки технологияҳои пешниҳоди иттилооти таълимӣ имрӯз ба услуби тафаккури ҷавонони муосир мувофиқат намекунанд, ки тамоили рушди он ба сохторҳои лафзӣ, формалӣ-мантиқии китоби дарсӣ ва омӯзгор мухолиф аст. Зиддияти дигари методологӣ дар таҳсилот дар он аст, ки технологияҳои анъанавии омӯзиш танҳо ба доираи шуури оқилона такя мекунанд, ки дар асоси он фаъолияти мақсаднок қарор дорад. Маҳз дар ҳамин самт ҳама гуна стереотипҳои муошират, тафаккур, аксуламали эмотсионалӣ фаъолияти амалиро ба вуҷуд меорад.

Қобили зикр аст, ки технологияҳои муосири таълим бояд бештар ба ташаккули стереотипҳои когнитивии истеҳсолӣ, яъне падидаҳои маърифатие, ки таҷдиди назар мешаванд, муроҷиат кунанд. Стереотипҳои маърифатӣ шаклҳои устувори маърифатӣ

мебошанд, ки пеш аз ҳама ба донишҳои ғайримустақим асос ёфтаанд, ки дар онҳо стратегияи априорӣ барои ҳалли мушкилот мавҷуд аст.

Дар асоси нишондоди М.М.Поташник нақши сифати таълим ҳамчун таносуби ҳадафҳо ва натиҷаҳо, ченаки ноил шудан ба ҳадафҳое арзёбӣ мешавад, ки дар минтақи рушди потенсиалии толибилм ба таври оперативӣ ва пешгӯӣ пешбинӣ шудаанд [4; с.17].

Ҳамин тавр, ба он ишора намуд, ки таҳсилот инсониятро барои дарёфти мақоми иҷтимоӣ, озодандешӣ, эҷодкорию созандагӣ ҳидоят мекунад, зеро муайянкунандаи тавоноӣ ва иқтидори инсонро танҳо сифати донишу маърифати ӯ ташкил медиҳад.

АДАБИЁТ:

1. Аристотель. Категории. Сочинения в четырёх томах-Т.2. М.,1978.-687 с.
2. Гегель. Сочинения. Т. 14. – М., 1958. - 440с.
3. Мирзоахмедов Ф., Боев Б., Шукурова З. - Методҳои самараноки таълим, - Д., 2008. -236 с.
4. Поташник М.М. Качество образования: проблемы и технологии управления в вопросах и ответах. – М., 2002. – 352 с.
5. Симонов В.П. Педагогический менеджмент.- М., 1997.-264 с.
6. Уфуқи комёбӣ. (барномаи рушди тафаккури интиқодӣ) - Д., 2009.- 156 с.
7. Шишов С.Е., Кальней В.А. Мониторинг качества образования в школе. – Москва, 1998. – 352 с.

ҶАНБАҲОИ МУҲИМИ ТАШАККУЛИ СИФАТИ ТАҲСИЛОТ

Дар мақола ҷанбаҳои муҳимми сифати таҳсилот мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Сифати таҳсилот натиҷаи муҳити маърифатӣ ва фаъолияти ҳамкории касбии омӯзгорон ба шумор меравад.

Дар шароити муосир ҷорӣ кардани технологияҳои навини педагогӣ, интихоби мазмуни мувофиқ ва беҳтарин, таҳияи барномаҳои самараноки омӯзиш, баланд бардоштани маърифати касбии омӯзгорон, бедор намудани майлу ҳавасмандии толибилмон яке аз омилҳои муҳими беҳгардии сифати таҳсилот дар назар дошта мешавад.

Калидвожаҳо: *сифати таҳсилот, муассисаҳои таълимӣ, омӯзиш, стандарти давлатии таҳсилот, технологияҳои иттилоотии таълимӣ, стереотипҳои маърифатӣ, тафаккури абстрактӣ-мантиқӣ.*

ОСНОВНЫЕ АСПЕКТЫ ФОРМИРОВАНИЯ КАЧЕСТВА ОБРАЗОВАНИЯ

В статье рассматриваются основные аспекты качества образования. Качество образования является результатом познавательной среды, профессиональной деятельности и сотрудничества педагогов.

В современных условиях внедрение новых педагогических технологий, обеспечение оптимального и соответствующего содержания, разработка эффективных образовательных программ, повышение профессионального качества педагогов, развитие мотивации обучающихся рассматриваются как одним из основных факторов повышения качества образования.

Ключевые слова: *качество образования, образовательные учреждения, обучение, государственный стандарт образования, образовательные информационные технологии, познавательные стереотипы, абстрактно-логическое мышление.*

THE MAIN ASPECTS OF FORMATION OF THE QUALITY OF EDUCATION

The article discusses the main aspects of the quality of education. The quality of education is the result of the learning environment, professional activities and cooperation of teachers.

In modern conditions, the introduction of new pedagogical technologies, the provision of optimal and appropriate content, the development of effective educational programs, the improvement of the professional quality of teachers, the development of students motivation are considered as one of the main factors in improving the quality of education.

Keywords: *the quality of education, educational institutions, education, state standard of education, education information technologies, cognitive stereotypes, abstract logical thinking.*

Маълумот дар бораи муаллифон: Арбобова Ф.А. – муаллимаи калон, номзади илмҳои педагогии кафедраи педагогикаи умумии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Тел: 007-07-30-66 E-mail: farogatarbobova@mail.ru

Арбобова Т.А. – муаллимаи калони кафедраи умумидонишгоҳии забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Тел: 918-39-81-82 E-mail: arbobova76@mail.ru

Сведения об авторах: Арбобова Ф.А. – старший преподаватель, кандидат педагогических наук кафедры общей педагогики Таджикского государственного педагогического университета им. Садриддина Айни. Тел: 007-07-30-66 E-mail: farogatarbobova@mail.ru

Арбобова Т.А. – старший преподаватель общеуниверситетской кафедры иностранных языков Таджикского государственного педагогического университета им. Садриддина Айни. Тел: 918-39-81-82 E-mail: arbobova76@mail.ru

Information about authors: Arbobova F.A. – senior lecturer, candidate of pedagogical sciences Department of General Pedagogy, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini. Tel: 007-07-30-66 E-mail: farogatarbobova@mail.ru

Arbobova T.A. – senior lecturer, All University Department of Foreign Languages, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini.

Tel: 918-39-81-82 E-mail: arbobova76@mail.ru

БОБОЕВА И. С.

РОҲҲОИ МУОСИРИ ТАШАККУЛИ ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДИИ ОМӮЗГОРИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ ДАР ҶАРАЁНИ ДАРСҲОИ САНЪАТ ВА МЕҲНАТ

Дар шароити навсозии фазои таълиму тарбия масъалаи омода намудани омӯзгорони баландихтисоси эҷодкори синфҳои ибтидоӣ, ки ба рушди ҳамаҷонибаи кӯдак ҳамчун шахсияти ҳаматарафа рушдёфта, қобилиятнок ва соҳибистеъдоду эҷодкор ва бомаданият дар замони муосир ташаккулёфта омода намудан, аҳамияти калон дорад. Самаранокии ҳалли ин масъалаҳо бештар аз маҳорати касбии омӯзгор дар ташкили ҷараёни таълим дар мактаби ибтидоӣ ва пеш аз ҳама дар дарси санъат ва меҳнат вобаста буда, ки шавқу рағбати кӯдакро ба омӯзиш, кашфи чизи нав пурзӯр намуда, мавқеъ ва эътимоднокии онро таъмин менамояд ва дар баробари ин ба ташаккул ва тарбияи шахси фаъолияти маърифатӣ, тафаккури воқеъбинона ва эҷодкорона дошта, худбаҳодиҳӣ дар фаъолиятҳои худ дошта мусоидат мекунад. [6]

Назария ва татқиқоти педагогон ба таври боварибахш исбот мекунад, ки танҳо шахси соҳибистеъдоду навовар метавонад, як шахси эҷодкорро тарбия намояд. Аз ин бармеояд, ки муаллими синфҳои ибтидоӣ барои рушди қобилияти эҷодии кӯдакони синни хурди мактабӣ дар дарси санъат ва меҳнат аз дастовардҳои муосири илм, истифода намуда, роҳҳои ҳавасмандгардонӣ ба хонандагон арзёбии фаъолиятҳояшонро омӯзад.

Тамоили ислоҳоти муосири маориф ба ташаккули мутахассиси касбӣ нисбат ба тайёр кардани омӯзгори синфҳои ибтидоӣ, махсусан дар самти эҷодиёти касбию педагогӣ талаботи зиёд мегузорад. Ба рушди эҷодии омӯзгори оянда, дасгирии ӯ ба навоварӣ, таҷрибаомӯзӣ, ҳунари педагогӣ, қобилияти худшиносӣ, худогоҳӣ ва худбаҳодиҳӣ дар фаъолияти касбӣ афзалият дода мешавад [4].

Эҷодкорӣ дар фаъолияти педагогӣ тақозо мекунад, ки дониш, малака ва маҳорати касбию эҷодӣ, касбию методии омӯзгорини синфҳои ибтидоӣ ташаккул дода шавад. Аммо чӣ тавре ки амалияи мактаб нишон медиҳад, омодагии муаллими синфҳои ибтидоӣ ба омодагии ҳаматарафа барои банақшагирии маводи таълимӣ, усули таълиму тарбия, ба ҳам пайвастан ва татбиқ намудани донишҳои омӯхта, рушди фаъолияти тарбиявию беруназсинфӣ, кобилияти ҳамкорӣ, якҷоя эҷод кардан бо субъектҳои гуногуни раванди таълим на ҳамеша кифоя аст, ки ин ба инкишофи эҷодии мактаббачагон таъсири манфӣ расонда метавонад. Аз ин рӯ, зиддиятҳои ошкоршуда байни:

- тағйироти мазмуни фаъолияти педагогии муаллими синфҳои ибтидоӣ вобаста ба ислоҳоти системаи маорифи муосир, мазмуну шаклҳои таълими ӯ дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олӣ;

- сатҳи мавҷуда ва зарурии омодагии омӯзгорони синфҳои ибтидоии оянда ба фаъолияти касбӣ ва эҷодӣ оид ба ташаккули шахсияти эҷодкор яке аз самти таҳқиқоти илмии интихобкарда ба ҳисоб меравад.

Таҳлили таҳқиқоти марбут ба муаммоҳои рушди эҷодкорӣ, шахсияти эҷодкор, қобилиятҳои эҷодӣ ва фаъолияти эҷодии он имкон медиҳад, ки таваҷҷуҳи зиёди олимонро ба ҷанбаҳои гуногуни он баён кунем. Д.Богоявленская, Л.Виготский, В.Моляко, А.Менегетти, В.Николко, Я.Пономарев, В.Роменес ва дигарон ба масъалаи моҳият ва мазмуни рушди фаъолиятҳои эҷодӣ бахшида шудаанд.Ташаккули шахсияти эҷодкор дар асарҳои илмии Н.Гузеев, В.Загвязинский, И.Зязюн, Н.Кичук, М.Никандрова ва дигарон мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Аммо сарфи назар аз дастовардҳои назарраси олимон дар ин самт, мо чунин мешуморем, ки масъалаи омодагии омӯзгорони синфҳои ибтидоии оянда ба фаъолияти

касбӣ ва эҷодӣ оид ба рушди неруи эҷодии хонандагони хурдсол, қобилиятҳои эҷодии онҳо то ҳол қисман ҳалли худро ёфтааст. Аксар вақт қолабҳои тафаккури педагогии муаллимони синфҳои ибтидоӣ вазифаҳои таълимӣ, тарбиявӣ ва инкишофи таълими муосири хонандагони синфҳои ибтидоиро таъмин намекунанд. Одатан, саъю кӯшиши омӯзгорон ба ташаккули дониш, малака ва маҳорат, ҳалли масъалаҳои сирф таълимӣ нигаронида шуда, ба рушди тафаккури эҷодии хонандагони хурдсол, қобилияти фикрронии асил, заковат, тавлиди ғояҳои нав, эҷоди ақидаҳои нав, инкишоф додани тасаввурот, хаёлот, ҳиссиёт ва қобилияти пайдо кардани роҳҳои ҳалли мувофиқ аз якчанд тарзҳои иҷроиши имконпазир ва ғайра нигаронида шудааст. Ҳамин тавр, таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки аксари тадқиқоти илмӣ ба баланд бардоштани сифати тайёр кардани муаллимон барои иҷрои вазифаҳои касбию педагогӣ нигаронида шуда, аммо ба қисмати эҷодии ин таълим эътибори кофӣ дода намешавад [3].

Ҷамъбасти адабиёти илмии равоншиносӣ ва педагогӣ оид ба муаммои эҷодӣ имкон медиҳад, ки эҷодкорӣ ҳамчун раванди эҷоди як чизи нав қаблан вуҷуд надошта, фаҳмида мебошад. Дар аксари мавридҳо мафҳумҳои «эҷодӣ» ва «фаъолияти эҷодӣ» муайян карда мешаванд. Аммо эҷодиёти педагогӣ нисбат ба маънои умумии ин мафҳум хусусиятҳои худро дорад. Ба ақидаи С.Гончаренко «эҷодиёти педагогӣ муносибати бемислу хеле самарабахши буда, ба вазифаҳои тарбиявӣ ғанӣ гардонидани назария ва амалияи таълиму тарбия мебошад, ки ба ҷиҳатҳои гуногуни фаъолияти муаллим — гузаронидани машғулиятҳои таълимӣ, кор дар ташкили фаъолиятҳои гурӯҳӣ, банақшагирии рушди шахсияти хонанда, таҳияи стратегияҳо ва тактикаи фаъолияти педагогӣ бо мақсади иҷрои вазифаҳои мувофиқи инкишофи ҳамаҷонибаи шахсият дахл дорад, нигаронида шудааст... » [1].

Дар таҳқиқоти илмӣ эҷодиёти педагогӣ муҳимтарин меъёри инкишофи сифатии шахсияти омӯзгори мактаби муосир эътироф шудааст, ки он пеш аз ҳама, дар эҳтиёҷоти иҷтимоӣ ба эҷодкорӣ зоҳир мешавад. Эҷодиёти педагогӣ муайян мекунад:

- он фаъолиятҳое, ки ба ташаккули шахсияти хонанда ҳамчун субъекти эҷодиёти ҳаёт нигаронида шудаанд;
- муайян кардани сифати интегративии шахсияти омӯзгор, ки қисмҳои сохтории он иборатанд аз тамоюли касбӣ, худшиносии касбӣ, тафаккури касбӣ, фарҳанги ташхисӣ;
- фаъолияте, ки ба омӯзиши таҷрибаи педагогӣ, маҳорати педагогии муаллимон, худшиносӣ, худогоҳӣ ва такмили худ равона шудааст.

Ҳамин тариқ, эҷодиёти педагогӣ ин фаъолияти эҷодии мутақобилаи субъектҳои асосии раванди таълимии муассисаи таълимӣ (муаллим ва хонанда) дар робита ва вобастагии байни онҳост, ки натиҷаи он боиси рушд ва худшиносии онҳо мегардад [2].

Фаъолияти касбӣ ва педагогии муаллими синфҳои ибтидоӣ гуногун аст. Донишҷӯ ҳангоми таҳсил дар донишкадаи олии педагогӣ бояд ҳамаи намудҳои онро аз худ кунад, аз ҷумла:

- фанҳои таълимӣ – донистани фанҳои дар синфҳои ибтидоӣ таълим додашаванда, аз худ намудани усули таълими онҳо, дарк намудани мавқеи ҳар як фан дар робитаҳои байнифаннӣ;
- педагогӣ - тарҳрезии мундариҷаи фанҳо, гузаронидани дарсҳо; ба нақша гирифтани корҳои беруназсинфӣ, кори инфиродӣ бо хонандагон ва ғайра;
- навоварона - интиқол додани таҷрибаи инноватсионии дигар омӯзгорон; рушди инноватсия; гузаронидани озмоиши педагогӣ;
- интиқол додани таҷрибаи инноватсионии худ;
- худидоракунии коллективӣ — дар коллектив нигох доштани фазои мусоид; самаранокии фаъолиятҳои итиҳодияҳои методӣ таъмин намояд;
-худбаҳодиҳӣ – омода будан ба худшиносии касбӣ, умумии фарҳангӣ ва ғ.[3].

Ҳамаи ин намудхои фаъолияти педагогӣ аз муаллими синфхои ибтидоӣ маҳорати баланди педагогиро талаб мекунад. «Маълумоти педагогӣ, - қайд мекунад И.Зязюн, - маҷмуи хислатҳои шахсият аст, ки дар асоси рефлексивӣ худидоракунии сатҳи баланди фаъолияти касбиро таъмин менамояд» [2].

Дар баробари ин, хусусиятҳои муҳимми шахсияти омӯзгор самти инсондӯстии фаъолияти ӯ, салоҳияти касбӣ (донишҳои касбӣ, маҳорати баланди касбӣ дар фаъолияти педагогӣ), қобилияти педагогӣ (қобилияти зуд такмили худидоракунӣ), инчунин техникаи

педагогӣ, ки ба дониш ва қобилият асос ёфта, имкон медиҳад, сохтори фаъолияти педагогиро ба ҳам мувофиқ созанд.

Мутобиқи талаботи муосири тайёр кардани мутахассисони соҳаи педагогӣ омӯзгор-устод бояд шахси эҷодкор бошад, ки бо дараҷаи баланди инкишофи тамоили ба фаъолияти педагогӣ, майли худшиносӣ дар ин касб, инкишофи сифатҳои касбӣ, маҳорати эҷодӣ, ки ба муваффақияти фаъолияти педагогӣ мусоидат мекунанд, равона бошад, маҳз маҳорати касбӣ дар ягонагии салоҳияти педагогӣ, истеъдоди эҷодии худи муаллими синфҳои ибтидоӣ вобаста мебошад, ки бештар самараи роҳбарии ӯро дар ташаккули шахсияти эҷодии хонанда муайян мекунад. Эҷодкорӣ дар фаъолияти педагогӣ аз муаллим талаб мекунад, ки:

- қобилияти тағйир додан, якҷоя кардани мундариҷаи маводи таълимӣ дар самти ғайристандартӣ;
- омодагӣ ба таҳияи равишҳои аслии банақшагирии раванди таълим бо хонандагон дар чорабиниҳои таълимӣ ва беруназсинфӣ;
- донистани метод, усул, шаклҳои ғайристандартии ташкили фаъолияти эҷодии тарбиявӣ ва беруназсинфии хонандагон;
- омодагии тачрибаи педагогӣ - ҷустуҷӯйи роҳҳои такмили ҷараёни таълим бо мақсади ташаккули неруи эҷодии хонандагон ва ғ.[6].

Пас, барои он ки муаллими синфҳои ибтидоӣ эҷодкорона амал кунад, ӯ бояд дорои як қатор хосиятҳо, сифатҳои муҳими касбӣ бошад, ки рушди касбӣ ва тавассути он ташаккули шахсияти хонанда таъмин карда мешавад.

Мо раванди тайёр кардани муаллими синфҳои ибтидоиро ба фаъолияти эҷодии педагогӣ ҳамчун як раванди эҷодии объективӣ мефаҳмем, ки бояд ба тамоилҳои муосири рушди таҳсилоти олӣ бо назардошти ҳамгироӣ ба фазои таҳсилот, дастовардҳои илми равоншиносӣ ва педагогӣ, ки амалияи педагогиро ташкил дода, бо хусусиятҳо ва қонуниятҳои раванди инкишоф ва худинкишофи шахсият муайян карда мешаванд, ҷавобгӯ бошад. Мо ин равандро як раванди зина ба зина мешуморем, ки он тавассути азхудкунии барномаи таълимӣ аз ҷониби хонандагон амалӣ карда мешавад. Таҳлили нақшаҳои таълимии тайёр кардани омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоии дараҷаи тахассусии таълимии «бакалавр» нишон дод, ки курсҳои фанҳое, ки сохтори онҳоро барои ташаккули эҷодии шахсияти муаллими оянда имкониятҳои калон доранд,

Ба фикри мо, тайёриро ба фаъолияти эҷодии педагогӣ аз рӯйи принсипҳои:

— гуманизатсияи таълим – ба талаба имконияти инкишофи доимии худ, такмили худ, инкишофи кобилияти эҷодӣ дар фаъолияти педагогӣ;

— ташкили робитаи мутақобила бо хонандагон дар асоси ба роҳ мондани муколама - таваҷҷуҳ ба муқоисаи нуқтаи назари гуногун, муносибати таҳаммулпазирӣ ба андешаҳои дигар;

— ба вучуд овардани фазои мусоиди ҳамкорӣ барои фаъолияти эҷодӣ ба тариқи фардӣ ва гурӯҳӣ;

— самти касбӣ ва эҷодӣ – умумӣ ва ҷамъбасти донишҳои психологию педагогӣ, малака ва маҳорати амалии касбии хонандагон, ташаккули омодагӣ ба истифодаи оптималӣ ва эҷодкоронаи онҳо дар фаъолияти касбию педагогӣ, дар асоси дарки назариявии моҳияти раванди педагогӣ;

– навоварӣ – пайвастагии навсозии мундариҷаи омодагии касбӣ-педагогии омӯзгорони оянда бо дастовардҳои илм ва амалияи педагогӣ, натиҷаҳои эҷодиёти педагогӣ;

- татбиқи технологияҳои инноватсионии педагогии мутахассисони оянда бо таваҷҷуҳ бо мақсади рушди эҷодии шахсияти хонанда [5].

Омода намудани хонандагон барои инкишофи кобилияти эчодии хонандагони синфхои ибтидой мавкеи фаъолонаи илмиро дар дарс бо максади тахлил, дарк ва арзёбии самаранокии омузиши тамоми фанхои касбй, фаъолияти касбиро хангоми амалияи педагоги таъмин менамояд; ташаккули муносибати омӯзгорони оянда ба худ ба сифати шахсият, ки дар қобилияти тағйир додани (модернизатсия) раванди таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ, худбаҳодиҳӣ ва арзёбии оқибатҳои он зоҳир мегардад.

Қобилияти эҷодкорӣ ҷузъи таркибии фарҳанги педагогии омӯзгор мебошад. Тайёрии муаллими синфҳои ибтидоӣ барои рушди қобилиятҳои эҷодии хонанадгони хурдсол дар асоси эътирофи методии афзалиятҳои инкишофи шахсии хонанда, талабот, мақсадҳо, ҳадаф,

қобилиятҳо хусусиятҳои психологии инфиродӣ, таҷдиди сохтори раванди педагогиро дар самти тамаркузи он ба баланд бардоштани маҳорати касбии хонанда, ташаккули шахсияти касбӣ ва эҷодии омӯзгор, инкишоф ва худидоракунии субъектҳои ҳамкории педагогӣ, инкишофи психологӣ ва механизмҳои педагогии худ такмил додан ва шинос шудан раванди эҷодиро дар бар мегирад.

АДАБИЁТ:

1. Гончаренко С. В. Педагогический словарь / Семен Устинович Гончаренко. - К.: Лыбидь, 1997. - 376 с.
2. Зязюн И.А. Педагогическое мастерство: учебник / І.А. Зязюн, Л. В.Крамущенко, И.Ф. Кривонос и др.; По Ред. И.А. Зязюна. - 2-е вид., дополнить. и перераб. - К.: Высшая шк., 2004. - 422 с.
3. Зязюн И.А. Философия педагогического действия: монография / І.А. Зязюн. -Черкассы: Вид.-во от ЧНУ имени Б. Хмельницкого, 2008. - 608 С.
4. Сысоева С. О. Основы педагогического творчества: учебник. / С. О. Сысоева. - К.: Миллениум, 2006. - 346 с.
5. Цокур Г. М. Формирование потенциала профессионального саморазвития в будущих преподавателей Высшей школы в процессе магистерской подготовки / Г М. Цокур / Автореферат дис...канд. пед. наук: 13.00.04 / Южноукраинский государственный пед. Университет имени К. Д. Ушинского. - Одесса, 2004. - 219 с.
6. Фокин Ю.Г. Преподавание и воспитание в высшей школе: методология, цели и содержание, творчество: учеб. пособ. для студ. высш. учеб. Завед. / Ю.Г.Фокин. - М.:Изд. центр "Академия", 2002. - 224 с.

РОҲҲОИ МУОСИРИ ТАШАККУЛИ ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДИИ ОМӮЗГОРИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ ДАР ҶАРАЁНИ ДАРСҲОИ САНЪАТ ВА МЕҲНАТ

Мақолаи илмии мазкур ба яке аз муаммоҳои таълими ташаккули фаъолияти омӯзгорони оянда ва роҳҳои баланд бардоштани дарсҳои санъат ва меҳнат бахшида шудааст. Муаллиф кӯшиш намудааст, ки мушкилоти ташаккули тафаккури эҷодӣ дар шахсияти муосир, қобилияти эҷодкории омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ, зарурати ташаккул ва инкишоф додани тафаккур ва эҷодкорӣ дар фаъолияти педагогиро татқиқ намуда, роҳҳои муосири онро нишон диҳад.

Калидвожаҳо: худогоҳӣ, худбаҳодиҳӣ, фаъолияти касбӣ, навовар, рушди фаъолияти эҷодӣ, эҷодкорӣ, қобилиятҳои эҷодӣ.

СОВРЕМЕННЫЕ СПОСОБЫ РАЗВИТИЯ ТВОРЧЕСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ УЧИТЕЛЕЙ НАЧАЛЬНЫХ КЛАССОВ НА УРОКАХ ИСКУССТВА И ТРУДА

Данная научная статья посвящена одной из проблем воспитания, формированию деятельности будущих учителей и способам совершенствования уроков искусства и труда. Автор попытался исследовать проблемы формирования творческого мышления у современной личности, творческие способности учителей начальных классов, необходимость формирования и развития мышления и творчества в педагогической деятельности и показал оптимальные пути для этого.

Ключевые слова*: самосознание, самооценка, профессиональная деятельность, инноватор, развитие творческой активности, креативность, творческие способности.*

MODERN WAYS OF DEVELOPING THE CREATIVE ACTIVITY OF PRIMARY SCHOOL TEACHERS AT THE LESSONS OF ART AND LABOR

The article is devoted to the training of highly qualified creative primary school teachers in art and labor education, the problem of the formation of creative thinking in a modern person, the need for the formation and development of thinking and creativity is proved. in pedagogical activity both among students and among students.

Key words: *self-awareness, self-esteem, professional activity, innovator, development of creative activity, creativity, creativity.*

Маълумот дар бораи муаллиф: **Бобоева Инобат Солиҷоновна -** Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, муаллимаи кафедраи назария ва методикаи таълими забони модарӣ. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, хиёбони Мавлонбеков, 1.

Сведения об авторе*:* Бабаева Инобат Солиджоновна – Худжандский государственный университет имени академика Б. Гафурова, преподаватель кафедры теории и методики преподавания родного языка. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, пр. Мавлонбекова, 1

Information about the author: Boboeva Inobat Solijonovna- Khujand State University named after academician B. Gafurov, lecturer at the department of theory and methods of teaching the mother language**.** **Address**: 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov Ave., 1.

КАРИМОВА И.Х.
ИМОМНАЗАРОВ Д.

ХУСУСИЯТҲОИ ТАҲИЯИ НАҚШАҲОИ ТАҚВИМӢ ВА ДАРСӢ ДАР МАКТАБ (СИНФ)-ҲОИ КАМНУФУС

Дар шароити нави иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии ҳаёти ҷомеа аҳамияти таҳсилот, илму дониш, тарбияи маънавӣ ҳамчун омили муҳиму асосии рушди шахсияти озод, инсондӯст ва эҷодкор ба маротиб афзудааст. Дар марҳилаи имрӯзаи ҳаёти ҷомеа муҳимтарин омили камолоти фарҳангӣ, ахлоқию маънавии инсон мактаб ва омӯзгор маҳсуб меёбанд. Масъулияти баланд дар донишомӯзӣ, ташаккули камолоти маънавӣ, ахлоқӣ, зебопарастӣ ва ғайра ба уҳдаи омӯзгор, аз ҷумла омӯзгори деҳот - таъмингари асосии муҳити фарҳангӣ, саҳмгузори таълиму тарбияи насли арзанда ва дорои нерӯи тавоною созанда гузошта шудааст ва ин вазифаи бузургро танҳо омӯзгори соҳибкасб ва дорои донишҳои замонавӣ ва фарҳанги баланди умумиинсонӣ метавонад дар сатҳи зарурӣ иҷро намояд.

Қайд намудан зарур аст, ки мавқеи махсусро дар системаи таҳсилот масъалаи таҳияи нақшаҳои тақвимию мавзӯӣ ва дарсӣ, бахусус дар мактабҳои камнуфус (минбаъд МСК) доро мебошад. Мактабҳои номбурда аз дигар муассисаҳои таҳсилот бо миқдори ками хонандагони худ тафовут дошта, ба таълим дар ин таълимгоҳ(синф)-ҳо хонандагони синну соли гуногун фаро гирифта мешаванд. Фарқияти асосии дарсҳои синфҳои мазкур аз синфҳои муқаррарӣ дар он зоҳир мегардад, ки ҳар як дарс дар ин муассисаҳо сохтори махсуси худро дорад ва гузариши толибилмон аз як амалиёт ба амалиёти дигар (кори якҷояи хонанда ва омӯзгор, кори мустақилона ва худсанҷию худназораткунӣ ва ғайра) таҳти роҳбарии омӯзгор амалиёти муқаррарӣ ба ҳисоб рафта, хонандагон дар ин гуна дарсҳо ба мустақилияти бештар комёб мегарданд.

Дар раванди дарсҳо бо хонандагони синфҳои муттаҳидшуда бо навбат ва дар сурати зарурат дар якҷоягӣ корҳои мустақилона гузаронида мешаванд. Дар раванди таълим дар синфҳои муттаҳидшуда омӯзгор ба як синф аввал баёни мавзӯи нав ва ба хонандагони синфи дигар кори мустақилона ё тарзи иҷрои супоришҳои навбатии пешниҳодшударо мефаҳмонад ва баъдан баръакс ба хонандагони синфи аввал кори мустақилона ва ба хонадагони синфи дигар мавзӯи навро мефаҳмолнад ва сипас натиҷаи иҷрои онро месанҷад ва ғайра.

Ҳамин тариқ, кори мустақилонаи самарабахши як синф шарти фаъолияти пурсамари хонандагони синф (ё синф)-ҳои дигар гардида, он яке аз ҷузъи ҳатмӣ барои синфҳои камнуфус арзёбӣ мегардад. Пешрафт ва муваффақияти ҳар як дарс дар мактабҳои мазкур ба маҳорати баланди пешбурди кори мустақилонаи бо навбат ва таҳти назорати омӯзгор (баёни мавзӯи нав,кор дар ҷуфт ва гуруҳҳо ва ғайра) вобастагӣ дорад. Гузариш аз як намуди амалиёти таҳти роҳбарии омӯзгор (баёни мавзуи нав) ба амалиёти дигар-кори мустақилона, махсусан дар нимсолаи якуми соли аввали хониши хонандагон хеле муфид шуморида мешавад. Зарурати ташкил ва гузаронидани дарсҳои шаклан гуногун дар мактабҳои камнуфус дар нимсолаи 1 ва 2 талаботи замон арзёбӣ мегардад.

Дар раванди банақшагирии дарс омӯзгор дар синфҳои мазкур таваҷҷуҳи худро бештар равона месозад ба:

- банақшагирии санҷиши мухтасари сатҳи дониши хонандагон ва дараҷаи дарки мазмун ва муҳтвои маводи таълимӣ;
- баёни мавзӯи нав бо назардошти омодагии пешакии мустақилонаи хонандагон ба азхудкунии мавзӯъ ва тавассути он ба ҳифзи донишҳои нав;

Дар раванди корҳои мустақилонаи хонандагон ба иҷро амалиётҳои зерин таваҷҷуҳ зоҳир карда мешавад:

- такрори мустақилонаи маводи таълимии омӯхташуда аз рӯи китобҳои дарсӣ ё дигар манбаъҳои иттилоотӣ бо мақсади азхудкунии донишҳои нав дар раванди дарс;
- иҷрои машқ (супориш)- ҳои мустақилона барои мустаҳкамкунии маводи дар дарс омӯхташуда бо истифода аз намунаи мисолҳо ва супоришҳои таълимии пешниҳодшудаи омӯзгор;
- истифодаи шаклҳои гуногуни иҷрои машқ (супориш) - ҳои омӯзишӣ, дар сурати зарурат муҳайё намудани имконияти истифода намудан аз таблитса ва нишондодҳои махсуси омоданамудаи омӯзгор, истифодаи маълумотҳои назарӣ ва қоидаҳо аз китоби дарсӣ.

Дар раванди дарс ташкили кори мустақилонаи самарабахш ва таъмин намудани иҷрои супоришҳои таълимии пешниҳодшуда тавассути нишон додани амалиёти пайдарҳами хонандагон хеле муҳим шуморида мешавад. Маълум аст, ки суръати иҷрои кори мустақилонаи ҳар як хонанда вобаста ба қобилиятҳои зеҳнию тафаккурӣ, таҳкурсии дониши қаблӣ гуногун арзёбӣ гардида, пешакӣ омода намудани супоришҳои иловагӣ тавассути варақаҳои захиравӣ ва навиштани варианти дигари онҳо дар тарафи муқобили тахтаи синф хеле муфид мебошад. Онҳоро хонандагони алоҳида баъди иҷрои супоришҳои умумӣ бе хотиррасон ва нишондоди махсуси омӯзгор ба таври иловагӣ иҷро менамоянд.

Бояд қайд намуд, ки дар муҳити хонандагони синфҳои камнуфус тарзи муошират самимона ва боварибахш арзёбӣ гардида, одатан фазои мусоиди ҳурмату иззати тарафайн дар он афзалият дорад. Дар сурати бо овози баланду гӯшхарош баён намудани иттилооти таълимӣ хонандагон хаста гардида, эҳтимол, мазмуни маълумотро то ба охир азхуд карда натавонанд. Дар сурати таъмини муносибати хайрхоҳона, муошират эҳтиромона вақти дарс камтар сарф шуда, маводи таълимии пешниҳодшуда комилан азхуд карда мешавад. Суръати оптималии нутқ одатан 120-130 калима дар як дақиқа пазируфта шудааст ва он аз суръати мӯътадили (150 калима дар як дақиқа) нутқи гуфтугӯӣ камтар мебошад.

Ҳамзамон бо сабаби афзудани сарбории хонандагони синфҳои поёнӣ омӯзгор пурсиши вазифаи хонагиро набояд тӯлонӣ гузаронад, зеро он метавонад фаъолияти фикрии хонандагонро маҳдуд созад. Онҳо дар шароити камшумор будани хонандагон дар давоми 4-5 дарси ҳаррӯза якчанд маротиба ба саволҳои омӯзгор ҷавоб мегӯянд ва чунин тарз сурат гирифтани кор душвориҳои муайянро ба миён оварда метавонанд. Гузашта аз он, назорати мунтазам хонандагонро метавонад дилбазан намояд ва мустақилияти онҳо маҳдуд гардонида, ба коста гардидани шавқу завқи донишомӯзӣ ва хасташавии ҷисмонию рӯҳии онҳо мусоидат намояд.

Дар ин сурат омӯзгорон бояд хасташавиро тавассути омилҳои зерин пешгирӣ намоянд:

- дидактикӣ (истифода ва ивазкунии шакли гуногуни фаъолият дар раванди дарсҳо 7-9 шакл, истифодаи бештари шаклу усулҳои дарсҳои ғайримуқаррарӣ, иҷрои супоришҳои фаъоли раванди тафаккур ва ғайра);

- психологӣ (фаъолгардонии шаклҳои гуногуни диққат, амалиёти фикрӣ, ташкили муҳити созгори психологӣ дар синф ва ғайра);

- техникӣ (бештар гузаронидани лаҳзаҳои варзишӣ, кӯтоҳкунии давомнокии дарс то 35-40 дақиқа, риояи ист то ва баъди саволгузорӣ, такрори фикрҳои пуразриш, паст ва баланд намудани овоз дар раванди баёни маводи таълимӣ бо мақсади пурқувват намудани таъсироти отифӣ (эҳсосотӣ)-и он.

Нишондодҳои аҷиб оид ба ташкили сохтори дарси ҳозиразамон аз ҷониби олимон П. Урбетис ва В. Валентиновичюс, ки дар асоси омӯзиши дигаргуншавии қобилияти дарккунии мактабиён дар раванди дарс ба даст омадаанд, ба таври зерин арзёбӣ мегарданд: аз 1 то дақиқаи 4-уми дарс хонандагон 60% қобилияти азхудкунӣ, аз 5 то дақиқаи 23-юм қариб 80%, аз 24 то 34-ум- қариб 45-50% ва аз 35 то охири дарс – то 6% - и маводи таълимиро нишон додаанд.

Дар синфҳои камнуфус аз ҳисоби кам кардани вақти қисми ташкилии дарс, такрори мавзӯи гузашта (пурсиши вазифаи хонагӣ) ва инчунин баёни мавзӯи нав азхудкунии маводи таълимиро тавассути зиёд намудани ҳаҷми корҳои мустақилона дар давоми дарс таъмин намудан ва дар ин сурат ҳаҷми вазифаи хонагиро комилан кам кардан имконпазир мегардад.

Бо мақсади расондани кӯмак ба омӯзгорони синфҳои мазкур мо дар асоси тачрибаи пешқадами омӯзгорон ва пешрафти илм дар МСК доир ба ташкил ва гузаронидани дарсҳо баъзе фикру мулоҳизаҳои худро иброз менамоем.

Таҳқиқоти ходимони илмии Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи Академияи Тоҷикистон дар хусуси чи тавр дар ду, се ё чор синф баробар гузаронидани дарс чунин ақидаҳои гуногуни муҳаққиқон ва омӯзгоронро пайдо намуданд:

- теъдоди муайяни муҳаққиқон ва омӯзгорон бар ақидаанд, ки (илм дар тачриба ҳам бисьёр дучор мешавад) тибқи талабот бояд вақти ҷудошудаи ҳар як дарс ба ду синф баробар тақсим карда шавад ва дар нимаи аввали дарс омӯзгор бо як синф машғул гардида, ба синфи дигар кори мустақилона супорад. Дар нимаи дуввуми дарс бошад, баръакс синфи дигарро бо машғулияти якҷоя фаро гирифта, ба синфи аввала кори мустақилона супорад;

- муҳаққиқон ва омӯзгорони дигар чунин мешуморанд, ки дар сурати чунин тарзи

пешбурди дарсҳо омӯзгор имконияти назорат кардани кори мустақилонаи синфи дигарро ба таври воқеӣ надорад. Аз ин рӯ омӯзгорро лозим аст, ки вақти дарсро на ба ду, балки ба се ё чор қисм тақсим карда, дар раванди он назоратро аз болои ҳамаи синфҳо бо навбат таъмин намояд. Ин тарзи кор, ба фикри онҳо, барои ба иҷрои кори мустақилонаи талабагон имконияти бештар назорат кардану дар аснои пайдо гардидани мушкилот ба онҳо кӯмаки саривақтӣ расонидан шароити мусоидро бештар фароҳам месозад;

- гуруҳи дигари омӯзгорон ва муҳаққиқон пешниҳод менамоянд, ки ҳар як соати дарс дар МСК ба ду қисмати баробар тақсим карда шуда, дар раванди гузаронидани дарс ба амалиёти омӯзгор вақти зиёдтар ва ба кори мустақилонаи хонандагон вақти камтар ҷудо карда шавад.

Таҳқиқ ва таҳлили натиҷаи сифати таҳсилот нишон медиҳад, ки бо чунин тарзу усулҳо гузаронидани дарсҳо дар таҷрибаи кори омӯзгорони мактабҳои зиёд мушоҳида карда мешавад. Истифодаи тарзу усулҳои таълими мазкур ба сифати таҳсилот бештар тақвият мебахшад.

Омӯзгорони соҳибихтисосу эҷодкор дар вақти ташкил ва гузаронидани дарсҳо дар синфҳои камнуфус аз тамоми нозукиҳои таълим дар шароити кор бо ду, се ё чор синф тавассути ҷустуҷуҳои эҷодӣ, омӯзиши таҷрибаи омӯзгорони ватанию хориҷӣ,тавассути мутолиаи адабиёти муосири илмию методӣ воқиф гардида, вобаста ба имконияту шароит фаъолияти худро ба нақша медароранд ва ҳар чи бештар аз усулҳои таълими босифат истифода менамоянд. Онҳо нозукиҳои раванди таълимро дар шароити муттаҳидкунии синфҳои гуногун ба инобат гирифта, дар синфи 1 дар оғози соли хониш (нимсолаи аввал), вақте ки дар хонандагон ҳанӯз малакаи мустақилона кор кардан ташаккул наёфтааст, дарсҳоро ҳатман таҳти роҳбарӣ ва назорати бевоситаи худ қарор медиҳанд. Хонандагони синфи 3-ро бошад, дар сурати муттаҳид гардидани онҳо бо синфи якум пас аз суҳбати мухтасари омӯзгор бо кори мустақилона ҷалб менамояд, ки қобили қабул арзёбӣ мегардад.

Албатта, якҷоя гузаронидан дарс дар МСК дар марҳилаи аввали таълим, ки хонандагони синфи якум малакаҳои мустақилона кор карданро ҳанӯз дар худ ташаккул надодаанд, ба омӯзгор мушкилоти зиёдро эҷод месозад. Бинобар ин дар нимсолаи якум таваҷҷуҳи омӯзгор бештар ба синфи якум (ҷадвали дарсии махсус) ва дар нимсолаи дуюм ба дигар синфҳо дар раванди таълими фанҳо мувофиқи салоҳдиди омӯзгор ва ниёзу зарурат равона мегардад.

Дар МСК асосан шаклу усулҳои зерини дарсгузаронӣ бештар пазируфта шудаанд:

1. Дарсе, ки дар раванди он хонандагони ҳар ду синф мавзӯи нав меомӯзанд. Ин тарзи дарсгузаронӣ имрӯзҳо дар таълимгоҳҳои мазкур камтар ба мушоҳида мерасад.
2. Дарсе, ки дар раванди он хонандагони як синф ба омӯзиши мавзӯи нав ва синфи дигар ба фаъолияти мустаҳкамкунӣ, кори мустақилона ё санҷиши маҳорату малакаи амалӣ фаро гирифта мешаванд.
3. Дарсе, ки дар раванди он ҳар ду синфи муттаҳидшуда ба такрори мавзӯъҳои омӯхташуда, дарсҳои ҷамъбастию такрорӣ ва ғайра машғул мешаванд.
4. Дарсе, ки дар раванди он якбора ду фан омӯхта мешавад (як синф фанни математика, синфи дигар забони модарӣ; математикаю касбу ҳунар ва ғайра;
5. Дарсҳое, ки дар онҳо хонандагони як синф кори хаттии санҷиширо иҷро мекунанд (математика), синфи дигар аз фанни муайян тибқи интихоби омӯзгор ба кори мустақилона ё кори санҷишӣ (диктант) фаро гирифта шуда метавонад.

Дар мавриди ташкил ва гузаронидани дарс дар МСК омилҳои зеринро ба инобат гирифтан амри воқеист:

- роҳ надодан ба сарбории зиёд;
- ба таври ҳатмӣ гузаронидани лаҳзаҳои дамгирӣ дар раванди дарсҳо;
- пешбинӣ намудан ва ҳатман гузаронидани кори мустақилона бо хонандагон тавассути супоришҳои фаъоли раванди тафаккур ва таъмини назорати ҳар як лаҳзаи дарс;

ба инобат гирифтани ҳаҷм ва сатҳи мураккабии супоришҳои кори мустақилона бо назардошти масрафи вақти воқеӣ дар раванди кор бо ду ва зиёда синфҳо;

- ба назар гирифтани қисматҳои асосии дарс ва банақшагирии онҳо бо назардошти миқдори синфҳои муттаҳидшуда;
- таъмини назорати амалиёти хонандагон таҳти роҳбарии омӯзгор ва рушди қобилиятҳои зеҳнию эҷодии хонанда дар раванди иҷрои супоришҳои мустақилона;
- таъмини фаъолияти таълимии мустақилонаи хонандагон тавассути мушоҳидакунӣ,

андешаронӣ дар гуруҳои хурд ва бузург дар давраи машғул будани омӯзгор бо синфи дигар;

- васеъ истифода бурдани намудҳои гуногуни маводи тақсимотӣ барои иҷрои кори мустақилонаи хонандагон ва таъмини санҷиши сифати иҷрои онҳо;
- ташкил ва гузаронидани бозиҳои гуногуни дидактикӣ, маърифатӣ, лаҳзаҳои дамгирӣ ва ғайра.

Кӯдакон бо мақсади рушди маҳорату малака дар раванди омӯзишу парвариш бояд:

- ҳатман ба иҷрои супоришҳои гуногуну фаъол ҷалб карда шаванд;
- дар вақти баёни мавзӯи нав диққати устувор дошта бошанд;
- варианти ҷавобҳои гуруҳи дигари хонадагонро гӯш кунанд ва маҳорати хулосабарорӣ, муқоисакунии вариантҳои ҷавобҳои хеш бо ҷавобҳои хонандагони дигари синф ва дар сурати зарурат воридсозии тағйирот ба ҷавобҳои хеш дар худ такмил дода тавонанд;
- ҳамкории мутақобилаи судмандро бо омӯзгор ва ҳамсинфон таъмин созанд.

Дар мактабҳои камнуфус таҳияи нақшаҳои дарсии маҷмӯӣ (комплексӣ) ба мақсад бештар мувофиқ мебошанд. Хусусияти хоси онҳо ба таври мутавозӣ (паралелӣ) барои ду ё якчанд синф якбора дар сутуни нақшаҳои дарс зинаҳои амалиёти омӯзгору хонандагонро нишон додан арзёбӣ мегардад. Ҳамзамон, нақшаи дарс хеле кӯтоҳ ва мушаххас таҳия мегардад, вале дар баробари он маводи зарурии таълимӣ барои пешбурди муваффақонаи дарс дар нақша нишон дода мешавад. Ва дар он ба таври возеҳ мавзӯъ, мақсад ва зинаҳои дарс, саволу супоришҳои интихобшуда ва ғайра оварда мешаванд. Савол, супориш, мисолу масъала ва вазифаҳоро аз китобҳои дарсӣ рӯнавис намудан зарурат надошта, танҳо нишон додани саҳифаи китоби дарсӣ ва рақами супориш дар нақшаи дарс басанда мебошад. Супорише, ки аз тарафи омӯзгор дар нақшаи дарс, ё дар шакли варақа (карточка)- и алоҳида омода мегардад, дар нақшаи дарс ба он ишора карда мешавад. Ба нақшаи дарс инчунин маводи иловагӣ, саволу супоришоте, ки дар раванди дарс шояд тариқи суҳбат аз онҳо истифода бурда мешавад, ё ба хонандагоне, ки пеш аз муҳлат супоришҳои асосиро иҷро мекунанд, барои иҷро ба таври иловагӣ пешниҳод мегарданд, дохил намудан аз аҳамият холӣ нахоҳад буд. Дар нақшаи дарсӣ ҳатман маводи таълимии истифодашаванда нишон дода мешавад.

Таваҷҷуҳи хоса ба тақсимбандии вақт зоҳир карда шуда, вақти дақиқи оғоз ва анҷоми ҳар як зинаи дарс дар нақша нишон дода мешавад. Ин омил имконият медиҳад, ки омӯзгор хонандагонро ба раванди муваффақонаи дарс бештар ҷалб намояд ва иҷрои ҳадфҳои дар пеши худ ва хонандагон гузоштаро саривақт таъмин созад.

Муттаҳидкунӣ (якҷоякунӣ)- и синфҳо метавонад дар лаҳзаҳои алоҳида ё дар баъзе ҳолатҳо ҳангоми гузариши дарсҳои якмавзӯӣ сурат бигирад. Фаъолияти омӯзгор тибқи принсипи маъмули дидактикии зерин пешбинӣ менамояд:

- таъмини пешбурди дарси алоҳида ё системаи дарсҳо аз рӯи маводи тавъами синфҳои муттаҳидшуда;
- ташкил ва гузаронидани фаъолияти бо навбати омӯзгор бо як синф ва кори мустақилонаи хонандагони синфи дигар, фаъолияти мустақилонаи якҷоя натанҳо дар доираи як синф, балки тамоми хонандагони синфҳои муттаҳидшуда;
- истифодаи шаклҳои ташкили кори хонанагон дар гуруҳҳо ва ҷуфтҳо аз рӯи маводи таълимии тавъам;
- истифодаи шаклу усулҳои таълими тарафайни хонандагон, таъмини на танҳо имконияти дарк намудани мазмун ва такмили маҳорату малака, балки омӯзиши он ба дигарон;
- мусоидат намудани ба тағйири системаи муқарраргардидаи муошират дар синфҳои камнуфус, зиёд намудани вақти муошират тавассути модели «талаба + талаба + …омӯзгор», «талаба + талаба + гуруҳ…+ омӯзгор» ва ғайра.

Хусусияти дарсҳои мактабҳои камнуфус инчунин дар он зоҳир мегардад, ки дар дарсҳои якҷояи ду ё зиёда синфҳо омӯзгор ба хонандагон нисбат ба синфҳои муқаррарӣ ним ё се маротиба камтар вақт ҷудо карда метавонад, қисмати дигари дарсро бошад, бо сабаби зарурат ва надоштани имконот ба корҳои мустақилонаи хонандагон равона месозад.

Дар раванди ба нақшадарории дарсҳо инчунин вобаста ба ҳаҷм, мазмуну муҳтавои маводи таълимӣ (мавзӯъ) ва маводи дидактикӣ омӯзгор вақти дарсро ба омода намудани хонандагон ба азхудкунии мавзӯъ, баён ва мустаҳкамкунии мавзӯи нав тақсимбандӣ

мекунад. Сохтори ягонаи дарс барои МСК то ба имрӯз муайян нашудааст. Сохтори он аз рӯи тартиб, пайдарҳамӣ ва алоқаи ногусастании зинаҳои дарс муайян карда мешавад.

Дар дарсҳои муқаррарӣ (анъанавӣ)-и МСК санҷиши вазифаи хонагӣ, баёни мазмуни асосӣ ва қисмати ҷамъбастии дарс муҳим шуморида машавад. Дарсҳои таълими рушдёбанда бошанд, аз гузориши вазифаҳои таълимӣ, дарёфти шаклҳои гуногуни ҳалли масъалаҳо ва назорати минбаъдаи роҳҳои гуногуни ҳалли мисолу мсъалаҳо, иҷрои машқҳо иборат мебошанд.

Таваҷҷуҳи хосаро ташкил ва банақшагирии дарсҳои якмавзӯӣ дар синфҳои муттаҳидшудаи камнуфус ба худ ҷалб менамояд. Зеро мавзӯъҳои зиёди ҳар як синф аз рӯи барномаҳои таълимӣ одатан сол ба сол такрор меёбанд (забони модарӣ, математика, забони русӣ, санъат ва меҳнат ва ғайраи ҳар як синф) ва имконияти ба нақшадарории раванди таълим бояд тарзе ба роҳ монда шавад, ки дарсҳо оид ба ин мавзӯъҳо дар ҳамаи синфҳо якҷоя гузаронида шаванд. Вақти муайяни ин гуна дарсҳоро метавон ба истифодаи нақл, суҳбат, гузаронидани таҷриба, намоиши расм ва таблитса, ки ба хонандагони ҳамаи синфҳо тааллуқ доранд, сарф намуд. Вақти боқимондаи онҳо ба фаъолияти хонандагони ҳар як синф баҳри иҷрои супоришҳои алоҳида равона карда мешавад.

Шаклҳои зерини ташкил ва гузаронидани дарсҳои якҷоя бо якчанд синфҳои муттаҳидшуда имконпазир мебошанд:

- тамоми вақти ҷудошудаи дарс ба кори дастаҷмъонаи хонандагони синфҳои муттаҳидшуда таҳти назорати омӯзгор равона мегардад. Дар раванди суҳбати умумӣ бошад, омӯзгор метавонад саволҳои гуногун ба хонандагони синфҳои муттаҳидшуда диҳад;
- қисмати вақти асосии дарс метавонад ба баёни мавзӯи нав (гузориши вазифаҳои таълимӣ ва дарёфти роҳҳои гуногуни ҳалли масъалаҳо дар таълими рушдёбанда), суҳбат доир ба мазмуну муҳтавои мавзӯъ тавассути саволҳои муҳим ва ҷамъбасти он, қисмати боқимондаи вақт ба иҷрои кори мустақилонаи хонандагон равона гардад;
- дар раванди дарс фаъолияти хонандагони синфҳои муттаҳидшударо метавон ба иҷрои корҳои мустақилона ё машқҳои якхела бо назардошти иҷрои ҳатмии супоришҳои иловагии фардӣ равона намуд.

Ҳамзамон бояд қайд намуд, ки ягон ҷадвали дарсии МСК ягона ва доимӣ набуда, ба он дар рафти фаъолият (дар сурати зарурат) тағйирот ворид намудан амри воқеист.

Дар раванди таълим муҳлати гузариши мавзӯъҳои нав баъзан дар ду ё се синфи муттаҳидшуда якбора дар як рӯз рост омада метавонад. Дар ин сурат омӯзгор дар ҷадвали дарсҳо метавонад тағйирот ворид созад. Ба ҷойи дарси пешбинишудаи баёни мавзӯи нав дар яке аз синфҳои муттаҳидшуда дарси касбу ҳунарро гузорад. Чунин ҳолат дар аснои гирифтани корҳои санҷишии хаттӣ низ баъзан рух дода метавонад. Масалан, дар ин сурат низ метавон дар як синф диктант ва дар ду синфи дигар бо ворид сохтани тағйирот ба ҷадвали дарсӣ кори мустақилона ё кори хаттии санҷишӣ аз фанни математика гузаронд.

Китоби дарсии компютерӣ дар ин тасниф маҷмуи барномавӣ-методӣ мебошад, ки имконияти мустақилона омӯзиши курсро фароҳам меорад ва унсурҳои таҷрибаи лабораторӣ ва китоби маълумотномаро дар бар мегирад. Тахмин меравад, ки донишҷӯ дар раванди кор бо ин китоби дарсӣ мустақилона, қадам ба қадам тамоми ҳаҷми дониш, маҳорат ва малакаро аз худ мекунад. Ин раванд ба таври инфиродӣ сурат мегирад, аммо лаҳзаи умумӣ дар он аст, ки мутахассиси оянда бо зарурати пеш аз ҳама дарк намудани мавод рӯ ба рӯ мешавад, яъне схемаи генералии тасаввур менамояд ва бо идома додани кор аз ҷониби донишҷӯ мушаххас мешавад ва мундариҷаи он ғанӣ мегардад. Минбаъд, аз гуна (вариант)-ҳои зиёд фарзияи умумии худро мушаххас намуда, донишҷӯ яке аз онҳоро интихоб мекунад ва доим дар мадди назар мегирад, ки танҳо яке аз роҳҳои ҳалли имконпазири пешниҳодшуда аст ва имконоти дигар низ мавҷуданд. Барои дар бораи эътимоднокии он

хулоса намудан, бояд мустақилона маълумоти дахлдорро интихоб кардан, далелҳо ёфтан, онҳоро бо гуна (вариант)-и интихобкардаи ҳал муқоиса кард. Маҳз ин раванди фаъолияти пуршиддати тафаккур – муқоиса, ҷустуҷӯи далелҳо, мушоҳидаи мустақилонаи вобастагиҳои сабабӣ раванди эҷодӣ маҳсуб меёбад, ки моҳияти таваҷҷуҳ ба маърифатро ташкил медиҳад.

Хусусияти фарқкунандаи китоби дарсии компютерӣ – ин татбиқи алоқаи интерактивии баргарданда дар раванди таълим мебошад. Ин хусусияти китоби дарсии компютерӣ ҷиҳати истифодаи он дар системаи таҳсилоти кушод ва алалхусус дар таълими фосилавӣ дурнамои васеъ касб мекунад. Дар ин замина, воситаҳои таълимии электроние сохтан мумкин аст, ки тавассути Интернет дастрасанд ва ба устоду донишҷӯ имкон медиҳанд, то дар раванди таълим фаъолона ҳамкорӣ кунанд.

Амсилаи мураттабнамудаи мо тасаввуроти муосири илмиро оид ба моҳияти таълими фосилавӣ инъикос намуда, раҳёфти навро ба ҳалли масъалаи таҳқиқшаванда дар бар мегирад.

Ҳамин тариқ, истифодаи таълими фосилавӣ асосан бо таърихи офаридан ва истифодаи мошинҳои таълимӣ, тағироти сифатии сатҳи технологияҳои компютерӣ ва иттилоотӣ марбут буда, метавонад дар баланд бардоштани сатҳу сифати таълими дар донишкадаву донишгоҳ мусоидат намояд, агар дар он заминаи психологӣ-педагогӣ вуҷуд дошта бошад.

АДАБИЁТ:

1. Беспалько В.П. Слагаемые педагогической технологии. - М.:Педагогика, 1989. - 192 с.
2. Зимняя И.А. Педагогическая психология. - Ростов н/Д.: Изд-во «Феникс», 1997. - 480 с.
3. Зиновьев С.И. Учебный процесс в советской высшей школе. 2-е изд. - М., " Высшая школа", 1975. - 314 с.
4. Журавлёв А.П., Павлюк Н.А. Язык и компьютер. - М.: Просвещение, 1989.-159 с.
5. Образцов Г.Н. Психолого-педагогические аспекты разработки и применения в вузе информационных технологий обучения. - Орёл, 2000. - 145 с.
6. Флейвелл Дж. Х. Генетическая психология Ж. Пиаже. -М., 1967.
7. Щукина Г.И. Активизация познавательной деятельности учащихся в учебном процессе: Учеб. пособие для студентов пед. ин-тов. - М.: Про-свещение, 1979. - 160 с.

ХУСУСИЯТҲОИ ТАШКИЛИ ФАЪОЛИЯТИ ТАЪЛИМИИ ДОНИШҶӮЁН ДАР ТАЪЛИМИ ФОСИЛАВӢ

Дар мақола масъалаи мазкур хусусиятҳои татбиқи таҳсилоти фосилавӣ ҳангоми таълими фанҳои риёзӣ-табиӣ ошкор карда шуданд; шароитҳои психологӣ-педагогие асоснок карда шуданд, ки барои ташкили раҳёфти инфиродӣ ва ташаккули шахсияти мустақил, фаъол ва эҷодкор мусоидат мекунанд; ҷанбаҳои илмӣ ва методии ташкили таҳсилоти фосилавӣ нишон дода шудааст.

Самаранокии таълим ба воситаи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ амалӣ гардонида шудааст.

Калидвожаҳо: *усули фаъоли омӯзиш; раванди таълим; сифати таълим; азхудкунии дониш; самаранокии омӯзиш., таҳсилоти фосилавӣ, компютер, усул, муошират, принсип, фаъолият, педагогика, математика.*

ХАРАКТЕРИСТИКА ОРГАНИЗАЦИИ ОБРАЗОВАТЕЛЬНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ СТУДЕНТОВ В ДИСТАНЦИОННОМ ОБРАЗОВАНИИ

В статье выявлены особенности применения дистанционного образования в обучении математическим и естественным наукам; обоснованы психолого-педагогические условия, способствующие организации индивидуального развития и формированию самостоятельной, активной и творческой личности; показаны научно-методические аспекты организации дистанционного образования.

Эффективность образования реализована с помощью информационных и коммуникационных технологий.

Ключевые слова: *математика, учебный процесс, качество обучения, контрольная работа, технология, методы, принцип, деятельность, педагогика, общение.*

CHARACTERISTICS OF THE ORGANIZATION OF EDUCATIONAL ACTIVITIES OF STUDENTS IN DISTANCE EDUCATION

The article reveals the features of the use of distance education in teaching mathematical and natural sciences; substantiated psychological and pedagogical conditions that contribute to the organization of individual development and the formation of an independent, active and creative personality; scientific and methodological aspects of the organization of distance education are shown.

The effectiveness of education is realized with the help of information and communication technologies.

Keywords: *active learning methods; studying proccess; the quality of education; acquisition of knowledge; learning efficiency, distance learning, computer, methods, communication, principle, activity, pedagogy, mathematics.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Зиёвиддинзода Зулолиддин, Унвончӯи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, 735500, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Панҷакент, Тел:928243636, E-mail: zulik.zul@mail.ru

Сведения об авторе: Зиёвиддинзода Зулолиддин**,** Соискатель Института развития образования им. А. Джами Академии образования Таджикистана, 735500, Республика Таджикистан, г.Пенджикент, Тел:928243636, E-mail: zulik.zul@mail.ru

Information about the author: Ziyoviddinzoda Zuloliddin, Applicant Institute for the Development of Education named after A. Jami of the Academy of Education of Tajikistan, 735500, Republic of Tajikistan, Penjikent, Tel: 928243636, E-mail: zulik.zul@mail.ru

ҚУРБОНОВА Ф.

МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМИИ ТОМАКТАБӢ

Таҳсилоти томактабӣ зинаи нахустини низоми таҳсилоти пайдарпаи инсонро ташкил медиҳад. Дар робита бо ин таҳсилоти кӯдакони синни томактабӣ бояд мутобиқи идеологияи умумии навсозӣ дар Тоҷикистон сурат бигирад. «Муносибати салоҳиятнокӣ» хеле фаъолона дар низоми таҳсилоти кишвар ворид шуда истодааст. Муносибати салоҳиятнокӣ чунин равияест, ки таваччӯҳро ба натиҷаи таҳсилот равона месозад. Мухим он аст, ки ба ҳайси натиҷа на ҳаҷми арзёбии донишҳо, балки қобилияту малакаи кӯдак дар вазъияти ҳасос дар назар аст.

Ҷомеаи муосир ба хатмкунандагони муассисаҳои таълимии томактабӣ талабот гузоштааст, ки онҳо на танҳо дониш, маҳорату малакаҳоро дар кӯдакистонҳо омӯзанд, балки онҳоро дуруст дар оянда истифода бурда тавонанд, яъне, дар кӯдакистон бояд шароите фароҳам оваранд, ки барои омода намудани кӯдакон ба марҳилаи ояндаи зиндагӣ кӯмак расонад. Дар давраи таҳсилоти томактабӣ имрӯз омӯзгорон бояд ҳатман аз технологияҳои босалоҳиятҳои самтёфта, ки кӯдак мутобиқшавӣ ва ҳолатҳои ҳаёти имрӯзаро меомӯзанд, истифода баранд. Низоми муносибатҳои босалоҳияти кӯдакони синни томактабӣ калидӣ мебошад. Дар синни соли томактабӣ дастовардҳои равонию физиологӣ, фардӣ, мухторияти касбӣ, мустақилияти кӯдак дар рафтор, ҳалли масъалаҳои оддитарини маишӣ, ташкили фаъолияти гуногун, масалан - бозӣ, эҷодкорӣ, маърифатӣ, таълим ва меҳнат, муносибат бо калонсолон ва ҳамсолон аз ташаккули салоҳиятнокии калидӣ дарак медиҳад ва ин гуна салоҳиятнокӣ хусусияти бисёрфункционалӣ дошта, азбар намудани онҳо ба кӯдакон имконияти ҳалли проблемаҳои гуногуни зиндагии ҳамарӯза фароҳам меоварад.

Дар ин ҷода муҳимтарин он аст, ки омӯзгорон бояд омодагӣ дошта бошанд!.

«Салоҳияти касбии омӯзгоронро дар бар мегирад;

- маҷмӯи донишу маҳорат, малакаҳое, ки самаранокии меҳнатро муайян мекунад;
- ҳаҷми иҷрои масъалаҳои самаранокии меҳнатро;
- мувофиқати сифатҳои шахсӣ ва хусусияти онҳоро.
- маҷмуи дониш ва сифатҳои касбии омӯзгоронро.
- роҳҳои касбомӯзии омӯзгорро.
- тайёрии назариявӣ ва амалӣ ба меҳнат;
- қобилиятнокӣ ва амалиётҳои мураккабро;
- асосҳои донишҳо аз рӯйи таҷрибаи шахсӣ-интелектуалӣ ва фаъолияти иҷтимоӣ касбӣ вобасташударо.

Салоҳиятҳои касбии омӯзгори муассисаҳои томактабӣ аз рӯйи чунин нишондодҳо муайян карда мевашад:

- маҷмӯи хусусиятҳои умумибашарӣ ва касбие, ки ба ӯ имконияти ҳам барномаи муайяншударо дар ҷараёни равонӣ ва педагогие, ки дар ҳолатҳои махсус дар муассисаҳои томактабӣ вуқуъ мепайвандад, ҳолатҳои рушд ва ба қобилияти умумӣ ва махсуси ӯ вобастагӣ доранд.
- Агар сода карда гӯем, қобилияти мутобиқ намудани дониш барои фаъолияти бомувоффақияти меҳнатиро низ дар назар дорад.

Сохтори босалоҳиятии касбӣ

- Қисми муқоисавии донишҳои касбиро дар соҳаи илмҳои равоншиносӣ, педагогӣ ва методологӣ дар бар мегирад.
- Қисми фаъолият - малакаи касбӣ ва маҳорат.
- Қисми касбии шахсӣ – арзишҳои касбии омӯзгор.

Талаботи рӯз ба босалоҳият будани омӯзгор

Омӯзгор бояд дар масъалаҳои ташкил ва таъмини фаъолиятҳои гуногун дар самтҳои - тарбиявӣ – таълимӣ; таълимӣ – методӣ; иҷтимоӣ – педагогӣ босалоҳият бошад:

Фаъолияти тарбиявӣ – таълимӣ чунин меъёрҳои босалоҳиятро дар назар дорад;

- амалӣ гардонидани тамоми ҷараёни педагогӣ;
- таъмини муҳити рушдёбанда;
- ҳифзи ҳаёт ва саломатии кӯдакон;

меъёрҳои мазкур аз рӯйи чунин нишондодҳо салоҳияти омӯзгорро мустаҳкам гардонида метавонад.

- донистани мақсад, вазифа мундариҷа, принсипҳо, шаклу усулҳо ва воситаҳои таълиму тарбияи кӯдакон.
- маҳорати ташаккул додани дониш, маҳорату малакаҳои кӯдакон мувофиқи Барномаи тарбия, таълим ва инкишофи кӯдакони синни томактабӣ.

Фаъолияти методӣ-таълимии мураббия чунин меъёрҳои босалоҳиятро дар назар дорад:

- банақшагирии корҳои таълимию - тарбиявӣ;
- тарҳрезии фаъолияти омӯзгорӣ дар асоси таҳқиқи натиҷаҳои бадастомада;

Маълумоти меъёрӣ аз рӯйи чунин далелҳои босалоҳият мустаҳкам гардонида мешавад;

- донистани барномаи таълимӣ-тарбиявӣ ва тарзи рушди фаъолияти гуногуни кӯдакон.
- маҳорати тарҳрезӣ кардан, ба накша даровардан ва татбиқ намудани онҳо дар ҷараёни педагогӣ.
- Доштани маҳорати истифода бурдани технологияи тадқиқотӣ, мониторинги педагогӣ, тарбия ва таълими кӯдакон.

Фаъолияти педагогӣ ва иҷтимоии мураббия аз рӯйи нишондодҳои зерин мустаҳкам гардонида мешавад:

- ёрии машваратӣ– методӣ ба падару модарон;
- ташкил намудани шароити иҷтимоии кӯдакон;
- ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои кӯдакони синни томактабӣ;

Маълумоти меъёрӣ бо чунин меъёрҳо мустаҳкам гардонида мешаванд;

- донистани ҳуҷҷатҳои асосӣ дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак ва масъулияти калонсолон дар муносибат бо кӯдакон;
- доштани маҳорат дар корҳои фаҳмондадеҳии педагогӣ бо волидон, мутахассисони муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ.

Роҳҳои асосии рушди босалоҳияти касбии омӯзгор.

- фаъолият дар иттиҳодияҳои методӣ, гурӯҳҳои эҷодӣ;
- фаъолияти таҳқиқотӣ – озмоишӣ;
- фаъолияти ибтикорӣ, аз худ намудани технологияи нави педагогӣ;
- шаклҳои гуногуни ёрии педагогӣ;
- иштироки фаъолона дар озмунҳои педагогӣ;
- ҷамъбасти таҷрибаи шахсии педагогӣ;
- аз худ кардани технологияи навин.
- **Омӯзгор бояд сифатҳои зеринро доштан:**

• Фиккронии универсалӣ
• Тезҳаракатӣ (мобили)
• Динамикӣ
- Худомузӣ кардан

Таъминоти муассисаҳои томактабӣ бо манбаъ ва сарчашмаҳо барои баланд бардоштани муносибати босалоҳияти касбии омӯзгорон

Таъминоти моддӣ - техникӣ:

1.Таҷҳизонидани утоқи методӣ;
2. Бо адабиётҳои методӣ таъмин намудан.
3.Зиёд намудани базаи методӣ.

Захираҳои меҳнатӣ:

1.Таҳрири накшаи бозомӯзии омӯзгорон.

2.Даъват намудани мутахассисони намоён барои касбомӯзӣ.

Манбаъҳои хабарӣ:

1.Ба интернет ва почтаи электронӣ баромадан.

2.Ташкил намудани сомонаи муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ.

3.Ҳамкории муаасисаҳои томактабӣ бо МТМУ. Марказҳои саломатӣ ва ғайра.

Принсипҳои муваффаки касбии фаъолияти педагогӣ

Принсипи фейерверг! Худро бикушо! - Омӯзгорон ситораҳое мебошанд, ки наздику дур, калон ва хурд, зебою беҳамто. Ҳар як ситорача роҳи парвози худро интихоб мекунад. Муҳимаш хоҳиши дурахшидан дошта бошанд.

Принсипи тарозу! Худро ёб! Интихоби ту - имкониятҳои туст! - Ҳақиқати ба ҳарф навишташуда вуҷуд надорад. Ҳақиқати аслӣ аз баҳс пайдо мешавад. Муҳимаш дар дунё мустакил бояд буд. Тарозуи ақл рамзи ҷустуҷӯи доимӣ доштан, кӯшиши кор карда баромадани нуқтаи назари худро дорад.

Принсипи рейтинг! Ғалаба кун! Бисанҷ! Ба нақша гир!

- Ҳар нафар барномаи рушд, мақсад ва вазифаҳои худро дорад. Ҳар кас роҳи ба мувоффақият расиданро дорад ва худро дар ҳолатҳои гуногуни ҳаёт нишон дода метавонад.

- Принсипи мувоффақият! Амал кун! - Медонам, мехоҳам, метавонам, бояд тавонам;

- Фароҳам овардани шароит барои мувоффақиятҳо. Муҳимаш – шаҳди ғалабаро чашидан. Омӯзгор шарики баробарҳуқуқие, ки шавқу рағбати кӯдак, қобилияти шахсӣ ва талабҳояшро бояд ба ҳисоб гирад.

Манбаъҳои асосии субъективии муайян намудани комёбиҳои педагогӣ аз рӯйи чунин нишондодҳо ба ҳисоб гирифта мешаванд:

- Овозаҳо;
- Фикри маъмурият;
- Таҳқиқ ва афкори нозирон;
- Худро байни ҳамкорон, волидон муаррифӣ кардан;

Нишондодҳои фаъол будани омӯзгор, хоҳиши баромад кардан, худро нишон додан, иштирок доштан, роҳбарӣ кардан.

Манбаъҳои асосии муайян намудани мувоффакияти омӯзгор:

- Натиҷаи бомаърифатӣ ва ботаълимии кӯдакон дар шаклҳои гуногуни фаъолият;
- Шумораи кӯдаконе, ки дар синфҳои ибтидоӣ бомувоффақият таҳсил намудаанд;
- Чорабиниҳои педагогие, ки бомувоффақият гузаронида шудаанд;
- Ҷамъбасти таҷрибаи пешқадами касбӣ;
- Нашри мавод дар матбуоти даврӣ, ВАО.

Танҳо фаъолияте, ки мувоффақиятовар аст ва қаноатмандии баланд меоварад, барои шахсият омили рушд шуда метавонад.

Пешниҳодҳо:

1.Ташкили курсҳои такмили ихтисос оид ба баланд бардоштани сатҳу савияи салоҳиятнокии мураббиёну омӯзгорони муассисаҳои томактабӣ дар заминаи низоми «Муносибатҳои салоҳиятнокии таҳсилот».

2.Таъмини муассисаҳои томактабии кишвар бо кадрҳои омӯзгорӣ, то онҳо роҷеъ ба масоили салоҳиятнокӣ технологӣ, иттилоотӣ ва иҷтимоию иртиботии кӯдакони синни томактабӣ васеъ фаро гирифта шаванд, то ки дар оянда битавонанд, як низоми густурдаро барои рушди ояндаи кишварамон заминасозӣ намоянд.

АДАБИЁТ

1. Иматзода Л., Котибова Ш. Асарҳои бадеӣ барои кӯдакон. /маводи таълимӣ. – Душанбе, 2022. 170с. (10,62ҷ.ч).
2. Иматзода Л. Машғулиятҳои санъати тасвирӣ дар кӯдакистон. /маводи таълимӣ. – Душанбе, 2022. 112с. (7 ҷ.ч).
3. Иматзода Л., Мирхонова Н. Ташаккули тасаввуротҳои одитарини математикӣ дар кӯдакистон. /маводи таълимӣ.– Душанбе, 2022. 270 с. (16,87ҷ.ч)
4. Мирхонова Н. Машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ дар кӯдакистон. /маводи таълимӣ. — Душанбе, 2022. 175с. (10,93ҷ.ч).
5. Котибова Ш. Читаем дошкольникам. – Душанбе. 2020. 15 ҷ.ч.
6. Котибова Ш. Арзёбии асарҳо ва китобҳои кӯдакона. – Душанбе. 2020. 2,5 ҷ.ч.

МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМИИ ТОМАКТАБӢ

Дар мақола гуфта мешавад, ки ҷомеаи муосир аз омӯзгори касбӣ ҳамчун шахсе тақозо мекунад, ки тамоюлҳои умумии рушди раванди таълим, мавқеи худро дар он хуб дарк кунад ва нисбат ба шахс дар раванди рушд назари хос дошта бошад, самт ва самаранокии амалҳо ва таъсироти психологӣ; табдил додани ҳама гуна вазъияти таълимӣ ба фазои рушди кӯдак ва қодир ба тарҳрезии муҳити педагогии рушдёбанда ва худи ӯ.

Калидвожаҳо: *салоҳият, равиши салоҳиятдор, маҳорат, таҷриба, касбият, дониш, компонент, принципхо.*

КОМПЕТЕНТНЫЙ ПОДХОД В ДОШКОЛЬНЫХ ОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ УЧРЕЖДЕНИЯХ

В статье говорится о том, что современное общество требует от профессионального педагога как человека, хорошо понимающего общие тенденции развития образовательного процесса, своего места в нем и обладающего особым видением человека в процессе развития, понимающего направленность и результативность психологических действий и воздействий; превращающего любую учебную ситуацию в пространство для развития ребенка и способного к проектированию развивающей педагогической среды и самого себя.

Ключевые слова: *компетенция, компетентный подход, умение, опыт, профессиональность, знание, компонент, принципы.*

COMPETENT APPROACH IN PRESCHOOL EDUCATIONAL INSTITUTIONS

The article says that modern society requires a professional teacher as a person who understands well the general trends in the development of the educational process, his place in it and who has a special vision of a person in the development process, who understands the direction and effectiveness of psychological actions and influences; turning any learning situation into a space for the development of the child and capable of designing a developing pedagogical environment and himself.

Key words: *competence, competent approach, skill, experience, professionalism, knowledge, component, principles.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Қурбонова Фароғат унвонҷуи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121.
E-mail.kurbonovaf@mail.ru., тел: (992) 918 61 98 12.

Сведения об авторе: Қурбонова Фарогат – соискатель Таджикского государственного университета им.Садриддина Айнӣ. г. Душанбе, проспект Рудаки, 121.
E-mail.kurbonovaf@mail.ru., тел:(992) 918 61 98 12.

Information about the author: Khurbonova Farogat – applicant of the Tajik State University named after Sadriddin Ainu, Dushanbe, Rudaki Avenue, 121.
E-mail: kurbonovaf@mail.ru., тел: (992) 91 8619812.

ҶӮРАЕВА М.У.

ТАФАККУРИ ИНТИҚОДӢ ҲАМЧУН МУШКИЛОТИ МУОСИРИ ШАХСИЯТ

Пешрафти илму техника ва инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ аз хонанда ва донишҷӯйи имрӯза заковат, боркибинӣ, мушоҳидакорӣ, босалоҳиятӣ, фаъолиятнокӣ ва дарки амиқи воқеоти рӯзмарраро талаб мекунад. Мусаллам аст, ки беҳбудии муносибати босалоҳияти мақсаднок ба дарс, донишу малака ва эҷодкории омӯзгорону толибилмон алоқаи ногусастанӣ дорад. Муассисаи таълимии муосир бояд ба макони муқаддаси таълиму тарбияи насли наврас ва инкишофу ташаккули неруи зеҳнию ақлонии онҳо мусоидат кунад.

Хусусиятҳои асосии ҷаҳони муосир, ки хатмкунандагони муассисаҳои таълимӣ ба он ворид мешаванд, босуръат пеш рафта, ба он тағйирот ворид мешавад, мебошанд. Ин ҷаҳони иттилоотест, ки афзоиш меёбад ва зуд кӯҳна мешавад. Ин он ғояҳоест, ки пайваста аз нав сохта мешаванд, таҳлилу баррасӣ мешаванд, ҷаҳоне аст, ки ҳеҷ кас бо як тарзи тафаккури одии хаттӣ зинда монда наметавонад, дар он тафаккури шахсии худ бояд пайваста мутобиқ карда шавад, дар он ҷо кӯшиши возеҳӣ, дақиқӣ ва ҳамаҷониба бояд бошад, эҳтиром ва малакаю маҳорати меҳнатдӯстӣ доимо инкишоф ва такмил дода шавад. Мардум ҳеҷ гоҳ бо чунин воқеият рӯ ба рӯ нашуда буд. Ҳеҷ гоҳ системаи маориф ҷавононро ба чунин тағйироти пешгӯйинашаванда, мураккабӣ ва набудани як самти ягона омода накарда буд [2].

Аз ин рӯ, тезонидани суръати тағйирот дар шароити зиндагии инсон имкон намедиҳад, ки вай дар доираи ҷаҳонбинии устувори додашуда танҳо бимонад. Эътироф намудани маҳдудияти тасаввурот ва ақидаҳои шахс дар бораи ҷамъият ва имкони дидани онҳо, мустақилияти тафаккур дар ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ як қисми муҳимми ҳаёти одами муосир мегардад. Баъд аз он қарорҳое, ки инсон пайваста бо сабабҳои гуногун (иқтисодиёт, захираҳои табиӣ, маҳсулоти трансгенӣ, сӯзишвории алтернативӣ ва ғайра) ҳамчун шахс ва чун узви ҷомеа қабул мекунад, на танҳо ба рушди инсоният, инчунин ба тараққии тамоми инсоният ва ҳатто дар маҷмуъ зинда мондан, таъсир мерасонад. Фаҳмидани он, ки ҳама гуна фаъолият бо амали одамони дигар алоқаманд аст, инсоният «дар як варақ нишастааст» ва бояд манфиатҳоро ҳамоҳанг созад, оқибатҳои қарорҳои худро барои дигарон арзёбӣ кунад, на танҳо роҳу равиши барои ҳама муфидро интихоб кунад, инчунин зарурати ташаккули тафаккури мувофиқро дарк кунад, хулоса барорад.

Ба ақидаи Г. Бенешом, мо розӣ шуда, ба маънои умумӣ — яъне, фикр кардан дар бораи имкониятҳо, фармоиш додани мундариҷаи мавҷуда мувофиқем. Умуман, тафаккур бояд гуногуниро муттаҳид созад ва ягонагиро шарҳ диҳад. [3,183].

Тафаккури интиқодӣ ҳамчун муаммои ташаккули шахсияти замони муосир бо хусусиятҳояш фарқ мекунад [4,185].

Олим-педагог А.Савченко дар ин самт чунин қайд мекунад: «Маориф, ки талаботи иҷтимоию иқтисодиро инъикос мекунад, дар рақобати мавҷуда манбаи муҳим мебошад. Шахсияти замони муосир дар синни ҷавонию баркамолӣ ба таври объективӣ зарурият пайдо мешавад, ки тафаккури интиқодӣ ва эҷодкорона дошта бошад ва аз ин рӯ, барои худомӯзӣ ва худинкишофёбӣ бештар ҳавасманд мегардад» [5, 2].

Пас, шахсоне, ки таҳсили илм мекунанд, ҳангоми гирифтани маълумот бояд донишу малакаҳоеро аз худ кунанд, ки дар ҳаёти воқеӣ тавонанд истифода баранд. Албатта, дониш танҳо он вақт арзишманд аст, ки иттилоот аз нигоҳи интиқодӣ дарк карда, эҷодкорона коркард ва дар фаъолиятҳои гуногун самаранок истифода бурда шавад. Дар раванди таълим дар муассисаҳои таълимии муосир ба роҳ мондани ҳамкорӣ ва робитаи мутақобила аз тарафи омӯзгор натиҷаи хуб медиҳад. Донишҷӯёни соли аввал аксар вақт ҳамчун субъектҳои дорои тафриба эътироф карда намешаванд ва неруи арзишии худро доранд. Бо дониши мустаҳкам «мусаллаҳ» кардани онҳо, аз самаранокии таълим вобаста буда, дар айни ҳол дониш фақат суст аст ва қаноатбахш намешавад. Муассисахои таълимӣ чун анъана аз талабагон омӯхтан, аз ёд кардан, таҳлили далелҳо, ҳалли масъалаҳоро талаб мекунанд, аммо дар ин муассисаҳо тарзи иҷрои онро аниқ намеомӯзонанд.

Ин маънои онро дорад, ки донишҷӯёни курсҳои болоии муассисаҳои таҳсилоти олӣ аллакай "фикр карданро медонанд". Аммо тадқиқот нишон доданд, ки ин тахмин дар амал асоснок нест» [6]. Равоншиносон муайян карданд, ки танҳо 25% донишҷӯёни курсҳои якум дорои малакаҳои зарурӣ барои тафаккури мантиқӣ ва абстрактӣ мебошанд, яъне намуди тафаккуре, ки барои ҷавоб додан ба саволи зерин: "Агар ... чӣ мешавад? " омода бошанд.

Аз сабаби набудани мустақилият, самти иҷтимоӣ, ҳавасмандӣ ва таъсирбахшии тафаккури насли наврас, ғояи рушди тафаккури интиқодӣ то ҳол таваҷҷуҳи олимони аврупоӣ, рус ва ватанӣ, омӯзгорони мактабҳои олӣ ва миёнаро ба худ ҷалб кардааст. [9].

Тафаккури интиқодӣ тафаккури иҷтимоӣ мебошад. Бинобар он, педагогҳои дар самти тафаккури интиқодӣ кор карда, ба пайдо кардани сифатҳои сабурӣ, маҳорати гӯш кардани сухани кас, дигар масъулият нисбат ба нуқтаи назари худ диққати зиёд медиҳанд.



Хусусиятҳои асосии тафаккури интиқодӣ ва оқибатҳои таъсири онро ба арзишҳои маънавӣ тавассути ҷадвал чунин тасвир кардан мумкин аст (расми 1).



Расми 1. Хулосаҳои тафаккури интиқодӣ.

Ҳамин тариқ, барои инсони дорои маданияти тафаккури интиқодӣ ҳақиқат ниҳоӣ нест. Бинобар ин, ба ақидаҳои дигарон эҳтиром гузошта, таҳаммул намуда, ақидаҳояшро ба дигарон бор намекунад.

Ба ғайр аз ин шахсони дорои тафаккури интиқодӣ фикран аз дигарон вобастагӣ надоранд, онҳо қобилияти зуҳурот ва вазъиятҳоро аз нуқтаи назари гуногун таҳлил ва баҳогузорӣ карданро доранд, ки ин ба фаҳмиши гуногунрангии олам имконият медиҳад.

Шахси дорои тафаккури интиқодӣ:

- ақидаи худро дорад (фикри худро тақвият медиҳад);
- аз байни ақидаҳои гуногун фикри оқилонаро интихоб менамояд;
- масъалаҳоро ҳал менамояд;
- бо далелҳо баҳс мекунад;
- кори якҷояро, ки дар он қарори умумӣ пайдо мешавад, қадр мекунад;
- нуқтаи назари бегонаро арзёбӣ карда, мефаҳмад, ки идроки инсон ва муносибати ӯ ба масъалаи дилхоҳ зери таъсири омилҳои зиёд ташаккул меёбад.

Аз ин хусусиятҳо мебинем, ки тафаккури интиқодӣ ҷараёни мураккаби ҳамгироии ақидаҳо, мулоҳизаронӣ ва тағйир додани консепсияю ахбор мебошад. Инсон ба тафаккури интиқодӣ соҳиб гардида, бо ин ё он ғояҳо шинос мешавад, оқибатҳои амалӣ шудани онро фикр мекунад. Онро ба дараҷаи оқилона қабул намуда, бо дигар фикрҳо муқоиса менамояд ва дар ин асос мавқеи худро муайян менамояд. Ин гуна одамон аз таъсири дигарон дар амонанд. Чунки дар онҳо системаи арзишҳои шахсӣ дар асоси арзишҳои умумибашарӣ ва миллӣ ҳосил шудааст.

Маҳорати фикрронии интиқодӣ на танҳо ёфтани камбудиҳо, балки баҳогузории объективии паҳлуҳои мусбат ва манфии объект, вазъиятҳои омӯхташаванда мебошад.

Тафаккури интиқодӣ бо он арзишманд аст, ки:

- ✓ шаффоф ва кушода будани ҷомеаро ҳавасманд менамояд;
- ✓ барои рушди малакаҳои иҷтимоии байниҳамдигарӣ ва таҳаммулпазирӣ мусоидат мекунад;
- ✓ шароити рушди шахсиятро фароҳам меорад;
- ✓ барои фаҳмидани маънои мураккаби зиндагии тағйирёбанда мадад мерасонад;
- ✓ барои мулоҳиза намудани системаи арзишҳои шахсӣ ва ба онҳо дигаргуниҳо (ислоҳ) ворид намудан, мусоидат мекунад.

Тафаккури интиқодӣ қобилияти таҳлил ва баҳогузорӣ кардани вазъиятҳо аз мавқеъҳои гуногун мебошад, ки барои ба як фикри асосноку қавӣ омадан равона шудааст. Он тафаккури асосноку рефлексивӣ буда, ҳадафаш ҳалли масъалаи ба кӣ бовар бояд кард ва чӣ гуна рафтор бояд кард, мебошад.

Хулоса, инкишофи тафаккури интиқодии шахс дар шароити ҳалли муаммоҳои таълимии бо ҳам алоқаманд амалӣ мегардад.

АДАБИЁТ:

1. Вагин И., Рипинская П. Тренинги - это классно! Стратегия проведения психологических тренингов. - М.: Астрель, 2005. - 25б с.
2. Бенеш Г. Психология: dtv-Atlas. - К.: Знання-Прес, 2007. - 510 с.
3. Халперн Д. Психология критического мышления. - СПб.: Питер, 2000. - 512 с.
4. Мухторов З., Искандарова Г. Шаги роста. Пособие для тренеров программы «Развитие критического мышления через чтение и письмо». - Душанбе, 2008.
5. Мухторов З., Искандарова Г. Дастур барои тренерони барномаи «Хониш ва китобат дар рушди тафаккури интикоди». - Душанбе, 2008.
6. Мухторов З., Раджабов М. Стратегии развития критического мышления в школе. Пособие 1 для учителей английского языка. - Душанбе, 2008.
7. Мухторов З., Раджабов М. Стратегии развития критического мышления в школе. Пособие 2 для учителей английского языка. - Душанбе, 2008.
8. Педагогический энциклопедический словарь / Гл. ред. Б.М. Бим-Бад; Редкол.: М.М. Безруких, В.А. Болотов, Л.С. Глебова и др. – М.: Большая Российская энциклопедия, 2003. – 528 с.: ил.
9. Полат Е.С. и др. Новые педагогические и информационные технологии в системе образования. - Москва, 2003.
10. Сафин Д., Мусина.Р.Г. Интерактивные методы преподавания и учения. Учебно- методическое пособие.- Душанбе, 2006.
11. Усулҳои таълим ва омӯзиши ҳамфаъол.Дастури таълимӣ.Модули 9. Асосҳои рушди малакаҳои тафаккури интиқодӣ /Зери таҳрири умумии Сафин Д.В., Мусина Р.Г. - Душанбе, 2008.- 49 с.

ТАФАККУРИ ИНТИҚОДӢ ҲАМЧУН МУШКИЛОТИ МУОСИРИ ШАХСИЯТ

Мақола ба мушкилоти ташаккули тафаккури интиқодӣ дар шахсияти муосир бахшида шудааст. Зарурати ташаккул ва инкишоф додани тафаккури интиқодӣ чӣ дар байни хонандагон ва чӣ

дар байни донишҷӯёнро исбот намуд. Дар он доир ба маҳорати фикрронии интиқодӣ, муносибати босалоҳияти мақсаднок ба дарс, донишу малака ва эҷодкорӣ, ташаккули шахсияти замони муосир, маҳорати фикрронии интиқодӣ, ба роҳ мондани ҳамкорӣ ва робитаи мутақобила аз тарафи омӯзгор дар муассисаҳои таълимии муосир маълумот гирд оварда шудааст.

Калидвожаҳо: тарбия, инкишоф, тафаккур, тафаккури интиқодӣ, педагогика, тафаккури иҷтимоӣ, муносибати босалоҳият.

КРИТИЧЕСКОЕ МЫШЛЕНИЕ КАК ПРОБЛЕМА СОВРЕМЕННОЙ ЛИЧНОСТИ

Статья посвящена проблеме развития критического мышления у современной личности. Доказана необходимость формирования и развития критического мышления школьников и студентов. Содержит информацию о навыках критического мышления, грамотном и целенаправленном подходе к уроку, знаниях, умениях и творчестве, формировании личности современной эпохи, навыках критического мышления, налаживании сотрудничества и взаимоотношений учителем. в современных учебных заведениях.

Ключевые слова*: образование, развитие, мышление, критическое мышление, педагогика, социальное мышление, компетентное отношение.*

CRITICAL THINKING AS A MODERN PERSONALITY PROBLEM

The article is devoted to the problem of developing critical thinking in modern personality. It proved the necessity of formation and development of critical thinking among pupils and students. It contains information about the skills of critical thinking, competent and purposeful approach to the lesson, knowledge, skills and creativity, the formation of the personality of the modern era, the skills of critical thinking, the establishment of cooperation and mutual relations by the teacher in modern educational institutions.

Keywords: *education, development, thinking, critical thinking, pedagogy, social thinking, competent attitude.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Ҷӯраева Мунзифахон Усмоновна **-** Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, муаллимаи кафедраи назария ва методикаи таълими забони модарӣ. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, хиёбони Мавлонбеков, 1.

Сведения об авторах*:* Джураева Мунзифахон **Усмоновна** Худжандский государственный университет имени академика Б. Гафурова, преподаватель кафедры теории и методики преподавания родного языка. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, пр. Мавлонбекова, 1.

Information about the authors: Juraeva Munzifakhon Usmonovna- Khujand State University named after academician B. Gafurov, lecturer at the department of theory and methods of teaching the mother language**. Address**: 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov Ave., 1.

КАРИМОВ А.

РАВИШҲОИ ТАЪЛИМИ НАЗАРИЯИ МОЛЕКУЛАВӢ – КИНЕТИКӢ АЗ РӮЙИ МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ

«Равишҳои таълим бояд назорати азхудкунии донишҳои замонавии наврасону ҷавононро пурзӯр намуда, онҳоро ба мутолиаи китобҳои бадеиву илмӣ ташвиқ намоянд, қобилияти эҷодии онҳоро тақвият бахшанд, то онҳо ба омӯзишӣ фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир намоянд то ки тафаккури техникии насли наврасро вусъат бахшанд».[1]

Дастуру супоришҳои Асосгозори Сулҳу Ваҳдат миллӣ - Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, тамоми табақаи аҳоли мамлактро водор месозад, ки ҳарчи бештар ба омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ руй оварем, то ки ба кашфиёту навоварӣ, ихтирооту созандагӣ дастболо гардида, дар рушди иқтисодию саноатии кишвар саҳмгузор бошем ва давлату миллати худро дар ҷаҳон муариффӣ намуда, обрӯю нуфузи онро баланд бардорем.

Дар замони муосир фанни физика яке аз фанҳое мебошад, ки 70 дарсади рушди навоварию ихтироти ҷаҳони имрӯза ба он вобаста. Аз ин рӯ, моро зарур аст, ки омӯзиши ин фанро ҷиддӣ ба роҳ монада, тамоми қонуну қоида, ҳодисаю мушоҳада ва таҷрибаҳои физикиро аз худ карда, барои ихтироот ва кашфиёт заминаи мустаҳкам гузорем. Фанни физика аз як чанд фаслҳо иборат аст, ки яке аз онҳо физикаи молекулавӣ мобошад. Дар омӯзиши ин фасли физика тасмим гирифтаем, ки якчанд равиш ва нуқтаро барои таълимгирандагони ин фан аз таҷрибаи омӯзгории худ оид ба физикаи молекулавӣ «Назарияи молекулавӣ-кинетикӣ» пешниҳод намоем.

Рӯйдодҳоеро, ки ба туфайли ҳаракати бетартибонаи молекулаҳо ба амал меоянд, ҳодисаҳои ҳароратӣ меноманд. Донистани сохтори молекулавии ҷисмҳо ва ҳамтаъсироти молекулаҳо барои шарҳи моҳияти ҳодисаҳои ҳароратӣ муҳим мебошад.

Предмети физикаи молекулавӣ омӯхтани навъҳои молекулавии ҳаракат, яъне ҳаракати маҷмуи зиёди молекулаҳо мебошад. Физикаи молекулавӣ хосиятҳои ҷисмҳои макроскопӣ ва ҳодисаҳои физикавиро вобаста ба сохтори дохили (молекулавӣ) - и онҳо, қувваҳои ҳамтаъсироти заррaҳои ҷисмро ташкилдиҳанда ва сифати ҳаракати ин заррaҳо, меомӯзад. Дар як вақт ду тарафи масъала муҳим ҳисоб мешавад:

1) Омӯхтани хусусиятҳои навъҳои молекулавии ҳаракат худ ба худ;

2) Азхудкунии методҳои омӯзиши системаҳои заррaҳои зиёд ва мафҳумҳои ба он мувофиқ.

Замоне ки физикаи молекулавӣ ҳамчун қисми физика дар таълим ҷорӣ гардид, ба омӯхтани хусусиятҳои навъҳои молекулавии ҳаракат бештар аҳамият дода шуд. Дар оянда маркази вазнинӣ ба сӯйи омӯхтани қонуниятҳои статистикӣ ва методҳои термодинамикӣ дар мисоли системаҳои молекулавӣ кӯчид. Ин равия ба барномаҳои мувофиқи мактабҳои олӣ созгор мебошад.

Хусусиятҳои физикавии системаҳои макроскопӣ, ки аз шумораи зиёди заррaҳо таркиб ёфтаанд, бо ёрии методҳои статистикӣ ва термодинамикӣ омӯхта мешаванд. Дар методи статистикӣ хосиятҳои физикавии ҷисмҳои макроскопӣ ва ҳодисаҳои ҳароратӣ дар асоси сохтори молекулавӣ шарҳ дода мешаванд ва бо ин мақсад назарияи эҳтимолиятро васеъ истифода мебаранд. Бо методи термодинамикӣ бошад, асосан мубодилаи энергия дар байни системаҳои макроскопӣ бе дар назардошти сохтори дохилии ҷисмҳо тадқиқ карда мешавад. [2]

Пас аз ҳаракати механикӣ, бештар ҳодисаҳои гармшавӣ, ё хунукшави ҷисмҳо, ки ба тағйирёбии ҳарорати онҳо алоқаманд аст, ба назар мерасад. Ин ҳодисаҳоро ***ҳодисаҳои ҳароратӣ*** меноманд. Механика ҳаракати ҷисмҳоро меомӯзад, лекин барои чӣ мавҷуд будани ҷисмҳои сахт, моеъ ва газмонанд ва чаро ин ҷисмҳо аз як ҳолат ба ҳолати дигар гузашта метавонанд, шарҳ дода наметавонад, ҳамчунин қуввaҳо, сабабҳои тағйир ёфтани суръати ҷисмҳоро маънидод карда метавонад, вале характер ва пайдоиши ин гуна бузургиҳои физикиро равшан карда наметавонад. Ҳанӯз маълум нест, ки чаро ҳангоми фишурдани ҷисмҳо қуввaҳои чандирӣ пайдо мешаванд ва чаро соиш ба вуҷуд меояд. Гарм кардан ё хунук кардани ҷисм метавонад онро ба таври шинохтанашаванда тағйир диҳад. Вале сахт гарм кардани оби шаффофи ламсшаванда ба ҳар ҳол, мо онро ба буғи ноаён табдил медиҳем. Хунукии сахт обро ба як пораи ях табдил медиҳад. Агар дар ин бора фикр кунем, ин ҳодисаҳо пурасрор ва боиси ҳайратанд. Лекин мо тааҷҷуб намекунем, зеро мо аз хурдсоли ба ин ҳодисаҳо одат кардаем.

Физикаи молекулавӣ имкон медиҳад, ки қонунҳое пайдо шаванд ва тағйироти ҷисмҳоро ҳангоми бе ҳаракат будани худи ҷисмҳо ва вақте ки аз нуқтаи назари механика бо онҳо ҳеҷ тағйирот рӯй намедиҳад, шарҳ диҳад. Омӯхтани қонунҳои ҳодисаҳои ҳароратӣ имкон медиҳад, ки донишҳо дар бораи ин ҳодисаҳо дар таҷриба ба таври максималӣ фоиданок истифода шаванд (равандҳои физикӣ дар нонпазхонаҳо, оташдонҳои саноатӣ ва қубурӣ, сеҳҳои хушккунӣ, навъҳои гуногуни мошинаҳои ҳароратӣ, ки асоси нақлиёти ҳозиразамон мебошанд). Дар асоси ин қонунҳо мошинаҳои гармидиҳии ҳозиразамон, насби компрессории газҳо, яхдонҳо, насосҳои ҳароратӣ, мошинаҳои буғӣ, стансияҳои электрикии ҳароратӣ ва бисёр дигар асбобҳо аз руйи қонунҳои физикаи молекулавӣ сохта шудаанд.[3]

Назарияи молекулави-кинетикӣ имкон медиҳад хосиятҳои ҷисмҳои макроскопӣ ва равандҳои ҳароратие, ки дар онҳо ба амал меоянд, дар асоси ақидаи он, ки ҳамаи ҷисмҳо аз заррачаҳои алоҳидаи ҳаракаткунанда иборатанд, шарҳ дода шавад.

Мақсад ва вазифаҳои омӯзиш

Мақсадҳои омӯзиши физика дар мактаби миёна ва умумӣ инҳоянд:

- инкишоф додани шавқу қобилияти хонандагон ҳадафи ба онҳо додани дониш ва таҷрибаи фаъолияти маърифатӣ ва эҷодӣ;

- фаҳми хонандагон дар бораи мафҳумҳои асосии илмӣ қонунҳои физика ва муносибати байни онҳо;

- ташаккули тасаввуроти хонандагон дар бораи тасвири физикии олам.

Ноил шудан ба ин ҳадафҳо тавассути ҳалли мсаъалаҳои зерин дар ин мавзӯъ таъмин карда мешавад:

Таълимӣ:

• *Ташаккули мафҳумҳо:* назарияи молекулавӣ-кинетикии сохтори модда ва асоснокии таҷрибавии он, гази идеалӣ, ҳарорати мутлақ, фишори гази идеалӣ, концентрация, сохтори моеъҳо ва ҷисмҳои сахт, тағирёбии ҳолати моддаҳо, изоравандҳо;

• *омӯзиши қонунҳои асосӣ:* муодилаи асосии назарияи молекула-кинетикӣ, муодилаи ҳолати гази идеалӣ, муносибати энергияи миёнаи кинетикии ҳаракати ҳароратии молекулаҳо бо ҳарорати мутлақ, қонунҳои изотермӣ, изохорӣ, ва изобарӣ равандҳо;

• донишҳои бадастовардаро барои ҳалли масъала истифода бурдан;

• Принсипҳои кори мошинҳои ҳароратӣ, асбобҳо ва асбобҳои техникӣ (стансияҳои компрессории газ, яхдон, насосҳои ҳароратӣ, мошинҳои буғӣ ва неругоҳҳои ҳароратӣ, ҳароратсанҷҳо), ки дар ҳаёти ҳаррӯза истифода мешаванд, фаҳмонидан лозим.

Ташаккулёбӣ:

• ташаккул додани шавқу завқи маърифатӣ ба фанни физика ва маҳорати дар ҳолатҳои амалӣ истифода бурдани донишҳои худ оид ба қонунҳои физикаи молекулавӣ;

• фарогирии ҷаҳонбинии хонандагон;

• тафаккури мантиқӣ, абстрактӣ, таваҷҷуҳ ва хотираро инкишоф додан ва ислоҳ кардан;

• такмил додани аппарати математикӣ;

• инкишоф додани мустақилият дар гирифтани донишҳои нав, бо истифода аз манбаъҳои иттилоотӣ.

Тарбиявӣ:

• тарбия намудани фарҳанги муошират ва фарҳанги нутқ;

• тарбия додани ҳисси масъулият;

• ташаккул додани қобилияти кори мустақилона.[4]

Шарҳи психологию педагогии хусусиятҳои дарк ва азхудкунии мавод мувофиқи хусусиятҳои синну сол

Назарияи ташаккули зеҳнӣ.

Дар наврасӣ ва ҷавонӣ, пеш аз ҳама, тафаккур ташаккул меёбад. Дар ин солҳо фикр бо калимаю ибораҳо ба ҳам мепайвандад, ки дар натиҷа нутқи ботини ҳамчун воситаи асосии ташкили тафаккур ва танзими дигар равандҳои маърифати ташаккул меёбад. Ақл дар зуҳуроти олии худ сухан ва сухан ақлонӣ мегардад. Тафаккури мукаммали назариявӣ вуҷуд дорад. Дар баробари ин раванди фаъоли ташаккули мафҳумҳои илмӣ, ки асосҳои ҷаҳонбинии илмии шахсро дар доираи он илмҳое, ки дар мактаб омӯхта мешаванд, дар бар мегиранд. Амал ва амалиёти равонӣ бо мафҳумҳо, ки дар асоси мантиқи тафаккур ва фарқ кардани тафаккури шифоҳӣ-мантиқӣ, абстрактӣ аз визуалӣ-фаъол ба визуалӣ-маҷозӣ асос ёфтаанд, шаклҳои ниҳоӣ пайдо мекунанд. Оё ҳамаи ин протсесҳоро тезондан мумкин аст ва агар ин тавр бошад, чӣ тавр бояд кард?

Чунин ба назар мерасад, ки аз нуқтаи назари имкониятҳои рушди психологию педагогӣ, ки хонандагони синфҳои асоси ва болоӣ доранд, аз ҷиҳати такмили таълиму тарбия ба ин савол ҷавоби мусбат дода метавонанд. Инкишофи зеҳнии хонандагонро метавон дар се самт суръат дод: *сохтори консептуалии тафаккур*, *зеҳни нутқ ва нақшаи дохилии амал*.[5]

Ба фаъолияти инкишофи тафаккури синфҳои болоӣ дар мактаб, бо роҳу усули нав мусоидат кардан мумкин аст, ки мутаассифона дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ ҳануз сусту ифода карда мешавад, ҳамчун *риторика*, фаҳми қобилияти ба нақша гирифтан, тартиб додан ва баён кардани нутқҳои оммавӣ, гузаронидани мубоҳиса ва ба саволҳо моҳирона ҷавоб додани хонандагон. Шаклҳои гуногуни баёни хаттии фикр, ки на танҳо дар дарсҳои забон ва адабиёт (дар шакли презентатсия ё композитсияи анъанавӣ), балки дар дигар фанҳои мактабӣ низ истифода мешаванд, фоидаи калон мерасонад. Онҳоро дар дарсҳои физика ва як қатор фанҳои дигар ҳамчун воситаи инкишофи тафаккури шифоҳӣ истифода бурдан мумкин аст, ва на танҳо ҳамчун воситаи санҷиши дониши хонандагон дар синф ё гурӯҳ. Дар баробари ин на фақат ба мазмун, балки ба шакли баёни мавоҳои таълими ҳам баҳо додан зарур аст.[5]

Таълими босуръат метавонад мафҳумҳои илмиро дар дарсҳои физика ба даст оварад, ки дар он мафҳумҳои дахлдор ҷорӣ ва омӯхта мешаванд.

Дар синфҳои мобайнӣ ва болои мактаб хонандагон набояд таърифҳои яккардаи мафҳумҳои илмиро ба таври механикӣ омӯзанд ва такрор кунанд. Баръакс, бояд таъмин

карда шавад, ки худи хонандагон ин мафҳумҳоро пайдо ва муайян кунанд. Ин бешубҳа раванди инкишофи сохтори консептуалии тафаккури хонандагони синфҳои болоиро метезонад.

Ба ташаккули нақшаи дохилии амал машқҳои махсус, ки ба таъмини он, ки як амалҳо на бо ашёи ҳақиқӣ, балки бо ашёи хаёлӣ, яъне дар тафаккур ҳарчи бештар ба иҷро карда шаванд, мусоидат кардан мумкин аст. Масалан, дар дарсҳои физика хонандагон бояд пеш аз он ки амалан ба татбиқи ҳалли масъалаи пайдошуда шуруъ кунанд, принсип ва қадамҳои пайдарпайи ҳалли масъалаи муайянро ёфта ва дуруст тартиб диҳанд. Чунин қоидаҳоро риоя кардан лозим аст то даме, ки қарор дар шуур пурра андешида нашавад, ва то лаҳзае, ки нақшаи чорабиниҳои ба он дохилшуда тартиб дода шавад то ки аз рӯйи мантиқ санҷида нашавад, ба иҷрои амалии ҳалли масъала шуруъ кардан лозим нест.

Се самти асосии инкишофи босуръати интеллектуалии назариявие, ки оварда шудаанд, албатта, аз ҳамдигар мустақилона вуҷуд надоранд ва ҳар кадоми онҳоро алоҳида-алоҳида бе алоқамандӣ бо дигарон ташкил кардан мумкин нест. Инкишофи тафаккури нутқ ин ё он тарз ба ташаккули консепсияҳо ва нақшаи дохилии амал таъсир мерасонад. Тағйироте, ки дар нақшаи дохилии амал ба амал меояд, бо инкишофи нутқи ботинӣ алоқаманд буда, ба тафаккури нутқ ва ташаккули мафҳумҳо таъсири мусбат мерасонад ва ғайра. Аз ин рӯ, тамоми кори инкишофи интеллектуалии насли наврас ва ҷавонписарон бояд ба таври комплексӣ, интихоб намудани машқҳо ва ҳисоб кардани вазифаҳои пешниҳодшуда тавре ба роҳ монда шавад, ки онҳо интеллектро дар тамоми соҳаҳои муҳимтарин инкишоф диҳанд.

Касбигардони маҳорати меҳнатӣ ва малакаи хонандагон

Дар айёми наврасӣ ва ҷавонӣ хонандагон маҳорату малакаҳои меҳнатӣ пайдо мекунанд, ки фаъолияти касбии онҳо дар оянда аз он вобаста аст. Таҷриба нишон медиҳад, ки агар дар ин синну соли муайян хонандагон қобилияти фикррони ва бо даст иҷро кардани корӣ ҷиддӣ ташаккул наёбад, пас ба ташаккули маҳорати хуби касбии хонандагон умед баста имконнопазир аст. Аз ин рӯ, дар дарсҳо бояд аз усули фаъоли таълим истифода бурда шавад.

Муваффақияти ояндаи касбии хонадагон бештар аз маҳорату малакаи меҳнатие, ки дар солҳои мактабхони фаъолона ташаккул меёбанд, муайян карда мешавад.

Қобилиятҳои махсусе, ки дар маҳорат ва малакаи меҳнатӣ хонандагон зоҳир мешавад, ин асоси намудҳои гуногуни фаъолияти таълим мебошанд, ки ба хонандагон аҳамияти хело калон дорад. Инро махсусан ба наврасон дар мактаб ва дар хона омӯзондан лозим аст, агар онҳо ба намудҳои гуногуни дахлдори таълим таваҷҷуҳ зоҳир кунанд.

Бо мақсади дар хонандагон инкишоф додани маҳорату малака ва қобилиятҳои дахлдор аз онҳо бештар дар иҷрои баъзе дигар корҳо ёрӣ пурсидан лозим меояд, ва бо ин роҳ муваффақияти онҳоро махсусан дар назди ҳамсолони худ таъриф намудан мумкин аст.

Талабот ба муошират барои хонандагони синну соли давраи мактабӣ низ муҳим аст, зеро он ба инкишофи нутқи онҳо нисбат ба як дигар бартари дода мешавад, ва бигзор дар ин ҷода онҳо пешрав бошад. Андешаҳо дар бораи нақши пешбарии муошират дар синну сол мактабӣ бо далелҳо бояд мувофиқат намояд, ки мувофиқи онҳо муваффақияти назарраси таълимӣ дар ҳаёт аксар вақт аз ҷониби одамоне ба даст оварда мешаванд, ки дар наврасӣ ва ҷавонӣ бештар вақти худро барои муошират сарф мекунанд, ва бештар ба ҳар як чизи зарур вобаста ба ҳаёти ояндаи худ машғул мешаванд.[6]

Қисми асосии вақти таҳсили ҳатми дар синфҳои поёни ва хонандагони синфҳои болоӣ бояд на бо муошират бо ҳамдигар, балки бо *омӯзиши мустақилона* – аз худ кардани дониш равона карда шавад ба ғайр аз барномаи таълимии стандартии мактаб – ва корҳои онҳо, хонандагонро бо кор таъмин карда шавад, ки кори онҳо қариб баробари корӣ калонсолон бошад. Таҷриба нишон медиҳад, ки хонандагонро дар иҷрои корҳое, ки дар он ҷиҳатҳои беҳтарин худро нишон дода тавонанд, хеле хурсанд мекунанд. Давраи наврасӣ ва ҷавонӣ барвақт метавон барои ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои ба таълим нигаронидашуда муфид арзёбӣ кард. Дар ҳеҷ синну соли дигар онҳо бо осонӣ ва суръат инкишоф намеёбанд ва дар хотира муддати тӯлонӣ, ба монанди ин солҳои мактабӣ сабт намешаванд.

Барои рушди онҳо малакаю маҳорати хонандагон ба фаъолияти муштараки таълимӣ ҳам бо калонсолон ва ҳам бо ҳамсолон ниёз доранд.

Инкишофи қобилятҳои умумӣ ва махсус

Давраи наврасӣ ва ҷавонӣ давраи худмуайянкунӣ ва шинохти шахсияти худ мебошад. Дар ин солҳо барои муайян кардан ва инкишоф додани қобилияти хонандагон хеле муҳим

аст, ки дар асоси онҳо хонандагон оқилона ва дуруст касб интихоб карда тавонанд. Муқаррароти умумии рушди қобилиятҳо дар ин солҳо инҳоянд.

Дар давоми солҳои гузаштаи ҳаёт организми кудак аз ҷиҳати ҷисмонӣ инкишоф ёфта ба камол мерасид. Аз ин ҷо бо назардошти тачрибаи зиёди омӯзиш ва иштироки кӯдак дар намудҳои гуногуни фаъолият чунин бармеояд, ки завқҳое, ки вай дар ин ё он самт ё шакл дорад, аллакай зуҳур карда метавонад ва тамоми тақдири минбаъдаи ӯ асосан аз истифодаи самараноки онҳо вобаста аст.

Истифодаи завқу хоҳишҳои ба вуҷуд омада ва қобилиятҳои муайяну, исботшудаи хонандагон ва зарурати рушди онҳо дар раванди таълими махсус ташкилшударо дорад. Аз синфҳои поёни мактаб сар карда, дар баробари таълими умумӣ барои хонандагон таълими махсус ташкил карда, онҳоро мувофиқи завқу қобилияташон ба интихоби касб ва намуди машғулият омода намудан мумкин аст, ба ғайр аз ин хонандагонро дар асосӣ самти муайянгардидаи ихтиёрӣ вобаста ба касбӣ интихоб намудаашон равона кардан лозим аст.[7]

Натиҷаҳои интизорӣ

1. Донишҳои асосӣ, ки хонандагон бояд дошта бошанд (мувофиқи барнома):

А. Мафҳумҳо:

• Параметрҳои макроскопӣ;
• Муайян кардани ҳарорат;
• Ҳарорат;
• Мувозинати гармӣ;
• Воҳиди энергия ҳарорат;
• Ҳарорати мутлақ;
• Ҳарорати мутлақи сифр;
• Доимии Болтсман;
• Суръати миёнаи ҳаракати ҳароратии молекулаҳо;
• Ҳарорат ченаки энергияи миёнаи кинетикии молекулаҳо мебошад;
• Муносибати байни ҳарорат дар воҳидҳои энергетикӣ ва ҳарорати мутлақ;
• Муносибати байни миқёси ҷадвал ҳарорати мутлақ ва миқёси ҷадвали Селсий.

Б. Қонунҳо:

• Қонуни Авогадро;
• Қонуни асосии назарияи молекулавӣ-кинетикӣ;
• Муодилаи ҳолат барои гази идеалӣ.

В. Истифодаи амалӣ:

• Ченкунии ҳарорат, термометрҳо;
• Истифодаи амалии термометрҳо;
• Истифодаи амалии ҳолати мувозинати гармӣ дар ҳаёти ҳаррӯзаи зиндагӣ ва сунъӣ.

2. Маҳорат ва қобиляти асосие, ки хонандагон бояд аз худ кунанд:

• Тавонистани ҳали масъалаҳо ва истифодаи формулаҳои марбут ба параметрҳои макроскопӣ (фишор, ҳаҷм, ҳарорат) бо консентрсия, суръат, оид ба татбиқи қонуни Авогадро ва бо нишон додани формулаи таносуби ҳарорат дар воҳидҳои энергия ва ҳарорати мутлақ, муносибати байни шкалаи ҳарорати мутлақ ва шкалаи ҳарорати Селсий.

• Таҳлил карда тавонистани шарти масъалаҳо, роҳҳои ҳалли онро пешниҳод кардан ва интихоб карда тавонистани натиҷаи бадастомадаро чӣ дар ҳалли масъалаҳо ва чӣ дар иҷрои корҳои амалию лабораторӣ.

• Қобилияти фаҳмидан, дарк кардан ва дар хотир нигоҳ доштани маводи нави таълимӣ, ҷамъбаст ва ба низом даровардани маълумоти гирифташуда, ки бо дигар ҳодисаҳои физикӣ, ва фаслҳои физика робита барқарор карда тавонанд.

• Мавҷудияти малакаҳои муошират ҳангоми кор дар гуруҳҳои хурд, масъулияти байни як дигари, ҳамкорӣ, кӯмаки байни як дигари (дар корҳои лабораторӣ), қодир будан ва ба нақша гирифтан, тартиб додан ва баён кардани нутқҳои оммавӣ, роҳбарӣ кардани мубоҳиса, ба саволҳо моҳирона ҷавоб додан, ҳалли масъалаҳои сифатӣ ва миқдорӣ, масъалаҳо ва ҳодисаҳо.

• Мавҷудияти малакаҳои мустақилият, муташаккилӣ, худомӯзӣ ҳангоми иҷрои вазифаҳои инфиродӣ (кор бо китоби дарсӣ ё дигар намуди манбаи иттилоот, омода намудани паёмҳо, презентатсияҳо, лоиҳаҳо ва рефератҳо).

• Иҷрои софдилона ва муназзами корҳои таълимӣ, доштани хонандагон ба усулҳои гузаронидани амалиёти назоратӣ дар худназораткунӣ.[8]

Хусусиятҳои технологияҳои таълимӣ, усул ва шаклҳои кор бо хонандагон

Дар фаъолияти худ бо хонандагон дар раванди таълим фаъолият ва равишҳои ба шахсият нигаронидашударо роҳнамоӣ мекунам.

Бо боварӣ гуфтан мумкин, ки донистан ҳамеша анҷом додани як навъ фаъолият ё амалҳои марбут ба илму дониш аст. Муносибати фаъолият ба ҳаёт умуман дастоварди назарраси психология мебошад. Вай ба мақеи асосӣ асос ёфтааст, ки психикаи одам бо фаъолияти вай алоқаи зич дорад ва фаъолияти он шартан аст. Сифати азхудкунии дониш бо гуногунрангӣ ва хусусияти фаъолиятҳое, ки дар онҳо дониш амал карда метавонад, муайян карда мешавад. Ҳамин тавр, ба ҷойи ду проблема – интиқоли дониш ва ташаккули малакаҳо барои татбиқи онҳо – дар назди омӯзиш ҳоло як проблема меистад: ташаккул додани чунин намудҳои фаъолият, ки аз аввал системаи дониши додашударо дар бар гирифта, дар доираи пешакӣ муқарраршуда татбиқи онҳоро таъмин намояд.[9]

Ҷузъҳои асосии равиши дарс ба хонандагон нигаронидашуда эътирофи хосияти ҳар як хонанда ва фаъолияти инфиродии омӯзишии ӯ мебошанд. Дар ин ҷо нақши омӯзгор на интиқоли дониш, малака ва маҳорат, балки ташкили чунин муҳити таълимӣ мебошад, ки ба хонанда имкон медиҳад, ки ба нерӯи худ ва технологияи мувофиқи таълим такя кунад. Омӯзгор ва хонанда фаъолияти муштараки таълимиро ба вуҷуд меоранд, ки он ба худшиносии инфиродии хонанда ва рушди сифатҳои шахсии ӯ нигаронида шудааст. Омӯзгор хусусияти ҳар як хонандаро эътироф мекунад. Ин равиш бояд ба назар гирифта шавад, ки ҳамаи хонандагон ба омӯзиш майлҳои гуногун доранд. Он дар шакли муносибати инфиродии ӯ ба фаъолияти таълимӣ ва натиҷаҳои ин фаъолият ба амал меояд.

Усуле, ки дар фаъолияти кори истифода мешавад, метавонанд аз инҳо иборат бошанд:

- хусусиятҳои татбиқи онҳо

Фаҳмонидан ва иллюстративӣ (расм): пешниҳоди мавод аз ҷониби омӯзгор - лексия, сӯҳбат; намоишҳо; презентатсияҳои компютерӣ бо аниматсия ва клипҳои видеоӣ. Барои кор бо инҳо истифода мешаванд: CD-ҳо аз фанни физика, видеоҳои намоиши ҳодисаҳои гуногуни физикӣ, истинодҳои таърихӣ, видеоҳои мушоҳидавӣ ва таҷрибавӣ (аз Интернет). Хонандагон дар ташкили презентатсияҳо барои дарс (ҷустуҷӯ ва ба низом даровардани иттилоот, эҷоди презентатсияҳо барои маводи нав ва паёмҳо) фаъолона иштирок мекунанд, ба ин васила малакаҳои кори мустақилона аз рӯйи мавзуъ, инчунин малакаҳои технологияи компютерии иттилоотиро ташаккул медиҳанд.

Репродуктивӣ: таҷдиди маводи назариявии омӯхташуда, вазифаҳои маъмулии мувофиқи алгоритм ҳалшуда, супоришҳои тестӣ, машқҳои дорои хусусияти таълимӣ. Барои ин ман варақаҳои гуногунсатҳро барои санҷидани донишҳои назариявӣ ва амалии донишҷӯён таҳия кардам, ки дар онҳо хазинаи маълумот ҳангоми омода кардани донишҷӯён ба Имтиҳони ягонаи давлатӣ (ИЯД) ва Аттестатсияи давлатии хатм (АДХ) истифода мешаванд.

В данной работе были представлены особенности математического и компьютерного моделирования при решении геометрических задач для студентов высших учебных заведений. Преподаватели и специалисты в области естественных, точных и математических наук должны использовать методы и приемы реализации математического и компьютерного моделирования для решения различных задач прикладного характера в процессе обучения. Одним из таких требований являются особенности математического и компьютерного моделирования при решении геометрических задач, в котором могут быть реализованы в широком спектре теоретическом, практическом и техническом вопросов прикладном значения, встречающих в различных областях научно-технической и практической деятельности. Чтобы преподавать эту тему, необходимо знать и применять уравнения прямой линии, координаты пересечения прямой линии, площадь и некоторые особенности моделирования, чтобы повысить компетентность, знания и навыки. Для уточнения была рассмотрена одна задача, и для усовершенствования были приведены несколько задач.

Ключевые слова: *моделирование, образование, навыки, компетентность, прямая линия, площадь, характер.*

FEATURES OF MATHEMATICAL AND COMPUTER MODELING IN SOLVING GEOMETRIC PROBLEMS FOR STUDENTS OF HIGHER EDUCATIONAL INSTITUTIONS

In this paper, the features of mathematical and computer modeling in solving geometric problems for students of higher educational institutions were presented. Teachers and specialists in the field of natural, exact and mathematical sciences should use methods and techniques for the implementation of mathematical and computer modeling to solve various problems of an applied nature in the learning process. One of such requirements is the features of mathematical and computer modeling in solving geometric problems, in which they can be implemented in a wide range of theoretical, practical and technical issues of applied significance that meet in various fields of scientific, technical and practical activities. To teach this topic, it is necessary to know and apply the equations of a straight line, the coordinates of the intersection of a straight line, the area and some features of modeling in order to increase competence, knowledge and skills. One task was considered for clarification, and several tasks were given for improvement.

Keywords: *modeling, education, skills, competence, straight line, area, character.*

Сведения об авторах: Джураев Хайрулло Шарофович – доктор физико-математических наук, профессор, заведующий отделом естественно-математических наук Института развития образования имени Абдурахмона Джами Академия образования Таджикистана. Адрес: 734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Айни, 45.

Шарофиддин Юсуфи – соискатель Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Адрес: 735140, Республика Таджикистан, г. Бохтар, улица Айни, 67.

Восидов Шамсиддин Юсуфович – кандидат педагогических наук, ассистент Таджикского национального университета. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17.

Information about the authors: Juraev Khairullo Sharofovich – Doctor of Physical and Mathematical Sciences, Professor, Head of the Department of Natural and Mathematical Sciences of the Abdurakhmon Jami Institute for the Development of Education, Academy of Education of Tajikistan. Address: 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Aini str., 45.

Sharofiddin Yusufi - applicant of Bokhtar State University named by Nosir Khusrav. Address: 67 Aini Street, Bokhtar, 735140, Republic of Tajikistan.

Vosidov Shamsiddin Yusufovich – Candidate of Pedagogical Sciences, assistant of Tajik National University. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe,17 Rudaki Ave.

БОБОКАЛОНОВ С.

ТАЪРИХИ ПАЙДОИШИ БОЗИҲОИ КОМПЮТЕРӢ

Бозиҳои таълимиро намояндагони тамаддуни қадим ду ҳазор сол пеш аз ин истифода мебурданд. Дар таърих яке аз намудҳои бозиҳои кадимӣ, ки дар шароити муосир низ мавқеи хоссаро ишғол менамояд, шоҳмот мебошад, ки онро варзиши зеҳн низ мегӯянд.

Бозиҳои компютерии мавҷуда, ба монанди, шоҳмот торафт паҳн гардида, аз рӯйи моҳияти худ бозиҳои рӯйимизии ҷангӣ ба шумор меравад. Дар он манзараи ҷой, ҷойгиршавии қувваҳо ифода ёфтааст, ки истифодабарии формулаҳои математикӣ барои аниқ муайян намудан ва амсиласозии ҳаракати қисмҳо ниҳоят муҳим мебошад. Донишҳои математикӣ барои он заруранд, ки таносуби қувваҳо, мусаллаҳ будани гурӯҳҳои низомӣ (подразделенияҳо), қувваи зинда ва техника муқоиса карда шуда, амалиёти бобарор

барномасозӣ гардад. Ин маънои онро дорад, ки ба бозии одӣ олоти беҳтарини математикӣ ворид карда шуда, бозигарон коркарди тактикаю стратегияро аз худ менамоянд.

Фармондеҳи машҳур Наполеон тарафдори истифода бурдани бозӣ дар харита буд, ки бо ин роҳ метавонист амалиёти ҳарбиро ба таври пухта нақшабандӣ намояд. Наполеон инро ба он хотир анҷом медод, ки якҷоя бо фармондеҳони қувваҳои мусаллаҳаш нақшаи муҳорибаро амсиласозӣ намояд.

Дар Россия бозиҳои ҳарбиро Петр I дар ҳаёт татбиқ намуд, ӯ ташкилкунандаи «Қисмҳои оромбахш» маҳсуб меёфт. Дар замони ӯ «Потешное войско» барои гузаронидани чорабиниҳои машқӣ ва коркарди манёврҳо машқҳои зиёде мегузарониданд.

Дар охири асри 18 кӯдакон тавассути бозӣ алфавитро аз худ менамуданд, дар соли 1886 капитан Н.А. Сикалов бозиеро «Барои ёд додани аскарон, қувваҳои низомии пиёдагард оинномаи артиши подшоҳӣ» ихтироъ намуд, ки хусусияти маърифатию ватандӯстӣ дошт.

Соли 1932 аввалин шуда дар Иттиҳоди Шуравӣ бозиҳои корӣ аз қабили «Навсозии истеҳсолот дар робита бо тағйирёбии ҷиддии барномаҳои истеҳсолӣ», ки муаллифи он Мария Бирштейн буд, рӯйи кор омад. Он кас аввалин асосгузори «бозиҳои корӣ» («деловые игры») ба ҳисоб рафта, андешаеро дар бораи омода намудани кормандони роҳбарикунанда дар ҷараёни бозиҳои ҳарбӣ пешниҳод менамояд. Ин андеша барои омӯзонидани роҳбарон дар ҷараёни фаъолият тибқи анъанаҳои аҷдодӣ ва омода намудани роҳбарони ҳарбӣ дар ҷараёни бозиҳои низомӣ ниҳоят муҳим мебошад. [171, с 94-102].

Аз тарафи дигар, дар шароити муосир, ки техникаю технологияи иттилоотӣ торафт инкишоф ёфта истодааст, шаклҳои нави бозиҳо пайдо гардиданд. Тамошои филмҳои телевизионӣ, аз як тараф ва рақобати технологияи пурзӯр дар бозори ҷаҳонӣ, инчунин мавҷудияти бозиҳои бачагонаи хусусияти агрессивидошта ташвиши падару модарон, мутахассисонеро, ки дар соҳаи бозиҳои компютерӣ ва технологияи иттилоотӣ кор мекунанд, зиёд менамояд. [1, с. 81.]

Дар миёнаи солҳои 70-ум 90 % амрикоиёни ҷавон, 60 – 90 %, наврасони фин, тахминан дар дараҷаи ҳамин нишондод, наврасон ва ҷавонони тамоми мамлакатҳои дунё, худро бо бозиҳои компютерӣ тасалло медоданд. [58, с.91.]

Ташвишовар он мебошад, ки дар шароити муосир ҷавонон вақти бештари худро дар бозиҳои компютерӣ мегузаронанд. Таҳқиқоти дар соли 2005 баргузорнамудаи олимон Робертс, Файер ва Райдавт дар Амрико нишон дод, ки категорияи кӯдакони аз 8 то 10 - сола ба таври миёна ҳамарӯза то 65 дақиқаи вақти хешро дар бозиҳои компютерӣ сарф менамоянд. Мутобиқи ин таҳқиқот, кӯдакони синни 10 - 14 - сола ҳар рӯз 52 дақиқаи вақти хешро сарфи бозиҳои компютерӣ месозанд. Ин нишондод дар байни одамони аз синни 18 то 33 – сола ҳамарӯза 15 дақиқаро ташкил медиҳад. Сабаби асосии ворид гардидани бозиҳои компютерӣ дар ҳаёти воқеии ҷавонон, дар шароити муосир то дараҷае даркшаванда гардидааст, ки аз таъсири он аксари ҷавонон ба онҳо муроҷиат намудани атрофиёнро дарк намекунанд. Зеро ҳамеша вориди дунёи хеш ва олами тахайюлӣ мебошанд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки имрӯз, кӯдакон ва насли ҷавон ниҳоят ба таври шинохташаванда дар зери таъсири шаклҳои гуногуни бозиҳои компютерӣ қарор гирифтаанд. Дар таҳқиқоти Бандур, дар бораи бозиҳои компютерӣ ва натиҷаи онҳо ба таври равшан андешаҳои ҷолиб оварда шудааст. Ӯ ба таври боварибахш қайд менамояд, ки тамошои чунин бозиҳои гуногуни тахайюлӣ, ба кӯдакон ва ҷавонон таъсири калон ворид менамояд, ки аз намоишҳои манзараи ҳодисаҳои мушоҳидаи зиндаашон, ки хусусияти фароғатӣ дорад, таъсираш зиёдтар мебошад. [33, 107].

Таърихи пайдоиши бозиҳои компютерӣ, ба пайдоиши фарзияи ибтидоии бозиҳои компютерии «Пинг» дар соли 1972, дар шакли бозиҳои компютерии теннис барои ду нафар робита дорад. Дар охир бозиҳои компютерӣ инкишофи ояндаи хешро соҳиб гардида, дар шакли барномаҳои гуногун ва диски устувор коркард гардиданд. [31, с.18-21]

Ҳамин тавр, давра ба давра корхонаю муассисаҳое пайдо гардиданд, ки ба коркард ва истеҳсоли бозиҳои компютерии шакл ва равияҳои гуногун шуғл варзиданд. Хатари ин бозиҳо дар он зоҳир мегардад, ки ягон нафар аз ҷавонони мубталои бозиҳои компютерӣ дар кӯча гаштугузор намуда, дарк намекунанд, ки дар атроф чӣ ҳодисаҳо рӯй дода истодаанд, ҳама саргарми бозиҳои телефонӣ мебошанд. Имрӯз ин беморӣ аз ҳама бештар дар нақлиёти

ҷамъиятӣ мушоҳида мегардад,. Ҷавонон бо телефонашон банд шуда, ҳатто дарк наменамоянд, ки дар рӯ ба рӯяшон маъюбу солхӯрдае қарор дорад.

Зарари бозиҳои телефонӣ аз бозиҳои компютерӣ ягон фарқе надорад, аммо ба ивази ҳама воситаҳои дастурдиҳӣ, дар дасти баъзе донишҷӯён дар як вақт ду - се телефонро дидан мумкин аст. Соли 1980 аз ҷониби Нин Тунд низоми нав бо ҷадвали беҳтар коркард гардид, ки дар асоси он бозиҳо бо бартарияти аломатҳои зӯроварӣ ҷой дода шуданд. Ин дар навбати худ, диққати бисёр корхонаҳоро дар соҳаи истеҳсол, паҳнкунӣ ва машҳур гардонидани бозиҳои компютерӣ ба худ ҷалб намуд. [53, с. 46-54].

Ҳамаи мо дар шароити муосир шоҳиди истеҳсоли бозиҳои компютерӣ мебошем, ки ба андозаи зиёд инкишоф ёфта истодаанд ва ба мафкураи насли наврас хатар эҷод менамоянд. Дар мувофиқа бо омор танҳо дар соли 2004-ум дар ШМА ҳаҷми фурӯши бозиҳои компютерӣ (агар бо пул ифода намоем), 7-10 млрд. доллари амрикоиро ташкил дод, ва ин нишондиҳанда ҳар сол меафзояд.

Даромади умумии ИМА дар соли 2009 аз ҳисоби фурӯши бозиҳои компютерӣ ба 20 млрд. доллар расид, ки дар шароити имрӯза ин нишондодро дар ҳаҷми ҷаҳонӣ гирем, 110 млрд. долларро ташкил медиҳад, ки аз даромади умумии Голливуд ду баробар зиёд мебошад.

Бачагону наврасоне, ки ба бозиҳои компютерӣ шуғл меварзанд, на танҳо дар зери таъсири он мемонанд, балки идеология, руҳу равон ва маърифати онҳо заҳролуд гардида, саломатиашон вайрон мегардад. Дар натиҷаи бозиҳои компютерӣ, дар ҷавонон вобастагӣ аз бозиҳои компютерӣ, худро идора карда натавонистан, моҷароҷуйӣ, паст гардидани боварӣ ба худ ва ҷудоии иҷтимоӣ пайдо мегардад. [31, с. 66- 81].

Бозӣ наметавонад омӯхтанро кафолат диҳад, зеро ба ин ё он кор мароқ пайдо кардани шахс аз майлу хоҳиши шахсии ӯ вобаста мебошад. На ҳама шаклҳои бозӣ барои ҷавонон диққатҷалбкунанда мебошад. Бозиҳо барои ёдгириро бояд мутахассисони босалоҳият гузаронанд, ки метавонанд ин бозиҳоро аҷибу шавқовар, бо иттилооти фаровон ва диққатҷалбкунанда мубаддал созанд.

Мартенс бо рафиқонаш «бозиҳои ҷиддӣ» - ро «тамрин» меноманд ва онҳо чунин мешуморанд, ки тамрин аз бозӣ маншаъ мегирад. Вай дар дараҷаи муайян нишонаҳои бозиро дар бар гирифта, мароқзоҳиркуниро ба танзим дароварда, ёдгириро метезонад. Агар бозиҳо мақсад ва мазмуни омӯзишӣ надошта бошанд, ин бозиҳо одаткуниро ба вуҷуд оварда наметавонанд. Бе сохтакорӣ бозӣ аз худ шакли таълим ва инкишофи омехтаро ифода менамояд. Агар ба механизми бозӣ таваҷҷуҳ зоҳир намоем, имконияти аз худ намудани одаткунии таълимӣ зарур мегардад. [73, с. 154-157]:

Майк Зид тасдиқ менамояд, ки бозиҳои ҷиддӣ дар заминаи ба таври педагогӣ ба эътибор гирифтани се аломати асосии бозиҳои компютерӣ- манзара, тасвир ва таъмини барномавӣ ҳосил мегардад.

Мафҳуми «бозиҳои ҷиддӣ» аввалин шуда, чил сол пеш барои тавсифи амалиёти низомӣ дар бозӣ истифода бурда шуда, дар таҳсилот мавриди истифода қарор гирифт. «Онҳо мақсади мушаххаси фикр карда ва характери омӯзонандагӣ ифодакунандагӣ доранд. Мақсади асосии бозиҳои кампютерӣ вақтгузаронӣ набуда, ин андеша ҳадаф ва масъалаи асосии муҳокима мебошад, ки то ҳол давом доранд.

Зида чунин меҳисобад, ки «бозиҳои ҷиддӣ - ин мусобиқаи ақл бо компютер мебошад, ки аз рӯйи қоидаи муайян мегузарад. Самти машғулшавӣ ба бозӣ бо мақсади идоракунӣ, машқҳои корпоративӣ, сиёсати давлатӣ, тандурустӣ, коммуникатсияи стратегӣ ва ғайра мешавад». [19, с. 77-81]:

Ба бозиҳои ҷиддӣ, инчунин, бозиҳои компютериеро ворид намудан мумкин аст, ки як қатор мақсадҳои таълимиро дар худ фаро гирифта, дорои афзалият мебошанд. Як гурӯҳи таҳқиқотчиён ин мафҳумро ба бозиҳои видеоӣ мансуб медонанд, ки бо мақсади истифода бурдан таҳия ва гузаронида мешаванд. Чунин бозиҳо на ба мақсади вақтгузаронӣ ва фароғат фурӯхта мешаванд. Дар ин рӯйхати бозиҳо, бозиҳои таълимӣ, сиёсӣ, тандурустӣ ва ғайра дохил мешаванд.

Мухолифати байни муоинагарон, тамринчиён, омӯзгорон ва мансабдорони давлатиро дида, кас ба роҳгумӣ ворид мегардад. Онҳо кӯшиш менамоянд, муайян кунанд, то кадом бозиҳоро барои самарабахш гардидани сифати таълим истифода бурдан мумкин асту кадомашро не. Дар ин шакл, дар зери мафҳуми «бозиҳои ҷиддӣ» муаллифон бозиҳои

компютериеро дар назар доранд, ки онҳо ба ин бозиҳо ҳам бозиҳои мақсади таълимӣ - фароғатӣ ва ҳам фиребдиҳандаро ворид менамоянд.

Гюнтер қайд менамояд, ки агар бозиро дар соҳаи таълим истифода барем, ҳатмӣ нест, ки он диққатҷалбкунанда, самаранок ё дорои муваффақияти тиҷорати бошад. Таҳқиқот нишон медиҳанд, ки се насли асосии бозиҳои таълимӣ вуҷуд доранд:

Дар насли якуми бозиҳо талаби ҳавасмандгардонӣ (бихевиоризм) гузошта шуда буд. Ҷараёни таълим устувор гардида, метавонад тавассути ҳавасманд гардонидани хонанда ё донишҷӯ барои амалиёти дуруст ё ҷавоб ба саволи пешниҳодгардида идома ёбад. Чунин бозиҳоро бозиҳои таълимӣ - фароғатӣ номидан мумкин аст, ки аз раванди он донишҷӯ ягон донишу малака ҳосил карда тавонад. Чунин бозиҳо дар саволномаҳо ифода ёфта, мақсади онҳо тамрини нутқ ё хотираи хонандагону донишҷӯён мебошад.

Назарияи маърифатиро асоси насли дуюми бозиҳо дар бар мегирад. Дар ин ҷо дар маркази диққат бозигар меистад, ки метавонад ахборро аз садоҳо, саволнома ва тасвир ҷудо намояд. Бозигар вазифаҳои бозиро таҳлил ва баҳогузорӣ намуда, мушкилотро тавассути пайваст намудани рамзҳо дар дарк ва дар хотир нигоҳдории пайдарҳамӣ аз худ менамояд. Дар бозӣ ҳамеша намудҳои эҳсосотии ҳамкориҳои иҷтимоӣ татбиқ гардида ва инчунин, дониш ва маҳоратҳои нав аз худ карда мешавад.

Насли сеюми бозиҳо гуногунии амсилаи таълимро ифода менамоянд, ки ин заруратро ба вуҷуд меорад, то дар раванди таълим, конструктивизм ба конструксионизм табдил ёбад. Як қатор таҳқиқотчиён ба назарияи мушоҳидавии таълим такя намуда, чунин ақидаро пешниҳод намуданд. Мушоҳида, ба монанди ангезиш, таълими бевосита буда, баровардани робитаҳои абстрактӣ ва мафҳумро талаб менамояд, ки дар раванди он таҷрибаҳосилкунӣ рӯй медиҳад, ки бояд ҳамеша ба назария такя намуд, методи мушоҳида бошад, дар давраи ҳалли вазифаҳои гуногун ва қабули вазифаҳои муҳим ошкор мегардад.

Мутобиқи назарияи таълими иҷтимоӣ - фарҳангӣ, бозиҳо дастгоҳ барои гирифтани дониш дар ҷараёни таҳлил, баҳс ва эҳсос мебошанд. Ҷараёни таълим дар баробари ташаккули дарк ва пас аз он, дониш равона мегардад ва дар таҷриба мустаҳкам мегардад. Дар насли сеюми бозиҳо шароит ҳамеша ба эътибор гирифта мешавад. Шароити онро, пеш аз ҳама, риоя намудани одоб (этикет), қоида, мақсадҳои таълим, маҳдудиятҳои барномавӣ бо таҷрибаи бевосита, намоишдиҳӣ, ҳиссиёти бозӣ, таълим ва робитаи баргарданда ташкил медиҳад.

Зарурати баҳо додан ба самаранокии мақсадҳои гузошташуда, давраи ниҳоӣ муҳим буда, дар ҷараёни таълим истифода бурдани бозиҳои компютериро зарур мешуморем. Барои омӯзгор муҳим аст, ки шогирдони ӯ ба пешравии муайян дар ин ҷода ноил шудаанд ё не. Ғайр аз ин, омӯзгор бояд боварии комил дошта бошад, ки шогирдони ӯ дониши ҳосилкардаашонро, дар ҳаёти воқеӣ истифода карда метавонанд. Дар навбати худ, донишҷӯён бояд фаҳманд, ки чӣ тавр онҳо метавонанд ин донишу малакаро аз худ намоянд.

Мутобиқи андешаи Ҷеймс Ги, муваффақият дар бозиҳои компютерӣ метавонад эътибори гурӯҳи бозигаронро як қадар баланд бардорад. Агар ба масъалаи баҳодиҳӣ тавассути саволномаҳо баргардем, маълум мешавад, ки тавасути гейм- дизайни муосир баҳо додан ғайримумкин мебошад. Аксари бозиҳои дилхушкунанда иқтидори ба таври автоматӣ одаткунонӣ доранд, дар он маълумот дар бораи ба чӣ майл доштани бозигар (наврас, ҷавон) ғун мегардад, ки робитаи баргарданда мебошад [40, с. 234-236].

Нишондиҳандаи муваффақияти бозигар дар бозиҳои ҷалбкунанда бештар ҷадвали сарварон (лидеров) мебошад. Ҳар як бозигар кӯшиш менамояд ба касе баробар, ғолиб бошад. Бохт дар бозӣ метавонад ҷавонро ба одаткунӣ ва тобеъшавӣ ворид намояд. Тартиб додани ҷадвали муқоисавӣ, қисман, хоҳиши худи бозингарон мебошад. Дар маҷмуъ, дар бозиҳои таълимӣ, мураккабӣ баҳодиҳӣ мебошанд. Барои баъзеҳо бозӣ дар низоми баҳодиҳӣ дар зери фармоиш метавонад коркард гардад.

Масалан, таҳияи барномавии диограммаи баҳодиҳӣ ва муқоисаи натиҷа, дар нақшаи робитаи баргарданда баромад менамояд. Аммо чунин усулро танҳо дар вазифаҳои муайян истифода мебаранд.

Ба таҳиягарон ва тарроҳони бозӣ зарур меояд, механизмеро бунёд намоянд, ки ҷавобгӯйи талаботи илмии таҳсилоти ҷаҳонӣ бошад. Мутаассифона, дар шароити кунунӣ

худи омӯзгорон ба баҳо додани муваффақонаи таҷрибаи бозии донишҷӯён машғул мегарданд.

Барои бисёр бозиҳо ҳамчун асос мавзуии ҷанг ва муҳориба хизмат менамояд. Ҳатто қувваҳои мусаллаҳ ба иқтидори таълимии чунин бозиҳо 30 сол муқаддам иқрор буданд. Чунин сохтакориро барои артиши Амрико солҳои 1981 ихтироъ намуда буданд. Аз соли 1996 намуди бозиҳое пайдо гардиданд (Doom), ки манфиатнокии онҳо аз меъёр баландтар баҳогузорӣ карда мешуд. Вазифаи асосӣ дар ин бозиҳо омӯзиши тактика, пайдарҳамии муайяни ҳуҷум, тактикаи алоқаи самаранок, ҳосил намудани таҷрибаи додан ва иҷро намудани фармон ва кор дар гурӯҳ мебошад. Тамоми инро аз доираи бозӣ берун нарафта, аз худ намудан мумкин буд, то ҳаёти сафарбаршудагон зери хатар қарор нагирад.

Барои мисол, Қуввахои Мусаллаҳи Британияи Кабир иҷозатнома барои истифода бурдани бозиҳои Virtual Battle Space 2- ро доранд, ки аз худ пурра тарзи фаъол (интерактивную) ва седараҷагии низоми тамринро бо имкониятҳои модификатсия ва одаткунӣ ифода менамояд. Бозӣ манзараи воқеиро ифода намуда, инчунин, дар он яроқу аслиҳаҳои гуногунро барои озмоиш ва машқҳои ҳарбӣ истифода мебаранд. [113, с. 61- 67].

Аз нуқтаи назари Ҳукумати Англия, истифодаи муҳити сохта ва сохтакории ҳарбӣ як қатор бартариҳо дород. Дар байни ин бартариҳо имконияти гузаронидани зарурати омӯзиш дар ин давра, хароҷоти паст, имконияти нақшагири ва ғалаба дар амалиёти ҳарбӣ, ҷалб нанамудани захираҳои инсонӣ ва техникӣ, такрор ва аксбардори амалиёт амалӣ мегардад.

Инчунин, миқдори зиёди бозиҳо барои қонеъ гардонидани талаботи соҳаи тандурустӣ офарида шуданд. Дар соли 2010 бисёр бозиҳое пешниҳод гардиданд, ки мақсади таълимро дар соҳаи тандурустӣ пайравӣ менамуданд, ки ин хуб аст ва касе даъво намекунад. Дар онҳо ахбори гуногун; аз омӯзиши расонидани ёрии аввалини тиббӣ то маҳорати баланди тиббӣ ҷой дода шудааст. Ҳар чӣ бештар бозиҳое таҳия мешаванд, ки дар платформаи мобилӣ кор карда, дар онҳо иттилооти хеле манфиатовар ҷой дода шудаанд. Бозиҳое, ки ҳар чӣ бештар барои кормандони соҳаи тиб мансубанд, қисман стимуляторҳое мебошанд, ки асосан барои тамрин истифода бурда мешаванд. Чунин стимуляторҳоро мо дар коллеҷи тиббии ноҳияи Ёвон мушоҳида намуда будем. Инчунин, ба истеҳсоли онҳо хароҷоти кам сарф карда мешавад, онҳо фаҳмишро зиёд намуда, имконият медиҳанд, ки хатоҳои тиббӣ дар даврai таълим ва таҷрибаи минбаъдаи корӣ содир карда нашаванд.

Ғайр аз ин, бозиҳои компютерӣ дар ин раванд ниҳоят васеъ дар тиҷорат истифода бурда мешаванд. Бо ёрии онҳо имконият пайдо мегардад, ки ба кор қабул кардани ходими нав, беҳтар кардани муоширати байни коргарон ва менеджер, инчунин тамрини тамоми коргаронро байни ҳамдигар ба роҳ монем. Аммо дар бозиҳо ин вазифаҳои идоракунӣ бештару зӯртар зоҳир мегарданд. Дар он танҳо хоҳишмандони кор дар ин фазо муҳити табиӣ бозӣ мекунанд.

Дар натиҷаи истифода бурдан аз бозиҳои таълимӣ имконият фароҳам меояд, ки хароҷоти баланди иқтисодӣ карда нашавад. Он хароҷоте, ки дар муассисаҳои таҳсилоти касбӣ барои дастгоҳу таҷҳизот, иҷораи бино, музди меҳнати мутахассисон барои таълим ва машқ сарфа мегардад, кӯшиш кардан даркор, ки кам бошад. Дар ин самт танҳо талаб карда мешавад, ки дар ҷадвали дарсҳои тартибдодашуда, дарсҳои таълим ба роҳ монда шаванд. Дар шароити муосир дар бозиҳои воқеӣ аз шароити мушаххас, равандҳо, муҳит ва таҷрибаҳои гуногун истифода бурдан мумкин аст. Қисман бозиҳо дар таълими ғайрирасмӣ истифода бурда мешаванд, ки дар онҳо ҷавонон бо шавқу ҳаваси зиёд бозӣ мекунанд.

Бозиҳои дар соҳаи иҷтимоӣ истифодашаванда чун қоида, дорои механизми аниқи баҳодиҳӣ намебошанд, зеро баҳои самаранокии онҳо аз маъруфияти ин бозиҳо мебарояд. Миқдори онҳо дар Британияи Кабир 10 % -ро ташкил медиҳад. Роҳҳои оддии иҷтимоикунонӣ, ба меҳнат ҷалб намудани ҷавонон ва гирифтани маълумот барои чунин ҷавонон мебошад, ки ниҳоят бо мушкилӣ ба даст меоянд. Мутахассисоне, ки дар ин масъала кор мекунанд, қайд менамоянд, ки воситаҳои электронии таълим таҷҳизоти азиме мебошанд, ки бо ёрии онҳо ҷавонон метавонанд ба таври самаранок ба иҷтимоишавӣ ва таълим ҷалб гарданд. Дар ҷараёни таълим ин гурӯҳи одамон бозиҳои компютериро дар сатҳи гуногун истифода мебаранд.

Дар онҳо бозиҳои фароғатӣ ниҳоят намуди паҳнгардида маҳсуб меёбанд, ин маънои онро дорад, ки дар чунин ҷараён онҳоро самаранок ба таълим ҷалб намудан мумкин аст.

Бозиҳои ҷиддӣ ба чунин одамон ёрӣ мерасонанд, ки дар бораи ихтисосҳои мавҷуда маълумот ҳосил намоянд. Инчунин, барои аз бар намудани маҳорати зарурӣ, ба монанди: маҳорати муошират, ҳамкорӣ, ҳалли доираи васеи вазифаҳо ин бозиҳо метавонанд то як дараҷа ёрии амалии хешро расонанд.

Дар низоми таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ имтиҳонсупорӣ ва муайян намудани дараҷаи дониш мавҷуд аст. Имтиҳонсупорӣ дар бозӣ вуҷуд надорад, қайд карда мешавад, он бозиҳое, ки ба ҷадвал алоқаманданд ва раванди омӯзишӣ доранд, нисбат ба дигар бозиҳо машҳуранд. Интизории омӯзгорон дар он хусус, ки бозиҳо кори онҳоро осон мегардонанд, тасдиқи худро намеёбад. Бозиҳо дар ҷамъбаст мушкилоти зиёдеро ба гардани онҳо бор менамоянд. [112, 42- 44].

Он бозиҳое, ки расман дар таълим истифода бурда мешаванд, яке аз машғулиятҳои дӯстдоштаи калонсолон мегарданд, ё дар таълими ғайрирасмӣ бо мансубияташон нигоҳ накарда, истифода бурда мешаванд. Агар ба таври дигар гӯем, гарчанде бозӣ иқтидори баланди таълимӣ дошта бошад, аммо ҳолати истифодабарии он беҳбудиро тақозо мекунад.

Якчанд амсилаи бозӣ коркард гардид, ки онҳоро ба қатори бозиҳои Gamesfor Learning Institute (GFLI) ворид намуда, ошкор менамоем, ки ин бозиҳо дорои се дараҷаи асосӣ мебошанд: мутобиқати мақсади ёддиҳӣ, шароити мусоид ва истифодаи техникӣ, инчунин, тафриқаи пурраи донишҷӯён бо мақсадҳои бозӣ.

Мутобиқи амсилаи Relevance, Transfer, Adaption, Immersion, Naturalisation (RETAIN) шаш ҷанба ҷудо мегардад: Ризоият – зарурати додани мазмуни академикӣ дар мутобиқат ва робита бо шакл ва мазмуни бозӣ.

Мутобиқат (Релевантность) - дар илмҳои иттилоотӣ ва ҷустуҷӯҳои иттилоотӣ дараҷаи мутобиқатро ифода менамояд, ки маънои зарурати иттилоотиро доро мебошад. Ифодакунандаи мутобиқати мавод, ки асоси онро дониш ва маҳорати мавҷуда ташкил медиҳад.

Гузарандагӣ (Переносимость) – такя ба таҷриба, ки бозигар дар дигар соҳаҳо гирифтааст, инчунин, дониши доштаашро дар ҳаёти воқеӣ татбиқ карда тавонистани ӯ.

Одаткунӣ – тағйир додани рафтор дар натиҷаи худназорат.

Воридшавӣ (Погружение) – машғулшавии муоширатӣ ба ҷараёни бозӣ, ки метавонад маърифати донишҷӯро баланд бардорад.

Амсилаи соли 2004 пешниҳоднамуда чоркунҷа буда, дар худ аломатҳои робитаҳои байниҳамдигариро фаро мегирад. Амсилаи номбурда ифодакунандаи интихоби дурусти барномаи татбиқ ва мазмуни мувофиқ ба матни ёддиҳӣ мебошад:

- Махсусияти донишҷӯён, чӣ аз ҷиҳати фардӣ ва чӣ аз ҷиҳати гурӯҳии тарзи омӯзиши онҳо, инчунин, аз худ намудани дониш ва интихоби усули таълим бо ин ё он талабот бояд ҷавобгӯ бошанд.

- Матнӣ – он дар таълим баргузор мегардад ва аз омилҳои глобалии иқтисодӣ ва сиёсӣ то ихтисосмандии омӯзгорон ва арзиши иҷозатномадиҳӣ вобаста мебошад.

- Талаботи педагогӣ – амсилаи таълимӣ, барои тартиб додани нақшаҳои таълимӣ ниҳоят муҳим мебошанд.

- Тарзи пешниҳод – дараҷаи воридшавӣ, фаъолгардонӣ, шаффофият ва ҷанбаи эмотсиономи ҷараёни бозӣ.

Ба ақидаи Хартвелд аломатҳои бозиҳои ҷиддӣ инҳоянд: педагогика, таъминоти пасти захираҳо, фараҳбахшӣ, таҷриба, номуайянӣ, таҳқиқот, аломатҳои бозӣ, рамзҳо, фаъолиятӣ, ҷолибии мақсади таълим, хоҳишмандон, гурӯҳҳои мақсаднок, ташкилот, воқеият, даъват.

Педагогика зарурати эҳсосро дарк намуда, бозӣ бошад, ба таври идеалӣ онро бедор менамояд. Таълим ҳаддиимкон натиҷаи баландро дар фаъолият ба вуҷуд меорад. Ин маънои онро дорад, ки тарбиягирандагон на танҳо матнро бояд хонанд, балки ҷараёни таълимро бардошт карда тавонанд. Азобу машаққат, мондаю хасташавӣ дар равандӣ таълим имкон намедиҳад, ки ҳамам хонандагон қудрати бардошти дарсро дошта бошанд.

Вобаста ба таркиби бозӣ бояд қайд кард, ки ҳадафи он бояд мақсаднок, созанда ва диққатҷалбкунанда бошад, Дар бозӣ бояд аломатҳои ногаҳонӣ ва номуайянӣ ҷой дошта бошанд, ки бозиро метавонад ҷолибу ҷаззоб гардонанд. Моҳияти бозӣ то чӣ андоза мушаххасу муайян намудани мақсадҳои таълим мебошад, ки ба бозингар фаҳмо бошад. Бозиҳоро дар назар дошта бошад, ки барои инсон то кадом андоза бозӣ манфиатовар аст.

Бозие, ки мутлақо ба инсон манфиатовар набошад, чизеро дар инкишофи ӯ таъмин карда натавонад ба муқовимати ҷомеа гирифтор мегардад. Тамоми вазифаҳои ҷараёни бозиро ҷомеа омӯхта, онро дастгирӣ ва дар таълим иҷозат медиҳад, ё аз ҷараёни таълим берун месозад.

Бозӣ, яке аз фаъолияти заминавии мавҷудоти зинда буда, бо инсоният дар якҷоягӣ ба вуҷуд омадааст. Аз ибтидои фарҳанги инсоният маълум аст, ки ё одамон бозиро аз худ намуданд, ё бозӣ одамонро аз худ намудааст. Дар даврањои қадим бозӣ ва инкишофи он дар тамоми соҳаҳои ҳаёт, дар шакли ҷанг, сиёсат, санъат, савдо, муносибати мард бо зан ворид гардида буд, ки паёмади он имрӯз бараъло ҳис карда мешуд.

Ҷамъияти тараққикарда бозиро дар соҳаи фароғат ва варзиш ҷойгир намудааст, ки он аз машғулиятҳои «ҷиддӣ», ба монанди илм, иқтисод, қонунгузорӣ ҷудо карда шудааст. Бозиҳо «табиати хешро гум намуда» рӯйдоди баромади одамон аз меҳнати хастакунанда ба фазои эҷодӣ мебошад. [63, с. 95- 100].

АДАБИЁТ:

1. Абульханова-Славская, К.А. Особенности типологического подхода и метода исследования личности / К.А. Абульханова-Славская // Принцип системности в психологических исследованиях: Сб. тр. М.: Наука, - 1990. -С. 20-28.
2. Анастази, А. Психологическое тестирование / А. Анастази, С. Урбина. -СПб.,-2001.-688 с.
3. Андреева, Г.М. Психология социального познания. / Г.М. Андреева, -М.: Аспект Пресс, 1997. - 240 с.
4. Андреева, Г.М. Социальная психология. / Г.М. Андреева, — М.: Аспект Пресс, 1998., -173 с.
5. Акопов, Г.В. Психология сознания: Вопросы методологии, теории и прикладных исследований / Г.В. Акопов. М.: Институт психологии РАН, -2010.-272 с.
6. Аксенова, Ю.А. Символы мироустройства в сознании детей / Ю.А. Аксенова, — Екатеринбург: Деловая книга, — 2000. 272 с.
7. Аронсон, Э. Общественное животное. Введение в социальную психологию / Э. Аронсон / Пер. с англ. М.А. Ковальчука под ред. В.С. Магуна. М., - 1998. - 517 с.
8. Артемьева, Е.Ю. Основы психологии субъективной семантики / Е.Ю. Артемьева / Под ред. И.Б. Ханиной. М.: Смысл, - 1999. - 350 с.
9. Бабаева, Ю.Д. Взаимодействие человека с компьютером. / Ю.Д.Бабаева, А.Е. Войскунский // Психологический журнал, — 1998, № 1. — С. 89-100.
10. Белавина, И.Г. Психологический аспект компьютерных форм детского творчества / И. Г. Белавина // Пользоват. интерфейс: исслед., проектирование, реализация. — 1993. — № 2. С. 19—23.
11. Бубнова, С.С. Ценностные ориентации личности как многомерная нелинейная система / С.С. Бубнова // Психологический журнал. 1999, № 5. -С. 38-44./ Е.Ю. Артемьева / Под ред. И.Б. Ханиной. М.: Смысл, - 1999. - 350 с.

ТАЪРИХИ ПАЙДОИШИ БОЗИҲОИ КОМПЮТЕРӢ

Ҳамаи мо дар шароити муосир шоҳиди истеҳсоли бозиҳои компютерӣ мебошем, ки то кадом андоза инкишоф ёфта истодаанд ва ба мафкураи насли наврас хатар эҷод менамоянд. Дар мувофиқа бо омор танҳо дар соли 2004-ум дар ШМА ҳаҷми фурӯши бозиҳои компютерӣ агар дар доираи пул ифода намоем, 7-10 млрд. доллари амрикоиро ташкил дод, ки ин нишондиҳанда ҳар сол меафзояд.

Мақсади асосии бозиҳои кампютерӣ вақтгузаронӣ набуда, ин андеша ҳадаф ва масъалаи асосии муҳокима мебошад, ки то ҳол давом доранд. Шароити онро, пеш аз ҳама, риоя намудани одоб (этикет), қоида, мақсадҳои таълим, маҳдудиятҳои барномавӣ бо таҷрибаи бевосита, намоишдиҳӣ, ҳиссиёти бозӣ, таълим ва робитаи баргарданда ташкил медиҳад. Дар шароити муосир дар бозиҳои воқеӣ аз шароити мушаххас, равандҳо, муҳит ва таҷрибаҳои гуногун истифода бурдан мумкин аст.

Калидвожаҳо: бозиҳои қадимӣ, компютер, ҷангӣ, қувваҳо, барномасозӣ**,** иттилоотӣ, тахайюлӣ, донишҷӯён, шавқовар, муоинагарон, тамринчиён.

ИСТОРИЯ ВОЗНИКНОВЕНИЯ КОМЬПЮТЕРНЫХ ИГР

Все мы в современных условиях являемся свидетелями производства комьпютерных игр, насколько они развиваются и представляют угрозу для идеологии подрастающего поколения. По статистике только в 2004 году объем продаж комьпютерных игр в США вырос если вырежать его в деньгах до 7-10 миллиардов, и этот показатель увеличивается с каждый годом. Основная цель комьпютерных игр не в том, чтобы скоротать время, это идея является основной целью и предметом дискуссии которая продолжается до сих пор. Его условия – это, программные ограничения с непосредственным опытом, демонстрацией, чувством игры, обучением и обратной связью. В

современных условия возможно использование конкретных условий, процессов, окружения и различного опыта в реальных играх.

Ключевые слова: древные игры, комьпютер, война, силы, программирование, информация, воображение, студенты, забава, экзаменаторы, тренеры.

HISTORY OF THE EMERGENCE OF COMPUTER GAMES

All of us in modern conditions are witnesses of the production of computer games, to what extent they are developing and they pose a threat to the ideology of the younger generation. Acording to statistics, only in 2004, the volume of sales of computer games in the USA, if we express it in terms of money.7-10 billion, and this indicator is increasing every year. The main purpose and issue of the discussion that is still ongoing. Its conditions are, first of all, observance of etiquette, rules, educational goals, program limitations with direct experience, demonstration, sense of play, education and feedback. In modern conditions, processes, environments and different experiences in real games.

Keyword: ancient games, computer, war, forces, programming, information, imagination, students, fun, examiners, trainers.

Маълумот дар бораи муаллиф: Сухроб Бобокалонов – муаллими калони кафедраи инфарматика ва фанҳои табиӣ- риёзии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев 17/1 Тел.: (+992 37) 933 17 17 42 E-mail: ddzt_tarikh@mail. Ru

Сведения об авторе: Сухроб Бобокалонов - Старший преподаватель кафедры информатики и естественно-математических наук, Таджикский Государственный институт языков им. Сотим Улугзоде, г. Душанбе, ул. Мухаммадиев 17/1 Тел.(+992 37)933171742 E-mail: ddzt tarikh @ mail. ru.

Information about the author: Suhrob Bobokalonov-Senior teacher of the Department of informatics and Mathemetical Sciences of the Tajik state Institute of Languags named after Sotim Ulugzoda, Dushanbe, Muhammadiev street 17/1 tell: (+99237) 933-17-17-42 E-mail ddzt tarikh @mail. Ru

КОМИЛОВА Г.Д.,
ШАРИПОВ А.А.

ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ МУОСИРИ ИТТИЛООТӢ ДАР РЕЙТИНГИ СИФАТИ ТАҲСИЛОТИ ДОНИШҶӮЁН

Дар мувофиқат бо тағйироти иҷтимоию фарҳангӣ дар ҷомеаи муосир ва ҳаракати босуръати зиндагии имрӯза дар фазои таҳсилотии мактаби олӣ гузариш аз парадигмаи «ба дониш асосёфта» ба парадигмаи «салоҳиятнокӣ», самтивазкунии баҳодиҳии натиҷаи таҳсилот аз мафҳумҳои «омодагӣ», «соҳибмаълумотӣ», «фарҳанги умумӣ» ба мафҳумҳои «салоҳият», «салоҳиятнокӣ»-и донишҷӯён амалӣ гардида истодааст (О.В. Акулова, И.А. Зимняя, В. В. Сериков, А.П. Тряпитсина, А.В. Хуторской, В.Д. Шадриков ва диг.).

Имрӯз дар низоми муосири таҳсилот бештар оид ба салоҳиятҳои шахсӣ, таҳсилотӣ, касбии донишҷӯй сухан меронем, ки характери амалии раванди таҳсилоти муосирро таъкид менамояд. Ёд гирифтани роҳу усули омӯхтанро, ба даст овардани иттилооти муфид ва дар амалия татбиқ карда тавонистани донишҳо зарур аст. Вобаста ба ин мавқеи субъектии донишҷӯ, шавқмандӣ ва фаъолнокии ӯ дар роҳи расидан ба маҳорати таҳсилотӣ, шахсиятӣ, касбӣ муҳим мегардад.

Дар қаринаи дидгоҳи салоҳиятнокӣ дар амалияи донишгоҳҳо истифодаи таълими модулӣ имконпазир аст, ки моҳияти онро дараҷаи баланди кори мустақилона зимни омӯзиши ҳар як модули фанни таълимӣ ва муайянкунии инфиродии суръат ва муҳлати азхудкунии фанни мазкур аз ҷониби донишҷӯён ташкил медиҳад.

Назорат ва баҳодиҳии донишҳои донишҷӯён дар раванди корбасти технологияи таълими модулӣ низоми нав, такмилёфта аст, ки пеш аз ҳама, барои таъмини раванди назорати муттасили сифати таълими донишҷӯён ва имконияти идоракунии ин раванд нигаронида шудааст. Ҷорикунии низоми воҳидҳои санҷиш, ки донишҷӯ дар раванди азхудкунии фанҳои касбӣ ба даст меорад, ба худи донишҷӯён имкон медиҳад, ки амалҳои худро оид ба татбиқи талаботи раванди таҳсилот назорат бурда, ислоҳ намоянд. Дар амалияи мактаби олӣ ин низоми назорат ва баҳодиҳии донишҳоро модулӣ-рейтингӣ меноманд. Моҳиятан, ин баҳои ҷамъбастии холҳои дахлдор аст, ки тавсифи сифатию миқдории натиҷаҳои азхудкунии фанни омӯхташавандаро инъикос менамояд.

Рейтинге, ки дар амалияи назорат ва баҳодиҳии донишҳо истифода мешавад, технологияи таҳсилот аст, ки ба назорати сифати донишҳои донишҷӯён равона гардида, корбурди воҳидҳои санҷиш (кредитҳо) дар он аз ҷониби баъзе мутахассисони соҳаи маориф ҳамчун ҷузъи технологияи кредитии таълим баррасӣ мешавад[4]. Истифодаи рейтинг дар

таълими модулӣ нишон медиҳад, ки чунин технология нисбат ба ҷадвали панҷолӣ ва даҳҳолии баҳодиҳии афзалият дорад, зеро:

1) имкон медиҳад, ки назорати муттасили сифати донишҳо амалӣ гардад;

2) воситаи робитаи акс мебошад, ки фавран дохил кардани тағйироти ислоҳкунандаро имкон медиҳад;

3) имконияти коркард ва амалӣ намудани амалиёти баҳодиҳии марҳалаҳои мобайнии фаъолияти таҳсилотии донишҷӯёнро фароҳам меорад;

4) ба муттаҳид кардани талабот оид ба азхудкунии фанҳо ва ҳадафҳое мусоидат мекунад, ки худи донишҷӯён дар рафти таълим тарҳрезӣ мекунанд;

5) барои худидоракунии донишҳо шароит фароҳам меорад, салоҳиятҳои худидоракунии донишҷӯёнро ташаккул медиҳад[2].

Таҷрибаи истифодаи рейтинг дар назорат ва баҳодиҳии донишҳои донишҷӯён нишон медиҳад, ки чунин навъҳои он бештар самараноканд:

- рейтинге, ки натиҷабахшии азхудкунии фанни алоҳида ё гурӯҳи фанҳоро инъикос менамояд;
- рейтинге, ки барои баҳодиҳӣ ва назорати мавзӯъҳои алоҳида ё қисмҳои фан истифода мешавад;
- рейтинге, ки барои баҳодиҳии бахшҳои назариявии фанни омӯхташаванда ба кор меравад;
- рейтинге, ки маҳорати амалии донишҷӯёнро дар ҳалли баъзе масъалаву супоришҳои амалӣ инъикос менамояд;
- рейтинге, ки муддати муайяни вақт дар рафти таълими донишҷӯён истифода мешавад: дар як моҳ, семестр, нимсола, сол.

Коркард ва истифодаи рейтинг ҳамчун технологияи назорат ва баҳодиҳии сифати таълими донишҷӯён аз омӯзгори мактаби олӣ чунин маҷмӯи амалҳоро тақозо мекунад:

- тарҳрезии маводи таълим дар шакли қисматҳои алоҳидаи иттилоотӣ, ки бо ҳам мантиқан алоқаманданд ва таъйин кардани онҳо ҳамчун модулҳое, ки бо мустақилияти нисбӣ аз ҳам фарқ мекунанд;
- коркарди низоми гузоштани холҳо барои он супоришҳое, ки ба ҳар як модул дохил карда шудаанд;
- муайян намудани ҳадди поёнтарини миқдори холҳо, ки донишҳои ҳадди ақал, аммо ҷоизро таъйин мекунад;
- коркарди қоидаву меъёрҳои умумие, ки дар рафти ба ҳар як донишҷӯ гузоштани холҳои мувофиқ истифода мешаванд;
- бунёди низоми баҳисобгирӣ ва назорати ҳаракати миқдори холҳое, ки ба донишҷӯён барои иҷрои супоришҳо гузошта мешаванд;
- ҷудо кардани фосилаҳои вақт барои гузоштани баҳои умумӣ ҳамчун ҷамъи баҳоҳои барои ҳар як модул.

Тарҳрезии фан аз рӯйи принсипҳои таълими модулӣ ва низоми воҳидҳои кредитӣ-санҷишӣ имкон медиҳад, ки дастовардҳои таълимии донишҷӯ зимни ҳаракат аз рӯйи масири (маршрут) инфиродӣ-таълимӣ нишон дода шавад. Рӯзномаи «Соҳаи донишҳои ман» дар ин маврид метавонад ҳамчун воситае баррасӣ шавад, ки ба объективӣ будани баҳои салоҳиятнокии таълимӣ, шахсӣ ва касбии донишҷӯ таъсири назаррас расонад. Таъйиноти рӯзнома дар он аст, ки омӯзгор ва донишҷӯ аз рӯйи натиҷаҳои модулҳои супоридашуда дараҷаи мувофиқати баҳоҳои тарафайнро оид ба донишу маҳорати педагогии ҳосилшуда муқоиса карда тавонанд. Иттилооти ин рӯзнома ба донишҷӯ ва омӯзгор имкон медиҳад, ки мавҷудияти муаммои ташаккули маҳорати педагогӣ дар раванди таҳсилоти касбӣ дақиқтар муайян карда, ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли онро амалӣ намоянд. Рӯзномаи «Соҳаи донишҳои ман»-ро ба сохтори Портфолиои донишҷӯ ҳамроҳ кардан мумкин аст, ки аз ҳуҷҷатҳои зерин иборат буда метавонад:

- мақолаҳои донишҷӯ, тезисҳо бо маълумот;
- матнҳои маърӯзаҳо бо нишон додани мавзӯи конференсияҳо ва муҳлати гузаронидани онҳо;
- ҳисобот оид ба конференсияҳое, ки донишҷӯ ҳузур дошт;
- ҳисобот дар бораи коромӯзӣ, сафарҳои эҷодӣ;
- ҳуҷҷатҳо бо сертификатсия (ифтихорнома, диплом ва ғ.);

• ҳама гуна навъҳои дигари ҳисобот, ки барои хулоса оид ба фаъолияти илмӣ-таҳқиқотии донишҷӯ имкон медиҳанд.

Портфолио дар назорат ва баҳодиҳии натиҷаҳои таълими донишҷӯён нақши махсус дорад. Моҳиятан ин яке аз воситаҳои самаранокест, ки сабти баҳоҳои сифатию миқдории донишҷӯёнро дар муҳлати муайяни вақт имкон медиҳад. Ин ба истилоҳ воситаи «баҳодиҳии аутентии» дастовардҳои инфиродии таълимгиранда аст. Аутентӣ маънои объективӣ, воқеӣ ва баҳодиҳии мувофиқ наздикро дорад[6]. Истифодаи портфолио ҳамчун методи баҳодиҳии донишҳо имкон медиҳад, кина танҳо ҳар як донишҷӯ чунин баҳои аутентиро ноил гардад, балки дар ӯ маҳорати худбаҳодиҳии рафти таълим ва натиҷаҳои он ташаккул ёбад. Ин аз он ҳисоб амалӣ мегардад, ки дар портфолиои ҳар як донишҷӯ маводе ҷойгиранд, ки аз рӯйи онҳо оид ба тамоми чизҳое хулоса баровардан мумкин аст, ки ӯ ноил гардид ва метавонист ноил шавад. Яъне дар ин ҷо тамоми маълумоте ҷамъ мешавад, ки дастовардҳои донишҷӯро дар шакли ҳуҷҷат тасдиқ мекунанд.

Объективӣ будани баҳои натиҷаҳои таҳсилот аз ҳисоби пурра кардани воситаҳои анъанавии назорату баҳодиҳӣ бо чунин воситае, мисли портфолио ба даст оварда мешавад, ки ба ҳисоб гирифтани натиҷаҳои дар навъҳои гуногуни фаъолият: таълимӣ, эҷодӣ, иҷтимоӣ, иртиботӣ ба даст омадаро имкон медиҳад. Дар баробари ин, чунин пайвастшавии ҷанбаи анъанавӣ ва инноватсионӣ дар раванди фаъолияти баҳодиҳӣ инъикоси парадигмаи муосири таҳсилот мебошад, ки дар асоси дидгоҳи ба шахсият нигаронида тарҳрезӣ шудааст.

Дар мувофиқат ба нуктаҳои боло зикршуда метавон гуфт, ки истифодаи портфолио ҳамчун воситаи тақвиятдиҳандаи объективӣ будани баҳои натиҷаҳои азхудкунии донишҳои касбӣ аз ҷониби таълимгирандагон имкон медиҳад, ки пешрафти таълимии ҳар як донишҷӯ дар раванди таҳсилоти касбӣ ошкор гардад.

Воқеан, таҳлили портфолиои ҳар як донишҷӯ барои дидани манзараи андӯхтани таҷрибаи таҳсилот аз ҷониби ӯ, қайд намудани қобилияти ӯ дар татбиқи донишҳо, муайян кардани навъҳои афзалиятноки фаъолият имкон медиҳад. Қайд бояд кард, ки ҳуҷҷатҳои портфолио ҳаракати сифати таълими касбӣ дар давраи муайян, ҳамчунин тавсифҳои миқдории ин баҳоҳоро инъикос мекунанд, ки дар атрофи навъҳои фаъолияти барои шахсияти донишҷӯён муҳимтарин ҷамъоварӣ шудаанд.

Вобаста ба ин, истифодаи портфолио барои ҳалли масъалаҳои муҳими педагогӣ дар раванди таҳсилоти донишҷӯён мусоидат менамояд:

• ташаккул ва тақвият додани ангезиши баланди донишҷӯён ба таълим;

• инкишоф додани фаъолнокӣ ва мавқеи субъектии онҳо дар раванди азхудкунии фанҳои таълимӣ;

• ташаккул додани мустақилият дар раванди идоракунии донишҳои худ;

• мусоидат ба инкишофи рефлексия ва маҳорати худтаҳлилкунӣ:

• фароҳам овардани шароит барои азхудкунии маҳорати ба нақша гирифтан ва танзим намудани фаъолияти худ аз ҷониби донишҷӯён;

Ҳар як унсури портфолиоро санагузорӣ кардан беҳтар аст, то ки ҳаракати пешрафти донишҷӯ пайгирӣ карда шавад. Ҳангоми таҳияи варианти ниҳоӣ мавҷудияти се унсур зарур аст: ҳадафи ҷамъоварии портфолио, таъйинот ва тавсифи мухтасари он; мундариҷаи портфолио бо номбар кардани унсурҳои асосии он; дурнамои истифодаи он дар оянда.

Таҳлили раванди таҳсилотро дар асоси таълими модулӣ анҷом дода, қайд метавон кард, ки тарҳрезии методҳои гуногуни баҳодиҳии натиҷаҳои таҳсилот, дастовардҳо дар ин раванд ба дарёфти муваффақияти донишҷӯён дар раванди таълим, ҳамчунин, муаммо ва мушкилоте равона гардидааст, ки ҳам худи донишҷӯён, ҳам бо ёрии омӯзгор ислоҳ карда метавонанд. Чунин самтгирии таълим дар асоси модул имкон медиҳад, ки донишҷӯён ба фаъолияти фаъолонаи таълимӣ оид ба фарогирии донишҳои зарурӣ, такмили маҳорати таҳсилотии азхудшаванда ворид карда шаванд.

Мушаххас намудани ҳадафи асосӣ бо омӯзонидани назорати мутақобил ва худназорат, ташаккули эҳтиёҷ ба худназорат ва назорати мутақобил ба донишҷӯён алоқаманд аст.

Тариқи баҳодиҳии дастовардҳои таълимӣ педагог ба ҳосилшавии механизми инкишофи фаъолнокии маърифатии донишҷӯён мусоидат мекунад. Дар ин маврид баҳодиҳӣ вазифаҳои зеринро иҷро менамояд:

- *инкишофдиҳанда* (маҳорати донишҷӯёнро ба худназорат, таҳлил ва баҳодиҳии натиҷаҳои фаъолияти худ);

- *самтбахшанда* (ба кори зеҳнӣ, дарку фаҳмини сатҳи азхудкунии донишҳо таъсир мерасонад);

- *ангезишӣ* (ба соҳаи эмотсионалӣ-иродавии донишҷӯён тариқи мутаассиршавии онҳо аз комёбӣ ё нокомӣ таъсир мерасонад);

- *тарбиявӣ* (ба кори муназзам, интизом, масъулиятшиносӣ одат мекунонад, сифатҳои мусбати ахлоқии шахсият ва ангезаҳои омӯзишро ташаккул медиҳад);

- *ислоҳкунанда* (барои фаҳмидани хатоҳои худ, рефлексия ва ислоҳи онҳо имкон медиҳад);

- иттилоотӣ (банақшагирӣ ва пешгӯии натиҷаҳои таълимро дар назар дорад, таҳлили салоҳиятҳои таълимӣ ва шахсӣ-касбиро имкон медиҳад).

Баррасии воситаҳои инноватсионии дастовардҳои таҳсилотии донишҷӯён ба баланд шудани сифати таҳсилоти олии касбӣ, ташаккули салоҳиятҳои калидии мутахассисони оянда мусоидат мекунад. Портфолио, низоми рейтингӣ, «Рӯзномаи дастовардҳо», низоми холгузорӣ-рейтингии баҳодиҳӣ ба ташаккули мавқеи фаъолона, эҷодии донишҷӯ, шавқмандии ӯ барои расидан ба натиҷаҳои баландтарини таълимӣ ва шахсӣ мусоидат менамояд.

Воситаҳои инноватсионии баҳодиҳии дастовардҳои донишҷӯён ташкили раванди таълимро бо истифодаи технологияҳои муосири иттилоотии таълим, технологияҳои таълими лоиҳавӣ, модулӣ, кейсӣ, проблемавӣ, интерактивӣ дар мактаби олӣ пешбинӣ менамояд. Дар ин ҳолат мо оид ба таълими мутахассисони рақобатпазире сухан ронда метавонем, ки соҳиби салоҳиятҳои калидӣ буда, ба талаботи ҷомеаи муосир мувофиқанд.

АДАБИЁТ:

1. Акулова О.В., Писарева С.А. и др. Современная школа: опыт модернизации. – СПб.: Изд-во РГПУ им. А.И. Герцена, 2020. – 290 с.
2. Бенькович Т.М. Модель образовательного рейтинга в портфолио учебных достижений // Профильная школа. - 2015. - № 2. -С.42-46.
3. Болотов В. А. Система оценки качества российского образования // Педагогика. - 2016. - № 1. - С. 22-31.
4. Педагогические технологии /Под общ. ред. В.С. Кукушкина. – Ростов н/Д: Изд. центр «МарТ»; Феникс, 2010. – 333 с. -С. 48-50.
5. Сериков В. В. Развитие личности в образовательном процессе. М.: Логос, 2021. -448 с.
6. Хуторской А.В. Проблемы и технологии образовательного целеполагания //Интернет-журнал «Эйдос». –URL: http://www.eidos.ru/journal/ 2006 / 0822-1.htm.
7. Шамова Т.И. Активизация учения школьников.- М.: Педагогика, * 1982.- 208 с.
8. Шарифзода Ф. Актуальные проблемы современной педагогики. Книга 1. [Текст]. [Текст].– Душанбе, «Ирфон», 2009. - 459 с.
9. Шарифзода Ф., Каримова И.Х. Педагогика. (Курс лекций). [Текст].– Душанбе: «Ирфон», 2008. – 284 с.
10. Щукина Г.И. Проблема познавательного интереса в педагогике.- М.: Педагогика, 1971.-351 с.

ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ МУОСИРИ ИТТИЛООТӢ ДАР РЕЙТИНГИ СИФАТИ ТАҲСИЛОТИ ДОНИШҶӮЁН

Дар мақола масъалаҳои истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ дар рейтинги сифати таҳсилоти донишҷӯён баррасӣ гардидааст. Қайд шудааст, ки дар қаринаи дидгоҳи салоҳиятнокӣ дар амалияи донишгоҳҳо истифодаи таълими модулӣ имконпазир аст, ки моҳияти онро дараҷаи баланди кори мустақилона зимни омӯзиши ҳар як модули фанни таълимӣ ва муайянкунии инфиродии суръат ва муҳлати азхудкунии фанни мазкур аз ҷониби донишҷӯён ташкил медиҳад. Дар асоси таҳқиқоти гузаронидашуда хулоса шудааст, ки назорат ва баҳодиҳии донишҳои донишҷӯён дар раванди корбасти технологияи таълими модулӣ низоми нав, такмилёфта аст, ки пеш аз ҳама, барои таъмини раванди назорати муттасили сифати таълими донишҷӯён ва имконияти идоракунии ин раванд нигаронида шудааст. Ҷорикунии низоми воҳидҳои санҷиш, ки донишҷӯ дар раванди азхудкунии фанҳои касбӣ ба даст меорад, ба худи донишҷӯён имкон медиҳад, ки амалҳои худро оид ба татбиқи талаботи раванди таҳсилот назорат бурда, ислоҳ намоянд.

Калидвожаҳо: *технологияҳои муосири иттилоотӣ, рейтинги сифати таҳсилот, амалияи назорат, воситаҳои инноватсионӣ,*

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ СОВРЕМЕННЫХ ИНФОРМАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ В РЕЙТИНГЕ КАЧЕСТВА ОБРАЗОВАНИЯ СТУДЕНТОВ

В статье рассматриваются вопросы использования современных информационных технологий в рейтинге качества образования студентов. Отмечается, что в контексте компетентностного подхода в практике вузов возможно применение модульного обучения, сущность которого состоит в высокой степени самостоятельной работы при освоении каждого модуля образовательной дисциплины и индивидуальной организации каждым студентом темпа и сроков освоения данной учебной дисциплины. На основе проведенного исследования сделан вывод о том, что контроль и оценка знаний студентов в процессе использования технологии модульного обучения отличается новой, усовершенствованной системой, состоящей в первую очередь в том, чтобы обеспечить непрерывный процесс контроля качества обучения студентов и иметь возможность управлять этим процессом. Введение системы зачетных единиц, которые набирает студент в процессе усвоения профессиональных дисциплин позволяет и самим студентам контролировать и корректировать свои действия по реализации требований образовательного процесса.

Ключевые слова: *современные информационные технологии, рейтинг качества образования, практический контроль, инновационные средства, модульное обучение, студент, преподаватель, процесс обучения*

THE USE OF MODERN INFORMATION TECHNOLOGIES IN THE RANKING OF THE QUALITY OF EDUCATION OF STUDENTS

The article deals with the use of modern information technologies in the ranking of the quality of education of students. It is noted that in the context of the competency-based approach in the practice of universities, it is possible to use modular training, the essence of which is a high degree of independent work in the development of each module of the educational discipline and individual organization by each student of the pace and timing of mastering this academic discipline. On the basis of the study, it was concluded that the control and assessment of students' knowledge in the process of using modular learning technology is distinguished by a new, improved system, which primarily consists in ensuring a continuous process of monitoring the quality of student learning and being able to manage this process. The introduction of a system of credits that a student gains in the process of mastering professional disciplines allows the students themselves to control and adjust their actions to implement the requirements of the educational process.

Keywords: *modern information technologies, education quality rating, practical control, innovative tools, modular education, student, teacher, learning process*

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Комилова Гулбаҳор*** **Дорулхоятовна** - *номзади илмҳои педагогӣ, декани факултети математика ва педагогикаи Коллеҷи омӯзгории МДТ «ДДХ ба номи акад. Б.Ғафуров». (735700.Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, гуз.Мавлонбеков 1). Тел. 927567833. E- mail:*

Шарипов Абдураҳмон Абдуазизович *– унвонҷӯи кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ «ДДХ ба номи акад. Б.Ғафуров». (735700.Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, гуз.Мавлонбеков 1). Тел. 928817707. E-mail: Sharif_Abdu@ mail.ru*

Сведения об авторах: ***Комилова Гулбахор Дорулхоятовна*** - *кандидат педагогических наук, декан факультета математики и педагогики Педагогического колледжа ГОУ «Худжандский государственный университет имени академика Б.Гафурова».(735700.Республика Таджикистан, г.Худжанд, пр.Мавлонбекова 1). Тел. 928817707. 7.E-mail:Sharif_Abdu@ mail.ru*

Шарипов Абдурахмон Абдуазизович *– соискатель кафедры социальной и профессиональной педагогики ГОУ «Худжандский государственный университет имени академика Б.Гафурова».(735700.Республика Таджикистан,г.Худжанд, пр.Мавлонбекова 1. Тел. 928817707). E-mail:Sharif_Abdu@ mail.ru*

Information about authors: ***Komilova Gulbahor Dorulkhoyatovna*** - *Candidate of Pedagogical Sciences, Dean of the Faculty of Mathematics and Pedagogy of the Pedagogical College of the State Educational Institution "Khujand State University named after Academician B. Gafurov" (735700. Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov Ave. 1). Tel. 928817707. 7. E-mail: Sharif_Abdu@mail.ru*

Sharipov Abdurakhmon Abduazizovich - *applicant for the Department of Social and Professional Pedagogy, State Educational Institution "Khujand State University named after Academician B. Gafurov". (735700. Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov Ave. 1). Tel. 928817707. E-mail: Sharif_Abdu@ mail.ru*

НАҶМИДДИНИЁН А.М.
МУРОДОВ З.О.

САМАРАНОКИИ ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ ДАР РАВАНДИ ТАҲСИЛОТ

Яке аз омилҳои асосие, ки шурӯъ аз охирҳои асри XX ба рушди ҷомеа таъсири бевоситаи худро расонида истодааст, технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ мебошад. Таъсири инқилобии онҳо ба сохтори давлатӣ, илм, маориф, фарҳанг, соҳаи иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва шароити зисти мардум зуҳур меёбад. Ҳамаи давлатҳои мутараққӣ ва тараққиёфтаистодаи ҷаҳон афзалияти истифода ва рушди технологияи иттилоотӣ-иртиботиро пурра эҳсос намудаанд. Бешубҳа, ба ҷомеаи иттилоотӣ ҳаракат намудан ин роҳ барои рушду тамаддуни ояндаи инсонӣ мебошад. Ҷомеаи иттилоотӣ ин ҷомеаест, ки омили асосии тараққиёти вай автоматикунонии системаҳои иттилоотӣ мебошад. Ин мафҳумро пештар компютерикунонии (иттилоотонии) ҷомеа меномиданд. Иттилоотонӣ дар заминаи татбиқи технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ амалӣ карда мешавад. Барои амалӣ намудани ин масъала зарур аст, ки мақомоти ҳокимияти давлатӣ ба масъалаи иттилоотикунонӣ, ки асоси гузариши давлат ба ҷомеаи иттилоотӣ ва шароит барои иштироки комилҳуқуқ дар ташкили ҷомеаи глобалии иттилоотӣ мебошад, аҳамияти ҷиддӣ диҳанд. Дар ин маврид Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Консепсияи сиёсати давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 30 апрели соли 2008, таҳти №451 баромад, ки барои амалишавии ин масъала кумаки худро расонида истодааст [6].

Дар раванди таълим, яке аз самтҳои асосии баланд бардоштани сифати таълим истифодаи технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ мебошад. Баромадан ба шабакаҳои компютерии байналхалқӣ барои гирифтани дониш имконияти баробарро таъмин менамояд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ дар маросими ифтитоҳи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 4 дар ноҳияи Ванҷ санаи 11 сентябри соли 2018 қайд намуданд, ки «Дар шароити имрӯза, ки замони пешрафти бесобиқаи илму техника ва технология, аз ҷумла технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ мебошад, вазифаи асосии шумо - фарзандони азиз, танҳо омӯхтани илму дониш, бахусус, илмҳои дақиқ, азхуд кардани касбу ҳунарҳои муосир ва дар баробари аъло аз худ кардани забони модарӣ донистани на кам аз ду забони хориҷӣ мебошад.

Зеро танҳо бо омӯзиши амиқи илму донишҳои муосир ва забонҳои хориҷӣ шахс метавонад дар ҳама ҷой ба пешрафту комёбӣ мушарраф гардад.

Дар ин маврид мехоҳам як масъалаи муҳимро хотирнишон намоям, ки хусусан, дар замони имрӯзаи пуртазоду пурихтилоф ва муборизаи шадиди иттилоотиву ғоявӣ наврасону ҷавонони моро зарур аст, ки соҳиби донишҳои мукаммал бошанд, то дар оянда ҳам соҳиби мақому манзалат шаванд ва ҳам тавонанд манфиатҳои давлату миллатро ҳимоя намоянд.

Дар ин раванд, албатта, саҳми устодону омӯзгорон ва умуман, аҳли маориф ниҳоят муҳим аст. Дар баробари омӯзгорон дар таълиму тарбияи фарзандон саҳми падару модарон низ хеле бузург мебошад» [10].

Асри XXI, асри рушди босуръати технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ ва иттилоотонӣ буда, истифодаи он дар муассисаҳои таълимӣ омили асосии рушди соҳаи маорифи ҷумҳурӣ мегардад. Бояд қайд намуд, ки яке аз сабабҳои объективие, ки имрӯз дар раванди ташкили ҷомеаи иттилоотӣ ба мушоҳида мерасад, нобаробарии инфрасохтори телекоммуникатсионӣ ҳисоб меёбад, ки воситаи асосии иттилоотонии ҷомеа мебошад. Нокифоя будани техникаи компютерӣ ва телекоммуникатсионии мувофиқ омӯзгорон ва хонандагонро аз имконияти истифодаи захираҳои бойи иттилоотӣ, ки дар ҷумҳурӣ ва берун аз он бениҳоят зиёданд, маҳрум месозад.

Дар соҳаи маориф татбиқ ва истифодаи технологияи иттилоотӣ- иртиботӣ аҳамияти муҳим дорад, зеро вай сарчашмаи асосии омода намудани мутахассисони замонавии ба талаботи иқтисодии бозорӣ ҷавобдиҳанда дар ҳамаи соҳаҳои ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ дар таҷлили Рӯзи дониш, машғулияти сулҳ ва оғози соли нави таҳсил дар Донишгоҳи давлатии Данғара санаи 01 сентябри соли 2016

иброз доштанд, ки «таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки то ҳол малакаи аз ин воситаҳои иттилоотиву иртботӣ истифода карда тавонистани омӯзгорон, бахусус муаллимони равияҳои гуманитарӣ дар сатҳи зарурӣ қарор надорад.

Омӯзгори имрӯза бояд барои аз худ кардани воситаҳои техникии навтарини таълим, ба монанди технологияҳои шабакавӣ, китобхонаи электронӣ ва монанди инҳо кӯшиш намояд ва дар ҷараёни таълим аз ин воситаҳо самаранок истифода барад. Бо ин усул таълим додан самараноктар буда, азбарнамоии фан низ натиҷаи беҳтар мебахшад» [11].

Технологияи иттилоотӣ-иртиботии муосир роҳи хонандагонро ба сарчашмаҳои ғайриодии иттилоот мекушояд, ки вай самаранокии кори мустақилонаро таъмин намуда, барои кори эҷодӣ, омӯзиш ва мустаҳкамкунии маводи гуногуни таълимӣ ва навгонӣ имконияти навро фароҳам меорад. Аз тарафи дигар омӯзгорон, имконияти иловагиро оид ба дастгирии самтҳои тараққиёти шахсияти шогирдон, ҷустуҷӯйи эҷодӣ ва ташкили кори якҷоя бо шогирдон соҳиб мегарданд.

Бинобар ин дар замони ҳозира шароити зарурӣ ва обективӣ барои ташкили фазои иттилоотии ягона дар пойгоҳи Интернет – технология дар ҷумҳурӣ ба вуҷуд омадааст. Амалишавии ин масъала звенои асосӣ барои рушд ёфтани раванди таълим дар ҳамаи муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб мераванд.

Азнавсозии соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон технологияи иттилоотӣ-иртиботии муосир ва педагогиро, андоза ва сатҳи истифодаи яъне технологияи иттилоотии таълимро дар асоси воситаи компютерӣ дар раванди таълим муайян мекунад. Дар солҳои охир дар муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт пешравиҳои зиёд дида мешавад. Ташкили кор оид ба иттилоотонии соҳаи маорифи ҷумҳурӣ сол аз сол дар сатҳи баланд ҷараён дорад.

Рушди технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ, пайдоиши воситаҳои мултимедиявӣ ва воситаҳои инструменталӣ имконият медиҳанд, ки барномаҳои омӯзишии компютерӣ бо назардошти хусусиятҳои фардии хонандагон сохта шаванд ва онҳо барои дар сатҳи баланд омӯхтани маводи таълимӣ кумак намуда, ҳавасмандии онҳоро ба омӯзиш пайдо менамоянд.

Унсурҳои асосии дастгирии компютерӣ дар раванди таълим дар муассисаҳои таълимиро чунин муайян менамоем:

– иҷрои амалҳои гуногун аз рӯйи супориши хонандагон;

– визуаликунии объектҳо, мафҳумҳо, ҳодисаҳо ва равандҳо;

– пешниҳод намудани мисолҳо барои фикронии индуктивӣ;

– пешниҳоди иттилооти маълумотӣ, аз он ҷумла аз захираҳои Интернет;

– тартиб додани супоришҳо барои назорат, худтафтишкунӣ ва санҷиши натиҷаҳои таълим;

– коркарди ҳуҷҷатҳо, ки дорои маводи матнӣ, овозӣ, видеоӣ, графикӣ ва ғайраҳо мебошанд, ки онҳо нуфузу сифати машғулияти фанни физикаро баланд мебардоранд.

Мавҷудияти ин унсурҳо сифати таъминоти барномавиро дар истифодаи технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ дар раванди таълим, инчунин мазмун ва намуди маводи таълимиро дар дастаи барномаҳои компютерии таъйиноти таълимӣ муайян менамояд. Ҳаминро қайд намудан зарур аст, ки нақши компютер дар раванди таълим, барои баланд бардоштани сифати таълим, яке аз омилҳои муҳим ба ҳисоб меравад.

Солҳои 80-уми асри XX-ро давраи аввали ҷомеаи иттилоотонӣ (компютерикунонӣ) меноманд. Хусусиятҳои онро И.В. Роберт чунин ифода намудааст: «техникаи ҳисоббарор дар замони имрӯза ба сохтори фаъолияти инсонӣ ворид шуда, моҳият ва характери меҳнат ва таълимро табдилдиҳӣ намуд, дар рушди тафаккури инсонӣ ва шахсияти он масъалаи нав гузошт, ба ҷаҳонбинии инсон ва консепсияи идеологӣ таъсири худро расонид, роҳҳо ва намудҳои нави ташкили таҳқиқоти илмиро ба вуҷуд овард» [9, с. 69].

Қайд намудан ба маврид аст, ки компютер ҳамчун воситаи пуриқтидор, ҳангоми бо мақсад истифода намудан фоида ва дар ҳолати баръакс зарар меорад. Оид ба ин масъала М. Лапчик қайд менамояд, ки ба муаммои комплексии одии психологии «инсон-техника», «маориф-тарбия» ва «инсон-ҷомеа», ки онҳоро А.Н. Леонтев пешниҳод намуда буд, муаммои комплексии «инсон-муҳити иттилоотӣ» - ро ҳамроҳ намудан мумкин аст [7, с. 69].

Б.С. Гершунский қайд намудааст, ки ҳангоми сохтан ва истифода намудани барномаҳои таълимӣ, машқӣ ва тестиронӣ маҳорати педагогӣ ва психологии созандагон нишон дода шуда, барои онҳо оқибатҳои муҳимро доро мебошад. Бо ин мақсад психологҳо таъкид менамоянд, ки ҳангоми мавҷуд набудани муносибати илмӣ ба таълими компютерӣ «вай метавонад дар раванди таълим натиҷаи ғайричашмдошт диҳад ва ба психикаи хонанда зарар расонад» [4, 124].

Бо ин мақсад бо маврид аст, ки ақидаи О.Ермолаевро пешниҳод намоем: «хонанда-қабулкунанда системаи дониши илмӣ ва усулҳои истифодаи онро барои ҳисобкуниҳо ва корҳои графикӣ аз худ менамояд, вале вай онро фикрронӣ намекунад. Ин лаҳза камбудии усули таълимро нишон медиҳад, ки вай бо мақсади рушди фикрронии хонанда дар раванди таълим равона карда нашудааст. Омӯзгорон ба пешниҳоди иттилооти машғулиятӣ, супоридани супоришҳо, назорат ва иҷрои он машғул мебошанд» [5, 32].

Ба ақидаи мо хонандагон ҳангоми истифодаи технологияи иттилоотӣ- иртиботӣ дар раванди таълим соҳиби дониши хуби илмӣ гардида, ҳангоми истифодаи барномаҳои амалии гуногун фикрониашон ташаккул меёбад. Ин қазия аз масъалагузории омӯзгорон, гузоштани салоҳияти фаннӣ ва мувофиқоварии ин салоҳиятҳо ба натиҷаҳои он ва истифодаи усулҳои гуногуни нави таълимӣ, ки ӯ дар раванди машғулиятҳо истифода мебарад, ба баланд бардоштани сифати таълим вобаста мебошад.

Алоқаи технологияи иттилоотӣ-иртиботиро ҳамчун мақсади гузошташудаи мувофиқ ба салоҳиятнокӣ, мундариҷаи таълим, усулҳои фаъоли таълим ва воситаи таълим бо машғулияти назариявӣ дида мебароем. Ва ҳангоми истифодаи имконияти дидактикии воситаи таълим дар мадди аввал компютер меистад. Муҳим он аст, ки таъсири бевоситаи технологии таълимӣ ба усули умумӣ ва хусусӣ ба воситаи назария амалӣ мегардад. Дар ин ҳолат объекти таъсири педагогӣ на фақат хонандагон, инчунин компютер буда, вай талаб менамояд, ки мақсад, мундариҷа, усул ва воситаи таълими мувофиқ ва инчунин муҳити нави иттилоотии таълимӣ ташкил карда шавад.

Азнавсозии соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон технологияи иттилоотӣ-иртиботии муосир ва педагогиро, андоза ва сатҳи истифода, яъне технологияи иттилоотии таълимӣ дар асоси воситаи компютерӣ дар раванди таълим муайян мекунад. Дар солҳои охир дар муассисаҳои таълимии, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт пешравиҳои зиёд дида мешаванд. Ташкили кор оид ба иттилоотонии соҳаи маорифи ҷумҳурӣ сол аз сол дар сатҳи баланд ҷараён дорад.

Иттилоотонӣ дар муассисаҳои таълимӣ ин низоми усулҳо, роҳҳои ҷамъоварӣ, коркард, нигоҳдорӣ, паҳнкунӣ ва истифодаи иттилоот тавассути воситаҳои электронӣ, техникӣ ва воситаҳои барномавӣ аст, ки бо мақсади баланд бардоштани самаранокӣ дар раванди таълим ҷамъ оварда шудаанд.

Самараи иттилоотонӣ дар раванди таълим ин таҷдиди фаъолияти донишҳои тафаккури хонандагон, фаъолияти омӯзгорон буда, раванди таълимро тавассути истифодаи технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ ба роҳ мондан мебошад.

Таҳияи барномаҳои дахлдори компютерӣ ва усулҳои педагогӣ истифоданамоии онҳо на танҳо пешниҳоди методологияи мавҷуда ба забони барномасозиро талаб мекунад, балки таҳияи технологияи таълимро дар асоси консепсияи компютеркунонӣ ва информатизатсия дар тамоми системаи таҳсилот, аз ҷумла таълимоти ибтидоиро тақозо менамояд.

Зери мафҳуми истифодаи “технологияҳои нави иттилоотӣ” дар мактаб набояд ҳамчун таълими “асосҳои технологияи иттилоотӣ”, ки барои мактаби мутобиқ карда шудааст, балки як таҳаввули ҳамаҷонибаи “муҳити эҷодии” хонандагон, василаҳои нав барои рушди он, фаъолияти фаъолонаи эҷодӣ маънидод карда шавад.

Усулҳои истифодаи технологияҳои иттилоотӣ, ки ба рушди эҷодкорӣ мусоидат мекунанд зиёд мебошанд, аз ҷумла: аз моделсозии компютерӣ то азхудкунии истилоҳҳои нав. Таҷриба татбиқшавандагии онро дар методикаи таълими ибтидоӣ нишон дод. Педагогикаи муосир имкониятҳои таъсиррасонии истифодаи технологияҳои компютерӣ ва иттилоотӣ дар таълим ба тафаккур, хотира, таваҷҷӯҳ, тасаввурот, худбаҳодиҳии хонандагон, қобилияти банақшагирии амалҳои худ, ҷузъи ҳавасмандкунандаи фаъолияти таълимӣ истифода мебарад [2, 87].

Компютер дар таълими хонандагон унсури ғанисозанда ва тағирёбандаи муҳити рушдёбандаи фаннӣ мебошад. Чунин фаҳмиши истифодаи компютер характери рушди

гуманитариро мегирад. Рушди қобилиятҳои эҷодӣ – ҳадафи асосӣ нест. Унсурҳои фанни технологияи иттилоотӣ дар таълими хонандагон, таълими гирифтани маълумот, ки дар экрани компютер оварда шудааст, донистани қобилиятҳои техникии компютер берун аз рушди тафаккури мантиқӣ ва алгоритмӣ (санъати дуруст фикр кардан ва банақшагирии амалҳои худ, қобилияти пешбинӣ намудани шароити гуногун ва мувофиқи онҳо амал намудан) ба назар гирифта намешавад ва баррасӣ намегарданд.

Муҳити компютерӣ татбиқи усулҳои солимии равонӣ ва педагогиро бо истифодаи ташаккули марҳилавии амалҳои ақлонӣ хеле осон мекунад, ки он метавонад на танҳо ба баланд шудани самаранокии таълим оварда расонад, балки ба суръат бахшидан ба ташаккули қобилияти мустақилона гузоштани мушкилот ва ёфтани роҳи ҳалли он мусоидат менамояд, ба ибораи дигар, ба ташаккули фаъолияти таълимӣ мусоидат мекунад.

Л.Л. Босова [3;12] тамоюлҳои асосиро дар соҳаи технологияҳои иттилоотии мактаби муосир таҳлил намуда, зарурати таҳияи курси интегративӣ, инчунин китоби масъалаҳои технологияи иттилоотӣ ва китоби амалӣ оид ба технологияи иттилоотиро барои хонандагон асоснок мекунад. Дар мактаби муосир якчанд марҳилаҳои азхудкунии асосҳои илми технологияи иттилоотӣ ва ташаккули фарҳанги иттилоотӣ мавҷуданд. Марҳилаи аввал, ки хонандагонро дар синфҳои 1-6 фаро мегирад, ҳамчун пропедевтикӣ - муқаддима, шиносоӣ, пеш аз омӯзиши амиқи ин мавзӯъ дар синфҳои 7–9 ва 10-11 фаро мегирад.

Муҳаққиқ Ю.Д. Бабаева [1, 210] қайд мекунад, ки дар солҳои охир таваҷҷӯҳ ба омӯзиши масоили лаёқатмандӣ ба таври назаррас ҷоннок гардидааст. Ҳамзамон, масоили ошкор намудани лаёқатмандӣ дар соҳаи технологияҳои нави иттилоотӣ (IT), инчунин омӯзиши нақши компютерҳо дар таълим ва рушди кӯдакони лаёқатманд, новобаста аз аҳамият, кам омӯхта шудааст.

Дар ин самт, ҷудо намудани се самти ба ҳам алоқаманд мувофиқи мақсад мебошад:

а) коркарди усулҳои таъсирбахши истифодаи компютер дар раванди таълим ва рушди кӯдакони лаёқатманд;

б) коркарди усулҳои илман асоснокёфта барои ташхис ва таълими кӯдакон ва наврасон, ки дар онҳо лаёқатмандӣ дар соҳаи технологияи иттилоотӣ ҳувайдо мегардад;

в) ошкор сохтани оқибатҳои мусбӣ ва манфӣ, ки иттилоотикунонӣ ба рушди равонии кӯдакони лаёқатманд таъсир мерасонад.

Ба омӯзиши хусусиятҳои хоси муносибати кӯдакон ва наврасон бо компютерҳо таҳқиқотҳои зиёде бахшида шудаанд (М. Коул, С. Пейперт, А. В. Беляев, С. Л. Новоселова ва дигарон). Қобили тазаккур аст, ки дар ин рисолаҳо, чун қоида, хусусиятҳои таълим ва рушди хонандагон ба инобат гирифта намешаванд. Дар баробари ин, нодида гирифтани ин хусусиятҳо метавонад самаранокии барномаҳои компютериии мавҷударо ба таври назаррас коҳиш диҳад. Тадқиқотҳои сершумор нишон доданд, ки раванди таълими кӯдакони лаёқатманд бо хусусияти хоси ошкоро тавсиф карда мешавад. Ин кӯдакон назар ба ҳамсинфони худ ба кӯмаки калонсолон камтар эҳтиёҷ доранд.

Онҳо дар раванди шинохтан мустақилияти баланд нишон дода, “стратегияҳои худтанзимкунӣ” -и омӯзишро васеъ истифода намуда, онҳо ба вазифаҳои нав хеле осон интиқол медиҳанд. Як қатор мутахассисон дар соҳаи лаёқатмандӣ қайд мекунанд, ки ченаки «Худомузишии мустақил» метавонад ба сифати як нишондиҳандае, ки мавҷудияти қобилиятҳои барҷастаро нишон медиҳад (Ҷ. Фриман, Р. Ризенберг, Б. Зиммерман, Б. Шой, Л. Каневский ва дигар) баромад намояд.

Метавон чунин пешбинӣ намуд, ки таҳияи барномаҳои махсуси таълимии компютерӣ, ки имкониятҳои татбиқи усулҳо ва шаклҳои нави омӯзиши мустақилонаро васеъ менамояд, инчунин компютеркунонии назорати дониш ба татбиқи принсипи фардикунонии таҳсилот, ки барои хонандагон зарур мебошад, мусоидат мекунад. Дар барномаҳои анъанавии таълимӣ ба даст овардани дониш, малака ва қобилият, рушди равандҳои маърифатӣ, чун қоида, ба масъалаҳои дуюм дараҷаи мушкилоти рушди эҷодкорӣ ва қобилияти коммуникатсиониро марбут медонанд. Тадқиқотҳои В. Могилева [18] нишон дод, ки чунин равиш ҳангоми таълими хонандагонд қобили қабул нест, зеро он метавонад дизинхронияро дар рушди равонии онҳо тақвият диҳад. Ҳамин тавр, зарурати ташкили куллан нави омӯзиши компютерӣ ва барномаҳои рушд барои хонандагон ба миён меояд, ки аз тамоюлҳои охирини рушди технологияи иттилоотӣ (аз ҷумла усулҳои таҳсили фосилавӣ) васеъ истифода мебаранд.

Ҳамин тавр, истифода ва татбиқи технологияи иттилоотӣ дар муассисаҳои таълимӣ дар баробари мусаллаҳ гардонидани хонандагон бо малакаю маҳорати зарурӣ, инчунин ба онҳо чиҳати тарбиявии корбарӣ дар системаи барномасозӣ, одоби истифодаи шабакаҳои компютерӣ, ба нафъи ҷомеа равона кардани донишу маҳорати хонанда оид ба истифодаи технологияҳои иттилоотиро меомӯзонад.

АДАБИЁТ:

1. Бабаева Ю.Д., Войскунский А.Е. Одаренный ребенок за компьютером. – М.: Сканрус, 2003. – 336 с.
2. Борисова Н.В. Образовательные технологии как объект педагогического выбора / Учебное пособие. - М.: Исследовательский центр проблем подготовки специалистов, 2000. - 146 с.
3. Босова Л.Л. Андреева Е.В., Фалина И.Н. Математические основы информатики. Элективный курс: Учебное пособие. – М.: БИНОМ. Лаборатория Знаний, 2007.– 312 с.
4. Гершунский Б.С. Компьютеризация в сфере образования. Проблемы и перспективы. - М.: Педагогика, 1987. 267 с.
5. Ермолаев О.Ю., Марютина Т.М. Индивидуальность школьника и компьютеры. - М.: Знание, 1990. - 76 с.
6. Консепсияи сиёсати давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 30 апрели соли 2008, таҳти №451.
7. Лапчик М.П. Информатика и информационные технологии в системе общего и педагогического образования. Монография. - Омск: изд-во Омского гос. пед. ун-та, 1999. - 294 с.
8. Могилева В.Н. Влияние компьютеризации учебной деятельности на формирование мышления учащихся: Автореф. дис. ... канд. псих. наук. - М., 2001.-20 с.
9. Роберт И.В. Современные информационные технологии в образовании: дидактические проблемы; перспективы использования. - М.: Школа-Пресс, 1994. - 205 с.
10. Суханронӣ дар маросими ифтитоҳи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 4 дар ноҳияи Ванҷ, 11.09.2018 09:33, ноҳияи Ванҷ. http://www.president.tj/node/18353
11. Суханронӣ дар таҷлили Рӯзи дониш, дарси сулҳ ва оғози соли нави таҳсил, 01.09.2016, ноҳияи Данғара. http://www.president.tj/node/12908

САМАРАНОКИИ ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ ДАР РАВАНДИ ТАҲСИЛОТ

Ҳоло дар доираи татбиқи Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ дар раванди таълим фаъолона амалӣ карда мешавад. Татбиқи воситаҳои муосири техникии таълимӣ ба навсозии раванди таҳсилот мусоидат намуда, фаъолияти зеҳнии хонандагонро ангезиш дода, ба рушди эҷодии омӯзгорон мусоидат менамояд ва тавассути таълими фосилавӣ имкон медиҳад, самаранокии раванди таълим таъмин карда шавад.

Технологияҳои нави иттилоотӣ дар соҳаи маориф имкон медиҳанд, ки нерӯи илмию таълимӣ фаъолонатар истифода шавад ва ба яке аз самтҳои асосии банақшагирии рушди маориф табдил ёбад. Дар ин мақола тағйироти ҷиддӣ дар назария ва амалияи педагогии раванди таълим, ки бинобар истифодаи васеи технологияҳои иттилоотӣ алоқаманд мебошанд, баррасӣ карда шудааст.

Инчунин дар мақола муаллиф зарурати татбиқ намудани технологияҳои муосири иттилоотиро ба раванди педагогӣ баррасӣ кардааст. Таъсири мусбати ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ дар раванди таълим ва истифодаи захираҳои интернетӣ тавсиф шудааст.

Калидвожаҳо: *технологияҳои иттилоотӣ, компютеркунонӣ, иттилоот, ҷомеаи иттилоотӣ, шабакаҳои иттилоотӣ, раванди таълим, сифати таҳсилот, маҳорати педагогӣ, барномаҳои компютерӣ, таҳсилоти фосилавӣ*

ЭФФЕКТИВНОЕ ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ИНФОРМАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ В ОБРАЗОВАТЕЛЬНОМ ПРОЦЕССЕ

В настоящее время в рамках реализации Национальной Стратегии развития образования Республики Таджикистан на период до 2030 года активно осуществляется внедрение информационных технологий в образовательный процесс. Сосредоточение современных технических средств обучения способствует модернизации учебно-воспитательного процесса, активизирует мыслительную деятельность учащихся, способствует развитию творчества педагогов и позволяют проводить дистанционное обучение, тем самым повышая эффективность образовательного процесса.

Новейшие информационные технологии в обучении позволяют активнее использовать научный и образовательный потенциал становятся одним из основных приоритетов в планировании развития образования. В данной статье обсуждается процесс, сопровождающийся существенными

изменениями в педагогической теории и практике учебно-воспитательного процесса, связанными с широким использованием информационных технологий.

Также в статье автор рассматривает необходимость включения в педагогический процесс современных информационных технологий. Описано позитивное влияние внедрения в процесс обучения информационных технологий и использования Интернет-ресурсов

Ключевые слова: *информационные технологии, компьютеризация, информация, информационное общество, информационные сети, образовательный процесс, качество образования, педагогическое мастерство, компьютерные программы, дистанционное обучение.*

EFFICIENT USE OF INFORMATION TECHNOLOGIES IN THE EDUCATIONAL PROCESS

Currently, within the framework of the implementation of the National Strategy for the Development of Education of the Republic of Tajikistan for the period up to 2030, the introduction of information technologies into the educational process is being actively carried out. The concentration of modern technical teaching aids contributes to the modernization of the educational process, activates the mental activity of students, promotes the development of creativity of teachers and allows distance learning, thereby increasing the efficiency of the educational process.

The latest information technologies in education allow more active use of scientific and educational potential and become one of the main priorities in planning the development of education. This article discusses the process, accompanied by significant changes in the pedagogical theory and practice of the educational process, associated with the widespread use of information technology.

Also in the article, the author considers the need to include modern information technologies in the pedagogical process. The positive impact of the introduction of information technologies into the learning process and the use of Internet resources is described.

Key words: *information technologies, computerization, information, information society, information networks, educational process, quality of education, pedagogical skills, computer programs, distance learning*.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Наҷмиддиниён Асадулло Мирзо –*** *номзади илмҳои физика ва математика, дотсент, директори Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон.* ***Сурога:****734024, Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаиАйнӣ 45.* ***Телефон:*** *(+992)939-12-72-72.****E-mail:*** *asadullo-tj@mail.ru.*

Муродов З.О. *– муовини директори Муассисаи давлатии "Маркази таҳлилӣ-иттилоотии назди Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе", унвонҷӯйи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, к.М.Турсунзода 8/1а. E-mail: ict97d@mail.ru, тел: +(992) 93-540-44-44*

Сведения об авторах: ***Наджмиддиниён Асадулло Мирзо –*** *кандидат физико-математических наук, доцент, директор Института развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана. 734024, Таджикистан, г. Душанбе, улица Айни45.* ***Телефон:*** *(+992)939-12-72-72.* ***E-mail:*** *asadullo-tj@mail.ru.*

Мурадов З.О. *- заместитель директора ГУ «Аналитико-информационный центр при глав образовании г. Душанбе», Соискатель института развития образования им. Абдуррахмана Джами Академии образования Таджикистана, г. Душанбе, ул. Турсунзода, 8/1а. Электронная почта: ict97d@mail.ru, телефон: +(992) 93-540-44-44*

Information about authors: ***Najmiddiniyon Asadullo Mirzo*** *– candidate of physical and mathematical sciences, associate professor, Director of the Institute of the Development of Education named after Abdurakhman Jami of the Academy of Education of Tajikistan.* ***Address:****734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Aynistreet 45.* ***Phone:*** *(+992)939-12-72-72.* ***E-mail:*** *asadullo-tj@mail.ru.*

Muradov Z.O. *- Deputy Director of the State Institution "Analytical and Information Center under the Heads of Education in Dushanbe", Competitor of the Institute for the Development of Education named after. Abdurrahman Jami Academy of Education of Tajikistan, Dushanbe, st. Tursunzoda, 8/1a. E-mail: ict97d@mail.ru, phone: +(992) 93-540-44-44*

МУНДАРИҶА
СОДЕРЖАНИЕ
CONTENTS

ПЕДАГОГИКА ВА ПСИХОЛОГИЯ
ПЕДАГОГИКА И ПСИХОЛОГИЯ
PEDAGOGY AND PSYCHOLOGY

Саидиброимов Ш. Нақши хирад дар рушди таълиму тарбия аз нигоҳи Абулқосим Фирдавсӣ..... 5 - 9
Маҷидов Ҷ. Густариши ғояҳои миллӣ тавассути таълими босамари фанни таърихи халқи тоҷик..... 9 – 13
Усмонов М. Хонандагони зеҳнан ақибмонда ҳамчун проблемаи тиббӣ, психологӣ ва педагогӣ..... 14 – 17
Ҳабибова О. М. Роҳҳои баланд бардоштани сифати таҳсилот дар муассисаҳои таълимӣ..... 17 – 21
Халифаева Н.Р. К вопросу о формировании логического мышления у детей дошкольного возраста……. 22 – 26
Бобоёров Х. Х. Омилҳои таъсиррасон ба рушди фаъолияти олии асаби кӯдак……... 26 – 31
Ёраҳмадова А.С., С аидзода Б.Х. Аҳамияти ҳисси дилбастагии кӯдак ба модар дар оила..... 31 – 36
Зулфонов Б. Татбиқи самараноки таҳсилоти фосилавӣ дар муассисаҳои миёнаи касбӣ…….. 36 – 42
Каримова Ш.А.Такмили ихтисос дар таълими мутассил ва инкишофи ҳаматарафаи шахсияти омӯзгорон..... 42 – 48
Қосимова Ш.Х.Сущность понятия речевой культуры будущих педагогов и ее теоритическая модель в среднем общеобразовательном учреждении……... 48 – 51
Котибова Ш.Ташаккули салоҳиятҳои фарҳангӣ-ахлоқии мураббиёни ояндаи муассисаҳои томактабӣ дар раванди таълим……. 52 – 55
Сатторов Қ.Н. Мутобиқшавии кӯдакони ношунаво бо барномаи таҳсилотӣ..... 56 – 59
Маҳкамов Д. Бартарӣ ва норасоиҳои таҳсилоти фосилавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ..... 59 – 62
Маҳмадқулова О.С. Мавқеи машғулиятҳои лексионӣ дар ташаккули сифати таҳсилоти мактабҳои..... 63 – 67
Мухторова И. Профессионально-коммуникативное обучение студентов будущих медиков русскому языку как новый социальный заказ …… ……. 68 – 72
Аликулова с.Т. Место самовоспитания в духовном становлении личности и процессе учебной деятельности…… 72 – 77
Максудов Х.З. Баъзе ҷанбаҳои технологияи рушди фарҳанги сиёсии донишҷӯён дар мактабҳои олӣ..... 78 – 81
Эмомова М.Мушкилоти мутобиқшавии кӯдакони ҳуқуқвайронкунанда дар муассисаҳои таълимии махсус..... 81 – 86
Мирзоева С.Д.Омилҳои фаъолгардонии хонандагон дар дарсҳои забони модарӣ тавассути бозиҳои нақшофарӣ..... 86 – 89
Набиева З.Ч. Роль образования по отношению к модели равенства и социального обеспечения……. 89 – 92
Негматзода Ш.Соответствие учебного материала с возрастными способностями учащихся…….. 92 – 97
Оёҳмадов Ш.Р.Тарбияи ҷисмонӣ асоси тарзи ҳаёти солими донишҷӯёни замони муосир..... 97 – 103
Рустами А.Тарбияи иқтисодии наврасон ва ташаккули маърифати молиявӣ дар оила..... 104 – 109
Салямова Д. Н. Истифодаи фаъолияти бозӣ дар ислоҳи кӯдакони лакнатзабони таҳсилоти томактабӣ..... 109 – 114

Шербоев С.,Самадов М. Таъсири машғулиятхои тарбияи ҷисмонӣ ва варзишӣ дар инкишофи шахсияти инсон..... 114 – 117
Сангинова Р.И. Истифодаи баъзе зарбулмасалу мақол ва фразеологизмҳо дар лексикаи лаҳҷа ..... 117 – 121
Сатторов А. Тасвири симои маънавии занону духтарон дар ашъори Фарзона… 121 – 126
Тешаева С. Инкишофи амалҳои фикрронии кӯдакони синни калони томактабӣ дар раванди таълим..... 127 – 131
ҲасановХ.Р. Этиология ва патогенези нуқсонҳои нутқи хаттӣ..... 132 – 135
Шаҳлои А.Т., Шарифова С. С. Тарбияи насли наврас дар рӯҳияи хештаншиносӣ..... 135 – 141
Абдулов Ҷ. Коркард ва татбиқи шартҳои таъминкунандаи самаранокии ташаккули мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон дар заминаи осорхонаҳои мактабӣ..... 141 – 144
Рамазонов Д. Сатҳи касбӣ ва маҳорати муаллими мусиқӣ дар ташаккули ҳиссиёти ахлоқию зебоипарастии кӯдакони синни томактабӣ..... 144 – 148

МЕТОДИКА
МЕТОДИКА
METHOD

Сайдалиён М.Н. Асосҳои иҷтимоӣ – сиёсӣ ва ҳуқуқии ташкили сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон..... 149 – 155
Охунов Б. Perspectives of learning english language……. 155 – 161
Арбобова Ф.А., **Арбобова Т.А.** Ҷанбаҳои муҳими ташаккули сифати таҳсилот…….. 162 – 165
Бобоева И. С. Роҳҳои муосири ташаккули фаъолияти эҷодии омӯзгори синфҳои ибтидоӣ дар ҷараёни дарсҳои санъат ва меҳнат..... 165 – 168
Каримова И.Х., Имомназаров Д. Хусусиятҳои таҳияи нақшаҳои тақвимӣ ва дарсӣ дар мактаб (синф)-ҳои камнуфус..... 169 – 180
Джонмахмадова Г.Ш. Проблемы языковой политики и актуальные вопросы развития русского языка в республике Таджикистан……. 181 – 185
Зиёвиддинзода З. Хусусиятҳои ташкили фаъолияти таълимии донишҷӯён дар таълими фосилавӣ..... 185 – 190
Қурбонова Ф. Муносибати босалоҳият дар муассисаҳои таълимии томактабӣ…….. 190 – 193
Ҷӯраева М.У. Тафаккури интиқодӣ ҳамчун мушкилоти муосири шахсият…… 193 – 197
Каримов А. Равишҳои таълими назарияи молекулавӣ – кинетикӣ аз рӯйи муносибати босалоҳият…… 197 – 205
Шарипов А. А. О некоторых инновационных средствах оценивания учебных достижений студентов вузов с использованием современных информационных технологий обучения…… 206 - 210

20-СОЛАИ ОМӮЗИШ ВА РУШДИ ФАНҲОИ ТАБИАТШИНОСӢ, ДАҚИҚ ВА РИЁЗӢ ДАР СОҲАИ ИЛМУ МАОРИФ
20-ЛЕТИЕ ИЗУЧЕНИЯ И РАЗВИТИЯ ЕСТЕСТВЕННЫХ, ТОЧНЫХ И МАТЕМАТИЧЕСКИХ ДИСЦИПЛИН В СФЕРЕ НАУКИ И ОБРАЗОВАНИЯ
20TH YEARS OF THE STUDY AND DEVELOPMENT OF NATURAL, EXACT AND MATHEMATICAL DISCIPLINES IN THE FIELD OF SCIENCE AND EDUCATION

Ҷӯраев Х. Ш., Восидов Ш. Ю., Юсуфӣ Ш . Хусусиятҳои моделсозии математикӣ ва компютерӣ дар ҳалли масъалаҳои геометрӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олӣ..... 211 – 216
Бобокалонов С. Таърихи пайдоиши бозиҳои компютерӣ..... 216 – 223
Комилова Г.Д., Шарипов А.А. Истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ дар рейтинги сифати таҳсилоти донишҷӯён……. 223 – 227
Наҷмиддиниён А.М., Муродов З.О. Самаранокии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар раванди таҳсилот..... 228 - 233

МАЪЛУМОТ БАРОИ МУАЛЛИФОН
Талабот нисбат ба мақолаҳои илмӣ

Ҳамаи мақолаҳои илмие, ки барои чоп ба маҷалла пешниҳод мегарданд, бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошанд:

а) мақолаи илмӣ бояд бо назардошти талаботи муқаррарнамудаи маҷалла омода гардида бошад;

б) мақола бояд натиҷаи таҳқиқоти илмӣ бошад;

в) мавзӯи мақола бояд ба яке аз самтҳои илмии маҷалла мувофиқат намояд.

Ҳамаи маводи илмие, ки ба маҷалла пешниҳод мегарданд, бо ёрии системаи Antiplagiat барои муайян намудани дараҷаи аслияти матн санҷида мешаванд. Мақолаҳое, ки дар матни онҳо маводи дигар муаллифон бе иқтибосоварӣ истифода шудаанд, ба баррасии марҳилаҳои навбатӣ пешниҳод намегарданд ва ин гуна мақолаҳо ба чоп роҳ дода намешаванд.

Талабот нисбат ба таҳияи мақолаҳои илмӣ:

Матни мақола бояд дар формати Microsoft Word омода гардида, бо ҳуруфи Times New Roman барои матнҳои русию англисӣ ва бо ҳуруфи Times New Roman Tj барои матни тоҷикӣ таҳия гардида, дар матн ҳаҷми ҳарфҳо 14, ҳошияҳо 2,5 см ва фосилаи байни сатрҳо бояд 1,5 мм бошад.

Ҳаҷми мақола бо формати А4 бо назардошти рӯйхати адабиёти истифодашуда ва аннотатсияҳо аз 10 то 12 саҳифаро бояд дар бар гирад.

Сохтори мақола бояд бо тартиби зерин таҳия гардад:

– индекси УДК (индекси мазкурро аз дилхоҳ китобхонаи илмӣ дастрас намудан мумкин аст);

– насаб ва дар шакли ихтисор ном ва номи падар (намуна: Каримзода М.Б.);

– номи мақола;

– матни асосии мақола;

– рӯйхати адабиёти истифодашуда (на камтар аз 10 номгӯ ва на бештар аз 25 номгӯйи адабиёти илмӣ). Рӯйхати адабиёти истифодашуда бояд дар асоси талаботи ГОСТ 7.1-2003 ваГОСТ 7.0.5-2008 таҳия гардад.

– номи мақола, аннотатсия ва калидвожаҳо бояд бо се забон (тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ) таҳия гарданд. Аннотатсия дар ҳаҷми на камтар аз 25 сатр ва калидвожаҳо аз 7 то 10 номгӯ бояд таҳия карда шавад;

– дар охири мақола бо ду забон (русӣ ва англисӣ) маълумот дар бораи муаллиф ва ё муаллифон бо тартиби зерин нишон дода шавад: насаб, ном ва номи падар (пурра), дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ (агар бошанд), номи муассисае, ки дар он муаллиф кору фаъолият менамояд, вазифаи ишғолнамуда, телефон, e-mail, нишонии ҷойи кори муаллиф.

Ҳангоми иқтибосоварӣ адабиёти истифодашуда ва саҳифаи мушаххаси он бояд дар қавси чаҳоркунҷа [ ] нишон дода шавад. Намуна: [4, С.25]. Яъне, адабиёти №4 ва саҳифаи 25.

Нақшаҳо, схемаҳо, диаграммаҳо ва расмҳо бояд рақамгузорӣ карда шаванд. Инчунин онҳо бояд номи шарҳдиҳанда дошта бошанд.

ИНФОРМАЦИЯ ДЛЯ АВТОРОВ
Требования к научным статьям

Все поступающие в редакцию журнала научные статьи должны соответствовать следующим требованиям:

а) статья должна быть написана с соблюдением установленных требований журнала;

б) статья должна быть результатом научных исследований;

в) статья должна соответствовать одному из направлений (разделов) журнала.

Все поступающие в редакцию материалы проверяются на наличие заимствований из открытых источников (плагиат), проверка выполняется с помощью системы Antiplagiat. Статьи, содержащие элементы плагиата, автоматически снимаются с рассмотрения, а авторы лишаются возможности опубликовать свою работу в журнале.

Требования к оформлению научных статей:

Статья должна быть подготовлена в формате Microsoft Word, шрифтом Times New Roman, кегль 14, поля 2,5 см со всех сторон, интервал полуторный.

Объем статьи (включая аннотацию и список литературы) должен быть в пределах от 10 до 12 стр. формата А4.

Статья должна иметь следующую структуру:

– индекс УДК (индекс можно получить в любой научной библиотеке);

– фамилия и инициалы автора (например, Каримзода М.Б.);

– название статьи;

– основной текст статьи;

– список использованной литературы (не менее 10 и не более 25 наименований научной литературы). Список литературы оформляется согласно требованиям ГОСТ 7.1-2003 и ГОСТ 7.0.5-2008;

– название статьи, аннотация и ключевые слова оформляются на трех языках (на таджикском, русском и английском языках). Аннотация оформляется в объеме не менее 25 строк, ключевые слова от 7 до 10 слов или словосочетаний;

– информация об авторе на русском и английском языках. Здесь указываются ФИО автора полностью, ученая степень, ученое звание (если имеются), название организации, в которой работает автор (авторы), должность автора (авторов) в данной организации, телефон, e-mail, а также почтовый адрес место работы автора.

При цитировании конкретного материала ссылки указываются в квадратных скобках [ ]. Образец: [4, С.25]. То есть, литература №4 и страница 25.

Таблицы, схемы, диаграммы и рисунки нужно сгруппировать и пронумеровать. Таблицы, схемы, диаграммыирисункидолжныиметьназвание.

RULES FOR THE AUTHORS
Requirements for scientific articles

All the scientific articles entering the editorial office of the journal must meet the following requirements:

a) the article should be written in compliance with the established requirements of the journal;

b) the article should be the result of scientific research;

c) the article must correspond to one of the areas (sections) of the journal.

All the materials coming to the editorial board are checked for borrowings from open sources (plagiarism) and the verification is performed using the Antiplagiat system. Articles containing elements of plagiarism are automatically withdrawn from the consideration, and the authors are deprived of the opportunity to publish their work in the journal. Requirements for the design of the scientific articles:

The article should be prepared in Microsoft Word format, font – Times New Roman, size – 14, fields – 2.5 cm from all directions, interval – 1.5.

The volume of the article (including the annotation and the list of references) should be in the range of 10 to 12 pages of A4 format.

The article should have the following structure:

– UDC index (the index can be obtained in any scientific library);

– the surname and initials of the author (for example, Karimzoda M.B.);

– the title of the article;

– the main text of the article;

– the list of the used literature (no less than 10 and not more than 25 titles of scientific literature). References are made in accordance with the requirements of GOST 7.1-2003 and GOST 7.0.5 – 2008;

– the title of the article, abstract and key words are made in three languages (Tajik, Russian and English). Annotation is made in the volume of at least 25 lines, keywords from 7 to 10 words or phrases;

– Information about the author in Russian and English. Here the author's full name, academic degree, academic title (if any), the name of the organization in which the author works (authors), the position of the author (authors) in the organization, phone, e-mail, and the postal address of the author's work are indicated.

When citing a particular material, references are indicated in square brackets [ ].

Sample: [4, p.25]. That is, the literature number 4 and page 25. Tables, schemes, diagrams and figures must be grouped and numbered. Tables, charts, diagrams and figures should have a name both in the language of the article and in English.

ПОРЯДОК РЕЦЕНЗИРОВАНИЯ НАУЧНЫХ СТАТЕЙ, ПРЕДСТАВЛЯЕМЫХ В ЖУРНАЛ «ВЕСТНИК ИНСТИТУТА РАЗВИТИЯ ОБРАЗОВАНИЯ»

Статьи, поступающие в редакцию, проходят предварительную экспертизу (проводятся членами редколлегии – специалистами по соответствующей отрасли науки) и принимаются в установленном порядке. Требования к оформлению оригинала статей приводятся в в каждом номере журнала. Если рукопись принята, то редакция сообщает автору замечания по содержанию и оформлению статьи, которые необходимо устранить до передачи текста на рецензирование.

Затем статьи рецензируются в обязательном порядке членами редколлегии журнала или экспертами соответствующей специальности (кандидатами и докторами наук). Рецензия должна содержать обоснованное перечисление качеств статьи, в том числе научную новизну проблемы, её актуальность, фактологическую и историческую ценность, точность цитирования, стиль изложения, использование современных источников, а также мотивированное перечисление её недостатков.

В заключении дается общая оценка статьи и рекомендации для редколлегии – опубликовать статью, опубликовать её после доработки, направить на дополнительную рецензию специалисту по определенной тематике или отклонить. Объем рецензии - не менее одной страницы текста.

Статья, принятая к публикации, но нуждающаяся в доработке, направляется авторам с замечаниями рецензента и редактора. Авторы должны внести все необходимые исправления в окончательный вариант рукописи и вернуть в редакцию исправленный текст, а также его идентичный электронный вариант вместе с первоначальным вариантом рукописи. После доработки статья повторно рецензируется, и редколлегия принимает решение о ее публикации. Статья считается принятой к публикации при наличии положительной рецензии и если её поддержали члены редколлегии. Порядок и очередность публикации статьи определяется в зависимости от даты поступления ее окончательного варианта.

Рецензирование рукописи осуществляется конфиденциально. Разглашение конфиденциальных деталей рецензирования рукописи нарушает права автора. Рецензентам не разрешается снимать копии статей для своих нужд. Рецензенты, а также члены редколлегии не имеют права использовать в собственных интересах информацию, содержащуюся в рукописи, до её опубликования.

Рецензии хранятся в редакции журнала в течение 5 лет. Редакция журнала направляет копии рецензий в ВАК при Президенте Республики Таджикистан при поступлении в редакцию издания соответствующего запроса.

ПАЁМИ
ПАЖУҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ
2022, № 4 (40), 239 с.

ВЕСТНИК
ИСТИТУТА РАЗВИТИЯ ОБРАЗОВАНИЯ
2022, № 4 (40), 239 с.

BULLETIN
OF THE INSTITUTE FOR EDUCATIONAL DEVELOPMENT
2022, №4(40), 239 p.

Шахси масъули чоп: Некқадамова Б.
Муҳаррири матни тоҷикӣ: Амонӣ С.
Муҳаррири матни русӣ: Лутфуллоева П.
Муҳаррири матни англисӣ: Лутфуллоева П.
Муҳаррири техникӣ: Ҳайдаров Р.
Мусаҳҳех: Ҳайдаров Р.

Ответственное лицо за номер: Некқадамова Б.
Редактор таджикского текста: Амонӣ С.
Редактор русского текста: Лутфуллоева П.
Редактор английского текста: Лутфуллоева П.
Технический редактор: Ҳайдаров Р.
Корректор: Ҳайдаров Р.

Ба чоп 25.01.2023 имзо шуд. Супориши №4 . Ҳуруфи навъи Times New Roman Tj.
Чопи офсет. Андозаи 60х84 1/8. Ҷузъи шартию чопӣ – 30. Теъдоди нашр - 75 .
Матбааи “Сифат”, 7734024, к. А. Навоӣ, 16.

Подписано в печать 25.01.2023. Заказ№ 4 . Гарнитура TimeNewRomanTj.
Печать офсетная. Формат 60х84 1/8 . Условно-печатный лист – 30. Тираж - 75.
Типография “Сифат”, 7734024, улица А. Навои, 16

On publications issued 25.01.2023. Assignment№ 4 . Font Format Time New Roman Tj.
Offset printing, size 60x84 1/8. Printer’s sheet – 30. Edition - 75.
Publishing office “Fasl-4”, 7734024, 16 A.Navoi street.